211 995

ҶОМЕЪ УЛ-ҲИКОЁТ

АКАДЕМИЯИ ФАНҲОИ РСС ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ БА НОМИ РӮДАКӢ

ҶОМЕЪ УЛ-ҲИКОЁТ

ҶИЛДИ II

НАШРИЁТИ «ИРФОН»
ДУШАНБЕ—1981

Точик I
Ч 67

МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ
«КИТОБХОНАИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН»
211995
Тоҷик I

Дар вери назари
К. ЧИЛЛАЕВ

Матиро омода кардаанд:
А. АКРАМОВ, М. ҶАЛИЛОВА, Х. ВАЛИХОҶАЕВА,
К. ЧИЛЛАЕВ, А. АБДУЛЛОЕВ, А. МИРСАФОЕВ.

Ч 67 Чомеъ ул-хикоёт. Душанбе, «Ирфон», 1981. Ҷилди II.
448 сах.
Избранные рассказы. В 2-х т. Т. 2.

Ч $\frac{70303-999}{М(501)-13-81}$ 193—81 Точик I

© Нашриёти «Ирфон», 1981.

ДОСТОНИ САЙФУЛМУЛУКУ БАДЕУҶҶАМОЛ

Байт:

Чунин суфтаст дар ҳикмат Аристотолиси юнонӣ:
Сухан пайдо куи аз дониш, ба доно гӯй агар донӣ.
Сухан дуррест пинҳонӣ, сухан шерест зиндонӣ,
Замоне дар тафаккур беҳ, ки умре дар пушаймонӣ.

Аммо ровиёни ахбору нақилони осору муҳаддисони ширингуфтор чунин овардаанд, ки дар вилояти Миср подшоҳе буд, ӯро Осим ибни Суфвон мегуфтанд, аз насли Қайхусрав буд, чаҳорсад шаҳр аз Арабистон дар тахти ҳукумати ӯ буд. Ӯро ҳеҷ фарзанде набуд ва аз ин мамар бисьёр ғамгин буд. Рӯзе бар болои тахт нишаста буд, баъд аз фароғи курниш[1] вазиронро талаб карда, гуфт:

[1] *Курниш* — таъзим, ин ҷо саломи подшоҳ гуфтан.

— Синни ман ба чихил расида, маро фарзанд нест, ки соҳиби мулку моли ман шавад. Дилгир шудаам, мехоҳам, ки тарки подшоҳӣ кунам ва гӯшаи узлат ихтиёр намуда, дар тазаррӯву тавозӯъ[1] шавам, бошад, ки парвардигори олам оҳам шунавад. Маро насле мешуд, хуб мешуд.

Вазирон фикр карданд ва гуфтанд:

— Эй малик, аз чаҳорсад шаҳр ҳукамову муначчимону ситорашиносон дар хизмати ту ҳастанд. Ҳамаро чамъ сохта, амр кун, ба толеи ту рамли шоҳӣ кашида, нуқтарезӣ карда бинанд, чӣ хоҳад шуд. Агар ба кондаи рамл худо туро фарзанд хоҳад дод, дил хуш бояд дошт ва саъй бояд намуд. Ҳоло чунин будан, даст аз подшоҳиву мулк бездоштан суде надорад.

Сухани вазирон ба малик хуш омада, қабули табъи ӯ шуд. Дархол тоҷ бар сар карда, аз он хона баромада, бар тахт нишаста, хони икром бигустаронид ва чилои карам дардод. Чамъи ҳукамову муначчимону ситорашиносонро чамъ оварда, шароити инъому эҳсону русуми подшоҳона ба ишон намуд ва хилъатҳои мулукона дод ва зари бисьёр нисор кард. Баъдаҳу максади худро баён намуд. Ҳукамо ба дидани толеи ӯ муқайяд шуданд ва рамл андохтанду нуқтарезӣ карданду зарбу таксим намуда, мулоҳизаи хонаҳои рамлро намуданд. Ҳукком[2] толеи подшоҳро берун оварданд, ҳама аз чой бархоста, ...рафта замини адаб бӯсида, аз подшоҳ мужданги хоста, гуфтанд:

Байт:

Шаҳо, шаҳриёро, сару сарваро,
Хидевандагоро, чаҳонпарваро,
Чаҳонат ба ком, фалак ёр бод,
Чаҳонофаринат нигаҳдор бод.
Нишин баъд аз ин дар макоми хушӣ,
Худо дод фарзанди бас дилкаше.
Шавад бохушу нозанин хуш писар,
Бимонад к-аз ӯ номи неки падар.

Ҳукамо гуфтанд:

— Шодкомӣ қарини подшоҳ бод, ки оллоҳи таоло фарзанди арчманде медиҳад, писар хоҳад буд. Лекин аз ин ҳараму хосҳо намешавад. Подшоҳи Яман Ҳаҳтон бинни Имрон духтаре дорад, малика Руҳафзо ном дорад. Агар малик саъю таваччуҳ намояд, ба зудӣ писар хоҳад шудан.

Шоҳ Осим бинни Суфвон хурраму шодмон гашта, ҳукаморо ба лутфу марҳамат бинавохт. Он ду вазире, ки шоҳро бад-ин

[1] *Тазаррӯъ ва тавозӯъ* — тоату ибодат.
[2] *Ҳукком* — ҳакимон.

рох намуда буданд, хилъатхову шафкатхо намуд. Баъд аз он рӯ ба чонибе мунши карда, гуфт:

— Номае аз барои малики Яман навис, аввал ба хостгорӣ ирсол намоям, бубинам чӣ мегӯяд. Агар қабул кард, бисьёр хуб, вайлло, қабул накард, фикри дигар бояд кард.

Алқисса, мунши нома ба номи малики Яман иншо кард ба ин мазмун, ки: «Шохи чахондори ранятпарваро, зиндагонияти дароз бод, хамеша дар иззу иқболу саодату хушхолӣ масрур буда, шодком аз айём бошад. Шунида шуд, ки малики фаррухлиқои фаридунтинати хуршедсавлати бирҷисхашматро дар паси пардаи исмат сидраи[1] камар дошта, ба хаёлоти дой[2] чунон расида, ки агар яке аз мулозимони шох гардида ба алтофи[3] умам мақрун[4] шавам, чи шавад. Доии самимиро ба бандагӣ қабул намуда, ба давлати остонбӯсии худ мушарраф гардонида, он моҳлиқоро ба никохи мусулмонӣ бад-ин чониб ирсол намоянд[5], сарафроз хохам шудан. Агар шохи анҷумпарвари хашматпанохи исматдастгох хотири ин доиро маръӣ доранд, то зинда бошам, банда бошам. Агар хилофи аҳд созам, фардои қиёмат назди худову расул... аз рӯи шумо шарманда бошам, вайлло, агар ариза қабул наафтад, чангро омода бошанд, ки хоки Яманро барбод хохам дод... вассалом».

Ин нома иншо ёфта, мунши ба дасти Осим ибни Суфвон дод. Чун малик Осим номаро мутолиа намуд, хуррам гардид, мунширо бинавохт. Номаро мӯхр карда, ба симу тилло саропои номаро печида, вазиронро талаб карда, гуфт:

— Сандуки чавохир биёред.

Дарҳол хозир карданд. Амр кард, ки косидон хазор шутур рост карданд ва мафрашхои қиматӣ бор карданд. Чахор хазор ғуломбачаи ҳабашӣ камархо зару чахор хазор аспи тозинажоду чахор хазор ғуломбачаи хиндиву чахор хазор канизаки мохрӯй аз хар чинс ва чахор хазор фили чангиву чахор хазор бози сафеду чахор хазор тӯтиву чахор хазор булбул, аз хар навъ мурғони сухангӯй, аз хар чизе, ки дар Миср пайдо буд, мухайё сохта ва аз китобхои мӯътабар мисли «Қисас» ва ғайра ва аз хар навъ матоъ ва ачнос мураттаб гардонида, баъдаху аз надимони мачлисорову касони хубрӯю бузургони фасехзабон чамъ карда ба вазир хамрох карда, ба сӯи Яман фиристод. Он чамоат

---

[1] *Сидра* — дарахти афсонавӣ.
[2] *Дой* — хостгор, хохишманд.
[3] *Алтоф* — лутфхо.
[4] *Мақрун* — наздик.
[5] *Ирсол намудан* — фиристодан.

дар айшу нишот ба хуррамӣ рох мерафтанд, то ба ҳадди Ямаи расиданд. Қахтои бинни Имронро хабар шуд, ки чунин лашкаре аз назди малик Осим омада. Пиндоштанд, ки ба ҷанг омадаанд Аз тарс худхо ҳисорӣ шуда ва ҷои ҷанг омода мекарданд ва дар фикри размгох шуда, муборизонро ҷамъ карда, маслиҳат мекарданд.

Чун ин гурӯҳ ба шахри Яман расиданд, маликро ба ин ахвол диданд, дар ҳамон манзил фуруд омаданд. Чаҳор касро назди малик Қахтон фиристоданд, ки моён аз ҷумлаи расулонем, ба русуми рисолат ба хизмат омадаем. Чун подшоҳи Яман вокифи ахвол гардид, аз ҳад афзун хуррам шуда, эшонро ба эъзозу икроми тамом дохили шаҳр гардонид ва дар макоми хуше фуруд овард ва асбоби айшу нишот... бар эшон бад-он маком муҳайёё сохт. Хонсолорон хон густурда таому шароб оварданд. Соқиён пиёла дар гардиш даровардaнд ва нағмасароён дар паи нағамот шуданд. Ривоят мекунанд, ки вазирони шоҳ Осим номаро ба дасти малики Яман доданд ва шароити одоб ба ҷой оварданд, замини убудият[1] бӯса доданд ва ҳар он чи сулуки подшоҳон буд, ба ҷой оварданд. Малики Яманро бисьёр писандида омад. Зари бисьёру ҷавоҳири бешумор бар номаи шоҳ исор кард. Баъдаҳу мӯҳрро аз сари нома кушод, ба сад иззату ҳурмат номаро хонд, ҳадиси духтар бидид, номаро бӯсида бар дидагон молид, бар сари худ ниҳод ва зари бисьёр бар нома исор кард ва гуфт:

— Малики муаззаму хоқони мукаррамро фармонбардорам. Агар маро чунин ҳазор духтар будӣ, хамаро ба канизии шоҳ ирсол намудаме, ба худ фахре кардаме. Ин нисбатро миннат медорам, ба ҷону дил кабул дорам. Хотири мулозимони шохро малолате нашавад, хушдилу шодком ба ишрат нишинанд, ки ӯро ба шоҳ бахшидам.

Дар он вақт овози «Муборак бод!» аз ҳар ҷониб баромад. Малики Яман амр кард, ки шароб оварданд, маҷлис оростанд ба айшу ишрат нишастанд. Расулонро хилъатҳои хуб бениҳоят дод ва ҷамъи лашкариро зинат дод. Ҳама хурраму шодком нишастанд. Он гох малики Яман амр кард, ки вилояти Яманро ойинбандӣ карданд. Чиҳил рӯз тӯю тамошо доданд. Баъд аз он маликаро шоҳ фузулӣ[2] акд баста, никоҳ кард... Шоҳи Яман мунширо фармуд, ки аз барои шоҳ Осим ибни Суфвон номае иншо кард, бад-ин мазмун, ки: «Шоҳи оламгири беназиру малики карими муайяди музаффари мансури муаззами ҷаҳонгири аҳд... яъне Осим бинни Суфвонро дар иззу иқбол ва саодату масрурӣ

---

[1] *Убудият* — бандагӣ.
[2] *Фузулӣ* — бо ихтиёри худ.

Вах чи писар, курси маҳи ховарон,
Нодиратуласри замону ҷаҳон!
Дар фалаки хусн чу мананди мехр,
Шаъшааафзои рухи ахтарон.
Мехру маҳ аз оразу абрӯи ӯ,
Нуррабоянда зи ҳафт осмон.
Сарви равони чамани хусн буд,
Рухи равон буд бари ошиқон.
Тозагуле чун ба гулистон шукуфт,
Дидаи ушшоқ шуда гулистон.
Сарв магар дида зи мехру вафо,
Буда маро дар ҳама дам посбон.
Дахр чунон тозагуле н-оварад,
Ҳеч ба пеши дигарон ончунон.

Чун чашми подшоҳ бар он нозанинписар афтод, ба сачда рафт ва шукр ба ҷой овард ва дари хазина бикшод, зари бисьёре ба дарвешон дод. Баъд аз он ҳукаморо талаб намуда, гуфт:

— Ин писарро ном гузоред.

Ҷамъи бузургону мулозимону доношмандону ҳакимон ба маслиҳати якдигар шоҳзодаро Сайфулмулук ном ниҳоданд. Подшоҳ ин номро писандид. Ҳама муборакбод карданд. Шоҳ ҳакимонро фармуд:

— Рамле ба толеи ӯ андозед, бубинед, ки ба ҳадди камол мерасад ва ба ӯ чӣ мерасад ё не?

Мунаҷҷимон ба толеи ӯ рамл андохта, мулоҳиза карда, гуфтанд:

— Ба ӯ хашмати шоҳӣ аз малик зиёда хоҳад шуд. Доманаи боргоҳ аз шарқ то ғарби оламро хоҳад гирифт. Лекин дар чаҳордаҳсолагӣ мухотирае[1] ба толеи шоҳзода менамояд. Ранҷ хоҳад расид ва дар он воқиа аҷоибу ғароиби бисьёр хоҳад дид. Дар он мансуба мардуми бисьёр бар он ҳалок хоҳад шуд, аммо оқибат ба хайр анҷом хоҳад ёфт.

Подшоҳ аз ин сухан ғамнок шуд. Фурсате ба худ андеша кард ва гуфт:

— Ризо ба казо бояд дод. Он чи хоҳад, бикунад.

Шоҳ Осим Соиду шоҳзодаро дар як ҷо таин кард, то ҳар ду тарбият ёфта, калон шаванд. Ҳар рӯз садақа ба дарвешон медод ва аз барои камоли эшон дуо мегирифт, то ба вақте ки чаҳорсола, чаҳоррӯза, чаҳормоҳа шуданд, малик ба машварати уламо шоҳзодаву Соидро ба мактаб фиристод. Он чи адабу ҳикмат буд бакорӣ, биёмӯхтанд ва дар ҷаҳон ҳар китобе ки буд, баъзеро хонданд, баъзеро нохонда саводе хуш бароварданд. Чунон доно

[1] *Мухотира* — хатар.

шуданд, ки дар аҳд назир надоштанд ва аз эшон комилтар касе набуд. Чун ҳафтсола шуданд, малик аз фазли эшон иттилоъ ёфт, муаллимро бинвохт, инъому эҳсони подшоҳона дода, сарфароз гардонид. Баъд аз он ба чиҳати нардбозиву шатранчбозиву лаъби сипоҳигариву қавоиди майдондориву адлу сулук ҳамаро омӯхтанд. Синни эшон ба чаҳордаҳ расид, малохату фасоҳати онҳо ба балоғату расой расида, шӯҳрати офоқу марҳами дили ушшоқ гашта буданд ва қиблаи аҳли назар низ шуданд, чаро ки ҳар вақто, ки аз хона берун меомаданд, каси бисьёре волаву ҳайрони эшон мешуданд, беҳуш меафтоданд, боз ба хуш меомаданд.

Алқисса, рӯзе подшоҳро ба хотир расид, ки «фарзандамро тӯй бояд сохт». Бифармуд, шаҳрро ойин бастанд, хони инъому эҳсон густарониданд. Дар олам мунодӣ дардоданд, ки то муддати шаш моҳ ҳама мардуми қаламрав матъумоту [1] малбусоти [2] худро аз саркори шоҳӣ баранд, ба хонаи худҳо об гарм накунанд.

Ровӣ гӯяд, ки аз ҳафт иқлим мардум меомаданд, ҳар кадом ба таври худ ишрат мекарданд. Қасеро манъ набуд. Баъд аз он шохзодаву Соиди писари вазирро хилъатҳои фохира бахшида, ба кӯшки худ фиристод. Чун шохзодаву Соид ба садри зин нишастанд, касди рафтани он кӯшк карданд, чамеи умарову аркони давлату канизакону ғуломон ва ҳаман мулозимони шоҳ дар рикоби маликзода пиёда мерафтанд, то ба кӯшки хос фуруд омаданд ва бар тахт нишастанд ва мачлис биёростанд ва чоми зарин ба гардиш даровардaнд ва ба ишрат қарор гирифтанд ва паричехрагони мохрӯю канизакони сунбулмӯю мутрибони хушилҳону нағмасароён дар сурур мукайяд шуданд. Соқиёни гуландоми симсоқу тарророни мохрӯй пиёладорӣ мекарданд ва айшу нишот месохтанд. Ва он рӯз то шаб айш мекарданд, май мехӯрданд. Чун доманаи хиргоҳи шаб бар сари аҳли тараб барпо шуд, амр кард, ки шамъҳои мумин барафрӯхтанд ва шакони[3] нигаронро сӯхтанд. Мачлис тоза шуд. То ними шаб шароб хӯрданд.

Байт:

Мачлис оростанду май хӯрданд,
Май ба оҳанги чангу най хӯрданд.
Андар он шаб мах аз фалак мерафт,
Худ ба ишрат нишаста дар фуркат,

---

[1] *Матъумот* — хӯрданиҳо.
[2] *Малбусот* — пӯшиданиҳо.
[3] *Шақо* — андӯху балоҳо.

Машъалафрӯз он шаб он ҷумла,
З-аҳли наззора дасту по гум шуд,
Май кашиданд, ҷумла маст шуданд,
Ошикон чумла майпараст шуданд.

Ровӣ гӯяд, ки муғанниёну аҳли маҷлис масти маю хоб шуда, ба хобгоҳ сар нихода, фурӯ рафтанд. Аммо маликзодаву Соидро хоб намебурд. Афтону хезон аз ҷо бархостанд, ба хидмати падар омада, шароити адаб ба ҷо оварданд. Маликзодаро ба курсии зар нишонида ва Соидро бар курсии нукра нишонида, пиёла дар гардиш даровардaнд. Ҳар замон пиёлаҳои муҳаббат ба шохзодаву Соид дода, ба рӯи ҳар ду назар мекарданд ва шукри худой ба ҷой меоварданд, то шаб гузашт, рӯз шуд. Аркони давлат ҳозир омаданд, саф барбастанд, ба хидмати шоҳ истоданд ва нигоҳ мекарданд, то чи фармон шавад. Шоҳ хазинадорро фармуд, ки фалон сандуқро биёр. Дарҳол сандуқро оварданд. Шоҳ ба дасти худ сандуқро кушод, яке табл аз даруни ӯ баровард ва дахони таблро низ кушод. Аз даруни ӯ як ангуштарин, ки нигини ӯ аз лаъл буд, нигинхонаи ӯ аз фирӯза буд, шоҳ бигрифт ва бӯса кард, бар сару рӯю чашми худ молида, дар пеши Сайфулмулук нихода, мирохурро амр кард, ки як аспи тозинажод овард, ки дар олам назире надошт ва бахои ӯро ба ғайри худои таоло касе надонад ва ҷомае ба Сайфулмулук пӯшониданд. Ангуштаринро дар ангушти ӯ андохтанд ва камари мурассаъ дар миёни ӯ бастанд ва гуфт:

— Эй фарзанди арҷманд, бидон, ки ин ҷомаву ангуштарину аспро ҳазрати Сулаймон... ба ман ҳадья фиристода буданд, ман инҳоро аз ҷон азизтар медоштам. Акнун ту аз ҷон азизтарӣ, бино бар он ба ту додам.

Баъдаху сарупой ва ангуштарину асп низ ба Соид дод. Соид замини хидмат бӯсида, рӯ ба ҷониби ишратгоҳи худ карда, рафтанд ва маҷлис оростанд, ба шароб хӯрдан муқайяд шуданд ва ҷоми зарин ба гардиш даровардaнд, зеро ки дар он аҳд шароб ҳалол буд то ба вакти ҳазрати Муҳаммади Мустафо... Дар замони эшон худои таоло наҳӣ [1] кард.

Чун ҳар дуи эшон ба айшу ишрат нишастанд, мутрибони хушилхону соқиёни симинсоқ бар пой хоста, қадаҳи зарин бар кафи даст гирифта, то ними шаб шароб мехӯрданд ва ишрат мекарданд.

Байт:

Андар он шаб соғару ҷому сурохӣ маст буд,
Назди он арбоби ишрат хафт гардун паст буд.

[1] *Наҳӣ* — манъ.

Мохни ишрат агарчанде ки буд андар карор,
Лек он шаб аз казоро моҳӣ андар шаст буд.

Ровӣ гӯяд, ки ними шаб шуда буд, ки хамаро хоб рабуд. Аркони давлату надимону мутрибон хоб карда, маст афтода буданд, магар маликзодаву Соид, ки хар ду бедор. Онхоро хоб намебурд аз хаваси он чомаву ангуштарину асп. Ногоҳ Соидро хоб бурд. Харчанд хост, ки хоб наравад, муяссар нашуд. Бузургон гуфтаанд, ки «ан-навму ах-ал-мавт», яъне, хоб додари марг аст. Шохзода назар кард, хамаро дар хоб дид, аз чои худ бархост, камар бикшод ва чомаро тамошо мекард. Ба даруну беруни ӯ нигоҳ мекард, ногоҳ дар астари чома сурате дид ачиб, ки нозаниндухтаре монанди мохе ангошта [1] буданд. Ба сад хазор дил ошики он сурат шуда, дил аз мехри падару модару хонумон бардошта, беҳуш афтод.

Байт:

Чазбаи ишк чунон маст кунад,
Ки агар кӯҳ бувад, паст кунад...

Биё, бишнав, бубин, ки ушшоки муштоку сӯхтаи фирокро чи кардаанд ва дар тарики ишкбозӣ чи дидаанд ва аз камоли сидку мухаббат ба кучо расидаанд, ин замон аз эшон ёдгорӣ мондааст. Агар ишк ихтиёр дорӣ, бирав, вагарна лоики фирок бош.

Байт:

Ишкбозӣ кори хар ноахл нест,
Ишк чонбозист, кори сахл нест.

Агар хохӣ, ки ишкро бидонӣ, бубин, ки подшохзодаи ғаюр чӣ кард. Сурати маъшуки худро дид, аз худ бехуд шуд.

Байт:

То яке ӯ аз камоли ишвае абрӯ кушод,
Акл рафту хуш рафту ихтиёр аз даст рафт.

Баъд аз муддате шохзода ба хуш омад, гиребон пора кард. Бетоқат шуда, омада, оҳ аз чигар мекашид ва катароти ашк аз чашмасори дида бар узори гулфом чорӣ карда, чун абри навбахор зор-зор мегирист. Гоҳ аз шиддати ишку оташи мухаббат наъра мезад ва синаро мехарошид. Сари худро ба деворхо мезад ва карор аз вай рафта буд. Бад-ин хол ба хонаи торик даромада, хок бар сар карда, менолид, то ба хадде, ки аз худ бирафт. Баъд аз фурсате ба худ бозомада, аз ӯ хоб рафта буд. Хоки он хонаро ба оби дида гил карда буд, то он вакт, ки сипохи хиндии шаб мунхазим гашт, равшан хуршеди анвар сар аз даричаи гун-

[1] *Ангоштан* — кашидан, тасвир кардан.

бади ахзар[1] ба амри малики довар баровард, ҷаҳоне зулмониро ба нури худ музайян гардонид. Субҳи содиқ дамид. Шамомае ба машоми Соид расид, чашм аз хоби ноз боз кард, маликзодаро дар мақоми худ надид. Бо худ андешид, ки «ин аҷиб аст. Маликзода бе ман ҳаргиз ҷое намерафт. Акнун чи шуд, ки маро хабар нокарда рафтааст». Боз ба худ гуфт: «Мабодо ки маликзодаро ба яке аз канизон майле шуда бошад, аз ман шарм карда, маълум накардааст». Соид дар ин андеша буд, ки ногоҳ овози гирьяву зорӣ аз дарунӣ хона ба гӯшаш расид. Некӯ тафаҳҳуси[2] ӯ кард, гоҳ-гоҳ оҳи сард аз дили ҳурдард мекашид. Чун аз ҷои худ бархост, бар сари ӯ аз он хона омад, дарро бикшод, маликзодаро дид, ки ҷома бар тан чок карда, хок бар сар карда, дил аз даст дода, чун девонагон даст бар сар зада, зор мегирьяд. Шеърҳои хубу абъётҳои ошиқона дар сифати маъшуқ мехонад. Чун Соид ин ҳолро мушоҳида кард, ангушти таҳайюр ба дандони тафаккур гирифт ва дар баробари маликзода омада, гуфт:

— Эй маликзода, хайр аст? Туро чи расида ва чи шуда, ки худро ба ин гуна қарор додай? Бо ман бигӯй, ки чунин гирьяву зорӣ аз баҳри чист? Ин ҳама фиғон аз баҳри кист? Моҷарову хурӯш карданро сабаб чист?

Соид ҳар чанд мулоимат кард, маликзода ҳеҷ намегуфт. Соид дид, ки маликзода сухан намекунад, ҳайрону парешон шуда, бархост, ба наздики подшоҳ омада, ҳоли маликзодаро бо сухан баён кард, гуфт:

— Чунин шудааст ва ақл аз ӯ зоил[3] шуда, касеро намешиносад ва сухан намекунад. Ҳарчанд зорӣ кардам, ба ман илтифот накард.

Подшоҳ ин сухан шунид, дархол назди писараш омад, ӯро бад-он ҳол дид, ки оғушта ба хоку гил аст. Подшоҳ гуфт: «Муначчимон рост гуфта будаанд». Фарзандро дар канор гирифт, гарду хок аз сару рӯи ӯ пок мекард ва марҳамат намуда, ҳар чанд ба ӯ сухан мегуфт, ҷавоб намедод. Як замон аз гирьяву нола қарор надошт. Малик мутаҳайир шуда, вазирону донишмандонро талаб карда, гуфт:

— Эй надимон, бубинед, ки фарзанди маро чи шудааст.

Баъзе гуфтанд:

— Шоҳзодаро чашм расидааст. Бояд ки атр дуд кунед.

Дархол чунин карданд. Маликзода дар ҳини гирья ба ханда афтода ва гуфт.

---

[1] *Ахзар* — сабз.
[2] *Тафаҳҳус* — чустучӯй.
[3] *Зоил шудан* — дур шудан.

Байт:

Бехудагон чи донанд бар дарди ман даворо,
Оре, кучо шиносад дармони ман даворо.

Чун ин абьёт аз забони маликзода содир шуд, вазирон гуфтанд:

— Шохзодаро асар шудааст. Филхол ба худ омад. Акнун дуо бояд кард, ки дар гардани ӯ овезанд.

Чун шохзода дуо дар гардани худ овехта дид, гирьён шуд, ин абьётро бихонд:

Байт:

То дил ба хаёли дӯст моил,
Гардид мукайяди шамоил,
Гар арсаи ҷумла сунбулистон,
Бо зулф кучо шавад мукобил.
Девонаи рӯи он дилором,
Харгиз нашавад ба хеч кобил.
Дорам ба хаёли ӯ дуое,
Таъвиз чи созамат ҳамоил.

Алкисса, шохзода чунин гуфта, зор-зор бигирист, даст бар сар мезад. Подшох дар фикр фурӯ рафт. Торафт ҷунуни маликзода бештар мешуд. Харчанд сухан мепурсиданд, ҷавоб намедод. Ба ғайр аз охи сард дигар дам намезад. Очиз шуда, хакимонро оварданд, то тафаҳҳуси ахволи ӯ намоянд. Табибон даст бар набзи маликзода нихода, мулоҳиза карданд, хеч иллате дар вай надиданд ва гуфтанд:

— Маликро зиндагонӣ дар айёми давлат дароз бод, хар дарду иллате, ки дар дили шохзода аст, инчунин дардро давое нест.

Подшох хиргохе барпой карда, дар он ҷо нишаста, либосу таом ба дарвешон сарф мекард ва дуо мегирифт, фоида намекард. Маликзода хар рӯз харобу кабобтар мешуд. Рӯз ба рӯз ҷунуни ӯ зиёда мегардид, то кор ба ҷое расид, ки маликзода хост, ки чун девонагон берун барояд. Ҳоҷибон иттилоъ ёфта, маликзодаро хабс карданд, ахволоти ӯро ба подшох хабар доданд. Малик биёмад, шохзодаро ба он хол бидид, зор-зор бигрист. Сари ӯро дар канор гирифта, бӯса ба рухсори ӯ медод ва мегуфт:

— Эй ҷони падар ва эй нури дидаи падар, туро чи пеш омад? Чаро аз дили худ бо ман намегӯй?

Маликзода гуфт:

— Ту кистӣ, ки аз ман розӣ дил мепурсӣ?

Малик гуфт:

— Эй фарзанд, ман падари туям.

Шохзода хира нигоҳ кард, гуфт:

— Падар чӣ гуна кас бошад?

Ин бигуфт ва хомӯш шуд. Аммо ҳайрати шоҳ зиёда гардид. Алғараз, шоҳ ҳама вазиронро ҷамъ карда, гуфт:

— Бехтар аз ин кору тадбир бояд кард. Акнун ҳоли ӯ дигаргун шудааст. Ба сабаби ин чандин ҳазор кас аз хобу хӯр мондаанд ва маро сарриштаи мулкдорӣ аз даст рафтааст.

Ҳама гуфтанд:

— Эй малик, фармоед, чи тадбир кунем?

Шоҳ гуфт:

— Ман тадбир гум кардаам. Ҳайрони кори худ шудаам.

Байт:

Аҷаб кораст кори ишк, на сар дораду сомон,
Ҳама ҳайрони кори худ шуданд, ин кори доноён.
Ба аклу донишу фаҳму хирад ҳаргиз наёяд кор,
Нагардад мушкилоти ишк аз ин гуфторҳо осон.

Ҷумлагӣ тадбир чунон ёфтанд, ки Соиди писари вазир ба назди маликзода рафта, гирьяву зорӣ кунад, шояд ки бародарин ӯро манзур сохта, рози дили худро гӯяд. Аз моён шарм медорад.

Вазирон ин суханон бигуфтанд, ба малик писанд афтод. Соидро ба наздики ӯ фиристод. Соид ба наздики маликзода омада, дар пеши ӯ нишаст ва рӯи худро дар пои маликзода молидан гирифт, зор-зор дар гирья шуда, гуфт:

— Эй маликзода, ҳаргиз инчунин набудӣ, ки маро ба ту ғурбате[1] бошад. Туро ҳар коре, ки пеш омадӣ, бо ман гуфтӣ. Акнун туро чӣ шуд, ки рози дил бо ман намегӯӣ?

Аз ин гуна суханон мегуфт, зор-зор мегирист. Ҳарчанд гирьяву зорӣ кард, маликзода ҷавоб надод. Дар ин кор ҳайрон шуданд. Муолиҷа карда натавонистанд. Шахсе гуфт:

— Дар вилояти Юнон ҳакимест, ки ӯро Ҳанунус мегӯянд, ҳоло ҳазо кардааст, духтаре дорад ҳозику доно. Муолиҷа кунад агар, ӯ мекунад.

Подшоҳ расул фиристод, зари бисьёре низ фиристод, ки он духтар биёяд. Баъд аз даҳ рӯз он духтарро оварданд, ки дар ғояти зебой буд, ҳусни хуб дошт. Омада даст бар набзи шоҳзода ниҳод. Духтар аз ҳоли ошиқон хабар дошт, донист, ки ӯ чизе дида, девона гаштааст. Рӯй ба модараш карда, гуфт:

— Мехоҳам, ки хонаро хилват кунам, ману шоҳзода ҳар ду бошем.

Модари подшоҳзода ба шоҳ гуфт. Шоҳ фармуд, ҳама аз кӯшк

[1] *Ғурбат* — дурӣ.

берун рафтанд. Шоҳзодаву духтари ҳаким танҳо монданд. Духтар сари Сайфулмулукро бар зонуи худ нихода, гуфт:

— Эй маликозда, медонам, ки ту ошикй. Биё рози худ бо ман гӯй, то ман тадоруки[1] онро бикунам. Агар нагӯй, то қиёмат дар ин водии алам монй.

Духтар корафтода буд.

Байт:

Ки корафтода буду озмуда,
Барои ошикон корозмуда,
Гаҳе ошик, гаҳе маъшуқ буда.
Бигуфто: шоҳ бо ман гӯй ҳолат,
Ки то донам ман аз фикру хаёлат,
Чунин ошуфтаву дар ғам чарой?
Чунин бо дарду ғам ҳамдам чарой?
Гули сурхат чаро зард аст, эй чон?
Дами гармат чаро сард аст, эй чон?
Якин донам зада мохе туро рох.
Бигӯ равшан маро, то кист он моҳ?
Агар бар осмон бошад фариштa,
Зи нури қудсиён[2] бошад сириштa,
Ба тасбеху дуо хоҳам чунонаш,
Гузорам бар замин аз осмонаш.
Агар бошад парй дар кӯху беша,
Азоим хонаму орам хамеша.
Агар бошад зи чинси одамизод,
Ба зудй созам аз вай хотират шод.

Ҳарчанд духтари ҳаким ваъз хонд, шоҳзода чашм накушод. Духтар буньёди дигаре карда, гуфт:

— Эй шоҳзода, бидон, ки дар шаҳри Юнон шаҳриёре буд, ки ӯро Сикандари Юнонй мегуфтанд. Ӯро ҳазор писар буд, ҳеч духтар надошт. Аз ин умр бисьёр дилтанг буд, то худои таоло дар синни шастсолагй духтаре дод, ки фариштаи кудсй аз вай рашк бурдй. Хурони биҳишт аз рухсори ӯ ранг гирифтй. Духтари бағоят босафо, номи ӯ Ҷамила буд. Рӯзе духтар аз шаҳр берун омад. Падараш аз барои ӯ кӯшке бино карда бағоят зебо. Ҳафтае дар он кӯшк буд, то рӯзе аз беруни шаҳр ба дарун меомад, аморни ӯро аз миёни бозор мегузарониданд, аз қазои оллаҳй бод домани маҳофаи он духтарро бардошт. Назари духтар афтод, ҷавони заргарписаре нишаста буд. Чашми духтар ба ӯ афтод, рӯи ӯро дид чун панҷаи офтоб, ки аз канди лабонаш набот ширинй гирифтй ва шамшод аз дидани қадаш дар хиҷил шудй.

Байт:

---

[1] *Тадоруқ* — чорачӯй.
[2] *Қудсй* — муқаддас, фариштa.

Як юсуфхусни шакарлаби гулъизоре,
Кадаш нахлест, ачаб диловез.
Бар хастадилон зи лаб шакаррез.

Писар ба ин ҳама сифат мавсуф буд, бар дўкони худ нишаста. Соҳибчамолонро назар бар чамоли ў буд ва гирди ў ҳалка баста буданд.

Байт:

Хубон чу ситора ҳалка баста,
Моҳе ба миёнашон нишаста,
Моҳе ки чу равшан офтобе,
Дар ҳар дил аз ў фитода тобе.

Назари духтар ба чамоли заргарписар афтод, тири ишки ўро бихўрд. Духтарро дил аз даст рафт.

Байт:

Хуснат хабар зи олами бехушй оварад,
Аҳли салохро дигар ба кадаҳ оварад.

Ба сад ҳазор хила худро нигоҳ дошт, то дар кўшк даромад, ба тахт карор гирифт, табъаш нохуш. Доя ҳар чанд ба ў сухан кард, чавоб надод, бетоқатй мекард. Чун он рўз гузашт, духтар заиф гашта, рухсораи гулрангаш заъфаронй шуда, охи сард аз дили ношоди ў баромад. Доя гуфт:

— Эй фарзанд, ҳоли худ бо ман гўй, то ман ба падарат бигўям, то ба салохи кори ту кўшад.

Духтар гуфт:

— Эй модар, дар дили ман гавҳарест пур аз дард. Рози дили худ бо ту бигўям, ба шарти он ки бо касе нагўй.

Доя замини хидмат бўсид ва гуфт:

— Эй фарзанди ман, туро бо ноз парвардаам, рози туро чй гуна ифшо кунам, ки аз ман махрамтар касе надорй.

Духтар гуфт:

— Эй модар, дар маҳофа маро аз миёни бозор оварданд, дар раста домани маҳофаи маро бод бардошт. Назари ман ба рўи чавони заргаре афтод, дилам аз даст рафт. Агар он чавонро ба ман ҳозир накунй, худро ҳалок мекунам, тоқати фироқи ў надорам.

Чун доя ин сухан бишнид, ба рўи худ таппонча[1] задан гирифт ва гуфт:

— Эй фарзанд, ин сухан нагўй, шарми худу шарми падари худ нигаҳ дор, ки ҳар рўз шоҳзодагони олам ба хостгории ту

[1] *Таппонча* — шапотй.

меоянд ва падарат туро ба эшон намедихад, имрӯз раво бошад, ки ба яке аз халкагарони шахри падари худ ошик мешавӣ?

Байт:

Чанд китоби сабр дархам хондаам,
Чун кунам бесабр, ман дармондаам.
Гар чунин максуди ман хосил шавад,
Кори чони мо ба коми дил шавад.

Духтар дид, ки доя розӣ нашуд, анбарина дошт, ки хирочи яксолаи шахри Юнон буд, чихил гавхари шабъчарог дар вай дарч карда буданд, аз лаълу фирӯзаву ёкуту забарчаду марчон дар ӯ карда буданд, доя солхо моили он анбарина буд, муяссар намешуд. Духтар анбаринаро пеши доя монд. Доя анбаринаро бидид, сар дар пеш афканда, дар андеша фурӯ рафт, аз он тундӣ монд.

Байт:

Зар бидиду сар фуруд овард пеш,
Гуфт: созам ман давои дарди хеш.

Он гох доя гуфт:

— Эй фарзанд, биё то биравем, он писарро бубинем.

Дархол хабба сохтанд. Доя гуфт:

— Чун мукобили он чавон бирасӣ, хаббаро бӯй кун, то дилат аз даст наравад.

Бархоста чодару чашмбанди кӯхна духтарро пӯшонид ва мӯзаи кӯхна дар пояш карда, равон шуд. Духтар чун кабк хиромидан гирифт, гӯё ки мурдаи садсола дар зери замин дар харакат омад.

Байт:

Ба хар замин, ки чу оби хаёт бихиромӣ,
Дахони мурда ба зери замин пуроб шавад.

Чун дар мукобили чавон расид, он хаббаро бӯй карда, дилаш ба хол омад.

Доя чандин зари сурху сафед ба дасти чавони заргар дод. Чавон чанд халкаву нигинаи ёкуту лаълу фирӯзаву забарчад, ба доя дод. Доя хар якро як айбе ниход ва бозгардонид. Аммо духтар назора карда, чавонро медид. Соате гузашт, доя бо чавон бо суд мунокиша мекард. Чавон маст буд, чехра барафрӯхта гуфт:

— Эй пиразан, чизе мехарӣ ё маро озор медихӣ? Бигир ин зари худро, пеши дӯкони маро торик макун!

Доя ба духтар гуфт:

— Биё биравем.

Духтар рӯй ба ҷавон карда гуфт:

Байт:

Талхй набувад з-он даҳони наҒз,
Кас талх надид пистаро маҒз.

Духтар ин бигуфт, даст зад, рухсораву як чашму абрӯву ҳалкаи гӯши худро бо ҷавон намуд ва равон шуд. Ҷавон он ҳол бидид, дил аз даст дод, саросемаҳол гардида, забонаш калолат пайдо кард, чаро ки ҳаргиз чунон шакле надида буд. Гиребон пора кард, ба рӯи дӯкон бияфтод. Ғуломону одамони ӯ ин ҳол бидиданд, ҳама ҷомаҳоро чок заданд ва мегуфтанд.

— Ин чи воқиаст?

Алқисса, ҷавонро гирифта ба хона бурданд. Ҷавон зани окилу доно дошт, хонаро хилват карда шавҳари худро дар канор гирифт, гуфт:

— Эй доно, ба ҷое ошиқ шудай, дил аз даст додай. Рози дили худ бо ман гӯй, то тадоруки он кунам. Ҷавон чашм боз кард, дар рӯи арӯс гуфт:

— Эй ҷони ҷаҳони ман ва эй маҳрами рози ниҳони ман, бидону огоҳ бош, ки ман даруни дӯкон нишаста будам, ду заифаи ҷодарпӯш биёмаданд. Яке бо ман дар муноқиша шуд. Ман эшонро сухани бад гуфтам. Дигари он ин абьёт дар муқобилаи ман бихонд ва чашмбанд аз рӯй бардошт. Як абрӯву як ҳалқаву рухсораи худро ба ман намуд, ки ончунон аврате надида будам, рӯй гардонида рафт. Ман аз он вақт боз худро надонистам.

Он гоҳ арӯси ӯ гуфт:

— Яке духтари подшоҳ будааст ва яке дояи ӯ. Ӯ низ бар ту ошиқ аст.

Ҷавон гуфт:

— Фикр чист?

Зани ӯ гуфт:

— Бархез, дар хилвати духтар бирав ва он ҷо бош, бубин, ки духтар аз кӯшки худ берун меояд ё не. Ҳар чи ки аз ӯ бинӣ, ба ман хабар биёр.

Ҷавон аз зани худ ин сухан шунид, бархост, дар он ҷо ки хилватгоҳи духтар буд, биёмад, ба духтар интизорӣ мекашид. Духтар дид, ки ҷавон ҳамчун девонагон даррасид, ба девор такья зада, рӯйпок аз сар андохт, зулфу сарро бараҳна карда, боз дар кӯшк даромад. Ҷавон мутаҒайиру[1] саросема шуда истода буд, духтар боз берун омад, оина бар даст гирифта, либоси гулгун

[1] *МутаҒайир* — дигаргун.

пӯшида. Аввал рӯи оинаро намуд, ба рӯи чавон дошт, боз пушти оинаро намуд. Дар кӯшк даромад, машрубаи заринро пуроб карда, дар муқобилаи чавон бирехт ва сӯзан аз сар бигрифт, ба чавон намуд, дар кӯшк даромад. Дастагуле дар даст гирифта баромад, ба чавон чархе бизад, дар кӯшк даромад, дари равокро баст. Чавон порае истод, духтар набаромад. Бозгардида ба хонаи худ омад. Чун назари зан бар чавон афтод, гуфт:

— Боре, висол миёни шумо муяссар шуд? Якдигарро дидед?

Чавон гуфт:

— Оре.

Гуфт:

— Чӣ гуна дидед?

Чавон гуфт:

— Пирохан пӯшида баромад.

Зан гуфт, ки:

— Чаро пирохан пӯшида баромад?

Чавон гуфт:

— Надонистам.

Зан гуфт:

— Духтар мегӯяд, ки «дар ишқ дар хун нишастаам» ва рӯпок аз сар бардошт, мегӯяд, ки «дар ишки ту сар биравад, ғам надорам». Оинаву машрубаро ғараз он аст, ки аввал рӯи оинаро намуд, яъне «ҳоло рӯзи висол миёни мову ту муяссар намешавад». Пушти оинаро намудан «шаб биё» гуфтан аст ва машрубаи обро рехтан он аст, ки «аз рохи об биёй, аз дарвоза набиёй. Шикофест дар боғ аз он ҷо об берун меояд, дарой». Дастаи гул он, ки «дар зери гулзор биёй».

Духтарро дар пои кӯшк гулзоре буд, ки гулистони Ирам аз ӯ рашк бурдӣ. Хар гуле, ки аз обу хоку ҳаво восил аст, ҳама дар он бӯстон буд. Ҳавзе дар пои кӯшк аз санги мармару сим. Он ҳавзро аз шароби арғувонӣ пур карда буданд... Дар лаби он ҳавз дарахтони шамшоду норинҷу турунҷ ва аръар нишонда буданд. Бар дарахтон қафасҳои зарнигор овехта буданд, мурғон дар он қафасҳо мераҳсиданд.

Алкисса, зан гуфт:

— Маслиҳат он аст, ки шаб дарояд, либоси айёри пӯшӣ ва сӯҳон низ гирифта дар боғ равӣ, он ҷо ки об берун меояд, дар боғ дарой, дар ғулзор расӣ. Ҳозиру бедор бош, ки чун айёрон хар шаб дар гирди кӯшки духтар мегарданд, ба гулзор меоянд, худро аз офати онҳо нигоҳ дорӣ, ки дар даст наяфтӣ. Агар аз казои илоҳӣ дар дасти эшон афтодӣ, яке аз онҳо, бигӯ, ки ин ҷо

омада бар дари хона санге бизанад, то аз эшон халосй дихам. Дигар он ки зуд биёй, дар хоб нашавй, ки духтар хазор хонаву чанд дояву чанд дарбон дорад, дар тафаххуси ўянд. То онхоро ғофил монда, дар хоб накунад, берун наояд. Ними шаб албатта, ки дар хоб наравй.

Чун зан ин суханон ба чавон бигуфт, чавон кабул кард. Шаб шуд, чоман айёрй пўшид, сўхон низ гирифт, дар гулзор даромад, он мехҳоро бурид, бар лаби хавз омада нишаст. Соате буд, ки овоз баланд карда, чанд байт бихонд:

Байт:

Чашмро, эй мулки хубй, шахнаи бедод кун,
Ғамзан хунхорро бар чодувои устод кун.
Теғи айёрй бикаш сархои муштокон бибур,
Пас тарики ишкбозиро зи сар буньёд кун.
Ноларо харчанд мехохам, ки пинхои баркашам,
Дил хамегўяд, ки ман танг омадам, фарьёд кун.

Чавон овози дилбари худ шунид ва овозу садои мурғону хонандагии мурғони зарину бўйхои гулхои рангину садои дарахтхоро бидид, бехуш гашта, бар лаби хавз афтод, акл аз дасти чавон бирафт. Духтар бо махрамон сўхбат дошт. Баъд аз он худро дар хоб андохт. Чун соате бигзашт, духтар бархост ва чоман зарбофт дар сар андохт, хамчун кабк хиромидан гирифт. Дар лаби хавз расид, дид, ки чавон бехуш афтода. Духтар бо худ андеша карда, дар фикр шуд, ки чавонро бедор созад, боз бо худ гуфт: «Мабодо чавон нагўяд, ки духтари подшох бисьёр сабук будааст. Даст бар лабони чавон карда, чанд бўса бар лабони шакаринаш бидод. Баъд аз он чанд чавзе[1] дар бағали чавон карда, бирафт. Субх бидамид, бод ба рўи чавон вазид. Чавон ба хуш омад, аз хоб бедор шуд. Бархост дар хонаи худ омад, занро дид, нишаста фирокнома мехонд. Зан чавонро дид, гуфт:

— Духтар аз ту фоида бурда, ту аз духтар фоида набурдай.

Чавон киссаи бехуш шудани худро бо зан гуфт. Зан гуфт:

— Дар бағал чй дорй?

Чавон даст дар бағал кард, дид, ки чанд чавзе дар бағалаш монда. Зан гуфт:

— Дар бағали ту монда, гуфта, ки «бирав бо кўдакон чахормағзбозй кун. Туро бо ошикй чи кор аст».

Чавон ин бишнид, худро маломат кардан гирифт. Шаб шуд, бо зан гуфт:

— Боз меравам.

---

[1] *Чавз* — чахормағз.

Зан гуфт:

— Худро андак чарохат кунй, пораи намак андоз ва биншин.

Чавон хамчунон кард. Соате бигзашт, духтар расид хамчун мунири тобон, ки тамоми гулзори гули рухсори ў равшану мунаввар гардид. Чавон он комати хиромидаро дид, пештар омада, хар ду рў ба рўи якдигар афтоданд, хамдигарро дар канор гирифтанд, бар лаби хавз нишастанд, рози дил мегуфтанд, аз лабу дахони якдигар шакар мехўрданд. Дар айни хушвактй буданд, ки баякбор айёрон расиданд, эшонро гирифтанд. Яке аз айёронро ба ў дўстй буд, ўро гуфт:

— Бирав, бар дари хонаи ман санг зан.

Он айёр омада бар дари хонаи чавон санг зад. Зани чавон ханўз бедор буд, гуфт:

— Хай дарег, инхо ба даст афтоданд. Бархез, эй канизи Бодом, хочаи ту металабад.

Айёрон духтару чавонро дар зиндон андохтанд. Ба дари зиндон нишаста кайфхо мехўрданд ва мегуфтанд:

— Саодату давлат ба моён ёр шуд, духтари подшохи Юнон ва заргарписар, ки зари бенихоят дорад, ба дасти моён гирифтор шуданд.

Аммо ровй гўяд, ки айёр ба дари хона санг зад. Зан гуфт:

— Эй канизак, бирав, кадуи асалро биёр.

Дархол асалро овард. Зан халвое аз асал пухта, дар ду табак ниход. Якеро худ бардошт, дигареро канизак бардошт. Хар ду бар дари зиндон расиданд, диданд, ки айёрон завки ачабе доранд. Зан гуфт:

— Фардо ин айши шумоёнро ба мотам мубаддал хохам кард.

Ин бигуфт, дар сафи айёрон расид, салом гуфт ва гуфт:

— Эй чавонон, зинфаам, дар савмиа[1] шабу рўз ибодат мекунам. Шаби душанбе чамоли хазратй пайгамбарро дар хоб дидам, ба ман фармуданд, барои зиндониён халвое пухта бидех, ки дар он миён яке фарзанди ман аст. Ин як хон ба шумоён таллук дорад, яке барои зиндониён мебарам. Агар ичозат бидихед, ба дасти худ кисмат карда бидихам, шуморо савоб хосил шавад.

Айёрон ичозат доданд. Зан даромад, канизакро гуфт:

— Хозир бош, агар духтар берун ояд, ўро ба хонаи ў бирасон.

Ин гуфта, назди шавхараш омад, чарог дар зери коса кард,

---

[1] *Савмиа* — ибодатгохи бутпарастон.

эшонро аз чодар беруи кард, либоси худро кашида, ба духтар пӯшонид либоси духтарро худ пӯшид, гуфт:

— Дар зери зиндон канизак истода, туро ба хонаи ту хохад расонид. Худ ба канори шавҳар даромада, дар чодар худхоро печиданд. Духтар ба дари зиндон омад, хони худро ба каниз дода, равон шуд, то ба дари кӯшк расид. Духтар ба кӯшк даромад. Каниз ба хона омад.

Байт:

Саҳар чуи зоғи шаб овоз бардошт,
Хурӯси субҳгоҳ овоз бардошт.

Алассабоҳ айёрон ба дари боргоҳи подшоҳ омаданд, фарьёд бардоштанд, ки:

— Шоҳо, имшаб дар гулзор чунин воқиа афтод, моро қуввати гуфтани он нест.

Шоҳ гуфт:

— Бигӯед.

Айёрон қиссаи гузаштаро бигуфтанд. Подшоҳ дар ғазаб шуд, гуфт:

— Дурӯғ нагӯед! Чунончи ман духтари худро саҳар дар кӯшк дидам.

Айёрон савганд хӯрданд. Он гоҳ рӯй ба айёрон карда, гуфт:

— Агар сухани шумо рост бошад, ман подшоҳии худро ба шумо супорам, агар дурӯғ бошад, хамаи шуморо гардан занам.

Эшон қабул карданд. Подшоҳ гуфт:

— Биравед, онҳоро биёред.

Айёрон ба шитоби тамом омаданд ва чодарро печида, дар пеши подшоҳ бурданд. Подшоҳ фармуд, ки:

— Чодарро кушоед!

Кушоданд, диданд, ки чавони заргару зани ӯ. Чавонро ёрои сухан гуфтан набуд. Зани ӯ бархост, салом кард. Шоҳ гуфт:

— Шумо дар гулзори ман чӣ гуна омадед?

Зан гуфт:

— Агар подшоҳ як замон дар сари иноят бошанд, сухан гӯем.

Подшоҳ ханда кард ва гуфт:

— Бигӯед.

Зан гуфт:

— Моро ба чиҳати кор кардан оварда буданд, ичозат доданд. Рӯз бегоҳ шуда, аз айёрон тарсидем, шаб дар гулзори шумо будем. Ногоҳ айёрон расиданд моро гирифтанд. Ҳарчанд гуфтем, ки зану шавҳарем, қабул накарданд. Моро бурда дар зиндон карданд. Имшаб дар зиндон будем.

Он шеразан ин сухан тартиб дод. Подшоҳ хукм кард:

— Ҷаллод!

Чахор айёрро сар заданд. Моли айёронро тамом ба зани заргар доданд. Чанд рӯз баромад, духтари подшоҳ аз барои зани заргар кас фиристод, ки «биё то ҳаки хизмати туро ба ҷой оварам». Зан ба хидмати ӯ омад. Ӯ аз тахт фуруд омада, занро дар канор гирифт ва гуфт:

— Тахту бахти ман хама аз они шумо ва ман озодкардан шумоям.

Зани заргар шароити адаб ба ҷой оварда, дасти духтарро бигрифт ва бар тахт нишонд. Духтар бифармуд сандалии зарин ниходанд. Зани заргар дар он сандалй бинишаст. Он гоҳ духтар фармуд, ки хонҳо кашиданд, шираву таомҳои гуногун оварданд ва дах ҷуфт сару пою боргоҳ ва атласу зарбафту чиҳил гавҳари шабчароғу асбоб ба зан инъом кард ва ӯро махрами худ гардонид ва заргарро шабу рӯз дар хидмат нигоҳ дошт, то аз якдигар ба коми дил расиданд ва аз нахли ҳаёти якдигар меваи мурод мечиданд.

Ровй гӯяд, ки чун духтари ҳаким ин ҳикоят тамом кард, гуфт:

— Эй шохзода, то сирри худ бо ман нагӯй, намешавад, то ман тадоруки кори туро бисозам.

Он гоҳ шохзода Соидро талабид, ҳиссаи худро тамом ба Соид гуфт ва зор-зор бигрист ва гуфт:

— То ин дам аз шарми падарам натавонистам гуфтан. Нагӯяд, ки касе дар олам ба сурат ошиқ мешуда бошад. Акнун рози худ бо ту гуфтам, пинҳон надоштам, акнун хоҳ гӯй, хоҳ нагӯй.

Ин гуфта хомӯш шуд. Чун Соид ин сухан шунид, гуфт:

— Эй бародар, то ба падарат нагӯем, рост намеояд, зеро ки саъй карда бубинад, ки сирати ин суратро метавонад, пайдо кунад?

Алқисса, Соид ин бигуфт, назди подшоҳ омад, ахволоти маликзода, шефта шудан ба он суратро ба малик гуфт. Малик ин воқиаро шунид. Гуфт:

— Ачаб мушкил ба сар омад ва турфа ҳангомае рӯй дод, зеро, ки ба сират он сурат чй навъ бошад?

Подшоҳ гуфт:

— Як рӯз бар тахти шоҳй нишаста будам, ногоҳ боди сахмнок бархост, ҷаҳон торик шуд. Баъд аз фурсате ҳафт девро ди-

Маликзода сар аз гиребони хаёлу тафаккур бароварда, гуфт:
Байт:

Чанд паси ваъдан хар бевафо дорад касе,
Чашм бар дар, гӯш бар овози по дорад касе.
Ноз истиғнопарасту ғамза истиғнофурӯш,
Марди нихо кист, ки токат кучо дорад касе.

Подшох гуфт:
— Эй фарзанд, ин ваъда мисли ваъдаи гузашта нест.
Маликзода гуфт:
— Баргӯй.
Шох гуфт:
— Эй фарзанд, косидоне, ки рафта буданд, ду сол гирди оламро гардидаанд ва тараддуд кардаанд, хеч паём наёфтаанд. Маълум шуд, ки Гулистони Ирам дар олам набудааст. Агар мешуд, хабари ӯро меёфтанд. Махз сухане будааст, чаро ки ба сайри дуньё аз Машрик то ба Мағриб рафта, ба чойхое расиданд, ки кадами одамӣ хеч он чо нарасида, балки нашунида. Эй фарзанд, агарчи хабари ӯро наёфтаанд, лекин хар кучо хубрӯеву сунбулмӯеву мушкинхӯеву гулбадане, ки дар ин шахрхо будаанд, хазор дарача аз Бадеуччамол бехтару хубтар аст, хабари онхоро овардаанд. Эй фарзанд, сабр кун, хукм намоям, хамаро назди ту хозир кунанд, кадом аз онхоро, ки табъи ту хохад, дар кайди ту дарорам. Дил аз ин васваса бардор, ману модари худро ранча мадор.
Шох ин суханон бигуфт, маликзода ашк аз дидаи худ чорӣ карда, гуфт:
— Эй падари бузургвор.
Байт:

Дили ман ошики ёрест, ки гуфтан натавон,
Хама шаб дар ғами корест, ки гуфтан натавон.
Гар хама хури бихиштӣ, ки ба ман арза дихӣ,
Натавон гуфт ба рӯи ту, ки гуфтан натавон.

Шох гуфт:
— Эй чони падар, агар кор ба зару сим муяссар шудӣ, хазоинро тухӣ кардаме, лекин париро кучо тавон ёфтан. Хазор мард муддати ду сол гирди чахон гардиданд. Чунон зару сим нисор кардам, гуфтам, шояд ки хабаре биёранд, хатто алломагон[1] хабаре наёфтанд. Акнун ин нолаву чунун суде надорад. Аз ин духтарон, ки хабар овардаанд, хар кадом аз Бадеуччамол бех-

[1] *Аллома* — олим, донишманд.

тар, кадомеро, ки амр кунӣ, ба ту гирифта бидиҳам ва подшоҳии худро ба ту супорам, худам узлат ихтиёр кунам.

Чун подшоҳ ин сухан бигуфт, маликзода ашк аз дидагон ҷорӣ карда, гуфт:

Байт:

Бе рӯи ӯ гар бинигарам сӯи гуле, гулзорҳо
Бодо ба ҷои хар гуле дар дидаи ман хорҳо.
Он кас, ки дӯзад пирахан аз бахри он нозукбадан,
Аз риштахои ҷони ман хохам, ки бошад торҳо.
Донад, ки дар гаркоби хун андар хаёли рӯи ӯ,
Зеби нигаҳ ояд маро, дар дил шикастам хорҳо.

Подшоҳ аз маликзода ин сухан бишнид, сар дар пеш афганд, дар андеша фурӯ рафт ва мутаҳайир бимонд. Шоҳзода гуфт:

— Маликро бакои умр дароз бод, ҳеҷ фарзанд падару модарро чунин алам нарасонида, ки шумоёнро аз ман расида. Чи ҷора тавон кард?

Байт:

Ин дил магар зи рӯзи азал ишқ дида буд,
Қ-аз сураташ бз олами маъни расида буд.
Хусни чамол дидаву дил дар бало фитод,
Ин чашми хунгирифта надонам чӣ дида буд.
Моро магар ҳакими азал дар дами нахуст,
Маҳз аз барои мехнату ғам офарида буд.
Наккошк сунъ аз пан торочи ошиқон,
Монанди сураташ ба чахон кам кашида буд.

— Эй падари бузургвор, тақдироти рӯзи азалро чунин карда. Акнун кор аз ҳайрату тафаккур гузаштааст. Ба андеша кардан намешавад. Фикри донистае карда шавад, ки бонси ороми дили ман гардад.

Шоҳ гуфт:

— Эй фарзанди фаррухлиқо, фикре, ки ман кардаам, қабул намекунӣ. Худ баргӯй, ки чи фикр бояд кардан, то бонси орому хушвақтии ту шавад.

Маликзода гуфт:

— Эй падари бузургвор, корҳое, ки ту кардӣ, муроди ман ҳосил нашуд. Акнун як кори дигар мондааст, агар фармон диҳӣ, бигӯям.

Подшоҳ гуфт:

— Эй ҷони падар, баргӯй, ки чи орзу дорӣ?

Маликзода гуфт:

— Орзуи ман он аст, ки маро дастурӣ диҳӣ, то худ ба гирди ҷаҳон гардам, камоли саъю тараддуд ба ҷой орам. Агар чизе ха-

бар ёфтам, хуввалмурод[1] ваилло, шояд ки сахлият маро рӯй диҳад ва ачоибу ғароиби рӯзгор фаромӯш гардонад, шояд аз ин бетоқатӣ бозмонам, зеро ки ҳеҷ беҳтар аз ғурбат намебошад.

Чун подшоҳ аз ӯ ин сухан бишнид, мутаҳайир шуда, гуфт:

— Эй азиз, аз ҷон киромитарӣ, кай дил диҳад, ки туро бигзорам, зеро ки ман туро аз худои таоло сад ҳазор истидъо[2] намуда, ба ҳоҷату садаҳ ёфтаам. Чӣ гуна гузорам, ки аз ин пири маҳзун дур шавӣ?

Маликзода гуфт:

— Эй падар, маро ичозат бидеҳ ба ҳар тарика. Ҳукми худои таоло бар ин рафтааст, бад-ин сабаб максуди ман ҳосил гардад. Албатта маро дастурӣ бидеҳ.

Шоҳ гуфт:

— Эй киромулқадр, имкон надорад, ки дил аз ту тарк кунам ва туро бигзорам. Ҳарчанд тааммул мекунам, ризой бо худ намебинам.

Маликзода гуфт:

— Эй падар, имрӯз рӯзест, ки то маро рухсат надиҳӣ, рост намеояд, зеро ки дар ин сафар хоҳ хабар ёбам, хоҳ наёбам, умед аст, ки якчанд рӯз зинда тавонам будан ва агар дастурӣ надиҳӣ, рост намеояд, ҷони худ дар пайи ин кор хоҳам бохт ва шумоён дар таъни мардум то қиёмат хоҳед мондан.

Подшоҳ гуфт:

— Чӣ гуна?

Маликзода гуфт:

— Аз ҷиҳати он ки мардум хоҳанд гуфтан, ки писари фалон подшоҳ аз ҷиҳати нодониву камаклӣ ҷони худро дар ишки сурате бар бод дода. Агар сафарро ризо надиҳӣ, боре, ба вилояти Чин дастурӣ деҳ, ки он ҷо суратгарон бисьёранд, шояд аз Гулистони Ираму Бадеуҷҷамол хабар ёбам ва агар хабар наёбам, боре, ба ҳамин миқдор дили ман сард шавад, бозгашта ба хидмат зуд хоҳам омад.

Подшоҳ гуфт:

— Эй фарзанди бетамкин, дар ишки сурате худро бой дода, беш аз ин бетоқатӣ макун.

Маликзода оҳи сард аз дили пурдард кашид ва гуфт:

— Ту осудахотирӣ, чи донӣ, ки дар дилам то ба рӯзулқазо тарки он чӣ мекунад.

Чун подшоҳ донист, ки рои ӯ ба рафтан карор гирифта, гуфт:

— Имкони мамнӯъ намешавӣ. Акнун сабр кун, ба ҷои ман

---

[1] *Хуввалмурод* — мурод ҳамон хаст.
[2] *Истидъо* — хостан, хоҳишу илтичо.

ба фармондиҳиву салтанати шоҳаншоҳӣ ҷиҳати адолатгустарӣ биншин, худ биравам, гирди ҷаҳонро бигардам, то ҷон дар бадан дорам, саъю тараддуд карда, аз Гулистони Ираму Бадеуҷ-ҷамол хабаре ёфта биёрам.

Маликзода гуфт:

— Эй падар, шуморо аз ин кор савоби азимест, зеро ки ин ранҷу меҳнат бар сари ман афтода, то худ наравам, дили ман хурсанд намешавад. Аз шумо лоиқ нест, ки бад-ин тараддуд бароед. Шумо ба давлату ба сари салтанат ба ишрату шавкат дар пайи адолат қарор гиред, ман меравам.

Подшоҳ дид, ки ҳарчанд манъ мекунад, рост намеояд, охируламр гуфт:

— Эй фарзанд, ихтиёр турост.

Ин бигуфт, зор-зор бигрист, ин ғазал бихонд:

Байт:

Дур аз рухи ту дил зада кошонаи моро,
Ҳам хонаи худ сӯхта ҳам хонаи моро.
З-ин сон, ки равад сели ғам аз дида, ачаб нест,
Гар об барад кулбаву вайронаи моро.
Дар силсилаи зулфи парешони ту бояд
Ҳар кас, ки бичӯяд дили девонаи моро.
Нокарда дар ин базм тухӣ соғари айше,
Пур сохта ғам соғари ғамхонаи моро.

Чун шоҳ гирьён-гирьён ин абьёт бихонд, маликзода низ ин абьёт бихонд:

Байт:

Дуди охам оламеро сӯхт, акнун оҳ, агар
Шӯълае пайдо шавад з-ин оташи пинҳон маро.

Алкисса, шоҳ гуфт:

— Эй фарзанд, чанд рӯз сабр кун, то лашкари анбӯҳе ба ту ҳамроҳ кунам, бошад ки ба мурод расӣ, иншооллоҳ таоло.

Маликзода ин паёмро шунида, хуррам гардид, ба ишрату танаум [1] биншаст ва интизорӣ мебурд.

САФАР КАРДАНИ САЙФУЛМУЛУК БА ДАРЬЁ

Аммо ровиёни ахбору нокилони осор чунин ривоят мекунанд, ки шоҳ Осим бинни Суфвон ба ҷиҳати шоҳзода Сайфулмулук асбоби сафар мухайё карда, устодони наччорро талаб кард, фар-

[1] *Танаум* — айшу шодкомӣ.

муд, ки киштихо созед. Ҳазор киштӣ тайёр карданд. Сад марди сипахсолорро аз иклими худ баргузида, ҳар кадомро даҳ ҳазор марди вобастаи якдилаи шамшерзану озмуда ва муначчимону ситорашиносону ҳакимони корафтодаро бо хостан[1] билонихоя[2] ҳамроҳ кард ва мутрибону нағмасароёну ходимону надимони сӯҳбатороён ва хидматгорони аз ҳад афзун ҳамроҳ кард, вусъати[3] ҳар киштӣ ҳафтод газ буд, даруни киштиҳо андоҳта, баъдаҳу мачлис оростанд. Садои тамом дардоданд. Мардумро ҷамъ карда, чандин рӯз сӯҳбатороиҳо карданд. Баъд аз он маликзодаву ёронашро инъому эҳсони мулукона дода, аввали бегоҳ буд ки шоҳзода лашкарро гирифта ба ҷониби дарьё чун сел равон шуданд. Бар лаби дарьё расиданд, малик аз асп фуруд омад, бар киштӣ нишаст ва амр кард, ки киштиҳоро хозир карданд. Он чи лавозимот, ки буд, дар киштиҳо даровардaнд. Мардумоне, ки ҳамроҳи маликзода ихтиёри рафтан карда буданд, дар киштиҳо даромаданд, ҷобачо карор гирифтанд. Маликзода падарро видоъ карда, дар тахтгоҳи киштӣ нишаст. Киштибон бодбонҳои киштиҳоро кушуда ва лахти киштӣ кашида, таноби киштиҳоро истеҳком дода, дар буньён дар мақоми худ нишаста, ходаҳо бар рӯи об зада, роҳӣ шуданд. Маликзода бар рӯи об чун барқ равон шуд. Падару модар шоҳзодаро ба худои оламиён супурда, гирьён-гирьён бозгаштанд, ба ҷониби шаҳри худ рафтанд, ба шаҳр карор гирифта, Солеҳ ибни Ҳамид, ки падари Соид буд, ӯро талаб карда, гуфт:

— Акнун димоғи вилоятпардозӣ маро намондааст. Ту ба ҷои ман нишин.

Солеҳ замини хидмат бӯсида, гуфт:

— Бакои умри малик дароз бод, бандаро чи рутбаи он, ки ба ҷои хидеванди худ нишинад. Лекин хидевандонро бо бандагон чунин илтифотҳо мебошад. Аммо максади банда он аст, ки дар ин хилват ихтиёри узлат карда, оби таҳорат диҳад, чаро ки бар фироқи шоҳзода ва ҳам Соид маро ҳамчунин ҳолате рӯй додааст.

Шоҳ вазири дигарро талаб карда, гуфт:

— Худои таоло фардо аз ман адолат пурсад, ман аз ту ҳоҳам пурсидан. Аз вилоят бохабар бош, ки маро сару сомони вилоятпардозӣ намондааст.

Алкисса, ӯро ба ҷои худ нишонда ва Солеҳу шоҳ узлат ихтиёр карданд. Шабу рӯз ба ибодат машғул буданд. Ҳар рӯз хай-

---

[1] *Хоста* — пулу мол.
[2] *Билониҳоя* — беиҳоят.
[3] *Вусъат* — фарохӣ, пахной.

рот ба дарвешон мекарданд. Ба чиҳати саломатии маликзодаву Соид дуову фотиҳа мегирифтанд. Шоҳ аз худои таоло талабида, то ба вақти омадани шоҳзодаву Соид бад-ин ҳол мебуданд. Боз бар сари сухани эшон хоҳем омадан.

Шоҳзода Сайфулмулуку ёронаш бар рӯи об мерафтанд ва шодкомиву ишрат мекарданд, шароб мехӯрданд. То чиҳил рӯз бар рӯи об мерафтанд, ҳеч аламеву ранҷе ба эшон нарасид, то ба вилояти Чин расиданд. Хабар ба Фағфури Чин расид, ки лашкари беҳадди бегона ба сарҳадди вилояти ту расид, қасди шаҳри ту доранд, меоянд. Фағфур ғамнок шуд, фармуд, ки дарвозаҳоро кашиданд... Панҷоҳ ҳазор марди шамшерзан ба хидмати фағфур ҷамъ омаданд. Амр кард, ки дар мухофизати шаҳр шаванд. Амирон дар мӯлчарҳо[1] қарор гирифтанд, қалъадорӣ карда мустаиди[2] хизмат шуданд. Худи фағфур дар суфаи қалъа шомиёна барпо сохта, ба ишрат нишаст ва мунтазири маликзода буд.

Ровӣ гӯяд, ки баъд аз бист шабонарӯз маликзода бо ҷамеи сипоҳ хуррам аз рӯи об киштӣ давонда баромаданд, дар баробари вилояти Чин лангар андохта, киштиҳоро нигоҳ доштанд. Маликзода чашм кушода, вилоятро ба истеҳком дид, фаҳмид, ки фағфур бадгумон шудааст, таваккуф карда, бо худ гуфт:

Байт:

Нишастам ба умеде, ки аз ҳазонаи ғайб,
Бар сари фарзанди одам ҳар чи ояд, бигзарад.

Баъд аз се шабонарӯз фарғфур дид, ки аз он лашкар ҳеч воқиае не, се касро ба рисолат фиристод. Омада шароити адаб ба ҷой оварданд ва нишастанд. Маликзода пурсид, ки:

— Сабаби вилоят оростан чӣ бошад?

Мулозимони фағфур гуфтанд, ки:

— Ба чиҳати ҷанги шумоён.

Маликзода гуфт, ки:

— Арзи моро надонистаед?

Онҳо гуфтанд, ки:

— Надонем.

Маликзода гуфт:

— Мо аз барои ҷанг наомадаем, аз барои сайру меҳмонӣ омадаем. Агар шумоён майли ҷанг дошта бошед, моро майли

[1] *Дар мӯлчарҳо* — дар чойҳои пешакӣ муайяншуда.
[2] *Мустаид* — тайёр, омода.

ҷанг нест. Алалхусус, шумоёнро агар мол хоҷат аст, ба ҷон истодаем, ба ҷанг одат накардаем.

Чун касон аз маликзода ин сухан шуниданд, хушҳол гардида, назди фағфур омаданӣ шуданд. Маликзода амр кард, ки сару пову инъоми мулукона дода, сарафроз карда, пеши фағфур низ ҳадьяву тӯҳфаҳо фиристода, рухсат кард. Ба шодкомии тамом ба хидмати фағфур омаданд, ҳадьяҳои маликзодаро гузарониданд ва қиссаи омадани ӯро ба фағфур гуфтанд. Фағфур хуррам шуда, дарвозаро кушод. Ҷамъи умаро бо эъзоз ба истиқболи ӯ баромада, ба сад ҳазор иззату ҳурмат маликзодаро дохили Чин карданд. Ба шодкомиву ишрат нишаста, нарду шатранҷ мебохтанд. То се шабонарӯз фағфур меҳмондорӣ кард. Чандон хилъатҳои гуногун бахшид, ки ниҳоят надорад. Баъдаҳу фағфур пурсид, ки:

— Эй фарзанд, бигӯ, ба чи кор омадай?

Маликзода шарти адаб ба ҷой оварда, гуфт:

— Эй шоҳ, маро турфа мухимме бар сар афтодааст, чораи онро намедонам.

Шоҳ гуфт:

— Баргӯй, ки туро чи муҳимме пеш омадааст.

Маликзода қиссаи пурғуссаи худро тамом бигуфт ва зор-зор бигрист.

Фағфур шоҳзодаро дилдорӣ дода, падарвор марҳамат намуд ва ҷамеи аркони давлати ӯро хилъатҳо дод. Тамоми суратгарони вилояти Чинро ҷамъ карда, пурсид, ки аз Гулистони Ираму Бадеуччамол хабаре гӯянд. Ҳар кас хабар гӯяд, сарафроз хоҳам кард.

Ҳама гуфтанд:

— Мо намедонем ва нашунидаем.

Маликзода ин сухан шунид, маъюс шуд, ранги рухсорааш тағьир ёфт. Гардани худро каҷ кард, ашк аз дида борид.

Шоҳро дил ба дард омада, гуфт:

— Охир, шумоён суратгар бошед, қоидан суратгарӣ он аст, ки дидаву шунида суратро таҳрир намоед. Ин ҷавон ба сурат ошиқ шудааст.

Ҳама гуфтанд:

— Мо намедонем, аммо як марди кӯҳансол дар миёни мо ҳаст, аз умри ӯ яксаду ҳаштод сол гузаштааст, дар ҷаҳон бисьёр гаштааст. Ӯро талаб кунед, шояд ки ӯ дида бошад.

Маликзодаро филҷумла қуввате шуд. Он марди пирро талаб карда, аз ӯ пурсиданд, ки:

— Аз Гулистони Ираму Бадеуччамол хабар дорӣ?

Маликзода чихил шабу рӯз киштӣ дар об меронд ва нишот мекард ва тамошои дарьё менамуд ва ачоибу ғароибхоро мушоҳида мекард. Як рӯз ба ногоҳ ба амри худо аз рӯи дарьё бодӣ мухолиф пайдо шуд. Дарьё шӯриш карда, мавҷ задан гирифт ва ҷаҳони равшан сиёҳу торик шуд ва барқ ҷастан, раъд ғурридан ва киштиҳоро бар ҳам задан гирифт. Ҳамчунон тираву торик гардид, ки якдигарро намедиданд, овозҳои якдигар намешуниданд. Маликзода инчунин вокиаро надида буд, тарсид. Даст аз худ шуста, дил ба марги ширин ниҳод. Даст ба дуои хайр бароварда, гирьён шуда, муноҷот ба даргоҳи ҚозиюлҲоҷот мекард ки илоҳо, аз чунин тӯфон нигоҳ дорӣ...

Ровӣ гӯяд, ки маликзода ба дуову сано ва намоз мукайяд буд, гирьяву зорӣ мекард. Даст бар ҳалокати худ хост, ки кушояд, зеро ки тӯфону барку борон ва мавҷ дар рӯи дарьё мерафт. Гоҳ зиёда мешуд ва киштиҳоро ба нишебу фароз мебурд. Маликзода мегуфт:

— Ин ҳалокат аст, ки худои таоло фиристодааст. Чуз сабр дигар чорае нест...

Алкисса, маликзода ва ҳамаи ёронаш даст аз ҷони худ шуста, дил ба марг нихода, рахтҳои ҚИмат ва борҳое, ки дар киштӣ буд, дар об андохтанд. Ба ногоҳ бодӣ азим бархост, мавҷи дарьё зиёда шуд ва киштиҳоро ба ҳамдигар задан гирифт ва чихил кишти бо чихил ҳазор марди номӣ дар дарьё ғарқ шуданд. Аммо маликзода аз ғарқ шудани ёрон хабар надошт, зеро ки ҷаҳони равшан сиёҳу торик шуда буд, ки касро намедиданд, рӯзро аз шаб фарқ намекарданд. Ҳар боре, ки дарьё мавҷ задӣ, киштиҳоро дар об бурдӣ ҳавой ва боз ба ҚАъри дарьё задӣ. Ва об дар киштиҳо даромадан гирифт. Маликзодаву Соид ҷомро гирифта, аз киштӣ берун меандохтанд. Он замон Соид гуфт:

— Эй ёрон, ин балоест, ки худои таоло фиристодааст. Чуз сабр чорае нест.

Баъд аз он маликзода фармуд, ки киштиҳоро бар якдигар устувор карданд ва борҳоро бар об андохтанд. Дар ҳамин ҳол буданд, ки мавҷ бархост ва киштии маликзодаро даррабуда, чихил рӯз мебурд ва ором намегирифт. Маликзода бехуш шуда, боз ба хуш омад, сокин шуд. Маликзода ин абьётро меҳонд:

Байт:

Эй тирашаби фирок, охир ба сар ой,
В-эй субҳи тараб, дари саодат бикшой.
Гар умри манӣ, эй шаби ҳичрон, бигузар,
Дармони манӣ, эй нафаси субҳ, барой!

Маликзода ба хуш омад, дид, хама киштиҳову ёрону бародаронаш барҳам хўрдаанд, аз панҷоҳ кас зиёда намондааст. Маликзода ёронро надид, фарьёд бароварда, гиребон пора карда, беҳуш шуд. Чун ба ҳуш омад, гирьяву нола карда, ин байтро бихонд:

Байт:

Гар даст дихад хоки кафи пои нигорам,
Бар лавҳи басар хатти нигорин бинигорам.
Парвонаи ў, гар расадам бар талаби ҷон.
Чун шамъ ҳамон дам ба даме ҷон бисупорам.
Доман мафишон аз мани хокй, ки пас аз марг,
Аз мавҷи сиришкам, кй расонад ба канорам?
Зулфайни сиёҳи ту ба дилдодаи ушшок,
Доданд кароре, бибуриданд карорам.
Эй сурма, макаш по зи вафои мани дарвеш
Имшаб, ки ман аз ғам ба дуо даст барорам.
Эй чарх, аз он бод насиме ба ман орад,
К-он бўи шифо медиҳад аз ранҷи хуморам.
Дар фикри Гулистони Ирам гашта бад-ин хол
Оворан гирдоб, ба уммеди канорам.
Бечорадилам дар ғами он сурати зебо,
Бурридан меҳнат зи хама хешу таборам.
Баргўй ту эй ишки ҷафочўи ситамкор,
Соид ба кучо рафт, чи шуд он ҳама ёрам?..

Ровй гўяд, ки маликзода чун сухан бад-ин ҷо расонид, даст ба камар зада, хост, ки ханҷаре бароварда, худро ҳалок гардонад. Мардумоне, ки буданд, дасти ўро гирифта, гуфтанд:

— Эй маликзода, акнун фарьёду фиғону худро ҳалок кардан фоида надорад, зеро ки тақдир чунин будааст. Ин балоро худ ихтиёр кардй, панди носеҳонро қабул накардй, дар ин варта афтодй. Беш аз ин бесабрй макун, ношукрй макун. Боз ҳам ёрону дўстон ҳамчун Соиду дигарон беҳтар пайдо хоҳад шуд. Умед аст, ки ношукрй накунй. Бе меҳнат ба роҳат нарасй.

Байт:

Агар наврўзи олам рафт барбод,
Гули садбарги савриро бако бод.

Маликзода хомўш шуда, тан ба қазои илоҳй нихода, фармуд, ки мурдагонро аз киштй гирифта, дар об андозед. Чунон карданд. Баъдаҳу фармуд, ки таом биёред.

Чанд рўз буд, ки таом нахўрда буд аз касрати парешонй, гуруснаву ташна буд. Хон оварданд, таому шароб муҳайё карданд. Дар он вақт маликзодаро Соид ёд омад, чандон гирист, ки ҳисоби онро худо донад ва ин абьётро бихонд:

Байт:

Эй вафодори ситамдида, кучой?
В-эй мўниси ғамхон шаби тира, кучой?
Ман бе ту чй гуна зиндагй хохам кард?
Эй умри гарон зоеъ, маро монда, кучой?

Маликзода гуфт:

— Хеч касро худои таоло мисли ман гирифтор накунад.

Ўро ёронаш дилдорй дода ва тасаллихо меовардаанд, ки одамиро чихати мехнат офаридаанд, хеч ганче бе мор нест. Сабр бояд кардан.

Маликзода аз маллохон [1] пурсид, ки:

— Ба кучо афтодаем ва ба чи чое расидаем?

Онхо ханўз чавоб надода буданд, ки посбонони кишти аз болои мил фарьёд баровардаанд, гиребон пора карда, фигон аз дил баркашиданд.

Маликзода гуфт:

— Хайр бошад?

Гуфтанд:

— Завракча аз рўи дарьё пайдо шуд, пур аз мардуми силох, бо силохи тамом меояд.

Маликзода гуфт:

— Агар бозаргон бошанд, онхоро силох нахохад буд, дигар инхо рохзананд.

Дар ин сухан буданд, ки завракхои бисьёр расида, сари рохи маликзодаро гирифтанд. Табли чошнй сохта, завракхоро лахт андохта, намо-намо карда, карор гирифтанд ва маликзодаро ихота карданд, дар пайи чанг шуданд. Алкисса, маликзода ва хамаи мардум аз чон тамаъ бурида, даст аз хаёт шуста... зор-зор мегиристанд... Баъд аз он маликзода ёрони худро дилдорй дода гуфт:

— Мардона бошед! Хар чи худои таоло хоста бошад, хамон хохад шуд.

Баъдаху маликзода силох пўшида, найзаву шамшеру пайкони захробдори ба алмос тез карда, зиреху чахоронна пўшида, мустаиди чанг шуданд. Он бегох бигзашт, алассабох бо амри малики ваххоб чахони зулмонй нуронй гашт. Дар сар задани офтоб зангиёни хонахароб заврак дар рўи об давонданд. Маликзода хам амр кард, кишти ба чониби эшон ронданд. Онхо низ сафшиканро[2] оташ доданд. Садоеву нидое аз хар чониб пайдо

---

[1] *Маллохон* — дарьёнавардон, ходимони кишти.

[2] *Сафшикан* — аслихои тарканда ва парокандакунанда ва вайронкунандаи сафи душман.

шуд. Ҷаҳон сиёҳу торик гашт. Рӯи дарьёро оташ фурӯ гирифт. Баъд аз муддате он зулмот нопадид шуд. Маликзода дид, ки ба ғояти худовандӣ офате ба киштӣ нарасида, аммо нисфи мардуми зангиён ба дарьё ғарқ шудаанд. Маликзода хуррам гардид, киштӣ пеш давонида, даст ба тиру камон карда, дар ҷанг шуданд. То се шабонарӯз ҷанги сахте карданд. Зангии бисьёре ба халокат расид. Зангиён диданд, ки рост намеоянд, зеро ки ба онҳо тиру камон набуд, оқибат шишаи нафтро оташ дода, дар киштии маликзода андохтанд. Аксар аз ёрони маликзода сӯхтанд. Як шабу рӯзи дигар ҷанг карданд. Маликзода сафшикан ба сӯи зангиён оташ дод, зангиёни бисьёрро ҳалок кард. Бо вучуди он маликзода хирагӣ карда, муковимат намуда, ба ҷанг мекӯшид. Қор ба ҷое қарор гирифт, ки аз чиҳил ҳазор зангии одамихор ҳафт зангӣ монд. Аз лашкари маликзода ҳам ҳафт тан монданд. То шаб ҷанг карданд. Оқибатуламр зангиён макре карданд, ба ҳилаву найранг маликзодаву ёронаш гирифтор шуданд. Киштии маликзодаро ба сӯи худ кашиданд, маликзодаву ёронашро дар банд карданд, гирифта ба ҷониби соҳил рохӣ шуданд. Чун аз дарьё берун омаданд, маликзода дид, бар лаби дарьё тахте ниҳодаанд, як зангии чун кӯҳи Албурз бар он тахт нишаста, ҷамъи зангиён дар назди ӯ рост истодаанд. Маликзода донист, ки амири зангиён аст. Қариби тахти ӯ расониданд. Маликзода аз ҷиҳати иззат замини адаб бӯсида, гуфт:

— Субҳоналлоҳ... мо — бандагонатро аз шарри ин золимон нигоҳ дор!

Зангиён дар айни шаробхӯрӣ буданд, кабоби онҳо гӯшти одамӣ. Дар айни мастӣ чашм кушода, маликзодаро маа ёронаш дид. Фармуд, ки ниҳоро назди духтари ман баред, кабоб карда бихӯрад.

Алқисса, маликзодаро гирифта, назди духтари ӯ бурданд. Диданд, ки яке зангидухтареро ҷамъи зангиён бардошта бозӣ медоранд, бо вучуде, ки қади ӯ чун манора, даҳони ӯ чун магора, нофи ӯ чун тагора, чашмони ӯ чун деги рангрезон, ба он бадгуворан бинӣ чун дудкаши хумдон, даҳон ба мисли фаввора, дандони ӯ чун сангдони оҳангарон навора, гӯши ӯ чун гилемпора, дасти ӯ чун бозуи чинора, нохуни ӯ чун позаи деҳқонон гӯё алмоспора, лабҳои ӯ чун хартуми фил ба ҳар ду вора, абрӯвон чун пордуми маркаб ба рухсора, миёнаи пои ӯ чун гулхани ҳаммом хасу хошок анбора, дар бадан мӯи ӯ ҷангали Мозандарон. Аз барои зеб оҳакро ба худ нақшу нигор карда, пиёзҳои сурху сафедро ба худ ҳамоил карда, зинати худ дошт. Инчунин манораҳад, уштургардан, хукбашара, пешонии ӯ мисли гӯр танг, шика-

ми ӯ чун хуми нил [1], хукпистон, як марги ногахон, захмати чон, бағалаш зиндон.

Ровӣ гӯяд, ки чашми маликзода бар он зангидухтар афтод, он шаклу шамоилро дида, гуфт:

...— Ин духтарро чаро бардошта мегарданд? Магар касалманд аст?

Гуфтанд:

— Ӯ хурдсол аст. Хануз ба балоғат нарасидааст.

Маликзода лаб ширин кард[1]. Чун маликзодаро пеши он духтар оварданд, чашми ӯ афтод, шефтаи ӯ гардид. Маликзодаро ҳамрохи ёронаш фармуд:

— Инҳоро ба марғзоре баред, ки падарам набинад, худам кам-кам мехӯрам.

Эшонро дар марғзоре пинҳон карданд. Духтар мулозимонро амр кард, ки:

— Меҳмондорӣ сохта, ба ишрат нигох доред, фарбех шаванд, баъд аз он бихӯрам.

Худи ӯ низ таомхо пухта мефиристод. Аз хурмову анчиру мевахо мехӯрданд. Маликзодаву ёронаш чанд рӯз буд, ки дар кишти гурусна буданд, шукри бисьёре ба чой оварда, хамду сано ба хазрати чалла ва ало мегуфтанд ва тан ба казои илохӣ доданд ва ин байтро мехонданд:

Байт:

Ғариби кишвари толеъ чи парвои сафар дорад,
Чу лутфи хак бувад хамрох, чи парвои хатар дорад.

Ровӣ гӯяд, ки маликзодаву ёронаш дар он марғзор хафт рӯз ба нозу неъмат мебуданд. Духтар чанд зангиро посбон монда буд. Баъд аз ҳафт рӯз духтарро зангизанон бардошта ба назди маликзода оварданд, худхо дур рафтанд. Чашми маликзода бар вай афтод, мутаҳайир шуд, зеро ки ҳаргиз чунин надида буд.

Духтар дид, ки чехраи он чавон мутағайир гардид, гуфт:

— Уро маа ёрон баред!

Маликзодаро ба сарои ӯ бурданд. Фармуд, ки шароб биёред. Оварданд. То ними шаб ба шароб хӯрдан муқайяд шуданд. Чун маст шуд, духтари зангӣ ба маликзода гуфт:

— Эй чону чахони ман, дар ин чанд рӯз чӣ гуна будӣ?

Маликзода гуфт:

---

[1] Дар ин чо хуми нил ба маънии хуми рангрезӣ омада.
[1] *Лаб ширин кардан* — табассум кардан.

— Бе ту ачаб хушдилу шодмон будам.

Духтар гуфт:

— Эй чавон, ин сухани зиштро задӣ, мисли ман маликаи нодираи офок, ки чандин подшоҳ аз деву аз ахриману даволпой[1] дар орзуи назораи мананд, мисли ту одамизод сухани зишт ба рӯи ман, ки маликаи моҳлайкарам, гуфтӣ, аз сари худ натарсидӣ?! Маро чи ақида кардай?! Чи созам, ки ба ту дил додаам, ваилло кабоби газаки шароби худ мекардам. Бо ман чи касони хубу паҳлавонон, ки аз ғулону ахриманону аз зангиёну зангбориёну чинон ва аз ҳафтоду ду гурӯҳ аз ваҳшисарону сечашмон ба хостгории ман омадаанд, ман эшонро қабул накардам. Имрӯз мисли ту одамизоди бехонумони сел овардаро ман қабул мекунам, ту қабул намекунӣ, боз ҳам ноз мекунӣ.

Маликзода гуфт:

— Сухани ман аз рӯи ту зишттар нахоҳад буд.

Духтар гуфт:

— Эй одамизод, маро бо ту чи нисбат аст? Бо ман меҳр банд, ки давлат туро ёр шавад. Дил ба ҳамон кор гузор, ки оқибат пушаймон нашавӣ.

Ровӣ гӯяд, ки зангидухтар хар чанд муроот мекард, ичобат намешуд. Оқибат дар хашм шуда, амр фармуд, ки:

— Инҳоро нигоҳ доред, то ман бозбиёям.

Ин бигуфт ва бирафт. Зангиён нек мувакка[2] буданд. Шаб бигзашт, фармуд посбононро, ки дастос[3] фармоянд. Он зангиён чанд дастос дар пеши инҳо ниҳоданд, ки орд кунед.

Маликзода маа ёронаш чанд рӯз чунин авқот гузаронида, мегуфт:

Байт:

Сад қалъаи Кофро ба хомун судан,
Нӯҳ токи фалак ба хуни дил андудан,
Сад сол асирӣ банду зиндон будан,
Беҳ з-он, ки даме ҳамдами нодон будан...

Алкисса, дасти маликзода обила карда, хунафшон шуд. Бо вучуд ин холатро бехтар дониста, мебуд. Баъд аз чанд рӯз зангидухтар бозомад, ки «табарзине бидихед, хезумкашӣ кунанд».

Чанд рӯзи дигар бад-ин гуна умр ба сар бурданд. Агар хезум кам меоварданд, нон кам медоданд, агар хезум бисьёр меоварданд, нон бисьёр медоданд. Рӯзе маликзода бо ёронаш гуфт.

---

[1] *Даволпой* — рӯдапо, чонваре афсонавӣ, ки тан чу инсон ва пойҳои тасмаи дароз дорад.

[2] *Муваккал* — нигаҳбон, посбон.

[3] *Дастос* — осиёи дастӣ.

— Эй бародарон, маро тоқат намондааст. Агар сад сол дар ин ҷо бошем, хамин гирифторем. Тадбири ин кор бояд кардан, ки зуд аз ин ҷо биравем.

Ёрони маликзода иттифоқ карда, суханро дар як ҷо монданд, дар маслихати гурехтан шуданд. Маликзода Сонд ва ёронро ёд карда, ин абьётро бихонд:

Байт:

Эй бахт, чй хохй зи мани бедили зор,
Афкандай дар чунин балохои вабол.
Хар рўз барои дили ин хастаи зор,
Омад ғами ту бар дили ман сесад бор.
Рахме ба дили ғариби мискинам кун,
Бошад ки шавам мани ғариби афгор
Имрўз ба ёриву мададгории ту
Озод зи дасти зангии одамихор.

Алқисса, маликзода ин абьётро вирди (забони) худ сохта, дили худро хурсанд мекарданд. Рўзе ба ҳимакашй рафтанд. Маликзода ёрони худро гуфт:

— Имрўз хасу хошок ҷамъ кунед, амад созем, аз ин ҷо биравем.

Ҳама қабул карданд. Амад сохта, аз хар навъ мевае буд, андохтанд. Бо ҳамдигар гуфтанд: «Агар моро худои таоло аз ин об берун орад, фахувалмурод, ваилло дар об бимирем бехтар аст, ки дар дасти зангиёни одамхўр бимирем».

Ин гуфта, вақтро ғанимат дониста, таваккал ба худо карда, дар амад нишаста, равон шуданд. Маликзода мегуфт.

Байт:

Ҳама корам чу зулфи дўст парешону дархам аст,
Сад бахри фитна дар чигару дида бенам аст.
Як дида аз барои тамошо кифоят аст,
Лек аз барои дида хазорон бувад кам аст.
Дил пур зи мехри туст, азизаш нигох дор,
Донам ҳамин кадар, ки маро мавсими ғам аст.

Маликзода бо ёронаш амадро бар об меронд ва калимаи шариф мехонданд ва тан ба қазои илохй доданд ва ин абьёт мехонданд:

Байт:

Кардам сафар зи хеш, шудам мехмони ишк,
Ғайр аз кабоби дил, ки надидам ба хони ишк.
Доим ниходаам дили худро ба ёди ў,
Ҳастам ҳамеша дар ҳама ҷо мизбони ишк.
Гохе дар обу гоҳ дар оташ нишастаем,
Во кардаанд ба рўи охират дўкони ишк.

Аммо муддати бист шабонарӯз рох рафтанд, хеч осебе ба эшон нарасид. Ногох аввали бегох ба кудрати илохй боди мухолиф бархост. Дарьё дар мавч даромад, амадро чахонда-чахонда мебурд. То дах шабонарӯз бад-ин гуна мерафтанд. Маликзода даст дар амад зада буд, калиман шаходат мехонд... Баъд аз дах шабонарӯз бод сокин шуд, офтоби чахонтоб сар аз дарьёи об берун кард. Хамду сиёи беннёз гуфта, шукр ба чой оварданд. То як мохи дигар амад меронданд. Дар ин муддат дар дарьё ачоибу гароиб бисьёр медиданд. Шаб мешуд, дарьё чарогон мешуд. Хусусан дар шаби торик бехтар зохир мешуд. То дами субх хочат ба чароғ набуд. Харчанд пасими тунд вазидй, чарогонро нуксон набудй.

Ин чарогон шуои дидаи мохиён буд. Одами обй ва аз хафтоду ду гурӯх чихати тамошои ситорагон сар бароварда, тамошое мекарданд. Чун рӯз мешуд, дар дарьё фурӯ мерафтанд. Маликзода онхоро медид. Сари мохиён мисли сари фил, дум чун каманде. Хар киро ба дум мезаданд, ба дарьё мебурданд. Бад-ин гуна ачоибу гаронби бисьёр дида, шукри сонеи бечун мекарданд...

Алкисса, чун маликзода хамду сано хонда, амадро ба рӯи об ронда, мустағрики ачоиби дарьё шуда мерафт, ба канори чазирае расид, ки дарахтони бисьёр дошт, чои маргуб буд. Маликзода ба ёронаш гуфт:

— Агар худо иноят кунад, ки амади мо ба ин чазира расад, ба хушкй бароем, дигар ба дарьё харгиз наронем. Аз хавлу фарғи дарьё касе надида ва нашнида ва нахохад мисли мо дидан.

Чун ба чазира расиданд, ба сохил карор гирифтанд, шукри бисьёр гуфтанд. Ахд карданд, ки хамеша дар ин беша бошем. Аммо казоро фаромӯш карданд. Маликзода ба ёрони худ гуфт:

— Биёед, дар ин чо макоме хуш карда, ачоибу гаронбро тамошо кунем.

Ин гуфта бад-он чазира хуб сайр карданд ва неъмати бисьёр аз он наботот мисли хурмову анчиру бодому себу ноку ношпотиву анору бихиву норинчу турунчу чавз... ва каланфуру мурчу анвои мевахову неъматхо чандон буд, ки нихоят надошт, пухта ва рехтаву хушк шуда. Маликзодаву ёронаш аз он мевахо мехӯрданд ва сайр мекарданд ва шукр ба чой меоварданд. Маликзодаро бисьёр хуш омад ва ин байтро бихонд:

Байт:

Эй гулистони чамолат дар камоли хуррамй,
Олам аз нози ту пур шуд, нозанини оламй.
Синаро гуфтам, ки беғам шав, дилам ғамнок шуд,
Бо ғамаш, чоно, ки ман бошам, чи чои беғамй.

Аммо маликзода аз ҷихати шавқ пагоҳ то намози шом мегашт, ором намегирифт. Чун аждари зарини офтоби сипеҳр аз даричаи сӯрох дар ғори мағриб рафт, маликзода гуфт:

— Тадбир чист? Бар болои дарахтон бароем, ки газандаҳо касди мо накунанд. Дар дарьё махлуқоту ачиб бисьёранд.

Ёрон гуфтанд:

— Чунин кунем.

Шаб бар дарахт баромаданд. Фасле аз шаб гузашт, торик шуд, аз хар ҷониб овозҳои ачибу ғариб баромадан гирифт, чунон ки ларза дар андоми маликзодаву ёронаш афтод. Нигоҳ карданд, диданд, ҷонварони дарьё баромаданд, мисли шаголу гурбаву рӯбоху хамдунаву гург. Аммо баъзеи дигари онҳоро ба хеч чиз монанд карда намешуд. Аз он меваҳо хӯрданд, бо якдигар бозиҳо мекарданд ва наҳангони дарьё сар аз дарьё бароварданд... ва дигар чизҳо, ки буд, сар аз дарьё бароварда нола мекарданд. Овози онҳо бехтар аз чангу наю арғунун буд, баъзе ҷонваронро овози боҳайбат, хар боре фарьёд кардӣ, оташ дар рӯи дарьё афтодӣ. Маликзодаву ёронашро дил тапидан гирифт. Аз хайбату салобату фарьёди эшон то рӯз натавонистанд хоб рафтан. Чун хиндии шаб асоси айшу тарабро чамъ кард, зохиди кибланишини фирӯзакӯхи аънӣ сафедадами субхи нуронӣ аз кунҷи маонӣ чехраи нӯъмонӣ мусафо сохт, осори рӯз пайдо шуд, ин хама ҷонварон дар дарьё фурӯ рафтанд.

Маликзода гуфт:

— Моро дар ин ҷазира будан маслиҳат нест. Агар ин ҷонварон бинанд, моёнро зинда нахоҳанд мондан. Акнун аз ин ҷо мебояд рафтан.

Ин гуфта, хасу хошок чамъ сохта, аз меваҳо дар амад андохта, таваккал ба хазрати ҷузъу кул карда, дар амад даромада, амадро дар об мероиданд. Чаҳор моҳ дар рӯи дарьё мерафтанд, то рӯзе ба даҳанаи кӯхе расиданд ва бар он кӯҳ ҷазирае диданд, бисьёр хушу хуррам. Шодмон шуданд ва гуфтанд, ки: «Хар чи рӯй дихад, мебояд истодан. Дар хамин ҷо маҳом месозем».

Ровӣ гӯяд, ки чун бад-он ҷазира расиданд, аз об баромаданд, ҷое хушу хавое дилкаш. Ба сайр кардан мукайяд шуданд ва аз он меваҳо мехӯрданд ва давоиҳо дар он беша буд. Маликзода ва ёронашро хуш омад, сайр мекарданд ва ин абьётро мехонданд:

Байт:

Аз чоми ишки дӯст димоғе расондаам,
То хотири хазин ба фирокаш расондаам.

Маликзода бисьёр шодмон шуд. Чон ачибе буд, ки дарахтони ачиб дошт, барги ӯ чун барги анор, меваи ӯ чун сари одамӣ, забони худ чун тифл дар ҳолате, ки худои таоло дода, ба он мева низ дода. Маликзода тааҷҷуб менамуд. Меваи дарахтон овоз дар овоз андохта, фарьёд бароварданд ки: «вок-вок». Се соат чунин гуфта хомӯш шуда буданд, ки китъаҳои абр аз хар чониб пайдо гардид, борон бориданд гирифт. Маликзода дид, ки борон зоҳир шуд, баргҳо он меваҳоро дар миён гирифта, чунон печиданд, ки як катра борон дар он меваҳо нарасид. Чунон сел омад, ки чандин наҳр об ба дарьё рафт. То се соати дигар чунин буд. Чун абрҳо ба хар чониб мунташир шуд, офтоби чаҳонтоб рух намуд, барг аз рӯи меваҳо дур гашт. Барг он меваҳоро гузошта буд, ки боз он меваҳо ҳоҳ-ҳоҳ зада хандиданд. Маликзодаро хайрат зиёда шуд. Офарин бар сунъи хазрати раббулоламин карда, аз дарахт фуруд омад, боз ба фароғат шуд, то ба вакте ки чароғи зарини офтоб ба ошьёни мағриб рафт, сар дар зери бол кашида, шабпардаи мох аз шафаки уфуки машриқ ҷилва намуд.

Чун шаб маликзодаву ёронаш бар дарахте баромада карор гирифтанд, фасле аз шаб гузашта буд, ки диданд он дарахтони ин ҷазира чун мох медурахшид. Аз рӯшноии ӯ чаҳонеро гӯё ки оташ афрӯхтаанд. Маликзода харосид, ки мабодо дар ин ҷазира оташ афтода бошад. Боз бо худ гуфт, ки:

«Дар ин ҷо ғайр аз моён касе нест, оташ аз кучо хоҳад омадан». Вакте буд, ки аз баргҳои баъзе дарахтон овози самову навое омад, ки гӯё сад хазор мутриби хушовоз наҳмасарой мекунанд ва низ мурғони бисьёр буданд, мисли мурғобиву мурғи даштиву товусу тӯтиву булбулу кумриву ғайрахо ба зикру сано мукайяд буданд. Он ҷазираро ҷазираи Лодон хонанд, ба чониби Ҳиндустон аст, ҳеч ҷазирае аҷоибтар аз он нест. Дарахти филфил[1] дар он ҷо бисьёр аст, мисли дарахти вок. Ӯ хам дар вакти борон меваи худро дар миёни барги худ гирифта, мепечад, ки борон ба вай нарасад. Агар бирасад, табох шавад, тезу тундии ӯ намонад. Маликзода он бегохро ба хурсандӣ бигзаронид. Алассабох, ки мурғони ошьёни мағриб парвоз кард ва унноби офтоб пару бол бикшод, маликзода аз он дарахт фуруд омад, хамроҳи ёрони худ дар он ҷазира мегашт ва аҷоиби он ҷазираро тамошо мекард, сабзазору обшорҳоро медид. Дар ай-

[1] *Филфил* — мурч.

ни сайр буданд, ки ба ногоҳ хафт насносиён[1] пайдо шуданд, маликзодаву ёрони ўро диданд, касди хўрдан карданд. Маликзода хайрон монд, ки чи созад, ки аз он чо начот ёбанд. Дар фикр буд, ки мухолифат дар миёни эшонон афтод. Маликзодаву ёрони ўро банд карда, ба хўрдани заъфарон мукайяд шуданд, зеро ки хўроки онхо заъфарон буд. Дар он ҷазира заъфарон бисьёр буд ва ба ғайр аз заъфарон гиёҳи дигар намехўрданд. Заъфарон хўрда-хўрда, аз назари эшон дур шуданд. Маликзода вактро ганимат ёфта, банди якдигарро ба дандон кушоданд ва гурехта, дар гўшае пинҳон шуданд, то ба вакте, ки худо агар хохад, берун оянд...

Алғараз, маликзода дар он зовия[2] сайр мекард, то теги зарини офтобро дар ниёми мағриб фурў карданд ва каргирандагони сипохи шаб камонро аз кирбони[3] машрик берун карданд, тири шиҳоб шаст медоданд.

Чун шаб гардид, маликзода хост, ки берун ояд, халкони мутафарикаш мутағаиро, чунончи мазкур шуда буд, аз дарьё баромада, дар он ҷазира ба хўрдан мукайяд гардиданд. То ба рўз маликзода аз харос натавонист гурехтан. Чун кафас аз оташи сафедадам дар ошьён афтод ва байзаи байзо сар бароварда, рўз равшан шуд, халкони дарьё фурў рафтанд, маликзода хост, ки фикри рафтан кунад. Боз насосиён омада, ба хўрдани заъфарон мукайяд шуданд. Маликзода мутахайир шуда, дар фикр фурў рафт. Ба ёрони худ гуфт, ки: «Аз ин чо чй гуна берун равем? Шаб аз хароси вахшиёни дарьё, рўз аз хароси насносиён, окибат кори мо ба кучо хохад расидан? Магар такдир чунин бошад, ки ба максуд норасида халок шавем».

Бад-ин гуна то се шабонарўз гуруснаву ташна дар он зовия мебуданд, фикри берун омаданро намеёфтанд. Шаби чахорум маликзода аз сидки дил дар нолаву зорй даромад, аз худои таало талаби максуд мекард. Дар хини нолаву зорй буд, ки маликзодаро хоб рабуд. Аз тарафи такобули[4] ў Хизр, алайҳассалом, баромада, назди маликзода омада, гуфтанд:

— Эй фарзанд, чаро ин хама нолаву зорй мекунй?

Маликзода вокиан харос кашидан аз наснос ва халкони дарьёро такрир карданд. Эшон гуфтанд:

— Эй фарзанд, бархез, нигини Сулаймонро зери баландй гузор. Чун хикмати ў зохир шавад, халкони дарьё бигрезанд.

---

[1] *Наснос* — маймуни одамшакл.
[2] *Зовия* — гўша
[3] *Кирбон* — тиркаш.
[4] *Такобул* — мўкобил, рўй ба рўй.

Баъдаху хафт сӯрох бикун, чамъи заъфаронро дар он сӯроххо андоз, дигари ӯро поймол карда, дар гӯшае биншин, то ба вакте, ки насносиён омада, дасти худро дароз карда, хоханд, ки заъфаронро гирифта бароранд, натавонанд аз сӯроххо берун овардан. Он замон аз чой худ берун ой, хар чи хохӣ бикун ва эшонро ба халокат расон, зеро ки онхоро ин микдор акле нест, ки дасти худро холӣ карда, аз сӯрох бароранд, ба шумоён мухориба кунанд. Дил кавӣ дор, ки ба сарманзили максуд кариб расидаӣ. Иншооллох, ки муроди ту хосил мешавад.

Хазрати Хизр ин таълим намуданд, аз назар гоиб шуданд. Маликзода аз хоб бедор шуда, сачдаи шукр ба чой оварда, ёрони худро хабар дод. Хама хуррам гардиданд. Мулохиза карданд, кариб сахар шудааст. Маликзода аз чой бархоста, нигини хазрати Сулаймонро бар балаидие ниход. Чун машъал партав андохта буд, гирди нигинро гирифта. Дар гӯшае мунтазир биншаст, то ба вакте, ки халкони дарьё ба дарьё фурӯ рафтанд, чазира холӣ гардид. Он чи таълим ёфта буд, кард. Нигинро гирифта, дар гӯшае мунтазир биншаст, то ба вакте, ки рӯз шуд ва ховар ба сад зебу зинат гардид. Насносиён чун хуморие чихати заъфарон омаданд. Харчанд чахду саъӣ карданд, асаре наёфтанд. Хайрону парешон гашта буданд, ки ногох дар сӯроххо диданд, ки пур аз заъфарон буд. Ба завки тамом даст дар он сӯрох карда, мушти худро пур карда хостанд, ки аз сӯрох бароранд, натавонистанд. Акл набуд, ки дасти худро холӣ карда бароранд. Дар банд афтоданд, хайрон монданд. Маликзода ин холро дида, хамрохи ёрон ба тараддуди тиру камон шуда, ба эшон парронда, хамаро ба халокат расониданд. Худоро шукр карда, аз меваи он чазира бисьёр хӯрданд. Намози аср шуда буд, ки офтоб рӯй ба ғурбат ниход ва касди вилояти Мағриб карда, офтоби заринбол дар чохи мағриб фурӯ рафт. Маликзода ба ёрони худ гуфт, ки:

— Эй бародарон, шаб шуд, акнун маслихат чист?

Гуфтанд:

— Рой рои шумост.

Ровӣ гӯяд, ки маликзода меваи билонихоя гирифта, ба як чониби чазира рохӣ гардид. Шом буд, ки аз чазира баромад. Он бегох ба он чазираву биёбон рох мерафтанд. Рӯз шуд, баромада нигох карданд, шахре диданд, ороста, хушу хуррам ва пурнеъмат, бозорхои ободонӣ. Мардуми он шахрро сар чун сари саг, пойхо чун пои одамӣ, хариду фурӯхт мекарданд. Маликзода дар

тааччуб монд. Ногоҳ чашми яке аз он махлуқот ба шоҳзода афтод ва чамъеро хабардор карда, дар миёна гирифтанд ва мезаданд. Як соат маликзода харб намуд, дид, ки рост намеояд. Шаҳри азим ва мардуми бехад аз атроф хабардор шуда меомаданд. Боз маликзодаву ёрони ӯ харб мекарданд, ба худ мегуфтанд: «Дар ачоиб чое афтодаем». Харчанд карданд, ки чое ёфта гурезанд, наёфтанд. Ҳайрону музтариб ба кори худ шуда, дар тафаккур буданд, ки ногоҳ он хама мардум, (ки) дар чанг мекӯшиданд гурехтанд. Хеч кас намонд. Маликзодаро ҳайрат бештар шуд. Вакте, буд, ки аз такобули ӯ як нозанинписаре, сарвқаде, хуршедманзаре асп чаҳонда баромад, чамъи мардумро дар чилав андохта расид. Чашми он чавон ба маликзода афтод, пиёда шуда, бағал фароз карда, маликзодаро дар канор гирифта, рӯй бар рӯй ӯ нихода, зор-зор ба гирья даромад. Маликзода хам аз Соид ёд карда, чун фасле ба хамдигар гирья карданд, баъд аз он фармуд, асп оварданд. Маликзодаву ёронашро савор карданд, ба чониби мақоми худ бурданд ва бар тахт нишонда, хон густарониданд. Баъд аз фароғи таом кадаҳи шароб оварданд, базми мулукона ороста, ба ишрат нишастанд. Чахор рӯз дар айш буданд, шодком шуданд. Он чавон ба маликзода нигоҳ карда пурсид, ки:

— Эй бародар, гуле аз кадом гулистонӣ ва сарве аз кадом бӯстонӣ?

Назм:

Эй сарви хушхиром, зи бӯстони кистӣ?
В-эй гул, фитода зи гулистони кистӣ?
Афрӯхтӣ ба нури кадам кулбаи маро
Эй хуштар хаме зи шамъи шабистони кистӣ?
Ҳарфи вафову мехр кучо хондай, бигӯ?
То ин саводи хуш зи дабистони кистӣ?

— Эй хумои саиди соягустарӣ, аз кадом ошьёни баланд парвоз кардай, бад-ин сарманзил расидай, ки кадами одамизод нарасида ва нахохад расид?

Маликзода гуфт:

— Эй бародари хушкалом, магар фарзанди одам нестед?

Он чавон гуфт:

— Чӣ гуна, ки ман хам фарзанди одамиям, лекин кадами одамизод имкони ин чо расидан надорад.

Маликзода гуфт:

— Чӣ гуна дар ин маком афтодед?

Гуфт:

— Ба тарикае сафари дарьё мекардам, кишти табоҳ шуд.

Он чи амволу ашьё (доштам), ҳама ғарқи дарьё гардиданд. Қазои ман нарасида, ба тахтапорае монда, ба канори ҷазира расидам, ба машақати бисьёр ба хушкӣ баромадам. Дар он ҷазира мегаштам ба дасти насносиён гирифтор шудам. Қасди ҳалоки ман карданд. Ба сад ҳила аз ҷанги онҳо гурехта, бадин шаҳр омадам, подшоҳи ин шаҳр мурдааст. Мардуми ин шаҳр ахд дошта, ки ба ғайр аз одамӣ дигареро подшоҳ намекарданд. Ин шаҳрро шаҳри Сагсорон мегӯянд. Маро диданд, подшоҳи худ карданд. Агар қабул накунам, ба ҳалокат бирасонанд. Ночор ихтиёр кардам. Аз чиҳати ғарибиву бекасӣ зиёда мекоҳам. Акнун, эй бародар, қиссаи шумо чӣ гуна аст?

Маликзода қиссаи пурғуссаи худро гуфт. Он ҷавон ба ҳоли маликзода зор-зор бигрист ва гуфт:

— Эй бародар, имкон надорад, ки он сурат мавҷуд шавад. Худро беш аз ин ранҷа мадор. Бандагии маро қабул кун, баъд аз ин подшоҳи ин шаҳр ту бош, ман дар фармони ту бошам.

Маликзода гуфт:

— Ба ту арзонӣ бод, эй бародар. То гавҳари мақсуд ба даст надарорам, аз пой нашинам. Боз башорат ҳам ёфтам, ки анқариб, муяссар хоҳад шудан.

Он ҷавон ҳарчанд саъю тамаллуқ кард, маликзода қабул накард. То чиҳил шабонарӯз дар он ҷо буданд ва ишрат мекарданд. Баъдаху маликзода қасди рафтан кард. Он ҷавон бисьёр тавалло кард, муяссар нашуд. Окибат ба маликзодаву ёронаш аспу сару пои хуб инъом карда, раҳой кард ва низ рахбар ҳамроҳ кард.

Ровӣ гӯяд, ки дар он биёбон то ҳафт шабонарӯз роҳ рафтанд, об пайдо намешуд. Маркабон аз ташнагӣ ба ҳалокат расиданд. Маликзодаву ёронаш се шабонарӯз пиёда дар он биёбон афтоданд. Саргаштаву ҳайрон мерафтанд. Рӯзи чаҳорум буд, ки бар баландие баромада, мулоҳиза карданд, дарьёе дар назари онҳо даромад ва бешаи сабзу хуррам дар канори дарьё буд. Маликзода шукри эзид ба ҷой оварда, ба ҷое расид, дид, ки марди пире дар зери дарахти шафтолу нишаста, пушти ӯ аз бори ғам дуто гашта. Маликзода қариб омада, салом кард. Он пир ҷавоби салом дод, гуфт:

— Эй фарзанд, маро орзуест, ки мева аз шохи дарахт гирифта хӯрам. Аз чиҳати заъфи пирӣ, аз касрати нотавонӣ ба орзуи худ намерасам. Эй ҷавон, тавонӣ, ки маро дар гардани худ бардошта гирӣ, аз ин меваҳо ба дасти худ канам ва ба ту-

файли ту ба орзуи худ бирасам ва туро дуо кунам, ки умру давлати ту зиёда шавад ва бар сиини ман бирасй, дастигарону нотавон нашавй.

Маликзодаро рахм омад. Он мардро ба гардани худ гирифта, як навбат атрофи бешаро гардонид. Он чи орзуи ў буд, бад-он расонид. Баъдаху ба чояш оварда, гуфт:

— Акнун фуруд ой.

Он мард ба ханда даромада, гуфт:

— Эй одамизод, харгиз фуруд намеоям. Зеро, ки макоми даволпоён аст, ки ман малики онхоям. То туро хаёт (аст), рахо накунам. Вакте ки мурдй, аз дасти ман халос шавй. Маликзода хост, ки ўро бар замин занад, дид, ки дасту саропои ўро ба ресмон бастаанд. Мутахайир шуда, мулохиза карда дид, ки пойхои ў мисли ресмон будааст, бар дасту гардани маликзода печидааст. Маликзода лаб ширин карда гуфт, ки:

— Эй пирсаг, ба ин пойхои худ эътимод накарда, аз гардани ман фуруд ой ваилло бубин, ки туро чи мекунам,— гуфта ба хар ду зону нишаст, кувват кард, чун карбоси пўсида пойхои ўро пора-пора карда, бар замин афканда, ба халокат расонид.

Ровй гўяд, ки чун маликзода махлас ёфт, ба талаби ёрони худ дар беша мегашт, дид, ки дар гардани хар кадоми онхо як даволпо савор шуда, пои худхоро бар сару гардани эшон печидаанд ва давонда мегарданд. Маликзода як-як даволпоёнро сар зада, ёрони худро махлас дода гуфт:

— Эй бародарон, фикри рафтан бояд кардан,— гуфта хасу хошок чамъ карда, амад рост кард. Меваи бисьёр дар амад нихода, таваккал ба худои чузу кул карда, дар амад нишаста, дар об рохй шуданд.

Ровй гўяд, ки муддати як мох пайваста ба рўй об мерафтанд, хеч хушкй дар назари эшон надаромад ва офате низ нарасид. Маликзодаву ёронаш шодмон мерафтанд. Ба ногох боди мухолиф бархост, дарьё шўриш пайдо карда, мавч задан гирифт, амадро бар нишебу фароз овард. Маликзода даст дар амад зада, худойро ба бузургй ёд карда, гирьяву зорй ба хазрати борй карда, амон металабид. То се шабонарўз бад-ин гуна дар шўриш буд. То мерафт, зиёда мешуд. Наздик буд, ки маликзода халок шавад. Рўзи чахорум кариби чошт буд, ки

мавҷи дарьё боз дигаргун шуд, амадро оварда дар доманаи кӯҳ зад, ки амад пора-пора гардид. Он ҳафт мулозим, ки монда буданд, онҳо ҳам ба дарьё ғарқ шуданд. Маликзодаи бечора ба тахтапорае танҳо монда, ба рӯи об чун хубоб мерафт, дасти худро дар он тахтапора маҳкам карда, худойро ба бузургӣ ёд мекард. То се шабонарӯз дарьё шӯриш кард. Маликзода аз хавл чунон шуда буд, ки нон аз гулӯи ӯ намегузашт. Хайрон монда буд. Баъд аз се рӯз дарьё аз шӯриш фурӯ нишаст. Бод сокин гардид. Маликзода андак тасалло шуд, чашм бикшод, худро танҳо дид. Аз ёрону бародарон ҳеҷ кадомро надид. Оҳ аз дил кашид, дар фикри кори худ шуд. Панҷоҳ рӯзи дигар дар тахтапора мерафт, аз хушкӣ асаре наменамуд. Ғайр аз моҳии дарьё дигар озуқа надошт.

Байт:

Ишкро чандин бувад водӣ аз инҳо дар камин,
Мард мебояд ки аз як водии ӯ бигзарад.

Алкисса, рӯзе тахтапора маликзодаро ба канори ҷазирае баровард ва худро ба зудӣ дар он ҷазира гирифт. Аз хавл ӯ аз ҳуш рафт. Баъд аз муддате ба ҳуш омада, шукри худои таолоро ба ҷой оварда, дар он ҷазира мегашт, аҷоибу ғаронби ӯро тамошо мекард ва аз мева бисьёр хӯрда, дар сайр буд, ки ногоҳ ҷамъе аз бӯзина пайдо шуда, омада маликзодаро дар миён гирифтанд, мезаданд ва медавониданд, то ба шаҳре расониданд. Маликзода дар он шаҳр даромад, шаҳре дид, ороста ва пурнеъмат, ғайр аз бӯзина дигар чизе набуд. Мутаҳайир шуда ба ҳар ҷониб медавид. Бӯзинагон ӯро танг карданд, то ба канори кӯшке расид. Назар кард, дид, ки он кӯшк сар бар фалак кашида, тамоми ӯро ба зару ҷавоҳир оростаанд ва тахте дар он ҷо ниходаанд, ба лаълу фирӯзаву марвориду ёкуту алмосу гавҳар мурассаъ карда ва зиннат додаанд. Бар он тахт яке абрӯкамон, навҷавон, ороми ҷон, сарви равоне, новакмижгон, сияҳчашме, гавҳардандоне, мӯрчамиёне, фасеҳзабон, тӯтибаёне, одамзодписаре мурассаъпӯш нишаста, сад ҳазор дар сад ҳазор маймун дар ҳидмати ӯ даст баста истодаанд. Маликзодаро андаке дилаш карор гирифт, зеро ки ҷинси худро ёфт ва маймунонро дар фармонбардории ӯ дид.

Байт:

Кунад ҳамҷинс бо ҳамҷинс парвоз,
Кабӯтар бо кабӯтар, ҳоз бо ҳоз.
Кулангон бо кулангон, дуроҷ бо дуроҷ,
Мусича бо мусича, боз бо боз.

Ровй гўяд, ки маликзода ўро дида, ба сўи ў рафта, салом кард, иззати ўро ба ҷой овард. Маликзодаро малики маймунон ҷавоби салом дод, ҷавоне дид, ки чун моҳ медурахшид. Бо вуҷуде, ки меҳнати роҳ кашида буд, чун Юсуфи вакт буд. Гуфт:

— Эй ҷавон, хуш омадй!

Баъд аз он ба курсй нишаст, пурсид, ки:

— Эй ҷон бародар, аз кучой? Ин ҷо чи гуна афтодй, ки харгиз кадами одамизод нарасида?

Маликзода вокиаи гузаштаи худро тамом бигуфт. Малики маймунон зор-зор бигрист ва гуфт:

— Ман низ писари рои Хиндам, нюми ман Абдуррахмон аст. Чун маро ҳавои Миср дар сар афтод, маро хам орзўи дарьёбор шуд. Ба тарики бозаргон ба дарьё даромадам. Киштии ман ҳам шикаст, ба тахтапорае мондам. Муддате ба рўи об мегаштам, ба канори он ҷазира расидам, худро аз об берун гирифтам. Ногоҳ ин маймунон маро гирифта оварда, амири худро карданд. Ин маймунонро расм ин буд, ки чун амири эшон бимирад, ба занон наздикй мекарданд, то аз одамизод оварда амир кунем, моро накушад. Эй маликзода, акнун маро аз маймунон духтар доданд, фарзандон дорам. Ҳоли ман бад-ин навъ-ест, ки гуфтам.

Маликзода бар аҳволи ў афсўси бисьёр хўрд. Малики маймунон гуфт:

— Акнун хуб шуд, ки ба сарвакти ман омадй. Ман ғариб будам. Подшоҳиро ба ту таслим мекунам, мани камина ҷокари ту бошам.

Маликзода гуфт:

— Аз Гулистони Ираму Бадеуччамол хабар надорй?

— Малики маймунон гуфт:

— Эй маликзода, ин сухан мушкил аст, ки ту мегўй. Ман харгиз Гулистони Ирамро нашунидаам.

Шохзода Сайфулмулук бигрист, гуфт:

— Эй бародар, то хабар наёбам, харгиз аз по нанишинам.

Подшоҳи маймунон гуфт:

— Ин меҳнатро чаро ба ҷони худ мекунй? Дар ин муддат хабар наёфтй, аз одамй дур афтодй. Чй гуна хабар хохй ёфт?

Сайфулмулук гуфт:

— Он хама машаккат кашидам, то бад-ин маком расидам, хабар наёфта аз ин ҷо гаштан маслахат нест. То ба доманаи кўхи Коф рафта аз Гулистони Ираму Бадеуччамол хабар наёбам, орому карор нахоҳам гирифт. Агар аз он ҷо хабар ёфтам, баъд аз он ба хидмати падар хоҳам рафт.

Малики маймунон гуфт:

— Эй маликзодаи одамизод, он чо рафтан имкон надорад.

Шохзода гуфт:

— Эй бародар, умедворам, ки худо хохад, он чо расам ва хабар ёфта, гавхари максуд ба даст дарорам. Маро аз ин рох манъ макун ва мехнатхои бисьёр кашидаам, то бад-ин маком расидаам. Акнун мехнат мисли гузашта нахохад буд.

Сухан мухтасар, малики маймунон харчанд манъ кард, мамнўъ нашуд. Окибат ризой дода гуфт:

— Эй маликзода, якчанд рўзе бо хам ишрат кунем, ки дидори якдигар ганимат аст. Боз мабодо ки дидорхо ба киёмат монад.

Сайфулмулук гуфт:

— Эй бародар, умед дорам, ки боз дидори якдигарро бубинем. Хохем ба хам пайвастан.

Байт:

Чунон мехри ту гашт андар каминам,
Ки натвонам даме якчо нишинам.
Саропо шамъсон бигдохт чонам,
Ки ман саргаштаи ин нозанинам.
Бикаш дасти навозиш бар сари ман,
Рахам бинмо, гариби ин заминам.
Ба гайри ў агар хури бихишт аст,
Ба имдо сўи ў харгиз набинам

Алкисса, малики маймунон гуфт:

— Эй маликзода, боре, ду-се рўз ба хам ишрат намоем.

Шохзода гуфт:

— Чое ки умеди паёму хабари Гулистони Ираму Бадеуччамол набошад, мани саргаштаи мехнатдида он чо чй гуна истам.

Ин бигуфт, зор-зор бигрист.

Байт:

Дили ошик кабоби сўхта аст.
Васфи ишон зи шарх берун аст.

Подшохи бўзинагон ба сад хазор тамаллуку зорй гуфт:

— Ин бегох ист, фардо туро чавоб хохам дод.

Баъдаху анвои кабобу шаробро ороста, ба ишрат мукайяд шуданд ва чанд хазор бўзина дархол хозир шуданд, баъзе чўбхо бар даст гирифта, чун хочибон кондапардозй мекарданд ва баъзе ракс мерафтанд ва лаъбхои[1] гуногун менамуданд ва баъзе дафу духулу чумлаи нагамот мисли наю самтуру конуну ар-

[1] *Лаъб* — бозй.

ғунуну авсофи наґма менавохтанд, то ба вакте, ки шохини заРини офтоб сар дар ошьёни маґриб фурӯ кашид ва зоґи тезпарвоз бар сари ахли тараб соя кард. Баъзе аз бӯзинагон шамъхову чароґхову машъалхову фонусхо хозир карданд. Он шаби жарфбуни зангивачи хабаширанґро чун рӯз равшан карданд. Шаб то рӯз нишот карданд. Сайфулмулук афъолу атвори эшононро тамошо мекард ва тааччуб мекард, то ба вакте, ки рӯз шуд, Сайфулмулук касди рафтан кард. Малики бӯзинагон аз чиҳати шохзода аспу сарупон мулукона иньом фармуд. Чанд бӯзинаро хамроҳ карда, гуфт:

— Эй бародар, чун бад-ин асп савор шавӣ, зинхор ӯро дахл макунӣ, ба тавраш гузорӣ. Агар сустӣ кунад, аз холи ӯ бӯзинагон хабардоранд. Ба сарҳади вилоят расидӣ, аспро ба бӯзинагон бидеҳ, худ ручъат карда, бирав. Агар ба максуд расидӣ, маро хотирчӯй карда боз хохӣ омадан, чаро ки аз барои ту бисьёр парешонам.

Алқисса, бо якдигар видоъ карда, маликзодаро дар асп он бӯзинагон савор карданд ва равон шуданд. Хар вакте, ки асп зидаке сустӣ мекард, бӯзинае аз ҷой часта, гӯши аспро мегазид, асп боз дар рафтор медаромад. То се шабонарӯз асп меронд. Рӯзи чаҳорум аввали бегоҳ ба сарҳади вилоят расиданд. Асп карор гирифт. Маликзода фахмид, ки ба сарҳади вилоят расид, аз асп фуруд омад, ба бӯзина гуфт:

— Вилоят наздик будааст.

Бӯзина гуфт:

— Хазор фарсанг роҳ омадаӣ.

Сайфулмулук ангушт ба дандон газид. Бӯзинаро видоъ кард, ӯ рӯ ба роҳ ниҳода равон шуд. Маликзода доман ба занчири камар устувор карда, пиёда мерафт. Хафт шабу рӯз роҳ рафт. Рӯзи хаштум кариби чошт буд, ки гуруснаву ташна ба машаккати бисьёр ба доманаи кӯхе расид, ки гӯё сутуни осмон буд. Мурґи мунаккаше дид, дар зери санге нишаста, минқор дар мехроби сина партофта. Шохзода аз камоли гуруснагӣ майли он мурґ карда, охиста-охиста омада, хар ду пои ӯро гирифт. Он мурґ дар парвоз даромада, ба хаво рафт. Маликзода дил ба марг ширин карда, худро ба худои таоло супорид ва мурґ парвоз карда мерафт, то ба хадде, ки хар ду пои маликзода дар ҷое карор гирифт. Чашми худро кушод, худро дар болои кӯхе дид. Мурґ нопадид шуд. Маликзода хамду сано мар худоро гуфт. Кадам бар фурӯзи кӯҳ ниҳода, роҳӣ гардид. Ба мехнати тамом баъд аз хафт рӯз аз кӯҳ фуруд омада, сарчашмае дид ва дарахти хурмову анор дар сарчашма буд. Малик-

зода аз он хурмову анор хўрда, ба сари чашма нишаст. Дасту рўи худро тоза карда, ба ҳар ҷониб менигарист, зор-зор гирья карда, аз Соиду Гулистони Ирам ва Бадеуччамол ёд карда, ин абьётро меҳонд:

Байт:

Дар шўриши чунуну меҳнати ҷаҳон шудам,
Андар хаёли васли рухаш мубтало шудам.
Гаштам ғариби ишқ андар ин мақом,
Аз дўстону Соиду ёрон ҷудо шудам.
Дар ҷустуҷўи он гули фирдавси гулистон,
Будам кучову окибат охиф кучо шудам...

Маликзода гирьян бисьёр карда, аз ҷои худ бархоста, кадам дар роҳи таваччўҳ ниҳода, равон шуд. Ба ҳар ҷониб нигоҳ мекард, ба ҷуз соя дигар ҳамроҳ намедид. Гоҳ-гоҳ бар ҳолати худ меҳандид. Роҳро намедонист, ки ба кучо меравад. Таваккал... карда, мерафт. Ин абьётро вирди забони худ карда буд:

Байт:

Фитодаам ба биёбони бе раху рўе,
Дар орзўи хаёли бути парирўе.
Ба ҳайратам, ки чи созам, кучо равам, чи кунам,
Ки роҳгумшударо нест роҳбар сўе.
Ба фикри зулфи Бадеуччамол саргардон,
Чунон шудам, ки шудам аз фироки ў мўе.
Фасурда гашт маро пои сабр дар доман,
Рафиқи роҳбарам нест ғайр аз оҳуе.
Ба хуни дил кунам ҳар дам вузўъ зи баҳри намоз,
Барои он, ки ниҳам рў ба тоқи абрўе.
Шудам ғарқ ба гирдоби он тилисми фано,
Зи шевасозии чашмони шўхи ҷодуе.

Алқисса, маликзода бад-ин гуна то панҷ шабонарўз гуруснаву ташна бар баландие баромад. Бар фурўзи он бешае дид, ки ёд аз фирдавс медод. Аз ҳар гуна дарахту мева гулу сабза хувайдо буд. Об чун гулоб мавҷ мезад. Нағмаи мурғони хушилҳон дар он беша бисьёр буд. Маликзода шодком шуда, шукри худо ба ҷой овард. Аз он мевахо хўрдан гирифт ва бар он беша тамошо мекард, то ба мақоме расид, ки хиргоҳе аз мармали сафед барпой кардаанд, он қадар назокат дорад, ки аз партави ў тамоми беша гўё гули сафед шукуфтааст. Маликзода аз дари он хайма даромад, дид, ки тахте ниҳодаанд, бар болои тахт духтаре хоб кардааст. Маликзода хуррам гардид. Акнун ки бар тахт баромад, парда дид. Пардаро аз рўи ў бардошт. Ҳарчанд кард, бедор нашуд. Бо худ гуфт: «Агар мур-

да бошад, нафас задан чи маънй дорад?». Ба атрофи он хона назар кард, лавхе дид, аз фўлод бар болои сари духтар нихода. Лавхро гирифта дид, ки хеч хат надорад, боз бар чояш нихол, лекин вожгуна нихол. Духтар атса зада бедор шуд. Ханўз чашм накушода, зор-зор бигрист ва гуфт:

— Эй патёра[1] сухан хамон аст, ки гуфтаам. Эхтимол надорад, ки туро кабул кунам. Худро халок мекунам. Маро аз хоб бехузур кардй. Дур шав, ки худро халок хохам кард!

Маликзодаро хайрат зиёда гардида, гуфт:

— Эй малика, магар ту девона шудай? Чашм аз хоб бикшо!

Чун духтар овози одамй бишнид, ба завки тамом чашм кушод, шохзодаро дид, чун курси ховар бар сари ў истода. Аз чои худ бархост ва хурмати маликзодаро ба чой овард ва гуфт:

— Эй бани одам, ин чо чй гуна омадй, ки имкони омадан надорад.

Маликзода гуфт:

— Эй духтар, магар ту аз бани одам нестй, ки маро таччуб мекунй?

Духтар гуфт:

— Эй гулбадан, ман хам аз бани одамам, лекин ин макоми париён аст, кадами одамй ин чо расидан имкон надорад. Туро дидам, мутахаййир шудам, ки чй гуна омадй.

Маликзода гуфт:

— Ту чй гуна омадай?

Духтар гуфт:

— Эй чавон, бо ту рост гўям ё дурўғ?

Маликзода гуфт:

— Ростиро завол нест.

Байт:

Ростй овар, ки шави растагор,
Ростй аз ту, зафар аз кирдигор.
Аз качй афтй ба каму костй,
Аз хама ғам растй, агар ростй.
Найшакар аз ростияш нўш ёфт,
Гул зи качй хор дар оғўш ёфт.

— Эй малика, он чи аз ту гузаштааст, гўй.

Духтар гуфт:

— Эй бародар, бидон, ки ман духтари подшохи париёнам, Малика-хотун ном дорам. Рўзе бо канизакону хамсолон бар боми каср аз чихати тамошову нишот баромада, шодй мекардам,

---

[1] *Патёра* — бало, офат, рухи нопок, зишт.

ногоҳ китъаи абре аз ҳаво пайдо шуда, дасте аз миёни абр пайдо гардида, маро аз чамъ рабуда бурд. Аз хуш беҳуш шудам. Боз ба хуш омадам, худро дар ин маком дидам. Чавони паризод дар таҳкобули худ дидам, ҳайрон ба кори худ шудам. Хост ба ман дастдарозй кунад, ханчар ба худ доштам, гирифта касди ҳалоки худ кардам, банди дасти маро гирифт, гуфт:

— Чй ҳол дорй?

Гуфтам:

— Эй чавон, маро аз падару модар чудо карда дар ин чо овардй, ҳоло мехоҳй, ки бо ман дастдарозй кунй. Акнун чудо шудам, бо ман мурдан беҳтар аст. Бигзор худро ҳалок мекунам.

Гуфт:

— Эй малика, ман ба ту ошиқ шудаам. Писари подшоҳи париёнам. Туро ин чо овардаам, ки марҳами доғи дилам бошй. Эй нозанин, бо ту аҳд кардам, ки то ту худ розй нашавй, ба ту даст наниҳам. Ҳар чи бошад, дар назарам зинда бошй, худро ҳалок макун,— гуфта, маро ҳам қасам дода, бигзошт. Ба чиҳати умеде, ки боз падару модарро бинам, даст аз ҳалоки худ боздоштам. Вақто ки ӯ ҳаст, бедорам, аз ҳоли худ хабар дорам, вақто ки ба шикор равад, хоби маро бад-ин лавҳ сохта меравад, ки агар дах шабонарӯз наёд, ман ҳам бедор нашавам. Агар бидаранд, имкон надорад, ки бедор шавам, магар ин лавҳро вожгуна ниҳанд. Ин қоидаро худи ӯ медонад, дигаре намедонад ва касе аз ҳароси ӯ ин чо намеояд. Эй чавон, маъзур медорй, ки надониста туро суханони дурушт гуфтам аз ин чиҳат, ки аз чон ба сер омадаам. Ҳоло муддати дувоздаҳ сол аст, ки дар ин машаккат гирифторам.

Малика чун киссаи худ тамом бигуфт, гирьяи бисьёр кард ва гуфт:

— Эй бародар, акнун ту киссаи худ бигӯй. Туро аз гардиши чархи фалаки ғаддори бӯкаламун бар сар чй афтода?

Маликзодаи бечора низ гирьён-гирьён киссаи пурғуссаи худро аз аввал то ба охир баён кард.

Малика гуфт:

— Эй бародар, агар ин чо дар банд набудаме, албатта туро ба висоли Бадеуччамол мерасонидам.

Маликзода гуфт:

— Чй гуна?

Малика гуфт:

— Ману Бадеуччамол ҳамшира мебошем, зеро ки аз волидаи худ шунидаам, ки рӯзе ман дар канори модар шир мехӯр-

даам, волидаам дар зери тахт нишаста буд, ки ногоҳ паризодзане ғаҳвора аз чӯби сандали ба ёкут мурассаъ карда гирифта назди модари ман фуруд омада, шароити иззат ба ҷой оварда, гуфт, ки: «Эй малика, аз ман матарс, ки ба мулозимати ту омадам. Аз ту бар ман манфиати бисьёр расид. Зеро ки ҳар вақто, ки атрҳо бар худ кардӣ, димоғам муаттар шудааст. Имрӯз мехоҳам, ки нисбати шиносӣ пайдо созам. Ман аёли малик Шаҳболи Шоҳрухи подшоҳи Гулистони Ирам мебошам. Маро ҳам дар ин боғ таваллуд ёфта, мехоҳам, ки фарзанди туро шир диҳам ва ту ҳам фарзанди маро шир диҳӣ. Ин нисбати ҳамширагӣ дар миёни мову ту бошад, сабаби ошной шавад».

Алкисса, волидаи ман фарзанди ӯро шир дода, он ду ахд сохта, ки ҳамшира шаванд. Чанд рӯзе бо ҳам буда, ишратҳо кардаанд... Волидаи ман ба он паризан гуфта, ки «дили ман фарзанди туро бисьёр дӯст медорад, як замон аз назарам дур нагардад». Ва волидаи ӯ ахд карда, ки дар ҳар шаш мох як навбат Бадеуччамол меояд. Чанде айшу нишот мекардем, бо ҳамдигар бозиҳо мекардем, ба шодкомӣ бозмерафт. Ҳоло муддати дувоздаҳ сол аст, ки ман дар бандам. Ӯ аз ман хабар надорад, ваилло албатта ба махласи ман меомад. Гумон он аст, ки маро мурда пиндоштаанд.

Ин қиссаро баён карда, зор-зор бигрист, мегуфт:

— Эй бародар, дар банди паризод дармондаам, ваилло туро ба висол мерасонидам, ӯро муяссари ту мекардам.

Маликзода гуфт:

— Рост мегӯй ё дили маро хурсанд мекунӣ?

Малика гуфт:

— Қасам ба худо, ки рост мегӯям.

Маликзода гуфт:

— Эй ҳоҳар.

Байт:

Паёме гуфтиву чону диламро шодмон кардӣ,
Фасурда хотири ғамдидаи манро равон кардӣ.
Ғарибафтодаи ҳомуннаварди хору зореро
Бад-ин чо лек дил ӯро чу саҳни бӯстон кардӣ.
Ба сад ҳасрат дар ин водӣ расида буд чон бар лаб,
Паёмам гуфтиву аз зиндагонӣ ҳовидон кардӣ.
Масеҳовор аз анфос чон бахшид, медидам,
Биҳамдуллоҳ хароботи диламро обдон кардӣ.
Ба кӯи он парӣ рохе намудӣ, аз сарат гардам,
Ки мурғи рӯҳпарвар(ро)ба сӯи ӯ равон кардӣ.
Нишоне деҳ маро з-он кӯи дахрноёб, эй ҳосид,
Кунун, к-ин хотири шӯридаамро бӯстон кардӣ.

Маликзода гуфт:

— Эй хоҳар, агар рост мегӯй, ман туро ба пеши модарату падарат гирифта барам.

Малика гуфт:

— Эй бародар, маро аз дасти парӣ чӣ гуна мебарӣ? Имкони бурдан надорад.

Ва маликзода гуфт:

— Ӯро кушта, туро ба ҷон мебарам.

Малика гуфт:

— Касеро ҷон дар бадан набошад, ӯро натавон кушт.

Маликзода гуфт:

— Тааҷҷуб, ки ҷон дар бадани ӯ набошад, чӣ гуна таҳаррук намояд?

Малика гуфт:

— Эй бародар, рӯзе шароб меҳӯрдем, маст шуда буд, пурсидам, ки умри ту дар чанд расида бошад, гуфт:

— Аз умри ман ду ҳазору дусад сол гузаштааст.

Ман гуфтам:

— Бо вуҷуди он ҳама тӯли амал ҳанӯз ҷавонӣ. Кай пир шавӣ?

Гуфт:

— Касеро, ки ҷони ӯ аз бадан ҷудо бошад, ҳаргиз пир нашавад.

Гуфтам:

— Ин чи сухан аст, ки мегӯй? Ҳаргиз нашнидаам, ки ҷони касе аз бадан ҷудо бошад.

Гуфт:

— Оре, рост мегӯям. Лекин ҳукамои ҷин маро чунин кардаанд.

Гуфтам:

— Ҷони ту дар кӯҷост?

Бо ман тундии бисьёр карда, гуфт:

— Туро бо ҷони ман чӣ кор?!

Ман гирья кардам, ки: «Маро аз падару модар ҷудо кардӣ, боз бо ман дурушти мекунӣ. Агар гӯй чӣ мешуда бошад?». Бисьёр гиристам, гуфт:

— Ҷони ман дар шиша, он шиша дар сандуқ аст, он сандуқ дар каъри дарьёст пинҳон.

Гуфтам:

— Агар касе хоҳад, он сандукро аз каъри дарьё берун орад, чӣ гуна созад?

Гуфт:

— Нигини ҳазрати Сулаймонро ба дарьё нишон дихад, ба баракати он нигин сандуқ берун ояд.

— Акнун, эй бародар, нигини Сулаймон мебояд, ки гавҳари максуд ба даст дарояд, вайлло имкон надорад, ки ўро касе бикушад. Ҳар чанд ўро пора-пора кунй, боз зинда шавад. То чони ў ба даст надарояд, намирад.

Ин гуна зор-зор дар гирья даромад ва ин абьётро мехонд:

Байт:

Афтода мустаманду ғариб дар ин бало,
Бечорои зинфаи аз хонумон чудо.
Дар банди парй, ки умеди начот нест,
Бо сад ҳазор дог шудем окибат фано.
Бигзор бандарову ғузар з-ин маком зуд,
То ҳеч офате нарасад з-ин бало туро.
Агар фитад ба сўи Сарандеб рохи ту,
Аз мо расон саломе ба сад зинхоро.

Шохзода гуфт:

— Эй Малика, шодком бош, ки нигини ҳазрати Сулаймон... бо ман аст.

Малика аз ин вачҳ шодмон гардид. Ҳар ду хамроҳ бар лаби дарьё омаданд. Маликзода нигинро нишон дод, филфавр дарьё дар шўриш даромада, мавҷ задан гирифт, сандуқ баромад. Маликзода дарҳол дар сандуқ дарафтода, гирифта кушода он шишаро бароварда дид, ки кабўтаре дар дарони шиша ва кабўтарро гирифта сар аз тан чудо карда бар замин афканд. Вакте диданд, ки аз ҳаво хун боридан гирифт. Ногоҳ саре аз ҳаво бар замин афтода тапидан гирифт ва чон ба молики дўзах супурд. Маликзода аз малика пурсид, ки:

— Ин сарро мешиносй?

Гуфт:

— Сари ҳамон парист, ки дар байди ў будам. Алҳамдулиллох, сабаби начоти ман ту шудй. Акнун, эй бародар, фикри рафтан бояд кард.

Маликзода амад баста, меваи бисьёр андохта, ҳамроҳи духтар дар амад нишаста, таваккал ба худо карда, дар рўи об равон шуданд ва тамошои дарьё мекарданд. Шаш моҳ муттасил ба сайёҳй умр ба сар бурданд, ҳеч газанде нарасид. Рўзе маликзода сар ба хоб монда буд, малика хода дар об зада амад меронд, ки ба ногоҳ наҳанги азиме аз рўи дарьё пайдо гардид, касди амад кард, ки ғарк кунад. Малика маликзодаро бедор кард ва гуфт:

— Бархез, ки балои азиме омад.

Маликзода бархост, шамшерро гирифта, наҳангро пора-пора кард. Шукри худо карда, равон шуданд. Бисту як рӯзи дигар роҳ рафтанд. Рӯзе амад бар канори ҷазирае расид. Маликзодаву малика ҳар ду худро аз амад берун андохта, дар он ҷазира сайр мекарданд, аз меваҳо мехӯрданд, то ба вақте, ки аз он ҷо берун омаданд. Порае рафта буданд, ки ҷамъе аз одамӣ зоҳир шуданд, ки хима ҷамъ мекарданд.

Маликзода гуфт:

— Эй хоҳар, алҳамдуллилоҳ, ба вилояти одамизод расидем. Ту дар гӯшае биншин, ман рафта пурсам, кучо омадем.

Алқисса, Маликаро ба канорае қарор дода, назди он мардумон рафт, пурсид, ки:

— Ин вилоят кучост?

Гуфтанд:

— Ин вилояти Ҳинд аст.

Маликзода хуррам шуда, гуфт:

— Эй бародарон, духтари подшоҳи Сарандебро аз банд наҷот дода овардаам. Тавонед ба малик хабар расонидан? Ба шумо инъомҳо хоҳад дод.

Ишон гуфтанд:

— Эй ҷавон, Сарандеб чиҳилрӯза роҳ дур аст. Аммо бародари малики Сарандеб дар ин вилоят подшоҳ аст.

Вокиаро рафта ба Малика баён кард.

Ӯ гуфт:

— Эй бародар, амаки ман дар ин вилоят подшоҳ аст.

Нафасе рост карда, қадам дар роҳ ниҳода, асоҳо гирифта, аз миёни беша аз қайди ҳичрон раста, ҳар ду пои хаста роҳ мепаймуданд. Баъд аз се рӯз ба сарчашмае расиданд, ба ду зону фурӯ рафтанд. Маликзода аз Малика дар пиёдаравӣ комилтар буд. Баъд аз муддате Малика ба ҳол омада, гуфт:

— Эй бародар, куввати роҳ рафтан надорам, ҳамин ҷо таваккуф намоем. Агар ба амакам хабар расида бошад, кас хоҳад омадан.

Маликзода чанд сайде карда, кабоб сохта, ҳар ду хӯрданд, дар пайи осоиш шуданд. Ногоҳ аз як ҷониби бодия ҷамъе канизону хочасароёну мулозимон пайдо шуданд, омада Маликаро мулозимат карда, саропарда барпо карданд. Маликаву шохзода ҳар дуро бар тахт нишониданд ва ба шодкомӣ нишастанд. Фасле гузашта буд, ки боз аз канори бодия гарде пайдо шуд, лашкари анбӯҳе баромад. Маликзода аз мулозимон пурсид, ки:

— Ин чи лашкар аст?

Гуфтанд:

— Амаки Малика аст, ҷиҳати истиқболи шумоён баромадааст.

Малика ба ҷониби ӯ равон гардид. Чун малик иттилоъ ёфт, ки маликзода ҳамин ҷавон аст, худро аз асп бар замин гирифта, ӯ низ равон шуд. Лашкар низ пиёда гардиданд, ба маликзода мулоқот карданд. Шоҳ дасти маликзодаро гирифта, аз ранҷи роҳ пурсид, фарзандвор марҳамат намуда, назди Малика омад. Ӯро низ навозиш карда, то се шабонарӯз ба канори чашма ишрат менамуданд. Баъдаҳу маликаро дар маофаи зарнигор нишонида, маликзода низ рокиб[1] гардида, ба вилоят рафтанд. Аз барои падари духтар ба вилояти Сарандеб хабар фиристоданд, ки Малика ба саломат расид. Чун хабар ба Точулмулук ва модари Малика расид, хурраму шодмон гаштанд. Ҷамъи уламову фукаро ва зуафо[2], алалхусус, волидаи Малика жӯлидаву шӯрида, ба таваччӯҳи тамом ба ҷониби Малика равон гардиданд. Хабар ба Маликаву маликзода расид, ки шоҳи Сарандеб расид. Маликаву маликзода ва ҷамъи мардуми он шаҳр истиқбол баромаданд, ба шодкомӣ шоҳи Сарандебро дар боргоҳ даровардаанд. Бо ҷамъи сипоҳ қарор гирифта, ба ишрат муқайяд шуданд. Точулмулук инъому эҳсону ваъдаҳои мухаббат дамбадам марҳамат менамуд. Ҳар рӯз маликзода ба шикор мерафт, то этминонӣ[3] хотир шавад. Аз ваҷҳи Соид ошуфтэ буд, ки дар ин вакт ӯ боистӣ ин паёмро шунидӣ, марҳами дилро донистӣ. Аз бетокатӣ соате намеосуд.

ВОҚИАИ ЕФТАНИ МАЛИКЗОДА СОИДРО

Овардаанд ки, алкисса, рӯзе маликзода дилафгор аз ҷиҳати изтироб хамроҳи мулозимон ба шикор мерафт, ногоҳ дар дӯкони косагарӣ ҷавони мачҳул[4] ба мушобеҳи[5] Соид дид, ки оташ мекунад. Мулозимонро фармуд:

— То аз шикор омадани ман он ҷавонро мухофизат карда, нигоҳ доред.

Баъд аз муддате аз шикор омад, амр кард, ки рафта биёред. Соид аз ҷиҳати ҳарос дар гӯшае пинҳон гардид. Ба маликзода гуфтанд:

---

[1] *Рокиб* — савор.
[2] *Зуафо* — заифон, заиҳо.
[3] *Этминон* — боварӣ, дар ин ҷо ба маънии таскин омадааст.
[4] *Мачҳул* — номаълум.
[5] *Мушобеҳ* — монанд.

— Гурехтааст.

Маликзода бетоқатии бисьёр карда, бараҳна бархоста, посбононро танбеҳ карда, фармуд, ки албатта ўро ёфта биёред. Мулозимон гумон карданд, ки душмани маликзода будааст, дар тараддуди ў шуданд. Ҳар ҷониб давиданд, ўро ёфта, баста ба уқубат гирифта равон шуданд. Соид бо худ мегуфт: «Ман чи гунох кардаам, ки маро ин тариқа мекунанд?». Окибат чашми маликзода бар Соид афтод ва мулозимонро ҳайбат карда, дасти ўро боз карданд ва таом хозир карда, пурсид, ки:

— Эй ҷавон, аз кучой ва чи ном дорй? Рост гўй, ин ҷо чй гуна афтодй, ваилло озор медиҳам.

Соид гуфт:

— Аз вилояти Миср мебошам, Соид ном дорам.

Маликзода охи сард кашид ва бехуш афтод. Мулозимон Соидро бештар озор доданд. Чун маликзода ба хуш омад, гуфт:

— Эй ҷавон, туро чи шуд, ки ин ҷо афтодй?

Гуфт:

— Писари вазири подшоҳи Мисрам, падарам Солеҳ ном дорад. Маликзодае доштам, Сайфулмулук ном, ба сурати парирўе ошиқ шуда, саъю тараддуд карда, аз барои маъшуқа сафар ихтиёр кард. Ба ў мутобиат кардем, дар сайри дарьё баромадем, меҳнату машаққатҳои бисьёре кашидем.

Сайфулмулук гуфт:

— Ман воқиаи ўро шунидаам. Аз киштй табоҳ шудан ва чудо афтодани худ ин ҷониб қиссаро баён кун.

Соид гуфт:

— Эй малик, бидон, ки дар он вақте, ки киштй табоҳ шуд, ҳама ғарқ шуд. Ман ба тахтапорае мондам, бар рўи об мерафтам. Ба худой таваккал карда, ба марг дил ниҳода, гирьёну нолон, саросема, бо ҷони харобу дили кабоб то шаш моҳ рафтам, ҳеч газанде бо ман нарасид. Ба ғайр аз оби дарьёву моҳии реза озуқа надоштам ва намедонистам ба кучо меравам. Аз тарси ҷон хоб аз ман рафта буд. Хушкй набуд, ки як соат карор гирам. Маро тоқати кор аз сабр гузашт. Рўзе бад-он ҳол мерафтам, ки аз рўи дарьё киштиҳо пайдо шуд. Чамъе аз зангиёни одамихор пайдо шуданд, маро бигрифтанд, ба маконми худхо бурданд. Маконми эшон дар миёни ҷазира буд. Маро бурда дар кафас андохтанд. Маро алаф медоданд, ман намехўрдам. Худи онхо хурмову анҷир мехўрданд. Ба ман кадре хурмову анҷир медоданд, мехўрдам, тааччуб мекарданд. То муддати ду моҳ дар банди эшонон будам. Фикри гурехтанро наёфтам. Ҳайрон ба кори худ шудам. Сабаби начоти худро на-

медонистам, то як рӯзе хамаи эшон бахри шикор рафтанд. Вактро ғанимат шумурда, кафасро шикастам, худро аз он банд халос кардам. Хурмову анҷири бисьёр гирифта, гурехтам. Боз ба канори дарьё расидам, амад баста ба дарьё равон шудам. Ду моҳи дигар сайёх будам, хеч офате ба ман нарасид. Аҷоибу ғароиби бисьёр дидам, ки чамъе аз кашафон[1] дар он мавзеъ бо хамдигар талош мекарданд. Аз он ҷо бигрехтам бар фарки кӯх баромадам. Баъд аз се шабонарӯз бешае дидам, сабзу хуррам. Аз канори он беша шахре дидам, аз санг сохта, иморатхои ӯ низ аз санг буд ва халоики бешумор хозир гардиданд. Шод шудам, ба сайри он беша мукайяд гардидам. Аз мевахои ӯ бисьёр хӯрдам. Вакте буд, ки аз он халоиқ чамъе ба назди ман омаданд. Назар кардам, турфа мардуме дидам, сарҳо чун сари одамӣ, як чашм доштанд, пойхое чун пои гов, худҳо барахна, чун мурғ дар баданӣ онхо пар раста ва нохунхои дасту пой чун чанголи ҷонварон. Сухани эшонро харчанд кардам, фахмида нашуд. Хамаи онхо дароздандону шутурлабон буданд. Маро гирифта ба шахри худ бурданд, маро малики худхо карданд ва бар тахт нишониданд. Як сол малики эшон будам, харгиз сухани онхоро нафахмидам. Онхо низ сухани маро нафахмиданд. Окибат ба найранге аз дасти онхо гурехта, чихил рӯзи дигар дар рӯи дарьё рафтам. Боз ба дасти зангиёни одамхӯр афтодам, маро ба ҷазираи худ бурданд. Маро бурда, дар охур бастанд, маҳзи бодому пиставу равғани зард ба ман медоданд ва то се моҳи дигар дар банди эшон будам. Як рӯзе маро гирифта дар киштӣ андохта, аз барои малики худ мебурданд. То як моҳи дигар киштӣ дар об меронданд. Шодӣ мекарданд, ки ба малики худ хадья мебарем. Рӯзе... раъд ғурридан гирифт, боди мухолиф пайдо гардид, киштиро рабуда, ба хар сӯ мебурд. Ду рӯза-се рӯза рох ба турфатулайн мегурехт. Хар чанд саъй карда, лангар андохтанд, киштиро натавонистанд нигох доштан. Маълум набуд, ки рӯз кай мешавад, аз чихати тирагии хаво. Баъд аз муддате бод сокин шуда, борон карор гирифт, офтоб баромад. Киштӣ аз рафтор монд. Акнун мулохиза намудам, ба канори вилояте расидаем. Чамъе дар лаби дарьё нишаста, тамошо карда, шаст андохта, моҳӣ мегирифтанд. Назар кардам, аз бани одам буданд. Бо худ андеша кардам, ки агар аз ин ҷо бигзарам, дигар умед ба начот нест. Фарьёд баровардам, ки «ман хам аз бани одамам, ба дасти зангиёни одамхор гирифторам, маро дарьёбед!». Он ҷамоат чан-

---

[1] *Кашаф* — сангпушт.

ги сахте карда, зангиёнро кушта, маро аз дасти онҳо начот доданд, дохили вилоят карданд. Як сол дар он шаҳр будам, ба ишрат мебудам. Мардуми он шаҳр маро азиз медоштанд. Лекин ҳавои ҳаёти маликзода маро бетоқат кард. Рӯзе аз он шаҳр баромада, қадам дар роҳ ниҳода, ба назди шоҳзода роҳӣ шудам. Ҳафт шабу рӯз роҳ паймудам, то ба сарчашмае расидам. Чаҳор нафар қаландар дидам, ки нону об меҳӯрданд. Қариби онҳо расидам. Мардум маро иззат карда биншонданд. Ман ҳам озукае, ки доштам, бароварда дар миёни онҳо гузоштам. Аҳволи маро пурсиданд. Ман киссаи худро баён кардам. Эшон парешон гардиданд, гуфтанд:

— Эй ҷавон, аз ҷумлаи ҳунарҳо чи медонӣ?

Гуфтам:

— Ҳеч чиз намедонам, зеро ки ба шавкат парвариш ёфтаам ва андеша накардаам, ки рӯзе ҳунар кор ояд.

Яке аз эшон гуфт:

— Эй ҷавон, ҳар кадом ҳунарҳо дорем.

Якеи он гуфт:

— Ҳунари ман он аст, ки агар дар роҳ фурӯ монам, бар чӯбе савор шуда, афсун мехонам, чӯб мисли мурғ дар парвоз медарояд, маро ба манзили мақсуд мебарад.

Дигаре гуфт:

— Ҳунари ман он аст, ки аз ҳар замин, ки ҳоҳам, зар пайдо созам.

Дигаре гуфт:

— Ман мурдаро зинда мегардонам.

Дигаре гуфт:

— Ман ба об мисли замин роҳ меравам.

Алқисса, ҳар кадом ҳунари худҳоро баён сохта, роҳӣ шуданд. Баъд аз чанд шабу рӯз ба канори бешае расидем. Доманаи кӯҳ буд. Хостам, ки дар он дароям, назар кардам, дар он ҷо шери мурдае дидам. Маро ба хотир расид, ки қаландаре, ки мегуфт «мурдаро зинда месозам», бубинам, рост мегӯяд ё не. Хаёли худ ба он қаландар гуфтам.

Гуфт:

— Эй ҷавон, ӯ дарранда аст ва гурусна мебошад, мабодо ки ба ту зиён расонад.

Ман хандае бо худ карда гуфтам, ки «дурӯғ мегуфтааст».

Қаландар дар қаҳр шуда дигаронро гуфт:

— Қанора истед!

Эшон дур рафтанд. Қабзаи хоке аз замин гирифта, афсун хонд, ба мурдаи шер афшурд. Назар карда истода будам, вақ-

те буд, ки шер дар чунбиш даромада, аз ҷо бархост. Чунон маҳв шудам, ки акл аз ман рафт. Шер барчаст, рост шуд, назар кард, ногоҳ чашмаш бар ман афтод, фарьёду фиғон карда, қасди ҳалоки ман кард. Дар он вакт тарсидам, калима бихондам. Ҳайрон ба кори худ шуда, бар атроф назар кардам, аз каландарон асаре надидам. Ҷониби беша давидам. Шер мутаоқиби ман омад. Ба миёнаи беша расидам, дар сари роҳ аждаре дидам, чун кӯҳ даҳон боз карда, садди роҳ шуда истодааст. Маътал мондам. Аз акиб шер омад. Агар қафо гардам, тӯъмаи шеър хоҳам шуд. Агар пеш равам, ба коми аждаҳо меравам. Эй малик, бубин, ки бар сари одамӣ чи вокиаҳо содир мешавад. Аз ҳароси ҷон ба атроф назар кардам, ёреву меҳрубоне надидам. Аз шоҳзодаи худ ёд карда, бисьёр гиристам. Ба ҷониби дасти рост роҳе дидам, кадам дар он ниходам, ки бигрезам, аждар нафаси сӯзандаи худро сар дод. Оташ дар он беша афтод. Тару хушки ин мавзеъ даргирифт. Ба шитоби тамом кадам нихода, бигрехтам. Баъд аз он ба канори беша расидам. Худро ба зудӣ аз он беша берун гирифта, дар тамошо шудам. Ҷаҳонро дуду зулумот гирифта буд, то ними роҳ ҳамаро даррабуда. Он ачоибро дидам, ҳамду санои худовандӣ гуфтам, роҳӣ шудам. Баъд аз муддати мадид ба вилоят расидам. Аз ҷиҳати беҳунарӣ фақирӣ ихтиёр кардам. Дар пахлӯи ошпазе рафта, оташ монда, авкот мекардам. Намедонам, ки чи гунох кардаам, ки мулозимони шумо маро бисьёр заданд.

Чун Сайфулмулук қиссаи Соидро шунид, бисьёр бигрист ва гуфт:

— Эй бародар, маъзур медоред, ки мулозимони ман шуморо надонистаанд. Ман фармуда будам, шуморо ба назди ман биёранд, мавчиби он, ки Сайфулмулуки ғарибафтодаи меҳнаткашидан ғурбати фироку захри иштиёк чашида ва хори алам дар хавои Гулистони Ирам дар дили пурғам халида манам.

Байт:

Чӣ гуна шарх диҳам киссаи дили пурхун,
Ки хаст шарҳи чунин кисса аз забон берун.
Чудо фитода зи ёру бародару хешон,
Фитода ғамзадаву нотавон ба холи забун,
Ҳазор мартаба кардам ҳаёли он гесӯ,
Ба кишвари дили ғамдидагони ӯ шабхун.
Бидон, ки ғамзада Сайфулмулук хастам ман,
Зи дасти ишқ шудам хоназдо ин хомун.

Маликзода номи худро гуфт. Соид бехуш шуда бияфтод, чунон ки ӯро мурда пиндоштанд. Шоҳзода сари ӯро дар канор

гирифта, гулоб афшурда, равгани бодом чарб карда молид. Соид чашм кушод... сари худро дар канори маликзода диду ин абьётро бихонд:

Байт:

Чи холаст, ки мани дилхароб мебинам,
Гули шукуфтаи худ дар канор мебинам.
Шудаст тобиши нозам канори домани ту,
Димоғро чу қадаҳ пургулоб мебинам.
Маро зи бахти бад имрӯз ҳайрате шудаст,
Ки сар ба зонуи он офтоб мебинам.
Зи бахти тира надорам гумони он ки туй,
Магар хаёл бувад ё ки хоб мебинам?

Шохзода гуфт:

— Эй Соид, сар бардор, ки ман Сайфулмулукам.

Соид боз бехуш шуд. Боз ба хуш шуд, омада дар кадами маликзода сар нихода, рӯи худ мемолид, дар гирди шохзода мегашт, бисьёр гирист. Маликзода ӯро навозиш карда, ба гармоба фиристод. Баъд аз он сарупои мулукона пӯшонда, бо зинати тамом карин сохт. Ба ишрат нишаста, базм ороста, сари эшон аз бодаи ноб гарм гардид. Соид саргузашти маликзодаро пурсида, гуфт:

— Бигӯё, ки бо ту чӣ рӯй дод? Ҳеч паём аз Гулистони Ираму Бадеуччамол ёфтӣ ё не?

Маликзода гирьён шуд, киссаи пурғуссаи худро ба Соид тафсир намуд. Соид чун саргузашти маликзодаро шунид, зорзор чун абри навбахор гирист, таҳсину офарин ба кирдорхои маликзода мекард. То паризодро начот додан, аз Гулистони Ирам хабар додани ӯ ва омадан ба вилояти Сарандеб, ҳамаро бигуфт.

Соид сачдаи шукр ба ҷой овард ва гуфт:

— Эй малик, дилтанг мабош, умед аст, ки анкариб ба висоли Бадеуччамол бирасӣ.

Ба хурсандии тамом ҳар ду ба ишрат нишаста, шароб мехӯрданд, нарду шатранҷ мебохтанд ва ба нагамоти муғанниён мепардохтанд. Ба нишот бо ҳамдигар буданд, чашм дар роҳи Бадеуччамол медоштанд. Шоҳи Сарандеб Тоҷулмулук аз омадани Соид хабардор гардид, сӯҳбате ороста, Соидро ҳамрохи маликзода талаб карда, сухбаторонро намуда, инъоми мулукона ба Соид мехрубонӣ намуд ва ҷомҳои муҳаббат медод ва навозишхо карда, саргузашти ӯро шунида, офарин мекард. Ваъдаи висоли Бадеуччамол дафъи кудурат[1] менамуд ва гуфт:

[1] *Кудурат* — ранҷу малоли хотир.

— Эй фарзанд, баъд аз дах шабонарўз, иншооллох, ваъдаи омадани Бадеуччамол аст ва тулўи хуршеди висол аст, наврўзи оламафрўз аст ва ошикони парешонхол аст. Хотири худро чамъ доред, ки, иншооллох, саъю таваччўх карда, як тарика намуда, ўро ба маликзода муяссар гардонам.

Шохзода Сайфулмулук бо хамрохии Соид замини хизмат бўса дода, зонуи адаб тах намуда, маликро сатоиш карда, ба макоми худ рафта, ба ишрат карор гирифтанд. Рўз мешумурданд, бад-ў интизор мебуданд, то ин ки дах рўз гузашт. Дар шаби ёздахум ба амри хисрави анчум кариби шабнам[1] буд, ки чамеи девону парён аз чониби Гулистони Ирам Бадеуччамолро бар тахти мурассаъ нишонда, ба сархо бардошта, вок-вокзанон ба кўшки малики Сарандеб фуруд оварданд.

Байт:

Ку косиде, ки расонад паёми чонафзо
Бад-он ғариби диёри фироку хачри бало.
Насими субх кучой, ки ин паём барй,
Ки «шод бош, ки бигзашт интизорихо!»
Чи шаб, магар шаби кадре, ки мох карда тулўъ,
Карор дода дили зори бекарорихо.

Ровй гўяд, ки чун Маликаву волидаи ў ва Точулмулук аз омадани Бадеуччамол иттилоъ ёфтанд, ба завки тамом истикбол карда, чашми Бадеуччамол ба Малика афтод, ўро дар канор гирифта, навозишхо кард, гуфт:

— Эй хамшираи ба чон пайванд, чй гуна шуд, ки аз дасти он парй, ки имкони начот ёфтан набуд, халосй ёфтй?

Малика гуфт:

— Ба сабаби як одамизоде начот ёфтам.

Бадеуччамол гуфт:

— Имкони одамизод он чо расидан нест. Аз чихати дур будани он макон ва дигар аз тарси он парй дев он чо рафта наметавонад, одамизодро чи рутбае бошад!

Малика гуфт:

— Эй Бадеуччамол, соате аз гарди рох осоиш кун, баъдаху ин достонро бо ту такдир намоям.

Алкисса, эъзозу икром карда бар тахт бинишонданд ва чоми май дар гардиш даровардаид ва таомхои гуногун хозир карданд. Пас аз соате сархо аз бодан ноб гарм гардид. Мехнати рох аз хотири Бадеуччамол махв шуд, Маликаро гуфт, ки:

— Эй хамшира, акнун сабаби начоти худ бугўй.

---

[1] *Шабнам* — ин чо ба маъниии пагохонй омадааст.

Малика вокиаи пириро куштану дарьёй шудан, ба шаҳри падару модар омадан, хамаро баён кард. Бадеуччамол зор-зор ба гирья даромад ва навха карда, сару рӯи Маликаро бӯса мекард, узрхоҳй менамуд. Малика киссаи худро мухтасар бигуфт. Бадеуччамол гуфт:

— Эй хоҳар, аҳволоти он ҷавон чй гуна буда, ки бад-он сарманзил омада, хотаму[1] нигини Сулаймон ба ӯ чй гуна расида? Холо он ҷавонро чй кардй?

Ба ин кадаре, ки маъшука надониста пурсиши ошиқ мекунад, ҷони нотавони маликзода тавоной гирифта, мурғи руҳи ӯро парвозе ба ҷониби ӯ бар сар афтода, турфа изтиробе дар табиати шоҳзода вокеъ шуд, ба Соид гуфт.

Соид гуфт:

— Сабаби бетоқатй он аст, ки аҳволоти ту маълуми маъшука шудааст.

Гуфт:

— Ба кадом далел?

Ӯ гуфт:

— Ин бегохи ёздахум аз ваъдаи малики Сарандеб гузашт. Гумони ман он аст, Бадеуччамол омадааст, аз Малика аҳволот мепурсад. Ин изтироб ба чиҳати он аст.

Дар ин сухан буданд, канизаке паёми омадани Бадеуччамолро ба шоҳзода Сайфулмулук оварда, муждагонй хост. Шоҳзода лаъли хушобу гавҳари сероб дар бозу дошт, ба канизак инъом фармуд ва садака ба дарвешон медод ва сачдаи шукр ба чой овард, ки «алҳамдулиллох, меҳнати ман зоеъ нашуда, сирати он сурат рост будааст». Бад-ин паём ором дар табиати маликзода карор гирифт ва чашми умед дар роҳи қосид дошт, ки ваъдаи маликаву малики Сарандеб чи натича медода бошад? Ошики содикро чунин ҳолат ва ишқ чандин ғусса аст.

Маликзода гуфт:

Байт:

Чашме дорам чу хусни Ширин ҳама об,
Бахте дорам чу чашми Хусрав ҳама хоб.
Чисме дорам чу чисми Мачнун ҳама печ,
Чоне дорам чу зулфи Лайлй ҳама тоб.

Маликзода дар ин холат буд, ки Бадеуччамол аз Малика пурсид, ки:

— Воқиоти он ҷавон чй гуна будааст?

Малика гуфт:

---

[1] *Хотам* — ангуштарин.

— Воқиаи ӯ аз ҳадди баён берун аст.

Бадеуццамол гуфт:

— Ҳоло он ҷавон дар шаҳр аст ё ба хидмати малик рафта?

Малика гуфт:

— Эй ҳамшира, падарам ӯро мулозимат мекунад. Ба ҷиҳати некӯии ӯ, ки дар бораи ман кардааст.

Бадеуццамол гуфт:

— Чӣ ном дорад?

Малика гуфт:

— Сайфулмулук ном дорад.

Бадеуццамол гуфт:

— Шаммае аз аҳволи ӯ бигӯй.

Малика гуфт:

— Сабр кун, то хона аз ағьёр холӣ гардад, зеро ки гуфтаанд:

Байт:

Дар маконе ҳарф мегӯям, дами номаҳрам аст,
Дар миёни рози муштоқон қалам номаҳрам аст.

То қариби саҳар шароб меҳӯрданд ва нишот мекарданд, то ба вақте, ки ҳамаи канизону надимону хоҷасароёну мутрибону чинону девон маст гардида, ба канорае рафтанд. Чун хона аз ғайр холӣ шуд, Бадеуццамол гуфт:

— Эй хоҳар, акнун киссаи он ҷавонро баргӯй, ки ба ӯ чи расида, ки дар ин мақом омадааст, дар ин хурдсолӣ ин ҳама меҳнат дида?

Малика гуфт:

— Эй бонуи замон, ӯро ишқ дар ин водӣ овардааст.

Бадеуццамол гуфт:

— Маъшуқаи ӯ кист?

Малика гуфт:

— Маъшуқаи ӯ гавҳари ноёб.

Бадеуццамол гуфт:

— Имкон надорад?

Малика гуфт:

— Иншооллоҳ, муяссар шавад.

Бадеуццамол гуфт:

— Эй хоҳар, рост бигӯ, ки ин ҳама меҳнат аз барои кӣ кашидааст?

Малика гуфт:

— Ин ҳама меҳнат аз барои ту кашидааст.

Бадеуццамол ин суханро аз Малика шунид, чун оташ дарги-рифт, гуфт:

— Эй хохар, ин чи сухан аст, ки бар рӯи ман гуфтӣ?! Чи сӯзам, ки бо ту нисбати хоҳарӣ дорам, вагарна каси дигар мегуфт, озурда мекардам.

Малика гирьён шуд ва гуфт:

— Эй ҳамшира, сабаби начоти ман ӯ шуд. Сухани маро кабул нокарда боз дурушти мекунӣ. Аз чиҳати ту меҳнатҳо кашида ва обилаҳои по дида.

Бадеуччамол гуфт:

— Аз ту ачаб, ки одамизоди бевафоеро бо ман нисбат мекунӣ. Ман паризод, ӯ одамизод, бо ҳамдигар имкон надорад.

Малика гуфт:

— Агар бевафо мешуд, худро дар ин бало гирифтор намекард.

Бадеуччамол захрханда карда, ноз намуда, гуфт:

— Ин суханонро гузор, маро бехузур кардӣ,— гуфт ва сар ба хоб нихад.

Ҳарчанд Малика сухан пурсид, чавоб чун дод:

— Саргузашт гуфтан хуб аст. Бигӯй, то маро хоб ояд.

Малика гуфт:

— Аз дида ё шунида?

Гуфт:

— Аз дида гӯй, беҳтар аст, зеро ки бузургон гуфтаанд.

Мисраъ:

Шунидан кай бувад монанди дидан.

Малика гуфт:

— Дар вилояти Миср подшоҳе буд, ки номи ӯ Осим бинни Суфвон.

Қиссаи шоҳзода Сайфулмулукро аз аввал то ба охир такрир намуд. Ҳамаи меҳнатҳову ачоибҳои ӯро баён кард ва машаккатҳои ӯ, дар дарьё ба дасти зангиён афтодан ва ба насосиён гирифтор шудани ӯ, ҳамаро як-як баён кард. Бадеуччамол хайрон шуда, дилсӯзӣ мекард ва ба меҳнатҳои ӯ гирья мекард.

Малика суханро бад-ин ҷо расонид, ки аз вилояти бӯзинагон баромада, ба доманаи кӯҳе расид, пои мурғеро гирифта, мурғ ӯро ба сӯи ҳаво бурда, ба бешаи Исфандиёр, ки ман дар банди ӯ будам, макоми он парӣ буд, расонид. Бадеуччамол то ин ҷо нафаҳмида, ки ин қиссаи пурғуссаи ӯ бошад, агарчи Малика номи Сайфулмулуку Бадеуччамол мегуфт. Ӯ бад-ин акида буд, ки Бадеуччамоли дигаре бошад. Чун суханро бад-ин ҷо расонид, Бадеуччамол мутталеъ шуд, ки қиссаи ӯст, гуфт:

— Эй хохар, туро гуфтам, ки хикояте гӯй, ки дафъи ғам шавад, на он ки кулфати маро зиёда кунӣ. Турфа суханони бехуда гуфтӣ, ки андӯхи ман зиёда гардид.

Ровӣ гӯяд, ки агарчи Бадеуччамол ба зохир ин тариқа суханон мегуфт, аммо дар байн муҳаббати ӯ ба маликзода хазор чанд шуда буд. Дилаш метапид, дар такаллумот афтода, ба Малика бедимоғихо кард. Гуфтаанд, ки дар ҳақиқат ишқи маъшуқа зиёда аз ошиқ аст ва тафовут миёни ошиқ ва маъшуқ он аст, ки ишки ошиқ музохир аст ва ишки маъшуқ пинхон аст. Дар ишқ инчунин холот бисьёр аст...

Байт:

Зан э-оташи ишқ беш сӯзад,
Хошоки заиф беш сӯзад.

Ошиқон ҳарчанд муштоқи чамоли дилбаранд,
Дилбарон дар ошиқӣ аз ошиқон ошиктаранд.

Бадеуччамол ба маликзода месӯхт, ба дидан дил мегирист, аммо ба сабаби ғурур, ки оини маъшуқа аст, таннозӣ менамуд.

Малика гуфт:

— Эй хоҳар, хостам, ки ахволи маликзодаро маъзури[1] рои дилнавози ту созам, ки маълум гардад, ки одамизоди бечора аз ватан овора шуда, аз барои ту ин хама мехнатҳо кашида, чон дар кафи даст гирифта, чонбозихо карда, дил аз падару модару акрабо бардошта, тарки тоҷу тахт карда, ихтиёри гадоии кӯи ту карда, балки ин гадоии туро бехтар аз подшохии худ донистя, аз чанд укубатҳо гузашта ва ваъдаи чамоли бокамоли туро аз ман шунида, дил аз хама канда, он пириро ба умеди ту кушта ва маро аз дасти ӯ начот дода, машаккатхои бисьёр аз барои ман кашида, то дар ин маком омада. Дар ин муддат дар ваъдаи ман умедвор буд. Акнун чӣ гуна шавад, ки хилофи ваъдаи ман шавад ва хилофи ваъдаи падару модари ман низ шавад. Эшон ҳам ваъдахо кардаанд. Эй хоҳар, агар қабул накунӣ, моён дар назди шохзода шарманда шавем.

Бадеуччамол ба сад хазор таклиф[2] худро нигоҳ дошта, гуфт:

— Эй ҳамшира, хомӯш бош, ин сухан аз ту лоиқ нест, зеро ки ман паризодаам ва ӯ одамизод. Ҳаргиз парӣ бо одамизод

---

[1] *Маъзур* — арз.
[2] *Таклиф* — душворӣ, сахтӣ.

унс нагирифта ва нахохад гирифт. Ин хаёли фосидро аз дил барор, худрову маро бисьёр озор мадех, ваилло дигар нахохам омадан.

Малика хайрон монда, ангушти таҳайюр ба дандони тафаккур гирифта, зор-зор дар гирья даромад, гуфт:

— Ғараз аз ин кисса он буд, ки аҳволоти ӯ маълуми шумо шавад. Чиҳати шумо ин хама меҳнату кулфат кашида. Шояд ки туро раҳм ояд, бо вучуди бевафой одамизодро бингарй.

Бадеуччамол гуфт:

— Эй хохар,

Байт:

Кам гӯ сухан, ки хотири дилдор нозук аст,
Бори гухар намекашад ин тор, нозук аст.
Не тори умр маҳкаму не тори дӯстй,
Афсӯс аз ин ду ришта, ки бисьёр нозук аст.

Малика гуфт:

— Эй ҳамшираи аз ҷон киромитар.

Байт:

Бехуда санг бар дили озурдагон мазан,
Аввал бубин, ки сина чи микдор нозук аст.

Бадеуччамол гуфт:

— Эй хоҳар, висоли ман ба ӯ кай муяссар шавад? Ва дигар ин ки ман ба таври худ нестам, ки сухани туро ҷабул кунам. Дигар ин ки ман ба тариқи меҳмонй омадаам. Дар ин вакт ин сухан чи лоиқ аст?

Малика сар дар пеш андохта, рӯй дар кадамҳои Бадеуччамол нихода, пои ӯро дар дидагони худ мемолид ва бӯса бар кафи пои ӯ мезад ва мегуфт:

— Эй бону, ман хам медонам, ки ин вакти сухан нест, лекин ба ӯ ваъда карда будам, ки ӯро бо ту хоҳам намуд. Умедвори ваъда аст. Худ беҳтар медонй, ки хеч бало бадтар аз умедворй нест. Меҳнатҳои гузашта ӯро кифоят аст. То ба ҳоло набудй, сабр мекард. Акнун вакти он аст, ки худро ба ӯ намой, то ваъдаи мо рост шавад дар назди ӯ дурӯғгӯй нашавам, бойси забондарозии ман шавад.

Бадеуччамол захрханда карда, гуфт:

— Аз он душвортар фармудй. Агар паёми ин сирро ба гӯши падару модари ман расонанд, маро пора-пора хоҳанд кард ва дигар ин ки маро омадан ҳаргиз нахоҳанд гузошт.

Малика гуфт:

— Эй хоҳар, вакте ки илтизоми[1] худро намудан куни, туро ҳамчунин намоям, ки ба ҷуз худо дигаре мутталеъ нашавад.

Бадеуҷҷамол гуфт:

— Эй хоҳар, ин хаёл аз дил бардор, ки имкон надорад, ки ман худро ба ӯ намоям.

Малика ҳар чанд саъю таваҷҷӯҳ кард, Бадеуҷҷамол кабул накард. Дар ин вакт падару модари Малика ба назди Бадеуҷҷамол омада, ӯро пурсиданд. Баъд аз он холи гузаштан шоҳзодаро баён карданд ва зор-зор дар гирья шуданд, ки моён дар рӯи ӯ чӣ гуна нигоҳ мекунем, дурӯғгӯй шудем.

Точулмулук гуфт:

— Эй фарзанд, чаро ин суханро кабул намекунӣ? Дар хакки фарзанди ман некӯй карда, бо вучуди ҳамин машаккат фарзанди моро саломат овардааст. Холо муддатест, ки дили маҳзуни ӯро ба ваъдаи висол шод мекардем, ки албатта бо ту муяссар хохем кардан. Эй фарзанд, агар риояи маро кунӣ, хурмати мӯи сафеди маро нигоҳ дорӣ ва ризои маро хоҳӣ, худро ба ӯ нишон дех, ки ӯ бубинад, сабаби обрӯи пири ғулом гардад.

Волидаи Малика сари худро бараҳна карда гуфт:

— Эй фарзанд, агар худро нанамой, шири сафеди худро ба ту биҳил нестам. Дар дунёву охират рӯи туро нахоҳам дидан.

Чун сухан бад-ин ҷо расид, Бадеуҷҷамол сар нихода, ба хоб рафт. Ҳар чанд карданд, кабул нашуд. Охируламр онҳо низ ба макоми худҳо рафтанд, сар ба осоиш ниходанд. Малика хоб кард. Сухан кӯтоҳ он шаби навмед аз висоли Бадеуҷҷамол ба охир расид...

Чун садои афлок ба гӯши хуфтагони бистари хок расид, сар аз болини истироҳат чумлаи аҳли фароғат бардоштанд. Алалхусус он тозаниҳоли чамани висол ва марҳами доғ ба синаи хама, яъне Бадеуҷҷамол чашму наргиси мастонашро аз хоби ноз боз карда, ба ишрат нишаст. Сокиёни симинсоки гуландом ба сад пуртумтарок суроҳиву ҷом дар ҷилва дароварданд, ба хӯрдани шаробу кабоб мукайяд шуданд, байт:

Нишастаанд хубон ба хӯрдани шароб,
Дили ошиқон шуда зи хасрат кабоб.
Чу маъшука нӯшад ман лолагун,
Зи мижгони ошиқ равад сели хун.

Точулмулук ба маслиҳати волидаи Малика амр кард, ки чаҳорбоғро оростанд, зебу зинат доданд. Саропардаи мурассае

[1] *Илтизом* — вазифадор, ба ӯҳда гирифтан. Ин ҷо ба маънии майл кардан омадааст.

барпо карда, палосхои истабракӣ густаронидаанд. Ҳамоилҳои ҷавоҳир аз хар ҷониб овехта, тахте аз чӯби мурассаъ дар садр нихода, кандилҳои зарину шомиёнаҳои мурассаъ ба ҳар сӯ кашида ва болинҳои махмалу суф ба ҳар ҷониб нихода ва мичмарҳо ороста ва фонусҳои фарангӣ. Бадеуччамолро машшотагарӣ карда, дар миёни чаҳорбоғ болои тахт ҳамроҳи Малика ба шодкомӣ ба айшу ишрат ба хӯрдани шароб биншастанд. мичмар дар ракс оварданд. Мутрибони хушилҳону муғанниёни фасеҳзабон дар пайи нағмасарой мукайяд шуданд. Чунончи, садои чангу уду конуну арғунуну самтуру барбату ғавғои «хуш боду, нӯш бод» бар фалак печида буд ва Бадеуччамолро сар аз бодаи ноб гарм шуда, мустағрики сӯҳбат гардида буд. Малики Сарандеб ба хизмати Сайфулмулуку Соид омад, фасле дар назди шоҳзода биншаст. Чанд ҷоми шароб хӯрданд, маликзодаро сар аз бодаи ноб гарм гардида, ба Точулмулук гуфт:

— Ҳанӯз ваъдаи омадани Бадеуччамол ба охир нарасида ва шаби хиҷрони ушшоқи муштокро абёти субҳ надамида ва шабнами фараҳбахши ҷамоли Бадеуччамол ба гулистони хаёл наваздаи?

Байт:

Чанд дар ваъда нишинам ба умиди висол,
Чашм дар рох, дили зор гирифтори хаёл?
То ба кай ваъда дихӣ, чон ба лаб ояд моро,
Фурсатат нест, бигӯ рост, шавад дафъи малол.

Маликзода ин абёётро хонда, зор-зор бигрист. Точулмулук гуфт:

— Эй фарзанди арчманд, дилтанг мабош, ки хумои саодат соя густурда. Хотири худ ҷамъ дор, ки Бадеуччамол бо чандин сипоҳ ҳамин бегоҳ фуруд ояд.

Чун Сайфулмулук ин паёмро шунид, бехуш шуда афтод. Баъд аз муддате ба хуш омада, ин абёётро меҳонд:

Байт:

Эй хушпаём ҳосид, баргӯ ба ман, чӣ гуфтӣ?
Курбони гуфтанат ман, баргӯ ба ман, чӣ гуфтӣ?
Исодамӣ магар ту, ё Хизри хушпаёмӣ?
Чонам гирифт ҷоме, баргӯ ба ман, чӣ гуфтӣ?
Боғи дилам хазон буд, аз офати фироҳаш,
Бӯи бахор дидам, баргӯ ба ман, чӣ гуфтӣ?

Маликзода аз ҷихати шодӣ зор-зор мегирист ва мегуфт:

— Эй малик, рост мегӯй ё маро хурсанд мекунӣ?

Точулмулук гуфт:

— Эй фарзанд, савганд ба худо, ки рост мегӯям.

Маликзода гуфт:

— Эй падар, акнун маслихат чист? Ғарибу ғамзада дасти умед ба ваъдаи ту задаам, ноумед магардон.

Тоҷулмулук гуфт:

— Эй фарзанд, бархез, ки Бадеуччамол бо хамрохии Малика дар чаҳорбоғи хоса нишаста, ишрат мекунанд. Маслихат он аст, ки ту хамрохи Соид он ҷо равӣ, ба шароб хӯрдан биншинӣ, шояд ки ба навъе ӯро ба ту намоям.

Маликзода шодкому хуррам гардид, бархост ва бо Соид хамрохии Тоҷулмулук дар чорбоғ омада, дар саропардае бишастанд. Он рӯз шароб мехӯрданд, то ба вакте ки шаб гардид. Машъалхо афрӯхтанд. Шоҳзода маст шуда буд. Оташи маи ноб дар дили шоҳзода рехта катароти арак бар гули рухсори ӯ ғалтон мерафт ва ин абьётро мехонд:

Байт:

Ошик аз ишрат ба ҷое мерасад,
То нагардад рохгум, кай рахнамое мерасад.
Хуни худ бар гулрухони шахр кисмат мекунам,
Хар ки ӯ очиз ба ҷо ояд, ба ҷое мерасад.
Бар сари кӯи тагофул нестам бе кас ғариб,
Кас ба фарьёди нигохи ошиое мерасад.

Маликзода ин абьётро хонда, аз ғояти мастиву шӯри ҷунун ва зӯрии маи гулгуну хаёли он лаби майгун чун шохчаи беди мачнун хиромида, танхо ба ҳар ҷониби он боғ ба тамошо мегашт ва ин абьётро мехонд:

Байт:

Зи бедоди ту харфи мехрро ному нишон гум шуд,
Китоби хусниро чузви мухаббат аз миён гум шуд.
Зи захри булҳавас он нозанин ошик намегардад,
Туфайлӣ чамъ шуд чандон, ки чон мехмон гум шуд.
Агар пурсад касе фардо зи ахволи дили зорам,
Бигӯедаш, ки дар боғ аст, мурғ аз ошьён гум шуд.

Маликзода хиромону ғазалхон мегашт, зор-зор чун абри навбаҳор мегирист, ки шояд Бадеуччамол рух намояд ва ба давлати висол мушарраф гардад. Ин байт мехонд:

Байт:

Ба ёди сарви кадат нест дар дилам ором,
Кучо равам, чи кунам аз ғамат мани ноком.
Фитодаам зи ватан хору зор дар ғурбат,
Ки дидаам шудааст чун шукуфаи бодом.
Тамоми умри ман охир шуд, надидам ҳеч
Гулистони Ирам кучову ёр кадом.

Шунидаам, ки гули ман ба боғ ояд,
Намонд сабру қарорам маро ба ҳеч андом.
Шавад, ки гулбуни мақсуд чилвагар гардад,
Ки дар ҳадиқа кунам ҷои ҷилвои гулфом.

Гӯянд, ки маликзода аз ин гуна абьёт хонда тараннум мекард, дар гирди боғ ба фароғи бол мегашт. Аммо Бадеуҷҷамол бо ҳамроҳии Малика шароб мехӯрданд, маст шуданд. Овози Сайфулмулук ба гӯши Бадеуҷҷамол расид, реги тафаккур дар дили ӯ харошид. Дар ҳолати мастӣ ӯро бисьёр хуш омад. Аз Малика пурсид, ки:

— Ин чи овоз аст?

Малика гуфт:

— Овози он ҷавон аст, ки маро аз банди парӣ халос карда овардааст, ҳамроҳи падарам шароб мехӯрад.

Дили Бадеуҷҷамол моил гардид. Лекин ба зоҳир таклиф намуда гуфт:

— Эй ҳоҳар, бо вуҷуде, ки ман дар ин ҷо бошам, ӯро гузоштан чи маъниӣ дорад?

Малика гуфт:

— Эй бону, падарам дар назди ӯст, ӯро дур шудан намегузорад. Дар гӯшае холо нишаста буданд. Дигар он, ки аз будани мо хабар надоранд ва низ ҳоҷибон таин намудаем, бохабаранд. Хотири худ ҷамъ дор, ки мусолиҳа нахоҳад шуд.

Бадеуҷҷамол карор гирифт, то ба вақте, ки мулозимону канизону маликаро шароб гузаронида, ҳар кадом ба ҳар ҷониб фурӯ рафтанд. Бадеуҷҷамол вақтро ёфта, чун сарви озод бархоста ба тамошои боғ баромад. Ғарази ӯ он буд, ки ба маликзода чеҳра шавад. Овози Сайфулмулук ба гӯши Бадеуҷҷамол расид, ки ин абьётро меҳонд:

Байт:

Ба бӯят субҳидам нолон ба гулгашти чаман рафтам,
Ниҳодам пой дар рӯи худу аз хештан рафтам.

Дигар овози маликзода наёмад. Бадеуҷҷамол бар асари он овоз он шаби ошиқгузор ба сад карашмаву ноз кадам ниҳода, равон шуд, ба ҳар ҷониб сайр мекард, ба ҳар тараф назар меандохт... Гузори малика Бадеуҷҷамол ба хиёбон афтод, дид ки яке дастагул ба пои гулшан афтода, рӯй ба рӯи барги гул ниҳода, шароб гузаронида бехуд шудааст ва зулфи анбарафшони ӯ парешон шуда ва сафҳаи рухсори он гулъизор зор афтода, гӯё ки ӯро ҳадаф гул дар зери гулбун хирман гашта. Нозанин писаре дид, ки хуршеди ховар ӯро чокар шуда, маҳҷабини хур-

ликое, ки шархи авсофи ӯ дар мулки баён нагунҷида ва чашми рӯзгор чунин нодируласре надида, ба пои гул хуфта.

Байт:

Саркади гулбадан, тозатар аз сунбуле,
Хусни чамолаш вале ҳеч надида касе.
Гул зи варақ бодбез, балки бад-ӯ атррез,
Ходими ӯ гашта гул, буда ачаб булбуле.
Дид малик аз фалак курси чавон аст ба бог,
Бахри тамошо ҳама карда ачаб ғулғуле.

Бадеуччамолро сипоҳи нигоҳ бар он фурӯ рафта, роҳ афтода, бо вучуди он хама таннозиву зиракиву доной гирифтори доми ишқ шуда, мурғи ихтиёраш аз ошьёни худ бияфтод, ба сад ҳазор дил ошуфтаи маликзода гардид, оҳ аз дил кашида, ангушти таҳайюр ба дандони тафаккур газида, бо худ гуфт: «Инчунин бубоистй. Суде акнун надорад». Ҳарчанд хост, ки таклиф кунад, ғайрати ишқ ӯро нагӯзошт. Ба ду зону дар такобули маликзода биншаст ва сари шоҳзодаро ба канор гирифта, ғарки хусни ӯ гардида, бо остини худ пок мекард ва аз баёзи рухсори шоҳзода бӯса намуда, машаккатҳои ӯро як ба як ба худ такрир[1] мекард, таҳсину офарин менамуд, зор-зор гирья карда, аз тарси ғами худ ин ғазалро такрир мекард:

Байт:

Чи давлатест, ки ошиқ чу моҳ пайкари ӯ,
Ки офтоб нишинад шабона бар сари ӯ.
Нихад зонуи худ то шабе ба зери сараш,
Ба сад ҳазор тамаллуқ шавем чокари ӯ.
Ба хоб рафта, маъшуқа бар сараш бедор,
Чи гуна шарҳ диҳам достони дафтари ӯ.
Ба ҳеч кас нашавад инчунин висол якин,
Магар ба ошики содиқ, ки сидқ дар бари ӯ.
Магар бувад шаби кадре, ки он шаби кадраш
Нишаста ҳамчу маҳи чордаҳ ба бистари ӯ.
Ба ҳар касе нашавад ин муроди хеш тамом,
Магар касе, ки риёзат кашида дар раҳи ӯ.

Алкиса, Бадеуччамол сару рӯи ӯро мемолид. Маликзодаро хоби сахт бурда буд, бедор намешуд. Бадеуччамол ҳайрон монд. Ин ҳолатро малак аз боми ҚАСРИ ФАЛАК тамошо мекард ва надимони афлок катароти шабнам бар гули изор меафшурданд. Ӯ ба худ намеомад. Ва мустабиҳон аз шишахонаи малики вахҳоб чулоб бар он хуфтаи туроб исор мефармуданд. Бо вучуди накҳат аз кайфияти шароб бедор нагашт. Окибат таррори саҳаргузор меҳтар насими шабрав ба амри ҚАЗОВУ КАДАР бива-

[1] *Такрир* — ҳикоят, баён.

зид... Бадеуччамол мехост, ки бўса аз лабони маликзода рабояд. Дар он вақт афшурданакҳате аз он сунбулистони гесўи он дилбар ба машоми чони ў сахт рехт ва атри моян муҳаббатро баромехт. Чун атри риёҳи риёҳин тора мўйро ба димоғи хушу идроки ў бўй кард, ба фаросат дарьёфт, ки турраи таррори кист ва сабаби вазидани ў чист... ба мастй аз хоби ноз чашм кушод. Турраи гесўи мушкбўи Бадеуччамол ба димоғи чони нотавони хичрондида ва ба димоғи иштиёккашидаи маликзода расид, бўи муҳаббати висоли дўстро фаҳмид.

Байт:

Чашми хобаш боз кард, рўи гули тоза дид,
Есуману гулистон хар ду ба ҳам тоза дид.
Бар забари офтоб дид дар он шаб аён,
Тобиши хуршедро ҳамчу гули тоза дид.

Ровй гўяд, ки чун маликзода чашми худ боз кард, сари худ дар зонуи ёр дид, ба ин ақида шуд, ки магар тобиши курси хуршедро забари сари ў ниҳодаанд. Чун нек мулоҳиза кард, ки сирати ҳамон сурат аст. Муоина дид, гуфт: «Биҳамдуллоҳ, ки акнун дар хоб дидам, умед аст, ки дар бедор ҳам бубинам».

Бадеуччамол гуфт:

— Эй одамизод, чи хабарро дар хоб дидй, ки шукрона месозй, боз орзўи бедорй ҳам мекунй?

Сайфулмулук гирьён шуда гуфт:

— Эй бону сурати туро ки дидаам, дар талаби ту саргардонам. Ҳаргиз нашуда буд, ки сирати туро дар хоб бинам. Акнун, ки дар хоб дидаам, шукрона мекунам.

Бадеуччамол лаб ширин карда гуфт:

— Эй чавон, Маликаро аз дасти он парй ту начот додай?

Маликзода гуфт:

— Бале, ман начот додаам.

Бадеуччамол гуфт, ки:

— Ин хоб нест, бедорист, мастй нест, хушьёрист. Эй чавон бархез, ки иқбол чокари туст ва бахт мадад кард, манам матлуби ту, чўяндаи ту Бадеуччамол мебошам.

Шоҳзода ин сухан шунид, боз бехуш шуд. Чун Бадеуччамол холи ўро дониста буд, гесўвони анбарафшони худро бар димоғи шоҳзода дошт, ба хуш бозомад, бар рўи маҳбубаш нигоҳ кард, боз бехуш шуд. То ба бист навбат инчунин мешуд.

Ба сад ҳазор таваччўҳ сар аз зонуи малика бардошт, дар хизматаш даст ба сина мутаҳайиру мутафаккир карор гирифт.

Ин микдор кувват надошт, нигох тавонад кардан, чи чои он ки сухан тавонад гуфтан. Тарсону ларзон буд. Бадеуччамол гуфт:

— Эй чавон, чи ном дорй?

Маликзода гуфт:

— Сайфулмулук ном дорам.

Бадеуччамол гуфт:

— Киссаи пурғуссаи худро гўй, ки ин чо чй гуна афтодй?

Маликзода гуфт:

— Эй бону, он чи аз ман гузаштааст, шунидай, такрор хушоянда нест...

Бадеуччамол гуфт:

— Надонам, ки киссаи ту рост бошад ё дурўғ бошад.

Маликзода гуфт:

— Чахордах сол аст ба чихати ту аз ватан ғариб афтодаам, тахту точ бар бод додаам ва аз мехри падару модар гузаштаам.

Бадеуччамол гуфт:

— Эй маликзода ту маро чи манзур кунй, зангидухтар аз ишки ту бекарор аст ва хотирчўии у туро даркор аст.

Чун Сайфулмулук ин сухан шунид, ханчар аз миён кашида хост бар синаи худ занад. Бадеуччамол фахмид ки ошики содики лоик аст, банди дасти шохзодаро гирифт, гуфт:

— Чй хаёл дорй?

Шохзода гуфт:

— Ин чи сухан аст, ки бо ман гуфтй?!

Бадеуччамол гуфт:

— Маро бо ту муяссар шудан имкон надорад, аз ин чихат гуфтам.

Маликзода гуфт:

— Ба чи сабаб имкон надорад?

Бадеуччамол гуфт:

— Ман парй мебошам, ту одамй. Одамй бо парй унс нагирад.

Ва маликзода гуфт:

— Маро мувофик вазъи туст. Вакте ки ихтиёр созем, матбўъ ва минкод бошем, хар чи гўй хамон шавад.

Бадеуччамол гуфт:

— Маликаву падару модараш харчанд таваччўх карданд, ки худро ба он чавон намой, кабул накардам, чихати он ки мабодо падару модари ман шунаванд, маро пора-пора мекунанд. Маро ки ин хама харос бошад, муяссар шудан имкон надорад. Падару модар харгиз кабул нахоханд кард.

Сайфулмулук гуфт:

— Эй бону, акнун чораи кор аз дасти ту барояд, маро беш аз ин тоқат намондааст.

Байт:

Ба тоза ошиқам, изҳори мехрубонй кун,
Чу мехр гарм шавад, ҳар чи метавонй, кун.
Ғаниби кӯи туям, бекасу асири бало,
Радифи мархамати хеш мехрубонй кун.
Дар офтоби фирокат ба дашти ҳичронам,
Туй ҳумой, зи алтоф соябонй кун.
Ба гайри лутфи ту чорай гамам набвад,
Умедвор чуноним, ба ёр чонй кун.

Маликзода бисьёр гирист.

Бадеуччамол гуфт:

— Эй чавон, ҳарчанд фикр ки мекунам, тадоруки ин кор намеёбам, магар як шарт, агар тавонй он чо расидан, зеро ки дар роҳи ӯ дарьёст, ки садд бастаанд, девро заҳра нест, одамизодро чи рутба, ки тавонад рафтан.

Маликзода гуфт:

— Агар гузаштан муяссар шавад, чи тадбир бояд кардан, ки ту муяссар шавй?

Бадеуччамол гуфт:

— Агар худои таоло иноят кунад, ки аз он ҳафт садд бигзарй он чониб бешаест Марзукия ном, як чодузан аст Саъсаа ном. Падару модари ман ӯро модар хондаанд. Агар ба ӯ арзи аҳвол намой, ӯ кабул кунад, ӯ восита шуда, туро ба Гулистони Ирам ба хизмати падару модари ман бурда хостагорй кунад, албатта падарам сухани ӯро нахоҳад рад кардан, зеро ки ӯро риоят мекунад. Агар ӯ қабул накунад, ту медонй. Худро зиёда тасдеъ макун, ба ҳеч вачҳ ин мурод барнаёяд.

Бадеуччамол худро натавонист нигоҳ доштан, зор-зор дар гирья даромад ва гуфт:

Байт:

То хун нашавад дар раҳи маъшуқ дили зор,
Кай бор диҳандаш ба ҳаримй ҳарами ёр.
Мардона кадам нех, ки дар ин роҳ хатарҳост,
Гар фикри сарат хаст, ту бирав хеш нигаҳ дор.
Хоҳам, ки Гулистони Ирам з-они ту гардад,
Якчанд бикун сабр ту бар пеши хасу хор.
Акнун дили худро зи гами ҳачр бикун чамъ,
Зеро ки намудор шуд он гавҳари шаҳвор.
Аз вартаи саргаштагию ғусса рахидй,
Гардид ракибони сияҳрӯй нагунсор.

Бадеуччамол бо маликзода чунин гуфт. Маликзода гуфт:

— Эй бону.

Байт:

Ба ин мужда гар чон фишонам равост,
Ки ин мужда осоши чони мост.

Рохбаре ба ман хамрох кун то маро ба садд расонад, ин чониб таваккал ба худой карда, иншооллох, аз он саддхои биёбон гузашта ба хизмати он чодузан худро расонида таваччўхи висол намоям.

Бадеуччамол гуфт:

— Эй маликзода, сабр кун фардо рўз шавад, ба маслихати Маликаву модараш худро ба ту намоям ва эшононро миннатдор созам, чаро ки аз ин мулоқоти мову ту онхоро хабар нест. Саъйи бисьёр карда буданд, ман сухани онхоро кабул накарда будам. Агар муталеъ шаванд, озурда хоҳанд шуд. Ба маслиҳати онхо роҳбар хамроҳ мекунам.

Шохзода шодмон гардида, замини адаб бўса дода, то ба вакти субх бо хам буданд ва коми дили хастаро аз забони хамдигар чихати нўшдору бўса медоданд ва розхои дили бечораи худро маликзода ба малика арз мекард.

Чун укоби заринболи офтоби файзбахш сапедадам аз мехроби сипехр бардошта гардид, Бадеуччамол омада ба шароб хўрдан мукайяд шуд. Чун маст гардид, Малика боз вокиаи маликзодаро дар миён оварда, зор-зор гирья мекард. Харчанд саъю тараддуд карданд, кабул накард. Малика хайрон монд. Бадеучамол боз ба хоби ноз рафт. Харчанд Малика сухан пурсид, чавоб надод. Охируламр гуфт:

— Эй хохар, аз ин беш сухан магўй, ки маро дарди сар гирифта.

Вакте буд, ки модари малика ба назди Бадеуччамол омада, нарм-нарм сухан оғоз кард. Харчанд гуфт, кабул накард. Охируламр гирьён шуда, пистонхои худро бар кафи даст гирифта, сари худро барахна карда гуфт, ки:

— Эй чони модар, бидон, ки ман ба ту шир додаам, ба ту хаки модарй дорам. Агар дар хакикат сухани маро кабул накунй ва худро ба ў нишон надихй, моёнро дар назари ў дурўғгўй гардонй, касам ба зоти поки бечун, ки шири сафеди худро ба ту намебахшам ва аз ту хати безорй металабам, дар киёмат хам рўи туро намебинам.

Бадеуччамол гуфт:

— Эй модари мехрубон, чй гуна ихтиёр кунам, ки ин асрор маълуми падару модарам мешавад, маро озор медиҳанд.

Модари малика гуфт:

— Эй фарзанд, ту розй шав, чунон нишон дихам, ки касе иттилоъ наёбад.

Ба сад зорй розй карданд. Ҳамон замон маҷлис оростанд, ҷоми май дар гардиш даровардaнд.

Бадеуҷҷамолро машшота карда биёростанд. Он рӯз ба айш мебуданд. Чун зохиди офтоб дар маъбадгоҳи мағриб мӯъта-киф гашт ва ҷодари шаби фароғат бар болои рамли тараб гус-турд... атрҳо бар худ пошиданд. Баъд аз он ба шоҳзода косид фиристода, талаб намуданд. Чун маликзодаро бад-он маком ра-сонид, модари Малика баромада маликзодаро музайян карда ба хизмати Бадеуҷҷамол оварданд. Шоҳзода қадам нихода, да-ромада замини адаб бӯса зада, зонуи иззат таҳ карда, ба ма-лика саре фуруд оварда, даст бар сина нихода, истод.

Бадеуҷҷамол ҳам маликзодаро истиқбол намуда, бар болои тахт ҷой дод. Маликзода биншаст. Ҷоми муҳаббат дар гардиш даровардaнд, аз дасти ҳамдигар нӯш мекарданд, ғамҳо фаро-мӯш карданд ва ба ҷои газак бӯса аз лабони ҳамдигар меги-рифтанд. Ба ҷое расиданд, ки даст дар гардани ҳамдигар ан-дохта, рӯй ба рӯи ҳам ниходанд. Маликзода аз воқиаи худ тақ-рир мекард ва аз машаққатҳои худ ёд мекард, зор-зор меги-рист. Бадеуҷҷамол низ гирья мекард. Боз маликзода шукр ба ҷой оварда мегуфт:

Байт:

Ба ман аз ҷаври ту ҳарчанд ки бедод равад,
Чун рухи хуби ту бинам, ҳама аз ёд равад.

Алқисса, то вакти саҳар бад-ин гуна ишрат мекарданд. Чун рӯз шуд маликзода аз пайи рафтан шуд. Модари Малика гуфт:

— Эй фарзанд, фикри васияти худро чй гуна месозам, ки ди-гар тоқат надорем.

Бадеуҷҷамол қиссаи гузаштаро такрир намуда, гуфт:

— То ба хизмати он ҷодузан наравад, кор анҷом намеёбад, мурод ҳосил намешавад.

Ҳама қабули ин маънй карда, маликзодаро рухсат доданд. Бадеуҷҷамол ду нарадевро амр кард, ки «ин одамизодро ба ка-нори ҳафт садди Саъсаан ҷоду гузошта биёед!» Девон малик-зодаро бар тахте нишонда, Соидро видоъ карда, ӯро ба Тоҷул-мулук супорида... роҳи гардид.

Девон тахти маликзодаро бар сар гирифта, ба ҷониби осмон

танура кашиданд[1]. Баъд аз се шабонарӯз тамошои чахон карда ба доманаи кӯхе фуруд омаданд.

Маликзода аз девон пурсид, ки:

— Эй патёра, он садд ба кадом ҷониб аст?

Девон гуфтанд:

— Эй одамизод, аз ин кӯҳ гузарӣ, баъд аз як шабонарӯз ба канори хафт садд мерасӣ.

Маликзода гуфт:

— Акнун бо ман таъин кунед, ки он садд чи гуна аст?

Гуфтанд:

— Бидон, ки хафт дарьёст, мисли дарьёи хуну дарьёи обу дарьёи тӯфону дарьёи хокистару дарьёи симобу дарьёи боду дарьёи оташ. Он дарьёҳоро ба ҷуз худои таоло дигаре намедонад, ба авҷи фалак расида. Аз он вакте, ки он саддҳоро пайдо кардааст, мурғон аз хаво наметавонанд гузашт, деву пириро чи кудрат бошад. Ту хаёли хом кардӣ.

Ин бигуфтанд ва тахтро гирифта рафтанд.

Маликзода он шабро дар ин маком гузаронид, ба тоат машғул шуд... Кубайли саҳарӣ буд, ки маликзодаро хоб рабуд, ҳазрати Хизр... ба сари ӯ ҳозир шуданд, маликзодаро дар канор гирифта, дасти шафкату марҳамат бар сару рӯи ӯ молида, гуфтанд:

— Эй фарзанд, чаро ин ҳама гирьяву нола мекунӣ? Акнун кариб аст, ки гавҳари максуди ту ба даст дарояд ва танат аз ин меҳнатҳо баросояд.

Маликзода гуфт:

— Ба гузаштани ин хафт садд хайрон шудаам. Дурустии маро Саъсааи ҷоду мекардааст. Баъд аз гузаштан ӯ сухани маро кабул кунад, ё не. Агар кабул кунад, фахуввалмурод, валлло ин хама меҳнати ман зоеъ хохад шуд,— гуфта, зор-зор бигирист.

Ҳазрати Хизр фармуданд:

— Эй фарзанд, хотири худ ҷамъ дор, дилтанг мабош, ки худо... туро дӯст медорад ва ҷамъи мушкилоти ту осон мешавад. Аз ин саддҳо ба осонӣ мегузарӣ ва гавҳари максуд ба даст меорӣ. Бархез, кадам дар роҳ нех!

Маликзода чашм кушод, ки хобаш бурдааст, хурраму шодком кадам бар он кӯҳ нихода, роҳӣ шуд. Баъд аз як шабонарӯз ба фарки кӯҳ баромад, дид, дарахтони анори бисьёре. Аз он меваҳо меҳӯрд ва ба ҳар ҷониб сайр мекард, то ба канори чашмае расид. Назар кард, чашмае дид, ки чун хуршед меду-

[1] *Танура кашидан* — тунд ба осмон паридан.

рахшид. Чаҳор дарахти азими солхӯрда аз чаҳор тарафи он чашма сар ба фалак кашида, гӯё осмонро сутун ниҳодаанд, миқдори чандин фарсах заминро соя карда. Ба зери ҳар дарахте китъасанге ниҳодаанд, аз пӯсти дарандагон чун шеру палангу гӯра палос густурдаанд, дар болои он қаландаре нишаста, ки аз хайбати он қаландар кӯҳ чун симоб дар изтироб буд. Турфа чашмон дар он қаландар буд, ки мисли тоси пурхун меҷӯшид. Аммо ҷабҳаи ӯ нуронӣ буд. Мустақбали қибла нишаста, тасбеҳ мегуфт.

Маликзода мутаҳайир гардида, дар таҷобули он қаландар омада, сар фуруд оварда, «марҳабо!»— гуфт.

Он қаландар сар аз гиребон бароварда, нигоҳ карда, ҷавоб гуфта, бархоста, «хуе» кашида буд, ки хайли охуе пайдо шуда омаданд.

Маликзода нишаст. Қаландар охуеро интихоб карда, ба ду ангушт ишорат фармуд, дархол он оҳу бисмил шуда аз пӯст баромад. Матбахе берун шуда, пухта дар назди қаландару маликзода карор гирифт, дар хоне гирифта, ҳар ду ба иттифоқ гӯшти ӯро хӯрданд, устухонҳои ӯро ҷамъ карда, дар он пӯст ниҳоданд. Қаландар ишорат кард, оҳу зинда шуда, ба қаландар таъзим карда, ба ҳамрохонаш ҳамроҳ шуда, рафт.

Боз он қаландар бархоста, ҷоми шароби анор тайёр карда, ба маликзода овард. Баъд аз фароғи дуову фотиҳа қаландар пурсид, ки:

— Аз куҷой, ин ҷо чӣ гуна афтодӣ, ки имкони омадани одамӣ нест, зеро ки мухотира дар роҳ бисьёр аст?

Маликзода ба сад хазор иззату одоб гуфт:

— Аввал шумо гӯед, ки чӣ гуна омадед ва чӣ ном доред ва дар ин маҳом чӣ мекунед ва ин чӣ гуна мартаба аст?

Қаландар гуфт:

— Эй ҷавон, маро Саъсо ибни Воҳиб ном аст, аз вилояти Андалус мебошам. Муддати хаждаҳ сол аст, ки... дар ин маҳом ҳастам... ва аз халқ мубарро[1] шудаам, ба ғайр аз тоат дигар муҳим надорам. Акнун, эй ҷавон, баргӯ, ки туро чӣ ном аст ва чаро ин ҷо омадӣ?

Маликзода қиссаи пурғуссаи худро аз аввал то ба охир такрир намуд. Қаландар зор-зор бигирист ва гуфт:

— Он чи ишқ бар сари ту овардааст, ҳеҷ касро наёварда ва нахоҳад овард. Дар бобати ишқи ошиқон дафтарҳост, лекин инчунин нест. Акнун, эй фарзанд, ҳама меҳнатҳое, ки гузаштааст, як тараф, гузаштани ин ҳафт садд зиёда аст, магар иноятн

[1] *Мубарро* — беғиёз.

хак... шавад, аз ин саддхо бигзарй, ваилло имкон надорад, ки ту аз як садд тавонй гузаштан. Агар туро манъ кунам, албатта, мамнўъ намешавй ва дигар он ки машаккатхои ту зоеъ гардад. Хайрон ба кори ту шудаам.

Маликзода зор-зор бигирист. Чандон гирья кард, ки хуноба аз дидагони ў равон гардид. Каландарро дил ба дард омада, гуфт:

— Эй чавон, ман туро исм омўзам, ки ин хафт дарьё бигзарй. Ошьёни симург аст, он чо бирав, агар худо иноят кунад, симурґро ба ту ошноиву мухаббат пайдо кунад ва аз асрори ту вокиф гардад ва мутасаддии гузаронидани ин саддхо шавад, умед аст ба хусул ояд, ваилло чораи дигар нест.

Маликзода замини хизмат бўсид, илтичо овард.

Каландар исме ба маликзода таин карда, як камон маа се чўба тир дод, ки шояд хочат гардад. Маликзодаро рухсат фармуд. Маликзода видоъ карда, рў ба рох нихода рохй гардид. Баъд аз се шабонарўз бар баландие баромад. Фурўзи баландй дарьёе дид, ки мавчи хунхор чун хуни ошикон дарангехта, аз талафи мухаббат кафт бар лаб оварда, бо вучуде, ки аз салосилхои мавч занчир дар пои ў андохта, карору мадоре надошт. Хар замон чун девонагон фарьёду фиґон мебаровард. Ачаб дарьёе дид, ки харгиз чунин дарьё надида буд. Маликзода дар канори дарьё расид, таваккал ба хазрати чузву кул карда, исмро хонд, бар худ дамид, кадам дар рўи об нихода, рохй гардид, чунончи дар рўи замин мерафт, дар рўи об мерафт.

Чанд боди мухолиф вазид, ба маликзода нуксон намекард. Дар турфатулайн аз он дарьё гузашта, ба сохил расид. Он чо бешае дид, ки сабзу хуррам, анвои мевахо пухта, рехта, хушк шуда. Мурґони хушилхои ба шоххои дарахтон ба зикри малики чахон мукайяд буданд. Шохзода мева мехўрд ва чанд мурґ сайд карда, хўрда, хост, ки рохй гардад. Дар он вакт хафт ґўл пайдо гардиданд, маликзодаро дар миён гирифта, касди ў карданд.

Шохзода даст бар кабзаи камон карда, ба тире ґўлеро бар замин афканд. Ду ґўли дигар аз ду чониб харбхо рохй карданд. Маликзода аз банди дасти хар кадом гирифта, харбахоро чудо карда, аз камарбанди онхо гирифта, ба хамдигар зад, ки маґзи сари эшон парешон гашт. Ґўлони дигар бидиданд, ангушт ба дандон газида, даст ёзида, аз гиребони маликзода хостанд, ки гиранд. Шохзода мушт чунон зад, ки бар замин афтод, сари ўро канд. Они дигар давид, ки маликзодаро зоеъ кунад, аз ґўши ў гирифта, бар гирди сар чарх дода, бар сари ґўли дигар зад, ки маґзи сари ў парешон гашт. Баъд аз он хамду санои ху-

дойро гуфта, аз он чо баромада, рохӣ гардид. Вакти пешин буд, ки ба канори дарьёи дуюм расид. Дарьёе дид, ки зиёда аз аввал буд. Маликзода исмро хонда, кадам дар рӯи об нихода, рохӣ шуд. Ба миёнаи дарьё расид, кӯхи азиме дид, сар бар фалак кашида, куббае бар фарки он кӯх сохтаанд, нур аз он кубба тулӯъ мекард. Маликзода кадам нихода баромад, бар дари он кубба расид, шере дид, ки сар дар остон нихода хобидааст ва чашмае дар буни он кубба ва чахор дарахти хурмо дар чахор гӯшаи он чашма сабз шуда. Маликзода мутахайир шуд, ки чӣ гуна дарояд. Дар хамин фикр буд, ки овозе аз дарун омад, ки «эй Сайфулмулук, пеш биё, ки он шер посбоне беш нест!» Тахайюри маликзода бештар шуд. Чун шер овоз шунид, аз чои худ бархоста, рӯи худ бар пои маликзода молида, дар канора карор гирифт. Маликзода кадам нихода, аз дари он кубба нур даромада назар кард, бузургворе дид, рӯй мустакбали кибла карда нишаста, хар ду дӯш аз баногӯш махосин ва абрӯвону мижгон чун гули сафед гашта баркзанон. Пирӣ бар куллаи эшон борида, пушт аз бори гами рӯзгори каграфтор дуто гашта, осори нур аз чабини эшон хувайдо. Аммо савлати бузургвор маликзодаро зер карда, мисли барги бед меларзид. Даст болои даст нихода, салом кард. Эшон чавоб доданд, сари муборакро боло карда, ба чониби шохзода нигох карда гуфтанд:

— Эй Сайфулмулук, биё, доим дар орзуи ту будем.

Шохзода зонуи иззат тах карда, шаронти одоб ба чой оварда, сар дар кадами он бузургвор нихода, рӯй дар кафи пои эшон молида, зор-зор мегирист. Эшон сари ӯро дар канор гирифта, дасти марҳамат бар сару рӯи маликзода мекашиданд ва аз мехнати рох пурсида, оби чашми ӯро пок карда, мехрубонихо дар хакки ӯ карда, гуфтанд:

— Эй фарзанд, бидон, ки ман вазири хазрати Сулаймон Осаф ибни Бархиё мебошам. Дар хизмати хазрати Сулаймон нишаста будам, эшон фармуданд, ки:

— Худои таоло чунин такдир кардааст, ки аз Осим ибни Суфвон, ки подшохи Миср аст, писаре хохад шуд ва аз Шахбол ибни Шохрух, ки подшохи париён аст, духтаре хохад шуд, ки акди он духтар ба он писар аст, ба хам восил мешаванд.

Ман гуфтам:

— Эй пайғамбари худо, ба чи тарика хохад шуд?

Гуфтанд:

— Баъд аз мехнати бисьёр ба хамдигар мерасанд. Он писар чафохо хохад кашидан, окибат ба салтанату шавкат хохад расидан ва дсманаи шодарвони ӯ коф то кофро хохад гирифтан.

Мач гуфтам:

— Ӯ паризод аст ва ӯ одамизод, хамдигарро чӣ гуна бинанд?!

Гуфтанд:

— Амр ин аст, ки ёвари ин кор ман хоҳам шудан.

Гуфтам:

— Онхо мавҷудаанд?

Гуфтанд:

— Баъд аз сад сол ба вуҷуд меоянд.

Гуфтам:

— Ё Сулаймон, шуморо то он вакт ҳаёт бошад?

Боз гуфтанд:

— Мо дуруст мекунем.

Ҷомае тайёр карда, бинобар мӯъҷизаи худ дар он ҷома нигох дошта, хакикати он баъд аз сад сол якин кардаанд. Маро орзӯи дидори ту шуд. Бад-ин сабаб худро бад-ин ҷо карор додаам. Алҳамдулиллох, ба орзӯи дили худ расидам, туро дидам. Эй фарзанд, дил кавӣ дор, ки худо ёри туст. Матарс, кадаме, ки пеш ниҳодай, бар кафо манех. Саъй кун, кариб аст, ки максуди ту хосил гардад ва ба муроди худ бирасӣ. Албатта, эй фарзанд, Сулаймони пайғамбар дурӯғ нахоҳанд гуфт. Вакте ки ба матлаб расидӣ, дар ручъат[1] маро хохӣ дид, ки бо ту васиятхо дорам.

Алкисса, маликзода шодком шуда, гирди сари ӯ мегашт ва гуфт ки:

— Албатта, мулозимат хоҳам кардан.

Баъдаҳу аз ҷайби худ хурмое бароварда, ба обн дахани худ тар карда, ба маликзода доданд, бихӯрд, равшании ачибе дар дили ӯ пайдо гардид. Акнун ба худ мулоҳиза кард, илми ҳолу илми кол макшуф гардида, дар замину осмон чизе пинхон намонд. Хама макшуфи ӯ гашт. Хизмати эшон ба ҷой оварда, хост, ки рухсат гирад, аз сӯи осмон хоне ороста дарзамон хозир шуд. Хонро боз карда, диданд; чанд гуна таом буд. Ҳамрох хӯрданд, дуову фотиҳа карданд, боз хон ба сӯи осмон рафт. Маликзодаро ихлосу муҳаббат зиёда гардид. Эшон шамшери дудамае ба маликзода дода, рухсат фармуданд. Чун маликзода аз хизмати эшон баромада, аз кӯх фуруд омада, ба дарьё рохӣ гардид, баъд аз фурсате аз дарьё баромад. Ба канори дарьё бешае дид, сабзу хуррам аз ҷамен асмору ашҷор[2] буд... Маликзода камон дар бозу ва тир дар камар сайр мекард ва ба хар

---

[1] *Ручъат* — бозгашт.

[2] *Асмор* — меваҳо; ашҷор — дарахтхо.

чониб мегашт ва тамошо менамуд. Ба макоме расид, ки чамъе аз даволпоён нишаста, бо модаҒӯлон шароб хӯрда, ишрат мекарданд, дар ракс буданд ва шодиҳо мекарданд. Чашми маликзода афтод, хост, ки гурезад, то боиси ташвиш нашавад. Ногоҳ чашми онҳо афтод, яке аз эшон давид, то маликзодаро гирифта, газаки шароби худ кунад. Маликзода дид, ки даволпоён ба сӯи ӯ меоянд, ба канорае нишаста, ба хӯрдани мева муқайяд шуд. Чун даволпоён наздик расиданд, яке гуфт:

— Эй одамизод, бархез, то туро кабоб сохта бихӯрем!

Маликзода худро кар карда буд. Даволпой донист, ки кар будааст, кариб омада, хост, ки ба ӯ сухан гӯяд, сар дар гӯши маликзода ниҳод. Маликзода дид, ки турфа бурутҳо дорад, аз бурути ӯ гирифта, зӯр карда, канда ба дасти ӯ дод. Даволпой тарсида, таъзим карда рафт, ба ёрони худ гуфт:

— Ин одамизод буруткан будааст, ба ӯ набояд кофтан, ки бурути ҳамаро хоҳад кандан.

Дар каҳр шуда ҳама чамъ шуда, чӯбҳо дар даст гирифта, ба чониби маликзода давиданд. Маликзода даст ба кабзаи камон карда, ба се чӯба тир чамъе аз он модаҒӯлонро бар замин афканд. Баъд аз он даст ба шамшери Осаф ибни Бархиё карда, ба эшон дарафтод ва ба андак таваччуҳ ҳамаро ба катл расонид. Бар сари чашма омада, дасту рӯй тоза карда, об хӯрда, хоку хунро аз худ пок карда, пиёлае шароб хӯрда, сар ниҳода, дар хоб рафт. Чун аз хоб бедор шуд, шамшер дар камар баста, камон дар бозу афканда, доман ба занчири камар устувор карда, кадам дар роҳ ниҳода, аз он беша баромада мерафт, ин абьётро меҳонд:

Байт:

Зи ишки он парӣ меоядам ҳар рӯз мушкилҳо,
Бихамдуллоҳ, ки э-ин рӯи муҳаббат мешавад ҳалҳо.
Ачаб саргаштагиҳо мекашам дар роҳи ишки ту,
Фарсуда ґашт сабри пои ман дар тайи манзилҳо.
На Соид дорад аз чонам хабар, на подшохи Ҳинд,
Бад-ин рӯзе, ки аз баҳри вафодорӣ чиҳо бинам аз дилҳо.

Ровӣ гӯяд, ки маликзода ба дарьёи сеюм расид, баҳре дид, ки хунхор, дам ба дам мавч мезад, чун раъд ґурридан гирифт ва кафк бар лаб меовард. Маликзода таваккал ба худо карда, кадам бар об ниҳода, чун хубоб бар рӯи об мерафт, аз хурмаґи он исм ґарк намешуд. Бо худ мегуфт: «Кошки ин исмро дар бидоят[1] донистаме то ин ҳама лашкар ґарқ нашудӣ ва амвол бар-

[1] *Бидоят* — аввал.

хам нахўрдй. Чи бояд кард, ки мунши кудрат чунин ракам зада будааст»,— гуфта мерафт, то ба чое расид, ки аз васати дарьё кўхе вокеъ шуда буд, азим. Бар фарки он кўх гунбазе дид, аз зар сохтаанд, чун офтоб медурахшид. Маликзода таачуб карда, кадам ба доманаи кўх нихода баромад. Бар он гунбаз расид, дид, ки гунбазе, дар надорад ва харчанд таваччух карда, гирди он гунбаз мегашт, дари ў мавчуд намешуд. Маликзода хайрон монд. Дар фикр шуд, ки чй гуна аст. Ба чое омад, ки филе аз хафтчўш[1] сохтаанд ва зангие аз хафтчўш дурустй кардаанд, дар пушти он фил нишаста. Маликзодаро дида, дар харакат даромад. Маликзода хост, то кариби ў омада нек мулохиза кунад, вакте хозир шуд, ки зангй милро дар гардиш дароварда, касди маликзода кард. Маликзода хайрон шуд. Вакте буд, ки мурге аз хаво пайдо шуда омад, гирди гунбазро як навбат гашта, бол бар бол зада, фарьёд баровард. Маликзода дид, ки аз минкори ў оташ мерехт. Маликзода тир дар камон нихода, чунон дар минкори ў зад, ки ба замин афтод. Чахон сиёху торик шуда, тундбоде бархост ба тарикае, ки аз китъахои абр сангхо меборид. Маликзода вахм кашида, исми аъзам хонда, бар худ медамид. Овозхои ачоиб бар гўши ў мерасид. То се соат инчунин буд. Наздик буд, ки захраи маликзода об шавад. Баъд аз се соат он гавго фуру шуд, чахон равшан шуд. Маликзода чашм кушода дид, фил маа зангй бархам хўрдааст, дари гунбаз пайдо шудааст. Бар дари он гунбаз лавхе аз фўлод буд. Лавхро гирифта, хонд. Дар он лавх навиштаанд, ки: «Хар барное, ки дар ин маком бирасй, бидон, ки ин дахмаи Нох ибни Чамшед аст, ба тилисм сохтаанд. Хар касро ин чо рох нест, магар касеро, ки нигини хазрати Сулаймон дар ў бошад».

Маликзода хуррам гардид, аз дар даромад, назар кард, тахте, бар болои тахт рахте, бисту як зина дорад. Бар болои рахт марде хобида, чавоне буд гандумгун, пайвастаабрў, фарохсина, кушодапешонй, кавиҳайкал, шерандом, сиёхмўй, баландболо ба пушт хобида, як даст дар пешонй ва дасти дигар дар сина нихода. Лавхе аз фўлод бар сари ў нихода, чанд хат дар ў навишта: «Эй он, ки бар сарвакти афтодаи роху хуфтаи холтабох бирасй ва ба зиёрат кадам ранча кунй, бидон, ки хуккаи марворид музди кадами ту нихода, бигир, то аз сарвакти мо дасттихй наравй, ки чавонмардиро хол ин аст. Ва дигар, чоми чахоннамои Чамшеду боргохи Чамшеду хама асосаи ў дар ин хайма аст, бигир, ки ба ту тааллук дорад, муносиби туст».

Маликзода завки ачибе карда, лавхро монда, хуккаи марво-

---

[1] *Хафтчўш* — омехтаи охан, сурб, мис, калъагй, тилло, нукра ва сурма.

риду чоми чаҳоннаморо гирифта, роҳӣ гардид. Бов бар сари достони ӯ меоем, иншоллоҳ таоло.

Алкисса, маликзода дарро мустаҳкам карда, аз кӯҳ фуруд омада, бар рӯи об мерафт. Аз дарьё баромад, бар лаби дарьё қалъае дид, ки кунгураи ӯ бар фарки кӯҳ баробар буд. Ҳеч кас зохир набуд. Понсаду як зина дошт. Маликзода кадам бар он зинаҳо ниҳода, роҳӣ шуд, то аз он шаҳр хибаре гирад. Вакте дид, ки аз сафири қалъа овозе омад, ки «Чи касӣ?!»

Маликзода нигоҳ кард, ки чиҳил нарадев бар сафири қалъа истода, бар пеши ҳар кадом ҳитъае аз санг дах ман то сад ман — дусад ман барин ҳиёс буд. Деве ки аз ҳама мукаддам истода буд, гуфт:

— Одамизод чи мақсад дорӣ?!

Маликзода гуфт:

— Равандаи роҳам, ин шаҳрро дар ин аламату истеҳком дидам, касеро надидам, хостам, ки хабаре гирам.

Девон гуфтанд:

— Ин шаҳр хазоини ҳазрати Сулаймон аст. Моён нигаҳбонем. Ҳазрати Сулаймон гуфтанд, ки «хазинаи ман насиби он кас аст, ки нигини ман дар дасти ӯ бувад».

Сайфулмулук гуфт:

— Эй гумоштагон, нигин бо ман!— гуфта ба девон намуд. Ҳамаи онҳо мутеъ ва мунқод[1] шуданд, сангҳоро партофта маликзодаро ба қалъа дароварданд ва хазинаро ба ӯ намуданд.

Маликзода чаҳор сарой дид, дар ҳар сарое ҳаштсад хона, дар ҳар хонае ҳаштсад ҳуҷра, дар ҳар ҳуҷра ҳаштсад ҳуми хисравӣ дид, пур аз зару чавоҳиру лаълу фирӯзаву зумурраду марвариду забарҷад моломол, хиште аз зар бар даҳони ҳум ва хишт аз нукра бар зери ҳум ва сипаре бар болои ҳар ҳум пур аз зару чавоҳир ниҳодаанд. Хонаро ҳозабандӣ карда, тӯбраву ҳилъатҳову ҳамоилҳои шилшилаҳо сохта, аз ҳар ҷониби хона овехта ва силоҳҳои мукаммал муҳайё сохта, боргоҳу саропардаи эшонро дар хона танҳо мондаанд. Маликзода ҳамаро тамошо карда, завки ачибе намуда, ба девон супорид, ки:

— Нигоҳ доред то ба вакте, ки худои таоло хоста бошад, гавҳари максуд ба даст афтад, дилам ором гирад, бар такти шоҳаншаҳӣ нишинам, он замон ин ҳазинаву боргоҳ ба ман даркор мешавад... Эй девон, кадри хизмати шумоёнро ҳокам донистан!— гуфта, видоъ карда, аз кӯҳ фуруд омада, кадам дар биёбони ҳавлнок он покзътикод ниҳода, роҳӣ шуд.

---

[1] *Мунқод* — тобеъ, фармонбардор.

Ровӣ гӯяд, ки ба дарьёи чаҳорум расид, дарьёе дид, зиёда аз онҳо буд. Исми аъзам хонда, бар худ дамида, қадам ниҳода, бар рӯи об равон шуд. Мерафт, ки киштиҳо аз рӯи дарьё пайдо гардид. Чун ҳариб расид, маликзода дид, ки ҷамъе аз зангиёни одамхор будаанд, бархостанд, ки маликзодаро дастгир кунанд. Маликзода даст бар камон карда, бад-он се чӯбатир ҷамъеро бикушт. Баъда даст бар теғ бурда, ба ҷанг даромад. Се шабонарӯз ҷанг карданд. Зангии бисьёре кушта шуд, аммо захми бисьёре ба маликзода расид, хун аз бадани ӯ мерафт, сустие дар аъзои ӯ падид омад. Зангиён бисьёр буданд, маликзода танҳо, гуруснаву меҳнати роҳ кашида. Хун аз ҳад афзун рафт, маъҳал шуд, аз тан дил нолида, муҳоҷат мекард. Дархол аз рӯи дарьё бузургворе пайдо шуданд, асои сабз бар даст, доман ба занҷири камар устувор карда, ба шитоби тамом омада, асоро бар он киштиҳои зангиҳо заданд, оташ аз он ба киштиҳо афтод, дар турфатулайн зангиён сӯхтанд. Маликзода хурраму шодмон шуда пурсид, ки:

— Эй бузургвор, шумо чи касед ва чи ном доред?

Гуфтанд:

— Маро бародари ҳазрати Хизри пайғамбар меғӯянд, ба ном Ильёси пайғамбарам, бахрҳо дар фармони ман аст. Ҳар бечорае, ки дар бахр дармонад... ман аз ӯ хабардор мешавам ва мадад мерасонам.

Ин гуфтанд ва ғоиб шуданд. Маликзода шукр... ба ҷой оварда, ба канори дарьё расид, ҷазирае дид. Дар он ҷазира даромада, сайр мекард, ба мақоме расид, ки мори сафеде дар лаби чашма бетокатӣ мекунад, худро бар замин зада фарьёд мекунад. Аз шиддати овози ӯ вуҳушу туюр нуфур фармудаанд. Маликзода ҳариб омад, дид, ки ақрабе бар фарқи мор чун найза дамбадам неш мезанад. Фарьёду фиғони мор аз ин ҷиҳат будааст.

Маликзодаро раҳм омада, теғро аз миён гирифта, ақрабро зада бар замин андохт, чанд пора карда, морро халос кард. Мор аз он заъфи ақраб фароғат ёфта, мадҳуш шуд. Муддате ба ҳуш омада, сар дар қадами маликзода ниҳода, гирди ӯ мегашт ва зорӣ мекард. Аммо аз заҳри ақраб забонаш варам карда буд. Ҳар замон забони худро бароварда ҳасди сухан кардан мекард, аз касрати варам сухан карда наметавонист. Чун фасле гузашт, ба маликзода фаҳмонд, ки андак таваккуф кун, бар сӯрохе даромада рафт.

Маликзода аз меваи он ҷазира хӯрда бар канори он чашма нишаста буд, ки он мор салимулаъзо шуда баромад, бар думи

худ рост истод, чун одамиён ба маликзода ба забони фасех салом кард. Маликзода ҷавоби салом дода, гуфт:

— Эй ҳайя, магар ту чинӣ ё парӣ ё соҳир ё ҷоду, ки сухан мекунӣ?

Мор гуфт:

— Ман подшоҳзодаи моронам, оллоҳи таоло дар тухми моён натичаву хосият дода, ки чун одамиён сухан мекунем. Ҳайвонотӣ дигарро ин хосият нест, магар тӯтӣ, ки ӯ аз саъйи одамӣ суҳангӯ мешавад.

Маликзода гуфт:

— Ғайр аз мор дигаре дар ин беша ҳаст ё не?

Мор гуфт:

— Эй маликзода, муддати шаш моҳ аст, ки ба дасти душман гирифторам, падару модар ва бародару хоҳаронам ҳар чанд саъй карданд, маро начот дода натавонистанд. Аз фарьёду нолаи ман ба танг омада, худхоро канор гирифтанд, ки маро набинанд, дил сӯзанд... Худои таоло имрӯз мисли ту ҳучастапайро ба сарвакти ман расонид, ки маро аз ин дард начот доди акрабои ман ҳанӯз иттилоъ наёфтаанд. Фасле таваккуф кун, ба онҳо хабар расонам ва шодком гардонам. Онҳо ватанро гузошта ба ҳар ҷо рафтанд. Ин ҷазира, ҷазираи морон аст.

Ин бигуфт, дар болои дарахти баланде баромада, фарьёд кашид. Дарҳол овозу фиғони бисьёр шуд. Маликзода дид, ки садои морон аст, баромад. Акнун назар кард, дид, ки сад ҳазор дар сад ҳазор мор аз ҷониби ҷазира омадан гирифтанд. Маликзодаро воҳима зер кард. Он мор мутталеъ шуда, ба хизмати маликзода омада, гуфт:

— Матарс, ки инҳо бе амри ман зарар намерасонанд.

То се шабонарӯз мор меомад, туфта морон буданд. Маликзода ҳайрон ба морон шуд, ки ин ҳама мор аз кучо меомада бошанд. Тамоми ҷазира аз мор пур гардид. Морон бар болои ҳам афтода, ба ҳамдигар печида. Маликзода тааҷҷуб мекард, ки ин ҳама мор аз як акраб гурехтаанд.

Алқиса, баъд аз се шабонарӯз маликзода дид, ки аждаре пайдо шуд, ба фарқи худ тоҷ дорад. Дар панҷаи шоҳ хиште аз тилло нихода, бар болои хишт панҷ мори сафед карор гирифта меоянд.

Чун он аждар пайдо шуд, ҳамаи морон ба истиқбол омаданд, ӯро истиқбол карданд. Море, ки ба хизмати маликзода буд, ба ҷониби аждар фарьёд карда, роҳӣ шуд. Он морони сафед худро аз болои хишт бар замин андохтанд, ба ҳамдигар пайваста фарьёд карданд. Баъдаҳу ба ҷониби маликзода ома-

да, мулозимат карданд, узр хостанд. Маълуми маликзода шуд, ки падару модару бародарони ӯ будаанд. Баъдаху подшохи морон захра аз даҳони худ бароварда гуфт:

— Эй ҷавон, ин захраро гирифта, дар гардани худ андоз!

Маликзода чунин кард.

Мор гуфт:

— Аз ин кирдор максад он аст, ки мо хама, бандаву фармонбардори туем.

Ва аз сари аждар чанд торамӯй гирифта дод, ки:

— Ин дар бисоти ту бошад, дар хар ҷо мушкиле рӯй дихад, кадре аз ин дар оташ андоз, мо ба ту хозир шавем.— Ва боз гуфт: Хафт ганҷи Ҷамшед дар ин ҷазира хаст, тааллук ба ту дорад, хар вакте ки хохӣ бубар.

Маликзода кабул кард. Малики морон ба сӯрох даромад, баъд аз муддате баромад, барги сабзе ба даҳон гирифта баровард, ба маликзода дод ва гуфт:

— Эй ҷавон, ин баргро нек нигох дор, ба ту фоидаи бисьёр дорад.

Модамор даромада, як дона гавҳари обдор бароварда, ки микдори нор буд, ба маликзода дод. Маликзода завки ачибе карда, эшонро видоъ карда, роҳӣ шуд.

Алкиса, маликзода аз он дарьё гузашта, ба сохил баромад, калъае дид, муаззаму маҳкам. Чун бад-он шахр даромад, ба ғайр аз авратон касеро надид, таҳсин[1] карда пурсид, гуфтанд:

— Ин шахри занон аст, дар ин ҷо мард намебошад.

Маликзода гуфт:

— Бе мард чӣ гуна фарзанд мешавад?

Гуфтанд:

— Дар канори ин шахр дарахтест азим, он дарахтро дар канор мегиранд, аз он хамл хоҳад шудан.

Маликзода аз он баромада рохӣ шуд, ба канори дарьёи панҷум расид. Дар лаби дарьё бешае дид, сабзу хуррам. Чун дар он беша даромад, сайр мекард, аз меваи он дарахтхо мехӯрд. Ба ҷое омад, ки чашмаи об мавҷ мезанад ва суфа барбастаанд аз пӯсти вухуш палос андохта, сурохии пури шароб ва кабоб ниходанд, аммо касе зоҳир намешавад. Маликзода бар он суфа нишаста, аз он шаробу кабоб хӯрда, аз хумор баромад. Дар он вакт яке девонаи сарбарахнае пайдо шуд, баландии комати ӯ саду бист газ буд ва бари синаи ӯ чихил газ буд, се чашм дошт, ду шох дар миёнаи ду абрӯ дошт ва мӯи сари ӯ

---

[1] *Таҳсин* — сахт.

ба занчири камар афтода буд, лунгие аз пусти дарранда ба даври камар баста, чўбдасте ба даст гирифта, дар тақобули маликзода расид, гуфт:

— Эй одамизоди бесару сомон, натарсидй, ки дар макоми ман омадй ва дар суфаи ман нишастай?!

Маликзода манзур накарда, хеч нагуфт. Девона дар кахр шуда, харба рохй кард. Маликзода аз сари дасти ў гирифта, харбаро чудо карда, ба канора партофта, аз камари ў гирифт. Ў тез худро хам карда, аз гиребони маликзода гирифта, дар талош даромаданд. Хафт шабонарўз талош карданд. Маликзода ўро ба кундазону кашида, сари ўро хост, ки канад. Девона гуфт:

— Эй чавон, ман сохиб дорам, туро хохад куштан.

Маликзода гуфт:

— Сохиби ту кист?

Девона гуфт:

— Дар хоб дидаам, нишонхо дорад. Чоме бар бағал дорад, нигини хазрати Сулаймон дар ангушти ўст, Сайфулмулук ном дорад.

Гуфт:

— Манам Сайфулмулук.

Девона дар кадами маликзода афтода, узрхохй кард.

Маликзода гуфт:

— Хамин чо карор гир, то омадани ман, туро хохам бурдан,— гуфта, ўро дар он чо гузошта, исмро хонд, бар худ дамид, кадам дар рўи об нихода, рохй гардид. Ба чое омад, ки кўхи азиме, дарае дорад. Даруни ў токе дид, мурассаъ ба кошин сохта, гунбазе дар ў таъбия кардаанд, овози наю барбату конуну арғунун меояд. Маликзода мутахайир шуд, ки ин чй гуна ишратгох бошад. Акнун омада дид, марди пире нишаста. Ба маликзода салом кард. Маликзода пурсид:

— Ин чй гуна маком аст?

Он марди пир гуфт:

— Эй барнои хунгирифта, ин макоми Лохукдев аст, яке аз солорони Коф аст. Хаммасофи Ифриту Самандун аст ва парён дар банди ўянд. Маро оварда посбони худ карда. Бигрез.

Маликзода гуфт:

— Эй падар, аз кучо ва аз кадом вилоят мебошед?

Гуфт:

— Ман аз вилояти Сарандебам, яке аз вазирони Точулмулукам. Муддати дувоздах сол аст, ки дар ин бандам. Эй чавон,

туро чи шуд, ки дар ин ҷо омадӣ? Кадами одамизод ҳаргиз дар ин ҷо нарасида.

Маликзода киссаи худро тамом бигуфт. Он пир бисьёр бигрису ва гуфт:

— Эй фарзанд, ҳоло ки дев дар хоб аст, бигрез, ки зоеъ нагардӣ ва аз мақсад бознамонӣ.

Маликзода гуфт:

— Ин чӣ гуна садохост?

Он мард гуфт:

— Садои нафири хоби ин дев аст.

Маликзода гуфт:

— Эй падар, шуморо аз банд начот дихам, меравед?

Бобо гуфт:

— Эй ҷавон, имкон надорад.

Шоҳзода гуфт:

— Эй падар, шуморо дар банд монда рафтан хубӣ надорад. Иншооллоҳ, ки ӯро кушта, шуморо начот дихам.

Харчанд манъ кард, мамнӯъ нашуд.

Маликзода бар дари он гунбаз омада, дид, ки дев пои худро бар дар нихода, хоб кардааст. Ҳарчанд кувват кард, дар кушода нашуд. Охир исм хонда, ҳанҷарро аз миён бароварда, ба неши ҳанҷар кафи пои девро харошид. Дев пои худро ҷамъ кард. Дарро кушода даромад, чун пойро боз ба дар ниход, дар махкам гардид. Маликзода назар кард, деве дид, ду сар дошт, дувист газ тӯли ӯ буд, панҷоҳ газ бари синаи ӯ буд, чаҳор шох дошт, ба занҷири тилло пироста, зангҳои тилло овехта, чаҳор гавҳари шохвор дар шохҳои ӯ зинат дода, микдори хафт ман занҷири тилло дар даври камар устувор карда, тавке дар гардан ва халхолҳои зарин дар дасту по андохта, турфа мухобот дошт. Маликзода ҚАСД кард, ки дар хоб ӯро сар канад, ғайрати мардӣ монеъ шуда, наъраи кашид, ӯро бедор кард. Чашм аз хоб боз кард, маликзодаро бар сари худ дид, даст дароз кард, ки гирифта сар канад. Шоҳзода аз банди дасти ӯ гирифта, афшурда партофт, наздик буд, ки дасташ аз шонаҳояш канда шавад. Дев фаҳмид, ки ҳариф забардаст будааст, аз ҷой бархост, гуфт:

— Эй одамизод, натарсидӣ, ки ба макоми ман омадӣ?!

Маликзода гуфт:

— Дониста омадам. Ба ҚАСДИ куштани ту омадаам!

Дев харбаро роҳӣ кард, ҳар ду дар ҷанг даромаданд. Маликзода хафт зарб аз дасти дев нӯш кард, аз сок то зону дар замин фурӯ рафт, лекин ба саломат баромад Дар навбати ҳаш-

тум ҳарбаи ўро калам карда, кабзаи ўро рад дода, ҳарду дар талош даромаданд. Дувоздаҳ шабу рўз талош карданд. Маликзода охир девро чанд ҚАДАМ роҳ давонда, пеш кашид, ба ҳар ду зону фурў рафт. Ханчарро дар пахлўи ў ниҳода, саросари шиками ўро пора карда партофт. Баъд аз он ҳар ду сари ўро бурид. Вакте хозир шуд, ки аз ҳар катра хуни ў чанд деви дигар хозир шуда, касди маликзода карданд. Маликзода теғро канда, дарафтод. То мекушт, зиёда мешуд. Бисту як шабонарўз ҷанг мекард, ба куштан тамом намешуд, то мерафт, зиёда мешуд. Ҳайрон мешуд. Вакте буд, ки ҳазрати Хизру Ильёс омаданд, асохои худ бар замин заданд, оташ баромад, тамоми он девон сўхтанд. Маликзода хуррам шуд. Онҳо гуфтанд:

— Эй шохзода, баъд аз ин девро ду зарб мазан ва хотири худ ҷамъ дор, ки кариб ба матлаб расидай. Зуд аст, ки ин мехнатхо ба рохат мубаддал шавад. Эй фарзона фарзанд, баъзе амонатхо дар ин ҷост, бузургон ба ту гузоштаанд, бигир,— гуфта, ғоиб шуданд. Маликзода фароғат ёфт, гавҳарҳову занҷирҳову камари девро гирифта ба даруни гунбаз даромад, роҳи накбе пайдо шуд. Дар он ҷо даромад, сандуке буд. Сандукро гирифта кушод, пирохане баромад, хати навиштае хамроҳ буд. Хатро хонд, навиштаанд, ки пирохани Шис, алайҳассалом, аст. Маликзода хурсанд шуда, бўсида, аз он ҷо баромада, пирро дида, гуфт:

— Ҳозири кори худ бош, ки боз ба сарвакти ту омада, туро хоҳам ба маконат расондан.

Пир дуо карда, видоъ кард. Маликзода рохӣ гардид. Аз об баромад, бешае дид, басе хуррам. Он бешаҳоро сайр карда, аҷоибхоро тамошо мекард. Аз он ҷо баромада, рохӣ гардид. Дар рох чаҳорсад шер баромаданд. Ҳамаро кушта, ба бешаи шерон омад, чанд шерро кушта, соате истода, рохӣ шуд то ба канори дарьёи шашум расид, дид, ки кўхи азиме воҷеъ шуда, чун зумурад барқ мезад ва аз ҳар гуна дарахтону гулҳову гиёхҳо дар он кўх ҳувайдо буд. Чунин дарьёи азим аз ҷавфи[1] он кўхмебарояд. Зиёда хуррам ва марғуб буд. Маликзодаро хуш омад, чанд мурғеро шикор карда, кабоб тайёр карда, хўрда, бар тахтасанге сар ниҳода, ба хоб мукайяд шуд.

ҚазоРо дар он кўх ғоре буд, аждаре дар он ғор буд. Ҳар рўз аждар бар он санг баромада, хоб мерафт. Ба одати маъҳуд[2] дар макоми худ омад, маликзодаро дида, ба коми худ кашид, ба

---

[1] *Ҷавф* — ковок, дарунхолӣ.
[2] *Маъҳуд* — ҳамешагӣ, пешин.

ҳайдони аждар андармон шуд. Аждар ҳайрон монд. Маликзода аз хоб бедор шуд, худро дар ин ҳолат дид, сар бардошта, аз ду лаби ӯ гирифта, кувват карда, наъра кашида, аждарро то думаш ду пора карда, исм хонда қадам ба дарьёи шашум нихода, роҳӣ шуд. Ба турфатулайн аз он дарьё бигзашт. Чун ба сохил расид, марғзоре дид, ки аз Фирдавс ёд дошт. Дар он марғзор сайр карда, тамошо мекард ва мева хӯрда, роҳӣ шуд. Баъд аз ҳафт рӯз ба канори дарьёи ҳафтум расид, назар кард, дарьёе дид, он дарьёҳо мавче аз мавчҳои ин дарьё будааст. Маликзода тааччуб карда, исмро хонда, бар худ дамида, кадам ба дарьё нихода, мерафт. Дар васати дарьё расид, дид, ки кӯҳи азиме дар он ҷо вокеъ шуда. Дар доманаи кӯҳ чашмае дид, ки аз Кавсар нишон дорад. Дар лаби он чашма дарахтон дид... бар дарахте мурғе ошьён мекард. Ба маликзода он сарчашма хуш омада, дар дил гуфт: «Дар ин ҷо андак осоям, то ки рафъи кудурати рох шавад». Даме дар он ҷо осуд. Ҳанӯз хоб набурда буд, ки фарьёди мурғчӯҷагон баромад. Он микдор фарьёд бароварданд, ки маликзода бехузур шуд, гуфт: «Магар аз ҷиҳати бегонагии ман бетокатӣ мекунанд?» Худро канора гирифта, дид, ки торафт фарьёди эшон зиёда шуд. Акнун ки нигоҳ кард, аждаре худро ба ошьёни мурғ расонида, мехоҳад, ки мурғчӯҷагонро бихӯрад. Донист, ки фарьёди онхо аз ин ҷиҳат будааст. Маликзода бо худ андеша кард, ки «ин ошьён, ошьёнаи симурғ аст. Некӯй бояд кардан, шояд ба ман нафъе расонад» гуфта, бархоста, тиру камонро шаст дода, он аждарро зада, ба дарахт дӯхт. Баъдаху омада, ҳамроҳи теғ ӯро чанд пора карда, ба ошьёни он мурғ партофт.

Дарҳол мурғчӯҷагон гирифта, дар хӯрдан шуданд ва ба волидаи худро низ аз он парчае гузоштанд, дар ҳаки шоҳзода дуои хайр карданд. Баъд аз он минкор дар зери бол кашида, ба хоб шуданд. Маликзода низ ба фароғи бол хоб кард. Фасле гузашта буд, ки симурғ аз шикор бозомад, дид, ки ҳар вакто, ки аз шикор меомад, мурғчӯҷагон бол зада, бетокатӣ карда, то фароз омадани ӯ шодиҳо мекарданд, имрӯз омад, аз фарзандони худ асаре надид. Соле як бор ҳамон аждар фарзандони ӯро мехӯрд, доғҳо дар дил дошт, аммо намедонист, ки аждар мехӯрда бошад. Гумон кард, ки ҳар сол ҳамин будааст, омада фарзандони маро мехӯрдааст, гуфта, бар атрофу ҷониб назар кард, маликзодаро дид, бо худ гуфт: «Одамизодро ба мурғчӯча завк мебошад». Китъасангеро бардошта сайдхоро бар ошьёни худ партофта, касди маликзода карда, роҳӣ шуд. Садои боли симурғро чӯҷагони ӯ шуниданд, саросема аз хоб бархоста, нигоҳ карданд,

ки модари онҳо қасди маликзода кардааст, фарьёд бароварданд, гуфтанд:

— Эй модари мехрубон, баргард! Чи дар дил дорй, баргўй?!

Симурғ овози фарзандони худро шунид, баргашт, бар гўшаи ошьёни худ нишаст. Фарзандон вокиаро ба модари худ такрир намуданд. Маълуми ў гардид, аз кардаи худ мунфаил гашта, шукр ба чой оварда, гуфт:

— Алҳамдулиллох, ба зудй маълуми ман шуд, вайлло пора-пора мекардам, дар киёмат маъзуб мегардидам.

Бадаху дид, ки маликзодаро офтоб бар сар омадааст, фуруд омада, боли худро ба маликзода соя карда истод, то ба вақте, ки сар аз хоби гарон бардошт, чашм боз кард, симурғро дар такобули худ дид, даст бар сина, марҳабо гуфт.

Симурғ чавоб гуфта, пурсид, ки:

— Эй бани одам, ин чо чй гуна омадй, ки одамизод имкони омадан надорад?

Маликзода киссаи худро тамом гуфт.

Симурғ зор-зор дар гирья шуд.

Вокиаи ҳафт садд ва Саъсааро такрир кард. Симурғ қабул карда, мутасаддй шуда гуфт:

— Эй барно, некўие дар ҳаки фарзандони ман кардй, ман дар ҳаки ту зиёдатар хоҳам кардан.

Баъдаху ҳафт гўра овард, гуфт:

— Инҳоро пўст кан.

Маликзода чунон пўст канд. Пўстҳоро пур аз об карда, хамроҳи гўштҳои ў ба гардани симурғ андохт, худ низ савор шуд.

Симурғ гуфт:

— Ҳар вакто, ки даҳони худ боз кунам камтар гўшт маа як машк об дар даҳони ман хоҳй андохтан, то ба ман кувват шавад. Дигар чои фуруд омадан нест.

Маликзода қабул кард.

Симурғ гуфт:

— Пари чапи маро мустаҳкам гир,— гуфта, бол бар бол зада, ба сўи ҳаво равон гардид, то ки қариби садди аввал расид, ки дарьёи хун буд. Маликзода аз баланд рафтани симурғ дар таҳайюр шуд. Чун бад-он маком расид, дид ба мавҷи хун кариб омадааст. Симурғ фуруд шуд. Бўи хун симурғро ба диқ оварда буд. Нафаси ў гирифт, ба машаккате нафас мегирифт. Маликзода ҳайрон монд. Симурғ ба васати ў расид даҳон боз кард. Маликзода ба таъчили тамом гўшт маа машки об дар даҳони ў андохт. Симурғро куввате шуд, аз он садди хун бигзашт. Бар садди дуюм дарьёи об буд, бад-он чо расиданд. Ў низ мавҷ кар-

да, қасди симурғ кард. Қасрати нафас, ки симурғ мезад, қатароти об тезборон аз бадани ӯ мечакид. Ба васати дарьё расид, даҳони худ боз кард. Маликзода ба дастури собиқ гӯшту об дод.

Алқисса, симурғ аз шаш садди ӯ бигзашт ва ба садди ҳафтум расид, дарьёи оташ зоҳир шуд. Ҳарорати ӯ наздик буд, ки маликзодаву симурғро ҳалок созад. Симурғ даҳони худ боз карда, ба маликзода, ишорат кард. Маликзода хост, ки гӯштро дар даҳони ӯ андозад, ҳарорати оташ ба мушобеҳе шиддат кард, ки гӯшт аз дасти ӯ хато ёфта ба каъри дарьё рафт. Маликзода ҳайрон шуд, ки чи фикр созад, ки симурғ аз касрати гуруснагиву ташнагӣ аз кувват бозмонда, ба роҳ сустӣ оғоз карда мерафт. Гуфт: «Ин ҳама меҳнатҳои ман зоеъ ҳоҳад шуд». Аз чиҳати изтирор[1] маликзода ҳанҷар кашида, аз рони худ лахте гӯште бардошта дар даҳони симурғ маа як машк об андохт. Симурғ ба чандин меҳнат бигзашт, ваилло имкони гузаштан надошт...

Чун Симурғ аз он саддҳо гузашт, ба ичобати илоҳӣ, омада бар куллаи кӯҳе фуруд омад. Маликзода рони худро барбаст, аз гардани симурғ фуруд омада, ӯро сано гуфт.

Симурғ соате дами худ рост карда, ба худ омада гуфт:

— Эй банни одам, дар охир чӣ гуна буд, ки инчунин гӯшт ҳаргиз нахӯрда будам?

Маликзода воқиаи худро гуфт. Симурғ гуфт:

— Эй фарзанд, аз думи ман як пар кан, ба ту нишона аз ман бошад. Агар ба Саъсаои ҷоду қиссаи гузаштани ҳафт саддро гӯй, бовар кунад.

Маликзода аз думи симурғ як пар канд, тӯли он сӣ газ ва арзи он шонздаҳ газ буд, гӯё дарахте барканд ва хун аз ҷои ӯ равон гардид. Ва он лахти гӯште, ки аз рони маликзода хӯрда буд, кай карда, гуфт:

— Бигир, бар ҷояш бинеҳ.

Маликзода чунон кард. Баъд аз он гуфт:

— Эй фарзанд, аз хуни ман ҳам бигир дар атрофи захми худ бимол.

Маликзода чунон кард, дарҳол сиҳат ёфт. Симурғ гуфт:

— Аз хуни ман бигир ва бо худ нигоҳ дор дар баъзе ҷойҳо дар ту кор ояд. Агар дар ту мушкиле пеш ояд, решае аз пари ман бар оташ андоз, худро ба ту мерасонам. Ту фарзанди ман шудӣ, то зиндаам, туро фаромӯш нахоҳам кардан. Бирав дуои маро ба Саъсаои ҷоду бирасон. Умед аст, ки ба давлати чамоли Бадеуччамол бирасӣ. Дар гузаштан маро албатта хоҳӣ дида гу-

[1] *Изтирор* — ниёзмандӣ, зарурат.

зашт,— гуфта, маликзодаро видоъ карда, болу пар зада, ба чониби ошьёни худ рафт.

Маликзода фасле дар он маком ором гирифта, чанд мурғ шикор карда, кабоб тайёр карда хўрд, сар ба осоиш ниход. Баъд аз замоне аз хоб бедор шуда, камон дар бозу ва теғ дар миён баста, доман низ ба занчири камар устувор карда, қадам дар роҳ ниҳода, роҳй шуд ва ин абьётро тараннум карда меҳонд:

Байт:

Ғариби кишвари ишқам, фитода дар роҳам,
Ки роҳбар набувад сўи дўст чуз оҳам.
Ҳазор мартаба менихад чунуи ба роҳи дўст,
Набарад ҳавсалаи ишқ чун гузаргоҳам.

Алқисса, маликзода роҳ мерафт. Баъд аз ҳафт рўз бар баландие баромад. Бар фурўзи пастй назар кард, чаҳорбоғ дид, бисьёр хуррам, гўё нишонае аз Гулистони Ирам буд. Маликзода аз дари чаҳорбоғ даромад, сайр карда ба ҷое расид, ки сарҳавзи хубе ороста ва зиннат дода, суфаҳои хуб тасниф карда, маҷчаҳои зар ба ҳар ҷониби ҳавз ниҳода. Ба яке аз он суфаҳо золе нишаста, ки аз ҳайбати ў замин дар ларза ва мўи сари ў тамоми аъзои ўро пўшонида, пистонҳо мисли дўли осиё бар сари дўш афканда. Аз даҳону бинии ў оташ шарора мезад Тўли ў шаст газ буд ва бари синаи ў бист газ буд. Гўшу бинии ў ба ҳам омехта, нохунҳо мисли бели деҳқонон шуда.

Маликзода фаҳмид, ки Саъсаан ҷоду ҳамин аст. Ба сад ҳазор тарс ба одоби тамом дар такобули ў омада, даст ба сина салом кард. Ҷоду дар айни машғулй буд, ки овози маликзода ба гўши ў расид, сар аз гиребони хаёл бароварда назар кард, ки маликзодаро дар такобули худ дид, гўё ки курси хуршеди ховар тулўъ карда. Хар ду рухсори ў чун моҳи шаби чордаҳ тобон ва аҳмаки мизоҷ чун лаъли Бадахшон буд. Гули мушкин бар сафҳаи рухсори моҳчабини нозанин чун турраи сунбул ба зери вараки гул бисьёр базеб афтода, ҳанўз асари хат бар изораш хутур[1] накарда. Гўё ки Юсуфи вақт буд, бар сари он зулайҳотинат расида. Саъсааро муҳаббате шуда, ҷавоби салом дод ва ҷой таин намуд ва таом ҳозир кард. Баъдаҳу пурсиши аҳвол намуд, ки:

— Эй ҷавон, ҷинй ё инсй ё балки аз замин баромадй ё аз осмон фуруд омадй, ки дар ин боғ даромадай. Аз чанд вақт омадани ту маро тааҷҷуб меояд: яке он ки ҳафт садд бастаам, ки эҳтимоли гузаштани мурғ нест, деву париро чи рутба ва одами-

[1] *Хутур* — пайдо шудан, бавучуд омадан.

ро чи мачол! Дуйум он ки аз хароси ман касе нахохад омадан. Туро чй гуна шуд, ки омадй?

Маликзода зону тах карда, гирьён гардид, киссаи худро аз аввал то ба охир ба чоду баён кард. Дили Саъсаа ба дард омада, зор-зор бигрист ва гуфт:

— Эй чони модар, ин чафохое, ки ту кашидай вусъи[1] хеч кас намегунчад. Хаёли ин мухол аст. Аз паризоддухтар ин хама мехнатхо кашида, маро кофта омада бошй, камоли ноинсофии ман бошад, ки туро махрум гузорам. Аввал хостгорй намоям, умед аст, ки Шахбол ибни Шохрух сухани маро рад накунад, ваилло мулки ўро ба сехр хароб карда, Бадеуччамолро ба кайди ту надарорам, пас ман Саъсааи чоду набуда бошам. Иншоллох, оид ба ин чо намешавад.

Ин бигуфт, аз чой бархост, ду шери сафед хозир кард, бар яке худи ў савор шуд, бар дигараш маликзодаро савор кард. Маликзода камону тиру теґу чоми Чамшеду зирехи Довудро дар макоми Саъсаа гузошта, мореро камчин карда, хамрох ба чониби Гулистони Ирам рохй шуданд. Баъд аз се шабонарўз дохили Гулистони Ирам шуданд. Маликзода хамчунин ґулистоне дид, ки харгиз надида ва нашнида.

Байт:

Ачаб фархунда чое дид, боге,
Ки чаннат дошт дар дил чанд доге...
Лаби чў чун чавонони музаллаф[2],
Ки сокй хамчу лола чом бар каф.

Сухан мухтасар, Саъсаа маликзодаро гирифта, дохили Гулистони Ирам кард, дар канора пои гулбун нишонда, худ ба хизмати малик Шахбол рафт. Аз дари боргохи Билкис даромад, сар ба чониби малик Шахбол фуруд овард. Малик Шохбол низ истикбол карда, чой дода, пурсиши ахвол намуда, сабаби омаданро пурсид, ки «харгиз то ба талаб намеомадй, чй гуна шуд, ки моро ёд карда, омадй?»

Саъсаа киссаи пурґуссаи маликзодаро аз аввал то ба охир такрир намуд. Дили Шахбол ба дард омада, зор-зор бигрист ва гуфт:

— Эй модари мехрубон, ин киссаи мозист ё холо рост аст? Дар одамй ин хама куввату хавсала кучост? Чунин чафохо мекашидааст?

Саъсаа гуфт:

---

[1] *Вусъ* — тавон.
[2] *Музаллаф* — зулфдор, кокулпарешон.

— Эй малик, ишку чунун ба ин водиҳо меоварад.

Саъсаа чандон таъриф кард, ки малик Шаҳбол ғоибона шефтаи ӯ гардид, гуфт:

— Ӯро ҳоло чи кардӣ?

Ҷоду гуфт:

— Бо худ ҳамроҳ овардаам, ба канорае гузоштаам, то амри ту чи шавад.

Шаҳбол гуфт:

— Эй волидаи меҳрубон, ҳамин, ки муносиб дидӣ, ҳоҷати ба ман гуфтан нест. Фармо, ки ӯро ба назди вай ҳозир кунанд. Ин ҳама меҳнати рӯҳ кифоя аст, беш аз ин интизорӣ набарад. Бадеуччамолро ба ӯ бахшидам.

Мулозимонро пайи ӯ фиристод, ки гирифта биёред.

Акнун шумо ду калима аз ҷониби дигар шунавед.

Вакте ки паризодро кушта буд, духтари малики Сарандебро начот дода буд, падараш подшоҳи ҷазоири[1] Мухит буд, хабар ёфт, ки писари ӯро одамизод куштааст, маъшукаи ӯро бурдааст, ҷамъе аз ҷинону девонро фармуда буд, ки котили писари маро ёфта биёред, то хуни ӯро ситонам. Онҳо дар тараддуд буданд, гирди ҷаҳонро кофта, наёфта меомаданд, то дар он вакт гузари эшон ба Гулистони Ирам афтод, диданд, ки одамизодписаре дар саҳни бӯстони Ирам нишастааст. Тааҷҷуб карда, фуруд омаданд, аҳволоти маликзода ва сабаби Гулистони Ирам омаданро пурсиданд. Маликзода онҳоро мулозимони малик Шаҳбол гуфта, киссаи пурғуссаи худро тамом бигуфт. Суханро бад-ин ҷо расонид, ки дар пуштаи Исфандиёр омада, паризодро кушта, маликаро начот додан, ҳамаро такрир кард. Онҳо дасту гардани ӯро барбаста ба назди подшоҳи Мухит бурданд. Чун ба подшоҳ мувоҷаҳа[2] карданд, амр кард, ки ӯро дар зиндони Сулаймон андозед, ки ба хории хору ба меҳнат гирифтор шуда бимирад, то дили ман сард шавад.

Маликзодаро дар банд гузоред, акнун шумо аз малик Шаҳбол шунавед.

Чун мулозимони малик Шаҳбол омаданд, ҳарчанд Гулистони Ирамро кофтанд, маликзодаро наёфтанд, омада маълум карданд, ки шоҳзодаро наёфтем. Саъсаан ҷоду мутаҳайир шуда, баромада саъю таваччӯҳ кард, наёфт. Ҳайрон шуд, ки ба маликзода чи воқиа рӯй дода бошад. Ин хабар ба Бадеуччамол расид, ки маликзода ғоиб шудааст, гиребон то ба домон чок

---

[1] *Ҷазоир* — ҷазираҳо.

[2] *Мувоҷаҳа* — вохӯрдан, рӯ ба рӯ шудан.

карда, бар сару рӯи худ мезад ва мӯи худ меканд, фарьёду фиғон мекард. Ӯро ҳабс карда гуфтанд:

— Таҳаммул созед, ки бубинем, ки паём меёбем.

Бо вуҷуди тасалло додан ором надошт. Малик Шаҳбол амр кард, ки девону париён таҷассус[1] кунанд, хабари ӯро ёфта биёранд.

Ба ҳар ҷониб саъю таваҷҷӯҳ мекарданд ва аз ҳар кас мепурсиданд. Оқибат аз Шабшодии дев шуниданд, ки маликзодаро ба дарьёи Мухит бурдаанд. Шаҳбол ибни Шоҳрух рӯ ба Саъсаа карда, гуфт, ки:

— Эй модари мехрубон, маслиҳат чист? Дар ҳаки одамизодписаре, ки дар бало афтодааст, чӣ бояд кардан?

Саъсаа гуфт:

— Эй малик, ту бехтар медонӣ, ки бо вуҷуде, ки бевафоӣ дар одамизод аст, ӯ вафо варзида, ин ҳама ҷафоҳо кашида, аз тоҷу тахту падару модару ватан гузашта, ёрону дӯстону лашкару амвол бой дода, сарро дар кафи даст гирифта, мову туро гуфта омадааст ва ин банди подшоҳи Мухит ҳам сабаби он аст. Агар Бадеуҷҷамол аз ту намерӯяд, бад-ин рӯҳ қадам намегузошт. Агар саъй карда, аз банд начот надиҳӣ, ба таъни мардуми рӯзгор гирифтор шавӣ.

Малик Шаҳбол гуфт:

— Эй Саъсаа, ҳоҷат ба гуфтан нест. Маро ҳам дар хотир ҳамин аст. Акнун чи андеша бояд кард?

Саъсаа гуфт:

— Лашкар мунодӣ кун, ки ба болои Мухит меравем. Агар ба ёриву дӯстӣ ва осонӣ он ҷавонро ба мо дод хуб, вайлло ба ҷанг ӯро хароб карда, маликзодаро аз банд начот медиҳем.

Ин сухан ба Шаҳбол маъқул шуд, ҷарчиро талаб карда, мунодӣ фармуд, ки ба кучое, ки қаламрави ман аст, ҳама ҷамъ шаванд, маа аслиҳа ба дари ман ҳозир шаванд ва аз мулукона инъоми ман умедвор бошанд, ба эуди худро расонанд!

Алқисса, мунодигар чунин хабар расонид, гурӯҳ-гурӯҳ, фирка-фирка, сад ҳазор-дусад ҳазор ҷамъ шуданд. Бистучаҳор ҳазор солори номии якдилан шамшерзану ҷангчӯ ба хизмати малик Шаҳбол ҷамъ шуда омаданд. То ҳафт шабу рӯз даруну беруни Гулистони Ирам аз лашкар пур шуда. Саъсаои ҷоду ҳам карнб дувоздаҳ ҳазор ҷодуву аҳримани шоғирдони худро ҷамъ карда, фармуд, ки «худҳоро ба сурати шеру палангу аждар созед!» Малик Шаҳбол бар тахт бинишаст. Саъсаа бар хуме савор шуд, морро камчин карда, лашкари худро гирифта, ба ҷониби

[1] *Таҷассус* — ҷустан, таҳқир кардан.

дарьёи Муҳит равон шуданд. Чинону париён ҳамроҳи Шаҳбол омада, ба се фарсахи ҷазоири Муҳит расиданд, боргоҳу саропарда барпо карда, фуруд омаданд. Ҳама ҷо ба ҷо қарор гирифта, ҷоми шароб дар гардиш дароварда, ба ишрат мукайяд шуданд. То ба се шабонарӯз бад-ин ҳол буданд. Баъдаху ба маслиҳати Саъсаа нома навишта, Шаҳбол мӯҳр карда, ба симу тилло устувор карда, ҷоми шароб ба даст гирифта, лабе ширин карда, гуфт:

— Касе бошад, ки ин ҷоми маро нӯшад ва бад-ин хизмат кӯшад, ки номаи маро бурда бидиҳад ва ҷавобе дониста гирифта биёрад?

Сухан дар даҳони Шаҳбол буд, ки Саъдон ном деве номдор буд, ки аз ҳама забардаст, ӯро дар такобули ҳазор нарадев дида буданд, баландии ҳомати ӯ яксаду ҳаштод газ буд ва бари синаи ӯ ҳаштод газ буд, миқдори чаҳор ҳазору чаҳорсаду чиҳиллу чор ман гурз дошт, хафтсад ман зирехи пушти наҳанг дошт, яке аз ҷумлаи мӯътамидони Шаҳбол буд, бархоста, саре фуруд оварда, мутасаддии хизмат шуд. Шаҳболро зиёда хуш омада, пеш талабида, шаробро ба дасти ӯ дод. Ҷомро нӯш карда, номаи маликро бар сари шох устувор карда, рухсат гирифта, ҳамроҳи даҳ дев ба қалъаи Шишопарӣ, ки пойтахти малики ҷазоири Муҳит аст, Самтур ибни Қаҳқаҳаи Сечашмӣ ном дошт, роҳӣ гардид. Чун дохили он шаҳр шуд, дев дар токи ҷилавхона омад, ки ҳафт занҷир ба дастури подшоҳони собиқ кашидаанд, ба ҳоҷибон гуфт:

— Ман аз назди малик Шаҳбол ибни Шоҳрух омадаам, нома овардаам. Занҷирҳоро бардоред!

Ҳоҷибон қабул накарданд. Саъдон занҷирҳоро пора-пора карда бигзашт. Сари роҳи ӯро гирифтан, ҳоҷибонро кушта, роҳӣ шуд. То ҳафтод нарадевро кушта, бар дари боргоҳи Самтуршоҳ расид. Девон аз ҳароси ӯ гурехта даромаданд. Самтуршоҳ пурсид, ки вокиа чист.

Гуфтанд:

— Саъдон меояд.

Вакте буд, ки аз дари боргоҳ даромада, даст пеш гирифта, дар сафи ниол истод. Чун фасле гузашт, Саъдон дар ҳаҳр шуда, гуфт:

— Эй бадмаст, тариқаи иззатро намедонӣ?!

Самтур гуфт:

— Ҷой ёфта нишин! Ба ҷиҳати ту киро бехузур кунам?!

Саъдон гуфт:

— Ҳамин нукта донoро бас аст.

Бар атроф нигоҳ кард, ба курбати тахти Самтур макоме дид, ки солори Муҳит мағрур нишаста, касро манзур намекунад. Бадрака ибни Азрака ном дошт. Саъдон ба ҷониби ӯ равон шуд. Девон хушвакт гардиданд, ки кушта хоҳад шуд. Саъдон ба назди ӯ омада, гуфт:

— Фасле чои худро бидех то ҷавоби нома гирифтан, баъд аз он ту медонӣ.

Бадрака гуфт:

— Чои дигар наёфтӣ, ки бар сари ман омадӣ?

Саъдон гуфт:

— Кариби шоҳ аст. Нуктае аз ин сухани мову ӯ фурӯгузошт намешавад.

Бадрака дар ҳаҳр даромада, даст дароз кард, ки ӯро мушт занад, аз банди дасти ӯ гирифта, зӯр карда ба пойгоҳи хона партофт, чаҳор устухони ҳабурғаи ӯ бишкаст. Баъд аз он ба чои ӯ нишаста ки лангар андохт, сандалӣ шикаст. Аз чой бархоста, чунон зад, ки гард-гард шуд. Бар сари Фармондев расид, ӯ аз тарс парида бархост. Саъдон ба чои ӯ нишаст. Самтуршоҳ ишорат кард, таому шароб оварданд. Ҳама хӯрданд. Саъдон баъд аз фароғи таом номаи Шаҳболро аз шохи худ гирифта, ба Самтуршоҳ дод. Шоҳ ба иззати тамом гирифта, ба дасти муншӣ дод. Мунши ӯро гирифта, мутолиа намуда, баланд-баланд хонд, ки: «Аз назди мо, ки малик Шаҳбол мебошем, ба ту бод, эй Самтур бини Ҳаққаҳаи Сечашмӣ! Бидон ва огоҳ бош, ки одамизодписар маро гуфта, меҳнату машаққатҳои бисьёр кашида омадааст, лекин ба тақдири илоҳӣ писари ту ба дасти ӯ кушта гардидааст. Оқибат ҳамаро роҳ ҳамин аст, акнун чи чора бояд кард? Назар ба вафодориву салоҳияти ӯ мекунам, ҳайф бошад, ки чунин ҷавонмардеро дар банд кашӣ. Хубии ту он аст, ки тан ба ризои худо деҳ, раҳм бар ғарибии ӯ карда, моро миннатдор карда, ба зудӣ рухсат кунӣ, то ки сабаби некномии ту гардад, ваилло корзоре кунам, ки аз ман ёдгоре бимонад ва ҳоки Муҳит бар осмон фиристам. Беҳурматии ӯ боиси бадномии ман аст. Дигар он ки ба сардорони худ эътимод макун. Чунон деву пириро ҷамъ овардаам, ки сахлтарини онҳо Саъдон аст, худро нафиреб, дида кор дониста ҳоҳанд кардан. Нома тамом, вассалом».

Банд дар банди ҳама дар ларза даромад. Самтур замоне фикр кард, гуфт:

— Эй Саъдон, ман ӯро куштам. Акнун чи фоида. Агар ғурури малик Шаҳбол донистаме, ӯро намекуштам. Акнун хоҳ аз

ин ҷо меравад ва ё омада ҷанг мекунад. Агар гардад, бехтар бошад, дӯстии мову ӯ барҳам нахӯрад. Ба сабаби одамизоди бесару сомон худро душман кардан хубӣ надорад. Ман ҳам аз ӯ наметарсам, то ҷон дорам мекӯшам. Муҳит ҳам дувоздаҳ ҳазор ҳазира дорад, чандон гарданкашон ҳастанд, ки корзорро бакоранд. Аммо хайрият дар он аст, ки бозгардад. Ман хуни писари худ гирифтаам, гуноҳи дигар накардаам.

Саъдон ҷавоби номаи маликро гирифта, танура кашида, баромада рафт. Бадрака аз ҳаҳре ки дошт, чиҳил ҳазор нарадевро дар васати роҳ бурда, садди роҳ шуд. Девон бар сари ӯ рехтанд, ба ҳамдигар дарафтиданд. Саъдон фасле ба доран шамшод ҷанг карда, ҳафтод девро кушт. Баъдаҳу даст ба аррапушти наҳанг карда, ҷанг кард. Дар ҳар задан бист дев-сӣ девро мекушт.

Алқисса, муддати се шабонарӯз ҷанг карданд. Бадрака захмдор шуда, ба чанд дев бадар рафт. Саъдон ба хизмати малик Шаҳбол омада, ҷавоби номаро такрир кард. Шаҳбол фармуд, ки аз роҳҳои Муҳит ҳар кас ба даст афтад, ба ҳатл расонед. Авротро шикам пора кунед, кӯдаконро сар занед, раҳм насозед, гуфта роҳӣ гардид.

Хабар ба Самтуршоҳ расид, бо атрофи худ нома фиристод ва ба корсозии ҷанг шуд, лашкар ҷамъ мекард. Ҳаждаҳ сад ҳазор дев ҷамъ карда, дар сари роҳ ҳарор гирифт. Шаҳбол фармуд, вилояти Муҳитро тохтанд. Мардумон оҳу фиғон карда, гурехта ба шаҳр рафтанд. Самтуршоҳ дилдорӣ медод. Баъд аз ҳафт рӯз малик Шаҳбол бо сипоҳи бекарон дар таҳобули ӯ омада, боргоҳу саропардаи шоҳаншоҳӣ ва асосаи сулаймонӣ барпо карда, карор гирифт.

Фармуданд, аз ҳар ду ҷониб табли ҷанг дар садо даровардаанд. Пагоҳ ба оростагии тамом ҳар ду сипоҳ дар баробари ҳамдигар саф кашиданд. Баъдаҳу Самтуршоҳ бар тахт нишаста, девон бардошта, бар миёни осмон карор гирифтанд. Ҳафт саф бастанд. Дар сафи аввал Сумрот ибни Аквочаи дев карор гирифт. Дар сафи дуюм Шаъшаа ибни Гилони дев карор гирифт. Дар сафи сеюм Шаъбон ибни Ифрити Гуроздандон карор гирифт. Дар сафи чаҳорум Аръар ибни Раъдовоз буд. Дар сафи панҷум Дамдама ибни Бусровук, дар сафи шашум Ҳамкама ибни Сафед, дар сафи ҳафтум Самтуршоҳ ибни Ҳаҳҳака карор гирифт.

Аз сипоҳи Шаҳбол ибни Шоҳрух Шамр ибни Авоси дев, ки аз ҷумлаи эътимодии Шаҳбол буд, дар майдон даромада, лаъбҳо намуда, мард талаб кард. Кутфил даромад, кушта гардид.

Фулоди аждарро сар канд, Милодро даронд, Чўпондевро ба осмон паронд. Он рўз сесад тан аз лашкари Мухит ба дасти Шамрдев кушта шуданд ва дувист сипоҳ захмдор шуданд. Чун рўз бегоҳ шуда буд, гашта фуруд омаданд. Фардо майдон шуд, Шамр дар майдон даромада, мард талаб кард. Раъду Барқ ва чандин ҷангчўён даромада, кушта шуданд. Осим ибни Шишоди дев даромад, дораи шамшод бар Шамр андохт, қалб омада расид, дасту пои Шамрдев бишкаст. Хост дубора зарб занад, Раъдони Шамр даромада захмдор шуд. Захир ибни Саъдон даромада, бо ҳам баробарӣ карда, дар талош шуданд. Пои Захир дар мушхонае фурў рафт, шикаст. Хост сар канад, Саъдон даромада, сари роҳ гирифт, Захирро бароварданд. Ба хамдигар ҷанг карданд, баъд аз он дар талош даромаданд. Саъдон хавои ўро ёфта, ҷад канда бар замин зад, ки нарм гашт. Имрўз сесад нарадев дар дасти Саъдон кушта шуданд. Сафи сипоҳи Самтуршоҳ баста шуд. Касеро захраи дар майдон даромадан набуд. Ҷангро мағлуба карда, ба ҳамдигар дарафтоданд. Он рўз то бегоҳ ҷанг карданд. Фардо дар аввали рўз Саъдон девонро давонда дар сафи аввал расонид. Сумрон сари рохи Саъдонро гирифта, дораи шамшод ҳавола кард. Саъдон дораи шамшодро аз дасти ў гирифта, чунон силие зад, ки бар замин афтод. Ўро ду пора карда, девонро зада кушта, ҷаста бар сафи дуюм расид. Шаъшаа ибни Гилон садди роҳ шуда буд, даст ёзида, аз камари ҳамдигар гирифта, баъдаху дар талош даромаданд. Гилон Саъдонро ба зонуи чап кашида буд, ки Саъдон ҳомат рост карда, Гилонро ба ҳар ду зону кашида, сар канда то як шабонарўз ҷанг кард, бар сафи сеюм расид, ки Шаъбони Гурозданд даромада садди роҳ шуд. Ҳарчанд насиҳат кард, ў қабул накард. То се шабонарўз талош карданд. Шаъбонро баста ба назди падар фиристод, худ ҷанг карда — ҷанг карда бар сафи чаҳорум расид. Аръари Раъдовоз садди роҳи ўро гирифта, ҳафт шабонарўз ҷанг карданд. Аръарро мисли карбос даронда, рохӣ шуд. Бистучаҳор ҳазор дев, ки ба Саъдон ҳамроҳ буданд, бо ҳамдигар ҷанг мекарданд. Дигарон ба ҳар чониб афтоданд, зеро ки лашкар анбўҳ буд. Саъдон шикаст дода, бар сафи панҷум расид, ки Дамдама буд. Масофи сахте карда, ўро ҳам кушт ва бар сафи шашум расида, Ҷамкамаро низ дар банд кашида фиристод ва баъд аз он худро дар миёна зада, дарафтод. Ҷанги ачибе карда, сездаҳ шабонарўз ҷанг карда, девонро кушта, аз кушта пуштаҳо бароварда, дар зери табли алами Самтуршоҳ расид, аламдорро ҳалам кард. Девон ҳарчанд саъй карданд, ба Саъдон муковамат карда натавонис-

танд, окибат рӯ ба ҳазимат[1] ниҳоданд. Самтур ҳарчанд фарьёд карда, қасам ба Қайсу Лоқайс дод, касе гӯш накард. Самтуршоҳ дид, ки рост намеояд, касе дар атрофи ӯ намонд, хост ӯ ҳам гурезад. Саъдон дар ин вақт расида, сари рохи ӯро гирифт. Аррапушти наҳанг ҳавола кард, Саъдон аз банди дасти ӯ гирифта, ӯро қад канда ба хизмати малик Шаҳбол оварда, бар замин зад, дасти ӯро баст. Ба фатҳу фирӯзӣ гашта фуруд омаданд. Дар боргоҳ бо чамеи сиёҳ пиёлаи май дар гардиш дароварда, баъд аз фурсате фармуд, ки Самтуршоҳро дар банд дароварда оварданд. Малик Шаҳбол гуфт:

— Эй Самтур, ҳоло ҳам бошад он одамизодро ёфта бидеҳ, боз вилоятои Муҳит аз они ту бошад.

— Самтуршоҳ гуфт:

— Эй малик, ба ивази хуни писари худ ӯро куштаам, акнун ӯро аз кучо ёбам?

Малик парешон шуд, гуфт:

— Эй Самтур, вакте чунин бошад, туро ба хизмати падари ӯ мефиристонам ва сурати воқиаро мегӯям, ӯ туро хоҳ бикушад, хоҳ бахшад.

Самтуршоҳ гуфт:

— Ба чиҳати як одамизод ин хама мулкро бархам задӣ, солорони Муҳитро кушти, ханӯз одамизод мегӯй?!

Шаҳбол гуфт:

— Эй Самтур, ман ҳануз ӯро надидаам, лекин сифати ӯро шунидам, ки ба камолоту маҳолоту ҳолоти ӯ дигаре нахоҳад мавчуд шуд.

Чандон таъриф кард, ки Самтуршоҳро дил ба дард омада, гирьён шуд, гуфт:

— Маро рахо кун. Ман ӯро зиндон карда будам.

Малик Шаҳбол ба мулозимон фармуд, ки маликзодаро гирифта биёред.

Худи Шаҳбол Самтурро низ ба зиндон гирифта омад, дарро кушода даромаданд, диданд, ки пӯсту устухони маликзода часпида ва чашмони ӯ дар маҳоки сар фурӯ рафта ва рангаш зард шуда ва кувват аз ӯ рафта. Бо вучуди он ин байтро тараннум мекард:

Байт:

Дар мухаббат ранчхо бисьёр мебояд кашид,
Бахри як гул мишати сад хор мебояд кашид.
Ганҳари максуд н-ояд то ба дасти саъйи мо,
Ҳамчу ғаввосон зи дарьё бор мебояд кашид.

---

[1] *Ҳазимат* — гурез.

Карда дар зиндони хичронам ба мехнат мубтало,
Сахл бошад сад чуниш з-аҳьёр мебояд кашид.
Булхавас гар мезанад лофи мухаббат дар чахон,
Он даҳалро зуд андар дор мебояд кашид.
Гар барои духтари Шахбол дидам ранчхо,
Ранчи дигар хам барои ёр мебояд кашид.

Ровй гўяд, ки Шахболро дил ба дард омада, зор-зор бигрист ва ба дасти худ банд аэ маликзода дур карда, дар канор гирифта, падарвор навозишхо карда ва сару по пўшонид. Самтурро начот дод, ўро хам сару по пўшонида, дар боргох даровард. Маликзодаро дар тахти подшохй нишонда, чашни мулукона оростанд. Чоми май дар гардиш дароварда, дар ишрат мукайяд шуданд. Малик Шахбол аз маликзода пурсид, ки:

— Эй фарзанд, дар чахон мурда бисьёр аст ё зинда?

Шохзода гуфт:

— Мурда бисьёр аст.

Гуфт:

— Чй гуна?

Гуфт:

— Ононе ки мурдаанд, мурда ва зиндагон низ хоханд мурдан.

Малик Шахбол завке кард, гуфт:

— Аз хама чусттар чист?

Маликзода гуфт:

— Аз хама чусттар дил аст, ки дар турфатулайн машрик то маҳриб замину осмонро бигардад.

Гуфт:

— Аз хама гаронтар чист?

Гуфт:

— Асп аст, ки дар дашт агар гўш бар замин нихй, аз серўза рох садои ў ба гўш мерасад.

Боз Шахбол гуфт:

— Аз хама ширинтар чист?

Шохзода гуфт:

— Чон аст.

Бад-ин гуна малик Шахбол аз маликзода яксаду ёздах масъала пурсид. Маликзода як-як чавоби босавод дод. Малик Шахбол завки тамом карда, гуфт.

— Эй малик Самтур, хайф набуд, ки инчунин одамизодро мекуштй?

Малик Самтур гуфт:

— Эй малик, ман аз ҳоли ӯ хабар надоштам. Акнун муталлеъ шудам, хуни фарзандамро ба ӯ бахшидам.

Малик Шаҳбол Самтуршоҳро хилъати хуб дода, вилояти Муҳитро боз ба ӯ таслим кард. Самтуршоҳ музди қадами ӯ дувоздаҳ ҳарвор зар ба ӯ дод. Малик Шаҳбол боз гуфт:

— Мо ба ин чавон додем,— гуфта ба завқи тамом чиҳил рӯз Самтуршоҳ меҳмондорӣ кард. Баъдаҳу маликзодаро гирифта, ба шодкомии тамом ба Гулистони Ирам омада даромаданд. Ҷашни мулукона ороста, ҷоми шароб дар гардиш даровардаанд. Чиҳил рӯзи дигар бадин гуна ба ишрат машғул буданд.

Бадеуччамол низ аз ғамҳо начот ёфт, ба шодкомиву хуррамӣ бо ҷамеи канизону париён нишаста шароб меҳӯрданд. Баъд аз чанд рӯз дар ҳамин хуррамиву шодкомӣ малик Шаҳбол турунҷе бар бозуи шоҳзода Сайфулмулук зад. Овози муборакбод аз ҳар ҷониб баромадан гирифт. Шоҳзода Сайфулмулук шароити иззату одоби подшоҳӣ ба ҷой овард, баромада бар канора рафт. Малик Шаҳбол мақоми худ ба маликзода таин карда, дар пайи муҳими акд шуданд ва Гулистони Ирамро зинат дода, чаҳортоқи Билқисро оро дода шодарвонҳои зарин ба ҳар ҷониб барпо кара ва фаршҳои мурассаъ ба ҳар сӯ густурда, париёнро зиннат дода, садои ом дардод. Дар хафт қуллаи кӯҳи Қоф машҳур шуд, ки Шаҳбол духтари худ Бадеуччамолро ба одамизоде бахшида, тӯй мекунад. Аз атрофу ҷавониб ба тамошо меомаданд, тӯҳфаҳо меоварданд, малик Шаҳболро мулозимат карда, ба ҳар ҷониби Гулистони Ирам ба ишрат нишаста, ҳар кадом ба таври худ нишот мекарданд. Париён арғунак мерафтанд ва чинон чароғон карда, бозиҳо мекарданд. Аз ҳафтоду ду гурӯҳ деву ахриману даволпой ҳама ҷамъ шуда буданд. Малик Шаҳбол дари хазоинро боз карда, хилъатҳои мулуконаву инъомҳои подшоҳона ба ҳар кадом медод. То шаш моҳи комил бад-ин минвол дар айшу нишот буданд. Баъд аз он калонону ҷавонону олимони париро ҷамъ карда, сӯҳбати хос сохта, мулло Абдуррахмони ҷиниро дар садри маҷлис нишонда, чанд сипар зару ҷоми ҷавоҳир дар назди ӯ ниҳод ва ба ҳозирони маҷлис низ инъомҳову эҳсонҳо намуда, дар соате саъд Бадеуччамолро ба шоҳзода Сайфулмулук акд бастанд. Овози муборакбод аз ҳар ҷониби маҷлис баромадан гирифт. Сипарҳои зар бар сари эшонон исор мекарданд ва атрҳо дуд мекарданд. Аз даври боргоҳ то дари ҳарам истоданд ва чанд ҳазор парии дигар дар ду ҷониби рох табакҳои пур аз лаълу ёқуту фирӯзаву забарҷаду алмос ба дастҳо гирифта, уду кофуру сандалу анвои атрҳо бо худ дуд мекарданд, интизори маликзода буданд. Дар чанд ҷо бӯғчаҳои

сару по гирифта истоданд. Инчунин шавкат ба касе рӯ надодааст. Бидон, ки ин иззату давлат мукофоти он чафоҳову меҳнатҳоест, ки аз сидқи дил дар ишқи маъшуқа кашида буд. Гуфтаанд, ки...

Байт:

То меҳнати сармои зимистон накашад,
Пургул нашавад домани ҳар хор, ки ҳаст.

Рохибону махрӯён аз чину парӣ либоси мулуконаву тоҷи шоҳӣ бар сари ӯ ниҳода, саропои ӯро ба атру гулоб зам карда, ба чониби харами малика Бадеуччамол бурданд. Ин абьётро меҳонд:

Байт:

Чу бастанд акди заношавҳарӣ,
Дар он дам ба фархунда соат парӣ.
Чу акди хумоюн шах баста шуд
Ба фармони шоҳаншаҳи додарӣ,
Расид окибат сӯи матлаб ба ком,
Зи чуръату ҳиммати бахтоварӣ.
Ниҳод аз сари сидқ по ба раҳаш
Дили хеш карда зи чумла барӣ...

Чун маликзодаро бад-ин шавкат расонданд, Бадеуччамол худро зинат дода, либоси маъшуқона дар бар кард ва усмаи ноз бар абрӯ кашида, сурмаи чонгудоз бар дидагони мардумфиреб кашида ва хуни ошикони чафокашро чун хино агарчи ба даст карда, аммо поймол карда, бурқаи[1] мурассаъ бар рӯй кашида ва доми гесӯ маа донаи хол бар рӯй ниҳода, сайёдвор гӯшаро гирифта. Шохзода Сайфулмулук қадам ниҳода, даст бар сина баста, мегуфт:

Байт:

Мархабо, эй бути симинзакану хурлико,
Ба чаноби ту забон бод ба икрому сано.
Мархабо, к-аз сари ихлос шунав з-ин дой,
Киссаеро, ки надорад камӣ аз «Шоҳу гадо».
Мархабо, подшаҳи кишвари хусӣ якин,
Ба ман алтофи ту, хайҳот, кучо то ба кучо.
Мархабо, сӯхтай чоне ба умеде, ки маро,
Ба саропардаи алтофи ту оям, эй шох.
Мархабо гӯямат, эй сарви сарафрози чаман,
Хез аз чой ба сад ноз рухи хеш намо.
Мархабо, доди дили ғамзадаи моро дех,
Зи ниҳоҳи намакину зи лабат бӯса рабо.
Мархабо, дур фикан аз рӯи худ бурқаи ноз,
То бубинам рухи максуди ту, эй дилбари ноз.
Мархабо, чони чаҳонам, зи ғамат сӯхтаам,

[1] *Бурқаъ* — чодар, парда.

Мархабо, аз карами ту набувад хеч даво.
Мархабо, бандаам ғамзада, ғурбатзадаам,
Ба хаёли ту шудам аз ватану мулк чудо.
Мархабо, хоки сари кӯи ту ҳуббулватанам,
Хуштар аз афсари Искандару мулки Доро.
Мархабо, ҳиммат бидиҳӣ, ки ба ёди рухи ту
Тай намудам зи сари сидк, раҳи мехру вафо.

Алғараз маликзода ҳар арзе, ки дошт, маъруз медод. Бадеуччамол аз камоли инфиол[1] ба ҳоли шоҳзода мегирист, аз рӯи ғайрати маъшуқ худро нигоҳдошт мекард.

Чун сухани маликзода бад-он ҷо расид, мурғи тамкин аз ошьёни сабри Бадеуччамол бипарид, чун сарви озод бархоста, чодар аз сар дур карда, бурқаъро бар гӯшае ниҳода, ба чандин ишваву ноз сарфароз ҳомат барафрохт ва даст ба мехроби синаи бекинаи худ ниҳода, бо либосҳои мурассаъ худро музайян[2] карда, чашми махмурро аз майи ноб боз карда, даҳонро ба ханда ошно карда, забони фасоҳатбаёнро дар такаллум оварда, рӯи чун маҳи анварро ба ҷониби шоҳзода карда гуфт:

Байт:

Эй дардманди ишки чафочӯ, хуш омадӣ,
Эй хастадили ҳачри балокаш, худ омадӣ,
Сад марҳабо чавоб, нишин дар ҳарами ман,
Соғар аз дасти сокии мо каш, хуш омадӣ.
Аз дил тамом соз бурун ранҷҳо, ки буд,
Шодӣ гузин, бода бихӯр к-аш, хуш омадӣ.

Малика Бадеуччамол ин абъётро хонда, нарм қадам ба сӯи маликзода ниҳода, мегуфт:

Байт:

Эй мустаманди доғи балодидаам, биё
В-эй ёри баргузидаи балодидаам, биё.
Ман ҳам зи бахри ту чи аламҳо надидаам,
Ҷону чаҳони чаврӯ ҷафодидаам, биё.
Чун ту муҳиббо содики дерина аам кучост,
Эй мухаллафе, ки сурати мо дидаи, биё.

Чун Бадеуччамол аз тахт фуруд омад, гирьён шуда, мегуфт:

Байт:

Аз ватан гашта чудо бахри висолам, чунӣ?
Андарин ғурбати дерин ба хаёлам чунӣ?
Дил зи мехрам бибуридӣ, чафоро дидӣ,
Дили худ баста ба шамшери ҳилолам, чунӣ?

---

[1] *Инфиол* — шарм.
[2] *Музайян* — ороста, зинат ёфта.

Бадеуччамол соғару сурохиву шароб дар даст гирифта, пур аз шароб карда, ба ҷониби маликзода ғазалхонону нозкунону ғамзакунон кадам нихода, равон шуд ва шоҳзода Сайфулмулук низ ба ҷониби малика рохӣ гардид. Ҷинону париён деворхоро шикофта, аз шикофи сакф тамошо мекарданд. Аммо ба ҳамдигар каріб расиданд, пиёла аз дасти ҳамдигар нӯш карданд, даст дар гардани ҳамдигар андохта, бӯса газаки шароб карда, аз гули рухсори ҳамдигар истинчоб мекарданд. Дар он вақт маликзода мегуфт:

Байт:

Бихамдуллох, гирифтам ганҳари максуд аз дарьё
Пас аз мехнат гирифтам рохате аз коми аждарҳо.
Агар андӯхи ҳичру доғи фуркатро баён созам,
Сарат гардам, нагунчад шарҳи ин дар ҳеч дафтарҳо.
Биҳамдуллох, ба рӯят дидан ғамдида равшан шуд,
Гирифтам кути чон аз дурчи лаълат бо машаккатҳо.
Биҳамдуллох, ба побӯсат дили ғамдида восил шуд,
Ғубори комататро дошт бехтар з-афсари дилҳо.
Биҳамдуллох, ки баъд аз ранҷи бехад ёфтам ганҷе,
Ки бошад дар ҳичил иқди Сурайё з-ин намат зарҳо.
Биҳамдуллох, кашидам ганг дар оғӯши чон сарве,
Ки шуд нахли умедам бор дурр з-ин гуна ганҳарҳо.

Алкисса, хар ду ошику маъшуқ ба ишрат талошу нишоткунону ғазалхонон ба ҷониби тахт омада, дар пахлуи хам нишастанд. Сайфулмулук дар мастӣ ёд аз гузаштаи худ карда, мегирист ва боз чашм кушода Бадеуччамолро дар канори худ дида, даст дар гардани ӯ андохта, лаб бар лаб, сина ба сина ҳамаро фаромӯш карда, чун ғунчаи субҳидам дар ханда даромада, ин абьёт меҳонд:

Байт:

Биёбонгардаму аз дасти Мачнун вомае дорам,
Гахе хандам, гахе гирьям, ачаб ҳангомае дорам.

Бадеуччамол мегуфт:

Байт:

Чи хуш аст хар ду якдил сари харф боз кардан,
Сухани гузашта гуфтан, гиларо дароз кардан.

Доягону чинону париён хама рафтанд, хар ду ба хузур шуданд. Он шаб ба айшу шодкомӣ аз якдигар коми дил хосил карданд ва ба мурод расиданд. То се шабу рӯз шоҳзода дар харам буд. Баъд аз се рӯз худро зинат дода, ба хизмати малик Шахбол баромада, шароити одобу сулуки подшохон ба ҷой овард.

Малик Шаҳбол ҷой таин кард. Курсии зарин оварданд, маликзода нишаст. Пиёлаи май дар гардиш даровардaнд. Мутрибону нағмасароён дар нағмасарой мукайяд шуданд ва уламову шуарои ҷину парй китобҳо хонда, мунозираву шеърпардозй мекарданд. То бегоҳ чунин сўҳбат мекарданд. Шаб ки мешуд, маликзода ба хизмати малика мерафт. То шаш мох бад-ин тарика дар айшу нишот буданд.

Рўзе маликзода ба хизмати малик Шахбол ба шодкомй нишаста буд. Шахбол бисьёр хуррам буд, сару пои худро ба шохзода дода, ҷомхои ҷавохир исор кард. Маликзода аз ҷои худ бархоста, шароити икром ба ҷой оварда, дар сафи инол рафта истод. Малик Шахбол гуфт:

— Эй фарзанд, имрўз чй дар хотир дорй?

Шоҳзода саре фуруд оварда, зонуи адаб тах карда, арз кард, ки:

— Эй қиблаи олам, маро ҳавои падару модар дар сар афтода. Бидонед, ки он номуродон дар хаёли мананд. Ман ба марҳамати шохи олам бандаам. Агар алтофи шохро ба маҳзунони кунҷи зарму[1] мукимони зовияи ғам расонам, аз фироку интизорй раҳой диҳам, чашми мунтазирон ба хуҷастапаёми инъоми шом равшан гардонам, ваилло дурй аз остонбўсии эшон гуноҳест, то амри шоҳаншохй чй бошад.

Малик гуфт:

— Эй фарзанд, маро ҳам дар хотир ҳамин буд. Дар тараддуди ирсоли ту будам. Ризои мо ҳам ҳамин аст. Аммо орзу ҳамин аст, ки шаш моҳ дар вилояти худхо бошй, шаш мохи дигар дар ин ҷо бошй. Мо ҳам фарзанд надорем, ки ҷойнишини мо шавад.

Албатта чунин шавад гуфта, хар ду бисьёр гиристанд. Маликзода замини хизмат бўса дода, дуои бисьёр кард. Малик Шаҳбол фармуд сарҳангоиро, ки асбоби сафар тайёр карданд ва тахте маа фаршхову сандукхои ҷавохир ва тўҳфахои бисьёр аз барои шоҳ Осиму Солеҳ ибни Хамиду Соид ва дўстони маликзода мухайё карданд ва хилъатхо тартиб доданд. Чунин гўянд, ки чанд туқуз аспи паризод ва мурғони сухангўи хушилхон мавҷуд кард ва доноёну бузургону надимону ҳакимони ҷину парй аз ҳафт қуллаи кўхи Қоф ҷудо карда, аз он чи шароити шавкату салтанат буд, мухайё кард ва сару пои хоса ба шоҳзода инъом фармуд ва дувоздаҳ ҳазор ифриту ҷину парй ҳамроҳ кар-

---

[1] *Зарм* — ашк, оби дида.

да, маа Бадеуччамол дар ҳавдач[1] андохта, видоъ карданд. Саъсаа роҳбарӣ карда, ба макоми худ оварда, чанд рӯзе меҳмон карда, ҷоми ҷаҳону зирехи Довуду шамшери ҳазрати Осафро гирифта, Саъсааро видоъ карда, роҳӣ шуданд, то ба макони симурғ ҳариб омаданд. Симурғ истиқбол намуда, чанд рӯз меҳмон намуда, аснофи[2] зиёфат ба ҷо расонида, боли худро чун шодурвон[3] соя карда, бад-ин шавкат роҳӣ шуданд. Ба макоми Лоҳукдев омада, дар он ҷо зару зеваре, ки буд, ҳамаро гирифтанд ва он пире, ки вазири Тоҷулмулук буд, ба чанд ифрит ҳамроҳ сохта, ба ҷониби Саранбед фиристоданд. Баъдаху девон тахти маликзодаро бардошта, роҳӣ шуданд ва шаҳри занонро тамошо карда, ба пеши морон омаданд. Малики морон баромада мулозимат кард. Тӯҳфаву ҳадьяи ӯро гирифта, видоъ карда, роҳӣ гардиданд. Ба қалъаи ҳазрати Сулаймон расиданд, девоне ки мувакқали ҳазоин буданд, омада маликзодаро мулозимат карданд, ду-се рӯз он ҷо ишрат карданд. Баъд аз он ҳазинаро гирифта ба сандуқҳо андохта, боргоҳу саропарда, ки буд, гирифта, симуғро рухсат доданд, ки туро фарзандон бетокатӣ мекунанд, ҳар вакте ки ба таври худ шуданд, он замон ҳохӣ омадан. Симурғ видоъ карда, ба ҷониби ошёни худ рафт. Шодурвони ҳазрати Сулаймонро бар сари маликзода барпо карда, роҳӣ гардиданд. Ба дахмаи Тоҷ ибни Ҷамшед омада, фуруд омаданд. Чанд рӯз он ҷо буданд. Кӯшиши обу ош карда, ба арвохи Тоҷ ибни Ҷамшед дуову фотиҳа карда, он ҷо нақдинае, ки буд, гирифта равон шуданд. Ба макоми Осаф ибни Бархиё фуруд омада, ҷамеи ифриту мулозимонро дар доманаи кӯҳ нихода, маа Бадеуччамол ба хизмати ҳазрат омада, мулозимат кард. Ҳазрати Осаф Бадеуччамолро навозиш карданд, чанд рӯз нигоҳ дошта, меҳмонӣ карданд. Баъд аз он ҳазрати Осаф шоҳзодаро яксаду ёздаҳ васият карданд, шароити адлу сулуки подшоҳиро таин намуда, маликзодаву маликаро супориш карда гуфтанд:

— Эй фарзанд, ин бегоҳ дар доманаи кӯҳ карор гиред, фардо моро дида хоҳед рафт.

Маликзода фардо омад, ки эшон рехлат намудаанд. Бисьёр гирист, эшонро такфин карда, дар ҳамон куббаи нур мадфун карданд. Се рӯзи дигар дар он ҷо буданд. Баъдаху шеру ифритро гирифта, равон шуданд. Ба макоми Суфвон ибни Рохиби каландар омаданд, ӯро низ мулозимат карданд. Каландар гуфт:

— Эй фарзанд, ал-он шумоён биравед, ҳар вакте, ки дар са-

---

[1] *Ҳавдач* — тахте, ки бар фил ё уштур нихаанд.
[2] *Аснофӣ* — хелҳо, намудҳо.
[3] *Шодурвон* — парда, саропарда, хиргоҳ.

рири подшохӣ карор гиред, ба хизмати шумо худро мерасонам, ки ин амри бузургон аст ва мадори давлати шумо ба кудуми ман аст. Ҳар вақт, ки қазо кардам, баъд аз шаш моҳ шумо ҳам вафот мекунед.

Маликзода оби дида карда, ӯро таъкид карда, видоъ намуда, ба сад ҳазор ифрит ба шавкат ҷониби Сарандеб роҳӣ шуданд.

Акнун шумо фасле аз Сарандебу Тоҷулмулук шунавед. Он вазир, ки дар банди он дев буд, маа зари бисьёре оварда Тоҷулмулукро мулозимат кард, паёми омадани маликзодаву Бадеуҷҷамолро гуфт. Маликаву Соид шабистонро зинат дода, дар тараддуди асбоби ҷашн шуданд. Шаҳрро ороста, чашм дар омадани маликзода ниҳоданд.

Аз ҷои дигар шунавед. Аз ҳамон паризоде, ки маликзода кушта, Маликаро наҷот дода оварда буд, аз духтари шоҳи Мухит фарзанде дар ишками модар монда буд. Чун ба вуҷуд омад, бистсола шуд, мурдани падарашро донист, бетоқат шуда, сипоҳи Кулзумро гирифта, омада Сарандебро ихота карда, фуруд омад. Баъд аз чанд рӯз азми қалъа кард. Тоҷулмулук қалъаро истеҳком карда, худ бар сафири қалъа нишаста... харба тайёр карда, дар ҷанг буданд. Деви бисьёре кушта шуданд. Қасди қалъа, ки мекарданд, оташ мерехтанд, девон аз тарс мегурехтанд. Се рӯз чунин буд. Рӯзи чаҳорум худи паризод савор шуда, дар баробари қалъа омада, гуфт:

— Эй Тоҷулмулук, маро ба ту коре нест. Он одамизоде, ки падари маро куштааст, ӯро ба ман бидеҳ ва ту ба осоиш нишин. Агар надиҳӣ, мулки туро хароб хоҳам кард.

Тоҷулмулук гуфт:

— Одамизод ба Гулистони Ирам рафтааст. Шунидаам, ки анқариб меомадааст. Сабр кун, вақте омад, ту донӣ.

Паризод гуфт:

— Бародари ӯро бидеҳ.

Тоҷулмулук қабул накард. Паризод дар қаҳр шуда, амр кард Аҳроқи тездандони филсару Ахлофи шутурлаби говпою Санҷоби аждардами гурзгарону Сачузи раъдовоз, ин чаҳор бо сад ҳазор дев аз чаҳор тарафи қалъа ғаври ачибе карданд. Тоҷулмулук хайрон шуд, ки ба кадом ҷониб шавад. Соид бо ҷамъе як ҷонибро мутасаддӣ шуда, дар ҷанг даромад. Худи малик низ ҷанги сахте карда, аз кушта пуштаҳо бароварданд, рост наёмад. Аз хандақ гузашта, рахна дар қалъа андохта, қасди даромадан карданд. Мардуми қалъа ғурур карда, саъй карданд, ки даромада натаъонанд ва аврот сарҳо бараҳна карда, фиғон баровар-

да, даст ба дуо бардошта, дар айни гирьяву зорй буданд, ки аз чониби осмон осору аломати шохзода Сайфулмулук пайдо гардид. Бо дувоздах хазор ифрит аз Гулистони Ирам ба салтанати тамом омада, наъра кашида, дар майдон даромаданд, ки ларза дар бадани харифон пайдо шуд. Чун лашкари Кулзум ин хама лашкарро диданд, аз рахна гаштанд ва далерон рахнаро гирифтанд. Лашкари Кулзум саф баста, туғхо барпо карданд. Маликзода Бадеуччамолро маа хар чизе ки оварда буд, ба шахр дароварда, карор гирифтанд. Точулмулук гуфт, чамеи мардуми Сарандеб бо Соид баромада, маликзодаро дуо карда, сурати холро баён карданд. Маликзода бо хамрохи Точулмулук мутаваччехи майдон шуданд. Ахроки тездандон даромада мард талаб кард. Девонаи Лайс ибни Суродик даромада, сари рохи ўро гирифт. Ахрок дораи шамшод бар сари ў рохй кард. Девона сипар бар сар кашид. Чанд зарб аз дасти ў гирифт, ёздах зарб аз дасти худ ба Ахрок зад, ў нўш карда, дар талош даромаданд. Хафт рўз талош карданд, девонаро ба кундазонуи чап кашид, хост банд созад, девона кад рост карда, ўро кад канда, бар замин зада, сар канд. Фиғон аз лашкари Кулзум баромад. Ахлофи шутурлаби филсари говпо дар кахр шуда, гавакзанон даромада сари рохи девонаро гирифта, ном пурсид. Се дораи шамшод бар сари девона зад. Девонаро чунун гирифта, чўбдасте зад, ки Ахлоф нарм ба хоки тира яксон шуд. Ғирев аз ду лашкар баромад. Мардум шодй мекарданд. Ғазаб бар сари Санчоби аждардам муставлй[1] шуда, наъра кашида, девонаро носазо гуфта, хафтсад ман аррапушти нахангро чилва дода, гурзи гарони дувоздаххазорманй бар сари дўш нихода, сари рохи девонаро гирифт, афсўси девонаро мегуфт. Баъдаху арраро хавола кард. Девона теғ надошт, ба чўбдаст баробарзанй мекарданд. Хама тахсину офарин ба девона мекарданд. Окибат девона аррапушти нахангги ўро зада шикаст. Гурзро гирифта, хафт гурз бар сари девона зад, ки то камар бар замин фурў рафт. Девона дар кахр шуда, гурзро гирифта, ба канорае партофт, кад канда Санчобро бар замин зада, чун карбос пора карда, худро ба лашкар зад. Дар ин масоф дувоздах хазор кас ба даргахи чаханнам фурў рафт. Лашкари Кулзумро шикаст дода, фуруд омаданд. Мардуми шахр омада, шохзодаро дуо карда, шукри илохй ба чой оварданд. Шохи Сарандеб гуфт:

— Эй фарзанд, подшохидорй тааллук ба ту дорад.

Сайфулмулук гуфт:

---

[1] *Муставлй* — фаро гирифтан, ғолиб омадан.

— Эй падар, ба саъйи шумо ба мақсуд расидам. Маро хеч орзуе нест.

Малики Сарандебро чахорбоғ буд, бо Бадеуччамолу паризодон омада дар он ҷо ишрат мекарданд. Холо хам хамон ҷо ба ишрат буданд. Рӯзе Сайфулмулук гуфт:

— Эй шох, ба хизмати шумо арз дорам.

Шоҳ гуфт:

— Бигӯ.

Гуфт:

— Ҳамшираи мо Маликаро бо бародарам Соид бандинавозӣ карда, ба бандагӣ қабул кунед, то ҳар ду малика ва ду бародар як ҷо бошанд, ҳар ду хоҳар як ҷо нишинанд.

Тоҷулмулук қабул карда, чиҳил рӯз шахрро ойин баста, калонони Сарандебро талаб намуда, акд бастанд. Ҳар ду толиб ба матлуби худ расиданд.

Алқисса, рӯзе маликзода арз намуд, ки:

— Эй шох, падари пире доштам, надонам ахволи ӯ чӣ гуна бошад. Агар ичозат дихед аз ахволи ӯ хабаре гирам.

Шоҳ қабул карда, тачаммули шоҳона дуруст карда, Сайфулмулукро ба ҷониби Миср равона кард. Маликзода бо лашкари бекарон рӯ ба ҷониби Миср карда, роҳӣ шуданд.

Рӯзе подшохи Чин нишаста буд, ки давандае хабар овард, ки инак шохзодаи Миср гавҳари мақсуд ба даст дароварда, расид. Шоҳи Чин маа аркони давлат пешвоз баромад, дид, ки аз рӯи хаво чун Сулаймон овози тарақо-турук пайдо шуд, омада дар марғзоре фуруд омаданд. Шоҳи Чин омад, хар ду мулоқот карданд. Шоҳ фармуд, нағмагарони Чиниро хозир карда, ба ишрат мукайяд шуданд. Чиҳил рӯз бад-ин гуна гузашт. Баъдаҳу шоҳозода гуфт:

— Эй шоҳ, иштиёқи падару модар аз ҳад гузаштааст.

Шоҳи Чин тӯҳфаву ҳадьяи билониҳоя аз ҳар умур муҳайё карда, ба хизмати Сайфулмулук овард. Шоҳзода ба хушвактии тамом гирифта, рӯ ба роҳ ниҳода, баъд аз чиҳил рӯз дохили Миср гардиданд. Хабар ба шоҳ Осим оварданд, ки шоҳзода гавҳари максуд ба даст дароварда, маа Соид расиданд. Шоҳ маа аркони давлат ва ҷамъи хурду калон хама пешвози маликзода баромаданд. Назари шоҳ ба фарзанди худ афтод, аз хуш рафт. Баъд аз соате ба хуш омада, фарзанди худро дар канор гирифта, хушпурсиҳо кард. Шоҳ Осим ба рӯи Сайфулмулук ва Бадеуччамол мачлис ороста, калонони шахри Мисрро талаб карданд, шахрро ба шоҳзода Сайфулмулук супорида, худи шоҳ Осим ба гӯша нишаста, ба тоати худованд машгул шуд, то вак-

те ки хаёт буд. Шохзода Сайфулмулук бар тахти подшохй нишаста, ба доду адл мукайяд гардид ва аз шохзода Сайфулмулук ду писар шуда, аз Соид хам ду писар шуд. Як писари худро ба Гулистони Ирам ба хизмати малик Шахбол фиристод. Писари дигарро ба вилояти Сарандеб фиристод. Баъд аз хафт сол шох Осим чон ба хак таслим кард. Сайфулмулук доду адл пеш гирифт.

Рўзе аз рўзхо Сайфулмулук ба умарои худ ба шикор рафт, дид, ки каландаре аз сўи биёбон, ба гарду хок ғўта хўрда расид. Акнун ки пештар омад, хамон каландар буд, ки ба шохзода исм омўхта буд. Сайфулмулук аз аспи фуруд омада, каландарро дар бар кашида, хушпурсихо кард, фармуд таковар оварда, каландарро савор карда, дохили шахр шуданд, чашне бар рўи каландар оростанд. Каландар аз он чи умури подшохй буд ба Сайфулмулук биёмўхт ва муддати шаш мохи дигар гузашт, бо Сайфулмулук буд. Баъд аз шаш мох каландар аз чахон рехлат намуд. Шаш мохи дигар бигзашт, Сайфулмулук низ аз чахон рахт баст ва ин хикоят аз эшон ёдгор бимонд.

Байт:

Е раб, хама халкро ба максуд расон,
Шояд ки дар он миён яке ман бошам.

ҲИКОЯТИ ДУХТАРИ ПОДШОҲИ ВИЛОЯТИ КАШМИР ВА БОЗАРГОНИ ХУРОСОН

Оқилони кухану нокилони сухан чунин ривоят кардаанд, ки дар шаҳри Миср бозаргоне буд, соҳибҳунар, ки дар ҳама олам назир надошт ва ҳар ҳислате, ки бузургонро ба кор ояд ва ҷавонмардонро шояд, дар вуҷуди ӯ зоҳиру ҳувайдо буд ва ӯро Бехрӯз ном буд. Рӯзе азми сафар кард, неъмати бисьёр гирифта, рӯй ба вилояти Баґдод ниҳод. Чун ба Баґдод расид, дар корвонсарой фуруд омад. Ду-се рӯз осоиш кард, баъд аз он ба тамошои бозор баромад. Сайр кард ба дари дӯкони баззозе расид, дид, ки ҳоҷаи баззоз дар дӯкони худ ба сад ҳазор ҳубӣ нишаста, чанд нафар ґуломи ҳубрӯ дар хизмати ӯ рост истодаанд. Бехрӯз қадам дар дӯкони ӯ ниҳода буд, ки ҳоҷаи баззоз бар по хост ва Бехрӯзро эъзозу икром карда, нишонид ва ӯро баґоят риоят кард. Бехрӯзро аз латофати ҷамолу мулокоти ӯ чунон муҳаббате падид омад, ки як лаҳза аз якдигар дур

намешуланд. Баъд аз муддате қофила аз Бағдод рохй шуда, касди Куфа кард. Бехрӯз низ равон шуд. Ин чавони баззози бағдодй тӯшае аз барои Бехрӯз гирифта, то як фарсанг ба рохи Куфа хамрохи ӯ рафт. Аз он чо бозгашт ва ба Бағдод омад.

Алғараз, баъд аз чанд гох бо қофилаи хуччоч[1] ба Бағдод омад. Чавони бағдодй шунид, ки бародархонди ӯ низ меомадааст, ба истиқболи ӯ баромад. Бехрӯзро дар оғӯш кашида, якдигарро навозиши бисьёр карданд ва чавони баззози бағдодй Бехрӯзро дар корвонсаро нагзошт, ки фуруд ояд ва дар хонаи худ ӯурда, фуруд овард. Аз он чи услубу одоби мардумй, ки буд, ба чой овард. Бехрӯз аз ин кирдори ӯ хичил шуд. Чанд рӯзе буд, ки Бехрӯз дар хонаи чавони баззози бағдодй буд. Боз корвон касди шахри Хуросон кард. Бехрӯз низ равон шуда, ба чавони баззози бағдодй гуфт:

— Эй бародар, икроми ту дар хаки мо аз андоза гузашт. Акнун касди билодй Хуросон дорам ва мехохам, ки аз матои Хуросон ба кадом чиз хотири муборакат ки моил аст, аз барои ту гирифта биёрам.

Чавони бағдодии баззоз гуфт, ки:

— Эй бародар, боиси тасдеъ[2] нашавам, лекин хотири ашрафи ту бад-ин андеша мутаваччех гардидааст, аз рад кардани ман ғубор нагирад. Агар чун ба Миср расй, аз барои ман як канизаки хубрӯе ба даст орй, хамрохи мулозими худ, ки эътимодат ба ӯ бошад, фиристй ё хар гох, ки худ ба ин мулк ташриф орй, хохй овард.

Бехрӯз гуфт:

— Ба чон миннат дорам.

Ва чавони баззози бағдодй ӯро видоъ карда, ба Бағдод омад ва Бехрӯз ба чониби Хуросон рафт. Чун баъд аз чанд муддат дохили Хуросон шуд ва дар макони худ карор гирифт, ду-се рӯзе биёсуд. Баъд аз он ба худ гуфт, ки «ба максади он чавон бояд мукайяд гардид».

Пас хар рӯз пораи зар гирифта, ба бозор мерафт ва аз даллолон нишони канизаки покиза пурсида, таъкид мекард, то рӯзе мехтари[3] даллолон гуфт:

— Эй хоча, шунидам, ки бозаргоне аз Хиндустон омада ва канизаки бисьёр оварда будааст. Бархез ба назди ӯ равем, бошад, ки дар миёнаи канизони ӯ дилхохи ту пайдо шавад.

Бехрӯз бисьёр нек аст гуфта, бархост ва ба хонаи он бозар-

---

[1] *Хуччоч* — хочиён.
[2] *Тасдеъ* — ташвиш, дарди сар.
[3] *Мехтар* — калон, сардор, саркор.

гон рафт ва хама канизони ўро бидид, мақбул нашуд. Хочаи бозаргон гуфт:

— Маро як канизаки дигар хаст, кашмирӣ, ки дар рўи замин ба хубии ҷамолу камоли латофату малоҳат ва рўю мўю дидору гуфтору рафтори ў набошад ва агар наккошони рўи замин ҷамъ шаванд, мисли сурати ў тасаввур натавонанд кард. Аммо ман бо он канизак аҳд кардаам, ўро ба он кас фурўшам, ки дили ў хоҳад. Акнун ман он канизакро ба хизмати ту биёрам, ту ўро бубин ва ў низ туро бубинад. Агар канизак ба ту майл созад, бифрўшам.

Бехрўз гуфт:

— Фармон турост.

Хочаи бозаргон бирафт ва канизакро биёвард ва никоб аз рўи он маҳваш бигрифт. Бехрўз чун назар кард, офтоби ховарӣ[1] буда, ки дар зери никоб пинхон шуда будааст. Хочаи бозаргон гуфт:

— Эй канизак, ту низ ба ҷамоли ин ҷавон назар соз ва нек бингар. Агар дилат хоҳад, туро ба ў фурўшам.

Ровӣ гўяд, ки канизак хам бар рухи Бехрўз назар кард. фитнаи ў шуд, зеро ки Бехрўз ҳам ҷавони хубрў буд.

Алкисса, он канизак шефтаи ҷамоли ў шуда, гуфт:

— Бифрўш.

Наххос, яъне даллол, савдо баровард, ба ҳазор динор зари сурх Бехрўз қимати ўро бидод ва ба макони худ бурд. Шабу рўз дар парвариши ў буд. Нафс такозо мекард, ки дастдарозӣ кунад, лекин — инсофро пешниҳоди худ карда, ҳифзи аҳволи худ карда, ба худ мегуфт: «Ин канизакро ба чиҳати он ҷавони баззози баҒдодӣ гирифтаам ва дар қайди худ даровардан хубӣ надорад». Ва канизак ба худ мегуфт: «Хочаи мо чандоне сабр месозад, ки то ман толиби сўҳбати ў шавам».

АлҒараз, муддате гузашт. Чун мавсими ҳаҷ расид, Бехрўз азми БаҒдод кард. Он канизак ба худ лаънати бисьёр мекард ва афсўсу надомат ба худ роҳ медод. Бехрўз чун ба Ироқ омад, чанд рўзе дар он ҷо карор гирифт. Канизакро аз иштиёқи Бехрўз тоқат тоқ шуд. Рўзе ба хизмати Бехрўз омада, гуфт:

— Эй обшори сарчашмаи ҳаёт ва эй нахли бўстони хубӣ, акнун бигў, ки ман чи гунох кардаам, ки пеши назари муборакат хор шудаам? Зеро ки дар ин муддат, ки дар хизмати ту

---

[1] *Ховар* — шарк.

мушарраф шудаам, аз ҳеч вақҳ иноятманд нашудай. Лекин очивону шикастагонро навозиш кардан бисьёр нек аст. Мағрур ин хама мабош, ки рӯзгори бемадор подшоҳй ба гадоиву комронй ба бенавоиву озодй ба бандагй табдил мекунад.

Бехрӯз гуфт:

— Эй шамъи дилафрӯз, киссаи худ бо мал бигӯй, то донам.

Канизак гуфт:

— Эй хоҷа, бидону огоҳ бош, огоҳу доно бош, ки ман духтари малики Кашмирам ва подшохону хисравони он диёр хама дар орзуи ҷамоли бокамоли ман буданд ва ман ба ҳеч кас сар фуруд наёвардам. Овозаи ҷамоли ман ба писари малики Канаввач расида, нодида дил бар ёди ман барбод дод. Рӯзе ба вилояти Кашмир хабар омад, ки писари малики Канаввач ба хостгорй пораи амволу асбоби беҳаду бешуморро гирифта омадааст. Падарам чун омадани ӯ шунид, ҳамроҳи бузургони шахр ба истиқболи ӯ баромаданд ва ӯро ба эъзози тамом дар шахр дароварданд ва дар боргоҳи худ овард. Маликзода чанд рӯз аз касалии роҳ биёсуд. Баъдаҳу пешкаши беҳаду бешумор, ки чашми бинандае надида бошад, ба падарам фиристод ва маро хост. Ва дар билоди мо расм чунон аст, ки падар ихтиёр ба духтар монад ва ҳар касро, ки духтар хохад, ба ҳамон кас бидиҳад. Агар духтари подшоҳ ба гадое рағбат намояд, манъ нест ва ба ӯ хуччат насозанд.

Алғараз, падарам назди ман кас фиристода, гуфт:

— Эй фарзанди ҷигарпайванд, писари малики Канаввач ки сарҳайли[1] подшохони Хиндустон аст, туро мехоҳад. Акнун чавоб бидех, ки ту ӯро қабул дорй ё на?

Ман гуфтам:

— Ба хукми шоҳ маҳкумам, аммо як назар ӯро медидам, баъд аз он ӯро ҷавоб медодам.

Каси омада рафта ба падарам сурати вокиаро бозгуфт. Падарам хушвакту хурсанд шуда, рӯзи дигар ҷашн орост ва шоҳзодаро меҳмонй кард. Ман дар болои манзар рафтам ва аз паси парда назора кардам, шоҳзодаро дидам. Алҳак, ҷавони хубрӯи сарвқаде, маҳваши бегаши дилкаш, ширинзабон, ороми чон, мӯрмиён, пистадахон, лабҳо чу канд, абрӯкамон, офтобталъат буда, ки дар умри худ чунин ҷавоне надида будам ба ҳамин хубй. Аммо дилам чандоне моили висоли ӯ нашуд. Пас падарам боз кас фиристод, ки ҷавоб чист.

Ман гуфтам:

---

[1] *Сарҳайл* — сардор, пешво.

— Дар хубии шохзода шак нест. Зохиран такдир нарафтааст, ки чандоне дилам ба ӯ моил нашуд.

Падарам аз гуфтори ноҳамвори ман шармандаву дилтанг шуд. Вазири худро ба назди шохзода равона намуда, ин ҷавоби носавобро рафта ба ӯ бигуфт. Чун шохзода аз вазир ин пайғом шунид, ранг аз рӯяш бирафт ва гирьяи бисьёр кард. Сабру карор аз дилаш бирамид ва шохзода сар дар кадами вазир нихода, гуфт:

— Эй вазир, чораи корам бисоз. Ба хар тарику ба хар навъ, ки донӣ, бисоз ва агар аз дидори ин духтар махрум монам, зиндагонӣ бар ман харом хохад шуд.

Баъдаҳу боз вазир ба назди падарам омада, сурати вокиаро такрир намуд. Падарам чанде аз хосони худро ба назди ман фиристод. Ҳар кадом ба хар забон сухан гуфтанд. Дили ман нарм нашуд. Шохзодаи бечора ранҷуру махҷур шуда, ба бистари беморӣ афтод. Хабари ранҷи ӯ ба падараш расид. Малики Канаввач чанде аз наздикони худро фиристод, ки омада он писарро ба ватани худаш бурданд. Ман аз рафтани ӯ хушдил шудам. Чун чанд рӯзе бигзашт, шаб дар хоб дидам, ки он ҷавон дар гулзоре ва дар канори он гулзор суфае ва дар болои суфа тахте ва дар болои тахт шохзода бемор хуфтааст. Чун маро дид, сари худ бардошт ва гуфт:

«Эй худобехабар, наздики ман биё ва бар ҳоли ман назаре соз, ки аз зулму ситами ту бӣд-ин бистар афтодаам. Фардо дар киёмат даст бар домани ту хоҳам зад».

Ин сухани ӯ дар дилам таъсир кард ва бар ҷигарам коргар шуд. Фарьёдзанон беихтиёр ба назди ӯ хостам, ки равам, аз хоб бедор шудам ва савдои ӯ дар димоғи ман рох ёфт. Сабру хуш аз ман бирафт. Лекин падару модар, бандаву озод, умарову фузало ба сабаби он ҷавон душманони ман шуда буданд. Акнун ба ҷое расид, ки сирри ин вокиаро бо доя дар миён овардам ва дояро аз ин сир вокиф кардам. Доя гуфт:

— Эй духтар, сухани маро гӯш накардӣ, чунин захм хӯрдӣ.

Ман бо доя гуфтам:

— Эй волида, тадбир чист? Агар чанд рӯзи дигар чунин бошам, албатта ҷон аз колиб тиҳӣ хохам кард.

Доя гуфт:

— Ҳар тарика, ки донӣ, бисоз.

Алғараз, ман ба доя гуфтам:

— Ҳоло хам бошад ба шахри Канаввач равам, бошад ки дидори он ҷавонро медида бошам.

Доя гуфт:

— Бисьёр нек аст.

Лекин аз ин кори ман ба ғайр аз доя аз вилоят хеч ахаде[1] хабар надорад.

Алкисса, бархостам, ҷомаи мардона пӯшидам ва бар таковар[2] савор шудам ва аз вилояти Кашмир рӯй ба мулки Канаввач кардам. Шабу рӯз рох мерафтам, то ба шахри Канаввач расидам. Бар дари корвонсарое расидам, фуруд омадам. Сарой-бон омад, аспи маро ба ҷое барбаст ва ба хонае палосе андохт. Ногох дар он шахр шӯришу ғавғое бархост. Мардум гирьякунон медавиданд ва аксаре аз мардумон гиребонхои пораву пойхои барахна ва аксари занон мӯйхои бурида, хок бар сар карда, мерафтанд. Ман аз шахсе пурсидам, ки:

— Ин чи тарика ғавғост?

Он кас гуфт:

— Малики моро писаре буд, ки дар олам мисли ӯ нозукни-холе кам ба вучуд ояд, аз ишки духтари малики Кашмир имрӯз чон ба хак таслим намуд. Ин фарьёду фиғон аз ин вачх аст.

* *

Чун ман ин сухан шунидам, худро ночор дар хок андохтам ва об аз дида ҷорӣ карда, ба дарбори подшох рафтам ва дар зайли мардум ашк аз дида рахо карда, ба канорае нишастам. Чун соате бигзашт он писарро бароварданд. Малику тамоми бузургону уламову фузало пиёда дар пеши ҷанозаи ӯ фарьёдкунон омаданд. Чанд бор касд кардам, ки ханҷар бар синаи худ занам, боз андеша кардам, ки баъд аз мурдан заиф будани ман маълум хохад шуд, он замон лаънаткардаи дуньёву охират хохам шуд.

Алғараз, монанди мардум низ фарьёд карда ва аз акиби тобути ӯ аз дарвоза баромада, то ба дахмаи ӯ рафтам. Он писарро бад-он дахма ниходанд ва мардум бозгаштанд. Ман бо дидаи пуробу ҷигари кабоб дар он наздики дахмаи ӯ будам. Он рӯз гузашт. Чун шаб бар сари даст даромад, бо худ гуфтам: «Эй тан, дидӣ, ки чи кардӣ ва ба теғи бадхӯй ин писарро кушти. Акнун як бори дигар ҷамоли мурдаи ин писарро нодида, боз аз ин диёр биравӣ, баъд аз ин зиндагонӣ бар ту харом аст».

Чун сабр кардам, ки мардум ба хоб рафтанд, ман бархостам ва дари дахма бикшодам ва ба андарун даромадам. Шамъе дар дахма месӯхт ва тобути он писарро дар болои тахте нихода буданд. Девонавор омада рӯи ӯро кушодам ва рӯи худ бар

---

[1] *Аҳад* — ягона, кас.

[2] *Таковар* — аспи бидав, аспи тезрох.

рӯи ӯ ниходам ва дар гирья будам, ки аз он посбонон яке бедор шуда, дид, ки дари дахмаро кушодаанд. Наздики ман омад, гумон бурд, ки ман кафандузд бошам ва аз барои кумошхоро бурдан омадаам. Он кас ёрони худро бедор кард. Хама омада сару рӯи маро захми бисьёр заданд ва дасти маро махкам бастанд ва пеши малик бурданд, ки «ин бегох ин дузд ба чихати дуздидани кумошхои шохзода омада буд, моён ӯро дастгир карда овардем».

Малик бифармуд, то маро ба зиндон бурданд. Се рӯз дар зиндон ба либоси мардона будам. Рӯзи сеюм, ки малик аз мотам форигъ шуд, бифармуд, то маро аз зиндон биёварданд. Чумлаи бузургону аъёни давлат хама хозир буданд. Малик ба хайбат бар ман назар карда, гуфт:

— Эй нобакор, аз худо шарм надоштй, ки чунин пешае ихтиёр кардай?!

Ман очизу мазлумона ба он шахриёр назора мекардам, на сомони роз гуфтан ва на киссаи пурғусса баён кардан доштам. Дар хайрат монда будам. Шох чун аз ман чавоб нашнид, рӯй ба бузургон карда, гуфт:

— Ин харомзодаро чи бояд кард?

Хама гуфтанд:

— Лонки хар тарика укубат аст.

Алғараз, подшох бифармуд, ки дар чахорсӯ бурда бикушед.

Мири ғазаби подшох маро оварда, аз як дасти ман дар чахорсӯ овехт. Сад хазор кас ба назораву тамошои ман омада, истода буданд ва хеч касро бар ман дил насӯхт. Хамчунон то шаб биистодам. Чун посе аз шаб гузашта буд, ки ба даргохи худо дар нола даромадам ва муночот кардам. Баъд аз муночот мехрубонии хак субхонаху таолоро бинед, ки худро дар тоб карда будам, ки ресмон канда шуд ва ман дар замин афтодам ва аз хуш бирафтам. Баъд аз муддате боз ба хуш ки омадам, бархостам ва мерафтам. Дар миёнаи шахр расида будам, ки шахсе аз такобулам баромад ва маро саросема дид ва дасти ман махкам бигрифт ва гуфт:

— Ту якадуздй!

Ман ба ӯ зорин бисьёр кардам, ки:

— Савдогарписарам ва мусофирам ва ба чихати хочате баромада будам, рохи саройро ғалат кардаам. Ман саройро дар ин вакт намеёбам ва саргардон шудам.

Он мард гуфт:

— Ман туро бурда дар хидмат нигох дорам. Агар аз хешо-

ну хамрохони ту касе пайдо шавад, он замон туро рухсат дихам.

Алкисса, маро гирифта ба хонаи худ овард. Он шаб рӯз шуд, дид, ки бар ман сохибе пайдо нашуд, далви[1] об ба дастам бидод ва гуфт, ки «бирав ва об аз чох кашида ба аспон бидех».

Ду-се рӯзе бад-ин укубат гирифтор бу_ам ва рӯзе дар фикр шудам Чун шаб шуда буд, ки ӯро ғофил карда, бигрехтам ва гумон мекардам, ки он мард мутаоқиби ман хоҳад омад. Пораи рохе ки омадам, ба хонае расидам, ки дари он хона боз, яъне кушода буд. Ба даруни он хона даромадам ва соате хоб рафтам. Чун аз хоб бедор шудам, дидам, ки рӯз шуда ва дидам, ки хонаи калоне буда ва дар пешони ин хона чавонеро кушта, сар аз тани ӯ чудо карда, сари ӯро бар синааш гузоштаанд. Ман чун ин холат бидидам, даст аз чони худ бишустам, ба худ гуфтам: «Ба ҳар тақдир аз ин хона зуд бояд рафт». Бархостам, ки берун равам, аз дари он хона кариб 50 мард даромаданд ва бидиданд, ки ман саросема истодаам ва ин чавон мурда афтодааст ва сарашро бурида, бар синааш ниходаанд. Ин вокиаро дида, ғирев[2] аз эшонон баромад ва гиребонхо пора карданд ва дасти маро барбастанд ва ресмон дар гардани ман андохтанд ва он кушторо низ аз хона баргирифтанд ва ба касри дигаре оварданд. Марде дидам дар болои суфа нишаста буд, гуфт:

— Чи ходиса рӯй додааст?

Ин панҷох нафар гуфтанд, ки:

— Дар фалон хона писари туро ин дузд кушта, акнун қасди бадар рафтан дошт, ки ӯро дастгир карда, инак ба назди ту овардем.

Ох аз ниходи ин мард баромад ва гиребон пора карда, бар ман дар ғазаб нигоҳ карда, гуфт:

— Эй бадкирдор, холо се шабонарӯз шудааст, ки ин фарзанди ман ғоиб шуда буд. Имрӯз ӯро ва туро ёфтаанд. Акнун бидон, ки ман раиси ин шахрам ва писари ман бо ту чӣ карда буд, ки рахм ба чони чавони ӯ нохӯрда, чунин ситам дар ҳаки ӯ кардай ва оташ дар хонумони ман андохтай? Рост бигӯ, ки чӣ гуна кина ба ӯ доштӣ?

Ман гуфтам:

— Эй махдум, бар ман нек назар соз, кӯдакеям мусофир ва аз хонаи худ ба ғайри вакт баромада, рохи хона гум кардаам. Ба дасти золиме афтодам ва баъд аз се рӯз ниман шаб аз дасти ӯ бигрехтам ва хонае дидам, дараш боз. Дар он хона даро-

[1] *Дало* — сатили чӯбин, ки бо он аз чох об кашанд.
[2] *Ғирев* — фиғон, фарьёд.

мадам ва хобам рабудааст. Чун аз хоб бедор шудам, ки рӯз шуда, баякбор назар кардам, дар пешони хона ин ҷавонро кушта будаанд.

Раис рӯй ба ин ҷамоа кард. Эшонон гуфтанд:

— Мучримро[1] бахона бисьёр аст ва ин дузд то танбех наёбад, иқрор нашавад.

Алкисса, хар ду дасти маро баста чандон тозиёна заданд, ки аз худ бирафтам ва раисро зане буда, рахми ӯ ба холи ман омада, гуфт:

— Алхол ҳамин қадар басанда аст, ки агар зиёда аз ин зарбу лат созед, ҳалок хоҳад шуд.

Раис бифармуд, то маро дар хонае карданд ва калиди он хонаро худ нигоҳ дошт. Чун дар харами худ даромад, бихуфт ва калид дар зери сар ниҳод. Зани раис ҳамон вақт, ки маро дида буд, мехри ман дар дили ӯ ҷо гирифта буд. Зани раис таҳаммул кард, то раис дар хоб рафт. Пас калид аз зери сари шавҳар бигрифт ва ба дари хонае, ки ман будам, биёмад ва дарро бикшуд. Пеши ман биёмад ва ман дар нола будам. Зан даст бар пешонии ман ниҳод ва ба гӯши ман гуфт:

— Эй писар, хотирҷамъ бош, ки ман ҷорои корат бисозам ва даст дар гардани ман кард ва маро аз хоку хун баргирифт ва ба хучраи хоси худ бурд, ки касеро дар он хучра роҳ набуд ва аз барои ман ҷоман хобе биёвард ва маро бихобонид ва андак ҳарироба ва шарбате биёвард ва сар то пои ман дар мархам гирифт ва боз калидро бурда, дар зери болини раис ниҳод. Чун рӯз шуд, раис бархост ва дари хона боз кард, маро надид, гуфт:

— Кӯдаки хунин кучо рафтааст?

Мулозимони ӯ гуфтанд:

— Моён надонем.

Дар ин вакт зани ӯ омада гуфт, ки:

— Эхтимол дорад, ки ӯ бегуноҳ бошад ва худои таборак ва таоло аз банд начот дода бошад.

Раис ғамнок шуд ва бирафт. Аммо шабу рӯз зани раис дар хидмату парвариши ман буд, то рӯзе чанд бигзашт, маро сиҳат падид омад. Шабе зани раис ба назди ман омад, гуфт:

— Эй ҷавони мохпайкар, агар ман набудам, туро ба хоки гира яксон мекардаанд. Бояд ки ин некии ман бидонӣ.

Бар вай офарин кардам ва тавозӯи вайро ба ҷой овардам ва гуфтам:

— Эй бону, узри ту ба кадом забон бигӯям?

---

[1] *Мучрим* — гунаҳкор.

Зан бихандид ва гуфт:

— Эй чавон, максаде дорам, агар ба муродам нарасон ба ту домангир хохам шуд, зеро ки тири ишки ту дар конуни[1] синаам кор кардааст.

Чун ман ин калом аз зани раис ки шунидам, бо худ гуфтам: «Дарег, ки хакикати ман ба ў маълум на ва ў пиндошт ки ман мардам ва надонист, ки ман низ мисли ў бошам».

Алкисса, шаби дигар сурохии шаробу нукли алвону кабоб гирифта, ба назди ман омад ва забон баркушода, гуфт:

— Эй писар, дигар токати интизорй надорам. Имшаб ба-даам, ки муроди ман хосил кунй.

Ин сухан аз ў шунидам, ранг аз рўи ман бирафт, чавоб-татвонистам гуфт. Ва ин зан косаи шароб дар гирд карда, пиёе худи ў бихўрд ва порае бар ман бидод. Хар замон даст бар гардани ман карда, бўсае аз рухсораи ман бидод. Дар ниймаи шаб раис, ки аз хоб бедор шудааст, зани худро аз ин ки худ дур дида ва дар талаби ў баромада, ба як бор назар ў дар ин хучра афтода, дид, ки зани ў хамрохи ман нишаста ва хўрдани шароб мукайяд аст. Шамшер ба даст гирифта, ба ин хучраро шикаста, даромад ва ба як зарби шамшер сари зани худро калам кард ва баъдаху касди ман карда, гуфт:

— Эй бадфеъл, дирўз писарамро кушти, боз ба хонаи ман чунин хакорат карда, бо зани ман кабобу шароб хўрда, ишрат карда истодай?!

Ман забон ба дуову санои ў кушода, гуфтам:

— Эй махдум, ман авратеям бечораву аз хонумон овора.

Раис гуфт:

— Эй бехирад, акнун мехохй, ки талбис[2] ва чарбзабонй[3] ку-да, аз дасти ман бадар равй?!

Ман гуфтам:

— Эй махдум, шамшер аз дасти худ бар замин бинех, то ман ахволи худ ба ту баён созам.

Раис шамшер ба замин бинход ва баробари ман биништ ва он чи аз ман гузашта буд, билокусур баён намудам.

Раис гуфт:

— Духтари малики Кашмир дар ин чо чи кор кунад? Гуфт мегўй.

Ман гуфтам:

— Агар бовар надорй, дар кабои ман назар соз.

---

[1] *Конун* — марказ, сарчашма, тахт.
[2] *Талбис* — фиребу найранг.
[3] *Чарбзабонй* — ширинсуханй, суханбозй.

Ва баъдаху гиребон пора кардам ва синаи худ ба ӯ намудам. Чун пистони маро дид, донист, ки ман заиф будаам.

Раис гуфт:

— Чаро дар аввал ин ҳол ба ман маълум накардӣ, то ман зани худро накуштаме.

Ман гуфтам:

— Эй худованд, охиста бош ва накуш гуфтам, ки фасл аз чаҳли худро боз надоштӣ ва ҳақиқатро нафаҳмида, фармони ман набурдӣ, боз аз куштани зани худ пушаймон шудӣ ва тақдираш ҳамин будааст.

Пас раис бархост ва мурдаи зани худро ба ҷои хилват бурда, дафн кард ва маро дар хамон хучра нишонд ва бирафт. Чун шаби дигар шуд, раис ба назди ман омад. Ман бархостам ва ба хидмати ӯ истодам.

Раис гуфт:

— Ба сабаби ту аз зани худ ҷудо шудам ва хонаи ман хароб шуд. Акнун бояд, ки ту бо ман бошӣ ва ман туро бонуи сари зонуи худ бисозам.

Ман аз гуфтори ӯ хира бимондам ва хайрон шудам ва бо дил мулоҳиза карда ва гуфтам:

— Эй баргузидаи ҷаҳон, бидон, ки некӣ дар дунёё кардан суннати озодагон аст ва ман самараи султонам. Дар хонаи торик маро бонуи сари зонуи худ кардан ин миқдор хуб нест. Бояд ки бархезӣ ва маро ба мулки Кашмир ба назди падарам расонӣ ва падарам аз ту хушнуд гардад ва тӯю тамошо карда, ба дурустиву ба иззати тамом ба ту бидиҳад, баъдаху ман низ туро ба шавҳарӣ қабул созам, на ин ки канизаквор бонуи сари зонуи худ созӣ.

Раис бихандид ва гуфт:

— Маро чун тифлон мехохӣ, ки фиреб бидиҳӣ. Алҳол ман дар хонаи худ зиёда аз малики Кашмирам. Агар хоҳам, туро бикушам ва агар хоҳам туро озод созам.

Ман гуфтам:

— Имрӯз асири туям, лекин ба ту нарасам.

Раис ин сухан аз ман шунида, дар хашм шуд ва дасту пои маро барбаст ва дар хучра андохт ва дари хучраро куфл кард ва худ бирафт. Чун шаб ба нима расида буд, дард бар ман зиёда шуд ва ба худ мегуфтам: «Кош маро мекушт, ки ба ин укубат гирифтор намешудам». Дар нола будам, ки шахсе аз зери замин накб канда, касди хамин хучра дорад.

Алқисса, аз замин биёмад ва ин замини хонаро шикоф сохт ва дар ман назар кард, дид, ки дасту пои ман баста, гуфт:

Зан бихандид ва гуфт:

— Эй чавон, мақсаде дорам, агар ба муродам нарасонӣ, ба ту домангир хохам шуд, зеро ки тири ишки ту дар конуни[1] синаам кор кардааст.

Чун ман ин калом аз зани раис ки шунидам, бо худ гуфтам: «Дарег, ки хакикати ман ба ӯ маълум на ва ӯ пиндошта, ки ман мардам ва надониста, ки ман низ мисли ӯ бошам».

Алкисса, шаби дигар сурохии шаробу нукли алвону кабоб гирифта, ба назди ман омад ва забон баркушода, гуфт:

— Эй писар, дигар токати интизорӣ надорам. Имшаб омадаам, ки муроди ман хосил кунӣ.

Ин сухан аз ӯ шунидам, ранг аз рӯи ман бирафт, чавоб натавонистам гуфт. Ва ин зан косаи шароб дар гирд карда, порае худи ӯ бихӯрд ва порае бар ман бидод. Хар замон даст дар гардани ман карда, бӯсае аз рухсораи ман бидод. Дар ин ниман шаб раис, ки аз хоб бедор шудааст, зани худро аз назди худ дур дида ва дар талаби ӯ баромада, ба як бор назари ӯ дар ин хучра афтода, дид, ки зани ӯ хамрохи ман нишаста, ба хӯрдани шароб мукайяд аст. Шамшер ба даст гирифта, дари хучраро шикаста, даромад ва ба як зарби шамшер сари зани худро калам кард ва баъдаху касди ман карда, гуфт:

— Эй бадфеъл, дирӯз писарамро кушти, боз ба хонаи ман чунин хакорат карда, бо зани ман кабобу шароб хӯрда, айшу ишрат карда истодаӣ?!

Ман забон ба дуову санои ӯ кушода, гуфтам:

— Эй махдум, ман авратеям бечораву аз хонумон овора.

Раис гуфт:

— Эй бехирад, акнун мехохӣ, ки талбис[2] ва чарбзабонӣ[3] карда, аз дасти ман бадар равӣ?!

Ман гуфтам:

— Эй махдум, шамшер аз дасти худ бар замин бинех, то ман ахволи худ ба ту баён созам.

Раис шамшер ба замин бинход ва баробари ман биншаст ва он чи аз ман гузашта буд, билокусур баён намудам.

Раис гуфт:

— Духтари малики Кашмир дар ин чо чи кор кунад? Ғалат мегӯӣ.

Ман гуфтам:

— Агар бовар надорӣ, дар кабои ман назар соз.

---

[1] *Конун* — марказ, сарчашма, тахт.

[2] *Талбис* — фиребу найранг.

[3] *Чарбзабонӣ* — ширинсуханӣ, суханбозӣ.

Ва баъдаху гиребон пора кардам ва синаи худ ба ӯ намудам. Чун пистони маро дид, донист, ки ман заиф будаам.

Раис гуфт:

— Чаро дар аввал ин хол ба ман маълум накардӣ, то ман зани худро накуштаме.

Ман гуфтам:

— Эй худованд, охиста бош ва накуш гуфтам, ки фасл аз чахли худро боз надоштӣ ва ҳақиқатро нафаҳмида, фармони ман набурдӣ, боз аз куштани зани худ пушаймон шудӣ ва тақдираш ҳамин будааст.

Пас раис бархост ва мурдаи зани худро ба чои хилват бурда, дафн кард ва маро дар хамон хучра нишонд ва бирафт. Чун шаби дигар шуд, раис ба назди ман омад. Ман бархостам ва ба хидмати ӯ истодам.

Раис гуфт:

— Ба сабаби ту аз зани худ чудо шудам ва хонаи ман хароб шуд. Акнун бояд, ки ту бо ман бошӣ ва ман туро бонуи сари зонуи худ бисозам.

Ман аз гуфтори ӯ хира бимондам ва хайрон шудам ва бо дил мулохиза карда ва гуфтам:

— Эй баргузидаи чахон, бидон, ки некӣ дар дунёё кардан суннати озодагон аст ва ман самараи султонам. Дар хонаи торик маро бонуи сари зонуи худ кардан ин миқдор хуб нест. Бояд ки бархезӣ ва маро ба мулки Кашмир ба назди падарам расонӣ ва падарам аз ту хушнуд гардад ва тӯю тамошо карда, ба дурустиву ба иззати тамом ба ту бидихад, баъдаху ман низ туро ба шавҳарӣ кабул созам, на ин ки канизаквор бонуи сари зонуи худ созӣ.

Раис бихандид ва гуфт:

— Маро чун тифлон мехохӣ, ки фиреб бидихӣ. Алхол ман дар хонаи худ зиёда аз малики Кашмирам. Агар хоҳам, туро бикушам ва агар хоҳам туро озод созам.

Ман гуфтам:

— Имрӯз асири туям, лекин ба ту нарасам.

Раис ин сухан аз ман шунида, дар хашм шуд ва дасту пои маро барбаст ва дар хучра андохт ва дари хучраро куфл кард ва худ бирафт. Чун шаб ба нима расида буд, дард бар ман зиёда шуд ва ба худ мегуфтам: «Кош маро мекушт, ки ба ин укубат гирифтор намешудам». Дар нола будам, ки шахсе аз зери замин накб канда, касди хамин хучра дорад.

Алкисса, аз замин биёмад ва ин замини хонаро шикоф сохт ва дар ман назар кард, дид, ки дасту пои ман баста, гуфт:

— Чи касй ва туро ба ин минвол кй кардааст?

Ман гуфтам:

— Эй айёри номдор, ман ғуломи раисам, гунох карда будам, хочаи ман маро ба ин азоб гирифтор кардааст.

Дузд омада дасту пои маро бикшод ва аз он чи дар ин хона буд, ҳамаро ҷамъ карда, дар чодаре баста ва маро аз рохи накб берун бурд, ба дари ғор нишонда, гуфт:

— Ман туро аз ин банд озод кардам, ту низ бо ман хамрохй кун.

Алкисса, ин чодари бастаро бар дўши ман дод ва худи ў пеш-пеш мерафт. Дар миёни бозор расида будем, ки аз пеш машъал пайдо шуд. То нигоҳ кардем ки шахнаи шахр буда. Нек мулоҳиза кардем, расида омад. Хостем, ки гурезем, дастгир карданд ва хар дуи моёнро бигрифтанд ва мо ҳар дуро ба зиндон фиристод. Рўз шуд, шахна шароб хўрда буд, шаб ки савор шудааст, дар ҳолати мастй таковари ўро пояш дар ҷое фурў рафта ва гардани он шахна шикастааст ва мурдааст ва моён як мох дар зиндон мондем. Рўзе зани зиндонбон омад, дид, ки ранги ман бағоят зард шудааст ва ранги рўю ахволи маро дида, ба ҳоли ман рахм хўрд. Ман гуфтам:

— Эй волида, тавонй соате маро ба хонаи худ бурд, то киссаи пурғуссаи худ ба ту баён созам?

Баъдаху зани зиндонбон ин сухани маро кабул карда, дасти маро баргирифт, аз чохи зиндон ба хонаи худ бурд. Китъаи ноне ва косаи обе ба ман бидод. Чанд лукмае ки хўрдам, баъд аз он ахволи худро аз аввал то ба охир билокусур як-як баён кардам. Зани зиндонбон бовар насохт. Охир синаи худро ба ў намудам. Якини ў дуруст шуд ва аз он чи гуфта будам, бовар кард ва дилаш бар ман бисўхт ва об аз дида ҷорй кард ва гуфт:

— Сабр соз, ин бегоҳ чораи ту бисозам ва туро аз ин банд имшаб бирахонам.

Ман бар он зан офарин кардам. Боз ба ҷои худ рафтам. Чун шаб бар сари даст даромад, дуздон бихуфтанд. Зани зиндонбон биёмад ва дасти маро бигрифт ва боз ба хонаи худ бурд ва дар назди ман таом ниҳод ва гуфт:

— Акнун ту дил хуш дор, ки агар сарам дар кори ту равад, ман туро аз ин банд халос хохам кард.

Дар ин гуфтугў будем, ки худи зиндонбон даромад. Чун маро дар назди занаш дид, дар хашм шуд. Корде дар даст гирифта ба ман андохт. Дар ин вакт зани ў низ худро дар болои ман андохт ва гуфт:

— Эй нобакор, ба ин заиф чи дорй, ки чунин зарар мерасонй?

Зиндонбон дар чавоб гуфт:

— Эй палид, ман чандин сол аст, ки хирмани умри худ дар сўхбати ту барбод додам, холо ту ин дуздро хушрўй дида, дар назди худ оварда, ба кори номашрўъ майл месозй ва боз ин дузди мардро хила карда мегўй, ки зан аст. Холо мебинй, агар ин дузди нобакорро пора-пора карда, як кошук хуни инро дарнакашам, ман фалонии зиндонбон набошам.

Дар чавоби вай зан гуфт:

— Эй номусулмони худонотарс, аз худо шарм намедорй?! Чаро ин тарика исподеву тўхмате дар хаки ман месозй?! Соате нишин ва саргузашти ин занро бипурс ва аз хакикати ин кор воциф шав ва баъд аз он ихтиёр турост, хар тарикат тааддиву зулм, ки аз дасти ту ояд, хусумат нокарда бисоз!

Зиндонбон аз чахолат сокин шуда, гуфт:

— Киссаи худ ба ман бигў, то донам.

Алгараз, аз аввал то ба охир билокусур аз он чи аз сари ман гузашта буд, баён кардам. Зиндонбон рўй ба чониби зани худ карда, гуфт:

— Нек тафаххус кардай, ки ин заиф бошад?

Зани ў савганд ёд кард, ки заиф ва мазлум аст ва зиндонбон дар гумон шуда истода буд, ки ман синаи худро ба ў намудам. Зиндонбон аз кардаву кирдори худ шарманда шуда, рўй ба чониби зани худ карда, гуфт:

— Тадбири ин кор чист?

Зани ў гуфт:

— Холо аз ту чунин беадабй ба вукўъ омадааст, бояд ки талофии ин кору кирдори зишти худ бисозй.

Алкисса, зиндонбон ба ман узри бисьёр гуфта, сар дар кадами ман нихода ва муддате маро хидмат кард. Рўзе гуфтам:

— Эй бародар, хидмати бисьёр кардй ва ман аз ту шармандаву хичил шудаам.

Зиндонбон гуфт:

— Агар хамаи умри худ дар хизмати ту сарф созам, ханўз кам аст. Аммо, эй духтар, агар ихтиёри хонумони худ дар хотир дорй, бигўй, ман туро ба ватани аслии ту бубарам.

Ман ба ў гуфтам:

— Эй бародар, аз он вакт, ки аз хонумон чудо шудаам, ба сад хазор бало гирифтор гардидам. Акнун ба кадом рўй ба ватани худ равам ва баъд аз ин хам сари худ гирифта биравам. Аммо, эй бародар, ту хидмати маро бисьёр кардай ва дар бисо-

ти ман чизе не, ки ба ту бидихам. Лекин ин кадар соз, ки маро бифрӯш ва сарфи зану фарзанди худ бисоз.

Алғараз, зиндонбон амри маро кабул карда, маро ба бозори подшоҳӣ бурда, ба як аврати мутриба ба ҳазор динор зари сурх бифрӯхт ва он мутриба маро гирифта, ба шавку завки тамом ба хонаи худ бурд. Лекин ин аврати мутриба чунон нағмахоро медонист, ки мислу монанд надошт. Баъд аз он дар хонаи худ ба мисли модари худ маро тарбияту сулук мекард ва нағмахоро таълим карда, ёд медод. Дар муддати ду моҳ чунон нағамоти ӯро ёд гирифтам, ки миқдори ман дар он диёр касе пайдо набуд ва метавон гуфтан, ки ба чои дигар пайдо набошад. Ҳар касе нағмаи маро мешунид, мадхушу беихтиёр мешуд ва ин паём ба гӯши малики Канаввач расид, чанде аз махрамони худро фиристод, то маро ба хизмати шохи Канаввач бурданд ва дархол шоҳ бифармуд, то самоъ кардам ва дар нағмасарой даромадам. Шоҳ зор-зор чун абри навбахор мегирист ва фитнаи ман шуд, яъне, ба сад дил ошику нигарони ман шуд. Як нафас шохи Канаввач бе ман токату ором надошт. Як замон аз сӯҳбати худ дур намекард. Баъдаху шохи Канаввач сохиби маро, яъне аврати мутрибаро талаб намуда, гуфт:

— Ин канизакро ба чанд динор харидай?

Аврати мутриба гуфт:

— Ба ҳазор динор зари сурх харидаам ва се хазор динор зари сафеди дигар ба ӯ харч кардаам.

Дархол шоҳ бифармуд:

— Ҳазор динор зари сурх ва панч хазор динор зари сафед маа сару по ба ин аврат бидихед.

Наздикони малик кимати маро ба зани мутриба доданд, ин пулро бигрифт ва бадар рафт. Баъд аз гирифтан ман дар хидмати шохи Канаввач чунон нағмасарой кардам, ки санг дар дили санг об мегардид ва булбулон дар хаво ин нағмаро шунида, нимбисмил мегашт, балки колибтиҳӣ мешуданд. Чанд рӯзе аз ин воқиа ки бигзашт, бегоҳӣ шоҳ дар хучраи хоси худ маро бурд ва ба хӯрдани шароб мукайяд ғардид ва ман нағмасарой мекардам ва шохро шароб гузаронид ва масту бехуш шуда бияфтод. Лекин кӯчи шохро нома Хонум буд, аз чихати рашк ғаммозӣ карда, ҳамрохи чандин канизак омада, дар пайи ман шудаанд. Чун шохро кайф зӯр карда, ғалтонда буд, ман дар болои сари ӯ нағмасарой карда нишаста будам, Хонуму канизакон дидааанд, ки шоҳ масту мадхуш афтода, ман хам дар нағмасарой бар сари ӯ нишастаам, вактро ғанимат донисто, Хонуми зани подшоҳ дархол чанд канизакро бифармуд, маро гирифта беруи

баровардaнд. Хонум дар ғазаб шуда, бифармуд, ки лат созед. Баъдаҳу канизон маро лати бисьёр карданд. Ман дар гирья даромадам. Хонум ба ҷониби ман нигоҳ карда, гуфт:

— Эй бадфеъл, ту аз харобот ба хароботе ба хонаи ман омадай!

Боз дар хашм шуда, фармуд, ки канизон маро ба чўбу санг зананд. Чандон, ки заданд, аз хуш бирафтам. Ва баъд аз он фармуд, ки:

— Ўро ба оби дарьё бурда андозед, ки ғизои нахангони дарьё шавад, сазояш ин аст!

Ва канизон дар он шаб маро гирифта, бар лаби дарьё бурда, дар заврақе ниходанд ва микдори ду фарсанг рох дар рўи об бурда, баъд аз он ба дарьё андохтанд. Канизон рафтанд... Ман аз бими чон дасту пой мезадам. Дар он хин ба ногоҳ ба кудрати хак... тахтапораи кишти зоҳир шуд, дар рў ба рўи ман омад. Аз бими чон даст дароз карда, он тахтаро бигирифтам ва худро ба машаккатхо дар болои он тахта андохтам ва дар рўи дарьё мерафтам ва хамаи олам дар назарам дарьё буд. Се рўз роҳ мерафтам, рўзи чахорум ба иноятн раббонй гуруснаву ташна ба канори дарьё расидам ва ҷидду ҷаҳди бисьёр кардам, то ба хушкй баромадам ва кафи поям аз ҷихати шатта хўрдан бисьёр ҷарохат шуда буд, ки асло пои ман дар замин наменстод ва ба зону бирафтам, то ба сарчашмае расидам. То он вақт аз ғизо чизе нахўрда будам ва бисьёр гуруснаву ташна будам ва баъд аз он дами обе аз ин сарчашмаи об хўрдам ва пораи гиёхе хам аз он сарчашмасор бихўрдам, то мучмал куввате ба ман падид омад ва ба хамон дами хаёт шукронаи хак таолоро ба ҷой овардам, то ин ки аз бими марг растам. Пас дар сари он чашма соате осоям гуфта, дар фикри хоб шудам. Баъдаҳу ба хоб рафтам ва аз халокии дасту по задан дар дарьё ба сарчашма он микдор хоб рафтам, то як шабонарўз аз хоб бедор нашудам. Баъд аз як шабонарўз ки аз хоб бедор гардидам, назар кардам ки ҷамъе бар болои сари ман маро назора карда истодаанд ва аз бими чон саросема аз чои худ бархостам ва ба онхо салом кардам ва дар миёни он кавм пире дидам, нуронй. Он пир гуфт:

— Эй чони падар, чи касй ва ин ҷо чун афтодй?

Ман гуфтам:

— Канизаки бозаргоне будам ва кишти хочаи ман шикаст ва хоча ва хар кас, ки дар он кишти буд, хамрохи моли худ хама ғарк шуданд. Чун ачал ба ман нарасида будааст, дар рўи тахта мондам, бо амри хак таоло инак дар сарчашма бимон-

лам. Акнун шумоён хам хакикати худро баён созед, ки чй гуна мардумед ва азми кадом диёр доред?

Пир гуфт:

— Моёнро, ки мебинй, мардуми бозаргонем ва касди вилояти Канаввач дорем. Чун номи Канаввачро ки шунидам, ларза бар андоми ман афтод ва ранг аз рўи ман рафт ва пирро гуфтам:

— Эй хочаи бозаргон, имрўз даст бар домани ту мезанам. Зинхор маро ба вилояти Канаввач набарй.

Хочаи бозаргон гуфт:

— Хар чи ки муддаои ту бошад, хамон тарика хохам кард.

Лекин ин пир хочаи бозаргон ва калони бозаргонон буд, ба сухани ман амал кард.

Алкисса, ин хочаи бозаргон маро ба вилояти дигаре оварда, хост, ки фурўшад. Харидоре, ки лоики ман бошад, пайдо нашуд. Ман ба хочаи бозаргон гуфта будам, ки ба шарте, ки харидоре ба маромн табъи ман бошад, фурўшй, вайлло на. Хочаи бозаргон ин амри маро кабул карда, гуфт:

— Ба чон миннат дорам.

Аз хамин боис дар он вилоятхо ба маромн табъи ман касе харидор пайдо нашуд ва маро нафрўхт. Баъдаху дар киштй даромадем, муддати се мох дар дарьё гаштем. Баъд аз он ба Уммон расидем ва аз дарьёи Уммон берун омада, касди Хуросон кардем. Чун ба Марви шохи чахон расидем, кисмату такдири илохй коргар шуд, ман туро бидидам ва туро хостам. Ту маро ба хазор динор зари сурх бихаридй. Дуои бад дар хаки ман он подшохзодаи Канаввач кардааст. Зохираи ин ки ту ба ман эътироз мекунй, ки ман дар хаки он шохзода кардам ва дили вай маъюс шуда, боз ба вилояти худ рафта, окибат дар фироки ман сўхта, аз дунёё рехлат намуд. Ман хам ба вай бетархихо кардам ва ба сухани падару модар ва ба суханхои тамоми аркони давлати падар надаромадам ва ба хоб вайро дидам ва тири ишки вай ба дил хўрдам ва либоси мардона пўшида, ба вилояти вай ба рўзи мурдааш рафтам ва мурдаи вайро дида, хок бар сар пошидам. Ин азобхову укубатхои лобаъдй ва лоях-сй[1] ба ман рўй дод. Ин хама аз феъли бади худ дидам ва бефармонии падару модар дар хаки ман шуд. Ман ба ту сар фуруд меорам, ту ба ман эътироз мекунй. Ин мукофот аз феъли бади худ мебинам. Чохкандаро чох дар пеш аст. Ва акидаи ман ин шуд, ки писари малики Канаввач зинда шудааст, зеро ки

---

[1] *Лояхсй* — бешумор, беандоза.

ман вайро дида будам, ба сурату ҷамол монанди ту буд ва аз он чи ҳақиқати ман буд, ба хизмати ту, ки Бехрӯзӣ мукаррараи[1] баён кардам ва маро аз сӯҳбати худ дур марон. Бидон, ки қиссаи ман чунин аст.

Бехрӯз ин суханҳои маликаро шунида, ангушти ҳайрат дар даҳон газида, гуфт:

— Ман дӯсте дар вилояти БаҒдод дорам, бисьёр ягонаву фарзона, дар ҳаки ман некиҳои бехад карда, аз ман канизаки соҳибҷамол дархост карда, ман туро ба ҷиҳати ӯ гирифтаам ва сабаб он аст, ки гирди ту намегардам ва амонатро хиёнат намесозам.

Канизак бихандид ва гуфт:

— Чаро дар аввал ҳақиқатро нагуфтӣ, то ман ба ту дил намебастам. Дар ин муддат шайдову расвои худ кардӣ, акнун маро фиреб медиҳӣ.

Ва чанд рӯзе аз ин вокиа ки гузашт, Бехрӯз ба ҷониби ин канизак дастдарозиву илтифот намекард. Иштиёқ аз ҳад гузашта буд. Баъдаҳу канизак ба дили маъюсу чашми пуробу синаи кабоб ба даргоҳи ҳазрати ваҳҳоб муноҷот карда, дар нола даромада, мегуфт:

— Бандаанавозо, чунончи дар оташи ишку муҳаббати Бехрӯз гирифторам кардӣ, Бехрӯзро низ ба ғами ишқ гирифтор ва мубталои шахсе соз, ки то донад, ки чӣ аз ҳоли ин мушти пари заифи нотавон мегузарад.

Байт:

Ғурури хуси дорӣ, қадри ошикро чи медонӣ,
Илоҳо, мисли ман ошиқ шавӣ, то қадри ман донӣ.

Аз муноҷоти ин канизак тири дуо ба ҳадафи ичобат расида буд. Қазоро, рӯзе Бехрӯз аз хона баромад ва ба бозор баромада рафт. Дар бозор тамошо карда истода буд, ки баякбор назараш ба дӯкони тоҷидӯзе афтод. Дар он дӯкон писаре дид, баҒоят хубрӯю латифу зарифу офтобталъату мӯрмиён, абрӯкамон, дурдандон, пистадаҳон, ақиқлаб, симгабғаб, сарви равон, пайванди ҷон, бодомчашм, тезҳашм, охунигоҳ, мижгонсиёҳ, шакарлаб, ишвагар, шӯҳшанг, ба ҳазор хулку ҷилвасарой карда истодааст. Бехрӯз нек ба ҷониби он гулписари сунбулмӯи мушкафшони кабкрафтор назар кард, дил аз дасти Бехрӯз бирафт ва ба сад дил фирефтаи он писари юсуфталъат шуда, дар хусни ӯ волаву ҳайрон бимонд...

---

[1] *Мукаррараи* — такроран, дубора.

Алкисса, ровӣ гӯяд, ки ишки корӣ кор кард, нами токат дар дил намонда, Бехрӯзи бечора дил бой дода, нарм-нарм омада, дар суфаи дӯкони ӯ нишаст ва муҳаббати Бехрӯз дили гулписарро ба ҷонибӣ худ майлон сохт...

Чун соате гузашта буд, ки писар аз ҳоли Бехрӯз воқиф шуда, ба забони ширину иборатҳои рангин ба Бехрӯз дар такаллум даромада, аҳволи Бехрӯзро пурсид. Бехрӯз низ аз ӯ суханон сувол кард ва дар миёнаи ҳар ду ошнои ачабе пайдо шуд ва аниси якдигар шуданд. Чун бозори он писари ширинлико ба охир расид, дӯкони худ ҷамъ карда, Бехрӯзро видоъ сохта бирафт. Бехрӯз ба сад меҳнату машаккат ба манзили худ омад. Канизаки баидроки корафтода меҳнати ишк кашида буд, зимнан фаҳмид, ки Бехрӯзро чи ходиса бар сар афтодааст. Баъдаҳу канизакро назар бар ҷамоли Бехрӯз ки афтод, дид, ки чеҳраи гулгуни арғувонии ӯ ба заъфаронӣ мубаддал шуда, пурсид, ки:

— Туро чи касалу маразе рӯй додааст, ки чунин бесаранҷому ошуфтаҳол менамой?

Бехрӯз ростиро пешаи худ сохта, гуфт, ки:

— Соате дар дӯкони фалон токидӯзписар нишаста будам, он писар бисьёр хубрӯ будааст. Чун ӯ ба хонаи худ рафт, ман низ ин ҷо омадам. Бехрӯз изҳори ҳол бисьёр накард. Як намуд карда, мучмал гузашт. Маликаи кашмириро хурсандие дар табиат ҳосил карда, ба дил гузаронид, ки «ту аз дари хона даромадӣ, филҳол рухсораи арғувонии туро заъфаронӣ дидам, филфавр ба ишку муҳаббат гирифтор гаштааст гуфта, истидлол[1] карда будам». Ин фикрро дар хотир рох дода, лаби зерини худро бигазид ва гуфт: «Ҳак таоло подшохи одил аст. Ҳар кас, ки ҳар он шарбат нӯшонад, бинӯшад».

Алғараз, Бехрӯзро он шаб то ба рӯз хоб набурд. Карору ором аз ӯ рафта буд. Чун рӯз шуд, Бехрӯз давида беихтиёр дар дӯкони токидӯзписар рафта нишаст ва чашми интизор дар роҳи гузори ӯ дошт. Аз ҷиҳати тасаллои хотир байтҳо меҳонд:

Байт:

Муҳаббатпаноҳо, мухиббам туй,
Мукаррар, мукаррар, мукаррар бувад.
Димоғат зи бӯи гули дӯстӣ
Муаттар, муаттар, муаттар бувад.
Чароғи дилат аз фурӯғи азал
Мунаввар, мунаввар, мунаввар бувад.
Туро лоиқи хидмат, эй мӯҳташам,

[1] *Истидлол* — хулоса, натиҷа.

Сикандар, Сикандар, Сикандар бувад.
Туро душмане гар бувад дар ҷаҳон,
Мукаддар[1], мукаддар, мукаддар бувад.
Ба тири ғамат ҳар ки тоб оварад,
Ғазанфар, ғазанфар, ғазанфар бувад.
Ғарибе, ки афтодаи кӯи туст,
Музаффар, музаффар, музаффар бувад.

Рӯз то шаб нест чуз оҳу афгонам,
Ҳама шаб чу шамъ сӯзонам.
Дар фироки ту баски ҳайронам,
Чун кунам чорае намедонам.

Ин байтҳоро хонда истода буд, ки чун соате бигзашт, он писари хубрӯ пайдо гардид. Бехрӯз бар пой хост ва ба ӯ салом кард. Писари токидӯз ҷавоби салом дода, ду лаъли шакарбор кушода, чун тӯтӣ дар такаллум даромада гуфт:

— Эй гавҳари кони комронӣ, ин бегоҳ аз чиҳати фироки ту маро имшаб хоб набурд ва то ба рӯз ҷараси[2] ҳаваси туро мечунбонидам, ки ту ин бегоҳ дар гулшани хеш ба фароғат хуфта бошӣ ё не?

Бехрӯз чун ин ширин калом аз он гуландом шунид, мурғи дилаш дар қафаси сина тапидан гирифт ва ранг аз рӯи ӯ бирафт. Писар бонозу пуришва гардид, ки кору ихтиёр аз дасти Бехрӯз бирафт. Баъдаҳу писар дасти Бехрӯзро гирифта, дар дӯкони худ, дар пахлуи худ ба чандин хулку тавозуъ биншонд. Имрӯз бо якдигар гуфтушунид карданд, ки ҷаҳон чун зулфи нозанинон сиёҳ гашт, писари токидӯз ба хонаи худ омад. То рӯз ӯро орому карор набуд. Чун рӯз шуд, Бехрӯз ба худ гуфт: «Ин канизак духтари малики Кашмир буда, бояд ки ӯро аз моли ҷаҳон озод созам ва дар никоҳи худ дарорам, чаро ки аз оҳу нолаи ӯ ман бад-ин доғи ишқ гирифтор шудам». Бегоҳ шуд, филфавр ноиби козиро биёвард ва дар назди ӯ канизакро озод кард. Баъд аз он никоҳ сохт ва дар гулистони ӯ чун булбул даромад. Мисоли гули ишки андарпечон бо якдигар печиданд ва ҳар ду ба ишрату комронӣ мукайяд гардиданд ва дарду аламҳои маликаи Кашмир чун асали мусаффо соф гардид ва кудурати дилаш заррае дар табиат бокӣ намонд ва ҷаҳони сиёҳ дар чашмаш равшан гашт. Баъдаҳу Бехрӯз ба мардуми шаҳр чандин алвон таом карда, тӯю тамошо дод, ҷашни подшоҳона барпо кард. Ва маликаи Кашмирро аз тӯю тамошои Бехрӯз бисьёр хурсандӣ дар табиат ҳосил гардид ва ба малика чандин

---

[1] *Мукаддар* — ғамгин, андӯҳгин, ранҷур.
[2] *Ҷарас* — занг, зангӯла.

либосҳои мутааддиду[1] дебову[2] атласу либосҳои зарин ва баргаки тамом аз чавоҳиру дур устоди заргар сохта ва халхолҳои[3] зарину ангуштаринҳои зарину нигинаҳо аз санги қиматбаҳо мисли ёқуту зумурад карда ва зулфҳои тилло ба тамомӣ аз санги чавоҳиру лӯлӯи[4] калон дуруст ва мурассаъ[5] карда, ба маликаи Кашмир дод ва иззату икроми маликаро ба чой овард. Малика ин либосҳои деборо пӯшида, дар назари Бехрӯз чилвагарӣ кард ва хусни ӯ ба ҳазор чандон зиёда гашт ва аксар дар сухбати Бехрӯз чунон нағмасарой мекард, ки як ишқи Бехрӯз ба сад чандон зиёда гашт ва ишку муҳаббати писари тоқидӯз аз дили ӯ маҳв гашт ва Бехрӯз як нафас маликаи Кашмирро намедид, нами тоқат дар дили вай намемонд. Аксар маликаи Кашмир вакти Бехрӯзро ба нағма хуш мегардонид. Дар офоқ дар нағма духтари маликаи Кашмир ягона буд, фавқаш тасаввур намешуд. Ҳар кас нағмаи маликаи Кашмир мешунид, дар ҳайрат шуда, нақши девор мегашт. Баъдаҳу рӯзе ба бозор рафт, аз барои чавони баззози баҳдодӣ канизаки моҳрӯе харида, ҳамроҳи каси эътимодӣ фиристод ва ба ваъда вафо кард ва ошиони чавони баззози баҳдодиро ҳам ба чой овард ва рукъа ирсол карда[6], аз аҳволи якдигар воқиф буданд ва худи Бехрӯз ҳамроҳи духтари малики Кашмир ба айшу ишрат машғул буд ва се фарзанд аз ӯ ба вучуд омад ва ба мусоҳибати якдигар саргарми дунёё гаштанд. Чи тарз мегузашта бошад, намедонистанд. Гӯё ки дар муҳаббат Лайливу Мачнуни соӣ буданд ва канизаки бисьёру хидматгори бешумор доштанд ва моли бисьёр доштанд ва аз дунёё бениёз буданд...

Ровӣ чунин ривоят мекунад, ки дар ҳамон вакте, ки духтари малики Кашмир либоси мардона пӯшида, бе хабари падару модар, хоб дида, ба вилояти малики Канаввач ба дидани писари малик рафта буд, малики Кашмир дар атрофу вилоятҳо ба суроғи духтари худ кас монда, ба ҳар чониб фиристода буд, ҳеч суроғ наёфта, дар ғаму андӯҳ буд. Тифоко, як рӯз ҳавои падару модар ва ҳавои хешону акрабову ҳавои ватан ба дили маликаи Кашмир тофт, оҳи сард аз дили пурдард барка-

---

[1] *Мутааддид* — сершумор, гуногун.
[2] *Дебо* — шохии аълосифати нигорин.
[3] *Халхол* — дастпона.
[4] *Лӯлӯ* — дур, марворид, гавҳар.
[5] *Мурассаъ* — бо сангҳои киматбаҳо зинатдода.
[6] *Руқъа ирсол кардан* — нома фиристодан.

шид. Дар хамон вакт бо Бехрӯз хамрох таом хӯрда истода буд. Дар хеч вакт аз маликаи Кашмир ин феъл сар барнамезад. Бехрӯз ин охи маликаро шунида, мутахайир бимонд. Баъдаху Бехрӯз гуфт:

— Эй маликаи хубон, аз замона ба ту чи рӯй дода, ки ин охи сарди пурдард аз ту ба олам вукӯъ омад? Аз сарат гардам ва аз чонат гардам, ин рози дилатро ба ман ифшо соз, ки нами токат дар дили ман намонд.

Баъдаху маликаи Кашмир гуфт:

— Эй ёри чонӣ, ман муддати мадид аст, ки аз падару модар чудо шудаам ва акрабову хешонро надидаам. Иштиёк ба дил тофт, ин вокиа рӯйдод шуд.

Бехрӯз ин суханро аз маликаи Кашмир шунид, дархол гуфт:

— Эй ёри чонӣ, ғам махӯр, ки мухими коратро кифоят созам.

Мисраъ:

Хар чо равем аз паи даврон ба хам равем.

Баъдаху бархост ва асбоби сафар тайёр сохт ва маа се фарзанду хизматгорону канизон ба таҷаммулу шаъну шавкат ирода чониби Кашмир карданд. Муддате рох рафтанд, ба як навохии Кашмир дохил шуданд. Баъдаху маликаи Кашмир косид равона кард ва малики Кашмирро аз омадани худ огохонид. Баъдаху малики Кашмир ин навиди хуш аз косид шунид, косидро аз дунёё беннёз гардонид. Баъдаху малики Кашмир фармуд, ки шахрро ойин баидед. Ва шахрро ойин бастанд ва чандин кӯси подшохиву накорахову чалочинхову чандин сурнову чандин карно дар наво даромаданд. Гӯё ки аз ғулғулаи мардуму аз ин нағмахо сур дамидааст ва ҷиёмати алохидае барпо шуда. Ба хамин сулуку ба хамин равиш шохи Кашмир шодиёна фармуд. Баъдаху малики Кашмир ба тамоми бузургони шахр либосхои мулукона пӯшида, ба пешвози малика рафтанд. Бузургони шахр дар акиб истоданд ва маликаи Кашмир падарро дида, никоб бар рӯй кашида, сар дар кадами падар нихода, гирьяву нолаи бисьёр кард ва малики Кашмир маликаро навозишу мехрубонихои бисьёр карда, бар болои фил тахте барпо карда буд, ба хамон фил савор карда, чанд сипар зарро бар сари малика писор карданд. То ба шахр ба хамин тарика рафтанд ва канизону хидматгоронро ба гардуна[1] савор карда, Бехрӯзу се фарзандро ба хамон фил савор карда, ба иззату икроми тамом ба чониби шахр рафтанд ва ба шахр даромаданд.

[1] *Гардуна* — зроба.

Бехрӯз ин вокиаро дид ва Кашмири чаннатназирро дид, ёди вилояти худ аз дил махв гашт. Бехрӯз гуфт: «Дар асъади соот[1] ин маликаро дар никохи худ дароварда будаам ва коре кардаам, ки ин маликаро ба чавони баззоз надодаам».

Бехрӯз шукронаи худоро бар ҷо овард... Шох маликаро ба харамсарои хоси худ даровард ва тахте бар по кард ва Бехрӯз маа фарзандону маликаро дар болои тахт нишонд ва чихил шабу рӯз подшохи Кашмир чашн орост ва таомхои гуногун карда, шӯъбадабозону муғаннихоро чамъ карда, ба тамоми вилояти Кашмир тӯй дода, ба бузургони шахр либоси мулукона маа асп дода ва хазинаро шикаста, ба масокину фукарову бевазу бечора зари бисьёр дода, навозиш кард. Ва нисфи хукумати вилояти Кашмирро ба Бехрӯзу маликаву фарзандои дод. Ин сулукро, ки подшохи Кашмир кард, аз подшохони гузашта кам ба олам вукӯъ омада, лекин подшох ин маликаро бисьёр хуб медид. Ин микдор сулуку равишро малики Кашмир ба малика кард. Як рӯз подшоху маликаву модараш сӯхбати хос мекарданд. Малика саргузаштро аз аввал то ба охир билокусур баён кард. Подшоху модари малика шунида, ангушти хайрат дар дахон газиданд. Баъдаху малика сар дар кадами падару модар нихода, бе ризои шумоён кор кардам, ба ин вокиахо гирифтор шудам, гуфта, тавба аз сидки дил кард ва падару модар аз самими калб ризо ва бихил шуданд.

Баъдаху подшохро хушии табъ рӯй дод, чашн орост ва Бехрӯз маа фарзандону худи подшох маа модари маликаву худи малика ва муғаннизанони Кашмирро хозир карда, сӯхбати хос барпо карда, муғаниён дар нағмасарой даромаданд ва зано-ну канизони харам дар хамон ҷо чамъ шуданд ва чандин таоми алвони гуногун хозир карданд ва муғанниён дар нағмасарой ранг рехтанд. Дуд ба фалак мепечид. Баъдаху дар хини таом хӯрда истодан малика гуфт:

— Густохиву бевдаби мешавад, як чиз дар хотир дорам, арз намоям.

Падару модар гуфтанд:

— Ба чон миннат дорем, гӯед, шунида шавад.

Баъдаху малика гуфт:

— Ман хам аз нағма камтар вукуф дорам, ба назди шумоён камтар нағмасарой кунам, боз ризои шумоён чи шавад.

Падару модар гуфтанд:

— Бирраъс ва-л-айн, хушии вакт аст, бисьёр хуб аст.

---

[1] *Асъади соот* — нектарин соат аз соатхо.

Баъдаху малика таъзими падару модарро ба чой оварда, ба иштиёки тамом дар нағмасарой даромад, санг дар дили санг об шуд ва андалебон шунида, мисоли мурғи нимбисмил тапидан гирифтанд. Подшоху модари малика ва хар кас, ки ба хамон сўхбат буданд, зор-зор чун абри навбахор дар гирья даромаданд. Баъд аз фароғи сўхбат подшоху модари малика аз чои худ бархоста, бешнону беихтиёр мисли осиё аз атрофи малика гаштан гирифтанд. Баъдаху нишаста, санову дуои маликаро гуфтанд. Подшох дархол хафт сипар зар ба Бехрўз маа сару по ва ба малика либосхои харири зарин ва сару рўй ба дуру чавохиру лаълу ёкуту алмос мурассаъ карда ва ба фарзандони малика инчунин либосхои зарин маа аспу лачоми зарандуд, нигинахо ба дуру чавохир мурассаъ карда инъом кард ва аксар падару модари малика сўхбати хос карда, умр ба хушиву хуррамй мегузаронидаанд. Баъдаху падару модари малика мегуфтанд:

Байт:

Чи хуш бошад, ки баъд аз интизорй,
Ки ногохе расад ёре ба ёре.

Ба муроду максади худ расиданд. Окибат шарбати ачал аз ин дори бемадори нопойдор нўшида, молу амвол бо дигарон гузоштанд. Ва фоидаи ин хикоят он аст, ки бар хуси ғарра набояд буд ва дар подшохиву арчмандй такья набояд кард ва дар корхо таъчил набояд кард, то пушаймон нагардй. Тааммулу тахаммул кардан кори окилон аст ва бар мискинон рахм бояд хўрд, то дар дуньёву охират туро хуб ёд созанд.

Байт:

Ба давлат манозу ба мехнат манол,
Ки ин хар дуро зуд бошад завол.
Хамин аст расми сарои дурушт,
Гахе пушти зину гахе зин ба пушт.

Рубой:

Як рўз гирифтам зи гулистон як гул,
Мондам рафтам чаман ба дасти булбул.
Рўзи дигараш гузашта дидам гулро,
Не барги гул асту не садои булбул.

Ку сари шохони адолатривоч,
Ку сари Искандари нозукмизоч?
Ку гулу ку булбулу ку бўстон,
Ку маю ку мутрибу ку дўстон?

Эй ёрону дўстони ман, авкоти умрро зоеъ насозед ва умри дурўзаи бемадорро ба огохй гузаронед. Хазор рахмати хак бар мардуми нек бод!

ҲИКОЯТИ ВАЗИРОНИ ПОДШОҲИ ҒАЗНИН ВА ПИСАРУ ДУХТАРИ МАЛИКИ ДАРЬЁБОР

Дар ҳикоятхо овардаанд, ки дар вилояти Ғазнин собиқ бар ин подшохе буд боофарину шоҳаншоҳи бекарину хисрави рӯи замин. Ба аркони давлату аъёни ҳазрат дар бӯстонсарой нишаста буданд ва ҳарифони оқил хозиру надимони фозил нозир, аз ҳар боб сухану аз ҳар чиз ҳикоят мекарданд. Подшоҳ рӯй ба вазир карда, гуфт:

— Эй вазир, муддатест, ки маро савдое дар димоғ афтода, ки касе тавонад, ки ба чидду чаҳду чолокӣ ҳазон худой аз худ дур гардонад.

Вазири равшандил бихандид ва гуфт:

— Эй амири рӯзгор ва эй додгари комкор, ҳар киро ин савдо дар сар бувад, ӯ ҳамеша поймоли ғам бувад, ҳамчунон ки ман шуда будам.

Подшоҳи дарьёдил гуфт:

— Киссаи ту чун будааст?

Вазир гуфт:

— Малоле ба хотири ашрафи аъло роҳ наёбад, аз ин саргузашти пуршӯр ман бигӯям.

Подшоҳ гуфт:

— Ҳар чи дар хотир дорӣ, бигӯй.

Вазир гуфт:

— Эй малик, бидон, ки ман писари раиси вилояти Балх будам ва падарам неъмати бехисоб дошт. Чун ман аз модар ба вуҷуд омадам, маро ба доягон супурд ва Фаррухзод ном ниҳод ва доягон маро ба сад парвариш калон карданд, то ба ҳаштсолагӣ расидам ва ба мактаб фиристоданд. Дар муддати се сол чамеи илмҳо хосил кардам, ки дар билоди Ғазнин миқдори ман касе салоҳият надошт, то рӯзе падарам аз дунёё ба хонаи охират рехлат намуд ва ҳар чи аз чумлаи дунёё, ки дошт, бо ман гузошт. Чанд рӯзе ба мотами падар будам. Баъд аз он ба айшу ишрат мукайяд шудам.

Шабе аз шабҳо дар хоб дидам, ки аждаҳое сар баровард, чунончи ҳайбати ӯ дар сифат рост наёяд. Даҳон чун ҷаҳоне кушода, теғи дандонҳо ба хуни халқ об дода. Маро аз замин даррабудӣ ва порае дар ҳаво бурдӣ ва ман нигоҳ кардаме, дар зери пой оташи азим афрӯхта будӣ, маро дар он оташ андохтӣ ва он оташ дар ман афтодӣ, то маро бисӯзад. Ногоҳ боде бархост ва маро аз миёни оташ даррабудӣ ва бар сари кӯхе бурдӣ. Ман дар сари он кӯҳ ҳайрон бимондам. Дар ин вакт мори азиме дидам, ки аз сӯрохӣ берун омад, касди ман кард ва ман аз бими ӯ дар гурез даромадам ва мохро дидам, ки аз осмон фуруд омад ва маро дар канори худ гирифт ва шере аз кӯҳ фуруд омад ва маро аз канори моҳ гирифт ва фурӯ бурд. Чун ин хобро дидам, ларзида бедор шудам. Ранг аз рӯи ман бирафт ва бар худ гуфтам, ки осори ин хоби ман чӣ буда бошад? Чун рӯз шуд, муаббиронро[1] талаб намудам ва хоби худро ба онҳо баён кардам. Муаббирон гуфтанд, ки чанд рӯзе аз шаҳр ва аз миёнаи мардум дур бош, ки ин хоб далели парешонист. Ман аз ин тарика гуфтори муаббирон андешанок шуда, бо худ гуфтам, ки ман ин казоро аз худ дур гардонам ва чораи ин нукта бисозам. Дар беруни шаҳр боғе доштам, ки аз Фирдавс хуштар буд ва дар он боғ касри рафее сохта будам, бархостам ва дар он боғ рафтам ва ҳамрохи худ ҳеч кас набурдам ва дар он каср соате нишастам, малолам гирифт. Аз он ҷо фуруд омада, гирди

[1] *Муаббир* — таъбиргари хобҳо.

он боғро сайр карда мегаштам. Анвои мевахову гулхои рангоранг дар ин боғ пайдо буд ва дар миёнаи боғ мурғе дидам, бағоят бузург. Ба хотирам расид, ки он мурғро бигирам ва чанд рӯзе, ки дар ин боғ бошам, ба ӯ машғул шавам. Алғараз, ресмоне пайдо карда, як сари ресмон халқа карда, дар сари рохи он мурғ мондам ва сари дигари ресмонро дар миёни худ барбастам ва поран дона ниходам. Ман дом нишонидам, ки мурғ гирам, худ дар дом афтодам.

Алкисса, мурғ донаро ки дид, омада кадам дар доиран дом ниход. Ман ресмон баркашидам, халкаи дом дар пои мурғ андармон шуд, зӯр карда дар парвоз даромад. Харчанд таваччух карда, дар замин пои худ сахт кардам, рост наёмад ва маро даррабуд, ба чониби осмон бурд. Ман даст дар ресмон махкам кардам ва ба худ мегуфтам: «Эй нодон, ту кучову сайёдй кучо! Хостй, ки казо аз худ дур кунй, худ дар дом афтодй!»

Дар ин андеша аз боло ба поён назар кардам, дидам, ки замин мисли нуктае дар назарам зохир мешуд. Чашми худ пӯшида, забон ба зикри хактаоло боз кардам, чазирае дидам, ки бузург, сад хазор дарахти мевадор дар он чо буд, лекин дар миёни он дарахтон дарахте буд, ки сад газ ва аз хама боло. Мурғ омада дар болои хамон дарахт нишаст ва ман дар пои ӯ овехта будам. Чун хол чунин дидам, охиста пои худ дар дарахт ниходам ва ресмон аз миёни худ бикшодам ва дар зери он дарахтон фуруд омадам ва мевахо аз ин чазира бихӯрдам ва чашмахои оби хуш дидам, ки мислу монанд надошт. Дар он чазира мӯнису хамдаме надоштам. Чун шаб шуд, сад хазор чонвар аз дарьё берун омада, дар ин чазира мегаштанд. Маро вахм ғолиб омад, бар болои дарахте баромадам. Натавонистам хуфтан, чаро ки дар хоб чонваре ба дарахт баромада, ба ман зарар расонад гуфта, аз дарахт фуруд омадам. Рӯз шуд, аз миёни ин дарьё киштие баромад ва халки анбӯх дар он кишти буданд ва тахте дар он кишти ниходa буданд ва дар болои тахт писаре чун мох нишаста буд. Чамъе аз маллохон ӯро аз он кишти берун оварданд ва дар зери дарахте, ки ман будам, оварда нишониданд ва гуфтанд:

— Эй маликзодаи пурхунар, он чи падарат гуфта буд, туро ин чо овардем, бояд ки дил хуш дорй ва шаробу нукл дар ин сандукхо ниходаем, хар гох, ки хохй бихӯр, аммо дах рӯз ба танхои сабр кун, то он ки муначчимон бад гуфтаанд, аз толеи ту берун равад ва рӯзи ёздахум моён биёем ва боз туро ба хизмати падарат бубарем.

Писар гуфт:

— Фармон шуморост.

Он кавм ҳама баякбор бар кишти нишастанд ва рӯй ба Дарьёбор нихода бирафтанд. Ва он гулписари моҳрӯй дар ин ҷазира танҳо дар болои тахт нишаста буд. Ман аз болои дарахт ӯро наззора карда истода будам. Баъд аз муддате, писар аз ҷои худ бархост ва атрофи ин ҷазираро бигашт. Баякбор чашмаш бар ман афтод, битарсид ва ранг аз рӯи ӯ бирафт. Ман аз он дарахт ба зер фуруд омадам ва ба он бузургзода хизмат кардам ва гуфтам:

— Эй маликзода матарс ки ман ҳам мисли ту одамизодам.

Пас он писар, ки аз ман ин сухан бишнид, гуфт:

— Эй ҷавон, чи касӣ ва аз куҷой ва дар ин ҷазира чун афтодӣ?

Ман забон баркушодам ва ҳар чи бар ман гузашта буд, аз хоб то бедорӣ ҳамаро ба ӯ шарҳ додам. Он писари латифниҳод аз вокиаи ман мутааҷҷиб бимонд ва ӯро гуфтам:

— Эй бузургзода, ҳоли маро донистӣ, акнун аз аҳволи худ ба ман хабар деҳ, ки ин ҷамоат киён буданд, ки туро дар ин ҷо гузошта, худҳо рафтанд?

Писар гуфт:

— Эй бародар, бидон, ки дар миёни дарьё ҷазираест, ки ба панҷоҳ фарсах тӯлу арз дорад ва дар он ҷазира подшоҳе мебошад, ки бузург ва ман писари ӯ мебошам. Чун ба вуҷуд омадам, падарам неъмати бисьёр ба дарвешон дод. Баъд аз он мунаҷҷимонро бихонд ва толеи маро бидиданд ва мунаҷҷимон ранҷи таквим кашида, устурлоб дар баробари офтоб нихода, асрорҳо бидонистанд ва падари маро гуфтанд, ки ин фарзанди ту ба толеи каӣ дар вуҷуд омадааст. Лекин дар синни дувоздаҳсолагӣ ӯро кирони азим рӯй дихад. Агар аз он халос шавад, рӯи заминро бигирад». Падарам аз ин кор мутаҳайир бимонд.

Алғараз, дар ин муддат падарам маро парвариш мекард, то бад-ин сол расидам. Акнун вакти кирон аст, падарам бифармуд, ки маро дар ин ҷазира оварданд, чаро ки дар ин ҷазира одамизод нест, то ин кирон аз толеи ман берун ояд. Он ҷамоат, ки ҳамроҳи маллоҳон омада, маро дар ин ҷо монда рафтанд, онҳо умарои падарам буданд. Ҳакикати аҳволи ман ин аст, ки шарҳ додам. Агар туро дар ин ҷазира намедидам, мукаррар ҳалок мешудам.

Пас ман гуфтам:

— Эй шоҳзода, агар хотират мушавваш нашавад, то омадани падарат ба ҷиҳати ту ман дар хизмати ту бошам ва вакти туро хуш дорам.

Шохзода гуфт:

— Бисьёр нек аст.

Алкисса, муддати нӯҳ шабонарӯз ба ӯ хамроҳ будам. Рӯзи даҳум маро дар сахро фиристод, фармуд, ки «пораи себе биёр». Рафта аз миёнаи ҷазира пораи себе биёвардам. Шохзода сари худ дар канори ман ниҳод ва ман себро покиза карда, дар назди ӯ бимондам. Шохзода гуфт:

— Ҷалам-ҷалам карда, ба даҳони ман бияндоз.

Пас ман ба фармудаи шохзода себро бар сари корд гирифта, ба даҳони ӯ меандохтам, то баякбор дар айни себ хӯрдан атсаи бузург дод, нӯги корд дар ҳалки ӯ рафт, ки аз паси сараш баромад ва ҷон ба ҳак таслим намуд. Чун ин сурати ҳол бидидам, девонагӣ бар ман муставлӣ шуд, сарнагун бияфтодам. Чун мурғи нимбисмил метапидам. Акл аз ман бирафт. Чун ба ҳол омадам, гиребони худ пора кардам ва рӯй дар пои шохзода нихода, зор-зор менолидам ва бо худ мегуфтам, ки «зиҳӣ бахти бад, ки кучо омадӣ ва ин нозанинписар аз кучо омад ва ҳалок шуд!»

Алғараз, он рӯзу он шаб на хӯрду на хоб кардам ва рӯи мотам бар замин месудам. Дигар рӯз чун офтоби оламтоб баромада буд, ки даҳ киштӣ аз дарьё падид ва мардуми бисьёр дар он киштиҳо нишаста ба хушвактии тамом меомаданд, то ба канори дарьё расиданд ва бар рӯи замин баромаданд ва дар зери ҳамон дарахт, ки шохзода хобида буд, биёмаданд.

Алғараз, ровӣ гӯяд, ки ин малики Дарьёбор буд хамроҳи умаро ба дидани писари худ омада буд. Чун дар зери дарахт расиданд, ки ҷоман ман дарида ва шохзодаро диданд, ки дар хок афтода ва ҷон ба ҳак супурда. Малики Дарьёбору умаро, ки ин ҳол бидиданд, гиребонҳо чок карда, ғирев аз ин ҷамоа баромад. Ҳама хок бар сар мекарданд. Малик бонг бар ман зада, гуфт:

— Эй ҳаромзодаи баднажод, ин писарро чи ғараз буд, ки ӯро ҳалок кардӣ ва маро дар оташи ҳичрон сӯхтӣ?!

Ман забон баркушодам ва гуфтам:

— Эй шох, агар сад ҳазор тир омадӣ, ман дар синаи худ раво доштаме, кай равои он доштам, ки хоре дар кафи пои ин мазлум мерасида бошад. Ва ахволи худ ба шох бозгуфтам.

Малик бифармуд, ки маро дар банд карданд ва гуфт:

— Аввал таҳкики ин кор бикунам, ту фарзанди маро агар кушта бошӣ, сазо дар канори ту бидиҳам. Агар туро гунох на-

бошад, бегуноҳии ту маълум шавад, туро аз банд наҷот диҳам.

Пас шоҳ бифармуд, мурдаи писар дар кишти андохтанд ва маро бо худ ҳамроҳ бибурданд ва рӯй дар хок ниҳоданд. Малик ва он ҷамоа хун аз дида ҷорӣ карда мерафтанд ва ман дар оташи фироқи навниҳол месӯхтам. Чун ба канори дарьё расиданд, ки ҷазирае. Дар он ҷазира сад ҳазор кас, ҳама ба айшу тараб буд, дар интизори шоҳзода буданд. Чун ба ин маҳом расиданд, ин мардумро аз вафоти шоҳзода хабар шуд, шодии эшон ба ғам мубаддал гашт. Малик бифармуд, ки тобуте биёварданд ва он писари навниҳолро дар тобут андохтанд ва ба шаҳр мебурданд ва маро дасту гардан баста, ҳамрохи ӯ мебурданд. Ҳар кас, ки маро дидӣ, сангу чӯб ба ҷониби ман роҳӣ кардӣ. Бад-ин аломат ба сарои малик бурданд ва маро банд карда, писари худро, яъне шоҳзодаро ба хок супурданд. Даҳ рӯз малик бо мардуми ҷазира дар мотами фарзанди худ буд. Баъд аз он маро фармуд, ки аз зиндон биёред ва маро аз зиндон биёварда ва малик гуфт:

— Эй золим, раҳм нахӯрдӣ, ки ҷигаргӯшаи маро куштӣ ва маро бад-ин доғ гирифтор кардӣ?!

Ман аз дида об ҷорӣ кардам ва гуфтам:

— Эй шоҳ, қасам ба худои ҳаждаҳ ҳазори олам, ки маро гуноҳе нест ва дар куштани фарзанди ту саъй накардаам.

Малик бо бузургону ба аркони давлату ба умарои худ гуфт:

— Ба ин мард чи бояд кард?

Эшонон гуфтанд:

— Эй шаҳриёр, иҷозат деҳ, то ӯро пора-пора кунем.

Дар ҷавоби онҳо малик гуфт:

— Ба тарозугоҳи адл барем, то гунаҳкориву бегуноҳии ӯ дар он ҷо маълум гардад.

Ва мардумон гуфтанд:

— Фармон турост.

Малик дарҳол савор шуд ва маро ба адлгоҳ бурданд. То ба канори дарьё расидем, дар канори дарьё санге дидам, ки афзун аз панҷоҳ газ боло рафта ва миле аз фӯлод дар болои он санг устувор кардаанд ва дар сари он мил занҷире овехта буданд ва мисли паллаи тарозу дар ӯ маҳкам карда буданд ва касро дар он палла мениҳанд ва оби дарьё ҷӯш задӣ ва дар ҳаракат дароманд ва ба он палла расидӣ ва моҳиён аз дарьё пайдо шуда, ӯро бихӯрандӣ. Агар он кас бегунох будӣ, ба ӯ осеб нарасидӣ.

Ба ҳикмат ҳамин тариқа тарозу дуруст карда монда буданд, ҳаку ноҳакро ҷудо мекард. Аҷаб тилисмоте буд ва ҳар кас, ки медид, ақлаш ҳайрон мемонд.

Алгараз, малик бифармуд, ки паллаи тарозуро пеш оварданд. Аввал ишорат кард, ки филеро оварда, ба сад меҳнат дар тарозу ниҳоданд ва раҳо карданд. Чун паллаи тарозу ба ҷой карор гирифта буд, ки оби дарьё дар ҳаракат даромад ва чӯш мезад. Кам-кам об боло мерафт. Ман назора карда истода будам. Дар як лаҳза ҳамин тавр филро оби дарьё ночиз кард. Малик рӯ ба ҷониби ман карда гуфт.

— Акнун рост бигӯ, ки ҳоли ту чунин хоҳад шуд.

Ман гуфтам:

— Эй шоҳ худои таборак ва таоло ҳокими адолат аст, шояд ки маро оқибат ин тарика ҳисмат карда бошад. Ростӣ ризои ҳак аст. Худои таборак ва таоло ҳар чи хоҳад, ҳамон мешавад.

Алқисса, малик ишорат кард, палла пеш оварданд ва маро дар он палла нишонданд ва раҳо карданд. Малику умарои ӯ ва ҷумлаи мардумон назора карда истода буданд. Ман умед аз ҷон бурида ва дил ба марг нихода, бо дидаи намноку синаи ғамнок нишаста будам, ки об дар чӯш даромад, лекин кариби хуфтан шуда буд. Ногоҳ дидам, ки оби дарьё ба ман наздик расид ва ман калимаи шаҳодат мехондам ва назора мекардам, ки ҳамин замон лукмаи моҳиён хоҳам шуд. Дар ин вакт шахсе сар аз об баровард, ки ман ҳаргиз чунин сурате дар одамизод надида будам ва он мард сари бузургу рӯи фароху бинии дароз дошт ва бист газ аз об берун шуд, ханӯз миёнаш дар об буд. Даст дароз кард, ба кудрати оллоҳи таоло аз даруни паллаи тарозу маро бигрифт ва ман аз хайбати ӯ аз акл бирафтам ва бехуш шудам. Чун ба хуш бозомадам, худро дар миёни кишти дидам ва аз он шахс асаре надидам. Мутааҷҷиб бимондам ва худойро ба номҳои бузург ёд кардам ва дар он кишти нигоҳ кардам, дидам тахте нихода ва бар он тахт аз дебои румиву махмали кирмизӣ кӯрпаҳо пӯшида ва шахсе дар болои он тахт хуфта ва ходиме чанд дар атрофи ӯ хоб карда буданд. Чун мутафаккир будам, баякбор дасти худ дароз кардам ва ҷодар аз рӯи он хуфта боз кардам, духтаре дидам, ки дар умри худ чунин нозанине ба ин ҷамолу камол надида будам. Дар назари аввал дилам аз даст бирафт ва вола бимондам. Ба худ гуфтам, ки «ин духтар одамӣ бошад ё парӣ?» Дар рӯи ин моҳрӯй назора мекардам. Бо ин ҳама дарду алам худро натавонистам нигоҳ дошт. Оқибат бӯсае аз лаби шакарбораш бидодам. Он моҳрух аз хоб бедор шуд ва бар ҷои худ нишаст ва маро дид, дар рӯи худ остин баркашид.

Ман аз ҷои худ бархостам ва назди ӯ дар хизмат биистодам

ва забон ба дуои он хуршедталъат баркушодам. Он хурсиришт маро гуфт:

— Эй чавон, чи касй ва ин чо чй гуна афтодй?

Ман гуфтам:

— Мардеям ғариб ва сохибвокиа.

Духтар гуфт:

— Саргузашти худ бозгўй, то мешунида бошам.

Аз он чи мансубае, ки аз аввал то ба охир ба ман рўй дода буд, билокусур ба хидмати он мохи дилхоҳ баён кардам. Духтар мутахайир бимонд ва гуфт:

— Ин қиссаи ту аз чумлаи ғарибхост. Аммо ту акнун гўш ба ман дор, то меҳнати худ бо ту шарҳ диҳам.

Ман гуфтам:

— Иноят намой.

Духтар гуфт:

— Бидону огоҳ бош, ки дар ин дарьё чазираест хуррамтар аз равзаи ризвон ва дар ин чазира шахрест бағоят обод ва подшохи он шахр падари ман аст ва сипохи ў аз мўру малах зиёда аст ва падари ман муддати мадид дар орзуи фарзанд буд. Пас аз интизори бисьёр ман дар вучуд омадам. Падари маро хабар карданд, ки «ба шумо худои таоло фарзанди очизае ато кард».

Падарам гуфт:

— Орзуи мо бо ризои худо хамрохй натавонад кард, чаро ки тамаи мо писар буд. Дархол маро ба доягон супурданд, то ба ин хад расидам.

Алғараз, рўзе аз рўзхо падарам ба сахро ба шикор машгул гашт, ногоҳ ба амри оллоҳ дар миёни шикоргох гавазне дид. Падарам дар дунболи гавазн асп меронд, то гавазн аз чашм нопадид гашт. Падарамро хирс намегузошт, ки бозгардад ва то шаб аз кафои ў бирафт, то ба канори чашмае расид. Дар он чо аз таковар фуруд омад ва биншаст. Чун посе аз шаб бигзашт, аз баробари ў оташи нуроние падид омад. Падарам бархост, дид, ки оташ шўъла мезад. Ба худ гуфт: «Рафта аз ин оташ хабаре гирам». Чун порае рох бирафт дар миёни ин беша иморате дид бузург ва оташ дар он иморат месўхтааст ва Сиёх ном зангии ифритдидори девшакл дар сари оташ дид, ки нишаста, чоми шароб дар назди худ нихода, ду говро дар оташ кабоб карда мехўрад ва дар баробари он ифрити баднамо як аврати чун мохи шаби чахордах нишаста, хар ду дасти ин аврат баста ва кўдаки дусола дар канори ин зан буда ва зор-зор чун абри навбахор мегирист. Падарам ин вокиаро дида, дар тааччуб бимонд. Чун

он Сиёхи зангӣ аз хӯрдани шароб фориғ шуд, наздики ӯ омада, гуфт:

— Эй санам, даст аз саркашӣ бидор ва ба ман бо сари вафо бош! Агар сари вафо надошта бошӣ, ба азобу укубат бо ту муомилат кунам, ки ҳамаи мардуми олам ибрат гиранд!

Дар чавоби вай ин аврат гуфт, ки:

— Чанд рӯз шуд, ки ту маро ин ҷо овардаӣ?

Сиёхи зангӣ гуфт:

— Дах рӯз шуда бошад.

Зан гуфт:

— Агар дах соли дигар дар дасти ту ба азобу ба ситам гирифтор бошам ки туро аз ман мурод ҳосил набошад!

Сиёхи зангӣ аз гуфтори ин мохрӯй барошуфт ва хашмнок шуда шамшер баркашид. Падарам бар камин истода, аввал то ба охир ин суханҳоро фахмид. Падарам бо худ гуфт: «Эй дареғ, ки чунин мазлуме дар дасти золими Сиёхи зангӣ кушта шавад». Ин бигуфт ва хашмнок гашта, як чӯба тир дар хонаи камон ниҳод ва бар синаи он Сиёхи зангии баднажоду бадшакл зад, ки аз пушташ парон гузашт. Сиёхи зангӣ бар замин афтод, ҷон ба молики дӯзах супурд ва он занро чашм ба падарам афтод, забон ба дуо кушода, офарин кард. Падарам пурсид, ки:

— Эй аврат, чи касӣ ва аз кучой ва дар дасти золим чӣ гуна афтодӣ?

Дарҳол ин зан омада дар қадами падарам бияфтод ва гуфт:

— Эй бузургвори рӯзгор, бидон, ки дар ин наздикӣ чамоае саҳронишин мебошанд ва сарҳайли он фирка шавҳари ман буд ва ин зангӣ сорбони мо буд ва савдои ман дар дили ӯ будааст ва доим дар камини ман буда ва ман ғофил аз ӯ будам, то шабе маро ба ин писар танҳо ёфт, маро бидуздид ва ин ҷо биёвард. Акнун маро касди куштан дошт, худо ба мехрубонии худаш туро ба ман расонид ва вакти ман нарасида будааст ва дасти золим аз мани мазлум кӯтоҳ кардӣ.

Падарам он воқиа ки шунид, дилаш бар вай бисӯхт ва он занро маа писараш дар маркаби худ савор кард ва инони ӯ дар бозу карда, рӯи худ ба шаҳр ниҳод. Субҳдам ба дорулмулуки худ расид, ин занро ба сарои худ даровард ва ман аз ин воқиа мутталеъ шудам. Падарам ба ман сурати ҳол бигуфт ва ӯро ҳамроҳи фарзанди ӯ тимор мекард[1] ва мунодӣ мекунонд, то касе ба таяаби эшон биёяд. Муддате бигзашт, ҳеҷ кас эшонро суроғ накард ва талабгор пайдо намешуд. Писари он занфа бу-

---

[1] *Тимор кардан* — парвардан, ғамхорагӣ кардан.

г шуд. Падарам ўро ба чои худ валиахди хеш кард, подшохй
тасарруфи ў ниход, худ дар кунчи хонакохе ба тоат мукай-
шуд. Муддати шаш сол ў дар тахти салтанат нишаст ва мар-
ўро аз рох бароварда, ба ў маъкул карданд, ки агар мехо-
ки подшохй туро мусаллам шавад, малики Дарьёборро би-
и.

Он харомзода ба гуфтори он кавм падари маро бикушт ва
ди ман кард. Ман бо ин доя ва канизон ба хонаи вазири па-
ам гурехта бирафтам ва он вазири равшанзамир аз холи
н воқиф шуд. Маро бо хамрохи канизон дар хамон ниман
б дар кишти нишонд ва дар ин дарьё рахо кард ва гуфт:

— Ту аз назди ин харомзода бирав, баъд аз он ман фикри
ри ин нопок созам. Хар гох ки дафъи ин бало кардам, туро
хам талаб кард. Имрўз дах шабонарўз аст, ки дар ин дарьёи
поён саргардон мегардам, то ин замон, ки туро дидам. Шар-
воқиаи ман ин аст, ки бо ту гуфтам.

Ман аз гуфтори ў мутахайир бимондам ва гуфтам:

— Эй маликаи хубон, агар ризои ту бошад, бандавор дар
змати ту бошам ва камари бандагй бар миёни худ бандам.

Ва духтари некахтар забон ба алфоз чун тўтии фасехзабон
шода, гуфт:

— Эй чавон, агар бо якдигар хохару бародар бошем, чй гу-
бошад?

— Ман гуфтам:

— Агар маро ба бандагй кабул созй, то зинда бошам, дар
лозимати ту мебуда бошам.

Духтар ризо шуд, лекин дояву канизакон дар хоб буданд.
ъд аз соате аз хоб бедор шуданд ва маро бидиданд, дар та-
чуб бимонданд. Доя аз духтар пурсид, ки:

— Эй фарзанди ба чои пайванд, ин чавон кист ва аз кучо
р ин чо омадаст?

Он мохи дилхох аз он чи аз ман шунида буд, ба эшонон ба
фсил баён намуд ва дояву канизон хама хушвакт шуданд.
з ман таъзими маликаро ба чой овардам ва гуфтам:

— Эй бону, ту духтари чавон, ман низ чавон. Хавои нафси
р дуи моён хам ғолиб аст. Агар навъе шавад, ки байни ма-
у ту махрамият мешуда бошад, бисьёр хуб мешавад.

Духтар гуфт:

— Фармон турост.

Пас дар миёни ману духтар ичоб кабул шуд.

Алкисса, дах рўзи дигар хамрохи эшонон дар кишти дар
иёни он дарьё бирафтем. Рўзи ёздахум ба канори дарьё расе-

дем, шаҳри азим намудор шуд ва мардуми он шаҳр ҳама зангӣ буданд ва ин шаҳри зангиёни одамихор буд. Дар ин вақт қариб ҳазор нафар аз зангиён ҳама силоҳҳо пӯшида, дар киштиҳо нишаста, рӯи худ ба мо оварданд. Ман низ силоҳи худ дарпӯшидам ва ба эшонон оҳанги ҷанг кардам. Он духтар бифармуд, то дояву ҷумлаи канизон либосҳои мардона пӯшиданд ва аз дарунии киштӣ ба зангиён ҷанги бисьёре кардем ва ҷанде аз мардуми зангиро ба тир захмдор кардем ва ҷанде дигарро бикуштем, аммо ҳар соат ба онҳо мадад мерасид. Он қадар киштӣ омад, ки тамоми атрофи моёнро бигирифтанд. Ҳарчанд нигоҳ мекардам, канори ин сипоҳу киштии зангиён намедидам ва сипоҳи зангиён аз ҳад афзун зиёда гашт, ба музоҳим[1] кардан оҷиз омадем. Окибатуламр умед аз ҷони ширин баркандем ва ман духтарро гуфтам, ки:

— Эй маликаи хубон, кори мо ба охир расид. Акнун ту аз мани ғариби мустаманд розӣ бош.

Он мохи дилхоҳ зор-зор чун абри навбаҳор дар гирья даромад ва ангуштарине дар дасти худ дошт, аз дасти худ берун кард ва гуфт:

— Ин ангуштаринро дар дасти худ андоз. Агар ту зинда монӣ, ин ангуштарин аз ман ба ту ёдгорӣ бимонад, ҳар гоҳ ки ин ангуштаринро бинӣ, маро ёд кунӣ.

Маро аз ин гуфтори ӯ оташ дар ниҳод бияфтод ва ашк аз дидагони ман ҷорӣ шуд.

Алғараз, ангуштарин аз ӯ бигрифтам ва дар дасти худ андохтам ва ҷанг мекардам, то он рӯз бигзашт ва шаб шуд. Он шаб то субҳдам бикӯшидам. Кор бар мо сахт шуд. Ногоҳ ба амри оллоҳ абре падид омад, баркеву тӯфоне пайдо гардид. То рафт шиддати хаво зиёдтар шуд. Чунон барқ ҷастан гирифт, ки ҳама киштиҳо дар як соат оташ гирифта, бисӯхт. Ба ҷуз ману он духтар, ки дар рӯи тахтае зинда бимондем, тамоми киштиёни зангиён ҳама мунҳазим[2] гаштанд. Аз шарофати баракоти ин ангуштарин, ки дар ӯ исми аъзам канда буданд, аз хосияти ин исм мо ҳар ду зинда бимондем.

Алкисса, ба сад ҳазор меҳнат, баъд аз се шабонарӯз ба канори дарьё расида, берун омадем ва тане чанд аз зангиён биёмаданд ва ҳар дуи моёнро бигрифтанд ва ба наздики малики худ бурданд. Назар кардам, дидам, ки як баднажод зангии сиёҳрӯе гиребон чок карда бинстодаст. Чун моро бидид, бонг бар мо зада, гуфт:

---

[1] *Музоҳим* (кардан) — боздоштан, нигоҳдорӣ кардан.
[2] *Мунҳазим* — гурезон, пароканда.

— Эй нобакорон, шумоён чӣ гуна мардумед, ки аз шумо шумоён писарам ба чандин хазор мард ба оташи соика[1] бисӯхтанд.

Ва ман ба ӯ хизмат карда бигуфтам, ки:

— Эй шахриёр, мо мардуми бозаргонем ва хар ду бародарем ва мардуми ту бо мо касди ҷанг карданд. Мо ҳиз омадем. Дар ин вакт соикае пайдо шуд ва мардуми ту ва ҷамоае, ки дар киштии мо буданд, ҳама бисӯхтанд ва мо ду бародарро ачал нарасида будааст, ки инак омада, ба ҷамоли ҷаҳонорои ту мушарраф шудем.

Ман дар ин гуфтугӯ будам, ки парда бардошта гардид, кариб панҷоҳ нафар канизак берун омаданд, хама ҷомаҳо порапора ва рӯи худ харошида. Лекин зане дар миёни эшон буд, ки аз иблис бадтар ва кадам пеш нихода гуфт:

— Ин ду тан боис шудаанд, ки писари ман ҳалок шудааст.

Хама ба сӯи мо ишорат карданд ва ин зиштрӯ гуфт:

— Хар дуро бар ман бидихед, то ман ба азобе инхоро кушам, ки мурғони хавову мохиёни дарьё ба холи эшонон бигирьянд.

Малик хар дуи моёнро ба ӯ супурд ва ин зишталъат рӯи худ ба ҷониби канизон карда, гуфт:

— Инҳоро барбандед!

Дархол канизон ба фармудаи ӯ амал намуда, дасту гардани моёнро баста бурданд ва дар хонае андохтанд ва дари он хонаро аз болои моён куфл карда, рафтанд. Чун соате бигзашт он пиразоли зиштрӯи баднажод аз дар даромад ва дар назди моён биншаст ва бонги бохайбат бар мо зад, ки:

— Холи худ чӣ гуна мебинед?

Ман гуфтам:

— Эй маликаи хубон, аз ин бадтар дар рӯзгор набошад.

Гуфт:

— Маро аз ин ду ҷавон, ки хастед, кадоми шумо дӯсттар доред, то ман шуморо ҳалок насозам ва неъмат дихам ва озод кунам?

Ман аз ҷои худ бархоста, ба сад забон дар таърифи ӯ даромада, гуфтам, ки:

— Мисли шумо ёри нозанин, ки мо ду танро ба хизмати худ лоиқ бинед, зихӣ шарафу саодати мо!

Чун он иблисталъат, ки ин калом аз ман шунид, ба хушвактии тамом аз назди моён бирафт ва посе аз шаб гузашта буд,

---

[1] *Соика* — озарахш, оташак, барк.

ки боз овози кушодани дар биёмад. Чун дар кушода шуд, он зан сари шавҳари худ дар дасти худ гирифта, аз дар даромад ва дар пеши моён бигзошт ва гуфт:

— Аз барои хотири шумоён сари малики ҷазираро буридам. Акнун аз кас матарсед ва ба фароғи хотир даст дар гардани ман дароред ва ҳоҷати ман раво кунед.

Ман гуфтам:

— Эй малика, туро имшаб сабр бояд кард, чаро ки фардо аз куштани малик огоҳ шаванд, агар фитнае нашавад, мо бо ту хуш дароем ва айшу ишрат созем. Агар ин замон ин кор бикунем, фардо дар ғавғои малик моён бо худои худ муноҷот натавонем кард ва шармсор мешавем.

Зани зангии сиёҳи баднажод гуфт:

— Фармон шуморост.

Аммо дар ҳикоят чунин овардаанд, ки сарои малика дар ҷазира ва дар канори дарьё буд ва иморати ӯ аз санг буд ва дарвозаи ӯ аз фӯлод буд ва аз шаҳр дур буд.

Мо ду тан бо ӯ ҳамроҳ дар он ҷо нишаста будем. Мардум аз куштани малик хабардор шуданд. Ғирев баромад. Хама донистанд, ки маликро ин малъуна куштааст. Дар ин вакт кариб хазор кас аз сипоҳи ӯ дар ғарки оҳану фӯлод шуда биёмаданд ва касди эн сарой бикарданд. Моён силоҳ дарпӯшидем ва дари сарой барбастем ва бар болои сарой баромадем ва дар рӯи эшонон ба шаббаи тиру милтиқ бимондем ва бияндохтем ва нагузоштем, ки яке ба гирди ин сарой ғардад. Чун шаб бар сари даст даромад, мардуми шаҳр ва сипоху ғайраҳу ба оромгоҳи худ рафтанд. Ман ба ин зани зангӣ гуфтам:

— Моён ба даруни ин сарой чи кор хохем кард? То меравад, кор бар моён душвор мешавад.

Ин малъуна гуфт:

— Ғам маҳӯред, ки ин саройро ба ҷониби дарьё дарест, ки хама вакт киштӣ дар он дар бастааст. Аз он чи неъмате ки дар хона аст, ба даруни ин киштӣ бияндозем ва биравем.

Ман гуфтам:

— Чунин бояд кард.

Алкисса, муқаррар бад-ин кардем ва бархостем, дари хазинаи малика бикшодем, зару моли бисьёр ва аз ҷумлаи хӯрок низ ба даруни киштӣ ҷой кардем ва хар се тан дар киштӣ даромадем ва бодбон бар ӯ кашидем. Дар ин вакт боде бархост ва киштии мо чун тир мерафт. Чун субҳ дамида буд, ки аз он ҷазира асаре зоҳир нашуд. Шукри худоро ба ҷой овардем. Ин малъуна гуфт:

— Акнун саодат ёру иқбол рӯй намуд, аз ин бало халосӣ ёфтем. Ҳоло вақти он аст, ки коми дил ва муроду максуди ман аз шумоён ҳосил шавад.

Ман гуфтам:

— Эй малика, рост мегӯй ва бисьёр машаққат аз барои мо кашидӣ. Вақт аст, ки ба хизмати ту мукайяд шавем.

Ва ман ба духтар иттифоқ карда, ӯро ба пушт хобонидем, аз сари ӯ духтар бигрифт ва аз ҳар ду пояш ман маҳкам бигирифтам ва ба даруни дарьё раҳо кардем. Ду-се ғӯта хӯрда, чон ба молики дӯзах супурд. Пас моён ба муроди дил киштӣ бирондем. Даҳ рӯз роҳ рафтем, рӯзи ёздаҳум аз баробари мо сохиле пайдо шуд. Қиштиро дар лаби дарьё кашидем ва бар дарахте бубастем ва худҳо баромадем ва марғзоре дидем, ки аз биҳишт хуштар ва андалебону чонварони дигар ба ҳазор нағма хонда истодаанд ва гулҳои рангоранг шукуфта истодааст ва чашмаҳои об дар болои сабзаву себарга чорӣ шуда истодааст ва меваҳои алвон пухта истодааст. Порае сайр кардем ва дар сари чашма дар сояи дарахте ҳар ду нишастем ва чизе, ки аз хӯрданӣ доштем, бихӯрдем ва соате дар хоб шудем. Баъд аз замоне ман аз хоб бедор шудам, дидам, ки то кариби сесад савор гирди моро гирифта, истодаанд. Лекин дар миёнаи ин сипоҳ, як чавони моҳрӯи парипайкаре бар мо ду чашм дӯхта буд. Ман духтарро аз хоб бедор кардам. Духтар чун бедор шуд, назараш ба ин писар, ки афтод, ранг аз рӯи ӯ бирафт ва ларза бар андоми ӯ афтод. Ман аз тағйири ӯ ҳайрон бимондам ва аз ӯ пурсидам, ки:

— Туро чаро ин ҳама воҳима ғолиб омад?

Духтар гуфт:

— Ин писарро, ки дидӣ, медонӣ, ки ӯ кист ва мо боз ба кучо афтодаем?

Ман гуфтам:

— На.

— Духтар гуфт:

— Ин шаҳри падари ман аст ва ин писар, ки дар назари ту истодааст, ӯ падари маро кушта буд ва касди ман карда буд, ки ман аз дасти ӯ гурехта будам.

Ман ба духтар гуфтам:

— Хотир чамъ дор, ки акнун туро бад-ин либос намешиносад.

Дар ин гуфтугӯ будем, ки он писар моро пурсид, ки:

— Шумоён чи касед ва аз кадом диёр омадаед?

Ман бархостам ва хизмат кардам ва дуои лоику санои мувофиқ кардам. Баъд аз он арз кардам, ки:

— Эй шоҳ, мо ду бародаронем ва падари моро дар киштӣ соика пеш омад ва бо оташи барқ бисӯхт. Мо ҳар ду бародар ба ҳасби тақдир дар ин ҷо афтодаем.

Он ҷавон чун сухани фасоҳату иборати мо шунид, гуфт:

— Шумоён лоики бозаргонӣ нестед ва шоистаи хизмати ман бошед.

Ва ман таъзими ӯ ба ҷой овардам ва гуфтам:

— Агар муносибати мулозимат буда бошем, бандагонатро банда бошем.

Пас ишорат кард, бар моён ду таковар марҳамат намуданд. Ман гуфтам:

— Эй шаҳриёр, киштии мо дар лаби дарьёст.

Малик чанде мӯътамадиёни худро фармуд, ки:

— Рафта, аз он чи молу неъмат, ки дар киштӣ бошад, ба чаҳорпоён бор карда, ба шаҳр баред.

Ин хизматгорони ӯ низ рафта, чунончи амр карда буд, ба тақдим расониданд ва моёнро дар сарои худ ҳуҷрае бидод, ки ҳама рӯз ману духтар дар хизмати ӯ будем ва шаб ба ҳуҷраи худ рафта, даст дар гардани якдигар мекардем ва мехуфтем. Аз ин воқиа чанд рӯзе бигзашт. Шабе ин подшоҳписар хоби ошуфта дида, нимаи шаб аз хоб бедор шуда, аз хавли хоби худ гирди ин сарой гардида, ногоҳ ба дари ҳуҷраи моён расида ва дари ҳуҷраи мо боз буда, чун нигоҳ кардааст, ки ману он санам даст дар гардани якдигар андохта, чун ширу шакар ба ҳам омехтаем, маълуми ӯ шудааст, ки ман марду дигари мо зан, дари ҳуҷраи моро қуфл карда, рафтааст. Чун рӯз шуда, вазири равшанзамирро талаб намудааст ва гуфтааст, ки:

— Ин ду ҷавони ғариб, ки ман ба хизмати худ овардаам, ба ман гуфтанд, ки мо ду бародаронем. Имшаб ман хоби шӯридае дидаам ва аз сиёсати он хоб нахуфтам ва гирди сарой мегардидам. Ногоҳ ба дари ҳуҷраи эшон расидам, эшонро хуфта дидам. Чун нек назар кардам, якеи ӯ мард буда ва дигари ӯ зан будааст. Акнун мехоҳам, ки ту ба назди он бадкешон рафта, аз ҳоли эшон хабаре гирӣ.

Ва моёнро аз ин воқиа асло хабаре набуд. Қариби субҳдам, ки аз хоб бедор шудам, наздики дар расидам ва дидам, ки дарро аз берун маҳкам кардаанд. Дар ин андеша будам, ки овози дар омада, дари ҳуҷра боз шуд. Вазир ба андарун даромада, биншаст ва моёнро ҳам биншонд ва гуфт:

— Эй фарзандон, шумо, ки касди хоб кардед, чаро дарро боз

мондед, ки ин пагоҳ малик омада, шумоёнро хуфта дидааст ва яқин донистааст, ки ту мард ва он зан буда ва маро талаб карда гуфт рафта нек таҳқиқ намой, зеро ки ин малики мо бисьёр золим аст, то ба ҳадде, ки моро подшохе буд, ки дар олам ба некӣ хамчун ӯ одамӣ набуд ва ин писарро оварда, дар тахти худ нишонд ва ин бадфеъл ҳаромзодагиро ба чой овард, подшохи моро бикушт ва мо дар дасти ин золим гирифтор мондем ва малики моро духтаре буд ва аз дасти ин ҳаромзода чун мохи дар мег[1] монда аз чахон овора шуд ва ман дар талаби ӯ хастам ба чиҳати он ки бо бузургони ин шахр ахд кардаем, ки агар духтари малики мо бозояд, ин бадфеълро нест гардонем ва он духтарро ба чои падар ба подшохӣ нишонем, чаро ки ин зулми ӯ дар хаки подшоху фукаро кардааст, дилхои инҳо сард аст ва ба нобуд шудани ин хурсанданд.

Духтар ин ҳарф аз вазир шунид, бархост ва ба назди вазир омад ва гуфт:

— Эй ягонаи замон, он духтар, ки падараш подшохи шумо буд, манам ва ту маро аз дасти ӯ ба дарьё дар киштӣ андохта, рахо кардӣ.

Пас духтар дар бахри сухан даромада, аз сари ӯ он чи гузашта буд, аз аввал то ба охир билкусур ба вазир баён кард. Вазир аз чои худ бархост ва сар дар пои малика ниҳода, гуфт:

— Эй маликаи нодируласру даврон, дар хамаи олам туро мечустам, акнун худои таборак ва таоло туро ба ман расонид, лекин ин бадфеъл дар банди озори шумоён аст. Аммо шумоён дил фориғ доред, ки нахуст биравам ва ӯро аз кахр фурӯ нишонам ва низ имшаб мачмӯи бузургони ин шахрро аз холи шумоён огоҳ кунам ва аз ӯ баргардем ва мукофоти падаратро аз вай ситонем ва туро ба давлату иқбол дар тахт биншонем.

Ин бигуфт ва бархост ва ба назди подшох рафт ва гуфт:

— Эй шахриёри комгор, хотири отири худ чамъ дор, ки ахволи эшонон боздонистам, ки яке ӯ мард буда ва яке дигаре зан будааст. Ман ба марди ӯ гуфтам, ки: «Чаро бо малик дурӯғ гуфтӣ?» Мард гуфт: «Ин канизаки ман аст ва ӯро бисьёр дӯст медорам ва ба чои мардаш нигоҳ медорам, то ки касе аз ӯ тамаъ насозад».

Аз ин гуфтори вазир маликро дил фориғ шуд ва фароғати тамом хосил гардид ва ба хӯрдани шароб мукайяд гардид. Баъдаху вазир аз назди ӯ берун рафт ва бар таковари худ савор

---

[1] *Мег* — абр.

гардид, чамеи бузургону умароро, ки давлатхохи падари малика буданд, мулозимат сохта, омадани маликаро бар хама маълум кард. Чумла шодмон шуданд ва гуфтанд:

— Маликаи мо кучост?

Вазир омада дар нимаи шаб духтарро дар таковаре савор кард ва маро низ бар аспи дигар савор сохт ва ба назди бузургону умарои давлат биёмадем. Ин мардум, ки духтари подшохи худ бидиданд, хама сар бар замин нихода, забон ба офарин кушоданд. Духтар гуфт:

— Эй дўстони чонй, падарам бар шумоён хаки бисьёр дорад, вафои он хукук ба чой оред.

Аз хама ғирев баромада, таъзими маликаро ба чой оварда, гуфтанд, ки:

— Ба чон миннат дорем!

Филхол силоҳ дарпўшиданд ва оханги сарои он ҳаромзода карданд. Чун бар дари сарои ў расиданд, мардуми сипоҳ баякборагй хама фиғон баровардандд. Малик дар хоб буд, саросема аз чоман хоб бархоста, ба берун рафт, ки аз ин ғавғо хабаре гирад, филхол ўро дастгирй карда, ба назди духтар оварданд.

Духтар бифармуд, ки:

— Эй чаллод!

Филхол чаллодони азракчашми бохайбат хозир гашта, сар аз танаи ў чудо карданд. Баъд аз он духтар ба сарои падари худ рафт ва дари хазинаро бикшод ва зару зевари бисьёр ба вазиру ба сипоху бузургону умарову ғайраху бидод, ки хама аз духтар хушвакт шуданд ва дар вакти неку ба соати нек ўро дар тахти подшохй биншонданд. Муддате дар тахти салтанат нишаста, ба доду адл мукайяд буд. Рўзе аз рўзхо духтар чашн ороста, чамеи бузургони шахрро талаб намуд, баъд аз фароғи сўхбат аз кафои парда гуфт:

— Эй бузургон, ин бадбахт аз он чи бар падарам ва бар ман карда буд, чазои худро ёфт. Аммо маълуми хамаи шумоён буда бошад, ки ман авратеям мушти пар ва чои ман дар кунчи хона хуб аст, зеро ки ўхдаи подшохй дар гардани ман аст ва лозим аст, ки ба хар баду нек сухан созам ва инро ба худ раво надорам. Маслихат он аст, ки шавхари маро ба подшохй кабул кунед.

Бузургон гуфтанд, ки:

— Хар кас, ки ба хамсўхбатии ту шояд, бисьёр неку хуб аст. Моён бирраъс ва-л-айн кабул кардем.

Пас дасти ман бигрифт ва дар тахти салтанат биншонд ва точи хусравй бар сари ман нихад. Муддати мадид дар адолат

будам, ки раият аз ман хушнуд ва сипоҳ аз ман розӣ буданд. Баъд аз он маро дар хотир орзуи ватани худ афтод. Ба духтар гуфтам, ки:

— Эй маликаи хубон, маро дастурӣ бидех, ки ба вилояти худ рафта, чанд рӯзе дар он ҷо мебуда бошам.

Малика гуфт:

— Ман аз ту ҷудо нашавам ва бо ту ҳамроҳ равам ва ҳар ду муддате он ҷо бошем, баъд аз он бозоем.

Чун бад-ин шарт қарор додем ва қасди вилояти худ кардем, вазирро талаб намудем ва наёбати[1] вилоятро ба ӯ супурдем. Маликаву ман зари бисьёру канизаки бешумор гирифта, дар киштӣ бурдем ва дар киштӣ даромадем ва рӯй ба роҳ нихода, дар рӯи дарьё меомадем. Чун кариб бад-ин ҷазира расида будем, ки киштии мо шикаст, тамоми хидматгорон ғарқ шуданд ва ман ба ин зану чанде аз канизон халос шуда, бад-ин шаҳр омадем ва ту ба камоли худовандӣ маро бандаи азиз кардӣ ва маснади вазорат ба ман додӣ. Лекин дар ин муддат дар орзӯи он будам, ки шоҳ як бор аҳволи маро пурсад ва аз афту хези дунёё ба ман чизе гӯяд ва истифсор[2] кардӣ ва қиссаи банда ин буд, ки аз аввал то ба охир саргузашти худро ба ту шарҳ додам. Биҳамдуллоҳ, ки охир ба муроди худ расидам.

Алқисса, малики Ғазнин бифармуд, ки ин ҳикоят дар дафтар навиштанд ва ҳар гоҳ хотири муборакаи ӯ хостӣ, он ҳикоят дар назди ӯ хондӣ ва аз ин достон пандҳо гирифтӣ ва ин вазирро сарфароз кардӣ.

Баъд аз чанд рӯз малики Ғазнин ин ҳикоятро ба падару волидаи худ баён кард. Эшонону ҷумлаи хешон ҳама муттаҳайир бимонданд ва тамоми мардуми вилояти Ғазнин аз ҳақиқати ӯ вокиф шуданд ва ӯро талаб намуда, аҳвол пурсиданд. Вазир аз аввал то ба охир ба шарҳ баён кард. Ҳама аз ҳоли ӯ мутталеъ гардиданд. Ровӣ гӯяд, ки малики Ғазнин рӯзе аз рӯзҳо рӯ ба ҷониби вазир карда гуфт:

— Ту марде ҷаҳонгаштай, мехоҳам, ки ба вилояти Балх рафта, ин саргузашти худ ба малики Балх маълум созӣ ва ӯро бад-ин фасонаи худ хушвақт дорӣ, чаро ки дар миёнаи ману ӯ нисбати бародарист.

Алқисса, вазир ба расми элчигарӣ ба вилояти Балх омад, ин ҳикоят ба малики Балх бигуфт. Малики Балх ба сад чандони малики Ғазнин вазирро навозиш кард.

---

[1] *Наёбат* — ноибӣ, ҷонишинӣ.
[2] *Истифсор* — пурсиш.

Алғараз, вазир чанд гоҳ ба вилояти Ғазнин омада рафтӣ ва боз ба вилояти Балх омадӣ, умри худ ба ин тариқа ба сар бурдӣ. Окибат аз ин дунёи фонӣ бигзаштанд. Подшохону вазирон ҳама дунёё ба дигарон гузоштанд ва орзуи дунёи фониро ба сарои укбо[1] бурданд.

Рубой:

Дунёро чи чои бевафо мебинам,
Худро зи ғарибони худо мебинам.
Шахсе дидам, ки моли Қорун дорад,
Дар хонаи охират гадо мебинам.

Сад ҳазор раҳмати ҳаق бар мардуми нек бод!

---

[1] *Укбо* — дар ин чо ба маънои охират.

ҲИКОЯТИ ШОҲ САЛҶУҚ ВА ШОҲЗОДА ДОРОБ

Овардаанд, ки дар вилояти Ҳинд подшохе буд, Салҷуқ ном, дар таҷаммули шаҳриёриву номдорӣ бисьёр некӯ, лашкари бекарону кишвари беполёну хазоину дафоини пур аз ганҷу гавҳар, ҳакимони донишманду вазирони писандида, амирони бо баду нек расида дошт. Ва он шоҳро писаре буд, Дороб ном, некӯатвор, сутудафиол, хубкирдор, зеборӯй, фаришта хӯй, моҳҷабин.

Байт:

Шучову далеру писандидаҳӯ,
Чу Ҳотам ба доду дихиш, тозарӯ.

Он шоҳзода шабу рӯз бо ҳамсолони размии хуррамисаршор умр ба сар бурдӣ.

Рӯзе падар ба шикор баромада, фарзандро ба ҷои худ нишонда рафт. Дороб чун парвонае, ки гирди шамъ бигардад,

касри падарро посбонй мекард. Салчукро канизе буд, ки куфри зулфаш каманди гардани диндорон, лаби лаълаш чошнибахши дили беморон.

Байт:

Чу зулфаш ба бедод занчир бандад,
Нигоҳаш ба бедод шамшер бандад.
Кашад тег, бадном созад казоро,
Занад тири тӯҳмат ба такдир, бандад.

Шоҳро бо ин каниз муҳаббати тамом буд, ӯро саромади тамоми ҳарам карда, ҳамаро минкоди[1] ӯ гардонида буд. Салчукро вазире буд, ки тухми муҳаббати ӯ дар замини дил кошта, бори ғаму андӯҳ бардошта.

Байт:

Яке дар шоҳроҳи ишқ аспе тохтан дорад,
Ба шатранчи муҳаббат ранг аз рух бохтан дорад.

Ва он канизро низ ба он назаре буд, аз ҳоли ӯ хабар дошт. Вакти худро ёфта гӯшаеро гирифта, бодаи ноб менӯшиданд. Даст ба гардани ҳам доштанд, ки Дороб аз камине берун омад, он ду танро ба сурате, ки буданд, муойина[2] дид. Аз кирдорашон чашм пӯшид ва гуфт: «Ин навъ кирдор дар замона бисьёр аст. Агар эшононро бикушам, ин сухан машҳури рӯзгор хоҳад шуд ва сабаби парешонии порае хоҳад гардид. Агар сабр созам, ки ба падар изҳор намоям, падарам ҷазои инҳоро хоҳад дод, аммо худ аз парешонй берун нахоҳад омад. Пас ниҳон доштани ин роз некӯ бошад.

Байт:

Ба пири майкада гуфтам, ки «чист рохи начот?»
Бихост чоми маю гуфт «роз пӯшидан».

Аз он ҷо хомӯш даргузашт, вазир бо каниз донистанд, ки Дороб мушоҳидаи ин роз намуд, гуфтанд:

— Якин ки бо падари худ изҳор хоҳад кард, шоҳ моёнро амон надиҳад. Дар ин кор андеша бояд кард.

Каниз гуфт:

— Шоҳ маро басе дӯст медорад ва аз сухани ман намебарояд. Фикри ин корро ман намоям ва ба шоҳ гӯям, ки фарзанди ту касди ман карда буд, ба меҳнате аз дасти ӯ халос гаштам. Ту ки падарй, чй мефармой? Он вакт ӯро зинда нагузорад, хар

[1] *Минкод* — накд.
[2] *Муойина* — айнан.

ду тан халос ёбем, бе газанди рўзгор зиндагонй созем. Агар шоҳ бо ту, ки вазирй, машварат созад, ту ҳам гўй, ки ин навъ фарзандро зинда магзор, ки сабаби бадномии ту бошад.

Ҳар ду тан ба ҳамин муқаррар карданд. Дороб хабаре надошт. Вақте ки Салчукшоҳ аз шикор ручъат намуд, каниз гиребон чок карда, ба хизмати шоҳ омад, дар кадамаш афтода, гуфт:

— Эй малик, бидон, ки фарзанди ту шаб омада дар хонаи ман даромада, маро дар оғўш кашида, мехост, ки коми дил ҳосил созад, ба фиреби бисьёру мехнати бешумор аз чанги ў халос ёфтам. Ҳарчанд гуфтам, ки модари туям қабул накард. Инак вазир гувоҳи ман аст.

Шоҳро олам ба назараш сиёҳу торик гардид, баромада вазирро талаб кард. Вазир гуфт:

— Дар он вақт маро низ гуфта буданд, ман ўро аз ҳарам бароварда будам.

Баъд аз он якин карда, либоси сурх дар бар карда, бар тахт биншаст. Доробро фармуд, то дар хизмати ў оварданд. Ҷаллодро низ талаб карда, ба ў супурд, ки сар аз тани ў чудо созад. Дороб ҳарчанд савол кард, ҷавобе нашнид. Шоҳ гуфт:

— Эй бадгуҳар, туро чи ёро, ки ба канизи ман, ки туро модар аст, дастдарозй кунй?!

Чандон ки муболиға кард, ҳарфаш ба ҷое нарасид. Ҷаллод ўро гирифта бароварда, гуфт:

— Пой ба ҷониби охират дароз кун ва пой дигар аз дунёё кўтоҳ кун.

Ончунон кард, аз зиндагонй дил барканд. Ҷаллод теғ тасма кашида, атрофи сари ўро мегашт. Мардумон афсўс мехўрданд, илочи худро намеёфтанд. Салчукро ҳакиме буд ба ҳикмат доно ва ба сухан тавоно, табъи салиму зеҳни мустақим дошт.

Байт:

Доно ба ҳар диёр азизу мукаррам аст,
Лаънат бар он диёр, ки нодон бувад азиз.

Доробро ба он ҳол дид, ба худ печида, аз кайфияти ҳол пурсид, гуфтанд. Ҷаллодро гуфт:

— Даст кўтоҳ кун то он вақт, ки ман бирасам.

Ба зудй худро ба хизмати шоҳ расонид, замини убудият бибўсид, гуфт:

— Шоҳо.

Байт:

Ғам аз гардиши рӯзгорат мабод,
З-андеша дар дил ғуборат мабод.
Агар дар дили подшоҳон ғаме,
Парешон кунад хотири оламе.

Шоҳо, умрест, ки сар дар остони иродатат ниҳодаам, шабу рӯз дар хизматат чун бандагон истодаам, ба дуои давоми давлати шоҳ умр ба сар бурдаам, ҳаргиз хилофи рой аз бандагӣ мушоҳида нанамудаам. Ҳоло дар берун дидам, ки шоҳзодаи оламиёну писандидаи дилу ҷонро ҷаллод мехоҳад, ки сар аз тан ҷудо созад, оламеро мотамсаро гардонад. Фарзанди худро куштан аз шоҳон ба вукӯъ наёмада. Биё аз чурми ӯ даргузар, ки вакте пушаймонӣ фоида надорад.

Чандон ки таваччуҳ кард, фоида набахшид. Ночор ҷавоб дод, ки:

— Дар иклими ман набошад, касе чизе надиҳад. Баъд аз ин номи ӯро касе ба забон нагирад.

Ҳаким аз хизмати Салҷукшоҳ ручъат намуда, шоҳзодаро аз зери теғ начот дода, ба ҷониби биёбон фиристод. Он бекаси бодиян саргардонӣ ба танҳо рохпаймой пеш гирифт, ба ҷое орому карор надошт.

Байт:

Гирдбоди дашту гарди бесару сомонням,
Миспаи барчастаи девони саргардонням.

Дар он дашти бесарупой мехнатҳо кашида, дид, ки оламро карору рӯзгорро мадор набуда. Вой бар он ки дар ин дунёи фонӣ дил бастаанд, худро фирефтаи ӯ кардаанд, оқибат ба ғафлат мондаанд ва мурдаанд ва ҳасрати бисьёр бурдаанд.

Байт:

Лавҳи мазорҳо ҳама сарбаста номҳост,
К-аз охират ба мардуми дунёё, навиштаанд.

Эй бехабар аз ҳоли бесарупоён, соате гӯши хуш дор. Умре шуд, ки дар кӯи бекарорӣ ба олами бетобӣ рӯзгорам мегузарад. Умраш ба зоеиву бекасӣ сарф ёфт. На аз ёр хабареву на аз диёр асаре. Надонам ҳокам аз кучост ва обам аз кадом дарьёст, сириштам аз баҳри чист, ки фиғонам ба ҷое намерасад, касе суҳанам намешунавад.

Байт:

Нашуд қабули ту ҳаргиз фиғону зории мо,
Ба иззати ту, ки аз ҳад гузашт ҳории мо.
Ҳазор сол баҳору ҳазон расид, гузашт,
Самар надод нихоли умедвории мо.

Алғараз он писар муддати мадиде гили сиёҳ хўрда, бехбудй ба кори худ надида, дилаш ба дард омада, бинолид, ки... ногоҳ се нафар каландари ҷаҳонгарди ҳомуннавард аз ҷониби биёбон ба ҳузури шоҳзода Дороб омада дар паҳлўи ў нишаста сухан дар миён андохтанд, гуфтанд:

— Эй ҷавон саргузашти моён бисьёр аст. Ту баён кун, ки аз кучой ва танҳо чарой?

Дороб қиссаи худро ба шарҳе, ки гузаронида буд баён кард. Он бесару поёнро дидаву дил ба ў бисўхт. Яке аз он миён гуфт:

— Ҷаҳонгардии маро панҷоҳ сол шудааст, корҳо карда тааҷҷубҳо дидаам, ба хубй зиндагонии ман бигзашт. Сурмаи сулаймонй дорам, ўро ба ин шоҳзода бидиҳам, акнун бо ў бошад.

Аз ҷайби худ бароварда ба шоҳзода дод ва гуфт:

— Ҳар гоҳ ки ин сурмаро ба чашм баркашй хеҷ кас туро набинад ва ту ҳамаро бинй. Агар шўй ба чашм бознамой.

Шоҳзода дар бағал кард. Дигаре гуфт:

— Ман исми хоб медонам, агар касе инро хонда ба касе дамад, он касро чунон хоб рабояд, ки то радди ўро нахонад, ҳаргиз аз хоб сар набардорад, то қиёмат чунон бошад.

Исми хоб чунон таълим дод. Ўро ҳам шоҳзода ёд гирифт. Дигаре гуфт:

— Ман чизе надорам, аммо дар вилояти Сарандеб дидаам, ҳакимон хонае ба тилисм барпо кардаанд, ҳар кас медарояд, намебарояд, умрест ки чунон аст. Эй шоҳзода, тамаъ дорам, ки агар ту равй шиканандаи он тилисм ту бошй. Инак ту донй.

Шоҳзодаро видоъ карданд, роҳи худро пеш гирифтанд.

Алқисса, шоҳзода роҳи вилояти Сарандеб дар пеш гирифт, манзилу марохил тай мекард, то бад-он вилоят расид, аз дарвоза даромад, акнун намедонист, ки хонаи тилисм дар кучои ин шаҳр бошад. Ночор аз баққоле пурсид, ки:

— Эй бобо хонае ки ҳакимон барпо кардаанд, ҳар ки медарояд, намебарояд, дар кучост?

Гуфт:

— Пештар биё.

Дороб пештар рафт, дасти ўро гирифта, силие бар рўяш зад, ки нақш баст. Пир гуфт:

— Мунодй кардаанд, ки ҳар кас ин хонаро ба мусофире суроғ диҳад, ўро тороҷ кунанд. Мехоҳй, ки маро ба тороҷ диҳй? Агар толибй, дар талаб бош, хоҳй ёфт.

Аз он ҷо бигзашт, баъд аз тараддуди бисьёр ба ҷое расид, ки хонае, бар дари хона суфае, бар болои суфа марде нишаста. Ба хизмати он мард омада, салом кард. Он мард ҷавоб дод,

Гуфт:

— Эй фарзанд, аз кучо меой?

Шохзода гуфт:

— Аз вилояти Хинд меоям, ба тозагӣ дар ин вилоят дохил шудаам. Шунидаам, ки дар ин чо хонае буда, мехохам, ки мисли мардумон ман хам дароям.

Он мард аз чой бархост. Доробро дар оғӯш кашид, навозиши бисьёр кард, гуфт:

— Эй фарзанд сабаби нишастани ман он аст, ки мисли ту писаре доштам, холо муддати як сол шудааст, ки дар ин хона даромадааст, асаре аз ӯ пайдо нест. Харчанд ки ӯро манъ кардаам, рост наёмад. Акнун ту фарзандӣ кун, тамоми амволи худро ба ту супорам, худ гӯшае гирам. Ин хаёлро аз хотир дур гардон, ки бисьёр касон даромадаанд, хабаре аз онхо пайдо нест.

Харчанд насихат кард, шохзода кабул накард. Ночор гуфт:

— Ту медонӣ.

Дороб он мардро видоъ кард. Гуфт:

— Агар аз фарзанди ман хабаре ёбӣ, бо ман баргӯй.

Шохзода кабул карда, дар хона даромад, дар миёни хона омада биистод, дид хонае, замини ӯро рӯфта ва чида мондаанд, аммо тамоми махлукотро ки аз пашша то анко дар чахор девори ӯ накш кардаанд. Фасле истода, хост, ки барояд аз дари хона асаре наёфт. Ба хар девор ки мерасид, сараш ба девор меёмад. Донист ки инхо, ки даромадаанд, рохи баромадан наёфтаанд, аз гуруснагӣ ба халокат расидаанд. Аммо аз устухони одамӣ асаре пайдо набуд. Дар ин хайрат мегашт, дар миёнаи хона лавхе дид истода, бар он лавх навиштаанд, ки: «Эй касе, ки дар ин хона дарой, умеди баромадан нест. Дар ин чо давоте ва калами мӯй мондаанд, каламро гирифта яке аз ин чонваронро ки дар ин деворхо хаст бар лавх накш кун, кудрати парвардигорро мушохида намой. Ихтиёр турост, ба хар сурате, ки хохӣ».

Шохзода каламро гирифта бар девор назар кард, сурати деверо дид. Хамон суратро бар лавх накш кард. Ханӯз тасвирро тамом накарда буд, ки хамон сурат дар чунбиш даромад. Баъд аз тамом шудан хамон дев ба шохзода таъзим кард ва гуфт:

— Муборакат бод, ки ин тилисмро ту шикастӣ! Бидон, ки хакимон ин тилисмро ба номи ман баста буданд. Хар кас медаромад, сурати дигар махлукотро мекашид, хамон сурат аз девор чудо шуда, ӯро мехӯрд. Хеч кас сурати маро накашида.

Давлат ба ту рӯ оварда будааст. Акнун ба ҳар ҷо ки меравӣ ва ҳар чи фармой, ба хизмат истодаам.

Дороб ба дар назар кард, дарро боз дид. Мехост барояд, ба хотираш расид марде, ки бар дар истода аз фарзандаш хабар гуфта, маро ба ҳангомаи мардумон наменонад. Сурмаи сулаймонӣ ба кучо кор ояд, гуфта дар чашм кашид. Девро ғайр аз шиканандаи гилисм касе намедид. Хамроҳ аз дар баромаданд. Дев гуфт:

— Эй шоҳзода, касди кучо дорӣ?

Гуфт:

— Касди Хинд дорам.

Дев гуфт:

— Роҳ дур аст, бар пушти ман савор шав, туро дар як соат расонам.

Дороб бар пушти дев савор шуд. Гуфт:

— Чашми худро бипӯш.

Шоҳзода чашми худро пӯшид. Гуфт:

— Боз кун.

Боз кард, худро ба дарвозаи вилояти Хинд дид. Худойро шукри бисьёр кард, баъд аз он пиёда аз дарвоза даромада мерафт, ҳеҷ кас ӯро намедид. Баякбор аз пеш филе баромад, ки дар пушташ хима[1] буд. Шоҳзода гуфт:

— Хуш намеояд, ки худро ба канора гирам.

Дев гуфт:

— Ба ман фармой.

Пеш гузашта аз танги фил гирифта, бардошта аз болои сари шоҳзода гузаронида, ба канорае андохт. Мардумон диданд, ки фил бар сакфи чаҳорсӯк баромада ба канорае афтод. Ҳама ҳайрон шуданд. Фарьёд аз мардумон баромада буд. Ва дигар ду кас паҳлӯи ҳам мерафтанд. Дев якеро ба ин ҷониб ишорат кард, дигар ба ҷониби дигар ҳар ду афтоданд. Аз ҷой бархоста ба ҳамдигар дарафтоданд. Яке мегуфт, ту маро афшурда партофтӣ, дигар мегуфт, ту кардӣ. Касе расида, гуфт:

— Эй ёрон, дар ин вилоят тааччубе пайдо шудааст. Фил ба ҳаво мепарад, мардумон худ ба худ меафтанд. Аз ҳам халос шавед, тавба гуфта, худро ба канора гиред.

Мардумон ҳайрон буданд. Шоҳзода ба ҳар хона медаромад, дар ҳар ҷо духтаре буд, тасарруф мекард. Фиғон аз мардумон мебаромад. Ҳарчанд посбонон мениходанд, тӯпу туфанг меан-

---

[1] *Хима* — хезум.

дохтанд, фоида намекард. Билохир ба фиғон омаданд, фарьёдкунон пеши Салҷук рафтанд ва гуфтанд:

— Дар ин вилоят шӯри ачибе пайдо шуда, ки ҳар киро духтарест тасарруф меёбад. Ту шоҳӣ, фикри мо соз.

Салҷук ба танг омад. Билохир гуфт:

— Эй ёрон, душмане бошад, ман аз шумо дафъ созам.—Ин балое, ки кас ӯро надонад, маро чи гунох?

Ҳама ба кори худ ҳайрон шуданд. Дороб ба хонаи вазир омад, ки интикоми худ бикашад, чаро ки сабаби мусофирати шоҳзода ӯ буд. Вазир духтари худро ба хонае пинҳон карда, посбонон гузошта буд. Аз дар даромад, ба хонаи духтар омад, ки ба гӯшае нишаста, дар ба рӯи ғайр баста. Ба пеши духтар биншаст, даст ба синаи ӯ ниҳод. Духтар фарьёд кард, посбонон хабар ёфтанд, ба хизматаш давиданд. То духтар ба худ мечунбид, ки кори худро кард. Бо падараш хабар бурданд, парешонҳол ба хизмати шоҳ давид, такрири ҳол намуд, гуфт:

— Шоҳо, мисоли ман вазирон ҳастанд, духтарони ишон ба чо истода надонам ин балоро бо ман чи душманист.

Шоҳ дар ғазаб шуда, гуфт:

— Агар ӯро дастгир кунанд, ман худ бикушам, ба дигар нагзорам!

Ҳама мунтазир мебуданд. Дороб мехост, ки аз шаҳр берун ояд. Дев гуфт:

— Эй шоҳзода, ганҷ дар вайрона буда. Дар ин хароба духтаре дидам, бо либоси мачҳул, аммо ба ҳусн яктои вакт.

Худи шоҳзода ба ҳаволии ӯ даромада, духтаре дид, рӯй чун курси ҳамар ва хуршеди ховар, хусне бисьёр латиф. Дар ин муддат ҳаргиз зеботалъате ба ин нозукӣ мушоҳида накарда.

Байт:

Нозукӣ офарида баданат,
Раги чон тоза бувад пираҳанат.
Бар баста ба сар санг меборад,
То гирифтаст насиби даҳанат.

Дороб гуфт: «Ҳайф бошад, ки бо ин некурӯй ба дастури дигарон мулокот созам. Дар паҳлуи ӯ нишаста, дасти ӯро бигирифт. Он духтар фарьёд баровард, ки «эй модар, касе дасти маро гирифтааст». Модараш бетобӣ оғоз кард, ки ин балоест ки дар шаҳр машҳур шудааст. Дороб чашми худро шуст. Пирозан назар кард, шоҳзодаро дид, ки дар паҳлуи духтар нишаста, таъзим ба ҷой овард, гуфт:

— Эй сохибзодаи ман, курбонат шавам, инак духтари ман канизи ту.— Худ аз хона берун омад.

Шохзода дид, ки либоси сабзе дар бар, каллапӯш низ сабз, девро гуфт:

— Метавонӣ либосе овардан?

Дев таъзим кард, баромада танура кашид.

Ровӣ гӯяд, ки духтари подшохи Фаранг аз барои худ либосе фармуда буд, ки мачмӯи ӯ дар пӯсти чахормагз чой мешуд, либосро тайёр карда, худ сару тан шуста, мехост, ки пӯшад, дев ӯро бар чанг дароварда ба хизмати Дороб овард.

Назм:

Абрӯи ту мехри оламороӣ,
Чун мох зи парда рӯй бинмой.
Чун турраи ту шикастахолем,
Бар холи шикастагон ту бахшой.

Вакти шохзода бисьёр хуш шуд, девро гуфт:

— Таоме биёвар.

Дев бар сари чахорсу омада, дӯкони бирьёнпазӣ буд, барраҳои бирьёнро болои ҳам гузоштан гирифт. Мардумон ҳайрон шуданд. Кали пешкор дошт, дид, ки баррахо баромада ба хаво мераванд, даст андохт, як ангушти дев ба дасташ афтод. Фарьёд кард, ки:

— Кори худ кардам, чизеро гирифтам. Бар ман ёрӣ диҳед!

Дев ӯро гирифта ба хаво шуд. Кал гуфт:

— Касе аз пои ман гирад, ки пурзӯр бошад.

Дигаре аз пои ӯ бигрифт, ӯро ҳам ба хаво бурд. боз дигаре аз пои ӯ гирифт. Ба ҳамин тариқ дувоздах кас катор шуда ба ҳаво мерафтанд.

Кал фарьёд баровард, ки:

— Ёрон кори худ созед, ки ман сар медиҳам, чаго ки то меравад, баландтар меравад, он вакт кор кабоҳат мешавад.

Гуфтанд:

— Акнун ба ҳар сурат нагзор.

Харчанд гуфтанд рост наёмад, билохир ангушти девро сар дод, омада бар болои ҳам афтоданд, се кас бимурд, нӯх каси дигар маъюб шуданд. Кал болои ҳама афтода, аз чой часта бархост, гуфт:

— Алҳамдулиллох, ки ман саломат мондам.

Устодаш дашномӣ бисьёре кард, аммо фоида надошт.

Дев пеши нонвое омада мехост, ки нон гирад, кал ба нонво кисаи худ гуфта нишаста буд. Кал гуфт:

— Акнун ба ту омад.

Нонво гуфт:

— Хуб шуда.

Ноне ки дев болои ҳам монд, нонво панҷ-шаш нони дигар бигзошт. Дев ин одамиятро аз ӯ дид, ба шохи худ лаъле дошт ба нонвой андохт, дар ҷайби ӯ омада афтод. Кал дида буд, ки бархост, ба нонвой дарафтод, ки ин лаълро хунбаҳои мардуми кушташуда додааст, ман мегирам. Ҳар ду дар ҷанг шуданд. Билохир суол месозем гуфта, пурсид, ки:

— Ба кӣ додай?

Дев оҳиста гуфт.

— Ба нонво додаам.

Кал домони худро дошт, гуфт:

— Ба ман ҳам чизе бидеҳ.

Дев соҳибмутоиба[1] буд, фулуси носарае[2] дошт, андохт. Кал дида, парешон шуд, дашном додан гирифт. Дев гӯш наандохта баромада рафт. Аз нонвой даъвое карда, порае дирами ӯро гирифт. Дев ба хизмати шоҳзода омада, таомро бигзошт, ба хубиву хушӣ таомро хӯрданд. Дороб он шабро дар он маком ба айш бигзаронид, аҳд кард, ки ҳар гоҳ бар тахт нишинам, бонуи сари зонуи ман ту бошӣ. Баъдаҳу аз ҷой ба хонаи вазир омад, сурма кашида буд, дар пахлӯи духтари вазир нишаст, дасти ӯро бигирифт. Боз фарьёд аз ӯ баромад. Вазирро хабар карданд, ки ҳамон балое ки омада буд, акнун боз омадааст. Вазир саросемавор пеши духтар омад. Шоҳзода сурма аз чашми худ шуста худро ба ӯ намуд. Вазирро оташ дар ниҳод афтод, мардумони худро фармуд, шоҳзодаро гирифтанд, ғавғокунон ба хизмати шоҳ рафтанд, ин хабарро расониданд, ки ин хама бедодӣ дар ин шаҳр карда фарзанди ту буда. Шоҳ дубора дар ғазаб шуда, фармуд, ки дар миёнаи шаҳр бикушед, мардумонро мунодӣ диҳед, ки ба тамошо оянд. Чунон карданд. Салҷук худ баромада, сандалие монда, биншаст. Току равок мардумон ҷамъ шуданд, ки чое намонд. Шоҳзодаро даст баста, оварда ба падар рӯ ба рӯ карданд. Ҳукм кард, ки ӯро бубаред ва бикушед, ки халоиқ раҳой ёбанд. Ҷаллод оварда ба мисли аввал нишонида атрофи ӯро мегашт, теғро тасма кашида истод. Аммо дев бетобӣ мекард, ки «эй соҳиб бифармой ки тамоми мардуми ин вилоятро ба қатл расонам, туро аз ин балия начот диҳам». Дороб қабул намекард ва мегуфт:

— Эй патёра, чи кор дорӣ?! Дахле насоз, ки ту намедонӣ.

Дев саросема ҳар чо медавид, илочи худро намеёфт. Бисьёр бетоб буд, то он вакт ки ҷаллод мехост, ки теғ бар сари Дороб

[1] *Соҳибмутоиба* — шӯх.

[2] *Фулуси носара* — пули камарзиш.

фуруд оварад, исми хобро хонда ба сӯи ҷаллод дамид, ҷаллод бияфтод. Мардумон давиданд, ӯро гирифтанд. Ҳарчанд мекарданд, ба ҳуд намеёмад. Ночор ба канорае гузоштанд, дигаре аз ҷаллодон пеш гузашта, гуфт:

— Ӯро арвоҳи пир зад, чаро ки фотиҳа нагирифта, такбир нагуфт.

Ӯ даромада гузаштагони худро ёд карда, фотиҳа гирифта, пеши Дороб омада, атрофи сари ӯро гардид, мехост ки теғ фуруд орад, исми хобро хонда ба ӯ ҳам дамид, бияфтод. Мардум ҳайрон шуданд. Дигареро оварданд, ӯ ҳам низ бияфтод. Дигар аз ҷаллодон гурехтанд. Якеро таъкиб карданд, омада паҳлуи кӯҳнадӯзе нишаста ҳасам мехӯрд, ки ман ҷаллод нестам, балки шогирди кӯҳнадӯзам. Шӯре дар миёни мардум афтод. Баъд аз он шоҳзода аз ҷой бархоста ба овози баланд исми хобро хонд, ба мардумон дамид, хама халоиқ дар хоб шуданд. Онхо ки дар болои тоқ нишаста буданд, афтоданд. Дороб ба хизмати падар омада, оҳиста ба гӯши ӯ хонд, аз хоб бедор шуд, фарзанди худро дар баробари худ дид, боқии мардум хама сар ба хоб ниходаанд, дар зорӣ даромад. Дороб гуфт:

— Эй падар, гуноҳи ман чи буд, ки ҳукм ба куштан кардӣ, вазирро халос додӣ, аз ман суоле накардӣ, гуфтӣ дар иклими ман набошад, касе чизе надиҳад, бо вуҷуде ки гуноҳ аз вазиру канизи ту буд ва маро ҳеҷ ҷурме набуд? Ҳарчанд девона бошам, имкон дошта бошад, ки ба канизи ту дастдарозӣ кунам? Агар якин надорӣ, вазирро ҳамроҳи каниз талаб намой. Исми хобро хонда ба гӯши вазир дамид аз хоб бедор шуд. Канизро аз ҳарам ба хизмати падар овард, гуфт:

— Бояд ки ростӣ пешаи ҳуд созед, он чи гузаштаро такрир бисозед, ин хама халоиқро аз хоб бедор созед, вагарна то қиёмат дар хоб хоҳанд буд.

Байт:

Ба мачлисе, ки харифон зи бодаи хак мастанд,
Нафас задӣ ту чу ойина, бо ту дар бастанд.
Замини хона ойинаст, чарх баланд,
Фитодагӣ ба каф овар, ки саркашон пастанд.
Хушо натичаи дилхастагон, ки хамчу хилол
Зи худ баромада ба офтоб пайвастанд.
Ҳанӯз хобу хаёли чахониён бокист,
Гумон мабар ки аз ин кавм мурдагон растанд.

Ин ду тан ба чуз ростӣ чора надиданд, гуфтанд:

— Эй шоҳ, ҷурми мо буд. Хар ду бо хам нишаста будем, шоҳзодаро назар афтод, ба фикри худ дармондем. Аз ин ҷиҳат

ҳар ду иттифоқ шуда, бо ту арз намудем, то аз фитнаи ту амон ёбем. Оқибат кори шоҳзода авч гирифт, ба ғайр аз рости чора надидем.

Аммо Салҷуқ баъд аз истимои ин калом Доробро дар оғӯш кашида, узрхоҳӣ кард. Он ду танро ба қатл расониданд. Доробро дар тахт нишонид, худ гӯшагирӣ ихтиёр кард. Дороб духтари пиразанро ҳарами мӯҳтарами худ сохт, сулаймонзор ба авҷи иззат подшоҳиву комронӣ кард, ин достон ёдгор бимонд.

ҲИКОЯТИ СУЛТОН САНҶАРИ МОЗӢ

Овардаанд, ки султони бодиёнату хисрави боамонат султон Санҷари мозиро коида он буд, ки кавоиду зобитаи[1] мамоликро худ ба ҷой овардӣ, ба дигаре нагузоштӣ. Чунончи, шабхо ба сурати шабраве тамоми кӯчаву бозорро гаштӣ, дар рӯзхо либоси каландарӣ дар бар карда, дар раставу бозор нишастӣ, то ҳар касе зулму таддӣ бисозад, худ ба назар дида, ҷазои ӯро медодӣ. Тамоми зиндагониро ба ин тарика ба сар бурдӣ. Рӯзе ба сари суфаи бирьёнпазе нишаста, тамошо дошт, ки ногоҳ назараш ба каландаре афтод, ҷавони мохрӯи ба хуси зеборӯй, писандидахӯй, ки аз дидани ҷамоли ӯ нури басар[2] афзунӣ ёфтӣ. Аммо хати сабзе дар пешонии ӯ намуд, ту гӯй доғе аз дили ӯ сар кашида, ё он ки мурғи ғам аз дили водии алами ӯ берун омада, бар

[1] *Кавоиду зобита* — корхои кишвардорӣ.
[2] *Басар* — чашм.

носияи[1] ӯ нақше баста, яъне кист ки чунин доғеро тоб тавонад овард. Султон он ҷавонро ба хизмати худ хонд, гуфт:

— Эй ҷаҳонгард, ба сурати ту касе надидаам. Туро чи бар ин дошт, ки ин либос дар бар карда ва аз дунёё даргузаштай.

Байт:

Кушоди кори худ натвон тамаъ аз ошно кардан,
Кучо нохун тавонад аз ангушт во кардан.
Ба истиғно гузаштан аз ҷаҳон осон намебошад,
Бувад душвор қатъи рох аз пушти по кардан.

Ҷавон охе кашид ва гуфт:

— Эй қаландарсурати бегонасират, доғи маро тоза кардӣ. Туро чи кор буд, ки аз ман ин суол кардӣ? Ду-се рӯз шуд, ки дар ин шаҳр дохил шудам. Ҳоло умре шуд, ки биёбонгардӣ пешаи худ кардаам, корам ба ҷое нарасид, дардам таскин наёфт, балки афзун шуд, боз ҷароҳатамро намак задӣ. Офарин бар ту бод!

Султон гуфт:

— Соате ором гир, суоли маро ба ростӣ ҷавоб гӯй, ки аз дунёё чи фаҳмидай ва тариқаи рӯзгорро чи мулоҳиза кардай. Он чи дидай, баён кун.

Ҷавон гуфт:

— Қиссаи ман дуру дароз аст ва ҳикояти ман ҷонгудоз аст.

Байт:

Осуда шабе бошаду хушмаҳтобе,
То бо ту ҳикоят кунам аз хар бобе.

Аммо султон гуфт:

— Манзили худро баргӯй, ки шаб бо ту кас хоҳам фиристонам.

Қаландар каландархонаро ном бурд. Султон бирьёнгареро гуфт:

— Имшаб хонаи ту хоҳам омадан.

Бирьёнгар хонаи худро биёрост, асбоби нозу неъматро мухайё сохт. Султон дар он ҷо карор гирифт. Баъд аз он фармуд, каландарро биёред. Чун каландарро ҳозир оварданд, омада назар кард, султонро дид, ки бар тахт нишастааст, дигарон ба хизмат истодаанд. Донист ки малик будааст, таъзими ӯро ба ҷой овард. Баъд аз он ичозат дод, ба мақоме биншаст. Анвои таом ҳозир карданд, баъд аз таом мардум гӯша гирифтанд.

Султон гуфт:

---

[1] *Носия* — рӯй.

— Киссаи худро баён кун.

Ҷавон гуфт:

— Ту ҳам аз тахт фуруд ой, ё маро дар паҳлуи худ ҷой деҳ.

Байт:

Зиҳӣ сиккаи кимиёи сухан,
Ки як ҷав дар ӯ нест ҷои сухан.
Гиромӣ кунӣ гавҳари одамӣ,
Гиромитарин ҷавҳари одамӣ.

Алкисса, султон аз тахт фуруд омада, бар болои маснад хамроҳи ҷавон бинишаст. Гуфт:

— Шоҳо, бидон ки падарам савдогар буд, дуньёи билониҳоя дошт. Рӯзе маро ба хизмати худ талаб карда, гуфт: «Эй фарзанд, мехоҳам, ки туро дар ин сафар хамроҳ барам, неку бади рӯзгорро намоям, баъд аз сари ман зоей накашӣ, аз ӯҳдаи худ берун ой». Таъзими падар ба ҷой овардам. Ғуломонро фармуд, ки рахти сафар бастанд. Хамаро ба хизматам амр намуд. Аз шаҳр берун омада, роҳи биёбон дар пеш гирифтем. Чанд вакте вилоятҳо тай кардем, рӯзе кофила роҳ гум карда, дар макоме фуруд омадем, шаб дар он ҷо ором гирифтем.

ҚитоуттариҚ[1] худро бар корвон зада, мардуми бисьёреро куштанд. Саросема аз хоб бархостам, назар кардам, падарро кушта дидам. Худро бар таковаре гирифтам, ба ҷониби биёбон роҳӣ шудам. Як рӯз роҳ рафтам, ба шахре расидам. То ки ба дарвозаи шаҳр омадам, дарро мазбута[2] карданд. Ҳарчанд фарьёд кардам, касе нашунид. Ночор худро ба канора гирифтам. Пуштае буд, бар болои ӯ баромадам, ба зери санге дар хоб шудам. Шаби зулмот буд, аз харос хобам намебурд. Ба ногоҳ назар кардам, аз девори ҚалъаҚ шахсе, бар даст шамъе, фуруд омад, ду тани дигар хамроҳи ӯ буданд. МуҚаррарам гардид, ки инҳо дуздонанд, амволе аз шаҳр гирифта мехоҳанд таксим созанд. Наздики ман омада, бар саґонае даромада, баъд аз соате баромада рафтанд. Баъд аз баромада рафтани онҳо бархостам, даруни саґона даромадам. Ба ҳар ҷониб даст андохтам, ки шояд чизе меёфта бошам. Ногоҳ дастам ба ҷое расид, фарьёде баромад, гуфт:

— Эй ноинсоф, ҳанӯз бо ман чи дорӣ?! Акнун бигзор!

Гуфтам:

— Он касе, ки ту меґӯй, ман наям.

Ба овози ҳазин гуфт:

---

[1] *ҚитоуттариҚ* — роҳзан.
[2] *Мазбут* — баста, маҳкам.

— Агар метавонӣ, маро аз ин маком гирифта ба гӯшае бурда, ба мулозимати ман бикӯш. Агар сихат ёфтам, зиҳӣ саодати туст ва агар мурдам, кори хайре дар рӯзгор карда бошӣ.

Донистам, ки нотавоне менамояд, аз он ҷо бардошта, ба пушти худ устувор кардам. Вакти субҳ аз дарвозаи шаҳр даромада, ба кӯчае мерафтам, даре дидам бо хок яксон, донистам, ки манзили бевазанест. Ҳалка бар дар задам, пиразане берун омад, гуфт:

— Чӣ касӣ?

Гуфтам:

— Мусофирам, панохе мехохам.

Маро ба хонаи худ даровард, гуфт:

— Дар ин ҷо бош.

Худ канора рафт. Гилемро аз пушт гирифтам, парда аз рӯи кор бардоштам, дилпазире дидам, ба хубӣ току ба зебой ягонаи офок.

Байт:

Кади ту сурма кашад дидан таманноро,
Лаби ту об дихад чоми сад Масеҳоро.
Ачаб набошад, агар дар мухаббати Юсуф,
Дубора ишк чавонӣ дихад Зулайхоро.

Маро нозанинин ӯ аз ҷой рабуд. Охе кашидам, гуфтам:

— Эй дури садафи хубӣ, ва эй гавҳари кони махбубӣ, туро чи афтод, чаро рӯзгорат ба ин ҳолат овард?

Аз дил охе кашиду гуфт:

— Эй чавон, агар сихат ёбам, рози ман маълуми ту хоҳад шуд ва агар бимирам ин роз пинхон монад.

Бехтар тафаҳҳус кардам, захми корде чанд дар аъзои ӯ буд. Хуни ӯро макидам, марҳаме ниходам, дар мухофизати ӯ иштигол намудам. Рӯз ба рӯз аҳволи ӯро забун меёфтам. Билохир бо ман гуфт:

— Эй чавон, то кай мехнати ман кашӣ ва роҳати ман набинӣ? Туро чизе омӯзам, бадон амал кун.

Гуфтам:

— Фармон бардорам.

Гуфт:

— Бидон, ки дар ин шаҳр ҳакимест, окибати маризонро хуб медонад, баду неки эшонро хукм месозад, аммо ба хар ҷо намеравад. Агар мушти заре дорӣ, наздики ӯ рав, гирьяву зорӣ оғоз кун, шояд ӯро рахм ояд, ҳамрохи ту ояд, маро мухофизат кунад. Гӯй, ки бародари ман аст, дар рох дуздон ӯро захме задаанд, миёни куштагон андохтанд, ман ӯро аз он ҷо ёфта, бар

пушти худ андохта овардаам. Бубин, ки чи ҳукм месозад. Агар умеди начот дорам, боре, меҳнати ту зоеъ нагардад ва агар умеди начот нест, машаккат накашӣ, ба таври ман бигзорӣ, ба ҳоку хун тапам, ба зории зор чон диҳам.

Байт:

Нашуд қабули ту ҳаргиз фиғону зории ман,
Ба назати ту, ки аз ҳад гузашт ҳории ман.
Ҳазор сол баҳору хазон расиду гузашт,
Самар надод ниҳоли умедвории ман.

Баъдаҳу аз чой бархостам ва бар дари ҳаволии он ҳаким расидам, мардумро дидам, бар дари ӯ саф кашида, интизорӣ мебурданд. Баъд аз муддати мадиде баромад. Таҷаммули бисьёр дошт. Ҳама дар инонаш афтоданд, ман ҳам дар қатор будам. Аввал ба дарбори подшоҳӣ расидем, ӯ курниши шоҳро ба такдим расонид, баъдаҳу ручъат намуд. Дар қадамаш афтодам, ҳоли дили хешро изҳор намудам. Сӯзамро самаре буд, бар ман назар кард, гуфт:

— Кадам дар роҳ неҳ, аввал ба кулбаи ту расам, баъд аз он ба ҳар ҷо ки хоҳам, равам.

Ҳамроҳ ба хона омада, бар чеҳраи ӯ назар карда, се ҳабро бар дасти ман дод, гуфт:

— Якеро бидеҳ, то бихӯрад, якеро дар вакти хоб бидеҳ, дигареро аввали пагоҳ бидеҳ. Баъд аз он ҳар чи рӯ диҳад, бо ман хабар деҳ.

Худ баромад. Паҳлуи он ороми чон нишастам, яке аз он ҳабро додам, мувофики гуфтаи ҳаким кардам. Аввали пагоҳ гуфт:

— Эй чавон, маро ҳалоҷо бар, ки такозо дорам.

Ӯро гирифта ба козае бурдам. Маро овоз дод, омада гирифтам, ба чояш гузоштам, рафта мақоми ӯро дидам, тамом хун гузашта. Ба худ гуфтам: «Аз касе, ки ин микдор хун содир шавад, ҳаргиз амон нахоҳад монд». Дили пурдард ба сӯи ҳаким рафта, киссаи ӯро намудам. Гуфт:

— Хотир ҷамъ дор, ки акнун сихат хоҳад ёфт, чаро ки хуни ӯ дарун гирифта буд. Доруе, ки ман додам, ҳамаро берун овард, акнун начот ёфт.

Шодикунон ба хона омадам. Гуфт:

— Эй чавон, аз хӯрданӣ ҳеҷ дорӣ?

Андак таоме овардам, ӯро тановул кард, чеҳраи ӯро равшан дидам. Баъд аз он рӯз ба рӯз беҳтар мешуд, то ки тамом сиҳат ёфт, худро ороиш дод, биншаст ва ҷамолаш мушоҳида мекардам, орои сухан надоштам, то ки гуфт;

— Эй чавон, медонам, ки орзуе дар дил дори, аммо ду-се рӯзе сабр кун, ки ман аз туам. Ту меҳнати маро бисьёр кашидӣ. дигар он ки дилам низ шефтаи туст. Гуфтам:

— Эй нодиратуласр ва замон, бар рӯзгор эътимоде нест ва гардиши фалакро мадоро не.

Байт:

Гулрухон бар сари хокам чамане сохтаанд,
Чамане бар сари хунинкафане сохтаанд.
Ба ғалат ҳам наравад чониби Мачнун Лайлӣ,
Ошиқ ин бахт надорад, сухане сохтаанд.

Ба ҳар сурат сабр авлотар аст, гуфта, ночор сабр пеш гирифтам. Дар он муддат, ки аз хона берун меомадам, маро чуҳуде аттор мусоҳиб шуда буд, ки ҳар рӯз паҳлуи ӯ омада менишастам, маро ба хонаи худ таклиф мекард. Дар ин мукаддима ҳайрон будам, ки шаберо ба кӯши ӯ чӣ гуна гузаронам. Азбаски дил моилу нигарони ӯ буд, дуриро меҳнат ва соатеро машаккат мепиндоштам.

Рӯзе ба он дилбар изҳор намудам, ки: — Чуҳуде бо ман мусоҳиб шуда, аксари адвияро[1] аз ӯ мегирифтам. Ҳоло чанд рӯз аст, ки бегоҳ маро ба кӯши худ таклиф менамояд, аммо аз чудоии як бегоҳ даъ ҳайратам, ки чӣ гуна тоб орам.

Он дилбар ханда карда, гуфт:

— Агар меравӣ, аз се бегоҳ зиёда набошӣ.

Аз ин чиҳат бар ман ханда ғолиб шуд. Гуфтам:

— Дар ҳайрати як соатам.

Гуфт:

— Аввал ба ман қаламдону коғазе биёр, коре дорам, баъдаҳу ту донӣ.

Қоғазу қаламдон овардам. Қалам бар даст гирифт, чизе навишт, сарбамӯҳр карда, ба дасти ман дод ва гуфт:

— Ба дӯкони чавоҳирфурӯшон бурда, бар дасти рост аз се дӯкон бигзар, ба дӯкони чаҳорум марде маҳосинсафеди болокади нуронӣ нишаста, бар дасти ӯ бидех. Ҳар чи бо ту бидиҳад, гирифта биёр.

Алқисса, коғазро гирифта бурдам, бар дасти ӯ супурдам. Мӯҳри ӯро дида, чониби ман таъзим ба чой овард, сандуқи хурде бар дасти ман дод. Ба меҳнати бисьёре ба хизмати ӯ овардам. Калиде аз чайби худ берун овард, куфли сандуқчаро бикшод, пур аз чавоҳири қиматӣ буд. Порае бар ман дод ва гуфт:

— Аввал рафта ҳаволие бихар ба ҳар қимате, ки бошад, аз

[1] *Адвия* — давохо, дорухо.

вақҳи дуньё сарфа насозй. Дигар ғуломону канизон гирифта, ҳар канизеро ба ғуломе дода ба хона биншонй. Баъд аз он маро бурда бар он ҳаволй нишонй, дигар ту донй.

То ҳафта маҷмӯъро саранҷом кардам. Палосҳои некӯ ба ҳар хона афкандам, маликаро оварда ба хонае нишондам. Ӯ гуфт:

— Акнун ба хонаи чуҳуд рав.

Паҳлуи дӯкони ӯ рафтам, боз бар ман таваччуҳ кард, гуфтам: «Хуб».

Ғуломеро ишорат кард, дар соат ду таковар ҳозир овард. Ҳар ду савор шудем, то ба кӯши ӯ рафтем. Ҳавлие дидам, бисьёр некӯ, ғуломони заринкамару аспони тозинажод. Аз ин ваҳ хайрон шудам, ба дил гуфтам: «Маро ҳам лозим аст, ки ӯро ба хонаи худ барам, дар хонаи ман хандаҳо хоҳад кардан.

Байт:

Хонаи дил шуд хароб аз гирья карданҳои чашм,
Оламе аз рафтани селоб вайрон мешавад.

Алқисса, ба хона даромадам, палосҳои некӯ ва нозболинҳои хуб ниҳода. Биншастам. Муғанниё чанд ҳозир омад, хама мохрӯи зӯҳрачабин. Чоми шароб дар гардиш даровардaнд. Чанд чоми шароб нӯшидем, сарҳо аз бодаи ноб гарм гардид. Муғанниён дар нағмасарой муқайяд шуданд. Олами асбоби бехабарй дар миён омад. Гоҳо ки чашм кушодам, шароб дар гулӯ, лаби сокй ба ком дидам. Ба ин аҳвол фурӯ рафтам, гумонам, ки шабу рӯзе гузашта бошад. Субҳе аз гузаштани умр пурсидам, гуфтанд, чиҳил рӯз шудааст. Беихтиёр аз ҷой бархостам, роҳи хона дар пеш гирифтам. Вакте даромадам, ки малика бисьёр мағмум[1] нишаста. Забон ба таънам кушуд, гуфт:

— Эй булҳавас, ба саҳл ваҳе дил аз ман бардоштй, муқайяди дигаре шудй! Хорро бо гул, андалебро бо зоғ, бодаро ба аёр, дудро бо чароғ баробар доштй!

Байт!

Мард бояд ки баду нек зи ҳам бишносад,
Варна дар зери фалак нокасу кас бисьёр аст.

Дидам, ки бисьёр коҳид, сар дар кадамаш ниҳодам, узри он хостам, гуфтам:

— Эй писандидаи дилу дида, қурбонат шавам, агарчи дида бо дигарон аст, дил дар қайди зулфи пурчини туст.

Байт:

---

[1] *Мағмум* — ғамнок.

Ба сахро лола, дар маҳфил чароғам,
Ба ҳар сурат, ки ҳастам, бо ту доғам.

То он вақт умрам дар олами бехабарӣ гузашт, маъзур дор. Ба меҳнате аз дили ӯ баровардам. Баъд аз он дуриро талаб накардам.

Байт:

Афтодаам ба дасти буте, к-аз ғурури ҳуси,
На мекунад ҳалок, на сар медиҳад маро.

Ва чанд рӯзе аз ин миён гузашт. Рӯзе он санами зеботалъати саропо назокат ба сӯям назар кард, гуфт:

— Эй ҷавон, он чуҳуде, ки чиҳил рӯз ба хонаи ӯ меҳмон будӣ, ба кӯши худ таклиф намесозӣ? Хуб аст ки ту ҳам зиёфате созӣ.

Гуфтам:

— Эй маҳбубаи дилу дида, хонаи ӯро бисьёр некӯ дидам, аз омадани ӯ маро шарм меояд.

Гуфт:

— Ин хаёлро ба хотир роҳ мадеҳ. Ӯро гирифта биёр, асбоби зиёфат ман мухаё созам.

Ба иҷозати он сарви суман лаздики чуҳуд рафтам, ба хона таклиф кардам. Гуфт:

— Бегоҳ хоҳам рафт.

Ҳар ду бо ҳам нишастем. Намози дигар ғуломе ду таковар ҳозир кард, якеро ман савор шудам, дигареро рафиқи ман, ба ҷониби кӯш мерафтем, ки ба дарборе расидем. Мардумон бисьёр буданд, аммо кариби ҳаволии ман буд. Мехостам, ки гузарам, ғулом гуфт:

— Фуруд ой, ки ҳамин манзили фирдавсоин аз они туст.

Фуруд омадам. Ҳама ба сӯям давиданд, эъзозам ба ҷой оварданд, роҳ сар карданд. Аз ин воқиа мутаҳайир будам. Ба хона даромадам, ки палосҳои некӯе афканда, канизони мутааддид[1] ба хизмат истода. Ҳамроҳи рафиқ нишастам. Шароби ноб дар гардиш даровардaнд, нағамоти рангин месуруданд. Ушшокро навое беҳ аз он набошад. Аз садои захмаи тори танбӯри ҳазин дили ростиҳодон дар пардаи беқарорӣ чанги чун мижгони бутони фитнаангез дар синаи бедилон ҷо карда, ба нағма конуне ёфта. Булбулони ширингуфтор худро расонида, шаҳди ноб ба коми озодагон чаконида. Даф чун ғуломони ҳалқабагӯш мустаиди хизмат истода.

Байт:

[1] *Мутааддид* — фаровон, бисьёр.

Аз даф чун садо кай тавон гашт дур,
Бувад хизмати пўстпўшон зарур.

Чунон базми ороста дидам, ки парй рашк бурдй.
Байт:

Он ки худой давлате хохад дод,
Ногоҳ зи санги хора берун ояд.

Ҳар ду дар бистари зар карор гирифтем. Он шаб бад-он сифат бигзашт. Субҳ сар аз хоб бардоштам, асаре аз мардумон надидам. Ҳарчанд фарьёд кардам, овозе нашнидам. Аз ҷой барҳостам, назар кардам, рафикро дидам сарашро бурида бар синаи ў мондаанд. Палосҳо ва он чи асбоби хонаро бурдаанд. Ба сўи малика давидам, асаре надидам. Ҳар касе, ки буд, не ки аз ў воқиаро суол кунам. Аз ҳаволй берун омадам, саворонро дидам, ки меомаданд. Аз аспон фуруд омаданд, таъзимкунон ба хизматам расиданд, гуфтанд:

— Муборакат бод, ки бонуи парданишини харами мўҳтарамро ба нисбати ту карданд. Офтоб аз гиребонат сар баровард, моҳи чаҳордаҳ дар оғўшат ҷо гирифт. Ғамат ба шодмонй, дилат бо ободй мубаддал шуд.

Байт:

Еди рухсори туро дар дил нихон дорем мо,
Дар дили дўзах биҳишти ҷовидон дорем мо.

Либосам дар бар карданд, тоҷам бар сар карданд. Бар таковар рокиб гаштам. Бо эъзози тамому эҳтироми билокалом ба дарбори подшоҳй ҳозир оварданд. Мурури мардумон зиёда гардид. Аз он ҷо ба хизмати шоҳ бурданд, ки бар тахт нишаста. Маро дид, дар оғўш кашид, навозиши бисьёр кард, гуфт:

— Акнун ту фарзанди ман хохй буд. Духтари худро ба ту бахшидам, ки ў улҷаи ту будааст.

Дар паҳлуи худ нишонид, вазиронро гуфт:

— Асбоби тўй муҳайё созед, шаҳрро ойин бандед, ҳар кас пайи маишати худ гирад.

Дар ин ҳангом мардумон ба хизмати шоҳ расиданд, забон ба дуо кушоданд, гуфтанд:

— Эй малик, бидон ки аз вилояти Зангбор элчй омадааст, мегўяд, ки ҳамин соат шоҳро курниш карда руҷъат менамоям, ки фармудаи малики ман чунин аст.

Ночор элчиро талаб карданд, таъзими шоҳро ба такдим расонида, ҳадьяе, ки дошт гузаронид ва баъд аз он номаеро ба

дасти шоҳ супурд. Мӯҳр аз сари нома бардоштанд, диданд, ки навиштааст: «Аз наздики ман, ки малики Зангборам, ба наздӣ ту бод, эй Сулаймоншоҳ! Бидон, ки туро духтари некахтаре чун мохи шаби чахордаҳ дар зери парда будааст. Маро фарзандест ба чон баробар, балки аз чон бехтару хубтар, ғоибона тавсифӣ ӯро шунида, тири ишқи он ноэпарвард дар синаи фарзандам ба корӣ ҷо гирифта, рӯзу шаб бекарорӣ дорад. Аз он чи дуньёӣ ки фиристодаам, гирифта ба зудӣ он ҷамиларо фиристонӣ, вагарна мулки туро ба хоки тира яксон хоҳам кард, он духтарро ба асирӣ ба даст хоҳам даровард. Бокӣ нома тамом, вассалом». Ҳама аз ин сухан дар ҳайрат шуданд. Шоҳ аз умарои худ кингош талаб кард, гуфтанд:

— Хайрият дар он аст, ки духтари худ бидиҳӣ, ин ҷавонро ба дуньёву инъом сарфароз намой.

Қабули ин маънӣ намуда, дар фикри фиристодан шуд, маро узрхоҳӣ кард.

Байт:

Фалак ду ёри мувофиқ ба ҳам рафиқ накард,
Фиғон эй качравихои чархи качрафтор.

Баъд аз се рӯз ороми дили маро дар маофаи зарнигор нишониданд ва ба сӯи Зангбор фиристоданд. Қасе аз холи ман напурсид, маро ба ёд наёвард. Фаромӯшии рӯзгору бераҳмии мардумро мулоҳиза кардам, фиғон аз дил баромад. Чун дуди оҳ ба худ печидам, аз қаср берун давидам, дидам, ки маликаро дар маофа нишонида, мехоханд, ки роҳӣ шаванд. Гирьён, ашк аз дида резон ба канорае истодам. Зангие маро дид, гуфт:

— Эй ҷавон, вилояти Зангбор ҳамрохи ин лашкар меравӣ, ки туро ба шоҳзодаи худ маҳрам бисозам?

Гуфтам:

— Бале.

Маро таковаре бахшид, ҳамрохи кофила мерафтам, гохо дар бегоҳ кариби маофа меомадам, овози гирьяи маликаро мешунидам, ман ҳам мегиристам.

Байт:

Кард ба чону дилам аз турраи чонона чудо,
Дасти машшота илоҳӣ шавад аз шона чудо.
Барқ дар чони ҳаводории фонус афтад,
То ба кай шамъ чудо сӯзаду парвона чудо.

Ба ин тарика роҳ тай намуда, ба вилояти Зангбор расиданд. Аз дарвоза дохил шуданд, ҳар кас паи коре гирифт. Маликаро дохили касри шоҳӣ карданд. Ман худро аз асп бар замин гириф-

там, ба зери қасри малика ҳаволие дидам, омада ҳалқа бар дар задам. Пиразоле берун омад, пурсид:

— Чӣ касӣ?

Гуфтам:

— Мусофирам, мехоҳам маро паноҳе диҳӣ.

Ба хонаи худ даровард, гуфт:

— Эй ҷавон, имшаб аҳди шоҳзода аст, мехоҳам он ҷо равам. Маро духтарест, ки ғайр аз ӯ фарзанде надорам, ту имшаб рафиқи ӯ бош, ки туро низ фарзанд гуфтаам.

Азбаски оташи билониҳоя бар дилам чӯш мезад, гуфтам:

— Эй модар маро ҳам бо худ бубар. Орзуе дорам, ки сӯҳбатро бубинам.

Ӯ гуфт:

— Ту девонаӣ?! Ӯро қасри шоҳӣ мегӯянд, посбонону дарбонон дорад, касеро бе иҷозат намегузоранд. Туро чӣ гуна мебурда бошам?

Ман зориву гирья мекардам, билохир гуфтам:

— Эй модар, бо ту ҷавоҳире бидиҳам,— гуфта, аз бағал мушти ҷавоҳир баровардам, дар пеши ӯ ниҳодам. Чеҳрааш бикшуд, ханда кард, гуфт:

— Эй фарзанд, либоси духтари маро дар бар гир, чодари ӯро дар сар афкан, ҳамроҳ роҳӣ шав. Ба ҳар сурат туро гирифта меравам. Бидон, ки ман шоҳзодаро шир додаам, модари ризоии ӯ мешавам. Касеро орое нест, ки маро манъ созад.

Ҳамон замон маро пеши худ нишонид, ориятe карда, каллапӯш бар сарам ниҳода, рӯймоле аз болои ӯ устувор карда, синабанде баста ва нимтана пӯшонида, чодаре бар сарам, никобе бар рӯям кашида, роҳӣ шуд.

Байт:

Ба дунёё[1] тавон охират ёфтан,
Ба зар панҷаи шери нар тофтан...
Ба дунёё тавонӣ, ки ақбо[2] харӣ,
Бихар чони ман, варна ҳасрат барӣ.

Алкисса, ҳамроҳи он пиразан дар он қаср баромадам. Ҳар кас суол мекард, мегуфт: «Ин духтари ман умрҳо буд, ки орзуи омадан дошт, ман ӯро манъ мекардам, имшаб шаби мурод буд, гуфтам ӯ низ бо муроди худ бирасад. Аз ин вақт овардам».

Порае аз канизон маро дар оғӯш кашида, бӯса мекарданд, рӯямро медиданд, таъриф хуснам мекарданд, мегуфтанд:

---

[1] *Дунёё* — молу пул гуфтан аст.
[2] *Ақбо* — охират.

— Эй модар, духтари мохрӯе доштай.

Бад-ин ҳол дохили ҳарам шудам. Ҳар кас пан коре гирифта буданд. Ман мегаштам, то ёфтам, ки маликаро ба кадом хона нишонидаанд. Ҳамроҳи порае дар он хона даромадам, малика болои тахт нишаста, чодар бар рӯй кашида, сар ба зону фурӯ рафта, канизон атрофро гирифта. Оҳи пурдард аз дил баркашидам. Бехушӣ бар дилам зӯр овард, ба машаққат худро нигоҳ доштам.

Назм:

Дил фишурд, аммо нишони доғи ӯ дар сина монд,
Зар ба ғорат рафт, нақши сикка дар ганчина монд.
Нури шамъ аз ҳасрати рӯяш ба куштан ҳам нарафт,
Равшанӣ дар пардаи фонус чун ойина монд.

Ба ҳар ҷонб назар кардам, ки шояд мақоме ёбам. Дар пойгаҳи хона манзаре дидам, худро ба меҳнати бисьёр болои манзар гирифтам. Дар он ҷо беихтиёр мебудам, то он вақт ки овози ғавғо баромад, канизе баромад, ки аз хона берун оед, ки шоҳзода меёяд, ҳамаро берун меовард. Баъд аз замоне домодро ба хона даровардаанд, дидам ки зангии сиёҳчехрае буд, ки аз диданӣ ӯ раъша дар андоми одамӣ афтодӣ. Гӯё девнажодест, ки сурати одамӣ дорад. Чунон маст буд, ки ба ҳар тараф майли афтодан мекард. Ӯро бар тахт дар паҳлуи малика баровардаанд. Канизонро фармуд, ки аз хона берун оед, ҳеҷ кас дар ин наздикӣ набошад. Ҳама аз хона берун омаданд, аз ҷой бархост дарро мазбут карда, паҳлуи малика баромада нишаст, даст дар гардани ӯ карда мехост, ки ниқоб аз пеши рӯяш дур кунад, малика нагзошт, бар рӯй кашид ва гуфт:

— Эй бадгуҳар, аз ман дур бош!

Аз ин кирдор дарҳам печид ва гуфт:

— Басе хубон дар орзуи сӯҳбати мананд, муяссар намешавад, ту маро бадгуҳар мегӯй! Ҷазои ту дигар аст гуфта, ба унф[1] пеш кашид. Малика даст бар синаи ӯ зада аз худ дур кард. Дигар тоқаташ намонд, силие ба рӯи малика кашид, ки мисли кабӯтар муаллақ зада аз болои тахт афтод. Фарьёд аз дил баркашид, ки «эй Косим, кучой, ки маро бо ин ҳол бубинӣ!» Нами тоқат намонд, худро аз болои манзар бар замин гирифтам, ҳанчар аз миён кашида бар синаи зангӣ задам, ки аз пушташ баромад. Сараш аз тан ҷудо карда, бар синааш ниҳода, дасти маликаро гирифтам, гуфтам:

— Аз ҷой бархез.

---

[1] *Унф* — дурушти, сахтӣ.

Бархост, маро дид, дар ҳайрат шуд гуфт:

— Кучо будй?

Гуфтам:

— Чи кор дорй?!

Ҳамон соат ба гилем печидам, дар пушти худ гирифтам, аз хона берун омадам. Дидам ҳар кас ба саргардонии худ гирифторанд, аз ҳаср фуруд омадам ба хонаи пиразан дохил шуда, гилемро аз пушти худ бар замин ниҳодам, он мохро берун овардам. Гуфт:

— Эй Ҳосим, маро хоханд ёфт. Чи фикр дар хотир дорй?

Гуфтам:

— Ҳар чи рӯй дихад, ҳар ду тан ба тақдир биспурдем.

Дар болохона баровардам. Имшаб даргузашт. Чун рӯз шуда буд, ҳар кадом аз канизон бар дар омада, ёрое надоштанд, ки дароянд. Баъд аз таъхири бисьёр даромадаанд, шоҳзодаи ҳудро кушта дида, аз духтар асаре наёфтаанд. Шӯре бархоста, билохир ба шохи худ ин воқиаҳоро гуфтаанд. Аз роҳи парешонй гиребон бар тан дарида, ҳукм кардааст, ки ба роҳҳо кас монед, ба тамомй хонаҳои шаҳрро ковонд, то наёбанд нагузоранд. Вакте буд, ки пиразан рӯю мӯй канда пеши ман омад ва гуфт:

— Эй мукаддар, донистам, ки ин кори туст, аз хонаи ман хоханд ёфт, на туро амон диханд, на маро. Ҳоло ки вакт аст, туро бар дасти мардумон месупорам, худ амон меёбам!

Гирьяву зорй оғоз кардам, суд надошт. Дилашро ба дунье моил дидам, мушти ҷавоҳире пешаш ниҳодам.

Назм:

Бе зар сухане кунад агар сехр,
Сехри суханаш асар надорад.
Гар хочии сад хазор Каъбаст,
Каъб[1] аст касе, ки зар надорад.

Шукуфтагие бар чехрааш мулоҳиза кардам. Гуфт:

— Коре шуда, акнун надомат фоида надорад. Хуб аст, ки ман бар дар посбонй кунам, ки касе ба хонаи ман наёяд.

Рӯи хунолуд бар дар гирьёну бирьён буни дар биншаст. Ҳар кас ӯро медид, афсӯс мекард, ки ба ин пири афтода бисьёр мушкил шудааст.

Биё, ки бе ту дилам чанг бар фалак дорад,
Ба нолае, ки фано кардани малак дорад.
Фиреби синаи пурдоғи булҳавас нахӯрй,
Ки чун китоби ҳалат нуқтаҳои шак дорад.

---

[1] *Каъб* — номи шахсе, ки ба гадой машхур будааст.

Дар ин сарофат[1] мебуд, то он ки тамомии хонаҳои шаҳрро кофтанд, асаре наёфтанд. Навбат ба хонаи пиразан расид, мехостанд дароянд, ба ҳар кадом дарафтод, «ки болои сӯхтаи ман намак мепошед, боз хонаи маро мекобед! Ҳеҷ кас фарзанди худро, ки сабаби зиндагонии ӯ бошад, мекуштааст?!» Ба навъе ҷазаъву фазаъ пеш гирифт, ки ҳамаро раҳм омад, ночор баргаштанд, аз такопӯи хонаи ӯ гузаштанд. Шодмон аз дар даромад, ба эшон муждагонӣ дод.

Шукри рӯзгор ба ҷо овардем, чанд рӯз дар он ҷо будем, то он ки ғавғои мардумон фурӯ нишаст, он вакт гуфт:

— Эй Косим, биё худро ба мулки дигар кашем, ба факру фока умр ба сар барем, ба висоли ҳам хуш бошем.

Байт:

Манам, ки шӯхраи шаҳрам ба ишқ варзидан,
Манам, ки дида наёлудаам ба бад дидан.
Ҷафо кунем, маломат кашем, хуш бошем,
Ки дар шариати мо куфр аст ранҷидан.
Ба ҳар майкада гуфтам, ки чист рохи начот?
Бихост ҷоме маю гуфт тоз пӯшидан.

Суханҳои ӯро ба ҷон кабул кардам. Вактро ғанимат дониста, ду аспи тозинажоде гирифтам ва либоси мардӣ муҳайё кардам, силоҳ низ ба даст овардам. Худҳоро ба як сурат ороста, саллае бар сари ӯ печида, дар камар шамшер устувор карда, обу озука бар таковарон бор карда, шоме худҳоро аз дарвозаи шаҳр берун гирифта, биёбон мебуридем. Дар роҳ аз он ҷони ҷаҳон пурсидам:

Байт:

Эй бонси зиндагонии ман,
Умри ману шодмонии ман,
Дарди ту мусохибам шабу рӯз,
Андӯхи ту ёри ҷонии ман.

Баргӯй, ки сабаби захм хӯрдани ту ва бар пушта бурдану куштани ҷуҳуд ва эъзоз кардани маро падарат чӣ буд, ки аз ин вачҳ ғуборе бар дилам истода.

Гуфт:

— Эй ҷавон, бидон ки ман духтари малик Сулаймонам, чунон ки маълуми ту гардид. Бар даруни ҳарам бо ҷамъи канизони худ мебудам. Ҷуҳуде ки ӯро кушта буданд, ғуломи хоназдоди падарам буд. Ӯро падарам ба ҷуҳуди ҳакиме шогирд дод. Ӯ илми ҳикмат омӯхта, чунончи китоби «Таврот», ки тамом аз илми ҳик-

[1] *Сарофат* — фикр.

мат сухан карда, ӯ аз ҳикмат баҳраи тамом дошт. Аз ин вачҳ ман ӯро ба дӯкони атторӣ нишонидам, ки тамоми адвияро гирифта тайёр созад. Он ҳама давлат, ки дидӣ, ба воситаи ман ба ӯ рӯй дода ва ӯ дар ҳарами муҳтарами ман буд. Падар дар хизмати ман амр намуд. Ман амр кардам, ки рӯзе як шиша шароби ноб аз барои ман биёр, ки нӯшида, сар аз бодаи ноб гарм карда, нишоъро ба дарачаи олӣ расонида, машғули тамом гардида, умрро ба беғамӣ ба сар барам.

Байт:

Бе бода мабош, то тавонӣ,-як дам,
Аз бода шавад аклу дилу дин маҳкам.
Иблис агар бода бихӯрдӣ як дам
Карди ду хазор сачда пеши Одам.

Рӯзе ки шишаи шароб меовард, аз бодаи ноб сарам гарм гардид. Ман танҳо нишаста будам, шаробро пешам гузошт, забон ба тазаррӯъ кушода, гуфт: «Эй маликаи хубон, аз сарат гардам, чи мешавад, ки маро аз васли худ комьёб гардонӣ. Умре шуд, ки ба ҳавои ту месӯзам, аз оташи ишқи ту дар изтиробам, то кай рози худ пинҳон дорам, туро аз ҳоли ман хабар нест. Ба ошкору ниҳон бо ман назаре кун, агар туро гӯшаи хотире бошад, давлати васл муяссар аст, ваилло имкон надорад. Худ оқилӣ, беҳтар медонӣ»,— гуфта, дасти маро гирифта, мехост кубла[1] созад. Ваҳшат карда, дасти худро аз чанги ӯ чудо кардам. Азбаски таъбам кохид, қасам ёд кардам, ки туро ба падарам гуфта, пора-пора месозам. Аз ин вачҳ камари кини ман бар миён баста, ҳамроҳи ду рафики худ омада, чанд захми кордро дар аъзои ман зада, мурда муқаррар карда, ба пуштаи гӯристон дар он шаби тор бурда, даруни саґона партофта буданд. Худои таоло туро бо ман расонид, аз маҳлака начот додӣ, миннат бар ман ниходӣ. Акнун канизи туям, ҳар чо, ки хоҳӣ, ҳар навъ, ки бошӣ. Баъд аз он ки ба он чуҳудбача мусоҳиб шудӣ, ӯро ба хонаи худ таклиф кардӣ, ман бо падарам кас фиристодам, ӯро пеши худ хондам, қиссаи худ намудам. Маро ба ту бахшид, хонаи маро аз барои меҳмони ту биёрост. Чун меҳмон овардӣ, диданд, ки ҳамон ғулом буд, аз ин вачҳ ӯро бикуштанд ва туро падарам талаб кард, мехост, ки маро ба ту бидиҳад, ки зангӣ кас фиристод. Падарам илочи худ наёфт, ба ӯ дод. Чун ҳак ба чониби ту буд, боз насиби ту гардидам. Акнун қадам дар роҳ ниҳода, ба манзиле расида, макон гирифтем, ороми дили бекарори якдигар бошем.

Ба ин сифат таковар меронДем, то ба чое расидем, аз асп фу-

[1] *Кубла* — бӯса.

руд омада, аспро бо ман дода, худи ӯ ақиби санге рафта, мехост таҳорат шиканад, овози фарьёди ӯ ба гӯшам бирасид, ки «эй махрум маро гир, ки аз по афтодам». Вақте расидам, ки ӯро море захм зада, мехоҳад, ки бар шикофи санге дарояд. Давида расидам, пеши малика омадам, ки бетоби дорад. Ҳарчанд бетоқатӣ кардам фоида надошт, оқибат чон ба чонофарин супурд. Фиғон аз дил кашидам, гиребон бар тан даридам, аспонро ба чониби биёбон раҳо кардам, сари худ ба санг задам, хун чун Чайҳун равон гардид, парвои ин надоштам. Асари он — хати сабзи бар пешонии ман монда аст. Ин ҳамон доғ аст, ки дида, дубора тоза кардӣ. То марг аз дили ман берун нахоҳад гардид, балки баъд аз вафотам низ боқист.

Байт:

Хок гардидем, мераксад ҳанӯз афғони мо,
Хум шикаст, аммо намерезад майи чӯшони мо.
Тӯҳмати ишқ аз шаҳидони ҳавас дур аст, дур,
Розиши хун рафтани ранг аст дар майдони мо.

Султон Санчар ӯро навозиши бисьёр карда, насиҳаташ дод ва гуфт:

— Аз ин либос берун ой, ҳар чи дили ту хоҳад, бидиҳам, ба ҳар сурат хоҳӣ, тасарруф дар моли ман созӣ.

Гуфт:

— Акнун ҳақиқати дуньё ба ин макшуф[1] шудааст, ки сарое беш нест. Дил аз ин дори фонӣ бардоштаам ва аз расму равиши рӯзгор гузоштаам, нӯши ӯро бе неш надидаам, роҳати ӯро соате беш нафаҳмидаам. Мардоне, ки дафтари айёмро мутолиа кардаанд ва гардиши давронро мулоҳиза намудаанд, гирди ӯ нагардидаанд...— гуфта хуе аз дил баркашида, аз хизмати султон берун омад, дубора ба назараш надаромад.

---

[1] *Макшуф* — кушода, кашф.

ҲИКОЯТИ ШОҲЗОДАИ ФОРС, КИ ОХИР ЎРО КАЛИ БОҒБОН НОМ НИҲОДАНД

Аммо ровиёни ахбору ноқилони осору ширинсуханони рўзгор чунин овардаанд, ки дар рўзгори мозй[1] подшоҳе буд дар мулки Форс, овозаи адлу доди ў дар ҷаҳон рафта буд. Номи он подшоҳ Азизулмулк буд ва ўро писаре буд, номи ў Маҷидулмулк, баҳоят сохибҷамол буд, чунон ки дар он ахд Юсуфи сонй буд. Ҳаргиз ў бе никоб аз хона бурун намеомад. Ҳар ки ўро бидидй, аз зану марду пиру ҷавон, ҷумла ҳайрони хусну ҷамоли ў шудандй. Ва ҳар ҳунаре, ки подшоҳонро ба кор ояд, аз хату саводу улуму нуҷуму нард бохтану шатранҷу тир андохтану илми мусиқй ва чавгон бохтану гўйбозиву майдондорй, чунон ки дар ахди худ назир надошт. Ҳар гоҳ ки оҳанге соз кардй ва суруде оғоз ниходй, Зўҳра аз фалаки сеюм нузул кардй, гўш бар чангу овози ў ниходй ва

[1] *Мозй* — гузашта.

хар созе, ки устодони олам тасниф кардаанд, чун чангу барбату уду анкову муғаннию камончаву конуну танбўру арғунун, бадинҳо бибояд тавонисти задан ва овозе дошт, ки дар кулли олам ба хушии овози ў каси дигар набуд ва бар чаронмардй то бағояте буд, ки Хотами Тойро дар назди ў бахил хондандй ва шабу рўз ба айшу ишрат машғул будй.

Рўзе аз рўзхо ин шохзода азми шикор кард. Чун аз дарвозаи шахр бурун рафт, ду чавонеро дид, ки бо хам сухан мекарданд. Шохзодаро чашм бад-он ду чавон афтод, соате таваккуф кард ва гўш бар сухани эшон ниҳод, шунид, ки яке аз он чавонон мегуфт, ки:

— Бор худоё, чунин сурате бар олам офаридай ва дигар харгиз бо ин хусну малоҳату хубию таровату хунару шучоату чавонмардию саховат ёре дар олам касе нишон надорад.

Он дигар гуфт, ки:

— Хамчуфти ин чавон хеч кас нашояд, илло Фахруннисо, духтари подшохи Яман.

Шохзода чун ин сухан бишнид, рўй ба ходим кард, гуфт:

— Рафта ин хар ду чавонро ба меҳмонхона фуруд овар, таому дилдорй бинмо то омадани ман аз шикор.

Ходим дархол эшонро ба меҳмонхона овард, то се рўз эшонро дилдорй кард, то шохзода аз шикор бозомад ва гуфт:

— Он хар ду чавонро, ки ба ту супурда будам, биёвар.

Дархол ходим бирафт ва он ду чавонро ба хизмати шохзода гирифта овард. Шохзода ишорат кард, то хонсолорон таом оварданд ва назди ду чавон монданд ва таомро хўрданд ва дастхоро бишустанд. Шохзода рўй бад-эшон кард ва гуфт:

— Эй чавонони покиза, аз кадом мамлакатед за чй гуна ин чо афтодед ва он рўз, ки ман ба шикор мерафтам, шумо ба ман нигох мекардед ва чизе мегуфтед. Дар бораи ман чи чиз мегуфтед?

Он чавонон замини хидмат бибўсиданд ва гуфтанд:

— Эй худованд, мо аз шахри Яманем, ба воситаи тичорат бад-ин чо афтодаем ва он рўз, ки шохзода ба шикор мерафтанд, чизе, ки нукси шумо бошад, бар забони мо нагузашт, илло он ки гуфтем: «Худой сурате чунин биёфарид, ки дар кулли олам хеч кас хамчуфти ў назебад ва набошад». Ва он чавони дигар гуфт: «Магар духтари шохи Яман Фахруннисо, ки дар он билод хамсифату назиру монанд надорад бо хусну чамолу хунару илму камол».

Шохзода гуфт:

— Шумо ўро дидаед ё сифати ў шунидаед?

Ҷавонон гуфтанд:

— Эй шоҳзода, киро захраву ёрой он бошад, ки бад-он ҷо бирасад!

Шоҳзода чун ин сухан бишнид, мурғи ҳавои духтар дар дилаш ошьёна кард ва оташи ишқи духтар шӯъла баровард. Дарсоат бифармуд, то маҷлиси базм биёростанд ва сокиёни симинсоқу бодаҳои равоқ бо овози пуртумтароқ ба гардиш дароварданд. Шоҳзода ҷавононро шароб дод. Ҷавонон заминбӯсӣ карданд ва шароб меҳӯрданд. Чун давре чанд бигзашт, шоҳзода барбат бар канор ниҳод ва суруде оғоз кард ва гуфт:

Байт:

Нишастам дар ғамат ҷоно, гирифтам кунҷи майхона,
Шикастам тавбаву такво, маям дардеҳ ба паймона.
Маҳӯр бори ғами дунёё, ба зуҳд андар макун даъво,
Ки тоатҳои бемаъниӣ ҳама бодасту афсона.
Бинеҳ аз даст саҷҷода, зи ман бистон яке бода,
Агар мардиву озода, даро дар раҳ ба мардона.
Манам дил дар ҳудо баста, бутеро мубтало ғашта,
Ба ишкаш ошно ғашта, ҷудо аз хешу бегона.

Чун шоҳзода ин ғазалро тамом кард, ғирев аз мардуми аҳли маҷлис баромад ва таърифҳо карданд. Баъд аз он шоҳзода бифармуд, то ду даста хилъати гаронмоя биёварданд ва дар пеши он ҷавонон бинҳоданд. Ҷавонон бархостанд ва замини хидмат бибӯсиданд ва хилъатро бипӯшиданд ва ҳамчунон шароб меҳӯрданд.

Шоҳзода, чун сархуш шуданд, чангро баргирифт ва дар канор ниҳод ва дар навохтан даровард ва ин ғазалро меҳонд:

Буто, сарво, ба чашми ман чуноӣ,
Ки некӯтар зи моҳи осмоӣ.
Сифотат чун шунидам, ҷон бидодам,
Диламро гар накӯ доӣ, ту доӣ.
Ман аз ту рӯй баргаштан надорам,
Ту гар хоҳӣ ки баргардӣ, ту доӣ,
Ҳиёлат ранҷа гардад гаҳ-гаҳ охир,
Ки то ҷонам биёбад шодмоӣ.

Чун шоҳзода ин ғазалро тамом кард, рӯй ба он ҷавонон кард ва гуфт:

— Шумоён аз шаҳру вилояти худ хабар диҳед.

Ҷавонон хидмат карданд ва дуову санои шоҳзода ба ҷо оварданд ва гуфтанд:

— Эй худованд, омадани мо бад-ин ҷониб сабаби мушоҳидаи ҷамоли бокамоли шумо буд.

Шоҳзода чун ин суханон бишнид, бекарор шуд. Чун даврe чанд шароб хўрданд, оташи ишқи шоҳзода зиёда гашт, наздик буд, ки ҷомаҳои худро пора кунад. Пас шоҳзода ишорат ба меҳмондор кард, то он ҷавононро ба меҳмонхона бурданд. Худ танҳо дар хонаи торик рафт ва ин ғазалро оғози хондан кард, ки:

Ишқ пайдо гашт, пинҳон чун кунам,
Кор шуд душвор, осон чун кунам?
Дилбаро нодида ҷони ман бирафт,
Зиндагонӣ бе дилу ҷон чун кунам?
Пой дар гил дорам аз ишкат, ду даст
Ҳаст зери санги ҳичрон, чун кунам?
Ҳар касе гўяд маро ишратгузин,
Ман дигар ишрат бад-ин сон чун кунам?

Чун шоҳзода ин ғазалро тамом кард, буньёди гирьяву зорӣ ниҳод ва зор-зор мегирист ва ҷомаҳо пора-пора мекард ва ҳеҷ одамро дар наздики худ намегузошт. Аҳволи шоҳзода рўз ба рўз бадтар мешуд ва ҳамнишинони шоҳзода пеши падараш рафтанд ва ҳикояти шоҳзодаро арз карданд. Шоҳ чун ҳикояти писар шунид, саросема аз ҷои худ бархост ва ба назди писар омад. Писарашро дид, ки сар ба зонуи андўҳ ниҳода ва об аз дидагони худ меборид. Шоҳ ҳарчанд сухан кард, ҳеҷ ҷавоб нашнид. Фарьёд аз ниҳоди падараш баромад ва гуфт:

— Эй ҷони падар, туро чи шудааст?! Аҳволи худро бо ман бигўй, то ман бидонам ва фикри кори ту бикунам.

Ҳарчанд падараш гуфт, шоҳзода ҷавобаш надод. Шоҳ гирьёну зорикунон аз пеши писар рафт ва надимону амирон ва ҳамнишинони шоҳзода ба наздики ў рафтанд ва ҳарчанд ҳикоят карданд, ҷавоб нашуниданд. Пас эшон низ гирьякунон аз пеши шоҳзода биёмаданд ва подшоҳ вазирону надимону амиронро талабид ва гуфт:

— Эй дўстон, фикри кулли дар бораи Маҷидулмулк фармоед, ки ман тоқат надорам ки ўро бад-ин тавр бубинам ва чандин кас ба воситаи ў аз хобу хўр бозмондаанд ва модараш наздик аст, ки худро ҳалок гардонад.

Вазир хидмат кард ва фармуд, ки то файласуфе биёварданд аз илми нуҷум медонист ва устод буд ва ҳикояти шоҳзодаро бо ў гуфтанд. Файласуф чун толеи шоҳзодаро дид, соате дар худ фурў рафт. Баъд аз соате сар бардошт ва гуфт:

— Бидонед ва огаҳ бошед, ки шоҳзода ошиқ шудааст ва парипайкаре дида, дил аз даст дода. Мебояд рафтан ва дилхушӣ мебояд додан ва бигўянд: «Ҳарчи хотири отири шумо мехоҳад, ҳамон навъ бикунем ва як сари мўй аз гуфтаи шумо сар напечем

ва мақсуди туро ба ҳар тариқе, ки бошад ба даст орем», бошад ки рози худро ошкор созад. Баъд аз он ки шоҳзода ҳоли худро ошкор созад, кори ӯро ба итмом расонидан осон бошад.

Чун ин сухан аз файласуф бишнид, шоҳро бисьёр хуш омад ва ӯро дилдорӣ кард ва гуфт:

— Туро мебояд ки биравӣ ва аҳволи шоҳзодаро маълум кунӣ.

Файласуф ангушти хидмат бар чашм ниҳод ва бархост ва ба хизмати шоҳзода омад ва аз ҳар боб ҳикояте гуфт. Шоҳзодаро аз хонаи торик берун овард ва ӯро ба ҳаммом бурд ва ғусл кунонид ва ҷомаҳои гаронмоя ба шоҳзода пӯшонид ва қарор кард бо подшоҳзода, ки ҳар чи салоҳи ӯ бошад аз он сир надиҳӣ ва мақсуди ӯро ҳосил гардонӣ. Пас файласуф шоҳзодаро бардошт ва ба хизмати падар овард.

Подшоҳ чун писарро бидид, шод шуд, бифармуд то садақа ба фақирон доданд ва бандиёнро озод карданд. Файласуфро хилъат доданд. Тамоми умарову вузаро буньёди ишрату шодӣ карданд ва он рӯз ба айшу ишрат ба сар бурданд ва шаб ба охир расид. Шоҳзода бархост ва пеши падар даст бар сина бинҳод ва ба қасри худ рафт, то ба рӯз шароб бихӯрд ва дар хаёли Фахруннисо он шабро ба рӯз овард. Рӯзи дигар бархост ва ба хизмати падар омад ва замин бибӯсид, дуову санои падар ба ҷой овард. Падар рӯй ба ҷониби писар кард ва гуфт:

— Эй нури дидаи падар, хуш омадӣ ва чи мурод дорӣ, то бароварам.

Шоҳзода гуфт:

— Эй худованд, муроди камтари ман он аст, ки маро дастурӣ диҳӣ, то чанд рӯзе ба сафар равам, ки дилам бағоят танг шуда.

Подшоҳ гуфт:

— Эй ҷони падар, дар ин вакт ба сафар рафтан натавонӣ, чаро ки вакти рафтани ту нест ва дигар он ки маро кай дил медиҳад, ки туро аз худ дур кунам.

Шоҳзода гуфт:

— Фармон шоҳрост, аммо ба ҳама ҳол маро дастурӣ бояд дод ва агар подшоҳ маро дастурӣ намедиҳад, ман худро ҳалок кунам.

Подшоҳ ба фикр фурӯ рафт ва бо худ гуфт: «Агар ӯро рухсат накунам, мабодо ки худро ҳалок гардонад, баъд аз он пушаймонӣ суд надорад». Пас рӯй ба писар кард ва гуфт:

— Эй фарзанд, чанд рӯзе маро мӯҳлат диҳӣ ва сабрро кор

фармой ва бо ҷамоате, ки ба эшон эътимоде бошад, туро ба сафар ҳамроҳ бифристам.

Шоҳзода қабул кард. Подшоҳ вазирону надимону ҳочибонро талабид ва супориш намуд ва зоди[1] сафарро омода карданд. Ин корҳо муҳайё шуд, шоҳзода ба хизмати падар омад ва рухсат талабид. Подшоҳ фармуд, ғулому канизаку чанд ҳиндибачагон ва зари бисьёре бо лашкариён бидод ва подшоҳзодаро ҳамроҳ кард. Модару падар писарро видоъ карданд ва зорикунон бозгаштанд. Шоҳзода рӯй ба ҷониби Яман ниҳод ва равона шуд ва ин рубоиро меҳонд.

Рубой:

Афканд ба сӯят фалаки пир маро,
В-аз даст бишуд чораи тадбир маро.
Бингар, ки чӣ гуна мекашад шаҳр ба шаҳр,
Ҳанчиркашон шаҳнаи тақдир маро.

Шоҳзода ин рубоиро бихонд ва рӯ ба роҳ ниҳод ва манзил ба манзил мерафт то ба марғзоре расиданд. Шоҳзода гуфт:

— Ин ҷо мебояд фуруд омадан. Сабзаҳои хубу гулу райҳони бисьёре дорад.

Вазирон гуфтанд:

— Эй шоҳзода, ин ҷо на ҷои маҳом кардан аст. Аз барои он ки ин замин маконгоҳи шерон аст, мабодо ки шикасте ба шумо расад.

Шоҳзода гуфт:

— Боке нест.

Алқисса, дар он ҷойгоҳ фуруд омаданд ва надимон ба таом пухтан машғул гардиданд. Чун бӯи оташ ба машоми шерон расид, дар ҳамон соат ҳариб панҷоҳ шер аз он ҷониби беша бурун омаданд. Чун шоҳзода чунон ки шеронро дид, аз ҷои худ бичаст ва силоҳ бар худ рост кард ва бар асп савор шуд ва як наъра аз чигаргоҳи худ кашид, ки шерон саросема гардиданд ва бар ҷои худҳо биистоданд. Шоҳзода теғ аз ниём баркашид. Ногоҳ як шере чун кӯҳпорае аз миёнаи шерон бурун омад ва қасди шоҳзода кард ва панҷаи худ кушода, омад, ки бар шоҳзода занад. Шоҳзода худойро ба ягонагӣ ёд карда,.. як зарб чунон ба шер зад, ки ду таксими баробар шуда бар замин афтод. Боқии шерон зарби онро бидиданд, ҳама рӯ ба гурез ниҳоданд. Шоҳзода аз асп фуруд омад ва дунболаи шерро баргирифт ва кашон-кашон ба наздики ёрон бурд. Ҷавонмардони лашкарӣ шодӣ карданд. Вазирону надимон ҳама дар пои ӯ афтоданд ва гуфтанд:

[1] *Зод* — тӯша.

— Чашми бад аз рӯзгори шоҳзода дур бод. Акнун ичозат мехохем, ки аз ин шерон нишонае бардорем.

Пас шоҳзода ичозат дод, ҳар як нишонае баргирифтанд. Шоҳзода дар тафаккур афтод ва бо худ гуфт, ки «вақти он аст, ки аз гӯшае бурун равам ва салоҳи кори худ бичӯям, чаро ки маро кор афтодааст, на эшонро». Пас шоҳзода сабр кард, то шаб бигзашт, бархост зин бар маркаб ниҳод, чунон ки ҳеч касро хабардор накард ва бар маркаб савор шуд ва бироид ва рох мерафт, чунон ки то субҳ бидамид, бисту панҷ фарсах рох рафта буд. Чун мардон алассабоҳ бархостанд, шоҳзодаро надиданд. Ғирев аз тамомии лашкариён баромад. Фарьёду зорӣ баркашиданд ва чапу рост медавиданд, шоҳзодаро мечустанд. То муддати даҳ рӯз чустучӯ мекарданд, аз ҳеч чой наёфтанд, окибат навмед гаштанд. Ду вазир... ва тамомии лашкар сиёҳпӯш шуданд ва рӯй ба ватани худ бозиходанд. Чун ба хизмати подшоҳ расиданд, чумла гиребонҳо чок карданд ва бар сар хок рехтанд ва ба дари хонаи шоҳ чамъ омаданд. Подшоҳ чунон ошӯбу ғулғула бишнид, гуфт:

— Зуд биғӯед, ки чи воқиа шудааст?!

Вазирон забон баркушоданд ва ахволи шере, ки дида буданд шоҳзода кушта буд ва нопайдо шудани шоҳзодаро ба тамом арза доштанд. Подшоҳ чун ин сухан бишнид, оҳе бикашид ва тоҷ аз сари худ бияндохт ва бар сари худ хок мепошид за бар хок биншаст ва аҳли харам ба якборагӣ хок бар сар карданд, гирьяву зориву фиғон баровардаид ва тамомии аҳли мамлакат гирьякунону чомадарон ба даргохи подшоҳ Азизулмулк хозир гардиданд. То як ҳафта фиғону нолаву хурӯши мардуми шаҳр бо Айуқ мерасид. Баъд аз он подшоҳ сарҳангони худро бар атрофу чавониб равона кард, ки магар аспи шоҳзодаро маълум кунанд.

Ровиёни ахбору нокилони осор чунин ривоят кунанд, ки чун шоҳзода аз он чо бирафт, он шаб то ба рӯз рох бигашт. Чун офтоби ховар ба амри малики довар сар аз даричаи Об бурун овард, шоҳзода соате дар он манзил фуруд омад ва маркаби худро ба саҳро сар дод ва худ замоне биёсуд. Чун офтоб гарм шуд, бархост ва ба маркаб савор шуд ва роҳи Яманро дар пеши худ гирифта, манзил ба манзил мерафт ва шабу рӯз рох тай мекард, то ба шаҳри Яман расид, шаҳре дид ба ғояти хубӣ ва хушу хуррам, некӯ ороста. Дар он соате, ки ба шаҳр расид, маркаби худро ба бозор бурда фурӯхт ва зари аспро ба миёни худ барбаст ва ба корвонсарой рафт ва хучрае бигрифт ва ҳама рӯз гирди

шаҳр мегардид ва тамошо мекард ва дарвешонро зар медод ва бар ғарибиву бекасиву бар ошикии худ мегирист ва ин ғазалро мехонд:

Байт:

Ғами ҷонон маро бемор кардаст,
Ки ишки ӯ маро чун хор кардаст.
Зи ишкаш ҳар бало ояд, бубинам,
Ҳавои дил чунин бемор кардаст.

Шоҳзода ин байтҳоро мехонд ва дар ишки он санам месӯхт ва мегудохт, ки ногоҳ як рӯзе ҳочибон мунодӣ карданд, ки «вой бар он касе, ки аз хонаи худ фардо берун ояд ва ходимони маликаи офоқ гарданашро бизананд!» Пас аҳли мамлакати Яманро маълум шуд, ҳама дар хонаҳо рафтанд ва дарҳо ба рӯи худ бастанд. Шоҳзода ба дили худ гуфт: «Ҳар чи бодо, бод. Агар ҷон бояд дод, бидиҳам ва як назар дидори духтари некахтарро бубинам ва ин ғазалро бихонам, ки

Гар нихам дар сари вафот саре,
Сахл бошад замону мухтасаре.
Эй, ки касди халоки мо дорӣ,
Сабр куи, то бубинамат назаре!
Мутаҳайир на дар сифоти туям,
Акл дорам ба кадри худ кадаре.
Ҳайратам дар сифот бечун аст,
К-ин масал офарида дар башаре.
Дӯст дорам, ки хоки пот шавам,
То магар бар сарам куиӣ гузаре».

Чун шоҳзода ин ғазалро тамом бархонд, баъд аз он бо худ гуфт: «Ҳар кас аз ҷони худ тарсад, ӯ ошиқ набувад». Дар ин андеша мебуд, то вақти субҳ баромад. Духтари подшоҳи Яман оҳанги боғ кард ва шоҳзода бархост ва ҷоман кӯҳнае бипӯшид ва дар сари роҳи духтар омада, биншаст. Чандон ки аз пасу пеши худ нигоҳ мекард, одамизод пайдо набуд, аз тарси духтари шоҳи Яман. Пас шоҳзода бо худ гуфт: «Зиҳӣ кори пурҳатар, ки ту пеш гирифтай» ва зор-зор мегирист ва ин ғазалро аз сари дард мехонд:

Байт:

Ройгон банда шудам он санами симинро,
Он нигори чу гули сарви бутони Чинро...
Нақш аз симу рухаш аз гулу дил хоросанг,
Лаби ёкут, дар он карда ниҳон Парвинро.
Дил ниҳодаст ба берахмиву аз куштани ман,
Макуш, эй дӯст, макуш дилшудаи мискинро.

Чун шоҳзода ин ғазалро мехонд, ки сарҳанге бад он ҷо расид, ки шоҳзода истода буд. Теғ баркашида, бонг бар шоҳзода зад ва гуфт:

— Ту кадом бадбахти тирарӯзгорӣ, ки раҳм бар ҷони ҷавони худ надорӣ?!

Пас оҳанги он кард, ки теғ бар шоҳзода занад. Чун наздики шоҳзода расид он ҷамолу латофати ӯро бидид, гуфт: «Дареғ бошад чунин ҷавонеро ҳалок кардан». Гуфт:

— Эй ҷавонмард, бар ту раҳмам омад. Бархез ва то пой дорӣ, бигрез ва худро ба гӯшае андоз, ки ҳамин соат духтари шоҳи Яман бо сарҳангон мерасанд ва ба дасти эшон ҳалок мешавӣ!

Ин бигуфт ва аз шоҳзода бигзашт. Шоҳзода мутаҳайир бимонд ва ин ғазалро буньёд кард:

Байт:

Кӣ диҳад зи рӯи ёрӣ ҳабар нигори моро?
Кӣ барад ҳикояти мо, кӣ бар он санам, ҳудоро?
Ба ман оварад, охир, кадаре зи ҳоки кӯяш,
Ки бар раҳи ту зи дида, ивазест тӯтиёро.
Ҳабаре фирист моро ту зи рӯи раҳмат, эй ёр,
Чу намегузорӣ, эй мох, ки бубинамат ликоро.
Ҳама шаб ду дида хоҳам, ки ба рӯзи иштиёкат,
Ки магар насими зулфат ба ман оварад саборо.

Чун шоҳзода ин ғазалро бихонд, сипаҳсолоре бо амри шоҳ расида буд, бонг бар шоҳзода зад ва теғ баркашид, ки бар шоҳзода занад. Чун наздик расид, ҷамоли шоҳзодаро дид ва раҳмаш омад. Гуфт:

— Эй ҷавони хушсурат, маро бар ту раҳм омад, аз ин ҷо бирав, ки мабодо ҳалок шавӣ.

Ин бигуфт ва даргузашт.

Шоҳзода интизорӣ мекашид ва ин ғазалро мехонд:

Байт:

То ҳабар дорам аз ӯ, бехабар аз хештанам,
Бо вуҷуде зи ман овоз наёяд, ки манам.
Пираҳанро бидарам дам ба дам аз гояти шавқ,
Ки вуҷудам ҳама ӯ гашт, ман ин пираҳанам.
Эй раҳиб, ин ҳама тундӣ ба мани ҳаста ҷаро?
Барканам дида, ки ман дида аз ӯ барнаканам.
В-ар ҳамин сӯз бувад бо мани мискин дар гӯр,
Хок агар пок канӣ, сӯхта биӣ кафанам.
Гар ба хун ташнаӣ, инак сари ман, боке нест,
Ки ба фитроки ту беҳ з-он ки бувад дар баданам.
Марду зан гар ба ҷафо кардани ман бархезанд,
Ки бигардам зи вафои ту, на мардам, ки занам.

Шарти акл аст, ки мардум бигурезанд аз тир,
Тир-ар аз дасти ту бошад, мижа бархам назанам.
То шунидам сифати он даҳани ширинат,
Бими он аст, ки шӯре ба чаҳон дарфиганам.

Чун шоҳзода дар ғазал хондан саргарм шуда буд, ки ходиме даррасид ва теғ барахна карда, хост, ки ӯро ҳалок кунад. Чун чашм ба рӯи шоҳзода андохт, бо худ гуфт, ки «ҳайф бошад, ки чавоне бад-ин хубиро ҳалок кунам». Рӯй ба шоҳзода кард ва гуфт:

— Эй чавон, бархез ва ба гӯшае бурун рав, ки ҳалок нашавӣ. Маро бар ту раҳм меояд.

Шоҳзода ин ғазалро буньёд кард:

Байт:

Эй дилу чони ошиқон шефта шуд барои ту,
Сурмаи нашми дӯстон хоки дари сарои ту.
Мархами чони хастагон лаъли хаётбахши ту,
Доми дили шикастагон турраи дилрабои ту.
Дасти тухӣ ба даргаҳат омадаам умедвор,
Лутф бикун, арчи наям дарҳӯри мархабои ту.
Орзуи ман аз чаҳон, дидани рӯи махвашат,
Рух бинамо, ки сӯхтам, эй дилу чон фидои ту.

Чун шоҳзода ин ғазалро тамом кард, ногоҳ канизакони духтар даррасиданд, шоҳзодаро диданд, ки чун сарви озоде. Бар чамолу камоли ӯ ҳайф хӯрданд, ки малика мерасад, ҳукм мефармояд ва ин чавони моҳталъатро ҳалок мекунад. Ин бигуфтанд ва даргузаштанд. Ногоҳ духтар бо чандин канизакони дигар даррасид ва бар астаре нишаста ва чодаре бар сар гирифта. Шоҳзода чун назар бар чамоли духтар андохт, наъра бизад ва бехуш афтод. Ходимон касди шоҳзода карданд, духтар бонг бар ходимон зад, ки «ин чавонро маёзоред, ки аз мо битарсид!». Ин бигуфт ва бигзашт ва авратон дар болои бомҳо буданд, фуруд омаданд ва об ба рӯи шоҳзода заданд. Чун шоҳзода ба хуш бозомад, фарьёд аз ниҳодаш баромад ва ин ғазалро буньёд кард:

Байт:

Дидор менамоянду бархез мекунӣ,
Бозори хеш дар оташи мо тез мекунӣ.

Чун ин байтро бихонд, бархост, бо дили бирьёну чашми гирьёну нолон ба хучраи худ рафт ва ҳазор динор баргирифт ва рӯй ба боғ ниҳод. Чун ба дари боғ расид як марди пиреро дид бар дари боғ нашаста. Салом кард ва гуфт:

— Боғи духтари шоҳи Яманро ба ман намой, то тафарруҷ[1] бикунам.

Пирамард гуфт:

— Ин аст, фаммо духтар дар боғ аст. Бирав дар гӯшае биншин ва бисьёр маё, ки мабодо ҳалок шавӣ. Мулозимони духтар бебоку хунрезанд. Имрӯз бирав, то духтар ба шаҳр равад, он гоҳ биё, то туро ба гашти боғ барам.

Шоҳзода гирьён шуд ва заре, ки ҳамроҳ дошт, дар пеши боғбон ниҳод ва узр хост ва бозгашт ва ба ҳуҷраи ҳуд бозомад. Аммо духтар ба шаҳр рафт. Шоҳзода бархост ва ба дари боғ рафт. Пири боғбон ӯро икром кард ва гуфт:

— Эй ҷавони хубрӯй, ҳоли ту чист?

Шоҳзода гуфт:

— Киссаи ман дуру дароз аст, агар бигӯям, дилат хун гардад.

Пас пири боғбон дасти шоҳзодаро бигрифт ва дар миёни боғ бурд ва пеши аёли ҳуд биншонд ва бифармуд, то таом оварданд ва дар пеши шоҳзода биҳоданд. Чун чизе аз таом бихӯрд, пир ҳазор динор, ки шоҳзода оварда буд, дар пеши зани ҳуд фурӯ рехт ва гуфт:

— Ин ҳадьяи ин ҷавон аст.

Зани боғбон шод шуд ва гуфт:

— Эй ҷони модар, аҳволи ҳуд бозгӯй.

Шоҳзода гуфт:

— Эй модар, ман ҷавони ғарибам, орзу дорам, ки духтари шоҳи Яманро бубинам. Аз барои он ба хизмати шумо омадаам, то маликаро як назар ба ман намоед, то ҷон дар пои шумо резам. Агар орзуи мани фақир барнаёд, ҳудро ҳалок гардонам ва хуни ман дар гардани шумо хоҳад буд.

Пири боғбон ва аёлаш гуфтанд:

— Эй ҷони модар, ин кор мушкил аст. Мабодо ки мо ҷумла ҳалок гардем.

Шоҳзода чун ин сухан бишнид, оҳ аз ниҳодаш баромад ва ин ғазалро бунёд кард ва гуфт:

Байт:

Зи ҳад гузашт ҷудой миёни мо, эй дӯст,
Биё, биё, ки гуломи туям ба ҷон, эй дӯст.
Бисоз бо мани мискини нотавон, эй ҷон,
Бубахш бо мани мискини нотавон, эй дӯст.
Биё, гар ба ҷудой ҳаҳоне ҳароб куӣ,
Ба хуни банда агар ташнаӣ, ҳалол, эй дӯст.

---

[1] *Тафарруҷ* — тамошо, сайру гашт.

Ғами ту даст бароварда хуни чашмам рехт,
Макун ки даст барорам ба зинҳор, эй дӯст.
Зи доғи ишк чунонам, ки агар ачал бирасад,
Ба шаръ аз ту ситонам хунбаҳо, эй дӯст.
Хазор сол пас аз хоки ман чу баргузарӣ,
Зи хок наъра барорам, ки «марҳабо, эй дӯст!»

Чун шоҳзода ин ғазалро тамом кард, зани боғбонро дил ба шоҳзода бисӯхт ва гуфт:

— Эй ҷони модар, агар бар як назар розӣ ҳастӣ, ман ӯро ба ту намоям. Аммо метарсам, ки тамаи дигар накунӣ, баъд аз он кор душвор гардад. Акнун тадбири ӯ чунон аст, ки чун духтари шоҳ ба боғ ояд, чодаре дар сари ту кунам ва туро бар он ҷо барам, то ту мушоҳидаи ӯ кунӣ. Валекин, зинҳор, аҚлатро кор фармой ва ба ҷони худ ва ба мо ҷабр накунӣ.

Шоҳзода хуррам шуд ва гуфт:

— Ин тадбир хуб аст. Ман ин розро пӯшида дорам.

Ва аз сӯзи дил ин ғазалро буньёд кард:

Байт:

Биё, ки хоки дарат нури чашми равшани мост,
Фидои ҷону танат ҷону дил, ки дар тани мост.
Зи ишки рӯи ту дилро насиҳате кардам,
Биё бубин дили моро, ки кунун дар тани мост.
Кабӯтари дили мо чун асири ишки ту шуд,
Ба бӯи васли ту хоки дарат нишемани мост.
Дар орзуи рухат дида бас ки хун резад,
Миёни хун хама шаб то ба рӯз маскани мост.

Аммо шоҳзода чун ин ғазалро тамом кард, он пири боғбон бо занаш шоҳзодаро тасаллӣ доданд ва гуфтанд, ки:

— Эй фарзанд, аҚли худро ба ҷой ор ва сабр кун, то худро ва моро расво накунӣ.

Шоҳзода ангушт ба чашм ниҳод ва тахаммул кард ва рӯз мешумурд, то духтари подшоҳ ба боғ омад. Пиразан чодаре бар сари шоҳзода ниҳод ва аз рохи дигар биёвард ва дар баробари духтар дар паси дарахте биншонд ва худ бирафт. Ва чун шоҳзодаро назар бар ҷамоли духтар афтод, аз ҳол ба ҳоле мубаддал мешуд ва ин ғазалро бо овози ҳазин оҳиста мехонд ва оҳи пурдард мекашид ва мегуфт:

Байт:

Хабар аз ишк надорад, ки надорад ёре,
Дил нахонанд, ки сайдаш накунад дидоре.
Ҷон ба дидори ту як рӯз фидо хоҳам кард,
То дигар бар накунам дида ба хар дидоре.
Май харом аст валекин ту бад-ин наргиси маст,

Нагузорй, ки зи пуштат биравад хушьёре.
Ғами ишк омаду ғамхон дигар пок бисӯхт,
Сӯзане бояд, к-аз пой барорад хоре.
Ҳабарат нест, ки халке зи ғамат хайронанд,
Ери афтода чи донад, ки бияфтад боре.

Аммо чун соате баромад, духтар сархуш шуда, бифармуд, то чумлаи созҳо биёварданд. Духтар даст дароз карда анкоро баргирифт ва соз кард ва ғазал оғоз кард. Чумлаи булбулони чаман дар хурӯш омаданд ва дили шоҳзода ба чӯш даромад. Ин байтро мехонд:

Байт:

Мастиву ошикиву чавониву навбахор,
Эй ту баҳор ёфта, по аз чаман макаш.

Чун духтари шоҳ ин ғазалро тамом кард, точи гавҳарнигор аз сари муборакаш худ дур андохт ва касаби мисрй аз сар бияфканд ва пешонаи хамчун ойу зулфи чун сочро барахна кард. Шоҳзодаро бим буд, ки худро халок кунад ва хазор наъраи бехудона бизанад. Аммо худро ба хазор ҳилаву чавонмардй нигоҳ дошт. Чун соате баромад, духтари подшоҳ ба ракс даромад. Канизакон анко мезаданд ва ин ғазалро мехонданд:

Байт:

Он шакарханда, ки бар хеш дахоне дорад,
На дили мо, ки дили халки чахоне дорад.
Ба тамошои баҳору чаманаш хочат нест
Ҳар ки дар хона чу ту сарви равоне дорад.
Ғараз он аст, ки вакте сухане мегӯяд,
Варна мафхум нагаштй, ки дахоне дорад.

Духтари шоҳ чун порае ба ракс даромад ва шароб бар духтар асар кард, канизакон гуфтанд, ки «бархезед то дар об биншинем».

Бифармуд то фӯтаи гилонй биёварданд ва духтар дар камар печида ва чома аз тани хамчу сим баркашид ва дар хавз фурӯ рафтанд ва об мерехтанд. Шоҳзода назора мекард, ҳар замон дигаргун мешуд ва аз ҳоле ба ҳоле мегардид ва ин ғазалро мехонд:

Байт:

Манам, ё раб, дар ин давлат, ки рӯи ёр мебинам,
Насими дуст меёбам, чамоли ёр мебинам.
Замин бусидаам якчанд, мехнат дидаам, акнун,
Фарози сарви симинаш гули пурбор мебинам.
Ачаб дорам зи бахти хеш, ҳар дам дар гумон афтам,
Ки мастам ё ба хоб андар рухи дилдор мебинам.
Чи тоат кардаам, ё раб, ки ин подош меёбам,

Чй аз ман дар вучуд омад, ки ин микдор мебинам.
Чу хилват ёфтам, з-ин пас нахоҳам шамъи кошона,
Таманнои бихиштам нест, чун дидор мебинам.

Чун шоҳзода ин ғазалро тамом кард сабру қарораш намонд. Тарсид, ки ногоҳ расво шавад, бархост то бурун равад. Аз қафо ногоҳ чашми духтар бар зане афтод, ки чодаре дар сар гирифта буд ва мерафт, бонг бар канизакони худ зад, ки:

— Он чодардардўшро гирифта биёред. Агар аз мо набошад, ҳамчунон дар ҳавзи об андозед.

Канизакон бидавиданд ва дасти шоҳзодаро бигрифтанд ва бар лаби ҳавз оварданд. Чун рўяш боз карданд, ҷамоле диданд, ки аз моҳ сабақ бурда.

Пас канизакон фарьёд бароварданд, ки:

— Эй маликаи ҷаҳон, ин мард аст, ки бо макру ҳила дар зери ин чодар пинҳон шудааст.

Духтар бифармуд, то ресмоне дар гардани вай карданд ва чўби бисьёре бар вай заданд ва ўро ба хориву зорин аз ҳар чи тамомтаре ба даргоҳи шоҳ бурданд. Шоҳро аз он ҳол огоҳ карданд. Гуфт:

— Биёред, то бубинам, ки ин кадом бадбахт аст, ки бар ҷони худ раҳм накардааст.

Шоҳзодаро пеши шоҳи Яман бурданд. Шоҳи Яман рўй ба шоҳзода кард ва гуфт:

— Эй бадбахт, магар аз ман наметарсй, ки инчунин бадфеълй кардй?!

Шоҳзода сар дар пеш андохт ва ҳеҷ ҷавобе надод. Шоҳ бонг зад бар ҷаллодони худ, ки:

— Гардани ин бадбахти тирарўзгорро бизан!

Ҷаллод филҳол дасти шоҳзода бигрифт ва ба рўи натъ[1] овард ва рег бирехт ва чашми вайро барбаст ва теғ баркашид то гарданаш бизанад ва сараш аз тан ҷудо кунад. Пас вазири шоҳро дил ба шоҳзода бисўхт ва бар пой хост ва гуфт:

— Эй шоҳи олам, ҳикоят аз банда қабул кунед ва баъд аз он ҳар чи салоҳи давлат аст, ончунон кунед.

Шоҳ гуфт:

— Бигўй!

Вазир гуфт:

— Эй шоҳи ҷаҳониён, ин сухан беш аз он аст, ки ўро инчунин сиёсат фармоянд. Бифармо, то ўро ба зиндон баранд ва фардо мунодй кунанд, то тамоми халқи шаҳр бидонанд. Баъд аз он ин-

[1] *Натъ* — палоси чармин, ки бар он сари маҳкумонро буранд.

ро ба дор бикашанд ва мунодӣ кунанд, ки «ин сазои он кас бошад, ки бар харами подшоҳ чашми хиёнат боз кунад» ва ҳамчунон то се рӯз бар дор бигзоранд, то ибрати халқ шавад.

Шохро сухани вазир бағоят писандида омад, бифармуд, то шохзодаро ба зиндон бурданд ва банди гарон бар пояш бинҳоданд. Шохзода шукри кирдугор ба ҷой овард, ки ба як феъл аз куштан халос ёфтам. Аммо аз бисьёрии чӯбе, ки аз канизакон хӯрда буд, тамоми аъзои вай дард мекард ва хоб намерафт ва аз ҷаври рӯзгор дар зиндон ин шеърро мехонд:

Байт:

Зи ҷаври чарху зулми дахри бедод,
Ба фарьёдам, ки бар ман нест фарьёд.
Бараш бедоди ман аз бахри рӯяш,
Бидодам умру айши хеш бар бод.
Ба фарьёдам ҳамеша рӯзу шаб з-он,
Набудам як замон аз бахти худ шод.
Чу афтод ин дилам дар доми ҳачраш,
Ҳаменолам зи васлаш мекунам ёд.
Магар аз ёди васлаш як замоне,
Дилам гардад зи дасти ҳачр озод?

Худованди ахбор чунин ривоят мекунад, ки чун ними шаб шуда буд... шоҳи Яманро дарди шикам пайдо шуд. Фарьёду хурӯш дар саропардаи шоҳ афтод. Харчанд табибону ҳакимон муолиҷа карданд, давопазир нашуд. Охируламр, содоту машоих ҳозир шуданд, то даст ба дуо бардоштанд ва зари бисьёре ба садака ба дарвешон доданд. Шоҳ фармуд, то тамомии зиндониёнро озод карданд. Шохзода низ дар миёни бандиён озод шуд ва подшоҳ аз он захмати дарди шикам халос ёфт. Пас шохзода рӯй ба ҳуччаи худ овард ва куфли дари ҳуччаро боз кард ва донае чанд чавоҳир бардошт ва рӯй ба сӯи боғ ниҳод ва аз шодӣ ин байтро мехонд:

Байт:

Дилбаро ҳачри ту фарсуд дилу ҷони маро,
Чист тадбири мани хаставу ҳичрони маро.
Ман зи ғам сӯхтаму ҳила намедонам чист,
То хабар гардад аз ин воқиа чонони маро.
Охир, эй ёр, чи бошад ки зи ҳоли мани зор
Назаре мефиканӣ ҳоли парешони маро.

Чун шохзода ин ғазалро тамом кард, дар боғ рафт. Зани боғбонро дил ба шохзода бисӯхт ва гуфт:

— Эй ҷони модар, худои таборак ва таоло донад, ки аз он рӯз боз дили ман дар ғами ту месӯхт ва менолидам. Алҳамдулиллоҳ,

ки, эй чони модар, акнун аз куштан халос ёфтй. Сари худ гиру бирав, ки мабодо бори дигар ба бало афтй ва ба воситаи ин духтар чони ширини худ бар бод диҳй.

Шоҳзода ин сухан бишнид, бинолид ва дурдонаҳои қиматй, ки ҳамроҳ доштй, дар пеши зани боғбон ниҳод ва рӯй бар замин ниҳод ва дар пои пирамарди боғбону занаш афтод ва гуфт:

— Эй модар, ба ризои парвардигор, ки фикре дар бораи ман бикунед, вагарна, худро ҳалок мекунам.

Пири боғбонро дил бар шоҳзода бисӯхт. Аз бисьёрии гирьяву зорй, ки ӯ мекард, пири боғбонро раҳме омад. Гуфт:

— Эй фарзанд, биё то туро ба кабӯтархона барам, то омадани малика, то ту ӯро бубинй ва дардат порае сокин шавад.

Шоҳзода чун аз пири боғбон ин сухан бишнид, худро дар дасту пои пири боғбон андохт ва офарин карда, бисьёр шод гардид. Чун вақти омадани духтар шуд, пири боғбон шоҳзодаро ба кабӯтархона бурд ва биншонд, ки ходимони духтар даррасиданд ва фаррошон об заданд ва фаршҳо густарониданд, баъд аз он бурун омаданд. Пас ҳаё-хую садои суруд гуфтани канизон бархост. Шоҳзода аз дарони кабӯтархона нигоҳ мекард, чашмаш бар чамоли чаҳонороии духтар афтод, ки ҳамчун товуси маст мехиромид ва меомад. Шоҳзода чун духтарро бидид, бими он буд, ки худро ҳалок кунад ва ин ғазалро мехонд ва мегуфт:

Байт:

Эй ту, паричехра, надонам зи кучо меой,
Одамизода набошад ба чунин зебой.
Рост хохй на ҳилоласт, ки пинҳон дорй,
Ҳайф бошад ки чунин рӯй ба кас нанмой.
Бар ман аз чаври ту ҳарчанд чафо меояд,
Хуштару хубтар андар назарам меой.
Бе рухат чашм надорам, ки чаҳонро бинам,
Чора баъд аз ту надорам ба чуз аз зебой.
Дигаре нест, ки мехри ту дар ӯ бояд баст,
Ҳамчунон шукри ту гӯям, ки азизи мой.

Подшоҳзода чун ин ғазалро бихонд, духтар чун сад ҳазор хирмани гул дар миёни чаҳорболишт қарор гирифт ва канизаконро фармуд, то маҷлиси базм биёростанд. Чун даст ба шароб бурданд, Зӯҳраи фалак овози нӯшонӯш бар замин расонид. Шоҳзода андаруни кабӯтархона нишаста буд ва мушоҳидаи он чамол мекард ва ба чои ашк хун мерехт. Ба ногоҳ духтар дасти булӯрини рангини худро дароз карда, барбатро гирифт ва бар канор ниҳод ва овоз баркашид, ки булбулони чаман дар фиғон даромаданд ва ин ғазалро буньёд кард:

Байт:

Навои навбахору рӯи дилбар
Зи софии лаболаб карда согар.
Харифе май, зи зинат чой холй,
Чи хуш бошад, агар гардад муяссар
Чахони бевафо бо кас набошад,
Хирадмандо, ба акли чашм бингар.
Равони кагравои аз рӯи нескӯ,
Шатал кам кун, бинӯш он лаъли дилбар.
Ба чашми акл бингар, то чй бурданд
Насиби хеш Дорову Сикандар.

Чун духтари шох ин ғазалро тамом кард, фарьёду фиғон аз аҳли маҷлис баромад. Канизакону доягон хама баякборагй фиғон баровардаид ва дар пои духтар афтоданд. Шохзода наздик буд, ки чони худро курбон кунад ва боз духтар чанг дар канор гирифт ва ин ғазалро огоз кард:

Байт:

Баромад зи гулзор боди бахорй,
Биёвар майи арғувонй, ки дорй.
Чаман аз кй омӯхт ин тозарӯй,
Сабо аз кй омӯхт ин созгорй?
Зи гунчадахонину сад гуна ханда,
Зи булбулзабонину сад гуна зорй.
Зихй шӯх наргис, ки бо умри кутох,
Гузорад шабу рӯз дар шохсоре.
Хичид шуд бунафша зи рӯяш, к-ин аст,
Ки сар бинамеёрад аз шармсорй.
Хамехост савсан, ки узраш биҳохад,
Валекин забонаш намедод ёрй.
Маю ишки ёре харифи мувофик,
Касеро, ки бошад, зихй бахтьёрй.

Чун духтар ин ғазалро тамом кард, бонги нӯшонӯш бар фалак мерафт ва духтар хар лахза созе менавохт ва суруде мехонд ва шохзода гохе ох мекард, гохе навха мекард ва аз тахту бахти худ ёдаш меомад ва хаёлаш хама ин буд, ки рӯзе бошад, ки ин духтари некахтар бо ман ба рӯи иноят ояд. Шохзода дар ин фикру андеша буд, ки духтар фармуд, то чои осоиш андохтанд ва духтар ба осоиш машғул шуд. Шохзода харчанд мехост, ки замоне осоиш кунад, асло хобаш намеомад ва шаб хама шаб зорй мекард ва абьётхо мехонд, то рӯз шуд ва духтар азми рафтан кард.

Шохзода чун доиист, ки духтар азми рафтан дорад, охе баркашид ва ин рубоиро хонд:

Рубой:

Рафтй туву интизор кардй моро,
Бе мунису ғамгусор кардй моро.

Рухсораи лолазор бурдй зи барам,
Бо дидаи ашкбор кардй моро.

Чун шоҳзода ин рубоиро бихонд, бехуш шуд ва афтод. Пас духтар савор шуд ва канизону ходимон ба тамомй чун аз боғ бурун рафтанд, пири боғбон гуфт:

— Эй фарзанд, чони ман бисўхт, ҳоли ту чист? Мабодо ки ҳалок шавй.

Шоҳзода гуфт:

— Эй пир, ҳеч одамизод ба ҳоли ман мабод!

Ва ин рубоиро буньёд кард:

Рубой:

Ба сарву гул нигарам бе ту як замон, эй дўст,
Биё, ки бозрахонй аз ину он, эй дўст.
Гаҳе зи шавки ту хуршед ошкор шавад,
Гаҳе зи шарми ту зери замин нихон, эй дўст.

Чун шоҳзода ин байтҳоро бихонд, зани боғбон пеши шоҳзода омад ва гуфт:

— Эй чони модар, чй гунай?

Шоҳзода гуфт:

— Эй модари меҳрубон, дармони кори ман бикунед, вагарна худро ҳалок мекунам ва хуни ман дар гардани шумост.

Ин бигуфт ва дар пои ҳар дуяшон бияфтод ва дар хок меғалтид ва аз сўзи дил ин ғазалро мехонд:

Байт:

Шаҳре ба ту ошиқанду ман низ
В-ар бохта оям чону тан низ.
Дил куштаи он камони абрўст,
Чун бурдаи он лабу даҳан низ.
Имрўз туй дар ин замона
Ангуштнамои марду зан низ.
Ҳаргиз накунам туро фаромўш,
Гар бошаму мурда дар кафан низ.
Чурми мани хастадил чй бошад,
Инак сару дор бо расан низ.
Ҳамчун дили ман ҳазор дил беш
Афтода ба зулфи даршикан низ.

Пири боғбонро дил бар шоҳзода бисўхт ва гуфт:

— Эй чони падар, беш аз ин зорй макун, ки коре барои ту андешидаам. Он чи ба хотири ман омадааст, ба ту бигўям.

Шоҳзода гуфт:

— Аз барои худо бигўед, ки тоқатам тоқ шудааст.

Пири боғбон гуфт:

— Дармони ту он аст, ки мўт сари худро гирех кунй ва шикамбаи гўсфандеро бар сар кашй ва худро ба зоҳир кале созй, то хар ки туро бинад, илтифот накунад ва хар киро ту хохй, бинй ва хар касе, ки ахволи ту аз ман пурсад мегўям, ки шогирди ман аст. Ва дар ин боб азизе чанд байте гуфтааст:

Байт:

Ошиқ бошй, ба хеч коре нарасй,
То ғам нахўрй, ба ғамгусоре нарасй.
Чун чўб ба зери арра то сар нанихй,
Харгиз ба сари зулфи нигоре нарасй.

Пири боғбон гуфт:

— Ошиқ чунин бошад, ки сар ба раҳи махбуби худ бозад.

Ва шоҳзода дасти пири боғбонро бибўсид ва гуфт:

— Эй падар, рахмат бар ту бод, ки ин тадбир сахт некўст.

Дарсоат пири боғбон ба саллоҳхона рафт ва шикамбае харид ва дар боғ даромад ва шикамбаро вожгуна кард ва бар сари шоҳзода бикашид ва бигзошт, то хушк шуд ва чўнон сохт, ки хеч кас надонист ва мардум пиндоштанд, ки афраъ[1] аст ва агар, чунончи, пеш аз ин кас ўро дида будй, чун ўро бидидй, бознашинохтй. Пас кабои кўҳнае дар бари шоҳзода кард. Шоҳзода хуррам шуд ва рўй бар пири боғбон кард, ки:

— Хочате ба ту дорам.

Пир гуфт:

— Бифармо.

Шоҳзода гуфт, ки:

— Сози маликаро мехоҳам, ки бинвозам ва хотири худро хуш гардонам.

Боғбон гуфт:

— Кадом соз мехохй?

Шоҳзода гуфт:

— Хар кадом биёрй, менавозам ва худро бад-он машғул месозам ва ғами ғурбат мегузаронам.

Ва пири боғбон рафт ва чангро бардошта овард ва дар пеши шоҳзода бар замин нихад. Ва шоҳзода чангро дар канори худ гирифт ва ончунон бинвохт, ки пири боғбону занаш гирьён шуданд.

Пас шоҳзода ин ғазалро буньёд кард:

Байт:

Дар он нафас, ки бимирам, дар орзуи ту бошам,
Бар он умед дихам чон, ки хоки кўи ту бошам.

---

[1] *Афраъ* — кал.

Ва маҳмае, ки дароянд шоҳидони ду олам,
Назар ба сӯи ту дорам, ғуломи рӯи ту бошам.
Майи биҳишт нанӯшам зи дасти сокии ризвон,
Маро ба бода чи ҳочат, ки масти рӯи ту бошам.

Чун шоҳзода ин ғазалро тамом кард, ногоҳ аз казо писари вазир ба шикор мерафт ва гузораш ба дари боғи подшоҳ афтод, овози чанг ба гӯшаш расид. Ғуломеро гуфт:

— Хуб тафаҳҳус бикун ва бубин, ки овози чанг аз кучо меояд.

Ғулом бирафт ва маълум кард ва хабар бозовард, ки овози чанг аз даруни боғи шоҳ меояд. Писари вазир рӯй ба тарафи боғ кард. Бо ғуломону мулозимон чун ба дари боғ расид, пири боғбон омад ва салом кард.

Писари вазир чавоби салом боздод ва гуфт, то дари боғро боз кард ва писари вазир аз маркаб фуруд омад ва даруни боғ даромад. Ва чун бар лаби ҳавз расид, калеро дид, ки бар лаби ҳавз нишаста ва шишаи шароб пеши худ ниҳода ва пиёлаи шароб менӯшад ва чанг менавозад ва ин ғазалро меҳонад:

Байт:

Муддате шуд, ки зи дилдор надорам хабаре,
Эй насими саҳарӣ, сӯи дараш кун гузаре.
Чун бад-он манзили маймуну муборак бирасӣ,
Аз сари сидку сафо кун ба чамолаш назаре.
Арз кун холи дили хаста, ки шабҳои дароз
З-он ки ҳаргиз начашидам зи висолаш шакаре.
Гаҳ ба раҳмат ба ман, эй моҳ, назар менакунӣ,
Кӣ кунад сӯи мани хастаи бедил назаре?
Асари лутфи ту бояд ки маро дарьёбад
Пеш аз он к-аз мани дилтанг наёбӣ асаре.

Чун «кал» ин ғазалро тамом кард, писари вазир пеш омад ва бар ҳамдигар салом карданд. Писари вазир пурсид, ки:

— Эй чавон, аз кучо меой ва дар ин чойгоҳ чаро мебошӣ? Мо мехостем, ки ба шикор равем, овози хуши шумо маро сайд карда овард.

Шоҳзода гуфт:

— Эй худованд, ман марди ғарибам ва бекасам ва дар боғбонӣ бисьёр дасте дорам. Чанд рӯзе шудааст, ки дар хизмати пири боғбон мебошам.

Писари вазир гуфт:

— Имрӯз барои хотири ту аз шикор бозмондаем. Аз барои мо навозише кун.

Шоҳзода гуфт:

— Эй худованд, маро чи захраи он бошад, ки чое ки вазиро-ву амирон ҳозир бошанд, даст бичунбонам ва ракс кунам.

Писари вазир чун ин сухани ўро шунид, бисьёр хушаш омад ва дар миёни созандаҳо писаре буд соҳибҷамол, бифармуд, то ў чангро дар канор гирифт ва ин ғазалро бихонд:

Байт:

Тавонгариву чавониву ишку бўи баҳор,
Шаробу сабзаву абрўву чашму рўи нигор.
Шароб хўрда, дигарбора ишрат аз сар гир,
Ки бог тозагй аз сар гирифт дигар бор.
Ба сабза гуфтам: «Ҷовид зинда бошй», гуфт:
«Се моҳ беш намонам барои мардуми ёр».

Чун мутриби писари вазир фасле бинвохт ва фурўдошт кард, баъд аз он шоҳзода рубобро соз кард ва ин ғазалро бихонд:

Байт:

Шикоят дорам аз чону чавонй,
Ки ҳичрон нест завки зиндагонй.
Бидодам дил ба банди чони ширин,
Ки бечонон чи кор ояд чавонй.
Самои нолаҳои зор дорам,
Маю сокй, сиришки арғувонй.
Тавон маълум кард аз оби чашмам,
Ки дар дил оташе дорам нихонй.
Туро бо ман, намедонам, чи афтод,
Намепурсй, нахониву надонй.

Пас, писари вазирро ном Шамсулмулук буд ва мутрибе чанд хамроҳ дошт, ки ҳар як худро мусаннифе[1] медонистанд, хурўш аз ниҳоди он ҳама баромад. Баъд аз он аз пири боғбон пурсид, ки:

— Чанд гоҳ аст, ки ин кал дар хизмати шумо мебошад?

Гуфт:

— Як моҳ шуд, ки дар пеши ман омада.

Пас Шамсулмулукро ду чашмаш бар «кали боғбон» монда буд. Писари вазир гуфт:

— Эй пир, ин кал лоики боғбонй нест, балки лоики базми подшоҳон аст.

Шоҳзода чун аз писари вазир таъриф инчунин шунид, дигарбор чангро бардошт ва дар навохт даровард ва ин рубоиро бихонд:

Рубой:

---

[1] *Мусанниф* — эҷодкор, эҷодкунанда.

То аз барам бирафтй, эй нури хар ду дида,
На аз ту хам хабар шуд, на аз дили рамида.
Рўзе, ки хохй омад дар рохи ин балокаш,
То хуни тоза бинй бар хоки рох чакида.

Чун писари вазир аз «кали боғбон» ин рубоиро бишнид, гуфт: «Боракаллох!» ва фармуд то як даста хилъат оварданд. Писари вазир дар бар гирифт ва баъд аз он берун овард ва ба шохзода дод ва ў бо мутрибони Шамсулмулук бахшид ва зарро бипошид, то мутрибони писари вазир хамаро баргирифтанд. Шамсулмулукро бисьёр хуш омад: «Ин кал ба чуз подшохй дигаре бар сар надорад. Дареғ агар сари вай мўй доштй!»— ин бигуфт ва сар ниходa дар хоб шуд, то субх бидамид, бархост ва бар маркаб савор шуд ва рўй ба шахр ниход ва назди падар шуд ва гуфт:

— Эй падари бузургвор, дирўз ба шикор мерафтам, чун ба пеши боғ расидам, овози чанг шунидам ва пири боғбонро гуфтам, то дари боғро кушод. Чун дар боғ шудам, калеро дидам дар лаби хавз нишаста ва шишаи шароб дар пеши худ ниходa ва чанг дар канор гирифта менавохт ва мехонд ва то умри ман аст, надидаам ва нашунидаам. Таърифи ў чи гўям, хар созеву олате, ки мутрибон доранд, хамаро бинавохт ва овозе дорад, ки мурғро аз хаво фурў меоварад ва чуду сахояш дар мартабае, ки хилъату неъмату зар, ки медодамаш, хар бор гирифт ва берун овард ва ба мутрибони ман бахшид. Шеъру истеъдод ба мартабае, ки касе бо вай бахс натавонад кард.

Писари вазир «кали боғбонро» чандон таъриф кард, ки падарашро хаваси дидани кал шуд. Бархост ва ба хизмати подшох омад ва арз кард, ки фардо ба тамошои боғ меравем. Дарсоат фаррошон ба боғ рафтанд ва обу чоруб карданд ва фаршхо бигустаронидaнд. Чун рўз шуд ва шох оханги боғ кард ва ба боғ шуда, дар болои маснад биншаст ва мачлис биёростанд ва мутрибони хушовоз рудхо соз карданд ва соқиёни симинсоқу бодахои равоқ бо овози чангу чаґона ва пуртумтароқ ба гардиш даровардaнд ва маҳбубони хушлиқо ба самоъ даромаданд, шохи Яманро мутрибе буд, ки ўро Хайи мутриб гуфтандй, дар ахди худ беназире буд. Чун мачлис гарм шуд, шохи Яман Хайро бифармуд, то барбат бар канор гирифт ва бо овози хазин ин ґазалро буньёд кард:

Байт:

Чун андалеби дилшуда аз субх то ба шом,
Бар бун ёр нола чу ман мекунй мудом.
Айб аст нола бар дили ушшоқ з-он ки хаст
Бе рўи ёр зиндаґй бар ошиқон харом.

Дар фасли навбахор назар кун ба сӯи гул,
К-аивои мехнат аст маро, дод хосу ом.
Шохи чаман занем шабе чун ба боғбон,
Хар субҳдам бадар шавад аз об кавни снём.
Булбул забон ба мадхати гулшан кушода буд,
Аз чаври лола теғи забон бар ниёми ном.
Гар ошиқй, чун зи ғами хачр дилкашон,
Бинвоз чангу барбату баргир зуд чом.

Чун мутриб ин ғазалро тамом кард, шох бисьёр хушхол шуд. Баъд аз он пири боғбон ба шохзода гуфт:

— Эй писар, имрӯз подшох барои ту ба боғ омадааст. Бархез ва чоман кӯхнае, ки дорй бипӯш ва як табак гул ба хизмати подшох бар, то туро назар кунад ва махрам шавй.

Шохзода бархост ва гуле чанд рангоранг бичид ва табакро пур кард ва ба хизмати подшох бурд ва замини хидмат ба лаби адаб бибӯсид ва назар бар замин ниход. Шох назар андохт калеро дид. Аз боғбон пурсид, ки:

— Ин чи кас аст?

Пири боғбон гуфт:

— Эй худованди рӯи замин, ин шогирди ман аст ва дар боғбонй даст дорад.

Вазир гуфт:

— Бифармо, то самоъ бикунад.

Пири боғбон ишорат ба шохзода кард ва шохзода пеши мутрибон рафт ва чаҳорпора бистад ва барбати мутрибон рост кард ва чунон ракосй кард, ки тамоми ахли мачлис писандиданд. Пас шох «кал»-ро пеши худ талабид ва бо дасти худ шароб дод. Шохзода замин бибӯсид ва пиёла бистад ва бинӯшид ва дар миёни мутрибон рафта биншаст. Шох рӯй ба вазир карда, гуфт:

Кали пурхунараст.

Вазир гуфт:

— Эй шохи олампанох, чунин шунидаам, ки кал илми мусикиро нек медонад.

Шох фармуд, то рубобро ба дасти «кал» доданд. Шохзода бистад ва дусоз кард ва ин ғазалро буньёд кард:

Байт:

Ман чй дар пои ту резам, ки худро набувад,
Сар на чизест, ки шоистаи пои ту бувад.
Хуррам он рӯй, ки дар пои ту бошад хама умр,
Ин набошад магар он вакт, ки рои ту бувад.
Зарра-зарра хама аъзои мани мискинро,
Ки на он зарра муаллак ба хавои ту бувад.
То туро чой шуд, эй сарви равон, дар дили ман,
Хеч касро набувад он ки ба чои ту бувад.

Чун «кали боғбон» ин ғазалро тамом карда буд, ки «Бораккаллоҳ» аз тамоми мачлис баромад. Шоҳ рӯй ба «кали боғбон» кард ва гуфт:

— Ҳеч сози дигар метавонӣ навохт?

Шоҳзода хизмат кард ва гуфт:

— Ҳар кадом, ки шоҳ бифармоянд, бинвозам.

Шоҳ бифармуд, то чангро ба шоҳзода доданд. Шоҳзода овоз баркашид ва ин ғазалро бихонд:

Байт:

Ҳар шаб дили ман чунон бисӯзад,
К-аз сӯзи дилам чаҳон бисӯзад.
Сад хирмани дил агар нихад сабр
Бахри ту ба як замон бисӯзад.
Ту чони манӣ, кучот ҷӯям?
Эй чону чаҳон, ту чон бисӯзад.
Дар оташи чон чунон бисӯзам,
То бахр дар он миён бисӯзад.

Чун шоҳзода ин ғазалро тамом кард, шоҳ рӯй ба вазир кард ва гуфт:

— Ман ҳаргиз овозе бад-ин хубӣ нашунидаам. Дарег, агар ин кал набудӣ!

Бифармуд то як даста хилъат бо ҳазор динор ба назди «кали боғбон» ниҳоданд. «Кали боғбон» замини хидмат бибӯсид ва бистад ва ҷумларо ба мутрибони шоҳ бахшид. Пас чумла ҳама дӯсти «кали боғбон» шуданд.

Шоҳзода чун саргарм шуд, анкоро дар канор ниҳод ва ин ғазалро хонд:

Байт:

Зихӣ, чун рашки кадат сарв ғаштай чу баланд,
Чафои бехуда бар ошиконе худ мапасанд.
Зи хачри рӯи ту чонам ба лаб расид охир,
Бисоз бо маци мискини хаста рӯзе чанд.
Умеди васли ту мебошадам, асири ғамат
Ба як шиканчи сари зулфи ту шудам дар банд.

Чун «кали боғбон» ин байтро хонд, шоҳи Яман бисьёр таъриф кард ва фармуд, то як даста хилъати хос ба «кал» дод ва «кал» дуои ҷондаровни шоҳи Яман ба ҷой овард ва боз тамоми хилъатхоро ба мутрибон бахшид. Шоҳ дар саховати щоҳзода мутаачҷиб бимонд. Ишорат кард, ки:

— Эй кал шатранҷ метавонӣ бохт?

Гуфт:

— Андаке медонам.

Шоҳ фармуд то шатранҷ биёварданд ва надимеро фармуд, ки дар шатранҷ бохтан ҳамто надошт, ва «кал» буньёди шатранҷ бохтан кард.

«Кали боғбон» шатранҷ мебохт ва ин ғазал буньёд кард:

Байт:

Зи ҳад гузашт чудой миёни мо, эй дӯст,
Чи чора созаму вохасрато, вовайлоҳ.
Бад-он расид, ки з-ин киссаам бибояд кард
Зи дасти гардиши чархи кабуди чомаснёх.
Чи асптозй ба мо мекунад дар ин арса,
Чи кардаам, ки наям ман зи чурми ҳуд огоҳ.
Ба пои фили ғамам мекунанду метарсам,
Ки ҳам намояму фарзин нагирадам ногоҳ.
Ҳазор чора кунам, то рухе ба даст орам,
Мабод бар сарам ояд ба кин, бикӯбад шоҳ.
Чй гӯямат, ки чи бо боз мекунад тиху [1],
Чи гӯямат чи бо шер мекунад рӯбоҳ.
Кй дид ойинадоре ду ойина бар даст,
Ниҳод номи яке офтоб, дигар моҳ.

Чун шоҳзода ин ғазалро тамом кард ва надими шоҳро мот кард, шоҳи Яман ҳаҳ-ҳаҳа бихандид ва бад-ӯ офарин кард. Вазир гуфт:

— Эй шоҳи олам, шумо низ бо кал як даст бибозед, ки бозии шоҳон навъи дигар аст.

Шоҳ «калро» гуфт:

— Биё то як даст шатранҷ бозем.

Шоҳзода хизмат кард ва гуфт:

— Эй шоҳ, ман лойки он наям, ки ба подшоҳ шатранҷбозй кунам.

Шоҳ гуфт:

— Боке нест.

Подшоҳ бо шоҳзода пеш омад ва буньёди бохтан кард. Надимон гуфтанд:

— Ҳоло аз шоҳ шатранҷ хоҳад бурд.

Шоҳзода аз аклу дониш, ки дошт сахв мебохт, то шоҳ «кали боғбонро» мот кард. Шоҳ фармуд, ки то ҳазор динор ва як даста хилъати мулукона биёварданд ва бо «кали боғбон» доданд. «Кал» замини хидмат бибӯсид ва эҳтиром ба чой овард ва хилъатро боз ба надимони шоҳ бахшид ва ҳазор динор зарро ба пири боғбон бидод ва гуфт:

— Шоҳо, ин пири боғбон устоди ман аст ва хурмати устод бар шогирд вочибу лозим аст.

[1] *Тиху* — кабк.

Шоҳ дар аклу фаросату киёсати шоҳзода ҳайрон бимонд ва вазираш гуфт:

— Чунон менамояд, ки ин чавони асл аст, ки аз он чиҳат бо ҳамаи хунарҳо оростааст.

Шоҳ пурсид, ки:

— Дабирӣ медонӣ?

Гуфт:

— Филҷумла.

Шоҳ фармуд, то давоту калам орарданд. Шоҳзода бистад ва ин рубоиро бинвишт:

Рубоӣ:

Эй макони сахову чуди карам,
Қиблаи офтобу фахри умам.
Тирагуи хасидат ҳамчуи давот,
Сарнагуи бад душманат чу калам.

Чун шоҳзода ин рубоиро бинвишт, дар хизмати шоҳ бурда ниҳод. Чун подшоҳ он хатро бидид, бар вай офарин кард. Вазирону надимон даст ба даст мегардониданд ва ҳайрони хати шоҳзода шуда буданд, ки калеро бо ин хунарҳо чи кор.

Шоҳ гуфт:

— Дар саворӣ, эй кал, чизе медонӣ?

Гуфт:

— Эй шоҳи олам, дар ҳеч хунар нест, ки дахле надорам, Аммо мавқуфи маҳаласт, ки чунон гуфтаанд, ки:

Фард:

Дило чон бохтан даъвии чандоне, ки ёр ояд,
Шавад маълум коре ҳар ҳасе дар вакти кор ояд.

Пас шоҳ рӯй ба вазир кард ва гуфт:

— Ин кал лоиқи боғбонӣ нест.

Вазир гуфт:

— Эй шоҳи ҷаҳон, ин кори боғбониро худ қабул кардааст.

Шоҳ фармуд ҳар сол дах ҳазор динор ва се даста хилъати хуб Эростаи мулукона ба ӯ муайян карданд, ки ба «кали боғбон» бидиҳанд. «Кал» замин бибӯсид ва гуфт:

— Шоҳо, ҳасудон ногоҳ ҳасад баранд ва маро дар боғ нагуворанд.

Шоҳ фармуд, ки то шамшери хосаи шоҳро ба «кали боғбон» диҳанд. Пас рӯй ба «кали боғбон» кард ва гуфт:

— Ҳар ки туро бигӯяд, ки аз боғ берун рав, ба ҳамин шамшер, ки туро додаам, гарданаш бизан, агарчи фарзандону дилбандони ман бошанд.

Баъд аз он шоҳ пири боғбонро талабид ва супориши кулли ба пири боғбон кард, ва худ савор шуда ба шаҳри худ рафт.

Ходиме пеши малика омад, чандон таърифи «кал»-ро дар хизмати малика кард, ки духтар нодида ошики ӯ гардид. Пас малика ходими худро талабид ва аҳволи маҷлиси падараш ва «кали боғбон»-ро пурсид. Ва ходим ҷавоб дод, ки:

— Эй малика, бисьёр шоҳу шоҳзода ва малику маликзода дидаам, аммо ин ҳунарҳо, ки ин «кал» дорад, ҳеҷ подшоҳзода ин тарика ҳунарҳо надорад. Аввал, дар боби мутрибӣ тамом аст ва мутрибони падаратро гӯшмол дода, ҳеҷ кас бо ӯ як фасл натавонист, ки бинвозад ва хамаро хорич кард. Дуюм, ба нарду шатранҷ ҳама надимони шоҳро мот кард, чунон ки Лайлочро[1] шарҳ медод. Сеюм, бар хату қалам хамаро устод бувад ва чунон ки бо куввати панҷа барметобад ва (чаҳорум), чавонмардии ӯ ба мартабаест, ки Хотами Тойро бахил мехонад. Панҷум, ба хубрӯй ончунон аст, ки офтобу моҳтоб пеши рӯяш ҳичилу шармсор аст ва ҳануз гули рухсорааш ва сабзаи хати чамолаш ношукуфта ва сабзаи бӯстони гулистони изораш нодамида, чунончи, шоире дар ин боб гуфтааст:

Байт:

Аз ин маҳпораи обидфиребе,
Малонксурате товусзебе,
Ки баъд аз диданаш сурат набандад,
Вучуди порсоёнро шикебе.

— Эй маликаи хубон, он чи дар сифати кали боғбон гуфтам, аз ҳазор яке буд ва ҳар чи дар шаъни ӯ бигӯянд, ҳазор чандон аст.

Чандоне гуфт, ки духтар нодида ошику нигарони шоҳзода гардид. Чун шаб даромад, ҳазор хаёлу ҳавас дар дили духтар бархост, ба мартабае, ки токаташ тоқ гашт, ки натавон шарҳ дод. Чун рӯз шуд, духтар бархост ва ба хизмати падари худ рафт ва ичозат талабид, ки «маро ҳаваси боғ аст. Чанд рӯзе маро рухсат бидиҳед, ки хотирам мушаваш аст». Шоҳ духтарро дастурӣ дод. Пас мунодигареро талаб карданд ва фиристоданд, ки то мунодӣ кунад. Мунодигар мунодӣ кард, ки «вой бар он касе, ки фардо дӯкони худ рост кунад ё аз хонааш бурун ояд. Малика ба боғ хоҳад рафт!»

Рӯзи дигар духтар бархост ва бар маркаб савор шуд. Чунонки одати ӯ буд рӯй ба сӯи боғ ниҳод ва асбоби айш муҳаё кард

---

[1] *Лайлоч* — номи ихтироъкунандаи бозии шатранҷ.

ва дар миёни чаҳорболиши зарбафт такья зад ва анкоро баргирифт ва ин ғазал ба сӯзи дил оғоз кард:

Байт:

Диле шиканда, мурувват бувад, ки бозидиҳад,
Кӣ бозмедиҳад ин мӯстамандро дили реш?
Маҳи духафта асире гирифту дом намонд,
Ду хафта гашт, ки аз вай хабар надорам беш.
Рамидае, ки на аз хештан хабар дорад,
На аз маломати халку на аз насиҳати хеш.

Чун духтар ин ғазалро тамом кард ва чашм дар рӯи «кали боғбон» медошт, ки боғбон нав аст, албатта ба хизмат хоҳад буд ва «кали боғбон» сабре менамуд ва илтифот ба ҳоли духтар намекард ва ҳуш нишаста буд ва пиёлаи пуршароб дар пеши худ нихода буд ва шароб меҳӯрд, ки пири боғбон бад-он ҷо расид, гуфт:

— Эй фарзанд, бархез, ки духтари шоҳ ба боғ фуруд омадааст. Табаке гул бичин ва ба хизмати духтар бирав ва худро бигзарон, ки мансубаест нек нишастааст.

Шоҳзода бархост ва шоду хуррам гашт ва хамчу кабки дарӣ мехиромид ва ба гул чидан мерафт, ки ногоҳ ба сабзазоре расид, гуфт: «як дам осоиш кунам, то як мартабае хушьёр гардам ва ба хизмати духтар равам».

Пас замоне дар сабзазор бихуспид. Чун соате бигзашт ва «кал» наёмад, духтар бо доя гуфт:

— Эй доя, бархез, то ба гашт равем ва соате бигардем, баъд аз он ба ҷои худ бозоем.

Доя дарсоат дарьёфт ва гуфт:

— Эй малика, соате сабр кун, то ман ба гирди боғ бигардам, мабодо бегонае дар боғ бошад. Баъд аз он шумо ба гашти боғ биравед.

Пас доя бархост ва ба чустуҷӯй афтод, то ба шоҳзода расид, биншаст ва дар рӯи шоҳзода медид ва салавот мефиристод ва мурғи дилаш ба парвоз омад ва дил аз даст бидод ва соате нек дар рӯи шоҳзода нигоҳ кард. Шоҳзода аз хоб бедор шуд, дид, ки зане бар болини ӯ нишаста буд. Шоҳзода бархост ва бар доя салом кард. Доя ҷавоб дод ва гуфт:

— Эй ҷавон, ту чӣ гуна раъной, ки духтари шоҳи Яман ба боғ омадааст, ту форғ нишастай?! Бархез ва як табак гул бичин ва ба хизмати маликаи офоқ биёр, то туро назаре кунад ва чизе ба ту бахшад.

Шоҳзода гуфт:

— Ба чашм хизмат кунам.

Пас шоҳзода бархост ва камари хидмат ба гул чидан барбаст ва як табақ гули ҳафтранг ороста бичид ва ба хидмати духтар бурд ва бар духтар салом кард ва табаки гулро пеши малика бар замин ниҳод ва дуову сано ба ҷо овард. Духтар дар чамолу камоли ӯ нигоҳ мекард ва мушоҳида менамуд ва аз зери буркаъ мегуфт бо худ, ки «чанд дили мардум бибурдӣ, инак кале омад ва туро сайд кард». Шоҳзода аз зери чашм дар духтар медид, дар латофату малоҳату нозукии ӯ ҳайрон шуда буд ва ин ғазал мегуфт:

Байт:

Имрӯз муборакаст фолам,
К-афтод назар бар он чамолам.
Алҳамд худои осмонро,
К-ахтар, бурӣ омад аз ваболам[1].
Хобест магар, ки менамоям,
Бо ишва ҳамин дихад ҳаёлам?
К-ин бахт набуд ҳеч рӯзам
В-ин гул изшукуфт ҳеч солам.
Имрӯз бидидам он чи дил хост,
Дид он чи бихост бар сиголам[2].
Дигар чи таваккуф аст аз аём,
Чун бадри тамом шуд ҳилолам.

Чун шоҳзода ин ғазалро тамом кард, духтар бархост, чун товуси маст хиромидан оғоз кард. Бо тамоми доягону ходимону канизакон ба кӯшки хосаи шоҳи Яман рафтанд. Савдои ишки шоҳзода дар дили духтар афтода буд, рӯй ба доя кард, гуфт:

— Эй доя, мехоҳам, ки кали боғбонро аз наздик бубинам ва овози ҳазини ӯро бишнавам.

Доя гуфт:

— Саҳл бошад.

Бархост ва дар пеши шоҳзода омад ва гуфт:

— Эй ҷавонмард, духтари шоҳ сифати мутрибии туро шунидааст, мехоҳам ки барам ва созе чанд дар хизмати малика биновозӣ ва овоз баркашӣ, то бишнавад.

«Кал» гуфт:

— Бирраъс ва-л-айн.

Бархост ба ҳамроҳи доя дар зери кӯшк омад ва биистод. Доя бар кӯшк баромад ва бо духтар гуфт:

— Он чи фармудӣ, ба тақдим расондам.

Духтар як буркаъ аз чамолаш барандохт ва яки дигар бигзошт ва фармуд то «кали боғбонро» биёварданд.

---

[1] *Ваболо* — душворӣ, сахтӣ.
[2] *Сиголо* — андеша.

Пас «кал» даромад ва хидмат кард ва биистод. Духтар ишорат кард бо доя, ки ўро биншон. Доя ўро биншонд ва гуфт:

— Созе бинвоз.

«Кал» ангушти қабул бар дида ниҳод. Шоҳзода рубобро аз миёнаи созҳо баргирифт ва соз кард, бинвохт, то малика бо сад гўшу хуш мешунид ва шоҳзода ин ғазалро оғоз мекард:

Байт:

Эй зи рашки бўи зулфат мушк хор,
Нури хуршед аз ҷамолат шармсор.
Эй зи рўят турраи гулбарг тар,
Сўзи ишқат ошиконро ғамгусор.
Шўрише андар бани одам намонд,
З-он ду чашми ниммасти пурхумор.
Зулфи мушкинат зи мушки тар хуш аст,
Хоки рах шуд нофи оҳуи татор.
Парда з-он рухсораи худ боз кун,
Пас нигаҳ кун дар ямину дар ясор [1].
То набинй ошикон дар ҳою хуй,
То бубинй бедилонро бекарор.

Чун шоҳзода ин ғазалро тамом кард, духтар фармуд, ки то чангро бинвозад ва ба мақоми «Ҳусайнй» ин ғазалро бихонд.

Байт:

Ман кй бошам чу висоли ту таманно дорам,
Чи хаёл аст дигарбора чи савдо дорам.
Худ гирифтам, ки зи ишки ту бимирам сад бор,
Коми дил хостан аз лаъли шумо медорам.
Гуфтай чон ба чй арзад, ки зиёне дорад,
Чи кунам дўст, ки ман чону тан он чо дорам.
Акси хуршед, ки бар хок фитад, боке нест,
Ки ба дил орзўи он каду боло дорам.
Ту тавонй, ки зи ман рўй никон медорй,
Ту мапиндор, ки ман даст зи ту бардорам.

Чун шоҳзода ин ғазалро тамом кард, хурўш аз дили духтару доя ва канизакон баромад. Духтар бад-ин буд, ки ҷоман худро пора кунад ва наъраре бизанад, аммо худро нигоҳ медошт. Пас духтар аз ғояти сўзе, ки дар ҷигар дошт, даст зад ва бурқаъ аз ҷамоли бокамолаш дарандохт.

Шоҳзода чун он рўю мўй бидид, бими он буд, ки сад ҳазор наъра бизанад ва худро ҳалок кунад. Духтар канизакро гуфт, анқоро биёвард, бўса дод ва пеши малика бар замин ниҳод ва малика анқоро баргирифт ва дар канор ниҳод ва буньёди дилрабой бинвохт ва ин ғазалро дар «Ҳусайнй» бихонд:

---

[1] *Ямину ясор* — чапу рост.

Байт:

Офарини худой бар чонат,
Ки чи ширин лабасту дандонат.
Ҳар киро гум шудааст Юсуфи дил,
Гӯ бубин дар чаҳи занахдонат.
То кай ин бӯстони руҳонӣ,
Гила аз дасти бӯстонбонат.
Булбулонем як нафас бигзор,
То бинолем дар гулистонат.
Гар ҳазорам чафову чавр кунӣ,
Дӯст дорам ҳазор чандонат.

Чун духтар ин ғазалро бихонд, шоҳзода наздик буд, ки худро чаҳор пора кунад, фарьёду зорӣ баровард. Духтар дигар бор анкоро аз канор бар замин биниҳод ва чангро баргирифт ва чандин ғазалҳои ошиқона ба сӯи шоҳзода ишорат карда мехонд ва асрори муҳаббати худро ошкоро сохта чангро бар замин ниҳод ва ишорат бар шоҳзода кард, ки:

— Мехонам, ки шумо фасле навозед.

Шоҳзода ангушт бар чашм ниҳод ва чангро баргирифт ва дар пеш ниҳод ва оҳанги навохтан кард ва чунин бинвохт, ки наздик буд, ки духтар беҳуш шавад ва ин ғазалро бихонд:

Байт:

Моро бихишт сӯҳбати ёрони ҳамдам аст,
Дидори ёри номутаносиб чаҳаннам аст,
Ҳар гаҳ ки дар ҳузури азизе ба сар барӣ,
Дарьёб к-аз ҳаёти чаҳон ҳосил он дам аст.
На ҳар ки гӯшу чашму даҳон дорад одам аст,
Бас девро ки сурати фарзанди одам аст.
Ҳаргиз ба ҳеч чиз чу сурат наҳӯрдаем,
Илло бад-он ду ёри мувофиқ, ки дарҳам аст.
Дунье хуш асту мол азиз асту дин шараф,
Лекин рафиқ бар ҳама, чуз ин, муқаддам аст.

Чун «кали боғбон» ин ғазалро тамом кард, духтар дар фикру андеша фурӯ рафт ва бо худ гуфт, ки «ҳаргиз ҳеч касеро ин воқиа пеш наомадааст. Чаро ки чандин подшоҳону подшоҳзодаҳо ба талаби ман омадаанд ва ҳама молу чаҳонро фидо карданд ва ҳеч кадомро кабул накардам, то оқибат ба доми кале афтодам. Кошки бар сараш мӯй будӣ ва низ бидонистаме, ки аз кучост ва писари кист». Ва духтар дар ин баҳр ғӯта хӯрда ва фурӯ монда буд, то лаҳзае баромад, аз шароб хушҳол шуданд. Духтар ба доя ишорат кард, то «кал»-ро бар тахт нишонданд ва аргунун заданд. Духтар бистад ва бинвохт ва ин ғазалро бихонд:

Байт:

На он шаб аст ки бо мо бахона даргунчад,
Хадисхои дарозу фасона даргунчад.
Замона махрами асрори мо нахохад буд,
Замон чу мегузарад, кай замона даргунчад.
На ончунон ба ту машғулам, эй бихишти дил,
Ки ратли бодаву чангу чагона даргунчад.
Нишоти ишки ту дар чони банда чандон аст,
Ки гарчи шархи дарозам, ба нома даргунчад.

Чун духтар ин ғазалро тамом кард ва арғунунро бўса дод ва ба дасти «кали боғбон» дод, шохзода бистад ва бо хамон соз, ки духтар менавохт, буньёди навохтан кард ва ин рубоиро бихонд:

Байт:

Кунун ки рўй намудй, эй банда рўй манўш,
Ки дар хавои ту мондам, чунон ки дег ба чўш.
Махи духафта хуршед гир андар бар,
Агар ту маст дарой шабеям дар оғўш.

Чун шохзода ин рубоиро тамом кард, духтар даст зад ва чома бар тан чок кард ва фарьёд баровард ва дар ботини худ зор бигрист. Шохзода чун духтарро бад-он хол дид, ин абьётро бихонд:

Байт:

Хона имрўз бихишт аст, ки чонон ин чост,
Гў Сикандар, ки талаб, оби хайвон ин чост.
Хочати шамъ надорем ба шабхои дароз,
Вакти айш аст, ки он мохи дурахшон ин чост.

Чун шохзода ин рубоиро бихонд, замини хидмат бибўсид ва берун рафт. Духтар чун дид, ки шохзода берун рафт, об аз дидагон фурў борида, ин хасбулхолро бихонд:

Байт:

Ба худо, агар бимирам ки дил аз ту барнагирам,
Бирав, эй табиб, аз сар, ки даво намепазирам.
Хама рўз бо зарифон нанишастаиву хубон,
Сахаре бирав эй пешам, ки ба чон расид чонам.

Чун духтар ин байтхоро бихонд, сар ниход ва дар хоб рафт. Аз он чониб шохзода биёмад ва бар лаби хавз биншаст ва рубоб дар бар гирифт ва ин сурудро бихонд:

Байт:

Бикушад ба зору зўрй сари зулфи мушкрангаш,
Нанихам эй даст ин бор, агар оварам ба чангаш.
Сари зулфи ў бигирам, лаби лаъли ў бибўсам,
Ва мурод, агар натарсам зи ду чашми шўхи шангаш.
Чу мастй худ хичоб аз пеш бардошт,
Бо умеди он ки ёбам шакар аз дахони тангаш.

Ва шохзода ин сурод бихонд ва дар худ фурӯ рафт, ки саросӣ буд. Ва духтар чун аз хоби мастӣ бедор шуд, бифармуд, то маркабҳоро зин ниходанд ва савор шуданд ва ба шаҳр рӯй ниходанд.

Чун рӯй ба касри хеш овард, оташ дар ниходи духтар афтод ва ба омадани хеш пушаймон шуд, чаро ки аклу хушу чону тани духтар пеши «кали боғбон» буд. Доиро талаб кард ва гуфт:

— Кош имрӯз ҳам аз боғ намеомадам.

Духтар бо доя дар хикояти шохзода буданд. Ва баъд аз он шохзода ина аз хоб бедор шуд, пиндошт, ки малика ҳамчунон дар боғ аст. Ва чун маълум шуд, ки духтар ба шаҳр рафтаст, гиреву нола баровард ва худро бар замин зад ва зор-зор бигрист ва дар фироқи малика месӯхт ва мегуфт:

Байт:

Дурӣ аз ёр ахтиёрӣ аст,
Лек мофо зи бахт ёрӣ аст.
Чи кунам бо ситеза рӯзе чанд,
Чора ало ки сонгорӣ аст.
То бигӯяд, ки на тухи шабу рӯз,
Кор чуз иллаҳом зорӣ аст.

Чун шаб даромад, доя духтарро дид, ки сар ба зонуи тафаккур ниходаст ва дар андеша фурӯ рафта ва оҳи чонсӯз мекашад.

Доя гуфт:

— Эй нури чашми модар, туро чи шудаст, ки чунин ҳалӯҳкӣ? Агар розе дорӣ, бо мани ҳ:р маёи ор ва бигӯй, то ба чон бар он амр кӣем намоям.

Духтар оҳи пурдарде аз маёни чон бармашид ва гуфт:

— Эй модар, чӣ гӯям, ки ногуфтанам бехтар аст. Забон дар ҳалқи посбони сар аст ва аз гуфтани ин сухан шарм медорам. Аммо дил султон аст. Чун дил аз даст рафта, аз чумла ҳаёо ҳарф бармеоҳад. Бидон, эй модари ба чон баробар, ки ман бар кали боғбон ошиқ шудаам. Тадбири ман бисоз, вагарна ҳалоқ мешавам.

Доя чун аз духтар ин сухан бишнид, донист, ки духтар бесаҳр бекарор шуда. Духтарро тасаллӣ дод ва гуфт:

— Эй чони модар, ман ҳарф туро бисозам, аммо ту сабрро ҳар фармой, то ҳаҳиқати кали боғбон маро маълум шавад.

Ин бигуфт ва бархост ва аз пеш даромад ва рӯй ба боғ нихад. Чун ба дари боғ расид ва дари боғро кушода дид, даруни боғ даромад ва пештар рафт, чунон ки дари боғбонро ёфт ва гирди боғ мегашт ва «кали боғбонро» металабид. Ногоҳ дар ман-

ни боғ ба канори ҳавз расид «кал»-ро дид, ки бар лаби ҳавз нишаста буд ва қадаҳи шаробе дар пеши худ нихода буд ва шароб мехӯрд. Ва доя оҳиста омада дар паси гулбутае биншаст ва нигоҳ мекард ва дилро тасаллӣ медод, ки ногоҳ кал шикамбаро аз сари худ берун кашид. Доя чунон дид, ки мӯи мусалсали анбаринро ба дуру марворид мукаллал[1] чун мушку анбар, ки агар фурӯ мегузоштӣ, то соҳи по мерасидӣ ва чун рахо кардӣ, то пошнаи по мерасидӣ. Чун доя он холро бидид, соате аз ҳуш бирафт. Чун ба ҳуш бозомад, ҳазор бор аз он ошиқтар ғардид, ки аввал буд ва бархост дуздида аз боғ берун омад ва рохи қасрро пеш гирифт. Шоҳзода чун зулфи мусалсалро дар зери шикамба пинҳон кард, дар фироқи маликаи офоқ ин ғазалро огоз кард:

Байт:

Зиҳӣ саодати ман, ғар ба боғ ой боз,
Ду ҳафта шуд, ки намебинамат, кучой боз?
Агар туро ғами ман нест, ин ачаб набвад,
Ман аз ту даст надорам, ту бевафой боз.
Ҳавои боғ чу дӯзах намоядам бе ту,
Гилаш биҳишт шавад, чун зи дар дарой боз.
Қасе, ки ҳол надонад, маломатам гӯяд,
К-аз ин ҳавои табиат маро наёбӣ боз.

Аммо чун доя аз аҳволи шоҳзода хабар ёфт, бо худ гуфт: «Ҳеч мужда бех аз ин нест, ки наздики малика равам ва ӯро аз кали боғбон хабардор кунам». Пас наздики духтар рафт ва аҳволи «кали боғбонро» арз кард. Чун духтар ин сухан бишнид, қарору ором аз вай бирафт ва бим буд, ки худро ҳалок кунад. Доя гуфт:

— Эй ҷони модар, сабр кун, ки маро ба хотир чизе мерасад, ки ин ҷавон подшоҳзодааст, овозаи ҳусну ҷамолу камоли ту шунида, омадааст. Ин корхову хунарҳо ҳама кори подшоҳзодагон аст.

Духтар гуфт:

— Эй доя, пас тадбири кори ман чист?

Доя гуфт:

— Эй ҷони модар, сабр кун.

Ва ин байтро бихонд:

Байт:

Ишқ варзидан хилофи рохи аҳли дониш аст,
Тифл хурмо дӯст дорад, сабр фармояд ҳаким.

Духтар изтироб мекард. Доя гуфт:

— Эй духтар, тадбир он аст, ки ходимеро маҳрам фармой,

[1] *Мукаллал* — пироста, оро дода, дурахш дода.

то биравад ва шаб кали боғбонро биёрад ва аҳволи ўро камоҳакка бидонем ва бозгонем, ки ин пўстро барои чи пўшида ва дар сар кашидааст ва мақсудаш аз ин чист?

Духтар чун аз дея ин тадбир шунид, бисьёр хуш омад, дарсоат ходимеро, номаш Ёкут буд, талабид. Ў хизматгори деринаи малика буд ва эътимоди куллй дошт. Ўро сару пой дод ва дилдории бисьёр дод ва гуфт:

— Эй Ёкут, бирав ба боғи шоҳ ва дар ин ҷо кале ҳаст, шогирди пири боғбон, мегўянд дар илми мусикй бисьёр доност. Маро ҳавас аст, ки аз вай чанд чизе ёд гирам. Баъд аз намози шом бирав ва ўро гирифта биёр, чунончи ҳеч кас надонад.

Ёкут замин бўса дод, гуфт:

— Фармон маликарост.

Пас шом шуд, Ёкут бар маркаб савор шуд ва рўй ба боғ нихода, бирасид. Пири боғбон бар дар нишаста буд, дид, ки Ёкут даррасид ва пири боғбонро салом кард ва пир ҷавоб дод ва бар пой хост ва таъзим намуд ва гуфт:

— Фуруд оед.

Ёкут гуфт:

— Мачоли фуруд омадан нест ва кали боғбонро, ки шогирди туст, мехоҳам.

Шоҳзода дар боғ нишаста буд, дид, ки Ёкут даррасид. Суроҳии шароб пеши худ нихода буд ва чанг менавохт ва ин рубоиро мехонд:

Рубой:

Бе ту, эй чони ҷаҳон, сабр надорам нафасе,
Нест чуз хўрдани андўҳи нигорам ҳавасе.
Мондаам бар дари умеди ту умрест табоҳ,
Бо умеде, ки дихад васли ту борам нафасе.

Баъд аз он ки шоҳзода ин рубоиро тамом кард, ходим салом дод. Шоҳзода ҷавоби салом дод ва гуфт:

— Чи кор ва чи хидмат аст?

Ходим гуфт:

— Шогирди пири боғбон шумоед?

Шоҳзода гуфт:

— Бале.

Ёкут гуфт:

— Маликаи хубон шуморо талаб кардааст.

Шоҳзода ангушт бар чашм нихода ва бархост ва савор шуд, бо Ёкут, рўй ба хизмати малика нихода. То ба дари ҳарами духтар расиданд, Ёкут пештар ба хизмати духтар рафт ва гуфт:

— Эй малика, кали боғбонро овардаам.

Малика ишорат ба доя кард, ки «ўро биёр».

Доя чун ба хизмати шоҳзода расид, бар вай салом кард ва дасташро ба даст гирифт ва дар ҳарамхона овард ва ба зери лаб механдид ва ин байтро мехонд:

Байт:

Мужда, эй дил, ки ёр бозомад,
Бо хазорон хумор бозомад.
Сад хазорон сипос эзидро.
Ки бидидам, ки ёр бозомад.

Чун «кали боғбон»-ро доя биёвард, духтар ишорат кард, то хону таом биёварданд. Шоҳзода сар дар пеш андохт ва чизе намехўрд ва дар арақ ғарқ гашта буд. Духтар гуфт:

— Пеш биншин ва таом бихўр.

Шоҳзода аз духтар ин сухан бишнид, ўро маълум шуд, ки эшон аҳволи ўро маълум кардаанд, хушдил шуд ва чиз хўрдан гирифт, чунон ки духтару доя дар таом хўрдани шоҳзода ҳайрон шуданд ва дар одоб нигоҳ доштани шоҳзода. Хонсолоронхон гирифтанд. Духтар забон баркушод ва гуфт:

— Эй писар, ба ҳақи ҳамин нону намак, рост бигў, ки аз ин ҳаракат мақсуди ту чист ва пўст чаро дар сари худ кашидай ва асли ту чист?

Шоҳзода гуфт:

— Эй духтар, чй мегўй?

Духтар гуфт:

— Инак, ки мешунавй.

Шоҳзода чун донист, ки розаш ошкоро шудааст, забон баркушод ва аҳволи худро бар эшон арза дод, аз аввал то ба охир ҳар чиз аз сари ў гузашта буд. Гуфт:

— Эй малика, он чи аз ишқи ту кашидам, ҳайҳот ки шарҳ он натвонам кард ва ин пўст аз барои сир кашидам. Акнун, алҳамдулиллоҳ, ба дидори муборакат мушарраф шудам.

Духтар чун аз шоҳзода ин сухан бишнид, чун гул бишкуфт ва ишорат ба доя кард, ки як даст хилъати гаронмоя биёвард бо кулоҳу камарбанди мурассаъ. Доя дархол бирафт ва он чи малика фармуда буд, ҳозир гардонид. Пас шоҳзода бархост ва хилъат бипўшид ва камар дар миён баст ва тоҷ бар сар ниҳод ва бар тахт қарор гирифт. Аммо он ҷоиаи кўҳна ва он пўстро ба доя супурд, ки «инҳоро нигоҳ дор, ки охир рўзе ба кор ояд». Пас малика бар шоҳзода ҳар замон нигоҳ мекард ва он ҳусну ҷамолро мушоҳида мекард, ки яки ў сад чандон шуда буд. Оҳ аз ҷони духтар баромад ва ҳазор бор аз он ошиқтар шуда буд, ки пас бифармуд, то шароб оварданд ва маҷлис биёростанд ва ба айшу

ишрат машғул шуданд ва маҳбубони латифу бодаҳои зарифу ҷомҳои шариф ба ёрони хариф дардоданд ва мутрибони хушнаво овозҳои пурсадо оғоз карданд.

Шоҳзода рубоб дар бар ниҳод ва дар навозиш дароварда, ин ғазалро меҳонд:

Байт:

Саодат ёру иқболам карин аст,
Ки ёре чун ту бо ман ҳамнишин аст.
Магар шуд чашми бахт аз хоб бедор,
Ки дидам чашми ҳоболудан ёр.
Туро мебинаму бовар надорам,
Ки ин давлат расонад рӯзгорам.
Шаҳон дар орзуят ҷон бидоданд,
Сарон бар ҳоки кӯят сар ниҳоданд.
Расад васлат ғадоеро муҳол аст,
Бале, донам, ки ин фурсат чи ҳол аст.
Магар мастии мо аз хоб будаст,
Дар он ҳолат ҳаёлат раҳ намудаст.

Чун шоҳзода ин ғазалро тамом кард, духтар рубобро бистад ва рубобро бӯса дод ва бар канори худ ниҳод ва ин ғазалро буньёд кард:

Байт:

Туй баробари ман ё хаёл дар назарам,
Ки ман ба толеи худ ҳаргиз ин гумон набарам.
Чу илтимос барояд, ҳалоқ боке нест,
Кучост тири бало, гӯ биё, ки ман сипарам.
Суҳан бигӯ, ки бегона пеши мо кас нест,
Ба ғайри шамъ ҳамин соаташ забон бибурам.
Миёни мову ту чуз пирахан нахоҳад монд,
Дигар ҳиҷоб бӯд, то ба доманаш бидарам.

Чун малика ин ғазалро тамом кард, давре чанд пиёлаи шароб гардон шуд ва мастон гаштанд ва ҳиҷоб аз пеш бардошта шуд.

Байт:

Чу мастӣ худ ҳиҷоб аз пеш бардошт,
Ҳирад роҳи високи хеш бардошт.

Пас ҳар ду даст ба якдигар карданд ва ба хӯрдани меваҳои ширин машғул гаштанд. Аммо шоҳзода ҳалолзодагӣ ба ҷой меовард, ба бӯсу канор аз малика хушнуд гардида буд ва ишрат мекард, ки ба ногоҳ овози кӯсу садои табл баромад.

Шоҳзода аз духтар пурсид, ки:

— Ин чи ғавгост ва ҳою хуи наъраи шермардону наҳангон меояд, маро маълум гардонед.

Дояи малика гуфт:

— Эй шоҳзода, бидон ва огоҳ бош, ки ин ҳою ҳуи подшоҳи Мағрибзамин аст, ки ба ҷанги шоҳи Яман омадааст ва лашкари бисьёр бо худ оварда ва як моҳ бошад, ки шоҳи Яман низ яроқи ҷанг мекунад.

Байт:

Рӯзи ҷангасту ҷанг бояд кард,
Тарки номусу ҷанг бояд кард.
Шиками гову пушти моҳиро
Бар сари нӣзаи ранг бояд кард.

Шоҳзода бо малика гуфт, ки:

— Ҳеҷ ғам маҳӯред, ки имрӯз корҳо бикунам, ки мардони мард майдондориву саворӣ ва муборизаи аз ман биёмӯзанд ва ҳазрати парвардигор муродамро аз ин барорад.

Ин бигуфт ва ишорат ба доя кард, ки:

— Он ҷомаи кӯҳнаи маро биёваред ва як даста силоҳи мардона ва як маркаби хуб, то берун равам ва бо ин лашкаргоҳ корзоре кунам, ки бозгӯянд.

Малика чун ин сухан бишнид, шоҳзодаро дар бағал гирифт ва сару чашмашро бибӯсид ва ишорат кард, ки то маркабони номиро ба ҳ^ҳ^ри шоҳзода оварданд. Шоҳзода маркаби хуберо аз миёни маркабони дигар писандид ва ба дасти худ зин бар ӯ ниҳод ва тангу зертанги маркаб ба танг баркашид ва бар китволи ӯ барнишаст ва ҷавшан дарпӯшид ва кулоҳҳуд бар сар ниҳод ва чилу чаҳор пора аслиҳаи мардӣ бар худ рост кард ва бӯса бар сару рӯи духтар зад ва азми майдон кард.

Чун рӯз равшан шуд ҳар ду лашкар рӯй дар рӯи якдигар оварданд ва сафҳо баркашиданд ва мардони мард азми майдон карданд ва шоҳзода аз тарафи лашкари шоҳи Яман ҳарбу зарб оҳанг кард. Чун дар миёнаи майдонгоҳ даррасид, даст ба гурдагоҳ баровард ва як тантанаи наъра аз ҷигаргоҳи худ баркашид, ки бими он буд, ки пардаи афлок аз ҳамдигар пора шавад ва дили шермардони майдон биларзид ва ҷигари сарҳангон аз фиғону нолаи саъб бидарид. Шоҳзода чун ба миёни маъракаи расид, пиёдае чанд аз он лашкари душман рӯй ба шоҳзода оварданд. Шоҳзода теғ аз ниём баркашид ва рӯй ба пиёдагон биёвард. Чун бо эшонон бирасид, якеро бар камар зад ки чун хиёри[1] тар ба ду ним кард ва якеро бар гардан зад, ки сараш ҳамчун гӯй даррабуд ва якеро дар зери бағал зад, ки сару дасташ бияндохт. Пиёдагони дигар чун он зарби даст бидиданд, гурезон шуданд ва ҳазимат бар эшон афтод ва шӯрише дар миёни онҳо пайдо гар-

---

[1] *Хиёр* — бодринг.

дид. Чун лашкари шохи Яман он дастбурду муборизиро бидиданд, мутааччиб бимонданд ва гуфтанд, ки:

— Ин чавоне, ки дар майдон аст, оё кадом шермард аст, ки ин мардй карда истодааст?

Охир чун маълум карданд, ки ин кали боғбон будааст ва хабарро ба шохи Яман оварданд, ки ин чавони шердил, ки майдондорй мекунад кали боғбон аст, ки инак лашкари душманро бар хам шикаст, шохи Яман шод шуд ва маркаби худ пеш биронд. То шохзода наздики шохи Яман бирасид, аз маркаб пиёда шуд ва рикоби шохро бибўсид. Шохи Яман низ сару рўю чашми шохзодаро бибўсид. Шохзода боз оханги майдон кард ва аз лашкари шохи Мағриб муборизе хост. Саворе аз калби лашкар берун омад чун Сикандар, номи ў Кашон марде муборизу пахлавон буд бо созу яроки тамом, бонг бар «кали боғбон» зад ва гуфт:

— Агар мардй, пой дор, то туро дастбурде намоям, ки аз хеч муборизе надида бошй!

Шохзодаро оташи ғайрат кор кард ва камони очкабзаи обьёргўша аз кирбон[1] баровард, тире аз тиркаш баркашид ва наъраеи бизад ончунон ки шоире гўяд:

Байт:

Бимолид чочй камонро ба даст,
Ба чарми гавазн андар овард шаст.
Баровард тире ба пайкон чу об,
Нихода дар ў чахор парри укоб.
Чу бўсид пайкон сарангушти ў,
Гузар кард аз мўхраи пушти ў.
Кашонй хам андар замон чон бидод,
Ту гўи ки харгиз зи модар назод.
Казо гуфт тиру кадар гуфт дех,
Фалак гуфт ахсан, малак гуфт зех!

Чун Кашон аз пой даромад як муборизи дигаре чун кўхе берун омад, бар маркаби гароимояе савор ва дасте силохи мардона бар худ рост карда ва найзаи фўлодй бар курраи маркаб нихода, наздики шохзода омад ва бонг бар шохзода зад ва бар якдигар дарафтоданд. То қариб шаст ҳамла миёни эшон раду бадал шуд. Оқибат шоҳзодаро оташи ғайрат бичунбид, найзаро ба гирди сари худ бигардонид ва чунон лаъбу лоибиро ба чой оварда, бар миёни муборизи мағрибй зад, ки қариб панчоҳ газ аз пушти маркаб дур афтод. Шохи Мағриб чун он хангома бидид, дар хашм шуд ва бонг бар маркаби хинг[1] зад ва ба майдон даромад.

---

[1] *Кирбон* — тиркаш. Ин чо ба маънии ғилоф омадааст.
[2] *Хинг* — сафед.

Ва чунин гўянд, ки шохи Маѓриб марде буд, ки аз мардони чаҳонаш ҳанда омадй ва ба рўзи масоф бо ҳазор мард мукобил будй. Бонг бар шоҳзода зад ва гуфт:

— Ҳар ки маро донад, донад ва ҳар ки маро надонад, шиносои номи хеш гардонам. Манам подшохи Маѓриб, ки мардони олам лофи мардй аз ман зананд. Акнун лаҳзае пойдорй кун, ки то зарби дасти мардони мардро бубинй.

Чун шохи Яман шохи Маѓрибро дар миёни майдон дид, ки бо ў шоҳзода дар ҳам овехта шуда, гуфт:

— Ба худои азза ва чалл ...агар кали боѓбон шохи Маѓрибро бияфканад ва ҳалок кунад, маликаро ба занй ба вай диҳам.

Шохи Яман дар ин сухан, буд, ки шоҳзода маркабро барангехт ва теѓро ҳамчу катраи об бикашид ва касди сари шохи Маѓриб кард. Шох сипар дар сар кашид ва аз бим чун мўҳра, дар зери сипар пинхон шуд.

Шоҳзода чунон бар сараш зад, ки сипар ба ду ним шуд. Шохи Маѓрибро сипараш аз зарби шамшери шоҳзода бидарид ва теѓи шоҳзода фуруд омад ва бар маркаби шохи Маѓриб расид, сари маркабаш ба дур афтод ва шоҳзода хост ки бар сараш битозад ва ўро даст бибандад, ки навкарони шохи Маѓриб сари маркаб кашиданд, шохи Маѓрибро савор карданд. Шохи Маѓриб дар ҳашм шуда теѓ баркашид ва бар болои сар бурд, ки ба шоҳзода занад. Шоҳзода сипар дар сар кашид ва зарби шохи Маѓрибро рад кард ва теѓи шоҳ аз кабзааш бишкаст. Шохи Маѓриб чун дид, ки теѓаш шикаст, даст зад ва гурзро аз карбуси[1] зин баркашид ва ба каҳр рафт, ки гурзро бар сари шоҳзода занад ва ба хок яксон намояд. Чун гурз дар болои сар бурд, ки бар шоҳзода занад, шоҳзода зери баѓали шохи Маѓрибро холй дид, теѓи ҳиндиро зери баѓали шохи Маѓриб зад ончунон ки як дасташ бо ҳамрохии сараш дар хок афтод. Лашкари подшохи Маѓриб чун бидиданд, ки подшохи эшон кушта шуд, баякбор ҳамла бар шоҳзода оварданд. Аз ин тараф шохи Яман маркаб дар миёни майдон тохт ва лашкари шохи Яман аз чой бичунбиданд ва ба ҳамдигар бирехтанд. Лашкари шохи Маѓриб баякбор рўй ба ҳазимат ниходанд ва лашкари шохи Яман мебастанд ва мекуштанд ва ѓорат мекарданд ва «кали боѓбон» наъразанону мардафканон дар кафои лашкари Маѓриб мероид ва метохт. Лашкариёни «ал-амон — ал-амон» — гўён мегаштанд ва мегуфтанд. Пас шохи Яман амонашон дод ва ҳама дар пои шохи Яман афтоданд. Шохи Яман лашкариёнро бубахшид ва ба «кали боѓбон» расид ва аҳсант гуфт:

---

[1] *Карбус — кўҳан зин.*

— Эй кал, рахмати худо бар мардиву мардонагии ту, ки тамоми лашкари Мағрибзаминро танҳо ҳазимат додӣ ва офарин бар ту бод ва бар мардии ту!

Пас лашкари подшоҳи Яман чандон ганимат аз лашкари подшоҳи Мағриб гирифта буданд, ки ба васфу баён рост наёяд. Пас шоҳзода чун аз ҷанг фориғ шуд, пиёда гашт, дар пеши шоҳи Яман омад ва рикоби шоҳи Яманро бибӯсид. Шоҳи Яман ӯро дар бағал гирифт ва сару чашмашро бӯса дод ва умарову вузаро ва аркони давлату аъёни ҳазрат, ҳама бар вай офаринҳо карданд. Баъд аз он амирону вазирон рӯи шифоат бар замин ниҳоданд ва гуфтанд:

— Алваъдату дайн — ваъдаро вафо. Сухани худованд яке бошад?

Шоҳ гуфт:

— Бале. Чун ба шаҳр расем, кори ӯро бисозем.

Чун ба шаҳр расиданд, шоҳ бифармуд, то тамоми шаҳри Яманро ойин бубастанд ва дар бозорҳову маҳалҳо мутрибону чангиён ба айшу ишрат мегузарониданд. Як моҳ чун хафта баромад. Хатибону ҳозиёнро талаб карданд ва малика Фахруннисоро ба шоҳзода акди никоҳ бастанд ва неъмати бешумору моли бисьёр нисор карданд ва садака ба ятимону мустаҳаккон[1] доданд. Баъд аз он ҳамон шаб малика Фахруннисоро ба шоҳзода доданд. Шоҳзода то як моҳ аз ҳарамсаро бурун наёмад ва бо малика айшу ишрат ба сар мебурданд. Баъд аз як моҳ бурун омад ва дар хидмати шоҳ рафт. Шоҳи Яман шоҳзодаро эъзозу икром кард ва эҳтиром намуд ва фармуд, ки як даста ҳилъати гаронмояи подшоҳона ба шоҳзода пӯшониданд. Пас шоҳи Яман бифармуд, то маҷлиси базм биёростанд ва ба шароб хӯрдан машғул шуданд. Пас дар аснои базм ва ихтилот рӯй ба шоҳзода кард ва гуфт:

— Эй фарзанд, аҳволи худро ба мо бигӯй, ки аз кучой ва аз кадом мардумӣ ва ин ҷо чӣ гуна афтодӣ?

Шоҳзода гуфт:

— Маро дастурӣ деҳ, то ба ҳаммом равам ва бозоям, баъд аз он аҳволи худро дар хизмати шоҳ арза диҳам.

Шоҳ бифармуд, то ҳодимон таште ва офтобаи зарин биёвардаанд ва колинчаи зарбафти абрешимӣ баргирифтанд ва дар хизмати шоҳзода ба ҳаммом бурданд.

Шоҳзода чун сару тани худ бишуст ва мӯйсари худро бофтаву тофта аз ҳаммом бурун омад, як даст ҷоми мулукона бипӯ-

---

[1] *Мустаҳаққ* — мӯҳтоҷ.

шид ва тоҷи мурассаъ бар сар ниҳод ва камари каёнӣ бар миёнаш барбаст ва бар маркаби хоси шоҳи Яман савор шуд ва ба хизмати шоҳ омад. Чун шоҳи Яман рӯю мӯи шоҳзода бидид, бархост ва бо тамоми надимону амирону вазирон истиқбол карданд, то шоҳро салом кард. Шоҳ ҷавоби салом боздод ва дасти ӯро бигирифт ва оварда дар паҳлӯи худ бар тахт биншонд ва гуфт:

— Ба ҳаки он худое, ки моро бар ту ба ҳам расонидааст, ки аҳволи худро ба ман бознамой, то маро аҳволи ту маълум шавад, ки аслу насаби ту аз кучост.

Шоҳзода хидмат кард ва гуфт:

— Эй шоҳи олам, ман фарзанди подшоҳи Форсам ва номи ман Маҷидулмулк аст,— ва аҳволи худро аз аввал то ба охир ба хизмати шоҳ арза намуд.

Чун шоҳи Яман аҳволи шоҳзодаро маълум кард, дигарбора шоҳзодаро дар бағал гирифт ва сару чашмашро бибӯсид. Амирону вазирону касоне, ки мукарраби шоҳ буданд, тамомӣ биёмаданд ва дасти шоҳзодаро бибӯсиданд ва зар нисор оварданд ва бар сари ӯ рехтанд. Шоҳи Яман дигар бор бифармуд, ки то шаҳрро ойин бастанд ва чиҳил рӯз ба айшу ишрат машғул шуданд. Ва баъд аз он шоҳзода баъд аз як сол ба хидмати шоҳи Яман омад ва иҷозат хост, ки «ба шаҳри Форс меравам, то дидори падару модару дӯстонро бозбинам. Агар шоҳ дастурӣ диҳад дигар бор ба хидмати ҳазрати подшоҳи олампаноҳи анҷумсипоҳ бозоям». Шоҳи Яман иҷозат дод ва бифармуд, то яроқи шоҳзода бигиранд ва дувист руус аспи тозӣ маа зини зарин ва сад шутури нар дар зери чиҳоз кашиданд ва сад канизаки румиву чиниву ҳабашӣ биёварданд ва дувист ғуломи хочасарой ва аморие аз чӯби сандал рост карданд ва ба дебои румӣ аз зари сурх мурассаъ карданд ва камар аз зари сурх дар гирди аморӣ кашиданд ва дурдонаҳои қиматӣ дар ӯ нишонданд ва ба муддати як моҳ чумлаи корҳоро сохта гардониданд ва мунаҷимонро гуфтанд, то рӯзи нек ихтиёр карданд ва малика Фахруннисоро дар маҳди зарин нишонданд ва азми роҳ карданд. Шоҳи Яман бо тамоми лашкар савор шуданд ва як манзил роҳ бо ишон бирафтанд. Баъд аз он видоъ фармуданд ва бисьёр аз фироқи фарзанд гирьяву зорӣ карданд ва бо дили сӯзон бозгардиданд.

Ва аз он тараф аз шоҳзодаву маликаву хидматкорон шунавед, ки чунон ки рӯй ба шаҳри Форс ниҳоданд, шабу рӯз роҳ мерафтанд. Манзилу мароҳил тай намуда, ба сарҳади Форс расиданд ва подшоҳи Форсро хабар доданд, ки шоҳзода Маҷидулмулк ба саодату ба саломат омад. Падари шоҳзода хуррам шуд ва бо тамоми амирону вазирон ба истиқболи шоҳзода бурун ома-

данд. Чун ба ҳам расиданд, пиёда гаштанд. Шоҳзода чун ба наздики падар расид, аз маркаб фуруд омад ва пои падарашро бибӯсид ва модари шоҳзода чун ба аморӣ расид, пиёда гашт ва ходимон домони аморирро баргирифтанд то дар аморӣ рафт. Малика Фахруннисо чун модари шоҳзодаро дид, бархост, хидмат кард ва дасташро бибӯсид ва модари шоҳзода ӯро дар каноръш гирифт ва сару чашмашро бибӯсид. Баъд аз он савор шуданд, то ба дари шаҳр расиданд. Падари шоҳзода ҳукм карда буд, ки шаҳрро ойин бубанданд ва ойин хуб баста буданд. Чун ба шаҳр дарсмаданд, амирону вазирон ичозат талабиданд ва ҳам дар он мачлис подшоҳ ангуштарини худро ба ангушти шоҳзода бикард ва бар чои худ бар тахт биншонд ва амирон муборакбод гуфтанд ва подшоҳ ба савмиа рафт ва ба ибодат... машғул шуд. Чун ваъдаи ҳақтаоло расид ба чавори раҳмат пайваст. Мачидулмулк муддати чанд сол подшоҳӣ кард ва аз малика Фахруннисо фарзандон шуд. У ва эшон низ аз хокдони фано ба дорулбако рехлат карданд, чунончи, ин ҳикоят аз эшон ёдгорӣ бимонд. Гуфтаанд, ки

Байт:

Ҳар ки омад ба чаҳон, аҳли фано ҳоҳад буд,
Он ки пояндаву боқист, худо ҳоҳад буд...

ҲИКОЯТИ МУЗАФФАРШОҲ ВА ГАНҶАМЕҲРИ ПАРӢ

Назм:

Хосил аз катъи амал аз банди дунёё растан аст,
Рӣшта чун кӯтоҳ шавад, фориғ зи кайди сӯзан аст.
Дар ғубори сина доғи ишқ месозам нихон,
Ҳамчу ахгар зери хокистар чароғам равшан аст.
Мардро бисёрӣ лутфи мурабби душман аст,
Абр чун туғёни борон кард, барки хирман аст.
Ҳар кучо дидам сохибдавлате дарвеш буд,
Дасти деҳқон гар тухӣ бошад, зи тухм афтодан аст
Ин кадар андешаи роҳи фано аз бахри чист?
Бастани рахт аз чахон, рахти сафар барбастан аст.
Мошда танҳо орзуманди саодат гаштаем,
Шамъ ҳам аз завки шамшерат саропо гардан аст.

Сухансанҷони гулистони нуктасарой ва шерозабандони бӯстони дилкушой бад-ин ойин тазвичу тазйин намудаанд, ки дар вилояти Рум подшоҳе буд, инони тасхираш бар сари тавсани

сабзхинги фалак расида ва каманди тасарруф дар гардани рӯзгори саркаш афканда, аз бими оташи шамшери баркосараш бодро захраи он набуд, ки ба мухолифат бар рӯи гул вазад ва аз ҳайбати синони чонситонаш куввати он надошт, ки бар рӯи хок кач тавонад рафт.

Байт:

Зи адлаш чонҳо мазлумон сахаргоҳ,
Фаромуш кард тирандозии ох.

Ин шоҳро писаре буд, ки малики камарӣ дар айём пардадоре мисли он зеботалъат бар рӯи кор наёварда ва модари дахр дар маҳди рӯзгор чунон некӯхӯе бо ин хубӣ напарварда.

Байт:

Ба ширинӣ малоҳатдастгоҳе,
Ба мулки хубрӯй подшоҳе.

Дар айёми давлати падар шабу рӯз бо ҳамсолону ҳамҳолон ба ишрат машғул буд. Шоҳ аз барои писари худ касре бино намуда буд, ки сар бар фалаки нилгун кашида, чанд дар ба хушкиву чанд дари дигар ба чониби дарьёбор, ки хар дар кушояд, дар олами хастӣ тамошое намояд, ки ғуборе дар хотири ойинааш намонад.

Рӯзе он шоҳзода даре, ки дар тарафи биёбон буд, боз кард, каландаре ба назараш даромад, ки шитобон ба шахр меояд. Касони худро фиристод, ки он чаҳонгарди хомуннавардро пеши ман оред аз вай суоле кунам, аз равиши рӯзгор ба ман хабаре диҳад.

Хизматгорон давиданд ва наздики каландар расиданд, паёми шоҳзодаро расониданд, ки туро талаб намудааст. Он бесару по забон ба такаллум кушода, гуфт:

— Ин либос аз бахри он дар бар кардаам, ки аз ҳукумати халқ[1] халос бошам, касеро бо ман коре набошад.

Байт:

Каландарваш зи шарми бенавоиҳои буди худ,
Задам хуеву беруи рафтам аз шахри вучуди худ.
Кифоят нест кори худпарастон ки мебурдам,
Камони ҳалка бекор аст аз ғайби сучуди худ.

Ҳарифон нагузоштанд ва ба хизмати шоҳзода оварданд. Каландар аз дар даромад, шоҳзодаро бо ин хусну чамол мушоҳида кард, беихтиёр ба таъзимаш кадам пеш ниҳода, дар хаки ӯ дуои хайр кард. Шоҳзода низ марҳамат аз ҳад зиёда наму-

[1] Ин чо халқ маъниии «офарида» дорад.

да, ўро нишонида, аз асбоби неъмат он чи буд, муҳайё сохт, ҷашни мулуконае орост. Баъд аз фароғи сўҳбат гуфт:

— Эй ҷаҳонгарди ҳомуннавард, дар ин сайру саёҳат чӣ фахмидай ва аз тамошои олам чӣ кайфият ҳосил кардай? Гадой дар баробари шоҳӣ гуфтаанд:

Байт:

Маро тарки талаб сармояи соҳибкулоҳӣ шуд,
Ки качкули гадой вожгун шуд, тоҷи шоҳӣ шуд.

Инсони бемаърифат ҳайвонест одамсифат. Саре, ки аз савдо холист, гирдуест[1] бемағз. Дили аз андеша холӣ, хубобест бар рӯи об. Чашме, ки ашк нафишонад, ойинаест хубу зиштро надонад.

Байт:

Миёни зоҳидони хушк камтар аҳли дил биниӣ,
На ҳар ҷо устухоне ҳаст, мағз андар миён дорад,

Қаландар гуфт:

— Шоҳзода, дар ҳаки ман шароити мехрубонӣ ба ҷой овардӣ ва дар маҳфили фирдавсмакони худ бор додӣ, бидон, ки муддати сӣ сол аст, ки ба саёҳат умр ба сар бурдаам, тачрибаҳо ҳосил кардаам.

Байт:

Марди хирадманди ҳунарпешаро,
Умр ду бор аст дар ин рӯзгор,
То ба яке тачриба омӯхтӣ,
Бо дигаре тачриба бурдӣ ба кор.

Рӯзе бо ҷамъи корвонӣ ба роҳе мерафтем, роҳи мухотира[2] буд. Мардум дувист рӯз ором нагирифтанд, баъд аз он ба чое фуруд омаданд. Ман ба канорае рафта ба хоб муқайяд шудам, хобам рабудааст. Вакте чашм кушудам, ки ҳама рафтаанд, ниман рӯз шудааст, офтоб гармӣ карда. Саросемааҳвол аз ҷой бархостам. Реги равон буд, пои корвон бархам хўрда. Ночор ба тарафе равон шудам ва рох мебуридам... То се рӯз рох рафтам, корам ба ҳалокат расид, аз ҷон даст шустам, умеди начот надоштам. Ба ҳангома бар хомаи реге баромадам, назар кардам, чаҳорбоғе намудор шуд. Худро ба ҳазор машаккат ба чаҳорбоғ расонидам, макоми фараҳбахш дидам, чашми би-

---

[1] *Гирду* — чормагз.
[2] *Мухотира* — хатарнок.

нандагони рӯзгор дар зери фалаки даввор чунин сарзамине мушоҳида нанамуда.

Байт:

Дар ин бӯстон ҳар барги сабзеро, ки мебинӣ,
Агар бар хеш печад, ғунчаи дил метавонад шуд.

Худоро шукр кардам, аз алвони меваҳо мехӯрдам, то шаб бар сари ҷанг даромад, мурғи зарини офтоб аз шоҳсори Сурайё худро ба қафаси арзӣ кашид, зоғи киргуни шаб худро аз домани фалак берун овард, худро бар болои чаноре ки дар атрофи ҳавзе буд, кашидам, ба хоб сар ниҳодам. Вақте назар кардам, ки аз ҷонибе биёбон аждарҳое пайдо шуд, ки аз ҳайбаташ замин меларзид, ду чашми чун машъал афрӯхта, оламеро ба нафаси худ сӯхта, аз дари чаҳорбоғ даромад, бар дарахте, ки ман будам, сари худро дар зери он дарахт ниҳод, думи худро аз атрофи ҳавз гардонида, сарро болои дум нихода, дар хоб шуд. Ҳайрони кори худ будам, ки акнун аз ин ҷо чӣ гуна начот меёфта бошам. Шунида будам, ки аждарҳо чиҳил рӯз дар хоб меравад. Бад-ин андеша хобам рабуда. Вақте чашм боз кардам, ки аждарҳо рафтааст. Аз дарахт фуруд омадам, овозҳои ачаб ба гӯшам расид. Дар ҳайрат будам, ҷамъе омада маро гирифтанд ва гуфтанд:

— Туро чи ҳад мерасад, ки дар ин манзил кадам нихӣ!— гуфта, гирифта роҳӣ шуданд. Аммо касеро намедидам. Ба касре бароварданд, дар хонае даровардaнд, ки овози нағмаи дилпазири ширин ба гӯш мерасид. Овоз баромад, ки:

— Сурма ба чашми ӯ кашед, ин макомро мушоҳида кунад.

Чизе дар чашми ман кашиданд, чанд қатра об аз чашми ман фуруд омад. Чашм кушудам, мачлисе дидам, арӯси гетӣ аз оғози ҷилвагарӣ то ҳангоми пирӣ бо ин оростагӣ тасаввур накарда. Хонае чун дили сиддиқон мунаввар ва макоме чун оинаи ошиқони ба васл расида ва тахте пур аз сим, дар бару атрофи ӯ хурсифатон нишаста... Дар пешгоҳи хона назар кардам, ҳурлиқое дидам, ки кайфияти хубӣ аз хубони олам рабудӣ, мусаввари маъниӣ сурати хубиро дар олами хок ба ин тароват нанамуда, ки то бинандагон ангушти ҳайрат дар дахан гиранд, забон аз таърифи ӯ қосир ояд, ба калам тахрири баёни ӯ натавон кард.

Байт:

Дар он мачлис, ки аз мастӣ рухат токатгузор афтад,
Агар шамъи тачалло ҷилва афрӯзад, ба кор афтад.

Зи захми ханчари алмос пахлу мекунад холй.
Чи хохй кард, агар корат ба мижгони дароз афтад?
Илочи ман хамон аз чашми бемори ту мебояд,
Кучо дарди мухаббатро Масехо чорасоз афтад.

Аз дидани ӯ даст аз дил додам ва ба нигохе пушт бар девори хайрат ниходам, оташ дар дилам афтод, дуд аз димоғам баромад. Чун маро ба ин холат дид, лаб ширин кард, гуфт:

— Эй саргашта, баргӯй, дар ин холат чарой?

Байт:

Аз кучо мерасй, хаёли ту чист?
Ин чи хол аст, муддаои ту кист?

Гуфтам:

— Саргардоне будам, рох гум карда ба ин чо афтодам.

Гуфт:

— Туро, фармоям, ки ба водии ободонй бурда гузоранд, бар миёни мардуми худ зиндагонй кун.

Ох аз ниходам баромад. Гуфтам:

— Хуб он аст, ки дар зайли бандагон бошам, аз ин маком берун наёям, ки аз зиндагй бахрае нахохам ёфт.

Гуфт:

— Эй бехудагард, харгиз зиндагонии ту дар ин маком рост наёяд. Сари худ гир, сомон талаб кун.

Харчанд зорй кардам, фоида набахшид. Ба девнажоде фармуд, ки ӯро ба иклими одамиён бурда гузор.

Фарьёд баркашида гуфтам, ки:

— Эй бемурувват, чаро дар хаки ман зулм мекунй?

Байт:

Ба кучо равам, зи дардат чи даво кунам, чи чора,
Чигари кабоб дорам, дили сад хазор пора.

Билохир фармуд, ки:

— Сурати маро бар коғаз накш карда ба ӯ бидихед, ки аз барои тасалло бо худ нигох дорад.

Коғазро бар ман супориданд, маро аз манзил берун овардаид, гуфтанд:

— Ин розро бо кас магӯй, ки туро амон нахохем дод.

Деве даст бар камарам зад, маро ба вилоят оварда гузошт. Харчанд атрофи оламро гардидам, ин ғам аз дилам берун наёмад. Аз бекарорй чун сипанд ба чое карор наметавонам гирифт.

Байт:

Чонсахтии диламро белод мешиносад,
Кадри ситамкашонро Фарҳод мешиносад.
Дорад нигоҳи ошиқ иксири ошиқӣ,
Чашмат ба ҳоки ҳар кас афтод, мешиносад.

— Ба биёбонҳову бешаҳо гардидам, суд надошт. Ба ин вилоят аз бекарорӣ расидаам, маро ба хизмат талаб намудӣ, камоли марҳамат дар бораи ман кардӣ, аз он чи дидаам суол кардӣ. Ин аст воқиаи ман, ки мешунавӣ.

Шоҳзода суратро талаб кард, гуфт:

— Ичозат надодаанд.

Ба тавраш нагузошт, суратро гирифта боз кард, ҷамоле дид, ки аз ҳодис дур, тамом ихтиёр аз даст дод. Тири мижгони ҳадангаш ранҷа дар ҷонаш фиганд, оҳе кашид, аз ҳуш бирафт...

Дар ин ҳангома буд, ки гирдбоде омада, қаландарро рабуда, сууд карда, ба фалаки кабуд баромада рафт. Дар ин воқиа ҳайрон шуданд. Шоҳзода дар фикри кори хеш ҳайрон бимонд.

Байт:

Ишкро сабр мухол аст, инонгир шавад,
Кӣ шунидаст ҳаистон қафаси шер шавад?

Ҳарчанд андеша кард, илоҷ наёфт, ба ғайр аз тамошои сурат коре намедонист. Мардумон дар тадбири кораш дармонданд.

Байт:

Ҳазор ҳайф, ки сарфи бутони раъно нест,
Дурӯза умр, ки имрӯз ҳаст, фардо нест.

Оқибат ба занҷири чунунаш кашиданд. Диданд, ки давое надорад, насиҳаташ карданд, судманд наёмад, ба ихтиёраш гузоштанд.

Шоҳзода Музаффар сар дар биёбони чунун ниҳода, аз иқлими падар берун рафт, фироқаш дар ҷони муштоқон монд.

Байт:

Агар васлаш муяссар шуд, умеди зистан дорад,
Вагарна дар ғамаш ҷон медиҳам имрӯз ё фардо.

Дар биёбонгардӣ умре ба сар мебурд, аз мақсуди нопайдо ҳеҷ асаре пайдо набуд. Ашки надомат аз дида бирехт, бар ҳоки ноумеди биёфтод, ба даргоҳи қозиюлҳоҷот ба нола даромад... ки аз гарди роҳ қаландаре пайдо шуд, пеши шоҳзода омада, аз кайфияти аҳволаш пурсид. Музаффаршоҳ саргузашти хеш такрир кард. Гуфт:

— Ҳамроҳи ман рафиқ бош, туро ба манзили мақсуд расонам ва аз ин саргаштагӣ раҳонам. Шоҳзода бо ин паём сар дар пайи ӯ ниҳод, ҳар ду роҳӣ шуданд. Қаландар дар миёни сахтӣ оварда, ба рафтор даромад, роҳ мебурид. Баъд аз даҳ шабу рӯз бар болои хомаи реге омада истод, гуфт:

— Эй Музаффар, ҳеҷ медонӣ, ки туро аз барои чӣ ин ҷо овардаам? Ин мақомро биёбони Саргардон меғӯянд, касе аз ин ҷо берун натавонад омадан. Ман меравам, дигар ту донӣ.

Музаффаршоҳ ҳарчанд фарьёд кард, ки «аз ин кирдор чи матлаб дорӣ?», ҳеҷ нагуфт, дар роҳ даромад. Шоҳзода ҳам аз ақиби ӯ мерафт. Ханда карда меғӯфт:

— Ту бо ман ҳамроҳӣ наметавонӣ кард.

Қадам тез ниҳода аз назари шоҳзода дар соате пинҳон шуд. Шоҳзода дар миёнаи биёбон танҳо монд, чашми ашкфишону дили пурхурӯш мерафт. Ногоҳ назар кард, дарахти чинори солхӯрдае дид, сар бар фалаки қамарӣ кашида.

Байт:

Ба соки арш соки ӯ ҳамоғӯш,
Фалакро ҳамчу тифлон баста бар дӯш.
Аз ӯ гови замин дар додхоҳӣ,
Зи реша шохаи куллоби моҳӣ.

Шоҳхои ӯ хушк шуда, бар сари он дарахт ошьёнае, бар болои ошьёна мурғе ба сурати зоғ, аммо бузургминқори сурхи тезчанголе. Чун шоҳзодаро дар зери дарахт дид, аз ошьён парвоз карда фуруд омад, чанг дар камари шоҳзода зада, бар ошьёни худ бурда гузошт. Фасле сар дар миёни бол кашида, баъд аз он сар бардошт, гуфт:

— Эй одамизод, туро худои таоло тӯъмаи ман карда будааст, ки ин ҷо афтодӣ. Филҳол аз ту пештар сайде хӯрдаам, аз хоб бархоста, туро хоҳам хӯрд ва порае сар фурӯ бурд.

Шоҳзода дил ба марг ширин карда истода буд, соате назар кард, аз ҷониби биёбон ҷамъе аз саворон пайдо шуданд, либосҳои сурх дар бар, туфангҳо дар бозу афканда. Дар зери дарахт омада, инони аспон кашиданд, гуфтанд:

— Эй ҷавон, ин ҷо чӣ гуна афтодӣ? Худро аз ҳамон ҷо афган, мо мегирем.

Шоҳзода назар кард, роҳе дид, ки имкони начот надорад. Ҳарчанд саъй карданд, қабул нафармуд. Ночор дареғ гуфта, рафтанд. Шоҳзода пушаймон шуд, ки чаро худро напартофтам, шояд мегирифтанд. Дар ин афсӯс буд, ки боз чиҳил ҷавони сафедпӯш пайдо шуда, дар зери дарахт омаданд, ҷилави таковаронро кашиданд, гуфтанд:

— Эй чавон, ин чо аз мо пештар касон гузаштанд?

Гуфт:

— Оре.

Гуфтанд:

— Онхо чй гуфтанд?

Гуфт:

— Гуфтанд, ки худро афган, мегирем, ман напартофтам, дарег гуфта, рафтанд.

Инхо низ саъй карданд, ки акнун худро афган, мо мегирем. Дид, ки имкони зинда мондан надорад, кабул нанамуд. Ночор тирхо андохтанд, карибй ошьёни зоф расида буд, ки пайкойи тир об шуда, бар замин рехт. Афсўс хўрда, гузаштанд.

Боз шохзода пушаймон хўрд, ки боистй худро мепартофтам, хар чи рўй медод. Дар ин тафаккур буд, ки боз чиҳил чавони сиёхпўш пайдо шуданд, омада гуфтанд:

— Худро афган, мо мегирем.

Шохзода гуфт:

— Аммо имкон надорад.

Гуфтанд:

— Гайр аз моён акнун касе нахохад омад, тўъмаи зоф хохй шуд. Бидон ки моён аз чинси паризодем. Ин зоф чодуи одамихўр аст, куввати мо бо ў намерасад. Агар парвоз созем, то карибй ошьёнаи ў метавонем рафт, аммо харсаи бар ошьёни ў баромадан надорем. Агар ту худро афганй, ханўз як заръ[1] рох фуруд номада, парвоз карда туро мегирем.

Шохзода гуфт:

— Пас парвоз кунед, ман бинам.

Яке аз эшонон бар болои таковар истода кадам бар садри зин зада, парвоз кард, то карибй ошьёни расид, баъд аз он рафта бар чои худ карор гирифт. Шохзода чашм пўшида, худро рахой кард, хамин микдор донист, ки дасте омада дар камараш расид, аз хуш бирафт. Баъд аз муддате ба хуш омад, дар биёбоне афтода. Бархоста дар рох даромада, ба чое омад, ки дарахте, дар болои дарахт кабўтаре нишаста дар хониш мукайяд. Назар карда истода буд, ки чавоне баромад, камоне дар бозу ва тире дар миён, тохта меояд. Наздики кабўтар расид, тир дар камон пайваст, ба чониби кабўтар андохт, дар синаи кабўтар зад, ки парон гузашт. Кабўтар дар замин бияфтод. Биёбонро то камари одамй оташ фурў ги-

---

[1] *Заръ* — масофаи рох.

рифт. Аз миёни оташ кабӯтар парвоз карда баромад, ба чои худ нишаст, боз ба хониш мукайяд шуд. Замоне гузашта буд, ки ҷавони сиёҳпӯше пайдо шуд, милтиқе дар даст, ба чониби кабӯтар андохт, бар синааш расид, бар замин афтод. Биёбонро хун то камари одамӣ фурӯ гирифт. Шоҳзода то камар дар хун ғарқ шуд. Қабӯтар аз миёнаи хун парвоз карда бар шохаи дарахт баромада нишаст. На аз оташ газанде ва на аз хун зараре расид. Аз ин ҷо даргузашт, ба парешонии тамом дар роҳ даромад, бар ҳоли хеш гирья мекарду мегуфт: «Надонам чи машраб[1] аст хубонро, ки чун дардмандеро вобаста ба каманди болобаландии хеш донанд, ойини ҷафову бевафой пеш оранд. Фалакро бо ман чи кина буд, ки ба доғи ҳиҷронам мубтало кард? На маро аз васли маҳбуб хабаре ва на ӯро бо ман аз роҳи марҳамат саре. Надонад, ки аҳволи ман чист ва саргардониям аз баҳри кист. Вақте буд, ки ҷинниён аз паям медавиданд, ба гардам намерасиданд. Сӯзи дили кадом сӯхтаҷон буд, ки интиқом аз ман кашид, ки биёбонро поёне нест, ин водиро манзил гум аст.

Байт:

Шиква аз ҳашмат балои чони мардум мешавад,
Хомӯшӣ аз сӯҳбати лаълат такаллум мешавад.
Шӯхи беларво, дил аз мо бурдай, ғофил мабош,
Ин гуҳар меафтад аз дасти туву гум мешавад.

Баякбор назар кард, чаҳорбоғе дид, ки аз фирдавс нишон медод. Ба таваччӯҳи тамом омада даромад, ба ҳар чониб мегашт, аз алвони мева мехӯрд. Чун шаб шуд, бар дарахте баромада дар хоб шуд, андеша дошт, ки ба ногоҳ дид, ки аждарҳое аз чониби биёбон омада дар чаҳорбоғ даромад, бар ҳавз расид, ба дастуре, ки қаландар гуфта буд, ба хоб рафт. Шоҳзодаро дар дил таҳаррук даромад ва хаёл дастони оташ дар миён андохт. Ба савдое он шабро ба сар бурд. Чун рӯз шуд, аз дарахт фуруд омад, бар лаби ҳавз истод. Чанд вакт буд, ки ба ғайр аз гиёҳ чизе нахӯрда, дид, ки моҳиён бар даруни ҳавз бозӣ мекунанд. Корде аз миён баровард, ки навъе карда моҳиеро ба корд зада гирад. Вақте буд, ки ба назараш моҳие даромад, аз ҳад афзун сурати дилпазир дорад. Кордро андохт, ба ҳалқи моҳӣ банд шуд. Бар даст гирифта, мехост, ки шиками ӯро пора созад, дид, ки аз чониби биёбон саворе тохта меояд, фарьёд мекунад, ки «даст нигоҳ дор!». Соате таваккуф кард, дар пеши шоҳзода омада, силлие дар

[1] *Машраб* — табъ, табиат.

рӯяш кашида, моҳиро аз дасти ӯ гирифта дар ҳавз партофт, гуфт:

— Бидон ки агар моҳӣ мурда бошад ту ҳамрохи харба[1] худ барҳам хохӣ хӯрд. Коидаи моҳӣ он аст, ки ҳар гох ки мирад, бар рӯи об мебошад.

Вакте буд ки ба рӯи об истод. Он савора теғ аз миён кашида, мехост, ки дар миёни шохзода занад, ки бар ду ниман баробар кунад, моҳӣ худро дар зери об кашид. Теғ дар ниём андохта, аспро савор шуда, ба ҷониби биёбон рафт. Дар ҳавз аз моҳиён асаре намонд. Вакте буд, ки овозе баромад, ки: «Ин хунгирифтаро гиред, ки кори ачибе кардааст». Порае расиданд ба шохзода дарафтоданд, гирифта рохӣ шуданд, бар болои касре баровардаанд, ба хонае даровардаанд, овозе омад, ки «сурмаи сулаймонӣ дар чашми ӯ кашед». Дар чашми ӯ кашиданд. Чун чашм боз кард, макоме дид, ки ҷамъе аз бародарони мохрӯ нишастаанд, хама парешонаҳвол. Аз пешгохи хона назар кард, дид, ки он маҳбуба, ки солҳои сол аз барои ӯ саргардон дар биёбон мегардид, дар болои тахте нишаста, аз ҳалқаш хун рохӣ шуда истодааст. Ба тарафи шохзода назаре кард, гуфт:

— Эй ҷавон, бисьёр камбахт будай. Баъд аз машаккати бисьёр, ки ба ин манзил расидӣ, аввал маро захми корде задӣ. Ин чи хол аст туро, ки пеш гирифтӣ?

Шохзода дар ҳайрат афтода гуфт:

— Агар медонистам, ки ту будӣ, албатта, кордро бар синаи худ мезадам, харгиз ин кор намекардам.

Фарьёд аз дил баркашид. Он парӣ гуфт:

— Эй ҷавон, ин афгони ту фоида надорад.

Ба деве фармуд, ки ин ҷавонро гирифта бурда ба ҷое гузоред, бубинам, ки чи ҳолат бар мо рӯ хоҳад дод.

Дев гирифта рохӣ шуд. Ҳарчанд зорӣ кард, ба ҷое нарасид.

Байт:

На ҳамин мезанад он навгули ҳандон аз ман,
Мекашад хор дар ин бодия домон аз ман.
Кумрии рехтаболам ба панохи кӣ равам?
То ба кай сар кашад он сарви хиромон аз ман.

Шохзодаро гирифта дар миёни дарьёе бурда гузошт, ки дар он ҷо на кадами одамӣ ва на кадами парӣ расидааст. Музаффаршох бо дили кабобу ҷигари сӯхтаву синаи аз ота-

[1] *Харба* — вслиха.

ши дурй афрўхта дар он ҷо бимонд. Чанд рўзе нолону гирьён мегашт ва мегуфт:

Байт:

Гирифт замзаман дил сипехри гардонро
Сафири фохтан ман гудохт кайвонро.
Зи сўзи синаи Яъқуб шикваҳо дорам,
Ки дар чудоии Юсуф сўхт Каъъонро.
Ба ҳайратам, ки Зулайҳо чаро зи рашк намурд,
Ки дод орази Юсуф фурўғ зиндонро.

Ва маҳраме ки рози дил гўям ва на ҳамдаме ки розу давои дарди худ гўям, на маро аз зиндагй бахрае ва на аз ҳаёт — самарае. Ва медонам чи одамам ва на аз кадом оламам. Ҳаётам ба нодонй, рўзгорам ба ҳайронй, пешаам ба саргардонй даргузашт. Рўзам — шаб, нурам — зулмат, хоҳишам хуни чигар, шишаи айшам бар санг, пои рафторам ланг.

Байт:

Хеч гоҳ дастам ба домонаш нагардид ошно,
Эй муҳаббат, хоқ бар сар бод таъсири туро.

Кораш ба чое расид, ки аз куввату рафтор бозмонд. Ба чое омад, ки хонае. Даруни хона назар кард, марде нишаста, маҳосин сафед, мижгон сафед, сар дар гиребони андеша фурў бурда. Музаффаршоҳ даромада салом дод. Пир тааччуб кард, гуфт:

— Эй чавон, аз кучой ва дар ин маком чй гуна афтодй, туро кй овард?

Шоҳзода қиссаи худро аз аввал то ба охир тамом кард. Пирро дил бисўхт. Шоҳзода гуфт:

— Акнун ту киссаи худро бозгўй, ки дар ин ҷо чи мекунй ва пешаат чист?

Гуфт:

— Эй чавон, бидон, ки мо ду бародарем, як бародар он чониби дарьё ва ман ин чониби дарьё мебошем, кодири пок ҳар кадоми моро ба хизмат амр кардааст, ки хаёту мамоти одамиёну париён ба дасти мо ду бародар аст. Ҳар гоҳ ки паризоде аз модар таваллуд кунад, бояд ки ўро ном нихад. Номи ў бар ин коғазҳо, ки мебинй, навишта мешавад, ман медонам, ки паризоде аз фалон вилоят ба олами вучуд омадааст. Ҳар гоҳ ки паризоде аз олам рехлат намояд, номи ўро аз коғази ман маҳв карда ба коғази ў навишта шавад. Пас донам, ки фалон парй бимурд ва номи ў аз коғаз бардошта шавад. Киссаи ман ин аст, ки мешунавй.

Шохзода дар зорӣ даромада гуфт:

— Номи матлубаи маро бубин, ки дар коғаз ҳаст ё на.

Пир гуфт:

— Хуб мешавад.

Дафтархоро боз кард ва сар то сар назаре кард, гуфт:

— Ҳазор дареғ, ки мурдааст, номи ӯ аз ин коғаз барҳам хӯрдааст.

Шохзода фарьёд баркашид ва аз хуш рафт. Вакте буд, ки деве аз дар даромада гуфт:

— Бархез, бар талаби ту омадаам.

Музаффаршоҳ даст бар доман бар зад, гуфт:

— Фикри ман чи хоҳад шуд? Дев омадааст, ки интиком аз ман кашад.

Пир гуфт:

— Эй чавон, хотир чамъ дор, ки сиҳат ёфтааст ва туро талаб месозад. Ман хостам, ки муҳаббати туро озмоям ва бубинам, ки чи миқдор меҳри ӯ дар сина дорӣ.

Байт:

Муҳаббат бо дили ғамдида улфат бештар гирад,
Чароғеро, ки дар сар дуд бошад, эуд даргирад.

Ҳеч ғам маҳӯр, ки номи ӯ навишта аст. Инак худ ҳам бубин.— Ба шохзода бинмуд, гуфт:

— Бидон, ки Ганҷамехр ном дорад. Зуд роҳӣ шав, ки дар интизори ту нишастааст.

Дев пушти худро арз кар-, гуфт:

— Савор шав, ки акнун бандаи туям.

Шохзода роҳӣ шуд...

Ровӣ гӯяд, ки шохзодаро дев ба сӯи Гулистон гирифта овард, дар болои каср гузошт, канизон ба хона дароварданд. Назар кард, Ганҷамехрбону бар тахт нишаста, бар зери ҳалқ рӯймоли заъфарон баста, забони ширин ба такаллуми рангин ошно карда гуфт:

— Эй одамизод, хуш омадӣ! Машаккати ман бисьёр кашидӣ. Ҳар чо, ки дили ту мехоҳад, нишин. Алғараз, мо аз ту, хона аз ту, чой аз ту.

Фармуд, ки дар зери тахт маснад афканданд, дар он чо шохзода биншаст. Либоси каландарӣ аз бар дур кард, точи мукаллал ба чавоҳири кимматӣ бар сар нихода, либоси шаҳриёрӣ дар бар, камарбанди подшоҳӣ бар камар устувор карда,

карор гирифт. Фармуд, ки бар рӯи ӯ ҷашне ороянд, ғубори кулфат аз дилаш дур шавад. Ҳама икромаш ба ҷо оварданд, камари хизматгорӣ дар миён баста, ҷоми шароб дар гардиш даровардaнд. Муғаннӣён ба нағмасарой мукайяд шуданд, нағмаи дилпазир месуруданд. Як-ду рӯз ба ин сурат зиндагонӣ карданд, Ганҷамеҳр гуфт:

— Эй Музаффаршоҳ, чи орзуе дорӣ?

Гуфт:

— Ин саргардонӣ аз барои он кашидам, ки аз васли ту баҳравар бошам, бокии умри худро дар хизмати ту гузаронам. Ҳар гоҳ ки ду соҳибхушро фалак бо ҳам карин гардонад, яқин ки гузаштани умрро надонанд ва комроиро ғанимат шуморанд.

Байт:

Ҳазор ҳайф, ки сарфи бутони раъно нест
Дурӯза умр, ки имрӯз ҳаст, фардо нест.

Гуфт:

— Эй Музаффаршоҳ, маро чанд суол аст, агар ҷавоб диҳӣ, туро хоҳам, вайлло аз хизматам дур бош, ки ҳобили сӯҳбат нестӣ.

Гуфт:

— Он кадом аст?

Ганҷамеҳр гуфт:

— Яке он ки талхи талх кадом аст ва ширини ширин кадом? Вайронӣ бисьёр аст, ё ободонӣ? Парӣ беҳтар аст ё одамӣ?

Шоҳзода гуфт:

— Талхи талх марг аст ва ширини ширин васли маҳбуб аст ва вайронӣ аз ободонӣ бештар аст, чаро ки обод ҳам вайрон шавад. Дигар дар ҳайрат афтод, ки одамиро беҳтар гӯяд, ё париро. Фасле тааммул кард, баъд аз он саре бардошт, гуфт:

— Парӣ беҳтар аз одамист.

Ин сухан писандаш афтод, гуфт:

— Акнун донистам ки хушьёр будай, рафики ман бош. Бидон, ки ҳамон вақте, ки дар ишқи ман ту гирифтор будӣ, аз аҳволи ту ман хабардор будам. Он қаландар, ки туро дар биёбони Саргардон бурда, ба дасти зор дод, порае одам фиристодам, ту худро аз дарахт напартофтӣ. Дафъаи сеюм фиристодам, ки гӯянд, ки мо паризодем, туро парвоз карда мегирем, баъд аз он худро партофтӣ, онҳо гирифтанд. Он зор ҷодуе буд одамихӯр, ҳар кас ба талаби ман барояд, он ка-

ландар бародари он ҷоду аст, ки ҳар касро дар биёбони Саргардон меандозад, зоҳ тӯъмаи худ месозад. Туро аз дасти онҳо начот додам. Дигар он кабӯтаре, ки бар дарахт дидӣ, ки чавоне тохта омада тир бар кабӯтар зад, ки афтод биёбонро то камари одамӣ оташ фурӯ гирифт, нишонаи рӯз буд, ки ҳар гоҳ ки рӯз шавад, олам оташин гардад ва маънӣ, мурғи парвозаш бар ҷо бошад. Он ки биёбонро хун гирифт, нишонаи шаб буд, ки чун шаб шавад, оламро хун фурӯ гирад. Онҳоро дар ин биёбон ба ту намуданд, то донӣ шабу рӯз ба чи сурат меҳузарад. Дигар маро ки ба корд задӣ, мохӣ гумон кардӣ, вале ман будам. Қоидаи мо ин аст, ки ҳар мохе худро ба сурати мохӣ карда, дар он ҳавзи об оббозӣ месозем, то бегазанд бошем, ки кохиши оламро тоб надорем.

Дигар фармуд:

— Қаландарро гирифта биёред, ки мувофики ҳавли худ ҷазои ӯро бидиҳем, то дигаронро ибрат шавад.

Вакте буд, ки гирифта оварданд. Музаффаршоҳ дид, ки хамон каландаре, ки тавсифи Ганҷамехрро кард ва сурати ӯро дода буд, занҷире дар гардану дастҳо баста. Ба деве фармуд, ки:

— Ин каландари бадкавлро бурда пора-пора созед, ки хилофи ахд кардааст. Гуфта будам, ки рози маро ба касе изхор насозӣ, сурати маро зинхор нанмой, ба ту намуд, саргардон кард, маро дар ташвиш афканд.

Каландар шохзодаро дид, гуфт:

— Ин роз ба ғайр аз ту ба дигаре нагуфтаам. Хуб аст, ки аз рохи ҷавонмардӣ маро халос диҳӣ.

Шохзода аз ҷой бархост ва дасти адаб бар пеш гирифт, гуфт:

— Мехохам, ки ин бандиро озод кунӣ ва некие дар ҳаҳ ӯ созӣ, то худо туро некӣ дихад, чунончи гуфтаанд.

Байт:

Ту некӣ мекуну дар дачла андоз,
Ки эзид дар биёбонат дихад боз.

Боз ба хизмати ту тамсиле дорам, бознамоям.

Ганҷамехр гуфт:

— Баргӯй.

Шохзода Музаффар гуфт:

— Дар мулки Чин подшохе чун ман писаре дошт. Он шохзодаро дил ба доми зулфи ҷодуваше гирифтор шуд, ки тамо-

[1] *Дачла* — дарьё.

ми карору ороми ӯ бирафт, оқибат дар бистари мариз афтод. Падар аз барои фарзанд ба падари духтар кас фиристод, истиқбол нанамуд гуфт:

— Аз иқлими худ фарзанди худро бурун нагузорам.

Харчанд таваччух намуданд, ба чое нарасид, ноилоҷ ба пеши писар омад, гуфт:

— Эй фарзанд, чи матлаб дар дил дорӣ, баргӯй?

Писар гуфт:

— Агар мехоҳӣ, ки зинда монам, рухсат бидех, ки дар биёбони саргардонӣ чанд вақте парешонӣ кашам, шояд аз ин холи парешонӣ халос ёбам, вайлло имкони начот нест.

Ҳукамо насиҳатро писандиданд. Бо ин хаёл либоси саёҳат дар бар карда, роҳӣ шуд. Чанд вақте роҳ паймуд. Рахши ҳимматаш ба манзили мурод нарасид, таваччухи рафтораш роҳ ба чое набурд, дил аз хоҳиш натавонист барканд, тамаъ аз гузораш дур нагардид.

Байт:

Дурам аз фитна, ки бар сояи мижгони туам,
Хотирам аз ҳама чамъ аст, парешони туам.
Нола харчанд ғубори танам аз чо бардошт,
Толеи дун нарасонид ба домони туам.

Дар ин хаёл мерафт, рӯзе ба соҳиле дар лаби дачла расид, ба канор назар кард, дид, ки море ғукеро дар дахои гирифта, он ғук фарьёд баркашида, бетобие дорад, мор мехоҳад, ки он ғукро туъмаи худ созад. Ба хотири шоҳзода расид, ки ин ғукро аз мор халосӣ диҳад, мазлумеро аз дасти золиме начот диҳад. Чӯбдасте дошт, бар фарки мор кӯфт, ӯро бикушт ва ғук халос ёфт. Аз он чо даргузашта порае роҳ рафта буд, ки аз як чониб каландаре баромад, пеши шоҳзода омад. Ҳар ду ба якдигар мулоқот карданд. Аз аҳволи шоҳзода пурсиш намуд, гуфт:

— Бошад ки чун ту чавоне дар ин некӯй либоси фақр дар бар гирӣ, аз дунёё тамом даст бардорӣ, ки ҳанӯз гули чавоният дар боғи зиндагонӣ тамом нашкуфта, нахли ҳаётат дар чамани авкот самар напазируфта. Чӣ боис аст, ки худро ба ин ҳол кардай?

Шоҳзода қиссаи худро аз аввал то ба охир баён кард.

Каландар гуфт:

— Акнун бо ман рафиқ бош, чанд рӯзе бо ҳам сайру саёҳат созем, аҳде дар миён орем, ки ҳар чи худой ба ҳар кадом бидиҳад, дар миён бинем.

Шоҳзода гуфт:

— Хуб мешавад.

Хар ду рохй шуданд, баъд аз чанд вакт ба вилояти махбубаи шохзода расиданд. Дар он чо ба сарое фуруд омада, карор гирифтанд. Каландар гуфт:

— Эй чавон, бояд аз ин либос берун оем, чанд рўзеро дар ин вилоят ба хузур гузаронем. Эй писар, се тир дар миён дорам, яке аз ин тирхоро гирифта ба бозор бар, аз барои худу ман хар либосе, ки дилат хохад, тирро намуда, баргўй, ки ин тирро Каъсулхаёт нишон фиристод, ки ин либосро бидихй, агар ки дихад, гирифта биёр ва агар надихад, чавобе хохй овард.

Шохзода тирро гирифта ба бозор бурда, хар кумоше, ки дилаш мехост, гирифт, тирро намуд ва гуфт:

— Каъсулхаёт фиристод, ки ин кумошро бидихед.

Он мард аз чой бархост, ғоибона таъзимаш ба чой оварда, чанди дигарро хамрох сохта фиристод, гирифта ба хизмати каландар овард, хамаро либос буриданд, то як-ду рўз дўхта пўшиданд, либоси факирй аз бар дур карданд, тирро ба хар чо ки мебурд ва хар чи ки мегуфт, кабул мекарданд, суханаш тағьир намеёфт. Корашон ба чое расид, ки таковарону ғуломону хизматгорон, либосу палос, асбобу маишат хама хувайдо буд. Аз ин мукаддима чанд вакте гузашт, рўзе шохзода ашк аз чашм рехт. Каландар сабаби ўро пурсид, гуфт:

— Агар дунёе мехостам, аз иклими падар берун намеомадам. Холо чанд вакт шудааст, ки ба воситаи ту ин чо умр мегузаронам, шабу рўз ором аз ман рафтааст ва туро аз ман хабар нест.

Каландар гуфт:

— Эй чавон, ин тирро гирифта имрўз ба хизмати подшохи ин вилоят бирав ва бигўй, ки тирро Каъсулхаёт фиристод, ки духтари худро ба ман дихй. Бубин, ки чй мегўяд. Бархез таваккуфро маръй мадор.

Шохзода бархост ва бирафт. Он рўз курниши ом буд, дар хайрат афтод, ки ин сухани каландар, ки таъсир кард, ба подшох нахохад ки чорй бошад. У магар аз вачхи ман танг буд, ба ин ранг фиристод, ки кушта гардам, худ халос ёбад. Ба хазор андеша аз боргохи подшох даромад. Каландар гуфта буд, ки «хеч андеша насозй ва аз мардум сарфа накунй, дар миёнаи хама гўй». То чон дошт фарьёд баровард, ки:

— Эй аййухо аннос[1], ин тирро Каъсулхаёт фиристод, ки шох духтари худро ба ман дихад.

[1] *Аййухо аннос* — эй мардум.

Ин сухан ба гӯши шох расид, шохзоларо пеши худ талаб карда, узри ӯ ба ҷо овард, гуфт:

— Хуб мешавад.

Либоси шоҳона дар бари шохзода пӯшонида, асбоби тӯй муҳайё сохт.

Шохзода хушнуд ба хизмати Каъсулхаёт омад гуфт:

— Худои таоло ҷазои хайр дихад, ки ба воситаи ту ба максуд расидам. Шох духтари худро ба ман дод ва маро узри бисьёр хост.

Каъсулхаёт гуфт:

— Зинхор, акд дар миён ояд, наздикӣ накунӣ, то он вакт, ки ман ичозат дихам.

Шохзода гуфт:

— Сухани ту ба ҷон кабул намоям.

Чанд рӯз шахрро они баста, духтарро дар кайди шохзода даровардaнд, ба шодмонӣ он сарви комронро дар оғӯш кашид, талхии хичронро ва нокомии хирмонро, ки дар ин муддат кашида ва дида, як ба як такрир медод. Аз ин вокиа чанд вакте гузашт, вилояти падар ба ёдаш омад. Пеши Каъсулхаёт омад, гуфт:

— Бихамдуллох, ки ба имдоди ту ганҳари максуд ба даст даровардам, акнун ба ғайр аз дидори падару орзуи вилоят хаёле надорам.

Каландар гуфт:

— Мешавад. Ба шох баргӯй, туро рухсат хохад дод, балки духтари худро хамрох хохад фиристод.

Омада ба шоҳ арза дод. Шох гуфт:

— Духтари ман канизи ту шудааст, ӯро хамрох бубар.

Ганчи бекиёсу лашкари бехисобу канизони хубрӯву ғуломони чобукхуши хизматшинос равона намуд, бо сурур ҳамроҳи шохзода равон шуданд.

Ровӣ гӯяд, ки ба ҷое, ки бо Каъсулхаёт ҳамроҳ шуданд, ба ҳамон рох расиданд, фарьёд кард ва гуфт:

— Эй шохзода, акнун вакти ҷудой расид. Ман ба макоми худ меравам, ту ба вилояти худ мехиромӣ. Чунончи дар аввал ахд карда будем, ки ҳар чи худои таоло ба ҳар кадоми мо бидихад, ду кисм созем, ним аз ту ва ним аз ман. Ин ҳамон дурох аст.

Шохзода гуфт:

— Ту донӣ, чаро ки ҳама ба воситаи ту шудааст,

Каъсулҳаёт аз асп фуруд омад, он чи буд, ҳамаро ду кисм кард, савои[1] духтар. Шоҳзодаро ба хотир расид, ки ўро ба ман хоҳад дод. Гуфт:

— Эй ҷавон, духтарро чи кунам?

Гуфт:

— Чи навъ, ки донӣ.

Гуфт:

— Агар ман донам, ўро низ ду кисм мекунам, то ахд ба ҷо ояд.

Шоҳзода гуфт:

— Эй қаландар, медонӣ, ки аз барои ў умре сар дар биёбони парешонӣ ниҳодаам ва аз авҷи саодат дар кўи бесарупоӣ фитодаам.

Байт:

Пешаи Мачнун чунуну пешаи мо сўхтан,
Ҳар киро ишки бутон як навъ расво мекунад.

Агар ғарази дуньё дорӣ, ҳар чи хаст аз ту, маликаро бо ман супор, ки бе ў зиндагонӣ надорам.

Байт:

Қаландарона, биё, кисмате кунем, рақиб, ҷаҳон,
Ҳар чи дар ў хаст аз ту, ёр аз ман.

Ҳарчанд ба хар ранге пояи сулҳ мекард, қабул намекард. Ночор назора карда истода буд, қаландар духтарро аз маофа беруи овард, чаҳор гулмех карда бар замин кўфт ва чаҳор ласту пои духтарро барбаст ва корде аз миён гирифта бар пешонии ў гузошт, ки ду кисм созад. Духтар аз таҳлукаи ҷон фарьёд баркашид, аз даҳонаш чизе ҷаста афтод, қаландар давида ба остини худ гирифта рохӣ шуд, гуфт:

— Эй шоҳзода, акнун ин духтар бо ҳамроҳии тамоми чизҳо аз ту, хамин гирифтаам бо ман кофист.

Шоҳзодаро ба хотир расид, ки оё чи чизест, ки аз хама беҳтар дида. Ин магар нигини хазрати Сулаймон аст? Гуфт:

— Ахде, ки ахд аст, ҳамин ки дар остин дорӣ, ўро хам дар миён овард, ваилло, рост намеояд. Чандон ки манъаш кард, рост наёмад, лоилоҷ андохт. Назар кард тирморе дид, ки аз диданаш акл бетоб гашта ва чон дар кўраи симоб афтодӣ.

Гуфт:

— Эй қаландар, ин чи найранг буд, ки ба олами вуҷуд овардӣ ва маро дар изтироб афкандӣ?

---

[1] *Саво* — ғайр.

Гуфт:

— Эй ҷавон, максуди ман ҳамин буд, ки дидӣ. Акнун ҳамо турост. Маро ба хеҷ кадом коре нест. Инак ман меравам, дигар ту донӣ.

Шоҳзода домони ӯро бигрифт, ки соате таъхир соз, ки аз ту суол дорам, ба ростӣ ҷавоб гӯ, ки магар Хизри аҳд будӣ, ки дар ҳаҡи ман ин ҳама некӯӣ кардӣ.

Гуфт:

— Ман ҳамон ғукеям, ки аз даҳани мор начот додӣ. Ман аз насли париёнам, он мор низ парӣ буд, бо ман аз ҷиҳати вилоят душманӣ оғоз карда, вилоятро аз дасти ман ба зӯр гирифт. Ман яке аз бародарони ӯро ҳушта будам, аз ман кавӣ буд, ночор аз барои ӯ ҷилои ватан ихтиёр карда, дар ҳар бодия худро ба сурати ғуке карда мегаштам. Ваҡти худро ёфта ва маро шинохта, худро ба сурати море карда, маро дар даҳон гирифта буд, мехост, ки ҳалок кунад, ту ӯро кушӣ ва маро халос додӣ. Дар бадали он некӯии ту ин ҳама хизматгорӣ кардам, вилояти падари малика дар таҳти ҳукумати ман буд, аз ин ваҷҳ ба нишони ман духтарро ба ту дод, ки падари ин духтар насбкардаи ман аст. Дигар он ки ба духтар наздикӣ насоз ки гуфтам, ман рӯзе дар боғе дида будам, ки духтар дар хоб буд, аз роҳи даҳони ӯ море дар шиками ӯ даромад, ҳар гоҳ ки наздикӣ мекардӣ, албатта туро ҳалок месохт. Аз ин ваҷҳ туро манъ карда будам. Аз ин ҷиҳат таҡсим месозам гуфта ӯро баста будам, ки паёми марг дар дили ӯ асар карда беихтиёр фарьёд баркашид, он мор аз даҳони ӯ берун афтод. Пас, аз ранҷе, ки дошт, начот ёфт. Баъд аз ин ба хушӣ зиндагонӣ кун.

Дарсоат аз назари шоҳзода ғоиб шуд. Он писар бо маҳбуби хеш ва он ҳама ҷалол рӯй ба сӯи вилояти худ овард.

Баъд аз он хабар ба падараш расониданд, касонро ба истиқбол фиристод, бо эъзози тамом ба хизмати шоҳ оварданд. Падар тахти хеш таслими фарзанд сохт, худ ба тоати вочиб иштиғол намуд. (Музаффаршоҳ ба Ганҷамехр гуфт):

— Эй Ганҷамехр, зинҳор, некӯӣ аз даст магзор, ки ба мурод бирасӣ.

Ганҷамехр сухани Музаффаршоҳро писандид, дубора ҡаландарро савганд дод, ки тавсифи ӯро ба ҷое накунад, ки ҳамин укубат дар пеш хоҳад буд. Ҡаландар онҳоро дуо кард. Ба ӯ ганҷе бахшиданд, ба сӯи маҡоми худ фиристоданд. Мудомулҳаёт бе ғубори хотир умр ба сар мебурданд. Окибат риштаи амал ба микрози аҷал ҡатъ ёфт, мурғи рӯҳ аз ҡафа-

си бадан ба сӯи ошьёни улвй парвоз намуд, хасрати хам ба зери хок бурданд, ин чахони кӯхнаро ба дигарон биспурданд, ракаме чанд бокй монд.

Байт:

Даро ба боги чахону ба чашми ибрат бин,
Ки ношукуфта чи хубони гулрухон рафтанд.

Умед аст, ки орзуи дигарон низ нотамом намонй... толибонро ба манзили максуд расонй.

ҲИКОЯТИ ДУХТАРИ ПОДШОҲ ВА ЯК МАРДИ ПИРУ СЕ МАРДИ ҶАВОН

Дар ҳикоят чунин овардаанд, ки дар рӯзгори мозӣ як марди пир ва се марди ҷавон рафиқ шуда, пиёда рӯй дар сафар карда мерафтанд. Баъд аз муддате ба биёбоне расиданд ва касре намудор гардид. Дар ҳамон ҷо, ки расиданд, он кадар монда шуда буданд, ки дигар токати рох рафтан намонд. Аз он ҷо, ки ин чаҳор нафар буданд, то каср кариб як фарсах рох буд, бо якдигар гуфтанд, ки ҷаҳде созем, ки худро бад-он каср расонем, зоҳиран, дар он ҷо касе бошад, ки ба моён лаби ноне бидиҳад, зеро ки моён боз кувват гирем. Ва ҳар чанд саъй карданд, эшонро куввати рафтан набуд. Соате бо ҳам нишастанд ва дар он ҷо карор гирифтанд. Чун фурчае бигзашт, ҳар чаҳор тан бархостанд, пораи роҳе бирафтанд. Кариб чаҳор тирандоз рох ба каср монда буд, ки гуруснагиву ташнагӣ ғолиб омад, ҳама бияфтоданд ва барҷомонда шуданд. Баъд аз он ин се ҷавон пирро гуфтанд, ки:

— Биё то хар кадоми мо саргузаште гўем ва аз они хар ки хубтар бошад, он касро ба дўш, яъне ба пушт гирем ва ба дари ин каср расонем. Ҳама гуфтанд:

— Бисьёр нек аст.

Аз ин ҷавонон яке саргузашт баён кард ва гуфт:

— Ман аз фарзандони Абўзулафи бузургам ва дар вилояти Исфахон дехае буд бузург бо ду тарсописар шарик будам ва шабу рўз дар банди он буданд, ки он нимаи дехаро аз дасти ман бигиранд. Борҳо сй хазор динор зари сурх доданд, кабул намекардам. Рўзе ба шикор рафтам, он ду бародарч тарсо маро дар он деха фуруд оварданд ва мехмондорй карданд. Баякбор назар кардам, ки аз он бародарон яке дар дасти худ ангуштарине дошт, нигини ў аз ёкути руммонй[1] буд. Ин бародарро Рамз ном буд ва дигарро Бахром ном буд. Рамз кабои зард пўшида буд, акси он кабо бар ангуштарин афтода буд ва ангуштарини ў аҷонбтар менамуд. Ман бар он ангуштарин ба дидаи тааччуб назар мекардам. Ин назар кардани маро Рамз дарьёфт, филхол ангуштарин аз даст бадар овард ва бибўсид ва дар назди ман гузошт. Ман бигрифтам ва нигох кардам, дидам, ки дар он ангуштарин накше канда буданд. Ман гуфтам:

— Бисьёр нигини хуб будааст, аммо ин накш нигинро ба зиён овардааст, яъне, мазаммати дунъё кардааст.

Рамз гуфт:

— Эй ҷавон, зинхор, ки ин накши нигин аз ҳазор нигин зиёда аст, аз бахри он ки бад-он навиштаанд, ки «агар подшохии тамоми олам аз ту шавад, охир чй? Ва агар моли тамоми олам аз ту шавад, охир чй? Ва агар умри дароз ёбй, охир чй?».

Аз ин сухан зор-зор бигристам ва хар нафас ман мегуфтам: «Охир чй?».

Рубой:

Дунъё ба мурод ронда гирй, охир чй?
В-ин номаи умр хонда гирй, охир чй?
Гирам, ки ба коми дил бимонй сад сол,
Сад соли дигар бимонда гирй, охир-чй?

Чун ин рубоиро бихондам, ҳамон деҳаро ба он ду бародар, ки мазкур шуда буд, бидодам ва тамоми вилояту мамлакати худро ба дигарон таслим намудам ва девонагй бар ман муставлй шуд ва дар ин роҳ афтодам ва агар зару сими рўи заминро ба даст оред, охир ҳеч аст.

[1] *Руммонй* — сурх.

Ерон аз ин ҳикояти пурфоидаи ӯ бағоят хушҳол шуданд. Ва аз ҳамон ҷавонон дигаре гуфт:

— Маро низ саргузаште дар хотир аст, ки шумоёнро фоидае ҳосил шавад, аммо ба шарти он, ки чун шунавед, ибрат гиред. Эй бародарон, аз худои таоло дарпазиред, ки пардаи бародарон надаред, ба ҳеҷ кас ҳасад набаред, ки ҳасад бурдан офати азим аст ва душмании касе ба дил роҳ надиҳед ва дар вакти шаҳват худро нигоҳ доред, ва аз ҳарому шубҳат парҳезкор бошед ва кинаи мардум ба дил нигоҳ надоред.

Ерон гуфтанд:

— Бигӯй, то бишнавем.

Гуфт:

— Дар вақте, ки навҳат будам, сахт хубрӯву сохибҷамол будам. Рӯзе сарраст аз зери касри Ҳаччоҷ бинни Юсуф гузаштам. Дар рӯ ба рӯи он каср ҳавзе буд. Аз ҷиҳати гармии ҳаво худро барахна карда, дар об даромада будам, ки казоро, Ҳаччоҷ кумое дошта ба ғоят сохибҷамол, ки дар ҳарами ӯ ба хубӣ мисли он канизак набуда ва аз боми каср назараш бар ман афтода, ба як дил чи ки ба сад дил ошиқу нигарони ман шуда, дарҳол аз болои кушк себе ба ҷонби ман, равон сохт. Себ омада дар наздики ман афтод ва ман себро гирифта бихӯрдам ва бар болои кушк нигоҳ кардам, даричае дидам ва бад-он дарича як сарвқади маҳваши дилкаши беғаш истода. Ман низ ҳайрони он парипайкар шудам ва об бар ман оташ гашта ва волаву ҳайрон бимондам. Замоне аз ҳуш бирафтам, баъд аз замоне ба хуш бозомадам, он нозанини парипайкар дар ҳамон ҷо истода ва дида, ки дил аз дасти ман низ рафтаст, аз болои он кӯшк он нозанини парипайкару хуршедталъат ба ҷонби ман нигоҳ карда, забони ширин баркушода, чун тӯтӣ бо ман дар сухан даромада пурсид маро, ки:

— Номи ту чист?

Ман ному нишони худ ба ӯ бозгуфтам.

Алгараз, то се рӯз хар рӯз бад-ин лаби ҳавз омада, дар тамошои ҷамоли ӯ будам. Баъд аз се рӯз канизак ходимеро дар миён ниҳод ва он канизак низ ҷое пайдо карда, гоҳо маро ба хонаи худ мебурд ва аксар ӯ ба хонаи ман меомад ва хар ду дар айшу ишрат мукайяд будем. Муддати мадид аз ин хол бигзашт, казоро, рӯзе Ҳаччоҷ бинни Юсуф дар боргохи худ бо ҷамъе аз надимони худ нишаста буд ва аз ҳар навъ суханон мекарданд, чуноичи дар назди подшохони салаф мегузарад.

Ҳаччоҷ гуфт:

— Аз ҷумлаи таомҳо кадом таомҳо лазизтар бошад?

Яке аз наздикони ӯ гуфт:

— Ман чӯҷамурге чанд ба шакару наботу бодому каранфулу чузи хиндиву сунбулу нони сафед фарбех кардаам, хеч таом ба ӯ нарасад.

Ҳаччоҷ гуфт:

— Ман аз он нахӯрдаам.

Он мард ба хонаи худ рафт, аз он мурғон чандеро бирьён карда ба хизмати Ҳаччоҷ биёвард ва Ҳаччоҷ дид, ки бағоят таоми лазиз менамояд. Азбаски он канизакро дӯст медошт, аз он якеро гирифта дар назди худ гузошт ва дигари онро ба он раънову зебои мохчабини офтобталъат фиристод ва он канизаки мохликои рухсорабайзо... шиками ӯро пур аз лаълу дуру чавохир сохта, хамрохи ходим ба назди ман фиристод. Чун аз даруни мурғ бехабар будам, дӯсте доштам, ӯро талаб намудам ва гуфтам:

— Эй бародар, биё, ки ин таомро хар ду бо хам хӯрем.

Чун он мурғро дар пеш гирифта, шиками ӯро пора карда будам, ки он хама лаълу дуру чавохир берун омад ва ин дӯстро чигар пурхун шуд ва аз он гӯшт нахӯрд. Ман филхол он чавохирхо чудо карда, ду таксим кардам. Ӯ хиссаи худ гирифта, аз назди ман баромад ва ба хизмати Ҳаччоҷ рафта, сурати вокнаро баён кардааст. Дарзамон Ҳаччоҷ, дар ғазаб шуда, кас равон карда, марову он нозанини парипайкарро талаб карда, ба назди худ бурда, бо канизак гуфт:

— Эй малъуна, он чи ман бар ту кардам, мукофот он буд, ки кори ношоиставу номуносиб аз ту ба олам вукӯъ омадааст.

Канизак дар чавоби ӯ гуфт:

— Эй худованд, маро ду чиз асир намуд. Яке такдири худо, дуввум дил, ки по аз кабзаи ихтиёр берун ниход ва ишку мухаббат бар ман голиб омад ва ин феъл аз ман сар барзад. Сохибихтиёрй.

Ҳаччоҷ гуфт:

— Эй бадкирдор, аз оташи хашми ман натарсидй?!

Канизак дар чавоби Ҳаччоҷ гуфт:

— Эй сохиб, ошик аз чони ширин наяндешад. Чун тарки чон бикардам ва аз чон гузаштам, аз хашми ту кучо андешам.

Ҳаччоҷ дар ин чавоби ӯ сахт фурӯ монд ва рӯй ба ман кард, гуфт:

— Ту аз кучой?

Ман гуфтам:

— Аз хамин шахр мебошам.

Гуфт:

— Маро надонистай, ки чи касам ва бо ман чунин далерӣ кардай?!

Ман аз ҷон навмед шуда гуфтам:

— Зиндагонии малик дароз бод, то даст аз ҷон нашустам, пой дар ин кор наниходам ва он чи мақсади ман буд, ба дасти ман расид. Акнун хукм турост, сохибихтиёрӣ.

Хаччоҷ соате бар худ фурӯ рафт, баъд аз он рӯй бад-он ходим карда, гуфт:

— Ман туро ба ин канизак ба ҷиҳати посбонӣ гузошта будам, ту чаро дар ин кор ризо додӣ?

Ходим гуфт:

— Эй шаҳриёр, маро дираму динор аз роҳ бурд ва дар олам кист, ки ӯро дираму динор аз роҳ набурда бошад.

Хаччоҷ сар ба худ фурӯ бурда, баъд аз муддате сар боло карда, гуфт:

— Аз он чи аз шумоён пурсидам, рост гуфтед, ростиро завол нест. Гунохи хар сеи шумоёнро бахшидам.

Ва дасти канизакро гирифта ва хазор динори дигар хамрох карда, бар ман мархамат намуд ва канизакро бар ман супорид ва ходимро озод кард ва он дӯсти ман, ки ғаммозӣ карда буд, ӯро гуфт:

— Эй харомзода, ин ҷавон бо ту ин хама мардӣ карда, он мурғро ҳамрох хӯрда ва нимаи ҷавохир бар ту дода ва рози худ бо ту дар миён нихода ва кадом деви рачим туро бад-ин водӣ овард, ки пардаи рози ин касро бидаридӣ ва хостӣ, ки хуни эшонро бар замин резӣ ва боз бадномӣ дар харами ман андохтӣ ва хотири маро мушавваш кардӣ ва дӯстии ту ба ҳасе ҳамин аст ва сирпӯшӣ накардӣ?! — гуфта хашмнок шуда, дархол бифармуд, ки ин ғаммози нобакори бадахтарро сангсор кунед ва мунодӣ фармуд, ки «хар кас бо дӯсташ ё бародараш ғаммозӣ кунад, сазои ӯ ин аст, то ки ибрат ба мардумони дигар шавад!»

Акнун як сол шудааст, ки он канизаки раъноии парипайкар вафот ёфт. Ман аз ғуссаи ӯ чунин саргардон мегардам. Фондаи ин хикояти ман он аст, ки бар хеҷ кас хасад набояд хӯрд ва ғаммозӣ набояд кард, ки хасаду ғаммозӣ зишт хислат дорад.

Ва рафиқони ин хикояти ӯро баҳоят писандиданд ва рӯй ба ҷониби ҷавони дигар карданд, ки акнун навбати туст.

Он ҷавон гуфт:

— Ман аз бузургзодагони вилояти Димишқам. Рӯзгор бар ман ситам кард, аёли бисьёр ҷамъ шуд, чунон шудам, ки дар бисотам хеҷ чизе намонд ва мӯҳтоҷ ба ноне шудам ва маро ҳаё

намегузошт, ки он хол ба касе гӯям ва ё аз касе чизе хохам. Рӯзе дӯсте бар ман гуфт:

— Бархез ва ба вилояти Бармакиён рав ва ахволи худ ба эшон маълум соз, ки кори ту аз эшон некӯ шавад.

Ман бархостам, аёлу атфол баргирифтам ва рӯй ба шахри Баґдод ниходам. Чун ба Баґдод расидам, надонистам, ки ба кучо равам. Сахт фурӯ мондам, чаро ки харгиз ба Баґдод нарасида будам ва надида будам. Бо он хама аёл асир бимондам ва дар он кӯча масчиде дидам. Аз дармондаґӣ аёлонро ба он масчид бурдам ва худ аз назди онхо бирафтам, ки то маґар чизе ва тӯъмае аз барои эшонон аз чое тавонам хост. Чун ба бозор омадам, аз шарм натавонистам, аз касе чизе хоста бигирам. Дар тахайюр монда, хостам, ки махрум бозгардам ва ба назди аёлон биравам, ногох чамоате анбӯхро дидам, ки дар ин рох мерафтанд. Бо худ гуфтам, ки «хеч шак нест, ки ин чамоа ба мехмонӣ мераванд» ва ман низ дар пои эшонон мерафтам, то ба дари сарое расидам, айвоне дидам, ки сар ба кайвон афрошта ва чахорсуфае дидам ба зару лочвард кошин кардаву пироста ва дар хар суфае тахте нихода буданд ва дар поён сандалие нихода, дар болои он сандалӣ писари шонздахсолае нишаста. Алґараз, чамъи акобиру ашроф, ки омада буданд, хар кадом ба чои худхо нишастанд. Баъд аз он маълум шуд, ки ин писарро хутба хонда, тахтнишин мекардаанд. Филхол ходимон дар хонхо таом биёварданд ва дар назди хар кас нӯх табак ош ва як табак зари сурх кашиданд. Мардумонро дидам, ошхо бихӯрданд ва табакхои ашрафӣ дар остин карданд. Ман низ чунон кардам. Тамоми он мардум аз чои худ бархостанд ва рафтан оґоз карданд. Ман низ аз таокиби эшон баромадам. Ба дахлез расида будам, ки шахсе аз он мардум маро гуфт:

— Эй шайх, марав!

Ман битарсидам ва гуфтам: «Мабодо, ки ин зарро аз ман бистонанд». Боз чун маро бад-он каср бурданд, дидам, ки дар болои он чахор тахт чахор кас нишаста ва хамон чавоне, ки ба номи ӯ хутба хонда буданд. Чавон маро пурсид, ки:

— Аз кучої ва марди ґарибе менамої ва дар ин шахр чун афтодӣ?

Ман ахволи хешро бар эшон гуфтам ва сухан ба чое расондам, ки ба ин вилоят ба чихати химмати Бармакиён омадаам ва аёлони худро дар фалон масчид гузоштаам.

Ва эшонон гуфтанд:

— Ту хамин чо таваккуф соз, то моён биравем ва Бармаки-

ёнро талаб созем ва туро ба назди эшонон фиристем, то ба мақсуд бирасй.

Пас эшонон аз он ҷо бархостанд ва яке аз эшонон бифармуд, ки боз порае таом ба ӯ бидиҳанд. Хизматгорони эшонон низ таом биёварданд. Аз он таом лукмае чанд бихӯрдам. Чун шаб расид, маро баргирифтанд ва гуфтанд:

— Акнун ҳамрохи моён ба хонаи Бармакиён бирав.

Ман равон шудам. Ба дари сарое расидам ва эшонон гуфтанд ки:

— Ин сарой аз они Бармакиён аст. Андаруни сарой бирав то туро тимор созанд, яъне, навозиш кунанд.

Чун пой дар он сарой ниҳодам, дидам сарое мисли биҳишт ороста ва фаршхои вай аз санги рухом[1] ва мармар пироста ва пардаҳои румй овехта ва дар болои суфаҳо гилемҳои абрешимин ва лӯлаву такьяи зарину кӯрпаҳои зарин андохта. Ин вокиаро дида, мутаҳайиру мутааччиб монда, оҳиста-оҳиста қадам мениҳодам. Чун ба миёни сарой расида будам, ки фарзандони худро дидам, ки либосҳои зарин дар бар ба хушвақтии тамом ба назди ман меоянд. Мепиндоштам, ки ғалат кардаам. Чашми худро мемолидам ва гумон доштам, ки магар дар хоб дидаам. Ин ба хоб аст ё ба бедорй?

Дар ин вақт яке аз ҷавонон ба назди ман расид, табассум карда гуфт:

— Ин сарой мулки туст ва тамоми неъматҳое, ки дар ин сарост ва ин даҳ ғулому даҳ канизаку ҳазор динор зари сурху ду деҳа ба милкият тааллуқ ба ту дорад ва дигар он чи лозим бошад, муътамадиёни мо ба ту расонанд. Акнун бидон, ки мо мардуми Бармакиёнем ва қоидаи мо ин аст, ки ҳар кадом дар тахт нишинем, мардумро талаб намуда, чунин ҷашн созем. Чун ту назди мо омадй, бар мо воҷиб шуд, ки корҳои ту рост созем.

Ман чун он навозишҳоро бидидам, дар қадами ӯ бияфтодам ва номаш пурсидам. Гуфт:

— Ҳар кадом номе доранд, лекин номи маро Яҳьёи Бармакй хонанд.

Пас маро дар он сарой ба ҳамрохи аёлон бигзошт ва худ бирафт. Ман чун дар сарой даромадам зану фарзанди худро дидам, ки ҳама хурраму хушвақт ва канизон дар хизмати онҳо истодаанд. Ман низ хурраму хушвақту сарфароз гардида, муддатҳо дар он ҷо будам ва ғурури дунёё бар ман ғалабагй карда, оқибат дар ғалат афтодам. Рӯзе сар ба гиребон фурӯ бурдам ва

---

[1] *Рухом* — мармари ранга.

гуфтам: «Мисли ман кист, ки ин микдор чоху чалол дорад?» Ва феъли шайтониро ба худ рох додам. Ва худой бад-он такаббур бар ман ғазаб кард.

Байт:

Такаббур феъли шайтон аст, дур аз лахчаи рахмат,
Ва боло об ночорӣ бувад, харчанд бошад зӯр.

Ва халифа, яъне, калони Бармакиён, дар ғазаб гашта, чумлаи Бармакиёнро тороч фармуд ва мулку моли эшонон бистад ва талаф дод. Моли ман низ дар он зайли Бармакиён ба тороч бирафт ва хеч чизе дар бисоти ман намонд ва боз ман ба асли кадим дарвеш шудам. Ва баъдаху аёлу фарзандони ман баъд аз чанд вакт аз дуньёи фонӣ ба дори охират рехлат намуданд ва хаводисоти айём ба ман ориз шуд ва фалаки качрафтор шевае кард ва танхову зор бимондам. Аз ин сабаб, инак, дар чахон овора шудам ва саргузашти ман ин аст.

Ва фоидаи ин хикоят он аст, ки такаббуру худбинӣ шум аст.

Саргузашти ин чавон ба хама хамрохон хуш омад. Баъдаху рӯй бад-он пир карданд ва ғуфтанд:

— Ту низ он чи дар хотир дорӣ, биёр ва бар моён бигӯй.

Дар чавоб он пир гуфт:

— Ман хеч саргузашт надорам.

Рафикон гуфтанд:

— Агар саргузашт надорӣ, моёнро як-як ба дӯши худ гир ва то ба наздики каср бар, зеро ки моён шарт карда будем.

Пирамарди бечора ин суханро шунида, фурӯ монд ва лоилоч гардани хор-хорон ба зарурат афтону хезон ин се чавонро як-як ба дӯши худ мебурд. Казоро, он каср касри подшох буда, подшохро духтаре буд ва бо канизакон дар он каср нишаста буд ва дар сахро наззора мекард. Баякбор назараш ба чониби чавонон ки афтод, ачаб вокиае дида, пире як-як чавононро ба дӯши худ бардошта, афтону хезон ба наздики каср меорад. Духтарро дил бад-он пир сӯхт, филхол ходимеро фиристод, чавононро хамрохи пир назди ӯ бурд. Духтар гуфт:

— Эй золимон, дар ин вилоят дар ахди падари ман ғургу ғӯсфанд дар як чой об мехӯранд, холо ин се тан ба ин марди пир чаро инчунин зулм кардаед, ки хамин замон чазои ин пирро аз шумоён ситонам.

Чавонон гуфтанд:

— Зиндагонии малика дароз бод, лекин моён ба ин пир зулм накардаем, аммо моро шарте дар миён буд, сабаби шарт ин ки моёнро дар рох гуруснагиву ташнагӣ ғолиб омад ва барчомонда

шудем. Дар ҳамон ҷо аҳд кардем, чунон ки ҳар кадоми моён саргузашт гуем ва ҳар кадом, ки надонем, дигаронро ба дӯш бардорем. Мо се тан саргузашт баён намудем ва ин пирро гуфтем, ки ту ҳам саргузашт бигӯй ва ин пир ҳикояте намегӯяд ва қасам меҳӯрад, ки ман саргузашт надорам. Чун қавл ин буд, ин кор ба гардани пир афтод, лоилоҷ моёнро ба дӯши худ бардошт.

Духтар аз пир пурсид, ки:

— Чунин аст?

Пир гуфт:

— Бале, ки чунин аст.

Духтар ханда карда гуфт:

— Дар ин муддат, ки умрҳо гузарондӣ, ҳеҷ воқиа аз сари ту нагузаштааст ва ё аз касе нашунидай?

Пир гуфт:

— На.

Духтар гуфт:

— Синни ту ба чанд расида бошад?

Пир гуфт:

— Ман дар ҳафтод мебошам.

Духтар гуфт:

— Дар ин хама умр ҳеҷ чиз аз сари ту нагузаштааст? Маро ҳафтдаҳ сол аз умр гузаштааст, дар ин ҳафтдаҳ сол ҳазор гуна воқиа аз сари ман гузаштааст.

Ва духтар аз ин пир аҷаб завқе кард. Сӯҳбат барор гирифта, гуфт, ки:

— Агар ман аз ҷониби ин пир саргузашт гӯям, чун бошад?

Ҷавонон гуфтанд:

— Бисьёр хуб аст.

Духтар гуфт:

— Ман дар синни сездаҳсолагӣ дар миёни бозор мегузаштам, ки писари дарзиеро дидам, ки дар дӯкони худ нишаста буд, бағоят соҳибҷамол, ки аз шаъшаан ҷамоли он гулписари маҳпайкар хонаи торик мунаввар мегардид. Ба муҷарради дидан ба сад ҳазор дил ошиқи он писар шудам чунон ки поям суст шуд ва тоқати он надоштам, ки аз дӯкони ӯ қадам ба ҷониби дигар ниҳам, лекин аз ҳодимону канизакон битарсидам ва ба худ гуфтам, ки дар ин бозор истодан хубӣ надорад, мабодо ки сир ифшо шавад ва дар ин бозор расво шавам. Алғараз, худро ба ҳазор хила нигоҳ дошта, ба хонаву макони худ омадам. Ҳар замон ишқи ӯ дар дилам шӯъла мезад ва ман ин қиссаи худ бо доя дар миён ниҳодам. Доя гуфт:

— Эй малика, ту хануз кӯдакӣ, чи донӣ, ки ишку ошиқӣ чист?

Ва маро насихати бисьёр кард, лекин суде надошт ва нами токат дар дилам намонд. Баъдаху ходимеро порае чиз бидодам ва ба талаби он дарзиписари мохлико фиристодам. Ходим бо-рафт ва он дарзиписарро биёвард. Чун рӯи некӯи ӯ бидидам, наздик буд, ки колиб тухӣ созам. Алгараз, порае порча бадар ььардам ва гуфтам:

— Ин рахтхо аз барои ман бидӯз, ки мардум дар гумони бад наяфтанд.

Чун дарзиписар либосхо бибурид, хост, ки биравад. Ман ґуфтам.

— Одати моён чунон аст, ки хар кас, ки ба манзили мо биёяд, таоме хӯрда хохад рафт.

Алкисса, порае таом ходимон дар назди ӯ оварданд. Ман хонаро хилват карда, бо корд аз ин ґӯштхо ҳалам-калам карда, ба неши корд дар дахани ӯ меандохтам ва ӯ мехӯрд. Чун хона беаґьёр буд, ман даст дар гардани ӯ карда, чанд бӯсае аз лаби шакарбораш кардам. Он раъноиписари офтобталъат гуфт:

— Эй малика, аз худо наметарсӣ, ки чунин коре месозӣ?

Ман гуфтам:

— Эй чавони зебо, аз каду коматат гардам, ман туро аз барои максади худ овардаам, ту чаро худро аз ман дур мекашӣ?

Ва чавон бо ман гуфт:

— Аз худо шарм дорам.

Ман гуфтам:

— Тасаддук шавам, худо рахим аст ва бахшояндаи гунохои аст.

Алгараз, ба сад хазор хила ӯро бо худ кашидам ва ӯ низ муроди ман хосил кард, чунон ки ба калиди алмос куфли лаълинамро бикшод ва мо хар ду ба мурод расидем ва то поздах рӯз дар ин кор муқайяд будем. Рӯзи шонздахум хар ду хаваси шароб карда, ба хӯрдани шароб мутаваччех шудем. То ґояти шаб нишастем ва маст шудем ва бо якдигар талош мекардем ва аз сари мастигарӣ баякбор ман хостам, ки ӯро дар чоман хоб кашам. Дар рӯи болин ханчари ман барахна истода будааст, дар холати мастӣ хабардор набудам. Аз казои раббониву такдири субхонӣ, неши ханчар дар синаи ӯ расида, аз кафои пушташ парон гузашт, филхол чон ба хак таслим кард. Ман ин холро ки дидам, хуш аз сарам парида, филфавр рафта дояро хабар кардам ва он холро бо доя бигуфтам. Доя эътироз карда, ба ман гуфт:

— Эй гесӯбурида, ман туро гуфта будам, ки аз ин водӣ даргузар, ки албатта рӯснёх хохӣ шуд.

Ман гуфтам:

— Эй волида, вакти насихат нест. Фикр бар асле дар хаки ин ҷавон бояд кард.

Доя гуфт:

— Чораи ин кор худ бехтар донӣ.

Алғараз, он рӯз мурдаи писарро дар хамон хона гузошта, дархо махкам кардам ва калидро худ нигох доштам, то шаб бар сари даст даромад ва мардум хама дар хоб шуданд. Ману доя мурдаро дар намаде печидем ва хо́стем, ки ӯро берун бурда, ба гӯшае дафн созем, натавонистем, зеро ки дари сарой баста ва мардум дар он ҷо хобида буданд. Харчанд фикр кардем, рост наёмад. Боз ба хамон хона мурдаро бурда пинхон кардем. Алкисса, муддати як мох аз он хол бигзашт. Бӯи ганда дар он сарой афтод, хама мардум бидонистанд. Ман бо доя гуфтам:

— Аз ин сир мабодо ки падарам вокиф гардад ва мову ту дар доми бало афтем.

Дар фикр будем. Аммо падарам сипахсолоре дошт ва ӯро ғуломе буд, Мукбилак ном, ӯро ёфта оварда, панҷох дирам зари сурх хамрохи доя ба ӯ фиристодам ва гуфтам, ки ба шарти он, ки ин намадро бурда ба ҷое махкам кунӣ ва ин розро ифшо насозӣ, чунон ки хеч офарида надонад. Мукбилак гуфт:

— Бисьёр хуб аст. Аммо гуфт: — Дар даруни ин намад чист? То ман хакикати ин надонам, ин намадро набарам.

Харчанд гуфтем, ки туро ба ин кор набошад, сухан ба вай рост наёмад ва кабул насохт. Охир кор ба ҷое расид, ки ғулом намадро кушода, мурдаро бидид ва маро гуфт:

— Мехохӣ, ки ин сир пӯшида монад, бояд ки бо ман дӯст бошӣ ва инони ихтиёр ба дасти ман дихӣ, вагарна, харгиз ин кор накунам ва он чи дидаам, ба мардум бигӯям.

Ин муомила, ки аз ғулом шунидам, дунье дар назарам сиёх гардид. Гуфтам:

— Ин чи сухан аст, ки ту мегӯй?!

Ғулом гуфт:

— Ин аст, ки мешунавӣ. Агар максуди ман барорӣ, ман низ кори ту барорам.

Ман гуфтам:

— Ман духтари подшохам ва ту ғулом, ин чи гуна шавад?!

Ғулом гуфт:

— Бо писари дарзӣ ишкбозӣ кардӣ, ин замон бо ман бош.

Ман гуфтам:

— Аз барои худо, хар чи матлаби ту бошад, бидихам ва туро аз дунёё бениёз гардонам, албатта аз ин водй даргузар.

Ғулом гуфт:

— Агар тамоми олам ба ман дихй, фонда надихад, то муроди ман хосил насозй.

Ман сахт аз падари худ битарсидам ва чора наёфтам. Ночор ба кавли девталъат розй шудам ва ў мурод аз ман хосил кард. Баъд аз он мурдаро бурда пинхон кард ва хар гох ки хотири ў хостй, ба назди ман биёмадй ва максуд хосил кардй. Агар ман ба ў сухан намекардам ва ихтиёр ба дасти ў намедодам, ў ангез кардй, ки ин сир фош хохам кард. Ба ў даст додаме ва ахду паймон бастаме. Муддате бар хамин рўзгор бигзашт. Рўзе падарам ба шикор рафт ва чанде аз сархангхо дар кўшк гузошт, ки хазинаро нигох доранд. Ва он сархангонро хар кадомро зане буд, оварда ба хўрдани шароб мукайяд буданд ва ин ғулом низ дар хизмати эшонон буд ва сархангон Мукбилакро силй мезаданд ва мегуфтанд, ки ту низ аз барои худ зане биёр, вагарна, туро аз ин мачлис дур месозем.

Он ғуломи зангии харомзода берун омад, ба назди ман омад ва гуфт:

— Эй малика, маро коре пеш омадааст ва бояд ки соате хамрохи ман биравй.

Ман гуфтам:

— Максуди ту чист?

Ғулом гуфт:

— Чамоате дар як чо хастем ва шароб мехўрем. Хама зане хамрохи худ доранд ва маро дар он миён намеғузоранд, ки ту зан надорй, шояд ки моён маст шавем ва асари сарофати ту ба моён расад. Аз ин такриб аз миёни худхо маро бароварданд. Акнун ба хизмати шумо омадаам, ки шуморо хамрохи худ барам ва ба онхо ғўям, ки маъшукаи ман ин аст.

Дар кори худ хайрон шуда, аз очизй ризо додам ва сухани ғуломи зангиро кабул кардам.

Алкисса, дасти ман бигрифт ва ба чое бурд, ки чамъе аз сархангони падарам шароб хурда нишастаанд. Ғуломи зангй гуфт:

— Инак ман хам маъшукаи худ биёвардам.

Эшонон гуфтанд, ки:

— Маъшукаи ту кист?

Ғулом гуфт:

— Духтари подшох аст.

Эшонон ба ханда афтоданд ва пиндоштанд, ки ин ғуломи зангй дурўғ мегўяд ва гуфтанд:

— Эй бадзод, ин сухан мегӯй, ки сархои моён барбод меравад.

Ғуломи зангӣ гуфт:

— Инак дарорам.

Ва беруи омад, гуфт:

— Эй малика, бидарой!

Чун ман бидаромадам, дидам, ҳамъе аз сархангон ҳар кадом зане дар назди худхо гирифта, нишастаанд ва маро ки диданд, хама аз ҷой бархостанд ва сар дар кадами ман бинходанд ва ман дар миёни онхо нишастам ва гуфтам:

— Имшаб ман харифи шумоёнам ба шарти он ки ба шумоён сокӣ бошам. Онхо хама гуфтанд:

— Хукм турост.

Ва кадре доруи бехушӣ хамрохи худ доштам ва он чомӣ шароб дар назди ман гузошта буданд ва ман он дору ба шароб хамрох кардам ва коса-коса ба эшонон медодам. Чанд косае ки хӯрданд, хама маст шуданд ва аз хуш бирафтанд ва бияфтоданд. Ман ханчари обдор дар дасти худ гирифтам, аввал сари ғуломи зангиро буридам ва сархангонро маа занхояшон хамаро шикамхояшон пора-пора кардам. Баъд аз он ба касри худ рафтам ва сурати вокиаро ба доя баён кардам. Доя дар пои ман сар ниход ва бар ман офарин кард. Он шаб бигзашт, чун рӯз шуд, овоза дар шахр афтод, ки ин бегох чанд касро дар ин вилоят навбатгохи шох кушт аанд.

Аз ин вокиа хабар ба подшох ба шикоргох расид ва падарам аз шикор омада, котили онхоро тафтишу чустучӯ кард, аз хеч чо асари котилон пайдо нашуд. Надонист, ки ин корро кӣ карда бошад.

Алгараз, баъд аз муддате подшохзодаи Яман ба ман хостгор фиристод. Падарам кабул кард. Падарам маро ба ӯ акд намуд ва ман чихати корро дурустияш худро касал карда, дар болини маризгох афтодам ва хоб кардам. Ман бо доя гуфтам:

— Акнун фикри кор чист?

Доя дар тараддуд афтод, ки «доруву дармоне пайдо шавад, ман аз шавхари ту хичилу шармсор нашавам». Хар чанд тараддуд кард, дармоне ба даст надаромад. Сахт фурӯ мондам ва чора наёфтам ва баъдаху наккошеро бихондам ва худро ба ӯ намудам ва гуфтам:

— Сурати маро боя, ки ба когазе накш кунӣ.

Филфавр катъи когазе дар дасти худ гирифта, сурати маро накш кард ва ман ӯро падар хондам ва хазор динор зари сурх дар назди ӯ ниходам ва ӯро гуфтам:

— Мебояд ки ин коғаз бигирӣ ва гирди ҷаҳон бигардӣ ва канизаке бад-ин сурат ба шарти бикр бихарӣ ва дар назди ман биёрӣ ва ин роз бо кас маълум насозӣ.

Наккош гуфт:

— Фармон бардорам.

Ва аз назди ман берун рафт. Баъд аз муддате канизаке овард, миёни ману ӯ ҳеҷ тафовуте набуд. Ман бағоят хуррам шудам ва он канизакро икром медоштам. Баъдаҳу аз касал худро фориғ сохтам ва сиҳат шудани ман ба арзи падарам расонданд ва падари ман хурсанд гашта, ба эъзози тамом маро ба хонаи шавҳар фиристод ва ман он канизакро бихондам ва гуфтам:

— Туро ба маблаге харида, муддатҳо тимору тарбиятҳо кардам ҳама аз барои имшаб.

Ва аҳволи ғузашта маълум кардам ва гуфтам:

— Баъд аз ин мухим ман туро аз моли ҷаҳон озод месозам ва туро бо чандин асбоб ҳамрох ба шавҳар бидиҳам ва ҳар тариқа, ки муроду максуди ту бошад, ҳамон навъ хоҳам кард ва хоҷати ман он аст, ки ҳар вакт, ки ман туро хабар созам, дар ҷоиаи хоб ба ҷои ман дар назди шавҳарам дарой, то ӯ аз ту мӯҳри духтарӣ бардорад ва баъд ба ҳила аз назди ӯ берун барой, то он ки дубора ман ба назди ӯ равам.

Канизак гуфт:

— Фармон бардорам.

Ман рӯяш бӯса додам ва сабр кардам, то шаб шуд ва маро нешн шавҳар фиристоданд. Шавҳарам маст буд. Чун соате чунин бигзашт, кайф ӯро ғузаронид ва дар хоб шуд. Ман маҳалле дар паҳлуи ӯ бихуфтам ва баъд аз он аз назди ӯ берун рафтам ва канизакро ба ҷои худ дар ҷоиаи хоб дар паҳлуи шавҳари худ овардам ва худам дар канорае биистодам. Чун соате ғузашта буд, ки шавҳарам бедор шуд ва мақсад аз ӯ ҳосил кард ва дигар бора дар хоб шуд. Ман он канизакро гуфтам:

— Акнун бархез ва ба ҷои худ бирав.

Канизак дар ҷавоб гуфт:

— Ин ҷавоб шавҳари ман аст ва худои таоло насиб чунин карда буда.

Ҳарчанд ба канизак мулоимат кардам, суд надошт ва даст дар гардани шавҳари ман андохта ва дар бағал ӯро кашида буд ва ман битарсидам ва ноумед аз он ҷо бозгаштам ва гуфтам: «Мабодо ки рӯз шавад, ва ин сир маълум гардад. Филфавр дар матбаххона рафтам ва дар болои он хона ҳимаи бисьёр буд. Дар он ҳима оташ задам, ки он хона даргирифт. Лекин хонае, ки

шавҳарам хобида буд, ба ин хонаи даргирифта муттасил[1] буд. Филҳол ки оташ шӯъла зад, мардум хабардор гардида, фарьёд баровардaнд. Дар ин вакт шавҳарам аз хоб бедор шуда, дар болои он хона баромад ва канизак низ дар паҳлуи ӯ истода ва ғуломону хизматгорон об оварда дар он оташ мезаданд. Ман густохона дар назди шавҳарам рафтам ва дар миёни ӯ ва канизак шудам ва ба шавҳарам гуфтам:

— Эй ҷони ҷаҳон, аз оташ дуртар равем, то шӯъла ба моён нарасад.

Дар ин вакт канизак мехост, ки дар сухан шавад, силие бар рӯи ӯ чунон задам, ки аз бом дар миёнаи оташ афтода, филҳол бисӯхт. Ман фарьёд баровардам, ки канизаки маро бигиред ва гирья огоз кардам. Шавҳарам маро дар канор гирифт ва рӯи ман бӯса дод ва гуфт:

— Гирья масоз, ки дар ивази он як канизак даҳ канизак бихарам.

Алқисса, он канизак ба ин тарика бисӯхт ва сирри ман ифшо нагашт ва баъд аз он оташ фурӯ нишаст ва ман бо шавҳарам аз бом фуруд омадем ва ба фароғи хотир биёсудем ва умрҳо бигзаронидем. Ҳоло аз ӯ фарзандон дорам ва ман ба ин умри худ ин хама меҳнат дидам. Акнун ту, ки марди пирӣ, мегӯй, ки хафтод сол умр гузаронидаам ва хеч саргузашт надорам.

Пир аз ҷои худ бархост ва маликаро дуову сано гуфт ва ҷавонон бар малика тахсину офаринҳо карданд. Баъдаху малика бар пиру ҷавонон чизҳои лоиқ марҳамат намуд ва сарафроз гардонид ва аз малика бисьёр хурсанд гаштанд ва дуову санои билонихоя бар малика гуфтанд ва ин хикоят аз ишонои ёдгор бимонд. Ҳазор рахмати хак бар мардуми нек бод!

---

[1] *Мутассил* — пайваста.

ҲИКОЯТИ ШОҲЗОДА МУСЛИМ ВА МАЛИКА ҲАЗОРГЕСӮ

...Ровии ин достони ширин ва ноқили ин ҳикояти рангин чунин ривоят мекунанд, ки дар замони қадим дар вилояти Балх Аслам ном малике буда, Муслим ном писаре дошта, бисьёр некӯрӯй, писандидахӯй, санчидарой, зӯхрачабин, саодатқарин, рӯй чун офтоби тобон ва чехра чун моҳи дурахшон, ҳамвора дар маснади иззату ишрат мутамаккин, бо ҳамсолони ширинкалому ҳамҳолони бономусу ном ба айшу шароби ноб умри ноёбӣ худ сарф карда.

Байт:

Бирав ба майкада чехра арғувонӣ кун,
Ба умри кӯтаҳи худ ҳар чи метавонӣ кун.

Рӯзе савдогаре бо чанде аз вилояти Ҳинд ба уммулбилоди[1] Балх бирасид, ба хизмати шоҳ ҳадьяи худро гузаронид. Ба шоҳзода хабар оварданд, ки туччори ҷаҳонгарди ҳомуннаварди

[1] *Уммулбилод* — модари шаҳрҳо.

оламдидаи рӯзгоргардида аз хар вилоят як сухане мекунад ва аз хар олам хабаре медихад, бояд ки ӯро дар ин мачлис талаб намой, дар сухан орй. Шохзода Муслим ӯро талаб кард. Он мард дохили сӯхбат гардид, дасту по гум карда, даст ба дуо, забон ба сано бикшод ва ойини хизмат ба чой овард.

Байт:

Сабо расида аз кӯи ӯ паёмам бар,
Чавоби номае оварда, паёмам бар.
Маро ба манзили хубон, ки базм хомушист,
Агар намебарй, эй рӯзгор, номам бар.

Шохзода ӯро навозиши бисьёр карда, чизе аз хар вилоят пурсид ва гуфт:

— Хар чи дидай ва шунидай, сарфа масоз, шарм аз миён бардор, бе мухобо баён кун.

Баъд аз замоне аз вахшату дахшат фурӯ нишаст, забон ба такаллум иншо кард ва гуфт:

— Эй шохзода, дар ин чахонгардй аз худ дуньёдортар касе надидаам, магар дар вилояти Хинд. Рӯзе дар он вилоят дар сарое нишаста будам, гуломе аз дар даромад, бо ман салом кард ва гуфт:

— Эй хоча, маро хочаест, савора бар дари сарой истода, анчоми туро шунида, мехохад, ки бо ту мусохибате пайдо созад ва тарикаи дӯстй дар миён орад. Бархез бо ӯ сухбате пеш ор. Ба гуфтаи он гулом бар дари сарой баромада, шахсеро дидам, ки либоси некӯ дар бар, гуломе чанд дар хизмати ӯ истода. Чун маро дид, аз асп фуруд омад. Хар ду бо якдигар мулокот кардем. Ӯро ба хучра даровардам, таом хозир овардам, он чи аз нозу неъмат буд, густаронидам. Шукуфтагие дар чехрааш пайдо шуда, гуфт:

— Мехохам, ки бо ман ошно бошй, то дар ин вилоят хастй, аксари авкот бо хам мусохиб бошем.

Ман хам ба чон миннат доштам. Он шаб ӯро нагузоштам ва зиёфати бисьёр некӯ кардам. Дар хар чо созандаеву гӯяндае, ки кимати гарон дошт, овардам. Субхдам аз сарой худро берун гирифта, ба хонаи худ рафт. Баъд аз ду рӯз бегохй маро ба хонаи худ таклиф кард. Шоме хамрохи чанде аз хизматгорон ба кӯши ӯ рафтам, хонае дидам, бисьёр ороста. Баъд аз замоне хубрӯён хозир шуданд, ки харгиз чамол ба он некӯй надида будам. Аз хайрат фурӯ рафтам. Хама бар чои худ нишаста, ба наѓма бо хам пайвастанд. Ту гӯй, ки устодии инхо яке. Ба навъе месуруданд, ки санг дар дили санг об мегардид. Аз хусну ла-

тофат ва аз ширинию назокати онҳо ҳайратам афзуд. Чун рӯз шуд, ҳар кадом каноре гирифта рафтанд, гуфт:

— Эй ҳоҷа, инҳо ҳама бандагони зархариди мананд, ки ба ин устодӣ наґма омӯхтаанд, дар тамоми вилояти Ҳинд ба шеваи ин тоифа касе нест.

Байт:

Дил, ки пеши ту роз меґӯяд,
Ґами дерина боз меґӯяд.
Магар устоди ҷаврпеша туро
Ҳама таълими ноз меґӯяд?

Гуфт:

— Эй ҳоҷа, ту аз равиши дуньё чӣ фаҳмидаӣ, ин ҳама ҷаҳонгардӣ аз барои чӣ пеша кардӣ? Аз айши рӯзгор чӣ дорӣ? Баргӯй.

Гуфтам:

— Ҳамин, ки дидӣ.

Гуфт:

— Гузории ту чизе набудааст. Бори дуньёро абас мекашидаӣ. Ё тамом даст бардор аз айш, ё айши ӯро пеш ор. Ман ҷаҳорсад тан аз ин нозанинон ҷамъ овардаам, ҳар кадомро зари бисьёр сарф кардаам. Худ ба айш машґулам, ґуломонро аз барои савдо ба ҳар сӯ фиристодаам, рӯз ба рӯз дуньёии худро меафзоям.

Маро аз зиндагонии ӯ ґашк омад, офарини бисьёр кардам.

Гуфт:

— Метавонӣ ба танҳоӣ шабе худро расонӣ, сӯҳбати хосе бо ту намоям?

Ман қабул кардам ва баъд аз ду бегоҳи дигар ґуломе омад, ки «ҳоҷаи ман меґӯяд, ки ба танҳоӣ оед». Ҳамрохи ґулом роҳӣ шудам. Ба хонаи ӯ расидам, маро ба хона даровард. Хонае дидам, бисьёр некӯ. Дар он ҷо нишастам. Замоне буд, ки хубони мохрӯй аз дар даромаданд, ҳар як чун мохи шаби чаҳордаҳ ба назар, меомаданд, дар баробари ҳам карор мегирифтанд. Ҷоми шароб дар гардиш даровардаанд. Сарҳо аз бодаи ноб гарм гардид. Наґамоти рангин месуруданд. Дар ин ҳангом ҳоҷа ишорат кард, чанде аз ҷой бархостанд, баякборагӣ берун рафтанд, баъд аз соате омаданд, гуфтанд: «Намеояд». Худ аз ҷой бархост, дигарон ҷо ба ҷо карор гирифтанд. Баъд аз соате буд, ки худ пеш, аз таокиб якто гавҳаре аз дар даромад, ґӯё офтоб тулӯъ карда ё моҳ хонагӣ шуда: абрувон муқаввас[1], мижгон дилдӯз, холиқи

[1] *Муқаввас* — ҳамонвор.

азал ва қодири ламязал чунин сурате дар корхонаи эҷод накш набаста.

Байт:

Ба рӯзгори ту суратгарони ҳафт иклим,
Қалам гирифтаву бар сурати ту ҳайронанд.

Ҳайратам чунон афзуд, ки тамоми ихтиёр аз даст додам. Ба қудратнамоии қодири бечун офарин мегуфтам. Гузашта ба ҷое карор гирифт, аммо кудурат аз чеҳрааш ҳувайдо буд. Ду-се ҷоми шароб нӯшид, мастӣ асар кард, ҷанге бар даст гирифта, дар садо даровард, нолаи ҳазин аз дил берун овард. Ба навъе нағма суруд, ки онҳое ки буданд, ҳама ночиз шуданд ва ба хоку хун тапиданд, дар хаки ӯ дуо карданд. Ман дар ҷо хушк монда будам. Он хоҷа бехуд шуда буд. Малика ба сӯи ман назар кард ва гуфт:

— Эй хоҷа, ман аз насли шохони Каёнам. Маро мухаббате ба нағма пайдо шуд, ҳакиме маро омӯхт. Ҳикояти ман дуру дароз аст. Оқибат ба канизӣ ба дасти ин золим афтодам, илоҷи худро намеёбам, ҳайрони кори хешам.

Чунин гуфта, охе кашида, ашк аз дида борида, аз назарам берун рафт.

Байт:

Чи кардаам, ки маро ҳамдами бало кардӣ,
Ба дарду меҳнати айём мубтало кардӣ?
Чунин ки расми ту бегонамашрабӣ будаст,
Чаро зи рӯзи азал бо худ ошно кардӣ?

Чанд рӯзе дар он вилоят будам, дубора ба сӯҳбати худ наёвард. Аз ҳамон вакт гузори рӯзгорро бо худ ҳаром медонам. Якчанд рӯз беоромӣ пешаи худ кардам, ба ҷое нарасид. Эй шохзода Муслим, туро соҳиби айшу хуси дидам, аз ин ҷиҳат арз кардам. Ҳайф набошад, ки умри худро ба ройгонӣ ба сар барӣ? Аз зиндагонии рӯзгор бехабарӣ.

Байт:

Ҳар умр, ки бе дилбари раъно гузарад,
Бодест, ки аз домани сахро гузарад.
Гуфтем баҳор ояд, айше бикунем,
Чандон баҳор ояду бе мо гузарад.
Тавонӣ, ҷаҳонро ба шодӣ гузор,
На шодӣ бимонад, на ғам пойдор.

Он ҷаҳонгард он кадар тавсиф кард, ки шохзода Муслим ғоибона шефтан ӯ гардид, ба навъе бекарор шуда, тамоми ором аз даст дод, ба хаёли сарви қадаш чун қумрӣ тавки бандагӣ дар гардан афканд, ба тасвири мижгони ҳадангаш синаи худ ҳадафи

новаки малоҳат сохт ва ба андешаи мӯи миёнаш дида саргарми печутоб гардид.

Байт:

Чанд аз дигарон васфи чамоли ту шунидан,
Хуш он ки муяссар шавадам рӯи ту дидан.

Хоча чун сурати шохзодаро мутағайир дид, аз гуфтаи худ пушаймон гардид, аммо фоида надошт. Аз хизмати шохзода бархоста, ба хонаи худ рафт. Дар андеша буд, ки «чаро чунин суханро аз дил баровардам, гулеро дар миёни хун нишонидам? Ин кор аз хирадмандӣ набуд. Рози худро нихон бояд дошт, тухми ғам бар сина бояд кошт. Изхори мудао ба касе соз, ки рози ту ифшо накунад ва туро ба манзили мақсуд даррасонад ва хар чи хохад тавонад». Аз чихати беоромии шохзода Муслим ба Асламшох хабар расониданд, ки фарзанди арҷманди ба чон пайвандатро газанде аз рӯзгор расида, нолаи синахарош аз дил кашида, ба гӯшаи танхой карор дорад. Чун шох аз ин ахвол иттилоъ ёфт, ба дидани фарзанд расид, ӯро ошуфтарӯзгор дид, дилаш аз ғам хун гардид. Аз кайфияти холаш истифсор намуд, гуфт:

— Эй падар, мушкиле бо ман рӯй додааст, ки аз ин чихат ғаму андӯх дорам. Бидон, ки дар вилояти Хинд аз насли хиндувон шахсе будааст, туччор, дуньёи билонихояе доштааст, чахорсад канизи мукаммали мохрӯй доштааст. Хусусан, якто гавхаре ба хизмати ӯ будааст, ки Ҳазоргесӯ ном, ки ба хубӣ ток ва ба зебой шӯхраи офок. Аз хамон вакте, ки кисса̀и пурғуссаи ӯ ба гӯшам расидааст, сабру орому хуш аз ман рафтааст. Хеч илочи худ намеёбам, ғайр аз андӯх кори дигар надорам. То васли ӯ муяссар нагардад, дилам ором намегирад. Агар метавонӣ, фикри ман соз, ваилло, рухсатам дех, ки саре гирам ва сомоне талаб созам. Бори андӯх то кай кашам, ки тоби интизорӣ надорам. Ин корро сахл машумор, тадбире неш ор.

Байт:

Аз сабр кори ишк шавад хом бештар,
Печад ба мурги болфишон дом бештар.

Падар чун аз холи фарзанди худ огох гардид, дар тадбири он фурӯ монд. Вазире дошт, ӯро талаб кард, машварати фарзандашро ба ӯ кард. Вазир окилу доно буд, замини адаб бӯса дода, гуфт:

— Шохо, кист, ки ин суханро ба гӯши шохзода расонидааст?

Гуфт:

— Савдогаре ба тозагӣ аз вилояти Ҳинд омада, фарзанди маро ба ин навъ бало мубтало кард.

Фармуд, ки ӯро талаб кунед. Хоҷаро хозир сохтанд. Забон ба таъни ӯ бикшуд, гуфт:

— Чаро чунин кардӣ? Шоҳзодаро дар банди ишқ гирифтор сохтӣ, рахм ба ҳоли ӯ нахӯрдӣ!

Гуфт:

— Азбаски хусни ӯ диламро рабуда буд, беихтиёр таъриф ӯ дар миён овардам, муҳофизати аҳвол натавонистам. Акнун пушаймон шудам, фоида надорад. Бокиро шумо донед.

Вазир гуфт:

— Қиссаро дубора баён кун.

Чунин кард. Ҳама таҳсину офарин карданд. Баъд аз ин вазир гуфт:

Байт:

Шоҳо, бақои умри ту бодо ҳазор сол,
Иқбол дар панохи ту бодо ҳазор сол.
Соле ҳазор моҳеву моҳе сад ҳазор рӯз,
Рӯзе ҳазор соату соат ҳазор сол.

Бидон, ки ин кор ба як тадбир анҷом гирад, ба шарте дунёӣ билониҳоя сарф созӣ, ба таври ман гузорӣ, то фарзандат аз ин бало начот ёбад, вайлло, ту донӣ.

— Шоҳ гуфт:

— Эй вазир, дунёё аз барои чи кор ояд? Аз барои ҳамин воқеот андӯхтаанд, вагарна сангу сафол беш набошад. Инак калиди хазоин, бигиру бистон чи миқдор, ки хоҳӣ.

Вазир таъзим ба ҷой оварда, калиди хазинаро ситонид, он чи ганҷу гавҳаре, ки буд, ба чанг оварда, чизи каме гузошт. Пораи зарро аз ҳар чинс харид кард, боқиро дар шутурону астарон бор карда, чаҳорсад тан аз мардуми сипоҳии савору ғуломону хизматгорон гирифта, худро ба сурати туҷҷорон ороста, ба ҷониби вилояти Ҳинд роҳӣ шуданд.

Ровӣ гӯяд, ки аз сипоҳону ғуломону ҳамсӯҳбатон чаҳор ҳазор тан савои мардуми туҷҷор буданд. Ба ин тариқа роҳ мепаймуданд. Ҳар ояндаву равандаи фақиру мискин, ки мусоҳиб мешуд, ньюиому эҳсон мекард, то он вақт, ки овозаи ӯ оламро фурӯ гирифт, ки савдогаре пайдо шуда, ки хони эҳсон кушода, ба ҳар кас фарохӯри ҳол инъом месозад, ҳеҷ сарфа надорад. Ин сухан ба гӯши хоҷаи ҳиндӣ расид, аз мардумон пурсид. Онҳо ки дида буданд, тавсифи зиёлат карданд. Рӯз ба рӯз наздик мешуд, мардумон ба истиқбол мебаромаданд ва аз ӯ гавҳар меситониданд. Аз шунидани ин воқиа оташ дар дили ӯ афтод, худ

ба истиқбол баромад, ба чои таом зару гавҳар кашид, инъоми бисьёр кард. Ҳама дар ҳайрат шуданд. Чун хоҷа ручъат кард, дар дил гузаронид, ки ман ҳам ӯро зиёфате созам, то ӯ донад, ки дар ин вилоят касе будааст.

Вазир дохили вилоят шуда, дар сарое фуруд омад. Баъд аз се рӯз хоҷа зиёфате оғоз кард, вазирро ҳамроҳи тамоми савдогарон меҳмонӣ кард, ки мардуми рӯзгор офарин гуфтанд. Баъд аз он вазир ӯро меҳмон кард. Баъд аз таом зари бисьёр исор кард. Ҳама ҳайрон шуданд. Хоҷаро ба хотир расид, ки ин туччорро махфӣ меҳмон карда, асбоби айши худро намоям, то донад, ки тарикаи зиндагонӣ ин будааст.

Байт:

Туро дидем, Юсуфро шунидем,
Шунидан кай бувад монанди дидан.

Фард:

Чи медонад дили бедард сирри гирьяи моро,
Ғубори хотири селобро вайрона медонад.

Шабе ба вазир кас фиристод, ки сухбати хосе дорам, бе рафик худро расонӣ. Ин хабарро шунид, донист, ки кор чист. Ба танҳоӣ рохи гардид, бар дари сарои хоҷа расид. Ӯро ба эъзози тамом ба хона даровардаанд, сухбат ороиш доданд. Баъд аз он ки аз шаб посе гузашт, ишорат кард, ки ӯро низ биёред. Канизон рафтанд, хабар овардаанд, ки намеояд. Итоболуд аз ҷой бархост, пеши Ҳазоргесӯ рафт, гуфт:

— Эй хурликои мохсимо, меҳмоне ба кулбаи ман омада, ки чахондида, неку бади рӯзгор тачриба карда, дуньёни бисьёр сарфи ман карда, мехоҳам ба як карашмаи ширини ту он ҳамаро ночиз гардонам ва дар маконои ҳайрат нишонам.

Байт:

Ғами ман касе шиносад, ки рухи ту дида бошад,
Агарам надида бошад, сифате шунида бошад.
Зи дили кабоби Мачнун бувад оғохӣ касеро,
Ки зи хони васли Лайлӣ намаке чашида бошад.

Ҳазоргесӯ гуфт:

— Маро ба ин сарофат бигзор, ки тоби меҳнат надорам. Агар бандаам, бифрӯш ва агар озодам, рухсатам дех, ки то кай коҳиш хохам. Ҳарчанд сабр пешаи худ кардам, андешаам ба чое нарасида, корам ба макоме наанҷомид.

Байт:

Умеди чавр аз ту надорам, чи чон лутф,
Навмедиям, бубин, ба чи гоят расидааст.

Хоҷа узри бисьёр хост, ӯро хамрохи худ ба сӯхбат овард. Чун аз дар даромад, гӯё дар дили шаб офтоб тулӯъ кард.

Байт:

Эй мох, бигӯ, чи ном дорӣ?
Дар авҷи фалак маком дорӣ.
Шохони чахон сари ту доранд,
Оё ту сари кадом дорӣ?

Вазирро назар афтод, некӯсурате дид, ки офтоби рухсораш зарравор дилхои муштоконро дар олами бехабарӣ афканда ва мохи чамолаш катони синаи бедилонро аз ғайри партави дидор пора-пора гардонида, ба кадом забон сифати ҷамолу камоли ӯ адо намоям, ки забон лол, васфи ӯ мухол менамояд. Агар тамоми умр ба хаёл ҚАЛАМ ронам, шаммаро баён натавонам кард. Хазор хайф, ки офтоби ҷамолаш ба зери абр пинхон ва мохи рухсораш дар пардаи берангӣ нихон. Вазир, ӯро дида, чун ойина хайратӣ шуда, чашм аз ҷамоли ӯ натавонист бардошт. Охи хасрат аз ниход баровард, пушт бар девор ниход, дил ба тамошои ӯ дод. Хазоргесӯ низ донист, ки ин сӯхбат бе андешае нест. Аз рохи чобукхушӣ дарьёфт, ба садри мачлис биншаст. Чанд пиёла шароб нӯшид, сар аз бодаи ноб гарм гардид, танбӯри синахарош бар даст гирифта, аз рохи дил нола берун овард.

Байт:

Нафас бе файз дуде аз зиндон васли тан бошад,
Сухан к-аз дил наёд, бар забон бӯи дахан бошад.

Навъе суруд кард, ки мурғ аз тайрон, об аз сайрон бозмонд, одамӣ чӣ гуна амал кунад? Ба завку шодкомӣ шароб мехӯрданд, то он хангом, ки мастӣ бар дили хар як аҳар кард. Хочаро дар олами бехудӣ ба хотир расид, ки ба ин меҳмон маълум созад.

Гуфт:

— Ин нозанин, ки бо ин хусну латофат мебинӣ, канизи ман аст.— Гуфт:

— Эй канизи бохуш, вакти моро имшаб хуш дор, то аз ту хушнуд бошам.

Хазоргесӯ аз ин сухан бо худ печид.

Байт:

Агар донистаме нозукмизочихои табъатро,
Даруни сина пои охро занчир мекардам.

Танбӯр бар замин зад, хомӯш шуд. Харчанд таваҷҷух кард, дигар бар дасти худ нагирифт. Хоҷа дар хичолат шуда, ба чониби вазир назар карда, гуфт:

Ровӣ гӯяд, ки шарҳи ин муҳлика ба хотираш набуд, балки дар олами бехабарии ӯ рӯ додааст. Истифсор кард, канизон воқиаро баён карданд, баъд аз он хабардор гардид. Оҳе аз дил баркашид ва гуфт:

— Байъу шаро дар олами бехабарӣ дуруст набошад. Ба ҳар сурат аз ҳоҷа меситонам. Ороми ҷони худро бар дасти ӯ намемонам.

Аз ин муқаддима ғофил буд.

Байт:

Агар аз ҷонибе маъшуқ набошад майле,
Талаби ошиқи бечора ба ҷое нарасад.

Ба ин бетобӣ аз ҷой бархост, ғуломонро ҳамроҳ гирифта, бардари сарой омад, ҳоҷаро пурсид. Саройбон гуфт:

— Нимаи шаб омада, мардуми худро васият кард, ки аз таоқибати ман хохед расид, худ баромада роҳи вилоят дар пеш гирифт.

Он вақт ҳоҷа гиребони ҳасрат чок зада, ба дари подшоҳи Ҳинд омада маълум сохт. Маликро дуо гуфт, баъд аз он воқиаи Ҳазоргесуро баён кард. Шоҳ тавсифи ӯро шунида буд, аз роҳи адолатгустарӣ муҳофизати ахволи худ мекард, аммо фурсат мекофт, ки рӯзе вақтро ёфта худро бо ӯ ва ё ӯро бо худ расонад. Ҷони ман вақти худро ғанимат шумор, ки рӯзгор мадоре надорад. Ҳар рӯз сайд дар дом надарояд ва ҳар дам дилбар ба канор нанишонад, балки кори ӯ шӯъбадабозист ва найрангсозист.

Байт:

Маъшуқ шавад агар ба ошиқ яктан,
Созанд ду сар зи як гиребон берун.

Агар саре дорӣ, побанди занҷири ҷунунам кун, ваилло, рухсатам дех, ки тоби интизорӣ надорам.

Байт:

Ту аз ман форигу ман аз ту дорам сад пушаймонӣ.
Намедонам тағофул мекуни ё худ намедонӣ.

Чун ин воқиаро шунид, аз ҷой барчаст, ҷоми шароб баргирифт, ҳафт сардор бо ҳамроҳии ҳафтод ҳазор савор аз таоқуби ҳоҷаи номдор фиристод, таъкид сохт, ки ба ҷое ором нагиред, дастгир карда биёред.

Вазир медонист, ки ин хусни пурнайранг бе фитна нест, рох мепаймуд. Се шабу рӯз пайваста рох рафтанд. Ҳазоргесӯ ба ҷои омад, гуфт:

— Эй вазир, аз олам берун омадй! Акнун соате ором гир, ки токатам намонд. Азбаски бетобии бисьёр кард, ночор дар болои баландие фуруд омада карор гирифтанд. Баъд аз соате чанг аз чониби вилояти Хинд баромад. Вазир гуфт, ки:

— Эй фарзанд, бархез, ки хизмати маро абас кардй.

Ба тавраш нагузошта, рох пеш гирифтанд. Як шабу рўзи дигар рох рафтанд, хама ба чон омаданд, гуфтанд:

— Эй вазир, хеч кор аз такдир берун нест. Соате ором гир, ки порае аз таковарон афтодаанд ва чамъи дигар бисьёр фурў мондаанд. То кай ба ин хол кўшиш намой?

Байт:

Кас натавонад гирифт домани давлат ба зўр,
Кўшиши бефонда, сурма ба чашмони кўр.

Агар насиби ту бошад, ба коми ту ояд, ваилло умри азизи худ сарфи ў кунй, аз боги васл гуле нахохй чид. Порае аз ғайри талаб ёфтаанд ва чамъе дар рохи талаб рафтаанд. Надонам кадри ин чист ва кимати он кадом аст. Дар асли офаринии хама аз як гавхаранд, пораеро дар садри мачлис менишонанд, гули мурод дар огўш ва чамъеро дар сафи ниол[1] менамоянд, аз хама маъюс. Мухтасар он ки хар чи хост, кард ва хар чи хохад, бикунад. Ночор фуруд омаданд. Лашкари бекарон аз таокиб пайдо гардид. Баландиеро калъаи худ карданд, маргро омода шуданд. Он рўз лашкар меомад. То се шабу рўз лашкар омада чамъ гардид, атрофи эшонро чуи нигин гирифтанд. Рўзи чахорум чангро омода карданд. Се шабу рўз чанг карданд, кофиои вазир танг омад, аз дил ба нола мукайяд шуд, рух ба хок молид ва ба даргохи кодири кудрат нолид. Аз ашки ў замин гил гардид, тири дуояш ба хадафи ичобат карин шуд.

Ровй гўяд, ки шохи Балх фарзанди худро мухофизат намуда буд. Хукамо гуфта буданд, ки «шохо, лашкари бекарон хамрох созй, хар чо кадам нихад, дар паи ў бошанд, аз коре манъ насозанд». Чунон мекарданд, то он хангом, ки шохзода бехтиёр рохи вилояти Хинд пеш гирифт, лашкар ночор мухимоти худро сохта, аз акиби ў рохй шуданд, то чанд рўз рох рафтанд, бар мансубае омаданд. Шохзода назар кард, вокиаро дид. Кас фиристод, омода ба хизмати вазир расид, ўро бишнохт, ахвол пурсид. Вазир киссаи худро баён кард. Ў омада ба хизмати шохзода

[1] *Ниол* — паст.

маълум сохт. Шохзода беихтиёр худро дар сафи лашкари Ҳинд зада, аз кушта пуштаҳо бароварда, лашкари Ҳиндро шикаст дода, ручъат намуд. Баъд аз он назараш ба Ҳазоргесӯ афтод, аз хуш рафт. Худро ба меҳнате нигоҳ дошт, гуфт:

— Эй дилбари саропо ноз, аз хамон вакте ки тавсифи туро шунидам, орому карор надорам. Чанд вакт худро ба ҳар чиз тасаллӣ додам, рост наёмад, окибат сар дар пои ту ниҳодам. Туро бо ман саре хаст ё на? Агар хаёле дорӣ, баргӯй, илло кор мушкил аст ва агар аз ман таксире дида бошӣ, аз сари он даргузар, ки бе маслихате набуд. Агар ин тарика намекардам, туро кучо ба чанг меовардам.

Байт:

Агар аз чониби ошиқ шавад кӯтохие, сахл аст,
Каманди чазбаи маъшук мебояд расо бошад.

Ҳазоргесӯ низ узрхоҳӣ кард. Ба шодкомӣ роҳ буриданд, то ба вилояти Балх расиданд. Падар аз чамоли фарзанд бахравар гардид худойро шукри бисьёр гуфт, шахрро ойин баста, Ҳазоргесӯро дар акди фарзанди худ даровард. Хар ду дил як дил шуда, ба мурод расиданд, аз меваи боғи васл чашиданд. Падар тахтро таслими писар кард, рохи манзили адам пеш гирифт.

Шохзода баъд аз мурдани падар рохи адл пеш гирифт, ба дастури шохони зулахзом адолат варзид. Ҳазоргесӯ низ вакти худро хуш медошт. Шохзода Муслим низ яке аз чумлаи шохони бузург шуд. Ба саранчоми юмни кудуми Ҳазоргесӯ буд, ки аз падар ба чандин дарача зиёда шуд.

Ровӣ гӯяд, ки харгиз соате бе якдигар набуданд, хар гох шохзода Муслим ба шикор рафтӣ, ӯро хамрохи худ бурдӣ. Дар маофаи зангор андохта, пораи хизматгорон то мавзеи шикор мебурданд. Баъд аз он аз шикор чудо шуда Ҳазоргесӯро бар аспе савор карда, хамрохи худ гирифта мегашт, то ҳангоми ручъат. Рӯзе хар ду дар таокиби сайде асп ронданд, тамом аз лашкар дур афтода рохро гум карданд. Дар аспои рох ба хотири шох чизе расид ва гуфт:

— Эй Ҳазоргесӯ, ман туро ба ин давлат расонидам, ки дар ҳарам чандин нозукниҳолон хизмати туро месозанд, шабу рӯз парастори туянд. Ин давлатро ганимат шумор ва шукри ин саодат ба чой ор.

Ҳазоргесӯ гуфт:

— Ин сухан, ки гуфтӣ, аз рохи бемурувватист. Касеро, ки

парвардигор ба саодате карам кардааст, махлуқ хор натавонад кард. Касеро, ки залил карда, иззат натавон дод...

Муслимшох гуфт:

— Оре, чунин аст, лек сабаб хам мебояд.

Маликаи Ҳазоргесӯ гуфт:

— Ҳеч воситае даркор нест.

Шох гуфт:

— Агар туро дар ин биёбони бесару по ба хоки хорӣ афканам, дастгири ту кӣ хохад шуд?

Гуфт:

— Касе, ки маро офаридааст.

Шох гуфт:

— Пас, аз асп фуруд ой.

Ҳазоргесӯ фуруд омад, Муслим таковарро гирифта рохӣ шуд. Ҳазоргесӯ низ чизе нагуфт. Боз Муслим гуфт:

— Биё савор шав, вайлло дар ин биёбон лукмаи шерону палангон хохӣ гардид.

Ҳазоргесӯ гуфт:

— Агар ин саодату зиндагонии ман ба воситаи туст, миннат даркор нест. Агарчи занфам, химмати мардонро дорам. Бирав хар кучо хохӣ.

Ҳарчанд таваччух кард, Ҳазоргесӯ кабул нафармуд. Муслим дар ғазаб шуда, рохи лашкарро пеш гирифт.

Ровӣ гӯяд, ки он рӯз ҳама рӯз рох рафт, шаб ба маконе дар биёбон карор гирифт. Рӯз шуд, бар болои баланди баромад. Лашкар аз хар чониб назар афканда, худхоро расониданд. Рохи шахр дар пеш гирифта, омада дар маснади шахриёрӣ карор гирифт. Ҳазоргесӯ он шабро дар он биёбон гузаронид. Рӯзи дигар бар болои реге баромада, ба ду зону нишаст, дил ба марг ширин кард, чаро ки биёбон бепоён буд. Рӯй ба хорӣ карда, бар хок молид ва ба даргохи бениёз нолид...

Азбаски сӯзашро асаре буд, ёрро бо ӯ назаре буд, дуояшро ичобат кард. Пире бо маркабе рох гум карда бад-ин водӣ расид. Ҳазоргесӯро дид, аз рохи таччуб пурсид, гуфт:

— Эй анкои Кофи узлат, ва эй якто гавхари маснади иззат, дар ин биёбон чӣ мекунӣ ва ба ин хомаи рег чӣ мечӯй? Ту махбубӣ, пайи манзил туро иззат аст, на хорӣ, лоики ту рохат аст, на беморӣ. Бархез аз ин биёбони хунхор бигрез, ки биёбон чои Мачнун аст, на Лайлӣ ва кӯҳ кандан кори Фарҳод аст, на Ши-

рин. Нолаву зорӣ кору пешаи ошиқ аст, на маъшуқ ва таваччуҳ лонки толиб аст, на матлуб.

Назм:

Сахронаварди синаи сӯзони кистӣ?
Охуи дургарди биёбони кистӣ?

Бархез ки туро аз ин биёбони хавлнок берун орам.

Ҳазоргесӯ бархост. Пир гуфт:

— Ба ин маркаб савор шав, ки қуввати рафтор надорӣ.

Ӯро савор карда, рох дар пеш гирифт. Аз он биёбон берун омад, гуфт:

— Ба кадом ҷониб хохӣ рафт?

Малика гуфт:

— Ба сӯи кулбаи худ рав, ки ман хонумон гум кардаам.

Пир ба ҷониби манзили худ шитофт, ба андак таваччуҳ ба хонаи худ расид. Малика хонае дид чун чашми бахилон танг ва чун дили ятимон тира. Ба ҷуз бӯрьёи кӯҳна чизе набуд. Пирамард узрхохӣ кард ва гуфт:

— Эй маликаи хубон, ҳар касро аз рӯзи азал қисмате муқаррар кардаанд. Насиби ман ба ҷуз меҳнат набуда, лаби ноне ба ҳар сурат бахам мерасонам. Ғайр аз машаққат чизеро надонам. Ту акнун баргӯй, ки аз кучой, ки ман умри худ сарфаи он рох карда будам, ба воситаи ту имрӯз рохро гум карда, саргардон шудаам?

Малика гуфт:

— Эй бобо, бо ту мегӯям ба шарти он ки рози маро ифшо накунӣ, дар пардаи ихфо[1] гузорӣ.

Пир гуфт:

— Ба ҷон миннат дорам.

Малика гуфт, ки:

— Ҳазоргесӯе, ки шунидай, манам. Ба сабабе аз шох дур ва махҷур шудаам. Акнун ахд кардаам, ки гирди ноҳдорон нагардам, баъд аз ин чун анқо умри худро сарфи водии гумномӣ созам, ки дар шӯхрат офот будааст.

Байт:

Ишқ ҳарчанд ки дар парда бувад, машхур аст,
Хусн ҳарчанд ки бепарда бувад, мастур аст.

Пир гуфт:

— Агар қаноатро пешаи худ созӣ, ман ғуломи ҳалқабаргӯшам ва агар ёди подшохӣ кардӣ, тоби он надорам. Чунончи гуфтаанд:

[1] *Ихфо* — пинхон, хуфья.

Байт:

Туро тарки тамаъ сармояи соҳибкулохӣ шуд,
Ки качкӯли гадой вожгун шуд, точи шохӣ шуд.

Малика гуфт:

— Дидам он чи диданӣ буд, акнун гузаштам.

Пир гуфт:

— Ман ҳам бандаам.

Дар хонаи пир карор гирифт. Чанд вакте аз ин вокиа дар-гузашт.

Ровӣ гӯяд, ки Муслимшох аз кирдори худ пушаймон шуда, ба хар чониб касон фиристод. Худ ҳамрохи лашкари бекарои рохи биёбон дар пеш гирифта, такопӯ аз хад афзун кард, асаре наёфт. Чун ӯ дилбар дар сафхаи рӯзгор надид, бекарор шуд. Ҳакимон насихат карданд, суд надошт. Дар фикри кораш дармонда шуданд, илочаш надонистанд.

Ровӣ гӯяд, ки маликаи Ҳазоргесӯро аз Муслим дар шикам хомила буд. Чун таваллуд кард, духтари некахтаре. Ӯро хурсандӣ рӯй дод. Ба пир гуфт:

— Эй падар, акнун кори худро мувофики гуфтаи ман кун.

Пир гуфт:

— Ба чон миннат дорам.

Гуфт:

— Хар гох, ки хима мефурӯшӣ, кимати ӯро пеши ман биёр.

Пир чунон кард. Ҳазоргесӯ дираме чанд аз ӯ чудо кард, гуфт:

— Инро гирифта гандуме биёр. Акнун нон аз бозор магир, ки сабаби бебаракатист. Дирамеро мӯй биёр, ки моён низ бекор набошем, акнун бар сар афтодааст.

Байт:

Ки барад ба назди шоҳон зи мани гадо паёме?
Кӣ ба кӯи майфурӯшон ду хазор май ба чоме?
Ту бигӯй, ки кимьёфурӯшӣ, назаре ба ҳалби мо кун,
Ки бизоате надорему фикандаем доме.

Сарришта ба даст гирифта, рӯз ба рӯз хонаи пирро маъмуру обод мекард. Хар гох, ки дираме чанд чамъ меомад, мефармуд, ки ӯро маркабе гир. Се-чахор маркаб чамъ сохт. Баъд аз он ғуломе гирифта, ба пир ҳамроҳ кард. Бад-ин сурат ҳанӯз соле нагузашта буд, ки пир соҳиби саранҷом шуд. Донист, ки

кадами сохибдавлате мучиби фарогат будааст, дуои чони ўро мекард. Рўзе пирро пеши худ талаб кард ва гуфт:

— Эй падар, хангоми тобистон химаи зимистонро чамъ сохта ба канорае бигзор, харгоҳ ки сардй зиёда гардад, рўи замин аз барф чун дили софзамирон сафед шавад, он хангом ба кимати тамом хохй фурўхт. Пир аз чон иқбол намуда, рохи дашт дар пеш гирифт, ғуломонро дар атрофи худ чамъ оварда, химаи бисьёре чамъ карда, магорае дошт, дар он чо бигзошт. Мавсими тобистонро ба хузури тамом гузаронид. Замоне ки замин аз сардй дар ларза даромад, барф замину замонро махтобй кард, номи гиёх аз олам махв шуда, хар факиру мискин дар гўшаи кулбаи худ ба бурудати[1] хаво чун мор ба худ печида, нола мекард, малика Хазоргесў пирро талаб кард ва гуфт:

— Эй падар, чаро вактро аз даст медихй, фурсатро ғанимат намедонй?! Бархез фикри кори худ кун. Химаро хамрохи ғуломон ба шахр бар, ки фоидаи тамом хохй дид. Пир рохи ғор дар пеш гирифт. Вакте расид, ки оташ афтода, тамоми химаро сўхтааст. Ох аз дил баркашида, дилаш ба дард омада, дар хайрати он шуд, ки ба малика чи чавоб гўяд. Ночор аз хамон сангхо, ки дар даруни оташ сиёх шуда буд аз барои нишон бо худ гирифта, рохй шуд ва ба хизмати малика омад, нолаву зорй кард, гуфт:

— Эй ба хубй ягонаи офок, бидон, ки оташ дар хима афтодааст ва тамоми хима сўхтааст. Надонам, ки ин аз бахти ман буд, ки рўзгор мехохад, ки мисли аввал ба хоки хориям нишонад.

Малика гуфт:

— Оташ дар кучо буд, ки афтода бошад? Магар аз ту пештар дигарон хабар ёфтаанд, химаро рабудаанд.

Пир гуфт:

— Инак нишоне овардаам,— гуфта, сангро пеши Хазоргесў афканд. Чун нек назар кард, санги сиёхтоб буда. Ба чашми хуб назар намуда, гуфт:

— Эй падар, боз аз хамин санг пайдо мешавад?

Гуфт:

— Бале, ки магора пуру мамлу дидам.

Малика гуфт, ки:

— Ба маркабхо бор карда биёр, ки иморате дорам. Аз сўхтани хима ғаме бар дил рох мадех, ки-окилон ба чизе, ки сўхтааст, ғам нахўрдаанд. Он сангхоро тамом биёрй, ки хосияти

---

[1] *Бурудат* — сардй, хунукй.

он бисьёр аст. Пир аз роҳи ҳичолат бар дари ғор омада, сангҳоро бар чувол андохта, бар маркабҳо бор карда овард. Малика дид, мачмӯи ӯ сиёҳтоб буда, ба хона андохт, фармуд, ки он чи ҳаст, биёред. То дах рӯз оварданд, тамомии хонаҳо пур шуд, баъд аз он гуфт:

— Эй фарзанд, чизе намонда.

Ҳазоргесӯ гуфт:

— Эй падар, муроди ту ҳосил шуд. Ин ҳама, ки овардӣ санги сиёҳтоб буда. Бархез зиндагонирӯ навъи дигар кун. Ба бозор рав, ғуломону канизон бихар, аз барои худ саройҳову ҳавлиҳо бино соз, он чи фармоям чунон кун, ки ин зарҳо ба сарф кардан адой надорад.

Пирамард худойро шукр гуфт ва ба сӯи бозор рафт, ғуломону канизони хубрӯй гирифт.

Ровӣ гӯяд, ки чаҳорсад ғулому чаҳорсад каниз гирифт, ҳар канизеро ба ғуломон дода, саропо дуруст карда, аз барои Ҳазоргесӯ манзаре сохт, худро аз чашми ҳалонқ пинҳон дошт, тамошоқ олам мекард. Аз барои худ матбахе сохта, чанд бовурчиро муваккали он кард, ки ҳаҷ рӯз ош пухта ба ояндаву раванда, фақиру мискин медоданд, барахнагонро мепӯшониданд. Ба ҳадде таҷаммул пеш гирифт, ки мардумон ангушти ҳайрат дар даҳони тафаккур мегирифтанд. Хабар ба Муслимшоҳ расид, ки дар навоҳии вилояти ту пире хуручу уруч карда, ки камтарини ғуломони ӯ аз ту беҳтар аст. Муслимро рашқ омада, ба тариқаи шикор савор шуда, бад-он навоҳӣ расид. Хабар ба пир оварданд. Ӯ пеш омада, аз малика суол кард, ки чи кунам. Малика гуфт:

— Камоли зиёфатро ба ҷо ор, ба ҳама сарупо ва инъом фармой. Чунон зиёфате пеш гир, ки хони фалак аз вақти ороиши мехмонхонаи худ чунин ҳонсолоре бар рӯй наёварда бошад ва деги сарпӯши гетӣ ин навъ бовурчӣ дар матбахи айём мулоҳиза нанмуда, асари он зиёфат дар он соҳил пайдо ва ҳувайдо бувад.

Баъд аз он аз вазъи шариф хурду бузургро сарупову инъом фармуд. Ҳама таъзиму такрими ӯ ба ҷой оварда, дуои ҷони ӯ карда, аз хизмати шоҳ мураххас гаштанд. Ин ҳамаро Ҳазоргесӯ медид ва такрими ӯ ба ҷой меовард ва меписандид. Рӯз ба рӯз овозаи пирамард баланд мешуд. Аммо чунин гӯянд, ки Муслим аз ишки Ҳазоргесӯ бекарор гардид, рӯз ба рӯз дардаш зиёда мешуд, мардумон ба ҷанг омаданд. Ҳукамо ҷамъ шуданд, гуфтанд, ки аз барои ӯ касре барсозанд ва дар он каср хонае созанд. Мунодӣ дардоданд, ки ҳар ҷо ҳунарварест дар он хона

барояд, шӯъбадае бинмояд. Баъд аз он ки он хона ба итмом расид, Муслимшохро дар он хона нишонида ба ишрат мукайяд гардиданд. Ҳар ҷо хунарманде буд, ҷамъ омада ба касри шахриёрӣ мутаваччеҳ гардид. Ин сухан ба гӯши Ҳазоргесӯ расид, ӯ низ бад-он сифат касре фармуд ва дар он каср хонае бино кард, ҳар девори хонаро ба устоди суратгаре фармуд, ки чизе таъбия созонд ва дар миёни деворе ҷое аз барои худ махсус кард, ки худ ҳам шуъбадае намояд. Чун иморат ба итмом расид, малика дар он ҷо биншаст ва ба ишрат мукайяд гардид, аммо дардаш меафзуд.

Байт:

Он чи дар замзамаи ишки ту ҳосил гардад,
Курси доғест, ки ҷо дар баҳали дил гардад.
Раҳами меҳри ту дар ҳеҷ диле нест ки нест,
Як ба як дафтари дилҳо чу мукобил гардад.

Вақте ки касри Ҳазоргесӯ ба итмом расид, фарзанди худро талаб карда, гуфт:

— Эй духтари беҳ аз ҳазор писар, меҳоҳам, ки бо ту чизе омӯзам. Хонае сохтаам, аз ҳар девори ӯ нақше аз наккошони рӯзгор тартиб додаанд, ҷоеро ҳолӣ гузоштаанд. Он ҷоро кофта, туро гузошта менишонам. Аз ақиби девор даричае ҳоҳам гузошт, ки ӯро касе надонад. Ҳар гоҳ, ки падарат ояд, ту аз он барои, туро дар он девор гузошта, пеши ту ояна мегирам. Ҳар гоҳ ки Муслимшоҳи падарат дар хона биншаст, ту рухи хеш бинмой, дар зайли раккосон дар ракс ой, ки туро бубинад, дар ҳайрат афтад, доғи кӯҳнаи ӯ нав шавад, чунончи маро дар биёбон афканд, ман низ интиқоми худ аз ӯ бикашам.

Фарзанди худро чунон ракс омӯхта буд, ки ҳунармандони олам ангушти ҳайрат дар даҳон мегирифтанд... Ӯро дар он ҷо даровард ва деворро ойина гирифт. Худ биншаст, фармуд, ки канизон дар ракс даромаданд. Ҳамаро худ омӯхта буд, чаро ки дар олам адилу назир надошт. Ҳар рӯз бад-ин минвол айш пеш гирифт. Дар шаҳр ғавғо афтод, ки «пирамардро духтаре буда, ӯ низ аз барои худ касре муҳаё сохта, ки ҳунармандони ҳафт иклим ангушти ҳайрат дар даҳон гирифта, ба корпардозии ӯ тааччубе карданд». Ин ба гӯши Муслимшоҳ расид, ба ҷониби пир кас фиристод, ки «ба манзили ӯ ба меҳмонӣ меравам, чи ҷавоб медиҳад?»

Пир хабар кард, хонаро ороиш дод, палосҳои некӯ афканд, ҳар кадом аз канизонро мурассаъпӯш кард, асбоби зиёфатро муҳайё сохт. Шоҳ ҳамроҳи лашкари бекарон омада қарор гирифт, хонҳо густаронид анвои наим ҳозир гардонид.

Байт:

Зи халвоёт оварданд чандон,
Ки шарбатдори чашнат гашт хайрон.

Баъд шох гуфт:

— Эй падар, шунидаам, ки туро низ хонае будааст, аз барои он омадаам, ки тамошо созам.

Пир гуфт:

— Эй шох он хонаро фарзанди ман тартиб додааст, ки худро машғул дорад. Агар орзуи он хона дорй, ба танхой хохй дид, чаро ки ту подшохй аз коре туро манъ наметавон кард, дигаронро рутбаи он набошад.

Шох гуфт:

— Қабул кардам.

Аз чой бархост, ба танхой рохй шуд. Пир рах сар карда, ба хона овард. Он хона набуд, балки тилисми одамфиребе буд. Шох даруни хона даромад, дар хар девори ӯ сурате дид, ки дил аз даст мерабояд. Ба корпардозии ӯ офарин кард.

Мисраъ:

Корхо аз корфармо обу ранге медихад.

Шох аз камоли хайрате, ки дошт, аз он хона дил намебардошт. Пир гуфт:

— Эй шох, акнун соате ором гир, муваккали он хона ба хизмати ту оянд, хунари худ намоянд.

Шох гуфт:

— Хуб мешавад.

Баъдаху бар маснад рӯ ба рӯи ойина биншаст.

Қанизони мурассаъпӯш аз дар даромаданд, таъзими шохро ба чой оварданд, чаро ки эшонро таълим карда буд. Шохро хайрат афзуд. Баъд аз он мувофики амри шох чо ба чо карор гирифтанд, нағамоти ширин дар садо даровардaнд. Ба навъе суруданд, ки оламе дар хайрат афтод. Шох пушт бар девор нихód. Баъд аз он раккосон дар ракс даромаданд, он сурат аз даруни ойина дар ракс даромад. Шохро назар афтод, сурате дид, ки ба зебой ток ва ба хубй ягонаи офок, ба сурати Хазоргесӯ монанд ва низ карашмаи ширини дилпазираш якранг афтода. Шох тамоми ихтиёри худ аз даст дод. Пирро талаб кард ва гуфт:

— Эй падар, ин чй гуна сурат аст, ки дар ойина чо шуда, доғи маро тоза гардонид ва андӯхи маро зиёда сохт?

Пир гуфт:

— Зуфунуне аз сайру саёхати рӯзгор ин чо расида буд, нақше дар буни девор гузошт, худ рох пеш гирифта гуфт, ки «ман

баъд аз як сол ин ҷо хоҳам расид, аз сурат хабаре хоҳам гирифт». Аз барои ин сурат ин кадар зар аз ман ситонидааст, ки дар ойинаи хаёл ғунчоиш надорад. Духтари маро ба ин сурат муҳаббати тамом аст, ки зиндагонии худро бе ин сурат бисьёр душвор медонад.

Байт:

Суратгарои, ҳалокам аз он симтаи ҷудо.
Созед сурате, ки набошад зи ман ҷудо.

Шоҳро муҳаббати он сурат дар дил накш баст, ба зоҳир дар олами беқарорӣ, ба ботин ба зорӣ афтод. Ба касе изҳор натавонист кард ва ин амрро душвор донист. Баъд аз он канизон бархостанд ва таъзим ба ҷой оварданд. Шоҳ гуфт:

— Як навбат дар ракс оед баъд аз он шумо донед.

Дубора нағамотро дар садо дароварданд. Раккосон дар ракс даромаданд. Боз аз даруни ойина сурат пайдо шуда, рӯ ба рӯи шоҳ ба ҳазорон карашмаву ноз дар ракс омада, ҳаракоти ширин дошт, ки дилро мерабуд. Шоҳ охи ҳасрат аз дил баркашид, ба дил гуфт: «Агарчи ин суратест, сирати ин дар қайди ман буд, ба ройгон[1] аз даст додам. Акнун илоҷи худро чи навъ созам?» Бо худ гуфтугӯ мекард. Лашкарӣ кас фиристоданд, ки дар берун ҳама аз барои шоҳ интизорӣ доранд. Ночор бархост ва гуфт:

Байт:

Нози ту кард ба шӯҳрат беэътибориям,
Чун накши пэ барои ту гул кард ҳориям.
Кас мустаким нест чу ман дар фитодагӣ,
Раҳ печу тоб мехӯрд аз ҳоксориям.

Ба ҷонибі шаҳр роҳӣ шуд. Аҳволи ӯро бисьёр мутағайир диданд, касе натавонист аҳвол пурсидан. Бад-ин ҳол ба қасри худ дохил шуд, ба ғӯшае рафта, ба нолаву зорӣ даромад. То се шабу рӯз набаромад. Мардумон ба танг омаданд, яке аз мукарразонро ба хизматаш фиристоданд. Ба хизмати шоҳ даромада, таъзимаш ба ҷой овард, забон ба дуояш кушуд ва гуфт:

Байт:

Шаҳо, шаҳриёро, фалакдаргаҳо,
Зи асрори шоҳаншаҳӣ огаҳо,
Ҷаҳонат ба коми фалак ёр бод,
Ҷаҳонофаринат нигаҳдор бод!

Эй шоҳ, кишваре нигарони ҷамоли туянд, хуб аст, ки қадам ранҷа намой, оламеро аз интизорӣ барорӣ,

[1] *Ройгон* — муфт.

Ба афсун ўро дар миёнаи мардум баровард. Хама аз дидори шох бахравар шудаид. Баъд аз он сўхбати хос карданд, аз ахволи шох пурсиш намуданд, ки «шохо, аз хамон рўзе, ки аз хонаи пирамард берун омадй, холи туро мутаґайир дидем. Сабаби онро намой.

Байт:

Саломати хама офок дар саломати туст,
Ба хеч ориз шахси ту дардманд мабод».

Алкисса, шох забон бикшуд ва киссаи худро баён намуд, ки

— Худхо донистаед, ба сабаби як коре, ки кардам, Хазоргесўро дар биёбон гузоштам, дубора ўро наёфтам, харгиз фарах ху шодй дар дили худ надидам. Аз хамон вакт мотами худ медорам, илоч намеёбам. Аз он чихат аз барои ман касреро барпо кардед ва аз хар чониб худхо позанинонро чамъ овардед, тасаллй дар кори худ надидам, ин гам афзунтар шуд. Вакте, ки дар хонаи пир даромадам тилисме мушохида кардам, дар кайди он тилисм афтодам, доги Хазоргесў тоза гардид, захми кўхнаам нав шуд, бекарорй дар дилам афзуд, хеч илоч надорам. Агар метавонед, фикре бар ахволи ман созед, вагарна, кор ба расвой хохад кашид, шохй ба гадой мубаддал хохад гардид. Он чи буд намудам, акнун шумо донед.

Байт:

Ишк то хом аст, бошад бастаи нонусу ноиг,
Пухтамагзони чўнуро кай хаё заичири пост.

Хама хайрон шуданд, гуфтанд:

— Эй шох, шунидаем, ки духтари он пирамардро зебу зинат, хусну латофати хуб аст, ўро ба чанг орй, ки накшбаста ўст, шояд ороми чони ту гардад, хаёли Хазоргесўро аз дилат берун кунад. Акнун ґами Хазоргесў фонда надорад, чаро ки дар он биёбон умри ў ба поён расид. Касе мурдаро зинда натавонад сохт.

Байт:

Тавонистй касе гар чон харидй,
Чаро шохони олам марг дидй?!

Шох гуфт:

— Оре, ман хам медонам, ки умед аз Хазоргесў мункатеъ шудааст, лекин чи созам, ки хаёли ў аз дил берун намеравад.

Байт:

Басе мушкил бувад дил кандан аз хубон пас аз улфат,
Ханўз об аз ґами Юсуф зи чашми чох меояд.

Гуфт:

— Чорае кунед.

Пас хостгоре фиристоданд. Пештар аз онхо ба ў хабаре ра

сида буд, ки «пораи занфомро полиҳо за барои духтари ту фиристодаанд». Ба хизмати фарзанди худ омада, ҳеҷоат хоста буд. Хазоргесӯ дар ҷавоб гуфта буд, ки «ман ихтиёри шавҳар надорам. Ҳар гоҳ ояд, ҷавоби донистаи ҳаҷ дод ва хоҳ гуфт, ки «фарзанди ман аз як шавҳар монда, дубора ихтиёри шавҳар надорад ва мегӯяд, ки «аҳд кардаам, ки баъдиннам[1] ба ихтиёри худ зиндагонӣ созам». Ихтиёр ба дасти ӯст». Бикле буд, ки занфон омаданд. Чунон ки маликаро гуфта буд, ҷавоб дод. Ҳеҷгоҳ ни хабарро ба хизмати шоҳ бурданд. Надимини худро талаб карда, гуфт:

— Бидонед, ки пирамард духтари худро ба ман ҳалолдаст ва ғами ман зиёда кардааст.

Ҳама гуфтанд:

— Шоҳо, агар чандон ки дунёии ҳалоншоҳро дорад, дар пеши ту ҳеҷ чора надорад. Акнун ба сиёсат номае навис, ба касе бидеҳ то барад. Агар қабул намояд, фаҳувваллмурод, валлоҳ ба зӯру зулм ба чанг хоҳӣ даровард.

Ночор номае навиштанд, ки «эй пирамард, акнун хуб аст, ки духтари худро бидиҳӣ, вагарна, маҳзилро туро ба хоки тира яксон гардонам! Ту нагӯй, ки маро дунёии бисьёр аст ва муковаматмет авонам сохт! Аммо ғалат кардай! Асоси шоҳӣ навъи дигар аст!

Байт:

Зи сад шамшерзан ройи[2] ҳаҷ бех,
Зи сад афсар кулоҳи хусравӣ бех.
Ба рое лашкареро бишкани лучт,
Ба шамшере то дах тавон кушт».

Чун нома ба мутолиаи пир расид, ба ҳонибо Хазоргесӯ фиристод. Ӯ дар ҷавоб навишт, ки «шоҳо, ба таҳаммули шаҳриёрӣ фирефта машав, ки шоҳу гадоӣ ба даргоҳи холики бехамто яксон аст. Аҷзу бечорагӣ аҳло, вагарна, аз ту пештар шоҳон гузаштаанд, ки аз роҳи ҳуҷҷу такаббур даъвои улуҳият[3] карда, оқибат маҳлуки занфи бечорае, ки дар мӣёни маҳлуқот аз ӯ фурӯтаре набуда, аз ӯҳдаи ӯ баромад, чунонки Фиравну Намруд. Фарзанди ман ба касе будан ихтиёр надорад. Агар ҷанг ки мехоҳӣ, бисьёр некӯст ва агар аз сари даъво бигзарӣ, некӯтар. Бокиро ту донӣ. Ин масал бад-он монад, ки саҳдогаре духтаре дошт, некӯҷамол, писандидаҳвол, моҳрӯй, зуҳрачабин, офтоб-

---

[1] *Баъдуллям* — минбаъд, дигар.
[2] *Рой* — тадбир.
[3] *Улуҳият* — худой.

сида буд, ки «пораи заифонро подшоҳ аз барои духтари ту фиристоданист». Ба хизмати фарзанди худ омада, ичозат хоста буд. Ҳазоргесӯ дар ҷавоб гуфта буд, ки «ман ихтиёри шавҳар надорам. Ҳар гоҳ оянд, ҷавоби донистае хоҳӣ дод ва хоҳӣ гуфт, ки «фарзанди ман аз як шавҳар монда, дубора ихтиёри шавҳар надорад ва мегӯяд, ки «аҳд кардаам, ки баъдулявм[1] ба ихтиёри худ зиндагонӣ созам». Ихтиёр ба дасти ӯст». Вақте буд, ки заифон омаданд. Чунон ки малика гуфта буд, ҷавоб дод. Ночор ин хабарро ба хизмати шоҳ бурданд. Надимони худро талаб карда, гуфт:

— Бидонед, ки пирамард духтари худро ба ман надодааст ва ғами ман зиёда кардааст.

Ҳама гуфтанд:

— Шоҳо, агар чандон ки дуньёии билонихоя дорад, дар пеши ту ҳеҷ чора надорад. Акнун ба сиёсат номае навис, ба касе бидеҳ то барад. Агар қабул намояд, фаҳуввалмурод, ваилло ба зӯру зулм ба чанг хоҳӣ даровард.

Ночор номае навиштанд, ки «эй пирамард, акнун хуб аст, ки духтари худро бидиҳӣ, вагарна, манзили туро ба хоки тира яксон гардонам! Ту нагӯй, ки маро дуньёии бисьёр аст ва муқовамат метавонам сохт! Аммо ғалат кардай! Асоси шоҳӣ навъи дигар аст!

Байт:

Зи сад шамшерзан ройи[2] қавӣ бех,
Зи сад афсар кулоҳи хусравӣ бех.
Ба рое лашкареро бишкани пушт,
Ба шамшере то даҳ тавон кушт».

Чун нома ба мутолиаи пир расид, ба ҷонибӣ Ҳазоргесӯ фиристод. Ӯ дар ҷавоб навишт, ки «шоҳо, ба таҷаммули шаҳриёрӣ фирефта машав, ки шоҳу гадой ба даргоҳи холиқи беҳамто яксон аст. Ачзу бечорагӣ авло, вагарна, аз ту пештар шоҳон гузаштаанд, ки аз роҳи ҷуҷбу такаббур даъвои улуҳият[3] карда, оқибат махлуқи заифи бечорае, ки дар миёни махлуқот аз ӯ фурӯтаре набуда, аз ӯҳдаи ӯ баромад, чунончи Фиравну Намруд. Фарзанди ман ба касе будан ихтиёр надорад. Агар ҷанг ки мехоҳӣ, бисьёр некӯст ва агар аз сари даъво бигзарӣ, некӯтар. Бокиро ту донӣ. Ин масал бад-он монад, ки савдогаре духтаре дошт, некӯҷамол, писандидааҳвол, мохрӯй, зуҳрачабин, офтоб-

---

[1] *Баъдулявм* — минбаъд, дигар.
[2] *Рой* — тадбир.
[3] *Улуҳият* — худой.

талъат, муштарисонд, аз партави чамолаш хуршед рашк бурдй, ўро ихтиёри шавҳар набуд, чунончи гуфтаанд:

Байт:

Ки хусни ишкро натвон нухуфтан,
Ки аз сад парда беруи медихад бў.

Овозаи хусни ў дар офоқ афтод, бо вучуди парданишинй, овозаи хуснаш бозорй шуд. Ҳар чо сохибовозае буд, ба сўи ў кас фиристод. Падарро аз ин муомила кофия танг шуд, ба духтар гуфт:

— Эй фарзанд, охир касеро ихтиёр кун. Агарчанде ки туро аз чон дўст медорам ва чудоии ту аз худ кабул надорам, аммо маро намегузоранд, ройи ўро аз худ кавй мебинам. Аз барои худо, иқбол намой ё тадбире фармо, ки ба чон омадам. То кай сар дар гиребон барй ва сухани маро чавоб намегўй?! Биё бигў, ки чи мақсуд дорй? Ҳайф набошад, ки умри азизи худро ба ройгонй гузаронй?

Духтар гуфт:

— Эй падар, мехохй, ки мардум аз ту дур шаванд, мунодй дардех, ки «маро аз барои калин зару динор даркор нест, чаро ки дуньёии билонихоя дорам. Фарзанди худро ба касе медихам, ки ўро дар рўзгор хунаре бошад, ки дигаронро набошад». Ин мумтанеъст [1], ки касе пешае дошта бошад, ки ўро дигарон надонанд. Пас, ин тариқа одам пайдо намешавад, ман дар хизмати ту хохам монд. Пас, ин тариқа одам пайдо шавад, шавҳари ман бошад.

Ба савдогар он сухан писанд афтод, дар рўзгор мунодй дардод, рохи омади мардумои баста шуд. Диданд, ки муродашон ба дуньё муяссар намешавад, аз даъвои ў даргузаштанд. Аз ин вокиа як сол гузашт. Рўзе ба дари сарои хоча се кас омаданд. Хоча эшононро ба меҳмонхона даровард ва таому шароб хозир овард. Баъд аз фароғи таом истифсори ахволи эшонон кард. Онхо арз карданд, ки «ту кавле карда будй, ки духтарро ба касе медихам, ки ўро адиле[2] набошад. Моёнро чунин хунарест». Хоча гуфт:

— Баргўед, чи хунар доред?

Яке гуфт:

— Бидон, ки ман илми ладунй[3] медонам. Аз ояндаву равандa ва аз хар чи ки пурсй, хабар медихам. Ба суратам касе нест.

---

[1] *Мумтанеъ* — ношуданй, нимумкин.
[2] *Адил* — монанд.
[3] *Ладунй* — илохй.

Дигаре гуфт:

— Маро низ хунарест.

Гуфт:

— Баргӯй.

Гуфт:

— Ман аз чӯб асп месозам, ки агар касе савор шавад, гӯши рости ӯро тоб дихад, ҳар ҷо ки талаби ӯ бошад, мерасонад ва агар гӯши чапи ӯро тоб дихад, ба манзилаш меёрад. Ғайр аз ман касе ин хунарро надонад.

Дигаре гуфт:

— Ман тирандозам, ба ҳадде, ки ҳаргиз шасти ман хатой надорад. Ин ҳам аз ҷумлаи хунарҳост.

Савдогар ҳайрон шуд, ки духтарро ба кадоми инҳо бидиҳад. Билохир пеши духтар омад ва гуфт:

— Ба фармудаи ту чунин қавле кардаам. Акнун ҷавоб деҳ, ки кадомро мехоҳӣ?

Гуфт:

— Эй падар, имшаб маро мӯҳлат бидеҳ, то фардо ба ту ҷавоби кофӣ ва сухани шофӣ арз намоям.

Ӯ гуфт:

— Бисьёр хуб.

Савдогар баромада эшонро ба фардо ҷавоб дод.

Байт:

Ту ваъда чи медиҳӣ фардо, фардо,
Шояд ки маро умр ба фардо нарасад.

Чун шаб рӯз шуд, аз духтар асаре наёфтанд. Хоҷа бо дили пурдард, пеши он се тан баромад, гуфт:

— Имшаб духтари ман ғоиб шудааст, намедонам ба кучо рафта бошад, чаро ки деворҳои сарои ман ба сурайё сар кашида, чандин дарбанд, дар ҳар даре посбонон карор доранд. Акнун ба кадом рохе, ки омадаед, биравед, маро бар алами худ гузоред.

Яке аз онҳо гуфт:

— Касе ки илми ладунӣ донад, намедонад, ки духтарро чи шуда бошад?!

Савдогар гуфт:

— Бале ки рост мегӯй.

Он ҳариф сар дар гиребон кашида, баъд аз соате сар бардошта, гуфт:

— Ӯро имшаб деве бурдааст. Ҳоло дар зери кӯҳсоре ба хизмати духтар истода, арзи аҳволи худ менамояд.

Гуфтанд:

— Фикри ин чӣ гуна мешавад?

Гуфт:

— Аз ман хамин кудрат аст.

Ба дигар гуфтанд, ки:

— Акнун хуб аст ту аспи чӯбини худро дуруст созӣ, рафта ӯро биёрӣ.

Ӯ гуфт:

— Ман асп месозам, аммо аз чанги дев чудо кардан кори ман нест.

Билохир тирандозро гуфтанд:

— Ту хохӣ рафт. Ба як тири бехато кори ӯро ба охир мерасонӣ ва духтарро меёрӣ.

Ӯ низ кабул кард. Аспи чӯбинро дуруст сохт, тирандоз савор шуда, гӯши ӯро тофт, сӯи осмон баромад. Чун муддаояш духтар буд, наздики ӯ омад, ба каноре фуруд омада, камонро гирифта, шаст карда, синаи девро хадафи тир сохт, чунон зад, ки аз пушти дев берун омад. Баъд аз он ба хизмати духтар омада, гуфт:

— Эй ороми дилу дида, аз барои ту чунин хизмате гузидам. Касе бе ишк бори мухаббат накашад, бе матлабе худро дар мухлака наяндозад.

Он духтар хеч намегуфт. Гуфт:

— Бархез ки туро пеши падару модар бурда супорам.

Ӯро дар акиби асп савор карда, гирифта овард. Чашми падару модар бар чамоли фарзанд равшан гардид. Хар се тан чавобталаб шуданд. Духтар гуфт:

— Эй падар, маро дах рӯз мӯхлат дех.

Чунин карданд. Хар кадом ба чонибе рафтанд. Хануз мӯхлат ба итмом нарасида буд, ки духтар вафот кард. Падару модар гиребон чок зада ба хокаш супурданд. Аз он чо ручъат намуда буданд, ки мудданёи расиданд. Хоча гирьён баромад ва гуфт:

— Фарзанди ба чон пайвандам вафот кард, акнун шумо донед.

Хар се маъюс шуданд ва баргаштанд, касе ки илми ладунӣ медонист, дар ойинаи дил назар карда, дарьёфт, ки духтар зинда аст, бехушие ба ӯ ориз шуда, агар се рӯз бигзарад, баъд аз он хохад мурд. Шамъро бар сари даст гирифта, бар сари кабри ӯ рафта, ӯро аз кабр берун овард, дар пахлуи гӯристон хонаи вайронае буд, дар он чо дароварда ба муоличаи ӯ дармонда гардид. Донист, ки дар аксои Хинд хакимест, агар ӯ ояд, муоличаи

ин метавонад кард, ваилло дигаре наметавонад. Аммо аз ӯ то хаким як моҳ рох буд. Ин духтар аз се рӯз беш намемонд. Дар хайрат афтод. Дар он вакт хунарвари аспи чӯбинсоз омад, ки аз гӯри ӯ хабаре гирам. Агарчи дар зиндагии ӯ надидам, боре баъд аз вафоти ӯ бинам, ки чӣ гуна аст. Ба кабр омада назар кард, ки харифон ба тозагӣ аз кабр бароварданд. Шӯълаи чарог дида, омад, духтарро дид, ки харифе бар девор монда нишонидаст, худ тамошое дорад, ӯ низ аз дар даромад. Хар ду бо хам вохӯрданд, он вокиаро ба ӯ намуд, ки «давое аз барои духтар ёфтаам, аз имкон дур менамояд».

Гуфт:

— Ман аспи чӯбини тайёр дорам, касе бошад ки рафта ӯро биёрад, аммо овардан кори ман нест.

Дар ин сухан буд, ки тирандоз ки соҳиби тиру бозу буд, аз дар даромад, гуфт:

— Ман меравам.

Ӯро фиристоданд, рафта он хакимро бардошта дар як соат овард. Хаким ништаре бароварда раге зад, хамон замон хун чун фаввора берун омад. Дархол атсае зада аз чой бархост, ин чамъро дида хайрон шуд. Хама масрур шуданд, ӯро либоси дигар пӯшониданд ва ба хонаи падараш оварданд. Падар чун фарзанди худро саломат дид, дар хайрат фурӯ рафт. Хар кадом омаданд, хизматгории худро намуданд, баъд аз он толиб шуданд.

Хоча боз ба хизмати духтар омада, гуфт:

— Эй фарзанд, ба инхо рост намеояд, якеро ихтиёр кун, то аз ин хангома халосӣ ёбем.

Духтар гуфт:

— Эй падар, ба он се арзи ихлоси ман бирасон, баргӯй, ки харгиз ихтиёри шавҳар надорад. Авло он аст, ки ба таври ман гузоранд ва маро озор надиханд. Агар кабул надоранд, эшонон медонанд, ки кадоми онхоро ихтиёр созам, хар кадомро дар бораи ман хакест. Агар он касе, ки илми ладунӣ медонист, маро аз гӯр берун намекард, мурда будам ва агар дигаре аспи чӯбин намеёвард, боз бо вучуди аспи чӯбин тирандоз хакимро намеёвард, зиндагӣ намебошад. Акнун ман кадомро ихтиёр созам? Хар кадомро хакест. Инсоф ба худи онхо гузор. Агар дар аввал ихтиёр медоштам, чунин ахде намекардам. Бокиро худхо медонанд.

Аз он чи духтар гуфта буд, хамаро як ба як баён карданд. Хама писандиданд, ба якборагӣ аз даъвои ӯ гузаштанд. Он духтар ба ибодат машғул гашта, яке аз хакпарастон шуд.

Эй Муслимшох, аз даъвои ман даргузар ва маро ихтиёри шавҳар нест. Мисли духтари хоҷа ман ҳам кардаам».

Ин хабарро ба Муслимшох расониданд, ароизи навиштаи ӯро намуданд. Муслимшохро хайрат даст дод, шӯриши ӯ афзуд. Ҳукаморо талаб кард. Ҳама гуфтанд: «Агар духтари пирамардро шох ба чанг орад, аз ғам худро барорад, чаро ки дар толеи ӯ чунин ёфтаем». Пас гуфтанд: «Тадбире бояд». Ҳама бар он донистанд, ки ба чангу ҷидол кӯшем, то ӯро дар кайди шох дарорем». Лашкарӣ ҷамъ омаданд, зари бисьёр сарф карданд. Ин сухан ба гӯши Ҳазоргесӯ расид. Ӯ низ лашкари бекарон ҷамъ оварда, дуньёии билонихояе сарф карда, ҷангро омода карданд.

Ровӣ гӯяд, ки ду дарьёи лашкар дар баробари якдигар карор гирифтанд, то дах рӯз ҷанг карданд, окибат Муслимшохро шикаст доданд ва ба шахраш ҷабл карданд. Ҳама бар он карор доданд, ки «пирамардро бар тахти шахриёрӣ нишонем, Муслимро аз мулк биронем». Ин суханро Муслимшох шунида, андӯхгин шуд. Окибат мардум амон хостанд. Муслим узрхохӣ кард, аз вилоят ручъат намуда, ба чои худ карор гирифтанд. Дар ин мукаддима дармонданд. Ҳукаморо талаб карданд, тадбири кор чустанд. Ҳама гуфтанд: «Душворӣ ба рӯи кор омадааст». Билохир гуфтанд: «Ба чониби пирамард номае нависед ва узрхохӣ намоед, вокиаи дарди дилро камохака маълум созед». Ночор чунин карданд ва ба чониби пир нома навиштанд, ки «эй хумои авчи саодат ва эй хирадманди донои ба давлату икбол тавоно, бидон, ки Муслимро дарде ориз шуда, ки давои ӯ ба ҷуз имдоди ту зоил нагардад ва дафъи онро ғайр аз мехрубонии ту мутадафаъ нагардад. Агар туро аз мурувват хабаре бошад, аз рохи марҳамат назаре созӣ, фарзанди арҷманди худро ба шох Муслим бидех, ки мулке аз барои хотири ӯ саргардон ва парешонӣ дорад. Ҳукамо бехбудии ӯро ба домодии ту ёфтаанд. Ба таври фарзандат нагзорӣ, ва ӯро бо ин кор розӣ созӣ. Бокиро худ бехтар медонӣ».

Вакте ки хатро ба хизмати пир оварданд, мутолиа намуда, баъд аз он ба хизмати Ҳазоргесӯ дароварда, ба дасти ӯ дод, забони насихат бикшод ва гуфт:

— Эй маликаи некбахт, акнун Муслимшох аз карда пушаймон шудааст, аз барои хотири ту ин микдор саргардониву парешонӣ дорад, хуб аст, ки аз сари гунохи ӯ даргузарӣ ва ӯро икбол намоӣ, оламеро аз парешонӣ берун орӣ.

Ҳазоргесӯ гуфт:

— Қабул дорам, ба шарти он ки он чи гӯям, ба ҷой орад, аз савобдиди ман берун набарояд.

Пир гуфт:

— Аз ҷониби Муслимшоҳ ман иқбол намудам, чаро ки касе ки аз барои хотири ту ин миқдор таваччуҳ намояд, харгиз аз сухани ту набарояд. Акнун ту донӣ.

Пирамард баромада чавоб дод, ки «қабул, ба шарти он ки Муслимшоҳ мувофики гуфтаи ман тӯю тамошое пеш гирад».

Саворон ба хушнудии тамом ручъат карданд ва хабари хуш ба хизмати Муслимшоҳ расониданд. Хушнудиву масрурӣ хосил шуда, аз барои асбоби тӯй кӯшиш намуд. Аз хар чинс чахорхазорӣ мухаё карда, хамроҳи ҷамъи ҳукамову вузаро фиристод.

Пир низ дуньёии билонихояе сарф сохт. То ду моҳ саранҷоми мухимоти тӯй карданд. Ҳазоргесӯро дубора акд бастанд. Чун Муслимшоҳ дар парда даромада ба хизмати бону биншаст, пардаро аз рӯи кор бардошт, Ҳазоргесӯро дид, наърае баркашида, бехуш бияфтод. Баъд аз замоне ба хуш омад.

Байт:

Чи хуш бошад ки баъд аз интизорӣ,
Ба умеде расад умедворӣ.
Аз он хуштар чӣ бошад дар замона,
Расад ёре ба ёре дар миёна.

Бозомадан зи рафтани хуршед дур нест,
Гар зиндагист, дида ба дидор мерасад.

Баъд аз он маликаро дар оғӯши ҷон кашид, чун ҷисму ҷон аз як гиребон сар бароварданд, бокии зиндагиро ғанимат шумурданд.

Ҳазоргесӯ фарзанди худро, ки аз ойина намуда буд, ба воситаи он силсилаи мухаббатро ҷунбонида буд, ба хизмати шоҳ овард ва киссаи саргузаштро ва таваккали ба даргоҳи воҷиб кардан ва аз биёбони бопоён ба имдоди пир начот ёфтан ва ганчи бехадро ба чанг даровардан ва лашкари шоҳро шикаст додан, хамаро баён намуд. Хар ду донистанд, ки таваккал ба зоти воҷибулвуҷуд кардан нишони ба мақсуд расидан будааст. Баъд аз он ба ибодат кӯшиданд, аксари умрро ба огоҳӣ ба сар бурданд, ин ракам аз онхо ба олами рӯзгор ёдгор бимонд, ки баъдалявм ҳам толибонро ба матлуб расонад.

ҲИКОЯТИ ШОҲЗОДАИ ЭРОН ВА ШАМЪУНИ ҶУҲУД ВА МАЛИКА ҶАВОҲИРӢ

Аммо ровиёни ахбору нақилони осор чунин ривоят мекунанд, ки дар рӯзгори қадим дар мамлакати Эрон подшоҳе буд, бисьёр мӯътабар. Худои таоло сад хазор савор дар тахти фармони ӯ дода буд. Дар ҳамаи мамолик овозаи адлу доди ӯ мунташир буд, аммо аз фарзанд сахт маҳрум буд. Ҳарчанд аз худои таоло талаби фарзанд менамуд, ҳеч фонда надошт. Шабу рӯз дар фикр буд ва таҷриба мекард, суде надошт. Баъд аз шаст сол худои таоло ӯро фарзанде каромат кард, чун моҳи шаби чаҳордаҳ бағоят соҳибҷамол. Баъд аз он дарҳои хазоинро бикшод ва садакаи бисьёр ба дарвешон дод. Толеи ӯро мунаҷҷимон диданд ва чуиён гуфтаанд, ки «ин писар баъд аз улуму дониши бисьёр андухтан аз ватан чудо афтода, ӯро сафаре пеш ояд ва бисьёр мухотирахоро бинад ва меҳнати бисьёр кашад. Баъд аз вафоти падар дигар бор он ҷо ояд ва хатми кори ӯ ба хубӣ ояд». Чун

шох ин суханон аз муначчимон шунид, бағоят дилтанг шуд, аммо гуфт:

— Ғам хўрдан суде надорад ва хеч чора нест.

Баъд аз он писарро ба доягон супурд ва ба тақдири худо ризо дод ва сабр пеш гирифт. Пас, шохзода ба панҷсолагӣ расид, аз каломуллоҳ ва илми фиқху илми нучум ва аз хату саводу он чи ки лозими подшоҳон бувад, биёмўхт, чунон ки хеч кас аз он илмҳо чун ў намедонист. Чун аз он форғ шуд, илми савориву гўйбозиву тирандозиву шикор кардан хосил кард. Ва падараш чунон буд, ки аз мехри шохзодаву бе дидори фарзанд замоне намеосуд. Чун шохзода ба хаждахсолагӣ расид ва болиғ шуд, як шабе аз шабҳо шохзода ба хоби хуш хуфта буд, хобе дид сахмнок. Аз хоб саросема бархост ва назрае бизад ва фарьёд баровард, чун девонагон гиристан оғоз кард. Канизакону хидматгорон, ки дар пеши ў будаанд, бар болои сари ў давида омаданд. Харчанд сухан мекарданд, ҷавоби онҳо надод ва ба ғайр аз гирья кардан кори дигар надошт. Баъд аз он падару модари шохзодаро хабар карданд. Падару модари ў омаданд ва шохзодаро мутахайиру парешон диданд, дар кунче нишаста ва сар ба зону нихода, гирья мекард. Харчанд падару модар сухан карданд, хеч ҷавоб надод. Чун холи шохзодаро чунон диданд, вазирро хабар карданд, ахволи шохзодаро бо вазир дар миён ниходанд. Вазир гуфт:

— Ман шохзодаро ба сухан дароварам.

Баъд аз он вазир биёмад ва шохзодаро салом бикард, хеч ҷавоб надод. Харчанд талаттуф[1] мекард, хеч фонда намекард ва ҷавоб намедод. Чун вазир беилтифотӣ дид, бархост ва ба назди подшох омад ва ахволи дида бозгуфт. Дигар бор падару модар бархостанд ва ба назди писари худ омаданд, дасту пои фарзандро бўса доданд ва зорин бисьёр карданд, хеч гуна ҷавоб надод.

Байт:

Касеро ки як дона бошад ғухар,
Чу ў бишканад, хаста гардад ҷигар.

Харчанд бо маликзода сухан карданд, ҷавоб надод. Падару модар бархостанд ва бурун рафтанд. Вазири дигар боз бигуфт, ки:

— Ман биравам, бошад ки ўро дар сухан оварам.

Пас ин вазир биёмад, чарбзабониву ширинкорӣ намудан оғоз кард ва гуфт:

---

[1] *Талаттуф* — мехрубонӣ, навозиш.

— Эй шохзодаи оламиён, мардум дар хоб ҳар ҳолу ҳар хаёле, ки бинанд, дил бар он нанихаид ва эътикод бар он накунанд, з-он ки хобҳо бештар ахлом[1] бошад. Агар шохзода дар хоб чизе дидааст, аз бандаи худ пӯшида надорад, ки банда онро фикру тадбир кунад ва рози худ нихон доштану ғами бехуда хӯрдан аз кифоят нест. Алҳамдулиллоҳ, ки падарат ганҷу моли бисьёр дорад ва ҷону мол аз ту дареғ надорад ва ҳар чи дар дил дорӣ, бо ман бигӯй, то камари хидмат бар миёни ҷон бандам, то тамом накунам, ором нагирам.

Вазир то ними шаб бо маликзода мегуфт ва талаттуф менамуд. Пас, шохзода сар бардошт ва аз гирьяву чазаъ кардан хомӯш шуд, бо вазир гуфт:

— Бидону огаҳ бош, ки ман дархоб дидам, ки дар ҳаво парвоз мекардам, ба ногоҳ ба бӯстоне расидам ва ҳавзе дидам пур аз об, дар сари он ҳавз канизакон дидам ва духтаре дидам ҳамчун мохи тобон дар миёни эшон, ба чеҳра монанди парӣ, ба комат чун сарви сиҳӣ ва ораз чун офтоб, мунаввараӯ, муаттармӯе, ёкутлаб, охучашме, симсок. Чун маро дид, бихандид ва аз он ханда орому карору хӯрду хоб аз дили ман рабуд. Аз ғояти ишки ӯ бар сари он ҳавз бияфтодам. Он мохрӯй чун маро бад-он хол бидид, сари маро аз замин бардошт ва ба меҳри дил пурсид ва гуфт:

— Эй бевафои аҳдшикан, маро дар ишки худ ҳазину зор бигузорӣ?!

Ман хостам, ки аз-ӯ пурсам, ки «ту кистӣ ва аз кучой?» Пеш аз он ки пурсам, гуфт:

— Агар маро ба ҷаҳд талаб кунӣ, биёбӣ. Агар ба талаб кардан ранҷи бисьёр бикашӣ.

Ман ӯро гуфтам:

— Эй мохрӯй, ҷони ман фидои ту бод, туро ба чи нишон ёбам?

Даст ба рӯи худ нихоҳ ва се хол бо ман намуд, яке ба ҷониби рост ва яке ба ҷониби чап ва яке бар миёни занахдон. Чун нигоҳ кардам, се хол дидам, баякборагӣ дуд аз нихоҳи ман баромад. Хостам, ки бӯса диҳам, худро аз ман даррабуд ва ҳамчун мурғ парвоз кард ва аз чашми ман нопайдо шуд. Ман дарҷастам. Ахволи ман ин буд, ки гуфтам. Маро дарьёбед ва ба фарьёди ман расед, ки ман тамаъ аз ҷони худ буридаам.

Чун вазир ахволи шохзодаро бишнид, ӯро дилхушиҳо дод,

---

[1] *Аҳлом* — ҷамъи ҳулм, хоб, хаёл.

дархол пеши падараш омад ва чумла ахволро ба подшоҳ намуд. Подшоҳ гуфт:

— Эй вазир, чораи ин кор чист? Мо аз кучо инро пайдо кунем духтаре, ки се хол дошта бошад? Ин ачаб воқиаест, ки моро даст дода.

Вазир гуфт:

— Эй подшохи рӯи замин, агар бифармой, ман камари хидмат бар миён бандам ва ин муроди шоҳзодаро бароварам.

Подшоҳ гуфт:

— Бигӯ, то чораи ин кор чист?

Вазир гуфт:

— Чора он аст, ки писарро дастури дихӣ, то рӯй дар сафар нихад ва дар олам бигардад. Ин савдоро сафар аз димоғи ӯ бадар кунад. Чун донад, ки меёбад, дилаш хурсанд шавад. Сабаб он ки ин воқиа аз ду чиз бурун нест: ин хаёл, ки аз сурат бастааст оё биёбад ё наёбад. Чун бидонад, ки ин савдое бехудааст, аз дил берун кунад.

Подшоҳро писанд омад. Рӯзи дигар писарро талаб кард ва сару рӯяш бибӯсид. Чун дар писари худ назар кард, писарро бағоят зору заиф ёфт ва донист, ки он хоб дар вай асар кардааст ва дилтанг шуд, вазирро гуфт:

— Аз бахри худо, инро ғамхорӣ кун. Инак молу хазина. Он чи мехохӣ, бардор ва чораи кораш бикун. Медонам, ки муначчимон маро хабар кардаанд аз холи писар. Аз дидори ӯ махрум хоҳам монд. Акнун дидори бозпасин аст. Аммо худои таоло чунин хоҳад ва хостааст. Ин кор турост, ки хамроҳи ӯ бошӣ. Шабу рӯз камари хидмат бар миён бандӣ, ки миннатдори азим хоҳад шуд.

Вазир гуфт:

— Хукми подшоҳ бар сару дидаи ман чо дорад. Хар чи фармоянд, бандаам.

Подшоҳ гуфт:

— Эй вазир, худ медонӣ, ки ин фарзандро ба сад хазор хоҷат аз худо хостаам ва акнун бидон, ки аз чудои ӯ маро чи хол хоҳад шуд ва ин нури дидаро аз худои таоло талабидам ва боз ба худо месупорам, боқиро ба ту.

Вазир гуфт:

— То чон дорам, таъхир нахоҳам кард.

Подшоҳ вазирро гуфт:

— Биё.— Дар канор гирифт ва гуфт: — Акнун ба сози сафар машғул шав.

Подшоҳ хамин суханон мегуфт, модараш зор-зор мегирист. Пас модараш хурсандӣ дод, гуфт:

— Ин ҷо ҳалок хоҳад шуд. Зинда бошад, агар ҳар ҷо бошад, хоҳад омад.

Пас дари хазина бикшуд, аз накдаву ҷинс он чи дар дасти ӯ буд, бад-у дод ва сад ғуломи камарзарин бар ӯ бидод. Пас маликзода аз шаҳр бадар омад. Падараш як-ду манзил ҳамроҳ биёмад, баъд аз он видоъ кард ва писарро ба худо супурд ва бозгардид. Маликзода аз он ҷо рӯй ба роҳ намуд, манзилу марҳил тай карданд. Ба ҳар шаҳре расиданд, наххосони[1] он ҷоро талаб кардӣ ва аз онҳо пурсидӣ ва дар ҳар ҷо, ки канизаки моҳрӯй будӣ, меовардандӣ ва медидӣ ва наххосро хабар кардӣ ва тааххуд[2] ва таҷассус[3] кардӣ ва рӯй ба Моваронннаҳру Хоразму Туркистону Хитою Чин ниҳод ва ҷумлаи атрофҳо бигашт, ҳар канизаке дар ҳар шаҳре ва диёре будӣ, ӯро бидид, маликзода ҳеҷ нишон наёфт. Баъд аз он рӯй ба тарафи Ҳиндустон ниҳод. Яману Тоифу Шому Ҳиҷозу БаҒдод рафт ва рӯй ба Рум ниҳод ва ҷумлаи билоди Румро бигашт ва наёфт. Вазир очиз бимонд, то дар Рум ба шаҳре расид. Дар он ҷо ҷанд рӯзе мақом кард ва наххосони шаҳр ҷумлаи канизаконро бар вай арз карданд.

Вазир гуфт:

— Нобударо кӣ ёфт, то мо биёбем.

Рӯзи чаҳорум мехост, ки аз он ҷо кӯч кунад, аз наххосон як марде биёмад ва гуфт:

— Дар ин шаҳр марде ҳаст, ки молу неъмати бехад дорад ва ӯро се канизак ҳаст, ки дар ҳаман рӯи замин мисли эшон ҳудо наёфаридааст. Яке аз он канизакон ҳамчунон, ки дар зери чарҳи кабуд мисли ӯ кас надидааст, ба ҳусну ҷамол ҳамто надорад, валекин ин канизак як айб дорад.

Вазир ва маликзода пурсиданд, ки:

— Чӣ айб дорад?

Гуфт:

— Айбе, ки бозаргонон написанданд.

Гуфт:

— Кадом аст айби ӯ?

Наххос гуфт:

— Канизак ҳудрой аст ва ҳар киро нахоҳад ва ба ҳоҷаи ҳуд аҳд карда, ки ҳар киро хоҳад, ба ӯ фурӯшад. Се ҳол дорад ба

---

[1] *Наххос* — ғуломфурӯш.
[2] *Тааҳҳуд* — ӯҳдадор кардан, супориш кардан.
[3] *Таҷҷассус* — ҷустуҷӯ.

рӯй ва ӯро дегдонӣ гӯянд ва агар ин айб набудӣ, аз машрик то ба магриб ба чамоли вай кас набудӣ.

Маликзода чун сифати ӯро бишнид, аз фарқ то қадам ба арақ шуд ва бехуш гашт. Вазир дарьёфт, охиста-охиста маликзодаро нигахдорӣ мекард, то кор ба мурод биравад. Наххосро машғул медошт, то шохзода ба худ омад, наххосро гуфт:

— Дегдонӣ чаро айб бошад?

Гуфт:

— Банда хабари онро тафоул[1] надорад ва сӯхбат бар вай муборак набошад ва худовандаш ба сабаби вай ранчу аламхо бинад то як сол. Баъд аз як сол, агар ӯ бимонад, бархурдорӣ ёбанд.

Маликзода гуфт:

— Бубинем, агар лоиқ бошад, бихарем ва туро низ даллолӣ бидихем ва хизматдорӣ кунем.

Пас наххос бархост, вазирро бо маликзода бардошт ва рӯй ба хонаи хоча ниходанд ва дар бизаданд. Хоча бурун омад ва гуфт:

— Чи кор ва чи хизмат аст?

Наххос канизакро талаб кард. Хоча як канизакро бурун овард ва шохзода ӯ написандид, ва дигаре бурун овард ва хам написандид, дигареро овард, шохзода бад-он канизак назар кард, бими он буд, ки аз пой дарафтад, аммо худро нигохдошт мекард ва гуфт:

Ин канизакро ба чанд мефурӯшӣ?

Худовандаш гуфт:

— Шуморо дарди сар надихам. Номи ин канизак Чавхарист. Ӯро агар баробар чавхар бидихӣ, фурӯшам ва агар баробари ӯ чавохир надихӣ, нафурӯшам.

Вазир донист, ки маликзода канизаки худ ёфт, андешае кард ва чобукдастӣ намуд. Маликзода дасти наххосро гирифт, то хона бурд ва гуфт:

— Эй озодамард, кироя бо ту бидихам. Он канизакро ба хар бахо, ки бошад аз барои мо бихар. Чандин муддатест, ки аз мамлакати худ бурун омадаам ва харчи доштам, хамаро харч кардам. Хеч касе пайдо натавонӣ кард, ки моро хазор динор ба карз дихад?

Наххос гуфт:

— Чун маро бо шумо ошной афтодааст, ба чо орам. Бидонӣ, ки ин шахрро хокимест, ки нонби подшох хаст ва хокими мутлак

[1] *Тафоул* — пешгӯй, хуб донистан.

аст. Аммо мардест зўрдасти ришватхор, ба як динор ҳазор кор табоҳ кунад. Чора он аст, ки аз барои ў пешкаш барем ва ўро маълум кунем, бошад ки ў ин канизакро барои шумо бихарад, ки он чи ҳоким бигўяд, ҳоча ҳеч натвонад гуфт ва ба карз кардан эҳтиёҷ наафтад ва мақсуди шумо аз ў ҳосил шавад.

Маликзодаву вазирро бағоят хуш омад. Дарҳол ҳазор динор зар бигрифт ва ҳамроҳи наҳҳос дар хонаи ҳоким рафтанд.

Ҳокимро диданд, марде бағоят некў ва некниҳод. Чун эшонро бидид, эъзозу икром кард ва эшонро биёварданд ва биншонданд. Наҳҳос он ҳазор динорро пеши ҳоким ниҳод. Чун эшонро маълум кард ва аҳволи ҳаридани канизакро гуфт, ҳоким он зарро бидид, бағоят ҳуррам шуд ва рўй ба маликзода кард, пурсид ва эшонро бинвохт ва гуфт:

— Чи кор ва чи ҳидмат доред?

Гуфтанд:

— Бидон ва огаҳ бош, ки мо мардумони ғарибем ва аз замини Эрон омадаем ва он чи доштем, дар сафари дароз ба харҷ рафт, ҳичилу шармсор мондем ва агар дар ҷаҳал таъхир афтад, сазовори шумо ё дархурди миқдор ҳидматҳо кунем ва ўзрҳо хоҳем.

Ин суҳан бигуфт ва ҳеч дигар нагуфт ва бозгардид. Ҳоким он зар баргирифт ва аз он ачаб шукуфт, ки ин мардуми ғариб ин зар аз барои ман оварданд ва маро ҳичилу шармсор сохтанд. Он рўзу он шаб дар он андеша буд. Рўзи дигар вазир бо маликзода ба ҳидмати ҳоким рафтанд. Аз чои ҳуд бархост ва эшонро эъзозу икром кард ва дар маснад биншонд ва ҳидмати тамом кард. Вазир забон баркушод ва гуфт:

— Маълуми ҳокими вакт мегардонам, ки дар ин шаҳр марде ҳаст ва канизаке дорад ва ба баҳои ғарон мефурўшад ва моро он канизак сахт даркор аст ва лоиқи мост, валекин баҳои тамом надорем ва метарсем, ки ба вилояти хеш равем барои овардани баҳо, канизакро ба каси дигар фурўшад. Таваккўъ дорам, ки то ишорат фармой, ки ин канизакро мавқуф дорад, то баҳои тамом биёварем.

Ҳоким гуфт:

— Дил хуш доред, ки ин кор пеши ман сахл аст.

Дарҳол кас фиристод, наҳҳос ва ҳудованди канизакро пеши ҳуд хонд ва гуфт:

— Шуморо кадом канизак мебояд?

Эшон ба ҳоким гуфтанд.

Ҳоким гуфт:

— Канизаки дегдониро бидор!

Нахҳос гуфт:

— Хочаи ӯ мегӯяд, ки ӯ Ҷавҳарӣ ном дорад ва ҳамсанги ӯ ҷавоҳир диҳад, мефурӯшам.

Ҳоким вазирро гуфт, ки:

— Ту чӣ мегӯӣ?

Вазир гуфт:

— Бо ин баҳо харидам.

Ҳоким худовандашро гуфт:

— Ту фурӯхтӣ?

Гуфт:

— Фурӯхтам.

Ҳоким гуфт:

— Муборак бод хариду фурӯхт.

Баъд аз он ҳоҷа ба вазир гуфт:

— Баҳо биёваред.

Вазир гуфт:

— Моро як моҳ мӯҳлат бидиҳед, то ҷавоҳирро рост кунем.

— Ҳоҷа гуфт:

— Намефурӯшам. Агар баҳо ҳамин соат диҳӣ, фурӯхтам, вагарна, ҳаку мулки ман аст.

Бархост ва канизакро даст гирифт, ки бурун барад. Ҳоким тофта шуд ва аз сари хашм бонг бар ҳоҷа бизад ва гуфт:

— Ба гувоҳии ман бад-ӯ фурӯхтӣ. Агар раҳо кунӣ, бубарад, ваилло, бар ҷои амонат месупорем, то он ки баҳоят бисозанд ва агар ҳомӯш нагардӣ, канизакро ба вай супорем, то баҳо биёварад.

Ҳоҷа чун донист, ки ҳоким аз ҷонибӣ ӯ нигоҳ медорад ва кор аз даст ҳохад рафт, гуфт:

— Фармон шуморост. Агар ҳоҳӣ, баҳо нахоҳем.

Ҳоким вазирро гуфт:

— Дил фориғ дор, ки ба ҷое супорам, ки то баҳо биёварӣ.

То чиҳил рӯз, қарор доданд, агар ҷавоҳир наёваранд, канизакро ба худовандаш супоранд ва он байъ тоза кунем.

Вазир гуфт:

— Фармон турост.

Ва ҳамон лаҳза бар ҷаммозае[1] савор шуд ва бо навкаре ҷанд рӯй ба Эрон ниҳод ва канизак он ҷо ба хонаи ҳоким дар миёнаи занони малик даромад. Шоҳзодаро эшон тимор[2] медоштанд ва эъзозу икром мекарданд. Вазир ду манзилро як манзил мекард, то ба шонздаҳ рӯз ба Эрон расид.

---

[1] *Ҷаммоза* — шутури тундрав.

[2] *Тимор* — ҳамҳорӣ.

Чун подшохро ба омадани вазир хабар доданд, хуррам шуд ва ўро дар канор гирифт. Он гох вазир ахволи шохзодаро ба подшох шарх дод, номаву арзаи маликзода расонид. Подшох баґоят хуррам гашт ва худовандро шукри бисьёр кард, кй фарзандам ба муроди дил расид. Дархол бифармуд, то дари хазина бикшоданд ва хар чи ёкуту фирўзаву марворид дошт, чумларо бистад ва харчи амирону хидматгорони озоду банда доштанд, баъзе ба бахо ва баъзе ба ато чунон ки хамон рўз чамъ карданд ва фориґ шуданд ва боз вазир ба хонаи худ рафт ва баёлони худро дид ва хар чи дар хонаи худ чавохир дошт, баргирифт ва як шаб дар хонаи худ буд. Фарзандонро видоъ кард ва рўй ба рох ниход. Подшох як-ду манзил ба видои вазир беруни омад, ўро васиятхо кард, ки: «харчанд чахд кунй ва чигаргўшаи маро ба ман расонй. Метарсам, ки аз фирокаш бимирам». Ин мегуфт ва хун аз дидагон меборид. Вазир подшохро видоъ кард ва чаммозаро ба дандона меронд, на шабу на рўз ором дошт, то ба шахри Билокия расид. Маликзода хабари омадани вазирро шунид, бар асп нишаст ва ба истикбол бурун рафт. Чун маликзодаро чашм ба вазир афтод, вазир хост ки аз чаммоза фуруд ояд. Чун таъчил намуд, аз чаммоза ба зер афтод ва гарданаш бишкаст, дархол бимурд. Маликзода чома бидарид ва бар болини вазир нишаст ва хок бар сар мекард ва зор-зор мегирист. Дархол хокимро хабар доданд, сахт дилтанг шуд ва бар асп савор шуда, бар он маком омад. Шохзодаро бар он хол бидид, ў низ пеши маликзода биншаст, як даста дастор бифармуд, то вазирро ба шахр оварданд, ба ойини бузургон ўро ба хок супурданд. Маликзода он чи коидае, ки буд, бупардохт.

Баъдаху ба (навкаре, ки) хизмати вазир карда омада буд, бо вай бигардид, сандукчаи чавохир бо номаи падару модар бихонд, баґоят гирифтахотиру парешон шуд. Пас дах чомаву понсад динор тартиб кард ва (ба хидмати хоким овард). Хокимро баґоят хуш омад. Дир он муддат маликзода рўи канизакро надида буд. Хоким хамон рўз канизакро ба дар хонд ва бифармуд ба чавохир кашиданд ва ба худовандй канизак доданд. Канизак аз хоким суол кард, ки:

— Маро кй мехарад?

Шохзодаро ба вай намуданд.

Гуфт:

— Эй писар, маро махар, ки пушаймон гардй ва он гах хеч суде надорад.

Маликзода гуфт:

— Туро мехарам ва аз харидан пушаймон нагардам.

Канизак бигуфт:

— Ман туро гуфтам, бокиро ту дониҳ.

Пас баҳояшро бидоданд. Он гоҳ дасти канизакро бар дасти маликзода биниҳоданд ва худовандаш бирафт.

Канизак маликзодаро гуфт, ки:

— Эй писар, туро васият кардам, ки маро махар. Акнун чун шунидӣ ва харидӣ, дар ҳузури ҳокиму бузургон ва ҳама бо ту шарт кардам. Агар он шароитҳоро ба ҷо орӣ, бисьёр хубу нек, вагарна, ногоҳ бигрезам ва туро хор бигзорам.

Маликзода гуфт:

— Ба ҳар шарт, ки муқаррар кунӣ, миён бандам ва он кунам, ки фармоӣ.

Канизак гуфт:

— Аввал он аст, ки фармонбардори ман бошӣ ва ҳар чи кунам, ризо бошӣ. Дуввум он аст, ки маро он ҷо дорӣ, ки ман хоҳам. Сеюм он аст, ки бар ман мухтаҷамиву бузургӣ накунӣ. Шарти чаҳорум он аст, ки бар ман зиндагонӣ чунон кунӣ, ки ҳар кӣ бинад, пиндорад, ки бандаи манӣ ва аз фармони ман бурун наёӣ. Панҷум он ки маро аз ин ҷо ба Миср барӣ ва дар он ҷо нигоҳ дорӣ ва ба ҷои дигар ҳавас накунӣ. Шашум он ки туро номи бандагон ниҳам то он ҷо, ки ба Миср равам, озодат бикунам ва дар рӯҳ ба ҳидмат бошӣ ва аз ҳар чи фармоям минат дорӣ. Агар аз ин шартҳо бигзарӣ, ҳар чи баҳои маро дода бошӣ баркашам ва ба ту бидиҳам ва он ҷо равам, ки хоҳам. Шарти ҳафтум ин аст, ки агар ҳазор меҳнат аз ман ба ту расад, бикашӣ ва наноли. Шарти ҳаштум он ки ба ман таман хуфту хӯр надорӣ, ки аз ман ҳеҷ халоиқ шодӣ набинад, ило ғаму андӯҳ ва меҳнат. Ҳеҷ якро рағбати харидани ман набошад, ило бадбахтӣ ва ман метарсам, ки сарат дар сари кори ман равад.

Маликзода гуфт, ки:

— Ҳар чи гуфтӣ, ман камари ҳидмат бастаам ва розӣ шудаам, ки дидорат бинам ва овозат бишнавам.

Духтар гуфт:

— Акнун ту дониҳ.

Ҳокиму ҳозирони мачлис аз он шартҳои ӯ таҳаммул карданд. Маликзода сахт ачаб монд. Канизак рӯй ба ҳоким кард ва гуфт:

— Ман мулки ин писарам. Бифармой, то ба худованди кадимам раванд, ду харвор сандуқ ба мӯҳру куфл ман он ҷо ниҳодаам ва чаҳор канизаки дигар он ҷост, биёварад.

Ҳоким фармуд, то бирафтанд ва чаҳор канизаки мохрӯй ва он сандуқро (оварданд). Ба уштурони худ ниҳод ва бад-он хона

рафт, ки модараш буд. Канизак дар кӯчае бирафт ва дари сарое бизад. Зане пеш омад ва канизак гуфт:

— Эй модар, мо ба Миср хохем рафт. Моро дар ин сарои худ чой дех, то кори худ рост кунем.

Зан гуфт:

— Сарои ман ва чони ман фидои ту бод.

Маликзодаро гуфт, ки:

— Ин модари ман аст. Бифармой рахту кумошотро ин чо биёваранд, то кор рост кунем ва ба Миср равем.

Пас он кумошоту сандук ва он чи аз он канизак буд, чумларо дар он сарой ниходанд. Он гох он канизак бар тахт барнишаст ва гуфт, то он чахор канизак бар хидмат бинстоданд. Маликзодаро гуфт:

— Ба хидмат низ бояд истод.

Он гох хон бияндохтанд. Духтар чизе бихӯрд ва ба канизакон бидод ва маликзодаро низ наволае фармуд, доданд. Маликзода хидмат кард, то шаб шуд ва гуфт:

— Бандаи банда шудан ойини ман аст.

Чун шаб даромад, канизак боз бар тахти худ рафт ва бихуфт ва канизакон дар пиромуни[1] тахт бихуспиданд. Маликзодаро бифармуд, то бар дари хона рафта, ба сад хазор хорй бихуфт. То як хафта кораш ин буд. Маликзода ба саломи хоким рафтй ва бозгардида, то шаб ба хидмати канизак бинстодй ва хар чи фармудй, он кардй. Аммо хоким хар рӯз суфраи таомхои хубу латифу лазиз ба шохзода мефиристодй, то дах рӯз баромад. Баъд аз он канизакро бифармуд, то суфрае тартиб карданд.

Маликзода гуфт:

— Агар маслихати шумо бошад, сухане хаст, бигӯям ва ба самъи шумо расонам.

Канизак гуфт:

— Бигӯй.

Маликзода гуфт:

— Эй чону зиндагонии ман, бидон ва огах бош, ки ман ба шахри Эрон хонумон дорам. Подшоху хайлу хашам, модару падар дар интизори мананд ва чашм дар рохи ман доранд. Аз ин чо ба Миср рох душвор аст ва пурхатар. Агар ин азм сӯи Миср кардй, ба Эрон кунй, чун бошад?

Канизак чун ин сухан бишнид, дар кахр бирафт ва бонг бо Маликзода зад ва гуфт:

— Ту зуд аз адли худ бозомадй ва шартхо, ки бо ту кардам,

---

[1] *Пиромун* — гирд, атроф.

фаромӯш кардӣ! Нагуфтам, ки бар ман эъроз накунӣ?! Ҳанӯз ҳеҷ нагузашта бар ман ҳукумат мекунӣ! Мехоҳӣ, ки баҳои худро дода дар пешат резам?! Ё он ки ҳам имшаб аз дастат бигрезам?!

Маликзода аз гуфтан худ пушаймон шуд, даст бар даст нихот, бар узрхоҳӣ бинстод ва ба ҳазор ҳила ӯро дилхушӣ дод ва гуфт:

— Ман мизочи туро хосил мекардам. Ба ҳар ҷо, ки дили ту хоҳад, меравем.

Канизак хомӯш гашт. Маликзода навкарони худро бигуфт, то борҳо бо чаҳорпоён ниходанд ва азми Миср карданд. Канизакони худро гуфт:

— Биравед ва он амонате, ки наздики фалон кас нихода будам, биёред.

Канизакон барчастанд ва бирафтанд ва аморӣ чаҳорпоя, ки пӯшиши он аз зарбафт буд, биёварданд, ки аз сандалу обнус сохта буданд ва меҳҳои тилло бар ӯ зада ва бар сари аморӣ сурати бозе аз зари сурх карда ва чавохиру мурассаъ. Маликзода бар он аморӣ мутаҳайир бимонд, гуфт: «Ин лоики хотунон аст, на лоики канизон бошад».

Ва шутуронро бор ниходанд ва силоҳ дарпӯшиданд ва азми рох карданд. Маликзода рафт, то ҳокимро видоъ кунад ва узрҳо хост ва ҳадьяҳо фиристод ва ишонро равона кард. Ҳоким бозгардид ва ишон рохи Миср пеши худ гирифтанд. Чун як манзил рох рафтанд, фуруд омаданд ва фаррошон хайма барпо карданд ва тахт бинходанд. Канизак бар болои тахт нишаст ва маликзода ҳамчун ғуломон бар дари хайма биншаст ва бо худ мегуфт, ки «ман ин ҳама заҳмат кашидам ва моли бисьёре харҷ кардам, ки канизак маро бошад, аммо ӯ худ оғост ва ман навкари ӯ». Бо худ дар ин хаёл буд, ки бар вай гирья ғолиб омад. Бисьёр бигрист ва ин байтро мехонд, ки:

Ранҷур будам то зи ман дур будӣ,
Ранҷуртарам то ба ту наздик шудам.

Чунончи овози гирьяи ӯ ба самъи канизак расид, гуфт:

— Кист, ки мегирьяд?

Канизакон гуфтанд:

— Маликзодааст.

Канизак оҳиста-оҳиста биёмад. Чун овози гирья ба гӯшаш расид, аз даруни хайма пинҳонӣ гӯш бинход, то маликзода чӣ мегӯяд. Чун ин байтро бишнид ва он гирьяву зорӣ дид, якборагӣ сабру қарораш намонд. Аз рӯзи аввал дил ба маликзода дода

буд, аммо мехост бидонад, ки ӯ чи миқдор меҳру муҳаббат дорад. Чун он гирьяву зории ӯ бишнид, маликзодаро овоз дод. Маликзода чун овози духтар бишнид, саросема аз ҷо бархост ва чашми худ зуд пок кард ва дар пеши духтар давид, ки ӯ гумони гирья аз ман набарад. Чун маликзодаро дид ,бонг бар вай бизад ва гуфт:

— Туро гуфтам, ки маро махар! Акнун чун маро харидӣ, бо ман биғӯ, ки гирья барои чи оғоз кардӣ?! Ба хурмати дини Исо, ман чораи кори туро бикунам ва он кас, ки ту ӯро дӯст дорӣ, агар дар қаъри дарьёст ва агар бар авҷи самост аз бахри ту ӯро ба даст оварам ва туро ба максуд расонам!

Маликзода чун ин сухан бишнид, токаташ тоқ шуд, дархол наъраре бизад ва бияфтоду бехуш шуд. Духтар чун ин ҳол аз шохзода бидид, охе аз ҷонаш баромад, даст дар гарданаш кард ва ба сад хазор меҳри дил пояш бибӯсид. Маликзода чун ин мехрубонӣ бидид, бархост, чун мурда буд, зинда шуд, дасту пояш бӯса дод, дар хайма даромаданд ва биншастанд.

Духтар гуфт:

— Эй маликзода, ман туро шинохтаам. Марди подшохзодаи ва хоҷаи маро барои худ чавҳарихо кардӣ ва нагуфтӣ, ки камтар ва ё бештар. Зуд рафтӣ, зару ҷавоҳир овардӣ ва бахои ман додӣ ва дигар шартҳо ки ман кардам, ба ҷо овардӣ.

Пас духтару маликзода ба хамдигар чунин суханон гуфту шунид мекарданд ва чумлаи ахволхои гузашта шарх доданд, ишкашон ба хамдигар як буд, хазор шуд. Маликзода аз духтар хотир тасаллӣ дид, дархол сачдаи шукр кард ва духтар хам сар ба сачда ниход ва шукри худо кард, ки маро ба подшохзода афканди.

Маликзода гуфт:

— Хазор ҷони ман фидои ту бод, ин ғаму ғусса аз бахри ман кашидӣ.

Духтар гуфт:

— Ман ғофил будаам. Акнун то зинда бошам, чандон хидмат кунам, ки очиз монӣ. Акнун чун ахволи худ гуфтӣ, аз они маро ту низ бишнав, то бидонӣ, ки ранҷу бало кашидӣ ва муроди худ ёфтӣ. Акнун донистам, ки ту шохзодаи ва маро бидон ва огах бош, ки ман духтари қайсари Румам ва як рӯзе маро ид буд, худро ороста будам ва ҷомахои қиматӣ пӯшида ва ба калисо омадам ва чахорсад духтару канизакону хама духтарони бузургони Рум хамрохи ман буданд. Дар нохияти Рум, дар миёни кӯхе як шаб хоб рафта будам, ҷавонёро дар хоб дидам, ки маро мегӯяд, ки «мусулмон намешавӣ ман туро бубарам?» Дар хоби

ширин мусулмонӣ дар дили ман афтод. Чун аз хоб даромадам, дар дилам ҳаваси мусулмонӣ буд. Як рӯз бо ин чаҳор канизаки худ ороста ва ба зару зевар пироста будам ва як харвор ҷавоҳир аз хазина бо худ гирифтам ва рӯй аз калисо бадар ниҳодам... Чун чаҳор фарсанг роҳ биёмадам, он ҷавоҳирҳову ҷомаҳои қиматиро баъзеро ман пӯшидам, баъзеро канизакон. Оқибат бори мо сангин буд ва мо пиёда мондем. Ногоҳ он мард, ки маро аз ӯ харидӣ, бозрасид ва моро гирифта асир кард. Ман дар роҳ рафтан шудам ва ӯро савганд додам маро бифурӯшад ба ғайри баҳои ман ба канизакон тамаъ надорад. Ба қавли худ вафо кард. Маро муддате некӯ дошт, харгиз аз рӯи густохӣ ба ман нигоҳ накард ва ман ӯро шифоат кардам, ки маро бар он шахс фурӯшад, ки дилам бар ӯ майл кунад. Рӯзи аввал, ки шумо бо вазир ба ҳаридан омадед, маро дил ба ҷониби шумо нигарон шуд ва мубталои ишки ту шудам ва бар он баҳои ғарону ҷавоҳир манаш фармудам. Ғаразам озмоиш буд, то касеро бубинам, маро ба дил дӯстдорӣ кунанд ва харчи баҳо карда шавад, бидиҳад ва агар ӯ ҷавоҳир надошта бошад, худ бидиҳам. Чун худовандам ба ҷавоҳир баҳо кард ва шумо қабул кардед, меҳри ман яке буд, сад чандон шуд, валекин натавонистам ба ту кас фиристодан. Метарсидам, ки маро вазир барои худ меҳарад. Пас чун ҳоким дар миён афтод, хуфия фиристодам ва маълум кардам, ки маро вазир аз барои шумо меҳарад, умедвор шудам, аммо гумон намебурдам, ки шуморо ин ҳама ҷавоҳир бошад, то он гоҳ ки вазир рафт ва бозомад ва ҷавоҳир биёвард ва ман эмин шудам. Акнун ман ин шартҳо, ки кардам ва суханҳо, ки бар ту ниҳодам, сабаб он буд, ки туро биёзмудам, ки бо ман дуруст ҳастӣ ё не. Чун донистам ва ҳақиқат маълум кардам, ки бисьёр харҷ кашидӣ ва баҳои ман додӣ, акнун ман чизе дорам, фидои чокарони ту бод.

Ин бигуфт, дасти маликзода бигрифт, даст ба гардани ҳамдигар карданд ва рӯи шоҳзодаро бибӯсид.

Маликзода бағоят хуррам шуд ва худоро шукр кард ва гуфт:

— Агарчи ранҷ кашидем, ба мурод расидем.

Он рӯзу он шаб қарор гирифтанд ва дари айш ба рӯи худ кушоданд. Рӯзи дигар чаҳорпоёнро зин карданд ва бор барниҳоданд ва ҳар ду бо ҳам дар аморӣ нишастанд. Манзил ба манзил роҳ мерафтанд, то ба чандин манзил ба Миср расиданд. Ду манзил роҳ монда буд, лекин роҳ пурмухотира аз дуздон буд ва роҳзанон бисьёр... Маликзода бифармуд, то ғуломон силоҳ дарпӯшиданд. Он гоҳ аз мардум пурсиданд, ки «ҳеҷ роҳи дигар нест, ки бад-он роҳ равем?» эшон гуфтанд, ки «ду роҳ аст, ки

яке рохи Фурот аст ва яке кӯху биёбон ва дуздон хар ду рох мебастанд». То миёни дуздон се фарсанг рох беш намонда буд. Канизак маликзодаро гуфт:

— Ду шутури чаммозан мӯътабар бугзин.

Маликзода чунон кард. Канизакон чоман мардона пӯшиданд ва силох бар тан рост карданд, чаммозаро чун бод меронданд. Аз он рӯй ки бор ва танга[1] буд, дуздон касди он карданд ва ғуломону хидматкорон ночор чанг барпо карданд ва чанги азиме пайдо шуд. Баъзе дуздонро катл карданд ва дуздон бору бунаро ғорат карданд ва бибурданд ва он канизаконро низ бурданд. Маликзода бо духтар сихату саломат ба Миср расиданд ва худоро шукр карданд ва сарое аз барои худ бигирифтанд ва он чо фуруд омаданд ва он чи ки дар даст буд аз фарши хона, хариданд. Рӯзе чанд бигзашт, канизаку маликзода кӯшке сохтанд ва гирдогирди ӯро бӯстоне бисохтанд ва асбобу соз чумла дар он чо ниходанд.

Маликзода гуфт:

— Эй чашму чарогӣ ман, дастурӣ дех, то канизаке туро бихарам, то туро хидмат кунад.

Канизак гуфт:

— Хар чи хидмат бошад, ман худ бикунам.

Муддате дар он кӯшк буданд ва аз дидори якдигар меосуданд, то ду сол бигзашт, он хоставу заре, ки дошт, чумла ба сар расид ва ба харчи рӯзгор рафт, камтаре бимонд. Маликзода аз ин сабаб дилтанг шуд ва хама рӯз дар васваса мебуд. Канизак донист, ки маликзода дар андеша ва дар фикр аст. Як шаб маликзодаро гуфт:

— Эй худованди ман ва эй пайванди чони ман, бигӯ, ки чунин ғамгин чарой ва он чи дар дил дорӣ, бо ман бигӯй, то тадбири он кунам.

Маликзода гуфт:

— Эй рӯшнои дидагонам ва эй орзуи дилу чонам, бидон, ки ман бад-он сабаб фурӯ мондаам, ки аз шахру вилояти худ дур мондаам ва дар ин шахр ғарибам ва маро чизи андаке мондаст ва касеро нашиносам, ки аз ӯ карз гирам. Дилтангии ман бад-ин сабаб аст ва аз хичолату шармсорӣ харчанд меандешам, ба чое намерасад.

Духтар гуфт:

— Эй нури чашм ва эй ороми чони ман, сад хазор чони ман фидои ту бод. Агар ғам хӯрдани ту аз барои сомон аст ва бар-

---

[1] *Танга* — рохе, ки аз миёни дарах танг гузарад.

гу сози ман, бо ту ба як нони чавин конеям ва як лаҳза дидори ту аз мамлакати чаҳон бар ман бехтар аст ва аз баҳри ман ҳеч ғам маҳӯр, хотири муборак аз ман фориғ дор, ки ба як пирохани карбосин ва як курси чав зи хидмати ту аз ҳазор мамлакати чаҳон хуштар аст.

Ин бигуфт ва бархост ва як пирохану як миқнаан[1] ба чавохир мурассаъ ва чаҳор ангуштарини лаъл биёварда, пеши маликзода ниход ва гуфт:

— Ин пирохану миқнаа сесола ҳирочи Рум аст. Баргир ва харч кун ва ғам маҳӯр.

Маликзода он миқнааву пирохан бибӯсид ва бар дида ниход ва гуфт:

— Эй куввати дилу чонам, агар ҳама олам барбод ҳоҳад гардидан ва аз ин барг бимирам, ҳаргиз пирохану миқнаан ту харч накунам.

Духтар гуфт:

— Ин чаҳор ангуштаринро бифурӯш.

Маликзода гуфт:

— Маозиллох, маро дил дихад, ки чизи ту дар дасти дигаре бошад!

Духтар гуфт:

— Акнун бо ман рост бигӯ, ки харчӣ чанд мондааст?

Маликзода рафт ва он чи монда буд, пеши духтар овард, бинход ва ӯ понсад динор буд.

Духтар гуфт:

— Бархез ва сад динор бигир ва ба бозор рав ва абрешими сабз биёр ва сад динори дигарро аз рищтаву аз мум ва аз он чи лавозим.

(Шоҳзода биёвард). Дастафзое чанд сохт ва гуфт:

— Инро ба сӯи колибкун бар ва инро устой кунад. Ту фармой, то туро ман аз ин васваса бирахонам.

Маликзода чунон ки канизак фармуда буд, тартиб кард ва пеши духтар овард.

Духтар гуфт:

— Акнун бирав, як асп чунон ки нишасти туро шояд, бихар ва зину лачому олоти шикор чунон ки туро шояд, рост кун ва хар рӯз ба шикор бирав ва тамошо мекун то вакти нимрӯз, он гах бозой, то дили ту бикшояд, ки коре хохам кард, чунон ки моро кофӣ бошад.

Маликзода бирафт ва хар чи духтар гуфт, тартиб кард ва

---

[1] *Миқнаа* — чодари борики зарбафт.

биёвард ва хар рӯз ба сайду шикор мерафт ва тамошо мекард ва худро машгул медошт ва духтар коргохе дар он кӯшк бозниход ва чоман сабз дар кор кард ва ба чандин рӯзе чомаеро пардохт, ки чашми бинандагон аз ӯ хира мешуд ва дар хар гӯшаи он чома нишонаи кафи дасти худ бизад ва дар бофту дӯхти ӯ, хар ки медид, хайрону очиз мешуд. Чун чомаро тамом кард, маликзодаро гуфт, ки:

— Ин чомаро ба бозор бар ва бифрӯш ва агар касе аз ту пурсад, ки ин чомаро кучо бофтаанд ва дӯхтаанд, бигӯ ки ба Чин бофтаанд.

Маликзода чомаро ба бозор бурд, ва мукими бозориён дод. Аз санъати хунару покизагии чоман он канизак хама мардум ба тамошои ӯ гирд омаданд ва дар тааччуб ба он чома нигох мекарданд ва ба якдигар менамуданд. Даллолону мукимон ба дах хазор дирам зиёдат мекарданд, то рафта ба сӣ хазор дирам накда расид. Ба такдири раббониву аз казои осмонӣ чунон рафта буд, ки яхудие, ки аз ӯ мухташамтар дар хаман шахри Миср касе дигар набуд ва раиси бузурги Миср буд, ва чумлаи бузургон ба даргохи ӯ мӯхточ буданд ва дар хурмату чоху манзалат аз хамгинони дигар зиёдтар будӣ, ин соат дар бозор омад, барастари заигдоре нишаста, бо сипохи тамом. Чун чашми ӯ бар он чома афтод, дархол талабид ва панчох хазор динор зари сурх бахои чома ба вай дод. Маликзодаро ба худ хамрох ба хонаи худ бурд ва узрхохӣ кард ва гуфт:

— Ин чома аз кучо овардӣ?

Гуфт:

— Ман ба шахри Чин будам, дар он чо харидам.

Шамъун гуфт:

— Хеч сол набошад, ки чомае чанд нахарам ва нафурӯшам, мукаррар, ки дар хама умри худ мисли ин чома надидаам.

Маликзода бархост ба пеши духтар омад ва он панчох хазор динор биёвард ва бинход.

Духтар гуфт:

— Акнун сад динори дигар аз бахои ин чома абрешими лаългун ва дувист динорро аз зарришта биёвар.

Маликзода дархол рафта бихарид ва биёвард. Канизак чоман дигар дар пеш гирифт ва дар муддати бист рӯз тамом кард ва як чоман лаългуни зарбафт баст, ки аз болои он чома накши сонди дасту бозуи худ бо ангуштон накш карда буд, ки суратгарон ва наккошони Чину Хитой бар он дасту бозуи ӯ офарин карданди ва маликзодаро гуфт:

— Баргир, ба бозор бар ва бифрӯш.

Маликзода чома ба даллол дод. Чумлаи бозориёни Миср бар он боз гирд омаданд ва касди харидани он чома мекарданд. Касон Шамъунро хабар карданд. Шамъун ба бозор омад, чун он чомаро бидид, чашмаш тираву дилаш хира шуд, мутаҳайиру очиз бимонд.

Чун он накши сонду дасту бозу бидид, дархол бар он накш ошиқ шуд. Чомаро ба сад хазор динор аз ӯ бихарид ва бахо бидод, ба хона бурд, ба он шабу рӯз нигоҳ мекард ва мегирист ва аз хар мижа сад хазор қатра ашк дар домани ӯ меборид.

Маликзода пеши духтар омад. Гуфт:

— Эй чону зиндагонии ман, моро то ин ду чома понсад динор моя буд. Ин замон саду панчоҳ хазор динор зари сурх моя аст ва хануз се чомаи дигар олат дорем. Дил фориғ дор, чунон ки дилат хохад, зиндагонй кун ва ба хеч хол ғам махӯр, ки умед дорам, ки хамаи кори мо ба муроди мо гардад.

Ва Шамъун, ки чомаро харид ва хама рӯз аз ишки ӯ намеорамид, бо худ мепечид ва аз холе ба холе мегардид ва бар хок мегалтид ва ашки хунин меборид ва соате аз ғам менолид ва замоне он накшхоро бар сина мемолид, бо худ мегуфт, ки «ин чи дарду мехнат буд, ки бар худ кушодам. Саду панчоҳ хазор динор додам ва оташи хичрон бар чони худ ниходам. Ман (аз кучо) донам, ки ин накш бар он чома ки кардааст, занаст ё мард? Ин чи казои пинхонист ва бо кй тавонам гуфт, ки маро чй будааст ва аз кй пурсам, ки ин сонди даст аз они кист?» Қариб як хафта бар ин сурат мебуд ва як нафас аз он ғам намефарсуд ва як дам аз гирья намеосуд ва чоман сабраш пора буд, аз хама чора бечора буд, бо хеч кас намегуфт ва на дар дил метавонист нухуфт. Муддати як мох пинхон медошт, муваккали акл бар дил гумошт. Баъд аз як мох токаташ ток шуд ва аз ғояти фирок чуфти фирок шуд, кордаш ба устухон расид ва ишкаш ба нихоят анчомид ва худро пайгом чора кашид.

Модаре дошт, ки хазор бор аз Иблис бадтар ва бадзишттар, Иблисро аз ӯ нанг меомад. Чунон бадзиште, бадликое, бевафое, ҳаккорае, ситамкоре, дилозоре, худобезоре, гандапире, ки сад хазор даллола чун Мухтола дар пеши ӯ хеч буд. Шамъун дарони дилашро ба тири ғам шикофт, кас фиристод, модарашро биёварданд. Модар чун писарро бар он хол бидид, чигараш пуроташ шуд, мехри модарй битофт. Чашми пуробу синаи харобу чигари кабоб сару рӯи ӯ бибусид ва он ходиса бозпурсид. Шамъун аз чо барчаст ва зуд он чомаро овард ва пеши модараш бинход ва сели хун аз дида баркушод ва сурати холи худ бо модар дар миён нихад ва дар дасту пои модар афтод ва гуфт, ки:

— Эй модар, агар кори ман фурӯ гузорӣ, маро дарнаёбӣ ва даст аз ман шӯй, ки маро зинда наёбӣ!

Модари Шамъун чун ин воқиа аз писар шунид, бар аҳволи писар мутафаккир гардид. Як лаҳза фурӯ рафт, дар ойинаи исолат[1] нигарист, он гоҳ аз писар бозпурсид, ки:

— Аз он касе, ки ҷома харидӣ, бозпурсидӣ, ки ин ҷомаро кучо бофтаанд?

Шамъун гуфт:

— Оре. Он ки ин ҷома фурӯхт ва маро ба оташи ҳиҷронаш сӯхт, чунин гуфт, ки дар Чин бофтаанд.

Пиразан гуфт:

— Дурӯғ гуфтааст, ки ҳар ки дидан ақл бикшояд ва ойинаи дил аз занг бизудояд, ҳақиқат донад, ки он кас, ки ин бофтааст, зан аст ва он ҷо, ки ҳаст, миёни ҳузну ғам аст. Ё ошиқи касест, ки дасташ бад-ӯ намерасад, ё дар банде гирифтор аст, ки роҳи халосияш душвор аст. Ин ҷома нақш кардааст, то он ки ошиқ ё маъшуқаш бубинад, ки дасташ бад-ӯ намерасад. Ё нишонест, ки чун ӯ бубинад, бидонад, ки ӯ он ҷост, пас аз он дасту бозуи ӯро бозёбад ва он ки ин кор кардааст, зиндааст ё мурда, таин медонам, ки боз ҷома ба бозор мефиристад. Ту дил фориғ дор ва худро беш аз ин ба дасти ғам мадеҳ. Бархез ва ба бозор даллолонро бихон ва чумларо биншон ва қарор деҳ ва савганд бар ҷони он касон, ки ҳар гоҳ ки аз ин ҷома касе ба бозор оварад, туро хабар кунанд, то ман биёбам он касро, ки ин ҷома бофтааст, ин ҷост ё ҷои дигар. Чун маълум гардад, чораву тадбир саҳл аст.

Шамъун бархост ва ғуломонро фиристод ва ҷумлаи даллолонро бихонд, васият кард ва гуфт:

— Мебояд, ки касе агар мисли ин ҷома дар бозор овард, дарҳол маро огоҳӣ дихед.

Даллолон гуфтанд:

— Фармон бардорем. Агар биёранд аз барои шумо нигоҳ дорем, бе хабари шумо ба каси дигар нафурӯшем.

Шамъун бар эшон офарин кард ва низ эшононро харҷе бидод ва равона кард.

Духтар ҷомае дар кор гирифта буд, баъд аз чандин рӯзи дигар тамом шуд, ба сад бор аз он беҳтар буд. Ба маликзода дод ва гуфт:

— Ба бозор бубар ва бифрӯш.

Маликзода ҷомаро ба бозор биёвард. Чун даллолон ҷомаро

---

[1] *Исолат* — аслият.

бидиданд, дархол ба Шамъун хабар оварданд. Ӯ дархол астарро зин кард ва касаб дарбаст ва ҷуббаи атласи баалам дарпӯшид ва бар астар савор шуд ва рӯй ба бозор карда омад. Нигоҳ кард, ҷомаро дид, сад бор аз он ҷомаи дигар некӯтар ороста ва хамон нақшҳоро бар он карда. Дархол чашмаш бар он соид афтод ва аз оташи ишки ӯ кайфияте пайдо шуд. Банд аз якдигар кушод ва аз хол чун лол шуд ва олам дар чашмаш хаёл шуд. Рӯй ба маликзода кард ва гуфт:

— Ҷомаи аввал ба чанд харидам?

Гуфт...

— Ба панҷоҳ ҳазор дирам ва дуюмро ба сад ҳазор дирам харидӣ.

Ва гуфт:

— Ин ҷомаро ба саду панҷоҳ ҳазор дирам харидам. Биё ҳамрохи ман бахо бистон.

Маликзода бо Шамъун бирафт. Шамъун ӯро ба кушки худ бурд. Дархол шарбат овард ва икром аз ҳар чи бештар буд, намуд ва модари худро аз он ҳол огоҳ кард ва модараш гуфт:

— Акнун дил шод дор ва ҳеҷ ғам махӯр. Ин кор чунон ба коми ту шавад, ки дили ту хоҳад. Аз ин ҷавон бозпурс, ки ин ҷомаро кӣ бофтааст.

Шамъун хост, ки бозпурсад, дар он вакт хону таом оварданд ва бихӯрданд. Баъд аз фароғи таом хонро баргирифтанд. Шамъун шароб дархост кард. Маликзода гуфт:

— Эй хоҷа, ман шароб намехӯрам.

Шамъун гуфт:

— Ман аҳд кардаам, ки ҳар касе, ки ба хонаи ман ояд, албатта нагузорам, ӯро шароб бидиҳам. Ту ҷавоне озодаву бузургзодаи. Бузург ҳамебинам, ҳақиқат медонам, ки ту марди ғарибӣ. Ба ҳар навъе, ки хаст, аз сухани ман бадар марав. Аз ишорату шифоати ман рӯ магардон... Оқибат Шамъун пиёла пури шароб кард, бархост ва дил ба ҳила биёрост ва савганди талоқ ёд кард, ки «имшаб туро шароб диҳам». Маликзода... чун ин сухан шунид, сахт мутафаккир шуд... он шароб бозхӯрд. Шамъун бархост ва ба хона рафт ва як даст ҷома ва зароиф чанд мисрӣ овард ва дар пеши маликзода бинҳод. Маликзода қабул кард ва хуш баромад. Чун чанд бор пиёлаи шароб хӯрд, Шамъун огоз кард ва гуфт:

— Эй ҷавон, сад ҳазор рахмат бар он бум[1] бод, ки ин пешакирдор он ҷо бошад, ки ин ҷомаро бофтааст. Агар ман дониста-

---

[1] *Бум* — кишвар, сарзамин.

ме он мард ин чомаро бофтааст кадом аст, чанд хазор бўса бар дасту пои ў бидодаме, ки то умри ман аст чунин чома надидаам ва нашнидаам. Хамин бояд бидонам, ки ин чома кй бофтаааст, ман бист хазор динор зари сурх бидодамат.

Маликзода гуфт:

— Ман аз ин чандин чома аз Чин харидаам бо чанд зарофи дигар. Маро низ орзу бошад, ки он касро ба даст оварам, то аз хар навъ чома бистонам, ба даст натвонам овард.

Шамъуни палид чун ин сухан бишнид, бар худ аз ғам биларзид, дархол бархост ва пеши модар бирафт ва ахвол бозгуфт. Модараш гуфт:

— Аз ин навъ суханон машнав, ки дурўғ аст ва роҳи хиёнат мебарад. Бахои чома бидех ва он чи бо ў додай, чизе бияфзой, ки ман чорае тадбир кардаам. Ту бирав хамин соат бахо баркаш ва бидех.

Шамъун зуд аз пеши модараш бадар омад ва бахои чома садупанчох хазор дирам биёвард ва тўхфахо, ки пешкаш карда буд, ба маликзода дод ва бисьёр узрхо хост. Маликзодаро дархол видоъ кард ва аз пеши ў бурун рафт, бо модар хабар кард. Модараш бархост ва худро ба созу хилае биёрост ва хирка дарпўшид ва бар дари кушк биншаст.

Маликзода бахои он чомаву он кумошот баргирифт ва бурун омад ва ба хаммолон бидод. Шамъун кариб то дари хона биёмад ва маликзодаро боз узрхо хост ва гуфт, ки:

— Миёни мову шумо ошной афтодааст, мебояд ки хар хизмат бошад, бифармой ва бегонагиро ба худ рох мадихй ва хонаи моро аз они худ донй.

Маликзода хидмат кард ва ўро бозгардонид ва рўй дар хонаи худ ниход. Модари чухуд дар паи маликзода афтод ва мерафт, то маликзода ба дари кушк расид ва он симу кумошот аз хаммолон бистуд ва муздаш дод ва ба кушк бурд. Маликзода дар бизад ва духтар биёмад ва дар бикшуд. Маликзода дар кушки худ даромад ва дарро бубаст. Модари Шамъун кушки маликзодаро бидид ва бозгашт ва дар пеши писар омад ва гуфт:

— Хонаи ин чавон ба даст овардаам. Акнун маро мўхлат бидех, то туро тадбири чораи кор кунам ва туро ба максуд расонам.

Шамъун гуфт:

— Фармон бардорам.

Маликзода чун саду панчох хазор дираму чомахо пеши духтар овард, духтар гуфт, ки:

— Хазор ҷони ман фидои ту бод, чаро имрӯз дер омадӣ? Ин ҷомаҳо чист?

Маликзода ахволи саргузашти худ бо духтар гуфт, ки:

— Мӯҳташаме дар ин шаҳр ҷомаҳои моро ба баҳои хуб харид ва маро ба хонаи худ бурд ва баҳо бидод ва ба талоқ савганд хӯрд, ки туро шароб медиҳам. Ба ҷиҳати ӯ се пиёла шароб хӯрдам, ин ҷомаҳоро пешкаши ман кард.

Духтар бархост даст дар гарданаш овард ва рӯяш бӯса дод ва гуфт:

— Ҷони ман фидои ту бод, маро дар ҳамаи олам роҳату хушдилии ту мебояд.

Маликзода гуфт:

— Акнун аз ҷиҳати дили ман ҷомаи дигар мабоф, то он ки ин хоста намонад.

Духтар гуфт:

— Фармон турост.

Маликзода коргоҳаш ва дастафзояш ҷумла баргирифт ва гуфт:

— Эй равшанони чашми ман, ҳама рӯз ба тамошову шикор мебошам, ту танҳо дар ин ҷо бе ҳамдаму бе ҳамнафас менишинӣ. Дастурӣ дех, то аз баҳри ту канизаке биҳарам, то ту танҳо набошӣ.

Духтар гуфт:

— Маозиллоҳ, ки маро ҷуз ту касе ҳамнафас дар олам бояд.

Маликзода ӯро ба сад меҳри дил дар канор гирифт. Чун муддате бар ин баромад, маликзода ҳар рӯз бомдод то миёни рӯз аз шикор бозомадӣ ва ба духтар хуш баромадӣ. Аммо дар ҳаваси падару модар ҳамефарсуд ва ҳар вакт духтарро гуфтӣ, ки «ҳанӯз азми Эрон намекунӣ?». Духтар мегуфт: «Чун вакт дарояд, биравем».

Маликзода аз баҳри дили ӯ хомӯш шудӣ. Чун як моҳ баромад, Шамъуни малъун аз ошиқӣ ранҷур шуда, чунон заифу нахиф[1] гашт, ки хаёл монда буд. Пас ба дасту пои модар афтода, аз ҳар мижа сад ҳазор катра хун бикшод, ки:

— Эй модари меҳрубон, маро дарьёб, ба фарьёдам бирас.

Модараш бархост ва хирқаи пашмин дарпӯшид ва миқнаои пашмин дар сар кард ва ҷодари пашмин дар сар гирифт ва тасбеҳ дар соид андохт ва асое дар даст ва асоба дар сар дошт. Қади ӯ аз пирӣ чун ҳалқаи камон шуда. (Биёмад ва дари кушки

---

[1] *Нахиф* — хаставу лоғар.

ме он мард ин ҷомаро бофтааст кадом аст, чанд хазор бўса бар дасту пои ў бидодаме, ки то умри ман аст чунин ҷома надидаам ва нашнидаам. Ҳамин бояд бидонам, ки ин ҷома кӣ бофтааст, ман бист хазор динор зари сурх бидодамат.

Маликзода гуфт:

— Ман аз ин чандин ҷома аз Чин харидаам бо чанд зарофи дигар. Маро низ орзу бошад, ки он касро ба даст оварам, то аз хар навъ ҷома бистонам, ба даст натвонам овард.

Шамъуни палид чун ин сухан бишнид, бар худ аз ғам биларзид, дархол бархост ва пеши модар бирафт ва ахвол бозгуфт. Модараш гуфт:

— Аз ин навъ суханон машнав, ки дурӯғ аст ва рохи хиёнат мебарад. Бахои ҷома бидех ва он чи бо ў додай, чизе бияфзой, ки ман чорае тадбир кардаам. Ту бирав ҳамин соат баҳо баркаш ва бидех.

Шамъун зуд аз пеши модараш бадар омад ва бахои ҷома садупанҷох хазор дирам биёвард ва тўхфаҳо, ки пешкаш карда буд, ба маликзода дод ва бисьёр узрҳо хост. Маликзодаро дархол видоъ кард ва аз пеши ў бурун рафт, бо модар хабар кард. Модараш бархост ва худро ба созу ҳилае биёрост ва хирка дарпўшид ва бар дари кушк биншаст.

Маликзода бахои он ҷомаву он кумошот баргирифт ва бурун омад ва ба хаммолон бидод. Шамъун кариб то дари хона биёмад ва маликзодаро боз узрҳо хост ва гуфт, ки:

— Миёни мову шумо ошной афтодааст, мебояд ки ҳар хизмат бошад, бифармой ва бегонагиро ба худ роҳ мадиҳӣ ва хонаи моро аз они худ донӣ.

Маликзода хидмат кард ва ўро бозгардонид ва рўй дар хонаи худ ниҳод. Модари чухуд дар паи маликзода афтод ва мерафт, то маликзода ба дари кушк расид ва он симу кумошот аз ҳаммолон бистуд ва муздаш дод ва ба кушк бурд. Маликзода дар бизад ва духтар биёмад ва дар бикшуд. Маликзода дар кушки худ даромад ва дарро бубаст. Модари Шамъун кушки маликзодаро бидид ва бозгашт ва дар пеши писар омад ва гуфт:

— Хонаи ин ҷавон ба даст овардаам. Акнун маро мўҳлат бидех, то туро тадбири чораи кор кунам ва туро ба максуд расонам.

Шамъун гуфт:

— Фармон бардорам.

Маликзода чун саду панҷоҳ хазор дираму ҷомаҳо пеши духтар овард, духтар гуфт, ки:

Маликзода бизад). Духтар гуфт: «Ҳамоно ки орзуе аз бахри ҷони худовандам барорам». Ин бигуфт ва дар бикшод ва гуфт:

— Эй модар, чи кор ва чи хочат дорй?

Зан чун рӯи духтар бидид, ба рӯю мӯю каду комату хусну чамоли вай фурӯ монд ва бо худ гуфт: «Борхудоё, аз катраи обу хок чунин сурат падид овардй!» Чуи духтарро бад-ин сифат бидид, салом кард ва гуфт:

— Чашми бад аз чону чамоли ту дур бод, хар ки бадхохи туст, ранчур бод. Бидон ва огах бош, ки ман зани пирам ва дар чанги рӯзгор асирам, аз кувват бозмонда ва ба зиёрати бузургон рафта будам. Вакти намоз омадааст, метарсам, ки то вакти рафтани ман намоз фавт шавад. Чашм медорам, ки аз бахри тӯшаи охират бандагонро бифармой, то маро порае об дихад, то вузӯъ созам ва намоз бигзорам, то савобаш туро низ бошад.

Духтар дархол бидавид ва офтоба пуроб карда, ба тахоратгох бурд... Духтар курсй ниход ва ба дасти худаш об ба дасти ачуза мерехт, то вузӯъро тамом сохт. Духтар саччода бияндохт. Зан ба сари саччода рафт ва ду ракъат намоз бигзорад ва даст бардошт ва дуо кард. Он гох рӯи хилату макр ба духтар кард ва гуфт:

— Эй духтар, агар ба адади реги биёбону катраи борон гунох дорй, бар ин максуд, ки рӯй ба ту ман овардаме, гунохони ту чумла махв шуд, ту бихиштй гаштй. Дил форигъ дор, ки дуои ман дар хаки ту мустачоб аст ва химати ман бар ту муборак бод. Валекин, эй духтар, зинхор худбинй накунй ва мутакаббир набошй, ки худбину мутакаббир дар дунёву охират рохат набинад ва низ бидон, ки маро духтаре буд, бар ин каду комат ва хусну чамол ва хубию некӯй чун ту зиндагониро дод ва доғ бар дил ниход ва харгиз гумон набурдам, ки аз ӯ хубтару зарифтар ва хуштар одамй бошад. Акнун туро дидам, ба хазор бор аз ӯ некӯтарй. Худои таоло чашми бад аз рӯи ту дур дорад. Худо медонад, акнун туро дидам, чигарам хун аст. Эй кошки ту маро ба хар вакте рӯй намудй.

Духтар гуфт:

— Эй модар, бидон, ки ман духтари ғарибам, дар ин шахр хеч касро намешиносам. Харгиз дар хонаи ман чуз ту касе наёмадааст. Агар на сабаб ин буд, ки ту зани диндору порсой, туро низ рох надодаме. Валекин туро аз бахри худованду тӯъмаи охират рох додам ва бар ин аз ту миннат дорам, ки то ман дар ин шахр бошам, химмату кадам аз ман дареғ надорй ва маро ба фарзандй кабул кунй ва худовандам ва маро ба дуо ёд оварй.

Зан ба дурӯғ худро ба гирья андохт ва гуфт:

— Эй фарзанд, хар касро ба фарзандй пазируфтан кори осон нест. То умри ман аст, хеч махлукро фарзанд нагуфтаам, валекин туро кабул кардам.

Духтар дархол дасташ бибўсид. Зан дасти ўро гирифт, ба фарзандй кабул кард ва гуфт:

— Эй духтар, акнун миёни мову ту модариву фарзандй афтод. Ин ахд сахт азим аст, ки дар гардани ман кардй. Ман хохам, ки ба хар муддат оям ва туро бубинам ва баракати худ ба хонаи ту оварам, набояд ки худованди туро душвор ояд.

Духтар гуфт:

— Маозиллох, ки худовандам дар хамаи олам чуз ман касеро дўсттар надорад ва хамо он кунад, ки ман гўям. Ту аз ин маънй дил фориг дор ва моро аз баракати кудумат махрум магузор.

Ва он ачузаи маккора гуфт:

— Фармон бардорам.

Эшон дар ин мунозира буданд, ки маликзода аз шикор дарасид. Чун дар хона даромад, пиразанеро дид, ки бегонаст, бо духтар дар сухан шуд, пурсид, ки:

— Ин ачуза кист?

Канизак хама ахвол бо ў бозгуфт.

Маликзода хам аз кўдакиву ноозмудагй гумон набурд, ки пиразанеро дар хона намебояд гузошт. Канизакро гуфт:

— Муборак бод! Баракати кудуми бузургон нек бошад.

Пас бо эътикод дасти ў ба рў молид. Пиразан гуфт:

— Ба модарй маро кабул кун.

Маликзода гуфт:

— Кабул кардам.

Зани пир гуфт:

— Ман низ аз худованд пазируфтам, ки мехри туро дар миёни дилу чон чой дихам, як лахза аз дуот фаромўш накунам. Аммо аз чизе андеша намекунам, дидаву даст аз дунёё бидоштам ва тарки дунёё карда, ба дарвешй розй шудаам ва шумо мардумони бузургу нозуктабиат мебошед, мабодо аз омадани ман шуморо малолат афзояд ва гаронй орад. Аз ин сабаб андеша мекунам.

Маликзодаву духтар гуфтанд, ки:

— Маозиллох, кадами мубораки шумо хар чо равад, некбахтии он букъа[1] бошад ва саодати ду чахон дар баракоти туст. Моро чй гуна аз ту малол бошад ва агар хазор сол бар дидан мо

[1] *Букъа* — чо.

нишаста бошй, дида бар хам нанихем. Аз ин маъной дил форғ дор ва химмати кудуми муборак аз мо дареғ мадор ва хонаи моро аз они худ дон ва моро банда ва канизаки худ шумор.

Ин бигуфтанд ва хар ду дасту пояш бибўсиданд ва узрхо хостанд ва ба худову расулу дини ислому каъба савгандаш доданд, ки аз мо бознагардй ва моро аз баракати худ бенасиб магардонй. Чун хангомаву найранг худ гарм карда буд, бархост ва чодари пашмини худ бар сар гирифт ва тасбех дар гардан андохт ва рўй ба рох ниход. Духтар дасташ гирифт ва то дари хона рафт, ўро ба рох кард, бозгардид ва пеши маликзода омад ва гуфт:

— Умед медорам, ки ба баракати ин бузургзода худои таоло моро аз офатхо бирахонад.

Маликзода гуфт:

— Иншооллох таоло!

Модари Шамъун чун пеши писар расид, бихандид ва гуфт:

— Эй писар, рафтам чунон нозанине дидам, ба сад афсунгарй маъшуки ту ба даст овардам алхин[1] дархўрди офтоб аст. Аъён чи ғўям ва чи шарх дихам, ба сад хазор нозу карашма ва чунон мохчабине, ки дар гули рухсораш холи сиёхе ва дар дили ошикон гўё ки доге нихода, зулфи сиёхи мушкини мушкафшон бофта ва тофта, худро парешон чун тори сунбул бар орази чун гул дар печутоб афканда ва худои таоло аз як катраи об чунон мохрўе, гулрўе биёфаридааст, ки агар рўзгори дароз аз пардаи рози малики бениёз аз марг чавоз[2] бошам, аз хазор якеро аз хубиву нек[illegible]ву каду боло ва зарофату хубию малохат ва хусну чамолу нозукиву ширинии ў аз сад хазор якеро натавонам гуфт. Аммо, эй фарзанд, дил форғ дор ва хеч андешае ба дил рох мадех. Чунон найранг дар кори ў кунам, ки дар ин хафта дар канори ту бошад ва аз хаман оламу оламиён бозмонда, бо ту ёрй ғамгусор шавад.

Шамъуни малъун чун аз модар он сифат бишнид, ишки ў яке ба хазор знёда шуд, бими он буд, ки чонаш аз тан биравад. Аммо чун умеди ваъдаи висол шунид, худро бар чой бидошт ва хаман ғамхо ангошт, рўй ба модар кард ва гуфт:

— Эй модар, аз ин беш оташ дар дили ман мазан, саргузашт бигўй, то чй кардай ва ўро ба чи хила ба даст овардй.

Пиразани маккора хар чи рафта ва карда буд, бозгуфт. Аз афсун, ки карда буд, Шамъунро шодй афзуд ва модарро бан-

---

[1] *Алхин* — мувофик.

[2] *Чавоз* — ивазат, гузоштан.

дагй кард ва модараш чун хол бозгуфт, писарро умедвор гардонид. Шаб хама шаб сар дар пардаи хилат фурў бурд ва аз хазор навъ макрхо бияндешид. Рўзи дигар бархост ва ба бозор рафт ва аз хар навъ нафисахое, ки зинонро ва чавононро дархўр бар диданиву пўшиданиву хўрданй, биёвард ва дар пеши хидматкори худ ниход. Ба хонаи маликзода рафт, чун ба хонаи ў расид, он кумошот бистад ва хидматгорро бозгардонид ва худ биёмад ва халка бар дар бизад.

Духтар гуфт:

— Кист?

Пиразан гуфт:

— Зохиди модари туст.

Духтар гуфт:

— Хуш бод!

Бичаст ва дар бикшод. Пиразан даромад ва духтарро салом кард ва дар канор гирифт. Духтар дасташ бўса дод. Пиразан зарофхоро пеш ниход ва дуои бисьёр кард ва то вакти завол[1] он чо буд ва аз хар боб суханон гуфту шунид кард, то ба он чо расид, ки таҳқиқ кард, ки он чома ки бофтааст. Духтар пеши он Мухтолаи даллола хони таом бигустаронид. Чандон ки чахд кард он зан хеч чиз нахўрд, фоида надошт. Заволгох бархост ва бозгашт пеши писар омад ва ахвол бозгуфт ва писарро маълум кард, ки он чомаро ў бофтавст. Он гох гуфт:

— Дил фориг дор, ки ман он духтарро дар канори ту мебинам.

Шамъуни шум бар модар дуо кард ва модараш хар рўз бомдод рафтй ва зарофхо аз мушку анбар ва аз хар чизи нафису латиф тоза ба тоза мебурдй, то вакти завол он чо будй, он гох бозгаштй ва маликзода аз бомдод то ними рўз аз шикор бозрафтй ва омадй ва бо духтар хамеша хуш будй ва духтар он чи он пиразан оварда буд, маликзода аз сайду шикор худ омад, як ба як хамаро ба маликзода намуд. То як мох баромад, як рўз Шамъуни малъун пеши модар рафт, ба сад хазор гирьяву зорй ва мехнату сўгворй[2] рўй бар замин ниход ва зор-зор бигрист ва модарро гуфт:

— Эй модар, маро дардест, ки токатам ток шуда ва корд ба устухон расид. Агар маро илоч накунй, наздик омад, ки аз ман асар наёбй, ба хар навъ, ки хаст як нафас дидори он мохрўй ба ман намой, вагарна, худро халок хохам кардан.

---

[1] *Завол* — офтобнишин.
[2] *Сўгворй* — азодорй.

Модар ахволи писар бар он гуна дид, писарро дилхушй дод ва гуфт:

— Эй чони модар, фардо бегох ғуломону хидматкоронро бифармой, то хаймаву хиргох ба фалон дарвозаи шахр бадар баранд ва бар сари рохи он писар зананд, хидеванди он канизак аст, хар рўз аз он дарвоза ба сайду шикор бурун меравад ва меояд. Ту бо харифону надимону мутрибон ба дари хайма бинишин ва домани хайма барандоз ва дар рохи он чавон нигох мекун ва шароб мехўр, шодиву нишот мекун, то он гох, ки аз шикор бозояд, ночор гузараш ба сўи ту хохад буд. Он чо расид, ту бурун рав ва ўро ба ачзу шифоат фуруд овар ва хидмат мекун, то фуруд ояд. Чун кабул кунад, дархол хон пеш овар то чизе бихўрад. Чун таом хўрда бошад, шароб пеш овар. Агар нахўрд, се талок ёд кун, ки туро се кадах мебояд хўрд. Чун кабул кунад, он дорои бехушй, ки туро оварда додаам, дар бода бикун, то бозхўрад ва бехуш шавад ва ғуломони худро бифармой, то ўро бардоранд ва ба кушки ту ованд. Он гох маро хабар кунй, то тадбир кунам.

Шамъун бархост ва чунончи модараш гуфта буд, хаймаву олоти матбах ва сози мачлис чумла бурун фиристод ва як сурохии симин ва дорои бехушй дар он кард ва чудо бинход ва он гох домани хайма барандохт ва мутрибонро бифармуд, то навои хуш баргирифтанд ва айш мекарданд, то он ки маликзода аз шикор бозгардид. Шамъун бар сари рохаш омад ва инони маркабаш бигрифт, бо сад хазор шифоат вайро дар хайма фуруд овард ва дилнавозй кард ва баъд аз он таом оварданд ва бихўрданд ва шароб хост. Рўй ба маликзода кард ва ба се талоки мутлак савганд хўрд, ки «туро нагузорам то се кадах нахўрй». Маликзода сахт очизу фурў монд ва аз зарурат кабул кард. Шамъуни малъун чун маликзодаро карор дод, ки се кадах шароб бозхўрад, дархол он бодае, ки дорои бехушй дар он буд, як кадах ба маликзода дод. Баъд аз он ду кадах паёпай хўрд ва кадахи дигар ба маликзода дод. Баъд аз он бияфтод ва чунон бехуш шуд, ки аз чахон хабар надошт. Ғуломон ўро баргирифтанд ва ба кўшки Шамъун бурданд. Модарашро хабар кард ва биёмад ва ангуштарини маликзодаро бистад, дархол рохи хонаи маликзода дар пеш гирифт ва биёмад, зуд дар назди духтар. Ба одати хар рўз биёмад ва дараш бикшод ва он малъун даррафт ва духтарро дар канор гирифт ва бозпурсид, гуфт:

— Имрўз бевакт аз он омадаам ки хидеванди ту аз шикор бозгардид, гузораш бар дари сарои мо буд, писарам ўро бидид ва ба сарои худ фуруд овард ва мехмондорй кард ва ба се талок

савганд хўрд, ки туро имшаб нагузорам. Чун аҳвол бад-ин гуна дидам, битарсидам, ки туро дил боандеша бошад. Маликзода низ орзу кард, маро як ангуштарин ба нишона дод, биёвардам, то дилро фориғ дорй. Бархез, ту низ ин ҷо биё, то дар хидмати шумо биёсоям.

Канизак чун ангуштарини маликзода бидид ва ин сухан шунид, баромад ва бо худ гуфт: «Хидеванди ман он ғайрат дорад, ки маро ҳаргиз ба ҷое нахоҳад. Ин ачаб кор аст. Чун бошад, касе, ки намехоҳад офтобу моҳтоб маро бубинад, чй гуна маро ба хонаи дигар металабад?». Дигар гуфт: «Ин зан зоҳиди мўътамад аст ва худошиносу диндор ва ангуштарин аз хидеванди ман аст. Хамоно ки агар салоҳ надидй ва ҷойгоҳ махрам надидй, маро талаб накардй ва... ангуштарин нафиристодй». Чун ин андеша бикардй, он маккораи малъунаро гуфт:

— Эй модар, муддате шуд, ки то ман дар ин шаҳрам аз маҳлуқот офтобу моҳтобро надидаам ва ин сухан бо ту гуфтаам, ҳеч офарида надонад, ки ман хастам ё на. Чй гуна тавонам аз шаҳри ғариб ба хонаи дигарон омадан?

Пиразан гуфт, ки:

— Раво бошад, ту маро аз дида киромитар бошй, мо туро модар дар дуньёву охират бошем, хонаи маро бегона хонй ва чун бузурге, ки муддати сй сол аст нону об ба дуздй нахўрдаам ва рўза накшодаам ва чумлаи бузургону маъруфони Миср дар хасратанд як бор зиёрати ман дарьёбанд ва кадам дар хонаи эшон ниҳам, ҳаргиз нарафтаам ва кадам наниходаам, ин соат чиҳил рўз бошад, то ба иззати нафсу дину диёнат ва зухду ва раъ ба хонаи ту ҳар рўз як бор меоям ва баракати кадам дареғ намедорам, агар ту як бор ба фармону нишони хидеванди хеш хонаи маро мушарраф кунй, ачаб набошад.

Ин мегуфт ва бархост, то ба хашм бозгардад ва духтар ба дасту пояш афтод ва гуфт:

— Эй модар, ин ҳама рост мегўй, аммо аз одати мардон меандешам. Агар хидеванд меомадй, бехтар будй. Агар битавонистй омадан, маро ба ангуштарин нафиристодй.

Духтар бархост ва он пирохану мақнааи мурассаъ, ки сесола хирочи Рум кимат дошт, дарпўшид ва ҳар пирояе, ки дошт, худро бар он биёрост ва чодар дар сар гирифт ва хона дар баст ва бо пиразан рў ба роҳ ниҳод. Он малъуна ўро ба хонаи писар бурд. Чун духтар дидан худ боз кард, хучрае дид, ба сад ҳазор ойин ороста ва ҳеч кас он ҷо надид.

Канизак гуфт:

— Хидевандам кучост?

Ачуза гуфт:

— Ӯ дар сарой бо мутрибону бо харифон ба шароб хӯрдан машғул аст. Ту фориғ биншин ва чодар фурӯ гир ва ин хонаро аз они худ дон, то биравам ба хидевандат хабар кунам, то биёяд.

Канизак пиндошт, ки ин рост меғӯяд, чодар аз сар чудо кард ва хуш биншаст. Модари Шамъуни малъун омад, писарро гуфт:

— Бирав зуд ва хидеванди канизакро кадахи лигар аз он шароб бидех, то бехуд шавад. Чун он карда бошӣ, пеши ман оӣ, то ман бигӯям, ки чӣ бояд кард.

Шамъун бирафт ва маликзодаро бедор кард ва ратли[1] дигар аз он шароб дод. Бехушӣ ханӯз дар он буд, ба маликзода дод, дигар бор бехуштар шуд ва бияфтод, чунон ки хар ки ӯро медидӣ, пиндоштӣ, ки мурдааст. Шамъун дархол пеши модар давид, ки ӯро аз он хол огох кунад. Модараш ангуштарин ба вай дод ва гуфт:

— Бирав дар ангушти ӯ кун, ғуломонро бифармой, то ӯро аз дарвоза бурун баранд ва дар он чо, ки хайман ту буд, рахо кунанд.

Шамъуни малъун хамчунон кард ва мутрибонро баробари болини ӯ биншонд, то пеши вай охиста-охиста мегуфтанд ва ишрат мекарданд ,то маликзода бедор шуд. Чун чашм боз кард, гуфт:

— Ман кучоям?

Шамъун гуфт:

— Пеши май, айшу ишрат мекунӣ.

Маликзода чун девонагон аз чо барчаст, наздики шаб шуда буд. Бар асп савор шуд ва пурандӯх гуфт: «Ин манам, ки харакат кардаам имрӯз аз бомдод то шаб бе рӯи он дилбар ба сар барам. Сад хазор лаънат ба шаробхорагӣ бод, ки аврате бекасу бе ҳамнафас дар хона гузоштаам ва ман ба ишрат ба шароб машғулам. Марги ман бод, ин хафоз[2] марост» Ва худро нафрин мекард.

Шамъуни малъун чун маликзодаро ба рох кард рӯ ба хона ниход ва фармуд, то хаймаву хиргох чумла биандохтанд ва ба шахр бурданд ва аз он рох пеши модар рафт.

Модараш гуфт:

— Эй писар, кори ман ин буд, ки кардам, бокиро ту донӣ. Духтарро овардам ва дар хучра кардам. Бархез ва пеши ӯ рав ва ба мадори ӯ талаттуф бо вай бигӯй.

---

[1] *Ратл* — паймонаи калон.

[2] *Хафоз* — пастӣ, дунӣ.

Шамъун бо модар гуфт:

— Нахуст биравам ва худро муаттар созам, он гоҳ пеши ӯ равам.

Чун модари Шамъуни малъун духтарро дар ҳуҷрае кард ва дарашро маҳкам баст, духтар як-ду соат сабр кард, маликзода пеши ӯ наёмад. Духтар бо маликзода хусумат мекард ва мегуфт: «Мебинӣ, ки ӯро чандон ҳаваси шаробу ишрат гирифта, ки як лаҳза пеши мо намеояд». Чун намози бомдод бигзашт, маломат чанг дар доманаш зад ва бо худ гуфт: «Ин чи маънӣ дорад, маро аз хона бурун овардан, ба хонаи бегонагон нишондан ва ҳеҷ аз ман хабар нагирифтан? Албатта аз чизе холӣ нест. Оҳ ки чун ҳидевандам ба хона равад ва маро ба хона набинад, ба ҳаёлоти фосид худро ранҷур гардонад ва бар ман гумонбар шавад». Соате аз ин навъ андеша кард, то шаб дар ин фикрҳо буд ва мегуфт: «Ин модарҳондаи маро чи афтода, ки гирди мо намегардад». Дар ин андеша бархост ва дар паси дар омад, то магар касеро бонг занад ва зани зоҳидро бихонад. Чун даст бизад дарро баста дид, таҳқиқ донист, ки ин макр будааст. Гуфт: «Оҳ ки маҳкам афтодам» ва аз ҷой биҷаст гирди хона баромад, ҳанҷаре дид, чун катраи обдор аст. Ӯро гирифт ва гуфт, ки «агар имшаб худованди хонаро набинам ва ҳол бар ин навъ бувад, бар ин ҳанҷар худро ҳалок гардонам». Ин бигуфт ва зор-зор бигрист ва ҳар лаҳза домани андеша бигрифтӣ ва ҳайлаш мустаҳкам шудӣ, ки «маро ба фасле ақл аз ман рабуданд ва дар ин хона овардаанд». Як-ду бора бо худ гуфтӣ, ки «Пиразан қойимуллайл ва сойимуннаҳор[1] бо ин ҳама вараъ ва диндорӣ ӯро ин кор бошад» ва дар ин андеша буд, ки ногоҳ овози кушодани дари хона омад ва дар бикшоданд. Духтараки кӯчакро дид, шамъ дар шамъдони симин нихода биёвард ва ба наздики ӯ бинҳод ва аз таоқиби ӯ Шамъуни малъун биёмад. Духтар нигоҳ кард, он малъунро дид, ки ба либосҳои гаронмоя худро ороста. Чун даромад, дари ҳуҷраро маҳкам баст. Чун духтар марди бегонаро дид, зуд ҳанҷарро бигрифт ва гуфт:

— Ту чӣ касӣ?

Шамъун гуфт:

— Манам бандаи камтарин, манам оҷизу дармондаи ту. Ман он касам, ки ҷумлаи Миср дар фармони ман аст, ман дар фармони ту.

Ин мегуфт ва менолид. Духтар чун ин ҳол бидид, ҳафт андомаш чун бод биларзид ва гуфт: «Дарафтодам ва чандинсола но-

---

[1] *Қойимуллайл ва сойимуннаҳор* — шабзиндадор ва рӯз рӯзадор.

мусу нанг бар бод додам. Сад хазор лаънати худо бар пиразанои бод. Овах[1], намедонам, ки худованди маро ҳоли дида чист». Мегуфт, ки худро дар ин хучра халок кунам, боз худро нигоҳ медошт. Гуфт: «Сабр кунам, то ин хол маро аз аввал то ба охир маълум шавад. Бозпурсам, ки хидевандам кучост».

Пас малъунро гуфт:

— Сар аз замин бардор, маро бигӯй, ки ту чи касӣ ва ин пиразани зохид кучо ва хочаи ман кучост ва ту маро дар кучо дидай? Агар хохӣ ман худро бо ту якдил кунам, ин хикоят бо ман бигӯй.

Шамъуни малъун дар вай нигох кард, дид ханчари чун катрани обдор дар даст гирифтаст, тарсид ва аз ӯ дур биистод ва гуфт:

— Эй дилбари мохрӯй, бидону огах бош, ки мардеям, ки дар Миср аз ман мӯҳтарам касе нест ва чумлаи бузургони Миср дар химояти ман оянд ва омили подшох манам. Муддате шуд, ки надида туро ошиқ шудаам ва саргардон. Чун тоқатам тоқ шуд ва бечора шудам, ба сад макру хила ва он ачуза, ки дидӣ, модари ман аст, низ фиристодам, то туро ба дому тадбир ба даст овардам. Акнун маро ба бандагӣ қабул кунӣ, то камари бандагии ту бар миёни чон бандам ва сар аз амри ту бурун наёварам.

Чун духтар ин шунид, охе аз миёни чонаш баромад, ки аз дуди охи духтар хама олам сиёҳу торик шуд.

Духтар гуфт:

— Ту маро кучо дидӣ ва чун шиносӣ?

Шамъун гуфт:

— Ман ҳаргиз туро надидаам. Он чомахо, ки бофта будӣ, ман ҳаман ӯро харидаам ва нодида бар он шаклу сурату соид, ки бар он чома накш карда будӣ, ошиқтар шудам. Чун дармондам, хочаат ба даст овардам ва масташ кардам ва ангуштарин аз дасташ бадар овардам ва ба дасти модари худ ба ту нишона фиристодам ва туро бад-ин хилат ба даст овардам ва пас дигарбора ангуштарин дар дасташ кардам ва ҳамчунон ӯро дар сахро раҳо кардам. Ахвол ин аст, ки намудам ва боқӣ ту донӣ.

Духтар тааччуб кард ва ахволи чунинро тамом бишнид, донист, ки кор аз даст рафт, гуфт: «Агар дар кор хомӣ кунам, сӯхта шавам. Чун ба нодониву аблаҳӣ ба кавли пиразан оташ дар худ ниходам ва чун мурғи зирак дар доми бало афтодам, аклро кор бояд фармуд, то ҳамчунин, ки маро ба хилати худ биёвар-

---

[1] *Овах* — оҳ.

дандам, магар ман низ ба хилат худро тавонам раҳонид. Агар максуд барояд фабиҳо[1], вагарна, худро ҳалок гардонам».

Рӯй ба Шамъун кард ва гуфт:

— Эй мард, бидон, ки ман хидеванди худро дӯст медорам ва ӯ маро ба сад ҳазор меҳнату бечорагӣ ба даст овардааст ва маро баробари ҷавоҳир харидааст. Ин кадар ҳақиқат бидон, ки аз ман коре ба муроди ту бар нахоҳад омад. Ба офаридагори олам, аз он ҷо ки ҳастӣ, агар як қадам пеш биёй ва ба ман даст дароз кунӣ, бар ин ханҷар шиками худро бишкофам ва агар дарьёбам, туро зуд ҳалок кунам. Туро он беҳтар бошад, ки судои[2] худро надамӣ ва бар оташ беҳуда нанишинӣ. Чун маро ба даст овардӣ, бигзор, то ман ба охистагӣ меҳри дӯстии хидеванди худро аз дил берун кунам ва бо ту хуш бароям ва ту чунон хоҳӣ, мекун.

Он суханони бефоида бишнид ва он ханҷари чун қатраи об дид... он малъун битарсид, ӯро ба хамон ҷойгоҳ раҳо кард ва дараш маҳкам барбаст ва дар пеши модари худ омад ва ҷумлаи ахвол ба модар гуфт. Модараш гуфт:

— Ҳеҷ ғам маҳӯр, ҳар чи ӯ гӯяд, ҳамон кун, чаро ки кор ба мадоро ва талаттуфу охистагӣ мешавад. Имшаб ба гирди дараш мегард, то фардо чӣ хоҳад пеш ояд.

Шамъун гуфт:

— Чунин кунам.

Модарро узр хост ва ба хонаи худ рафт.

Духтари бечора дар гӯшаи танҳой дар он хона чандон ба сару рӯи худ бизад, ки наздик буд ҳалок гардад ва аз бисьёрии гирьяву зорӣ дар кунҷи бехудӣ бияфтод. То рӯз сели ашк аз дида меборид. Рӯзи дигар чуҳуд биёмад ва дарро бикшод ва дар пеши канизак рӯй бар замин бинҳод ва дур биистод ва гуфт.

— Эй санам, бар таскин дил форғ дор. Ман он кунам, ки дили ту хоҳад. Ғам ба дил доштан надорад суд. Бо казои худой конеъ шав, дилро ба ин бандаи худ банд, то ман ба бандагият миён дарбандам.

Духтар чун девонагон аз ҷой ҷаст. Ҳеҷ намехӯрд ва намеошомид, то карор бар ин доданд, ки Шамъун муддати як сол аз вай дур бошад ва пеши вай наёяд ва бо ваяш кор набошад ва ду канизаки кӯчак пеши вай бошад, аз баҳри хидмати ӯ. Чун ин карор доданд, Шамъун рӯй бар замин ниҳода, гирьён-гирьён забон баркушод, ки:

— Эй сурмаи дидаи хуршед хоки қадамат ва эй силсилаи Ноҳид халкаи зулфи пурҳамат, ман бандаи туям, подшоҳи ман

---

[1] *Фабиҳо* — мувофики максад.
[2] *Судоъ* — дарди сар.

туй ва чуз аз дидори ту маро тамаъ нест. Аз дур ба дидани ту розй шудаам, ба хар хол, ки хаст хеч офарида туро аз дасти ман бурун наметавонад овард ва агар имрӯз набошад, фардо ва агар имсол набошад, соли дигар. Маро чандон сабр аст, ки ту дил форигг дор ва хуш бош. Бокй мумкин нест, ки агар маро аз миёнам ба ду ним зананд ва ба оташам сӯзонанд, аз ту даст кӯтоҳ накунам.

Он гоҳ ин байтро гуфт:

Байт:

Гар сар бибурй ба зулфикорн тезам
Бе сар бидавам, ба доманат овезам.

— Арз аз тасде[1] ва тавил[2] ин аст, ки туро нек маълум гардад, ки хама олам чамъ гарданд, туро аз дасти ман халос натавонанд кард. Ба сад хазор чон маро дар ишк худчӯй нарастй.

Ва ин суханон бигуфт аз пеши духтар ба назди модар бирафт ва ахвол ба модар гуфт. (Модараш гуфт:)

— Ту савганд махӯр. Хар чи ӯ гӯяд, оре гӯй.

Шамъун ду канизак аз бахри хидмат кардани духтар фиристод ва хар чи дар олам аз зароифу латоифтироз пӯшиданиву хӯрданй ва густурданй буд, тамомат дар хучраи ӯ фиристод ва ходимеро ба дари хучраи ӯ нишонд. Ва дар пушти хучраи ӯ хонае буд, чунон ки даричахо дар майдон ва кӯчаи рохгузар дошт, макоми духтар дар он чо бисохт, чунон ки бар хар гӯша нигох мекард ва зор-озр мегирист ва бо худо ахд кард, ки «то рӯи маликзодаро набинам ва бо ӯ нанишинам, рӯза накшоям».

Акнун шумо ду калимае аз ахволи маликзода шунавед, ки холи ӯ ба кучо расид ва аз сари ӯ чи вокнахо гузашт.

Чун маликзода аз он бехушй бо худ омад, худро бар он кушк афтода дид, сахт фурӯ монд, бо худ гуфт: «Ман кучо равам? То чи вакт ин чо афтодаам? Ин чи хол аст?» Ва бархост ва халка бар дар зад ва хичил мегуфт, ки «ман чавоби канизакро чй дихам ва чй гӯям, ки ман як шабонарӯз туро дар хона рахо кардам ва ман кучо рафтам?». Дар ин васваса чандон ки дарвозаро мезад, чавоб намеёфт. Очиз шуд ва чашмаш торик шуд. Хурӯш баровард чунон ки хамсоягон гирд омаданд ва чандон ки чора карданд дар натавонистанд кушодан ва хамсоягон аз рохи бом рафтанд ва дар бикшоданд ва маликзода даруни хона рафт, канизакро надид ва даст бизад ва гиребон то ба доман чок кард ва вовайло баровард ва худро чандон ба дару девор зад, ки бе-

[1] *Тасдеъ* — дарди сар додан.
[2] *Тавил* — дароз.

хуш бияфтод. Ҳалаи хамсоягон дар хонаи ӯ ҷамъ омаданд ва бар ахволи ӯ нигаристанд. Ва маликзода ҳар вақт ба хуш омадан ва нолаву зорӣ мекардӣ ва мегуфтӣ, ки «эй Ҷавоҳирии ман!» ва сари худ бо ҳавор мезадӣ ва боз бехуш мешудӣ. Мардумон забон бикшодаанд ва мегуфтанд, ки:

— Во дарегоҳ ки ин ҷавони покиза девона шудааст!

Яке дигар мегуфт, ки:

— Магар ҷавоҳире чанд доштааст, аз ӯ дуздидаанд.

Ҳар касе бо ҳаваъе чизе мегуфт ва бар ҷавониву дармондагии ӯ гирьяву зорӣ мекарданд. Қариб се шабу рӯз он бечора хӯрду хоб надошт ва аз ҳазор фарьёду зорӣ мекард. Рӯзи чаҳорум савдозадаву дилҳа дар кӯчаву бозору маҳаллаҳо мегардид ва «Ҷавоҳирӣ, Ҷавоҳирӣ!» мегуфт ва ба дасти рост санг, ба дасти чап ҷанг бар сари худ мезад ва озорӣ мекард. Ва ҳар ки ӯро бад-он ҳол меҳиҷ, аз баҳри ӯ хун меборид. Ҷавоне медиданд сахт покиза ва ҳарри шоҳиву мардумзодагӣ дар ӯ пайдо буд ва бад-он сифат ранҷуру маҳҷур мегашт, «Ҷавоҳирӣ» мегуфт ва менолид ва ҳар ҳолаш мепурсиданд, ба ҷуз «Ҷавоҳирӣ» чизе намегуфт, то ки аз панҷ рӯз аз тоқат даромад ва бар бистари мариз афтоду ранҷур шуд. Ҳама рӯз бар сар хоқ мепошид.

Шамъун ки ҳамро баргумошта буд, то ҳар чи маликзода мекард, он сагро ҳалум мекарданд. Чун маликзода мубталову бетоқат бар сари зори Миср бияфтод, Шамъунро хабар карданд. Шамъун ба наздики модар омад ва гуфт:

— Эй модар, воқиа чунин афтодааст. Ҷумла аҳли Миср дар ин гуфтугӯ будаанд ва маро сад ҳазор душман аст ва аз ҳидеванди ин канизак ҳамин нестам. Метарсам, ки чун мусулмонони Миср ӯро бадин ҳол бубинанд ба дари сарои подшоҳаш бубаранд. Подшоҳ фаҳҳус ва таҷассус намояд ва мо расво шавем. Пеш аз он ки воқиа нашуда, тадбире кун. Гуфтаанд: «Илоҷи воқиа қабл аз вуҳуъ бояд кард».

Модараш гуфт:

— Чун турро аз ин ғам мебошад, аз ин андеша матарс. Ҳам имшаб ду-се ҳамро бифирист то он писарро дар ҳар кучо ки ёбанд, ҳалок кунанд ва дар чоҳе андозанд. Чун аз ӯ фориғ шавӣ, ҳам духтаро ту бимонад ва ҳам «сарбурида бонг назанад». Ту низ эмин шавӣ ва духтар низ баякборагӣ тамаъ аз ӯ бардорад ва дил ба ту супорад.

Ва Шамъун ҳамалъунро ин сухан бағоят хуш омад. Он гоҳ ҳуррамхотир ҳаҳост ва панҷ мардро бифристод, ки маликзодаро ҳалок кунанд. Он чамоати ҳаромзодагон биёмаданд ва ӯро бар сари роҳ ҳамсоя диданд, бо худ гуфтанд, ки ин ҷо чаҳорсӯ-

бозор аст ва мардум меомаданд ва мерафтанд, набояд ки бар сари ин кор касе биёяд ва бубинад ва ин ахволро маълум кунад ва мо расво шавем. Сабр кунем, то торикгар шавад ва пои мардум ором гирад, он гох дароем ва ўро халок кунем ва дар чохе афканем. Бар ин иттифок карданд, хар кадом чое рафта пинхон шуданд ва кордхо баркушоданд, то маликзодаи ғарибро халок кунанд. Худои таоло чунин такдир карда буд, ки хамон соат вазири подшох аз пеши подшох ба хонаи худ мерафт. Во эъзози бисьёр ва шамъу машъалаи бешумор меомад. Чун бар он маком расиданд, мардумонро чашм бар маликзода афтод, вазирро хабар карданд. Вазир бо шамъу фонус бар сари маликзода омад, чавоне дид, чун мохе афтода ва осори бузургиву подшохй аз ў зохир гашта. Вазир пиндошт, ки ў магар маст аст. Бифармуд, то бедораш кунанд. Маликзода аз сустиву бетокатй бар пой натавонист истод ва чашм боз кард, вазирро гуфт, ки:

— Чавохирй, Чавохирй.

Вазир аз он мардум пурсид, ки:

— Ахволи ин чавон чист? Дили ман гувохй медихад, ки аз вокиае холй нест.

Чавоне ўро дар шахр ғиревону гирьён дида буд, гуфт:

— Эй худованд, ин чавон чанд рўз аст, ки бо чоман дарида дар махаллаву бозорхо мегардад, «чавохир, чавохир» мегўяд ва худро мекушад. Бад-он монад, ки ўро чавохири бисьёре будааст ва аз вай дуздидаанд ва аз он ғам девонааст ва парешону чомадарида ва синаи худро харошида дар ин шахр мегардад ва заррае аз обу нон ба шиками ў нарасидааст.

Вазир чун ахволи ўро дид, дилаш бар маликзода сўхт, бифармуд, то ўро бигрифтанд ва ба хонаи вазир бурданд ва некў бихобониданд. Рўзи дигар ўро ба гармоба бурданд ва риоят карданд, то ў андак кувват ёфт ва дар таом хўрдан даромад. Вазир фармуд, ки то дастае чоман покиза дар ў пўшониданд. Он гох ба наздики худ хонд. Маликзода чун вазирро бидид, хидмат кард. Вазир ўро бинвохт ва гуфт:

— Эй писар, дил хуш дор ва ахвол аз ман пўшида мадор. Бидон, ки ман вазири подшохам ва мухими ту аз ман барояд ва хар чи хаст, бо ман бигў, то ман ивази он бидихам ва тафаххус кунам ва ишонро ба даст оварам, молу чавохири ту бозбистонам. Чони худро аз барои мол чаро ба бод медихй?! Молро иваз бошад ва чонро иваз набошад.

Маликзода чунин сухан бишнид, рўй бар замин нихад ва оби хасрат дар дида бигардонид, ахволи худро аз аввал то ба охир

як ба як бо вазир бигуфт. Вазир чун ахволи ӯ бишнид, мутаҳайиру ҳира бимонд. Даст бар даст мезад ва мегуфт:

— Ҳаргиз аз ин ачибтар ахвол набошад.— Он гоҳ гуфт, ки:— Ҳеҷ ғам махӯр, дил фориғ дор ва хонаи ман хонаи худ дон ва тафарруҷ[1] мекун, ки ман тадбири ин кор бикунам, иншооллоҳ таоло.

Маликзода дасташ бибӯсид. Вазир ӯро дар канор гирифт ва дилхушиҳо дод ва дар утоки худ ӯро маком дод ва кас фирисгод ва хонаву макому асбоб хифз намуданд. Он гоҳ чанд рӯз маликзодаро шаробу таоми мувофик доданд, то якборагӣ ба аклу ҳуши худ бозомад. Чун донист, ки қуввати тамом ёфт, ӯро ба хидмати подшоҳ бурд ва дар хилват аҳволу саргузашт ба подшоҳ гуфт. Подшоҳ аз ин воқиа ачаб фурӯ монд, вазирро гуфт:

— Сари маро дӯст медорӣ, ҳар чи мумкин бошад эҳтиёҷу тадбир дар кори вай ба ҷой оварӣ, то бошад ки ӯ ба максудаш расад.

Вазир рухсат ёфт ва ба хонаи худ омад, ғуломи саклобӣ[2] дошт, бисьёр донову зирак буд. Ғуломро гуфт:

— Ман туро коре мефармоям, ки агар он кор тамом фармой, аз моли ман озод бошӣ ва дигар чизҳо ва инъомҳо бидихам.

Ғулом гуфт:

— Ҳар чи фармой, ҷон супорам.

Пас вазир маликзодаро бихонд ва нофаи мушк ва кадре уду анбар ва бӯйҳои хуш ба вай дод ва гуфт:

— Ин бӯйҳои хуш туро бар дӯш мебояд гирифт ва ба шакли атрфурӯшон баромада, бо ин ғулом гардӣ, ки ин писар кӯчаҳо ва маҳаллаҳои Мисрро хуб медонад, хамроҳ бигардӣ ва бонг мекун ба атрфурӯшӣ. Агар ин канизак ҳанӯз дар шаҳр бошад, ба ҳар ҷо ки хаст, чун овози ту бишнавад, рӯй ба ту бинмояд. Чун бидонам, ки ӯ кучост, бурун овардан осон бошад.

Чун маликзода ин сухан бишнид, бағоят умедвор шуд ва бархост ва пойдоне дар пой кард ва худро ба шакли атрфурӯшон баровард ва дар акиби ғуломи саклобӣ афтод ва гирдогирди кӯчаҳову маҳаллаҳо баромад ва бонг ҳамекард, ки «мушку уду анбар ва бӯйҳои хуш дорам!».

То се рӯз ба гирди маҳаллаҳо баромад, чунон шуд, ки ҳеҷ маҳалла намонд, ки эшон гардиданд, илло ки маҳаллаи Шамъун, ки он ҷо нагардидаанд. Вазир аҳвол аз ғулом пурсид, ғулом гуфт, ки:

---

[1] *Тафарруҷ* — дилхушӣ, осоиш.
[2] *Саклобӣ* — славянӣ.

туй ва чуз аз дидори ту маро тамаъ нест. Аз дур ба дидани ту розй шудаам, ба хар хол, ки хаст хеч офарида туро аз дасти ман бурун наметавонад овард ва агар имрўз набошад, фардо ва агар имсол набошад, соли дигар. Маро чандон сабр аст, ки ту дил фориғ дор ва хуш бош. Бокй мумкин нест, ки агар маро аз миёнам ба ду ним зананд ва ба оташам сўзонанд, аз ту даст кўтоҳ накунам.

Он гох ин байтро гуфт:

Байт:

Гар сар бибурй ба зулфикори тезам
Бе сар бидавам, ба доманат овезам.

— Арз аз тасде[1] ва тавил[2] ин аст, ки туро нек маълум гардад, ки хама олам чамъ гарданд, туро аз дасти ман халос натавонанд кард. Ба сад хазор чон маро дар ишк худчўй нарастй.

Ва ин суханон бигуфт аз пеши духтар ба назди модар бирафт ва ахвол ба модар гуфт. (Модараш гуфт:)

— Ту савганд махўр. Хар чи ў гўяд, оре гўй.

Шамъун ду каниэзак аз баҳри хидмат кардани духтар фиристод ва хар чи дар олам аз зароифу латоифтироз пўшиданиву хўрданй ва густурданй буд, тамомат дар хучраи ў фиристод ва ходимеро ба дари хучраи ў нишонд. Ва дар пушти хучраи ў хонае буд, чунон ки даричаҳо дар майдон ва кўчаи рохгузар дошт, мақоми духтар дар он чо бисохт, чунон ки бар хар гўша нигоҳ мекард ва зор-озр мегирист ва бо худо ахд кард, ки «то рўи маликзодаро набинам ва бо ў нанишинам, рўза накшоям».

Акнун шумо ду калимае аз аҳволи маликзода шунавед, ки холи ў ба кучо расид ва аз сари ў чи вокиаҳо гузашт.

Чун маликзода аз он беҳушй бо худ омад, худро бар он кушк афтода дид, сахт фурў монд, бо худ гуфт: «Ман кучо равам? То чи вакт ин чо афтодаам? Ин чи хол аст?» Ва бархост ва халка бар дар зад ва хичил мегуфт, ки «ман чавоби каниэзакро чй дихам ва чй гўям, ки ман як шабонарўз туро дар хона рахо кардам ва ман кучо рафтам?». Дар ин васваса чандон ки дарвозаро мезад, чавоб намеёфт. Оҷиз шуд ва чашмаш торик шуд. Хурўш баровард чунон ки хамсоягон гирд омаданд ва чандон ки чора карданд дар натавонистанд кушодан ва хамсоягон аз рохи бом рафтанд ва дар бикшоданд ва маликзода даруни хона рафт, каниэзакро надид ва даст бизад ва гиребон то ба доман чок кард ва вовайло баровард ва худро чандон ба дару девор зад, ки бе-

---

[1] *Тасдеъ* — дарди сар додан.
[2] *Тавил* — дароз.

хуш бияфтод. Чумлаи хамсоягон дар хонаи ӯ ҷамъ омаданд ва бар ахволи ӯ мегиристанд. Ва маликзода ҳар вақт ба хуш омади ва нолаву зорӣ мекардӣ ва мегуфтӣ, ки «эй Ҷавоҳирии ман!» ва сари худ ба девор мезадӣ ва боз бехуш мешудӣ. Мардумон забон бикшоданд ва мегуфтанд, ки:

— Во дарего, ки ин ҷавони покиза девона шудааст!

Яке дигар мегуфт, ки:

— Магар ҷавоҳире чанд доштааст, аз ӯ дуздидаанд.

Ҳар касе ба навъе чизе мегуфт ва бар ҷавониву дармондагии ӯ гирьяву зорӣ мекарданд. Кариб се шабу рӯз он бечора хӯрду хоб надошт ва сад ҳазор фарьёду зорӣ мекард. Рӯзи чаҳорум савдозадаву девона дар кӯчаву бозӣ маҳаллаҳо мегардид ва «Ҷавоҳирӣ, Ҷавоҳирӣ!» мегуфт ва ба дасти рост санг, ба дасти чап ҷанг бар синаи худ мезад ва озорӣ мекард. Ва ҳар ки ӯро бад-он ҳол медид, аз баҳри ӯ хун меборид. Ҷавоне медиданд сахт покиза ва фарри шоҳиву мардумзодагӣ дар ӯ пайдо буд ва бад-он сифат ранҷуру маҳҷур мегашт, «Ҷавоҳирӣ» мегуфт ва менолид ва ҳар ки аҳволаш мепурсиданд, ба ҷуз «Ҷавоҳирӣ» чизе намегуфт, то баъд аз панҷ рӯз аз тоқат даромад ва бар бистари мариз афтод ва ранҷур шуд. Ҳама рӯз бар сар хоқ мепошид.

Шамъун мардумро баргумошта буд, то ҳар чи маликзода мекард, он сагро маълум мекарданд. Чун маликзода мубталову бетоқат бар сари бозори Миср бияфтод, Шамъунро хабар карданд. Шамъун ба наздики модар омад ва гуфт:

— Эй модар, воқиа чунин афтодааст. Чумла аҳли Миср дар ин гуфтугӯ буданд ва маро сад ҳазор душман аст ва аз ҳидеванди ин канизак эмин нестам. Метарсам, ки чун мусулмонони Миср ӯро бад-ин ҳол бубинанд ба дари сарои подшоҳаш бубаранд. Подшоҳ тафаҳҳус ва таҷассус намояд ва мо расво шавем. Пеш аз он ки ин воқиа нашуда, тадбире кун. Гуфтаанд: «Илоҷи воқиа қабл аз вуқӯъ бояд кард».

Модараш гуфт:

— Чун туро аз ин ғам мебошад, аз ин андеша матарс. Ҳам имшаб ду-се ғуломро бифирист то он писарро дар ҳар кӯчо ки ёбанд, ҳалоқ кунанд ва дар чоҳе андозанд. Чун аз ӯ фориғ шавӣ, ҳам духтар бо ту бимонад ва ҳам «сарбурида бонг назанад». Ту низ эмин шавӣ ва духтар низ баякборагӣ тамаъ аз ӯ бардорад ва дил ба ту супорад.

Ва Шамъуни малъунро ин сухан бағоят хуш омад. Он гоҳ хуррамхотир бархост ва панҷ мардро бифристод, ки маликзодаро ҳалоқ кунанд. Он ҷамоати ҳаромзодагон биёмаданд ва ӯро бар сари роҳ афтода диданд, бо худ гуфтанд, ки ин ҷо чаҳорсӯ-

— Дар ҳама шаҳр ҳеҷ чое намонд, ки гардидем, илло маҳаллаи Шамъун, ки раиси Миср аст.

Вазир гуфт:

— Он ҷо низ биравед. Агар он ҷо набошад, чораи дигар кунем.

Пас рӯзи дигар маликзодаву ғулом дар он маҳаллат рафтанд. Чун ба наздики кӯшку хуҷраи он малъун расиданд, маликзода бонг баровард. Канизак бар сурохии он хуҷра, ки ҷои худ сохта буд, ногоҳ овози маликзодаро шунид. Аз дарича нигоҳ кард, хидеванди худро дид, ҳама аъзояш биларзид, бими он буд, ки беҳуш гардад. Ба машаккати тамом худро нигоҳ медошт. Канизаки ходимро гуфт:

— Биравед пеши атрфурӯш, порае атр биёред, то бихарам.

Ходим бархост ва ба зер рафт. Канизак аз дарича санге ба зер андохт, ба маликзода зад. Маликзода бар дарича нигоҳ кард, канизакро дид. Канизак ангушт бар лаб ниҳод, ки хомӯш бош. Маликзода аз ҳой хост дарафтад ва худро ба мардӣ нигоҳ медошт. Он ходим омад. Маликзода тубраи хушбӯй ва ҳамаи атрҳо, ки дар ӯ буд ба ходим дод ва ангуштарини худро дар миёни атр ниҳод. Ходим тубраи атр пеши канизак бурда ниҳод ва канизак порае уду анбар бурун меовард, яъне ки мебинам. Ангуштарини хидеванди худ бидид ва баргирифт ва пинҳон кард ва ангуштарини худ дар миёни атрҳо ниҳод ва қадре анбар бихарид ва зар бидод ва гуфт:

— Фардо аз ин бештару некӯтар биёваред, то бихарам.

Маликзода гуфт:

— Ба ҷои миннат дорам.

Он гоҳ тубра бистад ва нигоҳ кард, ангуштарини канизак дар миёни атрҳо ниҳода буд, биёфт. Чун мурдае, ки рӯҳ бияфзояд, ҷонаш тоза шуд ва ангуштарин бибӯсид ва бар дида ниҳод, шоду хуррам шуд ва ба сарои вазир рафт ва аҳвол ӯро маълум гардонид ва ангуштарин бинмуд. Вазир хуррам шуд ва гуфт:

— Алҳамдулиллоҳ, ки акнун дил хуш дор. Канизак чун туро дид, чорае бикунад. Аммо эй писар, бидон ки Шамъун малъунест, ки ҷумлаи шаҳри Миср бад-ӯ вобаста аст ва тааллуқ ба ӯ дорад. Агар ӯ ҳоҳад, ки моро маъзул[1] кунад, тавонад кард, ба бадии ӯ ҳеҷ натвонем кард. Ту дил хуш дор ва сабрро кор фармой, то магар чораву тадбири гурехтан кунад.

Маликзода шаб то рӯз хуррам буд ва низ он ангуштариро бар дидаву сина мемолид.

---

[1] *Маъзул* — фуровардан.

Канизак чун маликзодаро бидид ва атр бихарид, хуррам шуд ва он атр пеши худ нихоҳ ва ҳар дам мебӯсид ва бар худ мемолид ва мегуфт:

Байт:

Чашмам чу бар он орази гулранг афтод,
Дарҳол миёни маню дил ҷанг афтад.

Ва ин мегуфт ва шодӣ мекард. Чун ходим канизакро чунон дид, ба модари Шамъун гуфт, ки:

— Имрӯз канизак аз ҳама рӯз хуштар буд. Атрфурӯш бар дар омада буд, порае атр бихарид, ва гуфт: «Фардо дигарбора биёвар, то бихарам».

Модар пеши Шамъун рафт ва гуфт:

— Муждагонӣ деҳ, ки духтар дар кор даромада ва атр харидааст ва дигаре худи ин нишонаст, ки ғолия хоҳад омехтан аз баҳри ту.

Бағоят хуррам шуд ва дарҳол давид, бадрае динор ба духтар фиристод ва гуфт:

— Ин бадраро атр бихарад.

Духтар хуш баромад ва харгиз он духтарро чунон хушдил надида буданд. Чун чунон диданд, муждагонӣ ба Шамъун бурданд, умедвор шуд.

Рӯзи дигар вазир маликзодаро як нофаи дигар байзаи анбар ва маблаги уд бо ғуломи саклобӣ дод, бар одати рӯзи гузашта бар дари кӯшки Шамъун фиристод ва духтар нигоҳбонӣ худро аз бомдод гуфт:

— Имрӯз пул бисьёр дорем, кошки он атрфурӯш меомадӣ, то бисьёртар мехаридам, ман ғолия омехтаме.

Бар ин ҷиҳат бар дарича нишаста буд ва рӯҳ медид. Чун маликзода бар он ҷойгоҳ расид, бонг баровард ва ходим аз пеши духтар фуруд омад ва атр пеши духтар бурд. Духтар коғазе навишта буд, аз дарича ба маликзода андохт. Маликзода коғазро баргирифт ва сабр кард, то ходим тубраи атр пеши духтар бурд. Ӯ гуфт:

— Ин атрфурӯш бисьёр марди нек аст. Дар муомилаи дина ва имрӯз ҷумлаи атрҳо фиристод. Ман низ мардумӣ кунам.

Аз он атрҳо порае баргирифт ва ҳазор динор дар тубра нихоҳ ва ба ходим дод, то ӯро ба маликзода супорид. Маликзода он зар бистад ва дуои хайр дар ҳаки ӯ кард ва аз он ҷо бозгашт ва пеши вазир омад ва коғазро бархонд, навишта буд, ки «имшаб ду асп бо созу силоҳи мардона рост карда биёварӣ, ба зери кӯшк мунтазир бош, то ман биёям ва барнишинем ва бигре-

зем, ки дар ин ҷо натавонем буд». Маликзода чун он рукъаро бихонд ва он ҳазор динор бо вазир намуд, вазир он ҳазор динор зари сурх дид, хуррам шуд ва дархол бифармуд, ки:

— Биравед ва ду аспи рохвори некӯ биёваред бо созу силохи мукаммал.

Ва дах ҳазор динор бахри нафаҳа ба маликзода дод. Маликзода бистад ва хидмат кард ва офарину дуо карда ба хонаи худ рафт ва он чи нихода буд бардошт ва ду мардро гувоҳ гирифта, он чи дар хона буд ба ғуломи саклобӣ дод. Вазир чуну чунон дид, дархол, ки ӯ хизмат карда буд, ғуломро озод кард ва дувист динори дигар бад-ӯ дод. Маликзода он зар ба миёни худ барбаст ва бигзошт, то шаб шуд. Вазирро видоъ кард ва силоҳ бипӯшид ва дар аспе биншаст ва як аспи дигарро инон бигрифт ва бар дари кӯшки Шамъун рафт ва мунтазир буд. Казоро, андеша мекард, ки ногоҳ маро касе бубинад. Дар он ҷо як харобае буд ва дар он хароба рафт, аз асп фуруд омад ва аспро инон баргирифт ва чашм дар роҳ мебуд, ба ногоҳ хобаш даррабуд. Чунон такдири худои таоло рафта буд, ки зангии дузде буд ва дар вилояти Миср маком дошт ва дар ҳар муддате ба шаҳр даромадӣ ва хонаи нақиб[1] ва ё хонаи мухташамеро мезадӣ, бисьёр чизҳо бибурдӣ. Дар ин шаб ба касди хонаи Шамъун омада буд. Чун бар он маком расид, ҳанӯз бегохтар буд ва дар он вайрона рафт, то соате биншинад. Чун дар он ҷо рафт, ҷавоне дид, ду аспро инон гирифта, хуш дар хоб рафта. Сиёҳи зангӣ корде баркашид ва ҳар ду инонро аз дасти маликзода пора кард ва якеро савор шуд ва якеро бар даст гирифт ва он силоҳ баргирифт ва бипӯшид ва аз вайрона рӯй ба роҳ ниҳод. Казоро, духтар канизаконро дар хоб карда буд ва ҷумлаи ҷавоҳири худро аз маҳнааву пирохану маблаҳе чизҳои дигар аз они Шамъун баргирифт ва бадар омад. Ба ногоҳ мардеро дид, бар аспе нишаста ва аспи дигар бар даст гирифта. Духтар пиндошт, ки маликзодааст, гуфт:

— Аспро биёвар, то бинишинам.

Сиёҳи зангӣ чун овозро бишнид, дархол аспро пеш кашид. Духтар бинишаст ва он ҳама ҷавоҳиру зарина ба вай дод. Сиёҳи зангӣ бистад ва шамшер баркашид ва рӯй ба роҳ ниҳод ва ба роҳе, ки медонист, бадар рафт ва рӯй ба биёбон ниҳод ва он шаб роҳ мерафт. Сиёҳи зангӣ ҳеҷ сухан намегуфт. Духтар бо худ андеша кард ва гуфт: «Хидевандам бо ман сухан намекунад,

---

[1] *Нақиб* — сардори қабила, пешво.

хамоно ки дар хашм аст, ба хамон сабаб ки бо пиразан аз хона бурун рафтаам, ваиллох ки ман хам низ сухан нагўям». Дар ин андеша, то субх бидамид. Духтар нигох кард, сиёхеро дид хамчун манорае, шамшер кашида рох меравад. Духтар чун ўро бидид, хаман олам пеши чашми ў сиёх шуд ва дуди андўх аз миёни ҷонаш баромад ва худро аз асп фуруд андохт, фарьёд баровард ва гуфт:

— Эй малъуни сиёх, ту чи касй?!

Сиёх чун ўро афтода дид, пиёда шуд ва бар сараш биистод ва ба ў шамшер кашид. Чун назари сиёхи зангй ба рўю мўи духтар афтод ва он каду болои ўро бидид, дасташ сует шуд ва аз кор монд ва ба сад хазор дил бо ў ошиқ шуд. Дар он ҷо сарчашмае буд, нишаст ва духтарро биншонд ва он заринаву ҷавохир пеш ниход ва аспонро ишкел кард. Духтар нафрин бар худ мекард ва бар худои худ менолид. Сиёх ба рўи духтар оҷиз монд.

Духтар забон баркушод ва гуфт:

— Эй ҷавонмард, чун маро шикор кардй, аз даст мадех. Маро аз бахри худ нигах дор. Ман акнун канизаки туям, хаман умр туро хохам будан. Маро чандон мўхлат дех, ки бо ободонне расем, чандон хидмат ба ҷо оварам ки оҷиз шавй. Ман аз тарси хидевандам гурехтаам ва бо ту омадаам. Аз узре ки зануонро мешавад, воқеъ шудааст. Чун узр бартараф шавад, бар хар чи ки дили ту хохад, чунон кунам.

Зангй чунон чарбзабониву малохату латофат дид, волаву хайрони ў бимонд. Даст бар гарданаш кард ва бўсае чанд бар сару рўяш дод ва дур шуд. Чун соате биёсуданд, зангии сиёх духтарро дилхушихо дод, гуфт:

— Маро ба ҷои дигар ба ғайри ту касе нахохад буд. То хама умри ман аст, харгиз зан нахостаам. Туро ба занй қабул кардам.

Духтар сар бичунбонид, аз рўи масхарагй гуфт, ки:

— Дар хамаи ҷахон чун ту шавхаре кучо бошад. Икболу саодат рўй ба ман дорад. Агар ту бо ман бисозй, бандагихот кунам, валекин метарсам, ки бо ман ғадр кунй ва дигаре бар ман бугзинй, маро токате набошад.

Сиёхи зангй гуфт:

— Худо макунад, ки ман бар хилофи ту кор кунам.

Зангй гуфт, ки ин духтар маро дўст медорад ва бархост, аспонро биёвард ва духтарро бар ў нишонд ва худ барнишаст ва рўй дар биёбон ниходанд. То нимаи рўз ба хисори худ расиданд. Духтар касре дид сар бар авҷи осмон кашида ва даре аз фўлод бар ў нихода ва гирдо-гирди он қаср марғзоре буд. Чаш-

маҳои оби равону дарахтҳои фаровон бидид. Зангӣ дари каср бикшод ва духтарро даруни каср бурд ва чанд хонаро бикшод ва заринаву симина, ҷомаву силоҳҳо, ки солҳо ба дуздӣ оварда буд, ба духтар намуд ва гуфт:

— Ин ҳама хазинаву дафина ва кумошот ба ту бахшидам.

Он аспонро дар пойгоҳи ахтахона бубаст ва биёмад ва аз ҳар гуна таом биёварданд. Чун аз таом хӯрдан фориғ шуданд, он гоҳ зангӣ бархост ва тоси миқдори панҷ ман шароб пеш овард ва дар як дам даркашид ва духтарро гуфт:

— Ту низ бихӯр.

Духтар гуфт:

— Ман ҳаргиз шароб нахӯрдаам. Ман чун ҷуфти ту хоҳам будан, айби тамом бошад, ки чун ҷуфти ту шаробхор бошад. Даст аз ман бидор. Чун маст гардӣ, ҷоятро бияндозам ва туро бихобонам ва ман худро биёзмоям ва тартиби кори худ рост кунам, он гоҳ дар канорат гирам ва поят бимолам.

Зангии снёҳро баҳоят хуш омад ва духтарро дар канор гирифт ва он тоси шароби панҷманӣ пур карда бар ёди духтар лоҷуръа даркашид. Духтар дорои бехушӣ ҳамроҳ дошт ва порае баровард ва ҷоми кӯчак пур кард ва бар ёди он зангӣ бар он ҷом шароб рехт ва снёҳро гуфт:

— Ин ҷом аз дасти ман бозбистон ва бихӯр то мехру вафои ман дар дилат ҷой гирад.

Зангӣ аз сари мастӣ бистад ва бихӯрд, чун мурда бияфтод. Духтар чун дид, ки зангӣ бияфтод, бархост ва ба гирди ҳисор баромад, каманди маҳкам ба чанг дароварда, биёмад ва дасту пои зангиро дарбаст ва аз он дорои бехушӣ пораи дигар дар коса бирехт ва дар комаш кард ва порае дар даҳону биннӣ ӯ бирехт бехуштар шуд ва гулӯлабанд кард ва дар он хона ҳар чи чавоҳиру зарина буд, бигрифт ва он чи аз хонаи Шамъун оварда буд, дар хӯрчин кард ва ҷомаи мардонаву силоҳи тамом дарпӯшид ва ҳар ду аспонро зин барниҳод ва дари касрро куфл кард аз берун, рохе ки омада буд, пеш гирифт ва рох мерафт. То ду шабонарӯз рох бирафт, ҳеҷ ҷонвареву одамизоде надид. Рӯзи сеюм ба кӯҳе расид, ки сараш ба уфуки фалак расидӣ. Ба ҳар ҷаҳд бар сари он кӯҳ расид ва дар фуруди кӯҳ нигоҳ кард, марғзоре дид ва дар он марғзор дӯконҳо ва саропардаҳо насб[1] кардаанд ва мардумони бешумор ва галабаи[2] бисьёр дар он ҷо нишаста ва дар ҳар гӯша аспони тозинажод бо

---

[1] *Насб* — сохтан, барпо кардан.
[2] *Галаба* — анбӯҳ.

зину лаҷоми мурассаъ дошта ва ғуломони заринкамар ба хидмат истода буданд ва дар интизорӣ, ки касе аз он ҷонибе кӯҳ фуруд меомада бошад. Чун духтар он ғалабаро дид, рӯй ба эшон овард ва он маҷмаъ чун ӯро бидиданд, вазеу шариф бархостанд ва истикболи духтар бозомаданд ва хидмат бикарданд ва аз эшон аҷаб мемонд ва бо худ мегуфт, ки «ин тоифа чи қавм бошанд ва ин ҳама хидмат чаро ба ман мекунанд?». Пас ин қавм ин духтарро ба саропарда бар сари курсии зарин биншонданд ва ба сурату сират ӯро бидиданд, бар вай офарин мекарданд ва бар сари ӯ зар нисор мекарданд ва мерехтанд. Чун фориғ шуданд, аз миёни он қавм пире бархост ва рӯй ба духтар овард ва гуфт:

— Эй ҷавон, кӯчакӣ, аммо ба ақл бар пирон мемонӣ ва фарри озодагону бузургӣ дорӣ. Бидону огаҳ бош, ки моро подшоҳе буд бо адлу дод ва бо шаквату саховат... Ногоҳ аз ҚАЗОН осмонӣ дасти марг бар ӯ рох ёфт ва рахти подшоҳӣ фурӯ рехт ва дар шаҳри мо чанд касеро таман подшоҳӣ буд ва ҳавохоҳӣ мекунанд ва мардум ду ҳисса шуданд ва ҳар кадом қавм касеро мехостанд. Бар ин сабаб ба хуни якдигар бархостанд ва масофу[1] фитнаҳо барпо карданд. Фитна тамом шуд ва чора он донистем, ки иттифоқ кунем ва ҳар кас, ки аз ин кӯҳ фуруд ояд, подшоҳ ӯ бошад ва бар вай байъат[2] кунем ва ҳокими мо ӯ бошад. Акнун қариб як моҳ бошад вазеу шариф омадем ва чашм ба рох ниходаем, ки худои таоло киро фиристад. Ин соат ту омадай, воҷиб шуд, ки тоҷи шоҳӣ бар сари ту бинихем. Умед дорем, ки адлу дод бикунӣ ва дар сояи маадалати ту баросоем.

Ин бигуфт, баякбор он қавм бархостанд ва тоҷи мурассаъ бар сари ӯ ниходанд. Чун он ҳолу ин ҳикоятро шунид, ба худои таоло шукр кард ва бар курсӣ барнишаст ва қидмати хидмат бар ҷой оварданд ва бузургонро гуфт:

— Ман ин кор ба шумо ба ду шарт қабул хоҳам кард. Яке он, ки рӯй ба бурқаъ[3] бинанд ва дар сарои ман ба ҷуз канизакон набошанд ва ман рӯй бар он кас намоям, ки худ хоҳам ва ин шарт аз ман қабул кунед ва дигар ҳар чи шуморо бошад аз адлу доду саховат ба шумо ба ҷо оварам.

Эшонон ҳама бар ин қарор розӣ шуданд ва бар вай дуову сано гуфтанд ва ӯро бо эъзозу икроми тамом ба шаҳр даровардаанд ва бар тахти шоҳӣ биншонданд. Рӯзи дигар духтар бур-

---

[1] *Масоф* — ҷанг.
[2] *Байъат* — савганд хӯрдан.
[3] *Бурқаъ* — ниқоб, парда.

каъ ба рӯи худ гузошт ва барнишаст ва ҷумлаи лашкарро барнишонданд ва ба майдон соате бигардид. Баъд аз он фуруд омад, фармуд, ки то хон афканданд. Чун аз таом фориғ шуданд ва курниш доданд, то мардум, омаданд ва мегузаштанд ва аъёну хочибон хар як ба ҷои худ биншастанд ва он хар ду асп, ки хамрохи худ оварда буд ва он хӯрчин, ки пур аз чавохир буд, мӯхре дар он нихода ба хузури кохи шахр ва вазиронро фармуд, то хар яке мӯхре дар он ҷо ниходанд ва бад-он таърихи махзарӣ[1] фармуд навиштанд, ки «фалон рӯз ин подшохи бад-ин маком расид ва ин амонат фалон рӯз супурд» ва гувохии чумла аъёнро фармуд, то сабт карданд ва баъд аз он хар касро бар кори худ мукаррар фармуд ва адлу додро он ҷо чунон кард, ки харгиз дар вахми[2] касе наёмад ва хар рӯз бомдод бар асп нишастӣ ва бар майдон бигардидӣ, баъд аз он фуруд омадӣ ва хону таом бигустуронидӣ ва баъд аз он девон[3] доштӣ ва кори подшохӣ гузоридӣ ва баъд аз он осоиш додӣ ва чун шаб даромадӣ, бо канизакон хуш баромадӣ ва бо он кас, ки хотираш хостӣ, рӯй намудӣ ва онро, ки нахостӣ, хамчунон буркаъ гузоштӣ. Бар ин тартиб муддате подшохӣ кард ва мардумро аз худ розиву хушнуд медошт. Номаш дар хамаи олам мунташир шуд ва ҷумлаи диёр аз адли ӯ обод гашт. Пас як рӯз фармуд, то дар шахр мехмонхонае сохтанд ва ба фаршу олот биёростанд ва хама асбоб рост карданд ва устоди наккошро талаб кард ва дар пеши худ биншонд ва сурати худро бад-у намуд ва гуфт:

— Бирав дар он мехмонхона ва сурати маро нек тааммул кун, бисоз, чунон ки сахех бошад дар рӯю мӯй ва қаду боло ва нишонаи он се хол бар он сифат,— ки хар касе ки он духтарро дида буд, чун он суратро дидӣ, донистӣ, ки он сурати ӯст.

Пас духтар барнишаст ва бирафт ва он сурати худ бидид, сахт писандид ва хазор динору хилъат ӯро бидод ва мӯътамадонро баргумошт ва муваккалонро низ фармуд, то хар ғарибе ва савдогаре аз хар гӯшаву чахор тарафи олам бирасад, ӯро гирифта, ба хамон мехмонхона бубаранд ва се рӯз онро таому шароб диханд, то осоиш ёбанд ва хар кас хикоятеву саргузашт аз он сурат бозгӯянд, ба хизмати подшох арза доранд.

Акнун омадем ба ахволи Шамъун, ки аз сари ӯ чихо гузашт ва чи вокиа пеш омад.

Чун Шамъун аз гурехтани канизак хабардор шуд, даст би-

---

[1] *Махзарӣ* — номаи шаходат, забонхат.
[2] *Вахм* — фикр, андеша.
[3] *Девон* — мачлиси кабул, бор

зад ва чоман худ бидарид ва мудлати як моҳ худро касди кушшан кард ва бар сару рӯи худ хок мепошид ва хурӯш баровард ва чун девонагон гардид ва аз кахру аз ғуссаи худ ходиму канизакон, ки муваккали ӯ буданд ва онхоро нигаҳбон карда буд, хамаро ҳалок кард. Аз очизӣ хеч чора наёфт, бархост ва чанд барраву чаҳорпой бигрифт ва пеши модар омад гуфт:

— Эй модар, акнун ман токати фироқи ӯ надорам ва ба тарики бозаргонӣ ба чое равам, магар ин канизакро ба даст орам.

Ин бигуфт ва рӯй ба дар ниҳод ва шаҳр ба шаҳр мегардид. Казоро бар он шаҳр расид, ки он духтар подшоҳ шуда буд. Овозае дар он шаҳр афтод, ки бозаргоне бо неъмати бисьёр омадааст. Ӯро ба меҳмонхона оварданд ва се рӯз таому шароб доданд. Рӯзи чаҳорум чун аз меҳмонхона бадар омад, то дар шаҳр равад, ногоҳ назараш бар он сурат афтод, бехудона бонг зад ва гуфт:

— Бо ин найранг бохтан аз дасти ман кучо биравӣ!

Ин бигуфт ва бехуд бияфтод ва муваккалон дархол ӯро бигрифтанд ва дар пеши духтар бурданд. Ва духтар чун ӯро аз дур бидид, бишнохт ва фармуд то ӯро дар банд карданд ва кумошоти ӯро мӯҳр карданд ва ӯро дар хонаи торик боздоштанд.

Ин суханро дар ин чо гузоред, шумо ду калима аз ахволи зангии сиёҳ шунавед, ки чун зангии сиёҳ ба хуш омад, чун худро маҳкам баста дид, чандон куват кард, ки камандро пора кард ва бархост ва ба гирди касри худ бигардид, ҳар чи накдаву чавохир буд, бурда. Хост, ки то берун равад, дари касрро баста дид ва бар боми каср баромад ва камандро андохт ва ба зер рафт, аспонро чуст, наёфт. Пайи аспонро гирифт ва бо ҳамон рох, ки духтар рафта буд, ба сӯи шаҳр расид, муваккалон бардавиданд ва ӯро ба хамон меҳмонхона фуруд оварданд, то се рӯз обу таом доданд. Чун рӯзи чаҳорум баромад, он суратро бидид, бихандид ва гуфт:

— Ту аз дасти ман чон кучо барӣ!

Ва муваккалон барчастанд ва зангиро пеши духтар бурданд. Зангии сиёҳро чун бидид, бишнохт ва хочибро бифармуд:

— Ин зангиро маҳкам барбандед ва некӯ нигоҳ доред, то ман чи фармоям. Ҳар рӯз панч ман нону панч ман гӯшт ӯро бидех ва Шамъунро хар рӯз нони хушк диҳед.

Акнун омадем ва ахволи саргузашти маликзодаи ғариб ва бечораи меҳнаткашида ва аламзадаи аз хонумон овора ва аз

ёри дилнавози худ чудо гашта. Дар он вайрона ба наздики кўшки Шамъун хуфта буд, то ними шаб. Чун аз хоб бедор шуд, ду пораи инон бар даст ва аспонро надид. Чун девонагон аз ҷой барҷаст ва бар дари кўшки Шамъун давид, ғалабаи тамом ба ҳам баромад. Ба талаби духтар аз чапу рост медавиданд. Гуфт: «Во ҳасрато, ки ҳор аз даст рафт».

Ҳамчунон бо силоҳи баста рўй ба берун ниҳод ва шарм медошт, ки боз пеши вазир равад. Ба чашми гирьёну дили бирьён аз дарвозаи шаҳр берун омад, се шабонарўз пиёда роҳ рафт. Баъд аз се шабонарўз ба деҳе расид. Аз он зар, ки дошт ду аспи роҳвор бихарид ва бар яке савор шуд ва якеро харчеву асбобо, ки дошт, бор кард ва рўй ба роҳ ниҳод ва мерафт. Худои таоло ўро баъд аз бист рўз дар он шаҳр расонид. Чун ба дарвозаи шаҳр расида буд, ки мўътамадони духтар ўро ба ҳамон хона фуруд оварданд ва таому шароб доданд. Баъд аз он дастурй доданд, то дар шаҳр равад. Чун аз меҳмонхона бадар омад, назараш бар он сурат афтод, филҳол наъра бизад ва бияфтод. Мардум бад-ў гирд омаданд, ўро аз ҳок бигрифтанд ва гулоб ба рўяш заданд, то ба худ омад. Дигарбора дар он сурат нигоҳ кард ва тоқаташ тоқ шуд ва аз шавки он ҷома бидарид ва бар сару рўи худ задан гирифт. Ҳочиб хабари он ба духтар овард. Духтар бехуд шуд ва саросемавор бар боми ҳаср давид, фармуд, ки «он ҷавонро биёред!».

Чун маликзодаро биёварданд ва чашми духтар бар ҷамоли маликзода афтод, чашмаш пуроб шуд ва ҷигараш кабоб гардид. Хост, ки наъраре бизанад, худро нигоҳ дошт, ҳочибро бифармуд ки:

— Ин ҷавонро дар хонаи худ фуруд оварй ва иззаташ ба ҷо оварй ва бомдод ўро ба ҳаммом бар ва дастае ҷомаи мулукона дарпўшон ва ўро бисьёр некў нигоҳ дор.

Ҳочиб ҳар чй духтар фармуда буд, ба ҷой овард ва маликзодаро бандагиҳо кард ва ба гармоба фиристод ва як даста ҷомаи мулукона дар ў пўшонид. Маликзода ба хонаи ҳочиб ҳама рўз мегирист ва мехост, ки аз ҳочиб бозпурсад, ки «он сурат, ки бар дари меҳмонхона буд, кадом наккош накш кардааст».

Ҳочиб донист, ки ўро воқиае расидааст, бозпурсид, ки:

— Туро чи шуд, ки аз гирья фориг нестй ва намеосой?

Маликзода гуфт:

— Қиссаи ман дуру дароз аст ва ғуссаи ман ҷонгудоз, ки рўзгорҳо шарҳ тавон додан, аммо аз ту'ин таваккўъ дорам, ки аз баҳри ҷондарозии он подшоҳ маро бигўй, ки он сурат ка-

дом наккош кашидааст? Аз ин сабаб буд, ки маро ин хама расвой ба сар омад.

Ҳочиб гуфт:

— Пирамардест, ки ӯ накш кардааст ба фармони подшох.

Маликзода гуфт:

— Агар ӯро пеши ман орӣ, ман хидмати туро ба ҷо орам. Бошад ки ба баракоти ту кори ман барояд.

Ҳочиб гуфт:

— Фардо ӯро пеши ту орам.

Рӯзи дигар духтар бифармуд, то боргоҳу саропарда аз шаҳр бурун бурданд ва дар майдоне заданд ва он гаҳ дар шаҳр мунодӣ заданд, то ҷумлаи мардуми шаҳр ба майдон гирд омаданд. Духтар бар аспе барнишаст ва дар майдон баромад ва ҷумла сипоҳро барнишонд ва берун рафт. Ва ҳар чи дар он шаҳр марду зану кӯдакон буданд, аз шаҳр берун рафтанд. Духтар бифармуд, то тахте бурданд ва он ҷо насб карданд. Духтар бар он тахт барнишаст ва бурқаъ аз рӯй баргирифт ва фурӯ гузошт. Пас фармуд, то Шамъунро биёварданд. Он гоҳ ҷумлаи кузоту аимаро[1] фармуд, ки:

— Ҳар чи ки Шамъун гӯяд, бишнавед ва маҳзарӣ бинвисед ва бар он гувоҳ бошед.

Он кавм гӯш бар гуфтаи ӯ медоштанд ва тааҷҷуб менамуданд, ки ин чи ҳолат аст. Пас ҷаллодро бифармуд, то Шамъунро пеш нишонд ва саванди азим ёд кард, ки:

— Агар аҳволи саргузаштаи худ рост нагӯй, ин соат хунат бирезам ва аҳволи сурат, ки бар дари меҳмонхона дидӣ, ҷаро дашном додӣ ва бехуд афтодӣ?!

Шамъун оҳи сард аз дили пурдард баркашид ва аҳвол аз он ҷо, ки ҷома харида буд ва ба шаклу соиду панҷа ошиқ шуда буд ва модарро ба хилати ӯ фиристодан ва духтарро ба макру фиреб биёвардан, маликзодаро маст кардан ва ангуштарин аз дасти ӯ бадар овардан, духтарро дар кӯшк овардан ва нишон додан ва ҳанҷар кашидани духтар, то он гоҳ, ки бигрехт ва талабгор шудан дар пайи ӯ, ҷумларо як ба як шарҳ дод. Духтар пурсид, ки:

— Ҳеҷ дасти ту ба ӯ расидааст ё на?

Шамъун гуфт:

— Ҳасратам он аст, ки ин ҳама меҳнату ғаму андӯҳ баҳри вай кашидам ва ҳаргиз дасти ҳам ҳосил нашуд. Муддатест то

---

[1] *Аима* — имомон.

Маликзода дигарбор ба гирья афтод ва он гаҳ забон баркушод ва аз он ҷое, ки хобаш бурда буд, тамомиро бозгуфт ва зор-зор бигрист ба васф, ки халоиқ ба фарьёд омаданд. Охир гуфт:

— Аз барои худо маро нишон диҳед, то ин наққош кучост, аз ӯ пурсам, ки ин сурат кучо дидааст. Аз сар то кадам бар ӯ мемонад.

Духтар ба зери никоб зор-зор бигрист ва дар он гирья фармон дод, ки ахволи ӯ низ анма ва кузот бинвиштанд. Чун фориғ шуданд, духтар гуфт:

— Аз баҳри худо нисоф бидиҳед, ки авратеро ин ҳама меҳнату машаққат ба сар бомада бошад ва ӯро чандин воқиа афтода, аз миён ба саломат бадар омада бошад ва худро аз ҳама офатҳо нигоҳ дошта бошад ва вафои ҳидованди худ фурӯ нагузошта бошад ва зару чавоҳир аз дасташ фурӯ нашуда бошад ва аз шамшери тез натарсида бошад, он занро шерзан тавон гуфт ё на?

Он кавм баякбор гуфтанд, ки:

— Он занро зан нашояд гуфтан, ки ҳамаи олам бар ӯ тафохир[1] кунанд.

Духтар гуфт:

— Аз ин бозпурсед, ки агар он духтарро бозёбӣ чӣ кунӣ?

Ҳочибон аз маликзода бозпурсиданд. Гиристан оғоз кард ва худро бар замин зад, ки халоиқ аз ҳоли ӯ ба гирья даромаданд. Пас (гуфт):

— Розӣ шудаам бори дигар бубинам ва ҳамон соат бимирам.

Духтар чун маликзодаро бар он ҳол дид, чун мор печид ва бими он буд, ки худро расво кунад Бар пой хост ва бо овози баланд гуфт, ки:

— Эй кавм, бидонед, ки он духтар манам ва ин ҷавон ҳидеванди ман аст.

Чун овози духтар ба гӯши маликзода расид, дарҳол наъраи бизад ва бехуд шуд. Духтар дар боргоҳи худ рафт, фармуд маликзодаро дар боргоҳ бурданд. Духтар маликзодаро дар канор гирифт, рӯй ба рӯяш ниҳод ва бехуш шуд. Гулоб ба рӯяш заданд. Чун ба хуш омад, чашмаш ба духтар афтод ва рӯй дар пои ӯ молид ва даст дар гардани якдигар оварданд ва якдигарро дар канор гирифтанд, ғирев аз ҳар ду баромад, чунон ки ҷумлаи мардум ба гирья дарафтоданд. Пас маликзодаву духтар бархостанд ва ба шаҳр омаданд ва он шаб баҳам буданд.

---

[1] *Тафохир* — фахр кардан.

Рӯзи дигар духтар бифармуд, то боргоҳ биёростанд ва тамоми аркони давлату мардуми шаҳр аз хосу ом ҷумла гирд омаданд. Бар пой хост ва бо овози баланд гуфт, ки:

— Эй кавм, бидонед, ки ин ҷавон ҳидеванди ман аст ва писари малики Эрон аст. Падар то падар, ҷадду бобои ӯ подшоҳу подшоҳзода аст. Ман агарчи канизаки ӯям, аммо духтари малики Румам. Ин ҷавон ҳамвазни ман ҷавоҳир додаст ва маро харидаст. Баъд аз он ин ҳама меҳнат аз барои ман кашидаст. Акнун агар ба подшоҳии ман шуморо рағбат бошад, то ӯ бошад, маро нарасад, ки ӯ бошад, дар миёни мардум оям ва агар ман ба кори шумо ростам ӯро ба подшоҳӣ нишонам, ки ҳоҳ, ки об бошад таяммум[1] раво нест. Агар дастурӣ диҳед, бархезем ва дар Эрон ба шаҳри худ равем.

Чун бузургону мардуми шаҳр он суҳан бишиниданд, ба иҳборагӣ овоз баркашиданд ва гуфтанд:

— Подшоҳу ҳокими мо шумо ҳастед, буд ва ихтиёри кулл ба шумост.

Духтар дарҳол тоҷи подшоҳӣ бар сари маликзода ниҳод ва калиди ганҷҳо ва ҳукму фармондиҳӣ ба дасти ӯ дод. Маликзода бар сарири тахт бинишаст ва мардумро бихонд ва дилхушӣ дод. Рӯзи дигар фармуд, то нафту бӯрьё биёвараданд. Шамъуни малъуни ҳаромзодаро бисӯҳтанд ва зангии сиёҳи дуздро биёвараданд ва гуфт:

— Ту ба ман бадӣ накардӣ ва он шаб зарҳе бо ман наздӣ ва духтарро ранҷе нарасонидӣ ва туро озод кардам, ба шарти он ки дигар дуздӣ накунӣ.

Сиёҳи зангӣ тавба кард. Маликзода фармуд, то ӯро ҳазор ғӯсфанд доданд, то бадон касри худ бирасад ва бар он ғӯсфандон машғул шавад.

Чун аз он кор фориғ шуданд, духтар он ҷавоҳиру зарриҳоро, ки ҳамроҳи худ дошт, биёвард ва дар пеши маликзода ниҳод ва он мӯҳри кузоту анма бардошт ва он олоти мурассаъ ба маликзода намуд. Дарҳол пешкаши тамом рост карданд ва тӯҳфаҳои гаронмоя тартиб доданд, ба мулки Миср фиристоданд ва тӯҳфае аз барои вазир ҳам фиристод, ҳаро ки ба маликзода бисьёр некӯӣ карда буд ва аз баҳри гуломи саклобӣ ташриф ҳову тӯҳфаҳо фиристод. Ба Эрон пеши падару модари худ номае навишт, аҳволи худу он канизакро сар ба сар он ҳи гузашта буд, бинавишт. Маликзодаро аз он канизак се писар дар вуҷуд омад. Баъд аз мурури айём он писарон бузург шуданд ва

---

[1] *Таяммум* — вуҳӯр бо хок.

он мулкро ба он писарон супориш намуданд ва худ бо духтар ба мулки Эрон рафтанд, ба чои падари худ ба подшохй биншаст. Модари маликзода ханўз зинда буд, ба дидори фарзанд шод шуд. Маликзода тамоми мардумонро тасаллй дод ва вазорати худ ба фарзандони он вазир дод, ки ҳамрохи маликзода рафта буд ва дар хидмат халок шуда буд ва хидматгорони кадимро навозишхо фармуд ва хакшиносии он вазир бе чой овард.

Байт:

Дар чахон бех зи хакшиносй нест,
Хеч бадтар зи носипосй нест.
Подшохе, ки хакшинос бувад,
Умри ў бе хадду киёс бувад...
Хакшинос аз замона барнахўрад,
Бевафо умрро ба сар набарад.

Пас маликзодаи хакшинос хакшиносии хизматгорону бандагонро бар чой овард ва мардуми раъияти худро доду адл ва рафохият бидошт ва мамлакати Эронро ободон кард ва дар иклим номи ў мунташир шуд ва окибат номаи умри ў бархонданд ва доман аз дунёи дуни ғаддори нопойдор барафшонданд.

Байт:

Охири чумла корхо чу фаност,
Гар хама подшох, ғарчи ғадост.
Дар хакикат хазорон, ки зод, бимурд,
Харчи ин чо кошт, он чо бурд.
Нафасе чанд шумурдем хамаро,
Охируламр бигзорем хамаро.

Акнун, эй азизи ман, чандин ибрат дар ин хикоят маълум шуд. Аввал, бидонй, ки зани некўиву порсо аз дунёву аз хар чи дар дунёст, бехтар аст. Дуввум он ки зани пиру бегона дар хона набояд. гузошт. Сеюм он ки бисьёр хоб бошад, ки бубинад, ба бедорй хамон пеш ояд. Чахорум он ки зани дегдонй ба фол набошад. Панчум он ки ба ғайр аз чораи марг хама кори дигар метавон кардан. Шашум он ки ба далк аз хиркаи пиразанон ғарра набояд шудан. Хафтум он ки занон хама яке набошанд. Ин канизак хам зане буд, ки аз хама фарзонатар ва мардонатар, ин хама пахлавониву шермардй кард. Хаштум он ки касди зану фарзанди мардум кардан, хамчун Шамъуни малъун, суд надорад. Нўхум он ки бидон, ки хар чи казои ху-

дои таоло бар он рафта бошад, дигаргун намешавад. Дахум он ки бисьёр умедхо дар ноумедист.

Байт:

Дар ноумеди басе умед аст
Поёни шаби сиях сафед аст.

Ёздахум он ки хамчунон ки шодй хаст, ғам низ хаст, вале ғамро нихоят нест.

Ин буд киссаи канизак ва саргузашти маликзода. Ин хикоят аз эшон ёдгор бимонд. Ин хар ду ба мурод расиданд, оллахй хама мўъминонро ба мурод расонй ва нависандаву шунавандаву хонандаву муаллифу сохиби ин китобро ба максуд бирасонй.

ҲИКОЯТИ ШОҲЗОДА СУЛАЙМОНИ ПИСАРИ ДОРОБШОҲ, БА СУРАТИ АҶОИБНИГОРЕ ОШИҚ ШУДАНИ Ӯ

Ин аст назм:

Ман бандаи ҳаҚири ту султони мӯҳташам,
Ґар дар ґами ту зор бимирам, туро чи ґам.
Ранҷур ґаштаам зи таманнои макдамат,
Бахри худо, ба пурсиши мо ранҷа кун қадам.
Бар чонам аз ту ҳар чи расад, чои миннат аст,
Ґар новаки ҷавраст ґар ҳанҷари ситам.
Саргаштагони болияйаймои ишкро
Ҳаҷри ту рах намуд ба сарманзили адам.
Шуд синаам шикоф-шикоф аз ҳаданги ох
В-аз ҳар шикоф оташи дил мезанад алам.
Рӯзе, ки менавишт казо номаи ачал,
Катли маро ба теґи ҷафои ту зад ракам.
Умрест чуръанӯши саккои сагони туст,
Ҷомӣ, ки оби Ҳизр нанӯшад зи чоми Ҷам.

Ровӣ гӯяд, ки дар мамлакати Эрон подшоҳе буд, ки сифати шаҳриёрияш тамоми мамолики рӯи заминро ободонӣ сохта ва салобати комкорияш сохати майдони фалакро ороиш хуррамӣ бахшида, гурги даранда шубонии мешро ба чон иқбол намуда ва юзи тезчангол бо сайд дар як ошьён ҷо гирифта. Он шоҳро Доробшоҳ ном буд. Баъд аз таваччӯҳи бисьёру сухони бешумор ӯро фарзанде ба олами вуҷуд омад, ки дидан шабзиндадори фалак чунин моҳликое дар сафҳаи даҳр мулоҳиза нанамуда ва хаёл сарви озод дар ҷӯйбори айём модари гетӣ ороиш надода.

Байт:

Муборактолее, фарҳундафоле,
Ба боғи хуррамӣ некӯиҳоле.

Шоҳ фармуд, ки:

— Имшаб дар ҳар ҷо тифле, ки ба олами вуҷуд омада бошад, оварда ҳамрохи шоҳзода дар як ҷо парвариш созанд, то он ки ба ҳолу мизоҷи ҳамдигар ҳӯ гиранд, дар айёми давлати ман баробар зиндагонӣ кунанд.

Тамоми мулкро ҷустуҷӯ карданд, чаҳор тифл ёфтанд, ки ҳамон соат таваллуд ёфта, ба хизмати шоҳ ҳозир оварданд, фармуд, дар парвариши онҳо муқайяд шуданд. То ба чаҳорсолагӣ расиданд, дар соати нек ба мактаб монданд. Ҳакиме буд, ки аз осори ҳикмат дар тани мурда руҳ дамидӣ ва кирдори мушкили рӯзгори бетааммул ба нохуни тадбир кушодӣ.

Байт:

Ҳакимоне, ки дурандеш буданд,
Давои дарди халқи хеш буданд.

Ба таълими он чаҳор тан мутаваччеҳ шуд, ҳар кадом аз илм баҳраи тамом гирифтанд.

Баъд аз он яке аз он писаронро шоҳ ба илми наккошӣ шогирд карда, дигареро ба гулбурӣ шогирд кард ва якеро ба нақбканӣ ва дигарро илм омӯхт. Ҳар чаҳор аз барои илми худ таваччӯҳ аз ҳад зиёда карданд, ҳар кадом яктои замон шуданд, ки дар иклим адилу назир надоштанд. Устодони комилиёр аз... эшон ангушти ҳайрат дар даҳон мегирифтанд, камоли ҳайрат даст медод, ба ҳунари худҳо иштиғоли тамом доштанд. Шоҳро марҳамат ба он панҷ тан баробар буд, вакти шоҳзодаро бехтарҳо хуш медоштанд. Рӯзе савдогаре аз иклими Сарандеб бад-он вилоят расид, ба хизмати Доробшоҳ либосе овард, таъриф ӯро аз ҳад берун кард, гуфт:

— Рӯзе бар растаи бозор мегузаштам, пиразолеро дидам, ки

бўғчаи сару пое дар дасти ўст ва мегуфт, ки ҳар кас ин сару поро гирад, дар орзуи ў мебошад. Кимати ин нодида ҳазор мискол зар аст. То аз назари ман дур нашавад, накушояд.

Ман ба ин сухан кадам ба пеш ниҳодам, ҳазор мискол зарро ба ў супурдам ва он бўғчаро ситонидам, ба хона овардам, боз кардам, ҷомае дидам, ки ҳарифон аз зар бофтаанд ва нақши духтаре дар он ҷома тарбият кардаанд, ки ҳеҷ бинандаеро дил аз кайди зулфи ў холӣ набошад ва ҳеҷ ҳасратзадае ҷонро аз тамошои ў амон натавонад бурд. Надонам чи сеҳрпардозӣ кардаанд.

Мисраъ:

Ба ҳар мўяш дили зорӣ гирифтор.

Дар андешаи он шудам, ки ин сурат бинокардаи кадом рахнагари дин бошад, ки бад-ин ойин менамояд. Муддате дар андешаи он будам. Дигар он зол дар назарам надаромад. Дар ҳасрат будам. Пире дар он вилоят ба ман мусоҳиб буд, либосро ба ў намудам. Гуфт:

— Ин либосро духтари малики Сарандеб дурустӣ карда ва сурати худро дар ин либос нақш баста. Пинҳон дор, ки агар бар ту бинанд, туро амон надиҳанд. Чандин либосҳоро ба ин сурат сохтааст, ҳар кадомро ба кишваре фиристода, ки шўре дар офоқ андохта. Ҳеҷ кас намедонад, ки ин ошўб аз кучост. Ҳама саргардони водии гумномӣ шудаанд, аз ў касеро хабаре нест. Инро аз барои ҷаҳон нигошта. Ҳазор мискол зарро дар баробари як тора мўи ў сарф метавон сохт. Ин дуздист, албатта пинҳон дор, ки аз рохи дўстӣ ин розро бо ту намудам.

Аз он вилоят ночор рахти сафар баста, худро ба ин манзил кашидам. Инро аз барои Сулаймоншоҳ овардам.

Шоҳ фармуд, ки:

— Ба хона гузоред, назари касе ба ў наафтад, ки фарзанди ман ҳанўз хурд аст, мабодо чашми бади рўзгор расад, ба хаёле гирифтор гардад.

Ҷомаро нодида дар сандуқ пинҳон кард. Ба Сулаймоншоҳ касе хабар овард, ки:

— Эй шоҳзодаи аз олам бехабар, бидон, ки аз барои ту савдогаре ҷомае оварда, дар тамомии рўи олам амсоли он либос касе надида, хирочи шаҳре сарф ёфта. Ўро падарат гирифта пинҳон кард ва ба ту нанмуд, надонам, ки чи дар дил дорад.

Сулаймоншоҳро хор-хоре дар дил пайдо шуда, ба падар кас фиристод, ки ҷомаро ба ман бидиҳад, ки дар бар гирам.

Шоҳ ҳамроҳ чаҳор либоси дигар фиристод, ба хизмати Сулаймоншоҳ оварданд. Ҷомаро боз кард, аввал назараш ба сурат

афтод, чунон ачоиб даст дод, ки наздик буд, ки колиб тухй кунад. Ҳозирон ангушти ҳайрат дар даҳон ниҳоданд, ўро аз хуш рафта диданд, дар оғўш кашиданд. Баъд аз соате ба худ омад, гуфт:

— Ҳеч медонед, ки ин чи сурат аст?

Гуфтанд:

— Намедонем.

Оҳ аз ниҳоди ў баромада, ба канорае бияфтод.

Ба шоҳ хабар бурданд, ки чомае аз барои фарзанди худ фиристодй, ўро аз доираи инсоният берун оварда, на ўро акле ва на ўро хуше, ахволи ў мутағайир шуда. Шоҳ пеши фарзанд омада, ўро бо ин сурат дид, аз воқиаи ҳолаш пурсид, чомаро намуд. Шоҳ мулоҳиза кард, дигар чизе нагуфт, аз чой бархост, хочаи савдогарро талаб кард, гуфт:

— Эй беидрок, медонистй ба дидани ин сурат касеро замини хаёл холй намонад, чаро ба фарзанди ман овардй?! Магар душмание доштй?

Гуфт:

— Эй шоҳ, шунидам ки аз Сулаймон бехтар нест, аз он сурат хубтар набуд, ман хостам, ки ҳар ду бо ҳам бошанд. Агар саъй кунй, дар кайди фарзанди худ орй. Аз чй андеша дорй?

Шоҳро сухани ў писанд омад ба чониби Сарандебшоҳ нома навишт ки «эй шоҳи волочоҳ, шунидаам, ки туро духтар дар саропардан исмат бувад, мехоҳам, ки ўро ба фарзанди ман Сулаймоншоҳ бидиҳй ва ўро аз ғаму андўҳ халос гардонй».

Надимон номаро ба андак рўз ба вилояти Сарандеб бурданд, бар дасти шоҳ супурданд. Шоҳ номаро сарбасар мутолиа намуда, ба духтар машварат кард. Гуфт:

— Эй падар, ман шавҳар ихтиёр надорам. То зиндаам, бандагии ту гузинам.

Ночор чавоби номаро навишта фиристод ки «эй Доробшоҳ, бидон, ки духтари ман касеро кабул надорад. Ман хам ихтиёр дар дасти ў гузоштаам».

Ин хабар ба гўши Сулаймоншоҳ расид, бисьёр бекарор шуд. Байт:

Агар аз чониби маъшук набошад майле,
Талаби ошики бечора ба чое нарасад.

Дар ин андеша дармонда гардид, аз дарди дил дар нола даромад.

Эй кариме, ки ин ҳама барангехта бар колиба мушти хок чони поке омехта, ҳар сарро хаёле аз ҳар дилро андешае дода ва

яке бар саччодаи итоат тоати ту мегузинад ва яке дар харобот аз хумхона бодаи муҳаббати ту менӯшад, дигаре дар бутхона мастӣ аз нишоъ чашми бутон металабад, яке хокистаринишини оташкадаи кӯи бутон ба нокомӣ, дигаре сахронаварди гӯшаи чашми охунигохон ба бесаранчомӣ. Яе чун Хисрави Парвиз аз васли Ширин комьёб, дигаре чун Фарҳод ба кӯҳи Бесутун аз ҷонсахтӣ дар изтироб. Магар низоми оламро бад-ин ойин бастаӣ? Ваилло хохӣ, ки оламу одам офаридаи туст, ту доной. Хамин миқдор мехоҳам, ки маро ноком нагзор, ба кудрати худ аз офоти рӯзгор нигоҳ дор. Ҷаҳонро баландиву пастӣ туӣ...

Соате Сулаймоншоҳ гирист, рӯй ба хоки мазаллат молид, баъд аз он саре бардошт гуфт: «Ғайр аз қаландарӣ коре надорам». Бо падар видоъ карда, либос дар бар карда, роҳӣ шуд. Ин чаҳор тан низ рафоқати ӯ карданд, гуфтанд:

— Ҳар ҷо, ки кадами туст, сари мост. Умре ба давлати ту шодмониҳо кардем, айши рӯзгор фарохӯри ҳол сохтаем, акнун чудой дар машраби мо ҳаром хоҳад буд.

Панҷ тан рох мебуриданд. Муддате бодияпаймой карда, ба вилояти Сарандеб расиданд, ба сарое фуруд омаданд, дар он ҷо макон гирифтанд. Он саро дар зери касри шох буд, шабу рӯз хизматгории шохро мекарданд. Рӯзе бо ҳам машварате карданд, ки «то кай бо ин навъ зиндагонӣ бисозем. Хуб чунин менамояд, ки ҳар кадом ба ҳунари худ кӯшем, асбоби маишате муҳайё созем». Яке аз онҳо ҳунари гулбурӣ дошт, пораи коғазе ба даст оварда, гулҳо бурид ба дасти ғуломи пири саройбон дод, ки бифрӯш. Ғулом ба хизмати ҳоҷа намуд. Чун чашми ҳоҷа афтод, шуъбадае. Мулоҳиза кард, ки чашми ҳеҷ бинанда надида ва ғӯши касе нашнида. Гуфт:

— Чанд мефурӯшад?

Гуфт:

— Мегӯяд, ки ба ҳар баҳо бифрӯш.

Ҳоҷа бист дирам дода, ӯро бистонид, гуфт:

— Баъд аз ин ҳар чи бо ту бидиҳад, албатта ба ман орӣ, ба ҷое набарӣ.

Ғулом қабул кард, ҳар рӯз ҳар гуле, ки мебурид, ғулом пеши ҳоҷа меовард ва дираме чанд медод. Он писари наккош низ ҳунари худро ба рӯи кор оварда, ҳар рӯз накш мебаст, ҳар дуро саройбон гирифта қимати ӯро дода, худ бурда бар дари сарой ба қимати тамом мефурӯхт. Кораш ба ҷое расид, ки ҳар рӯз бар дари сарой мардум ғулув мекарданд, он суратҳоро мегирифтанд. Саройбон анҷоми бисьёре ба даст овард, ки Ҷоруни вакти худ

гардид. Ин панҷ тан ҳар чи меафтод, сарфи худ мекарданд, дирамеро нигоҳ намедоштанд. Аз ин ҳангома чанд рӯзе гузашт, дар вилоят машҳур шуд, ки аз фалон сарой хабарҳои ачиб ҳар рӯз берун меояд, касе намедонад, ки ҳунари кадом зуфунуи бошад. Ба ҳар ҳол шӯре пайдо шуд. Рӯзе аз қазои илоҳӣ малика Гулфом ба сайри чаҳорбоғ мерафт. Он рӯз ҳукм карда буд, ки ба бозор касе нанишинад, ҳар кас ҳудро ба канор гирад. Он рӯз ғуломи саройбон гулеву сурате дар даст бар дари сарой истода. Ғулфомро аз дур назар афтод, аз дасти он ғулом гулро ситонид, каниз гирифта овард. Ҳунаршинос буд, чун назараш афтод, таҳсину офарин кард. Ғуломро талаб кард суол кард, ки:

— Ин гулу тасвирро кӣ дуруст кардаст?

Ғулом гуфт:

— Худ сохтаам.

Гуфт:

— Чанд мефурӯшӣ?

Ғулом гуфт:

— Ҳазор дирам.

Фармуд, ки кимати ӯ супурданд ва ба рохи чаҳорбоғ рохӣ шуд. Ба ғайр аз тамошои ин ҳар ду кори дигар надошт. Рӯзи дигар дар ручъат дид, ки ғулом нишаста, гулу тасвире дар даст дорад. Ӯро ҳам фармуд, ки гирифта ба ҷоиби каср овард, ҳамаро дар пеши худ ниҳод, аз ӯ назар дур намекард. Билохир, аз рохи завке, ки дошт, фармуд, ки ғуломро гирифта биёред аз ӯ чизе суол кунам. Ғуломро ба хизмати малика оварданд. Гуфт:

— Рост гӯй, ки ин ҳунари кист?

Ғулом дар чавоб гуфт:

— Ҳунари худи ман аст.

Малика Ғулфом гуфт:

— Микрозу коғаз биёред, то дар назари ман гуле тартиб диҳад, донам, ки аз дасти ӯ меояд ё на.

Микрозу коғаз оварданд. Ғулом ғайр аз рости чора надид. Ғулом маликаро дуо кард, баъд аз дуо гуфт:

— Хостам, ки бо ин баҳона аз хизматат чизе рабоям, ба таврам нагузоштӣ. Акнун бидон, ки ман ғуломи саройбонам. Ҳоло чанд вакт шудааст, панҷ нафар каландар омадаанд, ҳар кадомро ҳунаре будааст. Чаҳор тан хизмати якеро ихтиёр карда, ҳар чиз пайдо шавад сарф бо ҳам месозанд, ба дунёё чандон саре надоранд. Надонам хаёли эшон чист. Худи эшонон гуфта буданд, ки «ҳар кас пурсад, хохӣ гуфт, ки ҳунари худи ман аст». Чун кофиям танг шуд, ночор намудам.

Малика гуфт:

— Эй ғулом, бирав ба онҳо баргӯй, ки баъд аз ин ҳар накше, ки банданд, бо ман бидиҳанд ва ҳар талабе, ки доранд, аз ман хоҳанд, ки маро ба найранги рӯзгор сарест ва хушамро аз олам хабарест. Маъҳишикофон аз найранги имкон ба ҳар сурат чизе гирифтаанд ва аз тилисмоти зоҳир ба тасаввуроти ботин пай бурдаанд. Тачриба надонист, ки тамоми кори оламро ба кардаву кирдор донад, балки ин аст, аз лафзе дафтареро фаҳм тавонад, вагарна умр вафо ба ин ҳама рӯзгор натавонад.

Байт:

Накшу нигори олами имкон пазируфтанист,
Ин гуфтугӯи сохт харфи шунидаанист.
Дунёе хуш аст, лек ба андозаи вучуд,
Пирохани зиёда зи комат буриданист.
Булбул ба чои хеш, гул аз хеш рафтааст,
Маъшуку ошиқ аст, ҳикоят шунидаанист.

Алкисса, ғулом худро ба хизмати Сулаймоншоҳ расонид ва он чи гузаштаро такрир дод, гуфт:

— Мегӯяд, ки баъд аз ин ҳар накше ки нигоранд ба хизмати ман оред.

Гуфт:

— Некӯст.

Ин ду тан нишастанд, дар ба рӯй бастанд, суратхои ғарибу гулҳои ачиб сохта, мефиристоданд. Чанд рӯзеро гузаронидаанд, диданд дар хунаршиносӣ яктои асл будааст. Билохир ҳар ду бо ҳам иттифоқ карданд, чанд рӯзе таваччӯҳ пеш гирифта, ҳамроҳи пораи гуле сурати шоҳзодаро бо либоси шоҳӣ накш бастанд, ки албатта баъд аз дидан мурғи дил гирифтори он сарвқомат хоҳад гардид ва аз кайди шефтагӣ асло амон нахоҳад ёфт. Бо ин ойин фиристоданд. Чун ба назари ӯ даромад, султони ишқ мулки дилашро мусаххар сохта, ба ғоратгарӣ даст ниход. Нихонӣ оҳе кашид, изҳори роз натавонист кардан. Суратро ҳаргиз аз пеши назар дур намекард. Бо худ мегуфт: «Ин шӯъбадабозону найрангсозонро надонистам чи андеша доштанд, ки маро ба доми бало андохтанд ва тасаввури корашро аз ғайр пардохтанд, оламро чун қафаси мурғи ваҳшӣ дар назарам танг сохтанд. Эй кош равиши рӯзгорро надонистаме ва аз олами сурат хабар наёфтаме ва эшонро ба ин хизмат амр насохтаме! Оё ин суратро сирате ҳаст ё на ва ин захмро марҳам тавон ёфт? Мабодо ки умрам ба афсӯсу хаёлу андешаам ба маъюсӣ ва корам ба зоеӣ анчомад. Ин хаёлро поёне бошад? Гирифтам, ин суратро сирате бошад. Нишони ӯ аз кӣ чӯям ва манзили ӯро аз кӣ пурсам? Ба ин парирӯй таво-

нам расид ё не?» Бо ин хаёл шабро ба рӯз, рӯзро ба шаб мерасонид.

Байт:

Чу шабхо бе ту накши нолахон зор мебастам,
Зи пуди ох бар қонуни гардун тор мебастам.
Чу аз дарди дили худ базмро афсурда медидам,
Дар ин мотамсаро яъне лаб аз гуфтор мебастам.

Чанд рӯзе ба ин бетоқатӣ ба сар бурд, чун сипанд ба чое ором надошт. Аз вачхи бетобӣ ба сӯи гулистон рохӣ шуд. Мунодӣ дардоданд, ки «касе имрӯз аз хона берун наёяд». Ин хабарро Сулаймоншох шунид. Гуфтанд:

— Ин сайри гулистон аз чихати бекарорист, вайлло касе ин фасл хаёли гулистон насозад. Хуб аст, ки акнун сурати туро ба хамрохи нигин ба ӯ намоем, то донад, ки ту хам дар ин вилоят макон гирифтай.

Сулаймоншох кабул намуд. Хар ду хунарвар нишастанд, тахтаи мудавваре ба даст оварданд, бар рӯи он сурати хавзе сохтанд, бар атрофи ӯ гулистоне дурустӣ карданд, бар як чониб тахте, бар болои тахт сурати Сулаймонро кашиданд, нигинро ба гӯшае пинхон карданд, ки баъд аз тафаххус ба даст ояд, хамрохи ғулому чанди дигаре фиристоданд. Қанизон гирифта ба хизматаш оварданд. Чун назараш афтод, бисьёр офарин кард. Суратро дид, оташи дилаш зиёда гардид. Хавзе дид об мавҷ зада истодааст. Назар андохт, сарое буд, ки харифон ба сурати об намудаанд. Хар чонибро ковише кард, ки хуб хабаре гирад, нигин ба дасташ омад. Гирифта мулохиза кард, навиштаанд, ки «Сулаймон ибни Доробшох», донист, ки ин нигини Сулаймон аст, ки Дороби падари ӯ аз барои хостгорӣ кас фиристода буд, ӯро рад карда буданд. Охе кашид, ба дил гуфт: «Надонистам, ғалат кардам. Агар медонистам, Сулаймон бо ин сурату бо ин латофат буда, хар ойина иқбол менамудам. Акнун чи созам, ки фонда надорад». Чандон ки бо худ печид, илоҷ ба кори худ надид. Бо ин ошуфтагӣ буд, то вакте, ки канизон аз кирдораш ба сутӯх омаданд, бо хам гуфтанд, ки «ин чи хол аст, ки бо касе улфат надорад, хушӣ аз табъи ӯ дур шуда, ба танхой хӯ карда, гирифтори сурате шуда». Қанизе, ки Гулфомро бар дӯш калон карда буд, дар хилват аз дар даромад, бӯсае аз рухсораш карда, гуфт:

— Эй фарзанд, чаро ба ин атвор шудай, ки парвои худ надорӣ? Ғами ту маро аз по афкандааст. Рост гӯ, ки чӣ дар дил дорӣ? Хар навъ мушкиле бошад, ба кушодани ӯ саъй намоям, ғубоpe дар хотират нагузорам. Медонам, ки тоби андӯх надорӣ, мабодо ки ғамат аз по афканад, он вакт муолиҷа фонда накунад.

Мисраъ:

Илочи воқиа кабл аз вуқўъ бояд кард.

Гулфом гуфт:

— Эй модар, бо ту чй гўям? Инак ин сурат дил аз дастам рабуда, ҳайрони кори худам.

Каниз чун суратро дид, мутааччиб гардид, гуфт,

— Эй фарзанд, аз кучо ба дасти ту афтод?

Малика воқиаи гузаштаро баён кард.

Байт:

Суратгарон, ҳалокам аз он симтаи чудо,
Созед сурате, ки набошад зи ман чудо.

Сўзи дили худро ба ҳолате намуд, ки каниз аз ҳайрат об гардид, гуфт:

— Эй сарви хушхироми чўйбори зиндагй ва эй нахли шамшоди гулистони озодагй, чаро дили худро дар доми ситамгаре ниҳодай, ки ўро аз ту хабаре нест, туро бо ў ин ҳама савдост? Биё аз фикри ў даргузар, андешаи ўро аз сар бурун ор, ки ин ҳаёли махз аст.

Гуфт:

— Эй модар, дил ба дасти ман нест. Ҳаргиз касе бе вачх худро дар меҳнат нагузорад. Фикри ман кун, ки аз даст рафтаам. Аз дунёё хар чи хохй, дар хизмат гузорам. Бархез ба чониби сарое, ки дар зери касри шох аст, кадам нех, дар фурчае панч нафар каландар нишаста, аз эшон суол кун, ки «он сурат, ки накш кардаед, аз кучост ва номи ў чист? Шумоён аз кадом вилоят омада, максуд чист? Ба ин чо макон мегиред, ё сафар мегузинед?» Ба ҳар сурат хабаре биёр, ки ҳолам хароб аст.

Байт:

Аз дўст ҳар касе, ки хабар овард ба дўст,
Инсоф медиҳам, ки кам аз Ҷабраил нест.

Он каниз аз чой бархост ва беихтиёр ба чониби сарой даромада, ба фурчан он панч тан даромад, фурчае дид ороста, палосхои некў андохта, панч нафар каландар нишаста. Салом кард ва баъд аз он биншаст. Назар кард, саромади эшон каландаре, ки чамолаш аз ҳадди башар дур, вале ба он сурат монанд. Гуфт:

— Эй чавонон, аз кучо омадаед ва касди кучо доред? Суратирози шумоён кист? Он сурате, ки аз барои малика накш кардаед, кадом аст? Мулки ў дар кучо ва номи ў чист?

Гуфтанд:

— Баргӯ, ки ту аз кучой ва аз ин пурсиш чӣ мехохӣ, то донисто чавоб гӯем?

Гуфт:

— Ман яке аз канизони малика Гулфомам. Маро фиристодааст, ки аз мукаддимаи шумоён хабаре гирам.

Гуфтанд:

— Рафта ба хизмати он бону арзи ихлос бирасон ва баргӯй, ки он чи максуди ӯст, ба шарти он ки назари илтифот аз ин махчурон дур насозад ва муроди худ нихон накунад, он чи дар дил дорад намояд.

Каниз аз чой бархост, ба хизмати малика омада, он чи гуфта буданд, намуд.

Гулфом каламу коғаз талаб кард аз рози дили хеш шаммае изхор намуд, ки «эй каландарвашони кӯи саргардонӣ ва эй биёбоннавардони водии хайронӣ, ин чи сурат буд, ки накш бастед ва ин чи тилисм буд, ки басе андешаро шикастед, бар сарам савдое, бар дилам ғавғое фикандед? Сарви озоде будам дар гулистони айём, ки аз силсили барги хазон хабарам набуд. Бахори умрам дар нозукиву хуррамӣ гузашта, сарв аз хичолати коматам сар дар пеш афканда ва гул аз хохиш нисори кудумам мехост. Обрӯи чамани зиндагонӣ будам, ба хар найранге вакти худро хуш медоштам. Надонистам шуморо чи кина буд, ки дар оташам афкандед. Аз ин кирдор чи матлаб дар дил доред? Бознамоед, фикри ман бисозед, ки тоби кохишу гудозиш надорам.

Байт:

Дур бех аз тан саре, к-ороиши доре нашуд,
Бишканад дасте, ки хам бар гардани ёре нашуд.
Сад бахор охир шуду хар гул ба фарке чо гирифт,
Ғунчаи доғи дили мо зебиҳ дасторе нашуд».

Ва рукъаро ба дасти каниз дода фиристод. Каниз оварда ба дасти Сулаймоншох супурд. Сулаймоншох гирифта мутолиа кард, баъд аз он ба ёрони худ намуд. Гуфтанд:

— Чавоби ӯро навис, то донад, ахволи худ намой, то хонад.

Сулаймоншох қалам ба даст гирифта, навишт:

Байт:

Қалам гирифтаму гуфтам салом бинвисам,
Хикояти шаби хичрои тамом бинвисам.
Шикояти шаби хичрону киссаи дурӣ
Зи хад гузашт, надонам кадом бинвисам.

Эй якто ғавхари садафи махбубӣ ва эй шакарлаби ширинкаломи тарабсарои зиндагӣ, аз хубии рӯзгорат чӣ расид, ки забон ба такаллуми шикваву ачз кушодай? В-эй бар чон мустаманде,

ки бори ғами ҳичратро бар дӯши ҷон кашид, аз тахти шаҳриёрӣ даст бардошта, либоси бесарупой дар бар карда, умре аз баҳои такопӯят сар дар водии мусофират нихода, дар ин вилоят ба ғарибӣ зиндагӣ кардаам, ба ҳар сурат.

Байт:

Ту маъшукӣ, туро бо ғам чи кор аст,
Манам ошик, ба ман ғам созгор аст.

Зинҳор, аламро бо дили худ роҳ мадех, ки ғам туро аз по хоҳад афканд. Хотир аз сари умур ҷамъ дор, ки он чи бандагиро ба ҷой орам, дар ин ҳангома тадбире созам, ки ҳеҷ афсунгаре надонад».

Номаро печида фиристод. Малика номаро саропо мутолиа кард, ба каниз гуфт:

— Зуд рафта баргӯй, ки ҳар фикре, ки дорад, пеш орад.

Омада намуд ба вай. Бар он ҷаҳор ҳунарвар назаре кард.

Ҷавони накбкан аз ҷой бархост, ба Сулаймоншоҳ таъзим ба ҷой оварда, гуфт:

— Ин хизматро ман ба такдим расонам, ба шарти он, ки Гулфом макоми худро бо ман намояд. Баъд аз манзили ӯро дидан, аз даруни ҳучраи сарой то ба хонаи малика накб зада, роҳе созам, ки ҳар ду бе ташвиш бо ҳамдигар ҳамроз бошед, аз ғамҳои олам халос ёбед.

Сулаймоншоҳ масрур гардид, ҳамин воқиаро гуфта фиристод. Малика низ кабул намуд. Ҷавони накбканро либоси заифона пӯшониданд, каниз ҳамроҳи худ ба касри Гулфом бурд. Тамоми макомро хуб мулоҳиза карда, ба малика гуфт:

— Баъд аз бист рӯз аз даруни нихонхонаи ту хоҳам баромадан. Фалон бегоҳ аз ман бохабар хоҳӣ буд.

Таъзим ба ҷой оварда, ба хизмати Сулаймоншоҳ расид, аз нихонхонаи фурчаи сарой накб зада, роҳӣ шуд. Баъд аз бист рӯз чунончи гуфта буд, аз ҳамон хонаи Гулфом сар бадар кард, гуфт:

— Акнун ту фармой, ки ту ба хизмати ӯ меравӣ, ё ӯ ба хизмати ту ояд?

Гуфт:

— Фардо бегоҳ шоҳзода ояд.

Аз роҳи накб худро ба Сулаймоншоҳ расонид, паёми васл овард.

Байт:

Ба ҳар ҷулшан, ки он сарви баландикбол меояд,
Гул аз нолидани худ бахри истиқбол меояд.
Каманди ҳиммати ман дорад имшаб ҷазби чандоне,
Ки ман аз худ раваам, маъшукам аз дунбол меояд.

Хушиуду шодком он рӯзро гузаронид, чун шаб бар сари ҷанг даромад, малика худро орост, хонаро аз ғайр холӣ сохт, ҳар кадомро ба ҳар ҷониб фиристод. Канизаке, ки аз асрори ӯ иттилоъ дошт, ӯро дар хонае гузошт, дар нихонхона даромада нишаст. Сулаймоншох аз роҳи нақб омада назар кард. Чун чашмаш афтод, аз ҳайрат бар девор пушт нихода, соате маҳви ҷамоли ӯ шуд. Хусне дид барки ӯ шамъро хира карда, дили ушшокро равшан сохта. Қиёматҷилвае, ки нигоҳи ӯ буньёди мастиро барканда. Баъд аз тааммули бисьёр баромада, сар фуруд овард. Гулфом аз ҷой бархост.

Байт:

Зи ҷо шохи гуле афрохт комат,
Қиёмат шуд, қиёмат шуд, қиёмат.

Дигаре гуфтааст, байт:

Зи ҷо бархез, то хафт осмон гирдя сарат гардад,
Сихӣ сарвонро то ҷанд миннат бар замин бошад.

Ҳар ду бо ҳам дар такаллум даромаданд. Он чи мехнате, ки Сулаймоншох кашида буд, такрир дод. Гулфом низ ошуфтагии худро баён кард. Бо ҳам аҳд бастанд, ки то зинда бошем, бо ҳам ёр бошем.

Байт:

Моҳҳо бояд ки то як мушт пашм аз пушти меш,
Зохидеро хулла[1] гардад ё химореро[2] расан
Солҳо бояд ки то як кӯдаке аз рӯи табъ,
Олими доно шавад ё шоири ширинсухан.
Карнҳо бояд ки то гардуни гардон як шабе,
Ошиқеро васл бахшад ё ғариберо ватан.

Он шаб дар як ҷо буданд, субҳ дамида буд, ки ба холи харобдурӣ гузиданд. Шаби дигар Гулфом аз роҳи нақб ба фурчаи Сулаймоншох омад. Он чаҳор тан низ ҳамроҳ буданд. Сулаймоншох гуфт:

— Аз инҳо ҳеҷ бок надорам.

Ҷоми шароб дар гардиш даровардaнд. Гулфом либосҳои мулукона ба ҳар кадом бахшид, гуфт:

— Аз либосҳои каландарӣ берун оед. Ба ҳар тариқа ки мехоҳед, дар ин вилоят зиндагонӣ созед. Ман ҳазоинро худро нисори шумо мекунам.

Эшон аз либоси каландарӣ берун омада, ба хушии тамом зин-

---

[1] *Хулла* — ҷома, пӯшок.
[2] *Химор* — хар.

дагонй мекарданд. Ҳар шаб Гулфом меомад, то субҳ мебуд. Асбоби неъмат муҳайё месохтанд. Аз ин воқиа чанд вақте гузашт, мардум дар андеша афтоданд, ки «ин каландарон ҳар рӯз сарфу харчи бисьёр доранд, дунье аз кучо пайдо месозанд?» Ногаҳ ба гӯши шоҳ расониданд, ки «панч нафар каландар муддате шуд, ки дар сарое макон гирифтаанд, аз либоси каландарй баромада, шабу рӯз ба айшу ишрат машгуланд. Надонем, ки пешан эшон чист ва хунар кадом аст».

Дарвозан шахрро тавон баст,
Натвон дахани мухолифон баст.

Шоҳ дар фикри он шуд, ки ниҳонй аз аҳволи эшон хабаре гирад. Вазири худро талаб кард, бегоҳиро хилват ёфта, аз касри шоҳ бачониби сарой роҳй гардид. Бар дари сарой омада фарьёд кард, ки «дарро кушой!». Саройбон омада гуфт:

— Кист дар ин вакт омада?

Гуфт:

— Вазири шоҳ манам, ба амри малик омадаам, аз ин сарой хабаре гирам.

Ночор дарро боз кард. Ҳамроҳи шоҳ вазир даромада, бар дари хучраи Сулаймоншоҳ омада назар кард, духтари худро дид, ки дар садри хона нишаста, панҷ нафар атрофи ӯро гирифта, сокигарй месозад. Шоҳро ҳар мӯй бар тан чун ништари обдор аз пирохан сар баровард. Теге дар миён дошт, бар даст гирифта, кадам пеш ниҳод. Вазир дасти шоҳро гирифта, оҳиста дуо карда баъд аз он гуфт, ки:

— Малик, чи мешавад ки дар айёми давлати ту мусофирон бо ин айш зиндагонй кунанд? Аз адли ту хоҳад буд. На он ки айши дардмандонро бархам занй, балки касди хуни эшон бисозй.

Гуфт:

— Эй вазир, надидй, ки духтари ман дар садри хона нишаста, пиёладорй мекунад?!

Вазир гуфт:

— Эй шоҳ, одам ба одам монанд бисьёр аст. Духтари ту дар акиби хафт пардааст, ҳаргиз аз он чо берун натавонад омад. Хуб мулоҳиза кун, ки пушаймон нашавй.

Ба шоҳ суханй вазир писанд афтод. «Пас рафта аз касри духтар хабаре гирам»,— (гуфта), аз он чо руҷъат намуд. Вазир саре дарун карда, гуфт, ки:

— Эй чавонон, хабардор бошед, ки шоҳ омада, мехост, ки айши шуморо бархам занад, ман маъни кардам. Фикри худро донистa созед, ки боз меёд.

Чун ин сухан шунидаанд, хама хайрон шуданд. Малика гуфт:

— Хеҷ андеша ба хотир роҳ надихед, ки ман донистам ба чй ғараз рафтааст.

Аз ҷой бархост, аз роҳи накб ба макони худ рафта, либоси дигаре дар бар карда, дарро баста даромада, парда бар рӯй кашида, ба хоб мукайяд шуд. Шоҳ омада аз дар даромад, ки духтар ба хоб рафтааст. Пардаро бардошт, дид, ки хобидааст. Хуб мулоҳиза карда, дар дил гуфт: «Вазир аз роҳи басорат маро манъ кард, ваилло кори нописандида кардаам. Акнун тамошое созам». Дубора омада бар дари сарой фарьёд кард. Духтар низ омада аз роҳи накб бар ҷои худ нишаст. Шоҳ бар дари хуҷра омада, хуб мулоҳиза кард, ки малика аст, ки ҳеҷ тағьир надорад. Бисьёр таъхир кард, боз ба ҷониби қасри малика равон шуд. Гулфом боз рафта ба хоб шуд. Омада ин навбат хуб рухсоран ӯро мулоҳиза карда, нишонҳо сохта, бар сарой омад. Аз дар назора кард, ки ҳеҷ тағьир надорад. Мехост, ки дарояд, вазир гуфт:

— Андеша кун, ки пушаймонй суд надорад.

Аз ҷиҳати бетокатй боз ба касри малика рафт, ки хобидааст.

Ровй гӯяд, ки то ҳафт навбат рафта омад, навбати ҳаштум ба вазир гуфт:

— То надароям, дилам ором намегирад.

Вазир гуфт:

— Ба тарикаи мехмонй хохед даромад.

Шоҳ аз дар даромад, хама аз ҷой бархостанд.

Духтар гуфт:

— Ин мардум аз кучоянд ва ба чи ғараз омадаанд?

Вазир гуфт:

— Сӯҳбате дидем, дохил шуда омадем.

Гуфтанд:

— Хуб аст, биншинед, соате мехмони мо бошед.

Ҳар ду нишастанд, ҷоми шароб дар гардиш даровардаанд, се — чаҳор ҷоми шароб дар дасти падар дод, шоҳ чунон ҳолате дид, ки тағьир аз малика надорад, аммо ӯ низ парвое аз шоҳ надорад. Ба дил гуфт: «Агар фарзанди ман мебуд. Ҳар ойина ҳолаш мутағайир мешуд, пас ӯ нахоҳад буд. Аммо дар инсон харгиз ба ин ҳол монанд нашудааст». Ба кудрати вочиб офарин мекард. То сахар буданд, баъд аз он бархостанд.

Малика гуфт:

— Эй Сулаймоншох, фикри донистае бисоз, ки акнун рост намеояд, расидан ба ту дур менамояд.

Байт:

Гах дар лаби хушк, гох дар чашми тар аст,
Яъне, махи ман мусофири бахру бар аст.
Аз дида агар ба дил дарой чи шавад,
Рохи дарьё ба Каъба наздиктар аст.

Гулфом ба касри худ шитофт, ба гўшае фурў рафт. Аммо оташи дуриву махчурй ба дили ў шўъла задан гирифт. Шох аксар хабаргирон буд, канизонро низ ба мухофизат амр фармуд.

Даре ба рўи дилам ишк боз хохад кард,
Чунун димоги маро сарфароз хохад кард.
Зи кас панох начўям пан кушонши кор,
Хамон, ки дар ба рухам баста, боз хохам кард.

Аз ин вокиа чанд рўз гузашт, алам зўр овард, дард бар сар давид, Гулфом навишта фиристод, ки «эй шохзода, то кай ва то чанд ба ин сурат зиндагонй ба сар хохад рафт? Агар метавонй, рохе намой, ки тоби алами хичрон кашидан намонд. Бекарорй аз хад фузун шуд. Е он ки туро парвои ман нест? Бигўй, ки ту донй. Мисли ман гамзада ба доги хичрон гирифтор бош. Аз бехобиву бетобй ором аз ман рафтааст. Ба худое, ки дар каломи мачид номи худро рахиму рахмон кард.

Фард:

Ончунонам ба орзумандй, ки ба сад нома шарх натвон кард».

Чун номаро Сулаймоншох дид, ба худ чун мор печид, ашк аз дида бирехт, калам бар даст гирифта, навишт, ки «эй мохликои хуршедсимо, аз ин гуфтор чи максуд дорй? Алами маро мехохй, ки афзой ва бахри бекаронаи ушшок дар тамаввуч ояд? Бидон:

Байт:

Гирифтори ту, эй мах, хона аз гулшан намедонад,
Ба гам парвардаи ишкат дил аз ойина медонад.

Чун сипанд дар рўи оташ соате ором надорам. Симоб машки бекарорй аз ман гирифта. Ба гайр аз нолаву зорй мўнисам дигар кас нест,

Байт:

Курбон шавам туро, ки надонистай ханӯз
Ихлоси ман, муҳаббати ман, эътикоди ман.

Агар дар хотир чун ман гирифторӣ дорӣ, шаберо ғанимат шумор, ки аз ин вилоят худро ба каноре гирем, бе ташвиши аҳьёр умри худро ба сар барем, ки кохиш аз андоза берун аст».

Рукъаро Гулфом дид, кирдори ӯро писандид. Мунтазир буд, то ки бегоҳе ӯ либоси мардӣ дар бар карда, хамрохи ҳамон канизе аз рохи накб расиданд, ба таковарон рокиб шуда, рохи вилояти Эрон дар пеш гирифтанд. Он шаб даргузашт, рӯз шуд, маликаро ғоиб диданд. Харчанд таваччӯҳ карданд, асаре наёфтанд. Ночор ба шоҳ арз карданд. Худ бархоста ба хонаи духтар омад, аз канизон пурсид. Онҳо гуфтанд:

— Мо намедонем. Як тан мӯниси ӯ буд ва холо ҳар ду нопайдо шудаанд.

Аз дарбонон пурсиданд, онҳо гуфтанд:

— Имшаб касе набаромада. Аз тарси ту ҳама шаб посбонӣ мекардем.

Билохир дар таваччуб афтоданд. Канизе гуфт:

— Даруни ин хона бисьёр медаромад.

Баъдаху шоҳ даромада, дид, ки роҳе тайёр кардаанд. Касеро дар он накб фиристодид, аз хучраи сарой сар баровард. Ба шоҳ хабар бурданд. Шоҳ донист, ки он бегоҳ малика будааст. Ба кирдори эшонон офарин кард, ризо ба ҳазои илохӣ дод, аз акиби эшонон кас нафиристод.

Чанд вакте роҳ паймуданд, рӯзе ба сарчашма расиданд. Он чо ҳама дар хоб буданд. Чавон, ки илм омӯхта буд, хобаш намебурд. Бар дарахти чашма назар кард, ду мурғ нишаста, бар даҳони як мурғ барге, они дигар мехохад, ки баргро аз даҳони ӯ гирад. Ҳар ду дар талош буданд, ки барг аз даҳони мурғ бар канори чавон афтод. Ҳар ду мурғ фуруд омаданд, ки баргро ёбанд, чавон бар даст гирифт. Бетобии онҳо зиёда шуд, ночор дар даҳон андохт, фурӯ бурд. Хӯрдан замон забони мурғонро донист, дид, ки мурғон бо ҳам мунокиша доранд. Яке мегӯяд, ки «ба ман насиба надодӣ, охир дидӣ, ки насиби одамӣ шуд». Гуфт: «Ин аз барои хирси ту шуд, ки сабр накардӣ, дар ҳамин маком, ки одам буд, фуруд омадӣ, кофияи ман танг кардӣ, ин ҳама машаккат, ки буд, зоеъ сохтӣ. Ман мегуфтам забони одамизодро донам, нагузоштӣ». Бо ҳам гуфтугӯи бисьёр карданд, окибат дарег гуфта, парвоз карданд. Чавонро табъ болид бо касе изҳор намекард. Аз ҳар илм сухан месохт, аммо

аз ин илм намегуфт, то ки ҳариб ба вилояти худ расиданд, бар зери дарахте фуруд омаданд. Дар он ҷо низ дар хоб шуданд. Ду фохта омада дар шохи дарахт нишастанд, бар замин назаре карданд, як мурғ дареғ гуфт. Дигаре сабаби ӯро пурсид. Гуфт:

— Ин ҷавоне, ки хобидааст, шоҳзода Сулаймон ном дорад, ин ки дар паҳлӯи ӯст, духтари шоҳи Сарандеб аст, Гулфом номи ӯст. Баъд аз меҳнати бисьёр он ду бо ҳам расидаанд, ҳанӯз аз васли якдигар бахра наёфтаанд, аз ҳам ҷудо хоҳанд гардид.

Гуфт:

— Ба кадом сабаб?

Гуфт:

— Қазои муаллаҳ ба Сулаймоншоҳ рӯй диҳад, ки ба вилояти худ дохил нашуда колиб тиҳӣ хоҳад кард. Дафъе дорад, аммо дафъи ӯро одамӣ намедонад. Ин тарика аст, ки вакте ки аз падар ҷудо шуда, ба талаби Гулфом рафт, умре гузашт, аз ӯ асаре маълум нашуд. Падари Сулаймоншохро бародаре буд ӯро пеши худ талаб кард, гуфт: «Аз фарзанди ман хабаре нашуд. Акнун хуб аст, ки ҷонишини ман ту бошӣ». Мулкро таслими ӯ кард, худ ба канорае ба ибодат машғул шуд. Акнун хабари омадани Сулаймонро шунид, аз барои ӯ аспеву сару поеву ҷонваре ва саҳгони тозӣ мефиристонад, ҳамаро ба захр олуда месозад. Ҳамин ки либоси ӯро пӯшад ва кадам ба дидан рикоб ниҳад, албатта ҳалок мешавад. Мебояд ки ҳамин ки либосу аспро рӯ ба рӯ карданд, аспро бикушад ва ҷонворонро сар канад ва либосро пора-пора созад ва сагонро дасту по ҳалам карда, низ бикушад. Баъдаху падар бо ҳамроҳин амак ба пешвоз мебароянд, бо онҳо чехра нашуда, аз дарвозаи дигар дароянд, ваилло аз хазор ҷон як ҷонаш саломат нахоҳад монд. Агар касе ин розро гӯяд, худи ӯ санг хоҳад шуд. Вокиан мушкиле афтода, моро бо одамӣ чи кор,— гуфта ҳар ду фохта парвоз карданд.

Ҷавон ин сухан шунид, бисьёр парешон шуд. Донист, ки хайвонот дурӯғ намегӯянд, аз ғаму андӯҳ фарьёде баркашид. Ҳама бедор шуданд, мехостанд саворӣ созанд. Ҷавон Сулаймоншохро видоъ карда, гуфт:

— Акнун ба вилоят расидӣ, маро рухсат дех, ки саре мегирам ва сомоне талаб мекунам. Қазиаи дохил шудани ин вилоят надорам.

Сулаймоншоҳ узр хост, гуфт:

— Акнун худ шумоёнро медонам, ки бо ман ёриву хизмат-

гории бисьёр кардед, меҳнати ман бисьёр кашидед. Баҳдулявм тамаъ дорам, ки роҳат бинед.

Ҳарчанд саъй карданд, қабул накард. Ночор ҳама аҳд карданд, ки ҳар чи гӯй аз сухани ту таҷовуз насозем. Гуфт:

— Вакте ки ин навъ бошад, ҳар чиз, ки ба шумоён мефиристонанд, агар ҷондор бошад, бикушед ва агар чиз бошад, пора-пора созед. Агар пешвоз бароянд, аз дарвозаи дигар ба шаҳр дароед, ваилло ин тариқ насозед, якин ки дар биёбон сар ҳоҳам ниҳод.

Ҳарчанд ҳақиқати ӯро суол карданд, ҷавоб надод. Ноилоҷ қабул намуданд, гуфтанд: «Чунин созем». Ба ҳамин шарт роҳӣ шуданд. Чунончи гуфта шуда буд, аспу сару пову ҷонвару саги тозӣ оварданд, ҳамаро Сулаймоншоҳ бархам зад. Касе, ки оварда буд, ӯро низ кушт. Ин хабарро ба шоҳ бурданд, ҳама тааҷҷуб карданд, ночор ба истиқбол баромаданд. Саводи мардум намоён гардида буд, ки Сулаймон ҳамроҳи ёрони худ ба дарвозаи дигар шитофт, пештар аз мардум омада дохили касри шоҳӣ шуданд. Аммо падараш бисьёр озурда гардид, фарзандро дар канор кашида, навозише кард. Чун чанд рӯз гузашт, аз Сулаймоншоҳ оғози гила карда, гуфт:

— Эй фарзанд, чаро ношоиста кор кардӣ, маро дар миёни мардум шарманда сохтӣ?! Ҳама туро девона мукаррар карданд.

Сулймоншоҳ гуфт:

— Аз барои ин рафики худ, ки олим ба ҷамъи улуми динист, ихтиёр кардам, ваилло дар хотир надоштам.

Шоҳ дар ғазаб шуда, гуфт:

— Эй беадаб туро ба алим гузоштам, ки агар аз фарзанди ман коре сар бизанад, ки ношоиста бошад, ту ӯро манъ кунӣ, на он ки ту ӯро омӯзӣ!

Чандон гуфтанд, ки ба ғайр аз изҳори он роз чора надид, воқиаи мурғон ва қазои муаллаки Сулаймоншоҳ ва дафъи он ва донистани забони мурғон ва санг шудани гӯянда, ҳамаро такрир дод. Тамом карда буд, ки санг шуд. Сулаймоншоҳ чун ин мукаддимаро дид, гиребон бар тан дарид, гуфт:

— Медонистам, ки кирдори ӯ бевачҳ нест. Ба тавраш нагузоштанд, ӯро аз миён бардоштанд. Бе ӯ зиндагӣ надорам.

Ӯро Сулаймоншоҳ бар сари худ гирифта, ба ҷониби биёбон роҳӣ гардид. Чандон ки манъ карданд, рост наёмад. То як сол бар сар гирифта гашт. Рӯзе бар лаби чашмае расид, ӯро аз сари худ ба каноре гузошт, дами обе нӯшид. Аз ҷониби биёбон пире ба сарвакти Сулаймоншоҳ расид, пурсид, ки:

— Ин ҷо чи мекунӣ?

Вокиаи худро тамом баён кард. Пир гуфт:

— Эй шохзода, ин чашмаро Шифо ном аст, ҳар маризе, ки дарояд беҳ шавад, вале ғайр аз ман касе намедонад. Биё ҳамин сангро дар чашма андоз, агар ба сурати асл ояд, фаҳувалмурод, вайлло ўро гузор, ки умр зоеъ сохтан аст.

Сулаймоншох иқбол намуда, ба чашма даровард, се чоми об бас сараш рехт, дар таҳаррук даромад, сангро рехта, аз миёни санг баромад, дар кадами Сулаймоншох афтод, гуфт:

— Донистам, ки ба таваччўҳ шуд, вагарна, ба сурати аслй омадан имкон надошт. Агарчи чон фидои ту кардам, охир ҳаёт аз ту ёфтам.

Байт:

Бигў кори вафо бемузд кор аст,
Ки доғеро талофй чашми ёр аст.
Гар аз тан бигзарй, чон медихандат,
Гар аз ин бигзарй, он медихандат.

Ҳар ду ҳамдигарро дар оғўш кашиданд, баъд аз он пирро дуо карданд, чониби шаҳр омаданд. Мардум ба шоҳ хабар бурданд, ки Сулаймоншох ҳамрохи рафики худ меёяд. Шоҳ ба истиқбол баромада, фарзанди худро оварда бар тахт нишонд, он чаҳор танро вазири ў кард, худ ба ибодат машғул шуд. Сулаймоншох ихтиёри мулкдориро ба онҳо гузошт, худ ҳамрохи Ғулфом ба айшу ишрат машғул шуд, ки ҳар кадоми онҳо забондони якдигар буд. Мудате дар дорулфано шодмонй карданд, окибат кўси рехлат навохтанд, навбат ба дигарон гузоштанд. Ба чуз ракам бокй намонд.

Дуньё, ки матояш ҳама партофтанист,
Дар ковиши ў машав, ки нокофтанист.
Ҳар чиз талаб кунй, аз ў ҳохй ёфт,
Чуз сўҳбати дўстон, ки ноёфтанист.

БАХТИЁРНОМА

Аммо ровиёни ахбору нокилони осор чунин овардаанд, ки дар аёми пешин подшоҳе буд, ӯро Сулаймоншоҳ мегуфтанд ва ӯро сипаҳсолоре буд, ягонаи рӯзгор, духтаре дошт дар ҳусну латофат мисли ӯ дар ҷаҳон набуд. Аммо сипаҳсолор он вакт ба мутолиаи[1] вилояте аз шаҳр берун омад. Иттифоқо, чанд рӯз ӯро дар он ҷо таваккуф афтод. Сипаҳсолорро рӯзе меҳри фарзандӣ тофт, амр кард, ки духтари маро биёред.

Қосидон равон шуданд, ба назди духтар омаданд, шарҳи орзумандии падарро ба духтар баён карданд. Духтар шунида гирьён шуд, бифармуд, ходимон асбоби рафтанро тайёр карданд. Аморие хуб, чунон ки лоиқи подшоҳон бошад, омода карданд, дар роҳ даромаданд.

---

[1] *Мутолиа* — дидан, огоҳ шудан.

Қазоро, подшоҳ он рӯз ба шикор рафта буд, дар гашт ногоҳ чашми ӯ бар амории духтар афтод. Ба ғуломе ишорат кард, ки «ин аморӣ аз они кист ва ба кучо меравад?»

Ғулом вокиф буд, ба хизмати шоҳ баён кард. Шоҳ маркаб ба сӯи ӯ ронд. Чун наздик расида буд, ки ногоҳ бод домани аморирро бардошт. Чашми шоҳ афтод, дили подшоҳ аз даст бирафт ва мурғи ҷонаш аз ҳавои ишқи он духтар дар парвоз даромад. Подшоҳ бифармуд, аморирро ба ҷонибе шаҳр гардонидаанд, дар ҳарам фуруд оварданд. Мехост, ки духтарро дар никоҳи худ дарорад, номае аз барои сипаҳсолор фиристод. (Сипаҳсолор) ходиме таин карда буд, ки (аз духтар) бохабар бошад. Он ходим хабардор гардид, ки подшоҳ мафтуни он духтар шудааст.

Байт:

Рӯи чу гулам бидид боре,
Бар ҷони ҳазин хаста хоре.
То кадр чу сарви ӯ бидидам,
Мафтуни дили мустамандам, оре!

Подшоҳ гуфт:

— Эй ходим, ин ҳадис, ки ба назди сипаҳсолор элчӣ равона созам, ба ӯ расонанд, ки подшоҳ духтаратро хутба мехонад, бояд ки ба хотири шумо (малоле) нарасад, аз домодии ӯ туро оре набошад.

Байт:

Сипаҳсолор аз нома хонад,
Зи ҳоли подшоҳи аҳд донад.
Туро донам, аз ин оре набошад,
Ки домодии мо шоиста бошад».

Ходим ин суҳан бишнид, замин бӯса дода, гуфт:

— Зиндагонии подшоҳи Чин дароз бод!

Байт:

Ройи ту ҳама савоб бошад,
Аз гуфти ту сар чи гуна тобад?!,
Он кас, ки хилоф кард бо ту,
Ҷону дили ӯ кабоб бошад.

Аммо маслиҳат он аст, дастурӣ диҳед, духтари сипаҳсолорро барем ва ин маъниро ба оҳистагӣ ба ӯ расонем, то ӯ аз подшоҳ миннатдор гардад, чунон ки лоиқи арӯсон бошад, сохта биёрем.

Ин ҳикоят кард, шоҳ фармуд, аморирро ба сӯи шаҳр равон карданд. Боз ходим ба сӯи шаҳр омада, замин бӯса дода, гуфт:

— Подшохиро хамчунин кор лоик набувад, ки мардумон гумони бад набаранд. Бехтар он аст, ки ба наздики падараш барем.

Подшохро нохуш омад, бонг бар вай зад, ки:

— Туро чи хад, ки пеши ман сухан гӯй ва маро панд диҳӣ!

Хост ходимро сиёсат кунад, боз тахаммул кард, ки мабодо хотири нозуки духтар биёзорад, ходимро афв кард, инони маркабро гирифта ба шаҳр даровад. (Духтарро) ба саропарда фуруд оварданд. Алассабоҳ подшоҳ бифармуд, то уламову фузало ҳозир шуда, акд мувофики шаръ барбастанд ва бар он давлат, номаҳои тахнинят навиштанд ва ба анвои шодмонӣ ба чониби сипаҳсолор равон карданд. Дар назди ӯ рафта, аҳволи духтарро ба тарики хусумат баён карданд.

Сипаҳсолор аз ғояти фирок дар изтироб даромада, оташи ғайрат дар дили ӯ шӯъла задан гирифт, лекин аз барои маслаҳат дарҳол шукрона карда номае ба чониби подшоҳ навишт, муштамил бар анвои шодмонӣ: «Ин саодат аз машрики ҳидоят тулӯъ кардааст ва ин чи каромат аст, ки ба рифки[1] холи мо бошад.

Байт:

Чи тоат аз манн бечора омад,
Ки иқболу саодат ёри ман шуд?
Фалак дар кори ман ёрӣ намуда,
Ки иқболи фалак дар кори ман шуд.

Ва шукри ин ташриф ба кадом забон тавонам гуфт». Аммо дар зоҳир ин калимот мегуфт, ба ботин дар макру ҳила мекӯшид.

Подшоҳ ба айшу ишрат рӯз мегузаронид. Чун бар ин маъни чанд моҳе гузашт, сипаҳсолор бузургонро талаб карда, гуфт:

— Бидонед, ки маро бо шумо розест. Маълуми шумо бод, ки муддатест, ки умри азизи ҳудро дар ҳизмати подшоҳ сарф кардам, ӯ (кадрам) надонист,— ва ин назмро ба забон меронд: Мисраъ:

Дар миёни чону дил дорам роз».

Баъд аз он савганд ёд кард, ки «агар Сулаймоншоҳро аз он вилоят чудо накунам, чунину чунон бошам!»

Алқисса, Сулаймоншоҳ сипаҳсолорро бо элчигарӣ ба вилояте фиристода буд, сипаҳсолор бо ҳуд «чаро рафта навкарии

[1] *Рифқ* — мехрубонӣ, навозиш.

ин шоҳро ихтиёр накунам» — гуфта, дар ғазаб даромада, ба пеши подшоҳ омада, шоҳро мулозимат кард ва гуфт:

— Эй подшоҳи олиҷоҳ, навкарии туро қабул кардам, ба шарте ки ҳамин соат лашкар мунодӣ кунӣ, то се рӯз ҷамъ шаванд, бар сари Сулаймоншоҳ равӣ ва ӯро аз шаҳр ҷудо созӣ. Дар ин муддат мулоҳизаи ту аз ман буд ва ин замон ман худро аз навкарии ӯ ҷудо кардам ва ба ту пайвастам. Чи маҳалли истодан аст?!

Чандон васваса кард, ки подшоҳ мунодӣ кард. Баъд аз он лашкар ҷамъ шуданд, гирифта ба вилояти Сулаймоншоҳ омад. Сулаймоншоҳ дид, ки лашкари анбӯҳ омада, донист, аз ӯхдаи ин лашкар наметавонад баромад. Занаш ҳомила буд, гуфт:

— Эй зан, падари ту чунин лашкаре бар сари ман оварда, ман наметавонам ба ин лашкар рӯ ба рӯ шудан. Лашкари ӯро ниҳоят нест ва шаҳрро низ қабл наметавонам кард, ки мардум розӣ нестанд. Бас кор ба ман мушкил шуд, ба ман ҳамроҳ меравӣ, ё мебошӣ.

Духтар гуфт:

— Маро аз шумо ҷудой нест!

Ҳар ду ба аспон савор шуда, аз шаҳр баромаданд ва рӯй ба тарафи Кирмон карда, роҳӣ шуданд. Ба бешае расиданд, ки чашмаҳои обу гулҳои гуногуи дар он беша буд. Булбулон ба овози фасеҳ нола мекарданд. Дар он вақт духтарро дарди ҳамл гирифт. Соате бигзашта буд, ки писари моҳталъате бар замин овард. Ҳар ду бар рӯи ӯ наззора мекарданд, чунон офтобпайкаре, ки аз акси рухсораш чоҳи торик мунаввар буд, аз партави гули изораш хонаи торик мунаввар мешуд. Модар фарзандро дар канор гирифт ва як дам шир дод. Подшоҳ гуфт:

— Эй ороми ҷони ман, маслиҳат он аст, ки ӯро бар лаби ин чашмасор ба офаридагор супорем, ки парвардигор аз фазлу карами бениҳояти худ фарзанди ба ҷон пайванди моро дар паноҳи офияти худ нигоҳ дорад.

Ин гуфта, фарзандро аз канори модараш гирифта, бар болои тахтасанге бар сари он чашма гузошт ва донаи дури кимати ҳамрохи бозубанд ва ду дона алмосу як дона лаълу панҷ дона ёқут бар бозуи фарзанд баста, падару модар гирьёну нолон дар роҳ мерафтанд, то наздики шаҳри Кирмон расиданд. Подшоҳи Кирмон аз омадани эшон хабардор шуда, ба истиқбол баромад, подшоҳро бо эъзозу икром ба шаҳр даровардаанд ва ба боргоҳи шоҳона фуруд оварданд. Чун рӯзи дигар шуд, подшоҳи Кирмон бифармуд, умарову аркони давлат ҳама ҳозир омаданд ва мутрибону хонандагону аҳли тарабро ҳозир

карданд ва мачлиси подшохона биёростанд. Он гоҳ подшоҳи Кирмон писари худро бо дах нафар хочиби хоси худ ба хизмати подшох фиристод, то ўро ба мачлис оварданд ва пиёлаи шароб дар гардиш даровардaнд ва мутрибон ба нағмаву наво машғул ғаштанд, раккосон ба раксу бозӣ даромаданд. Чун навбати шароб ба Сулаймоншоҳ расид, об аз чашм ҷорӣ кард.

Подшохи Кирмон гуфт:

— Дил хуш дор ва мардона бош, ки имрӯз рӯзи нишот аст, на рӯзи ғам хӯрдан. Он чи муроди туст, муяссар шавад — ва ин байт мегуфт:

Байт:

Навмед машав, ки навмед намонад,
Кас дар ғами рӯз ҷовид намонад.

Он гоҳ Сулаймоншоҳ гуфт:

— Чун дил хуш дорам, ки аз тахту салтанату мамлакати худ чудо мондаам. Хазинаву дафина ба дасти душманон афтод.

Шохи Кирмон гуфт, ки:

— Дил хуш дор, ки туро чунончи дилхохи ту бошад, он кунам ва мамлакати туро, иншоллоҳ таоло, бигирам ва бо ту бидихам,— гуфта, касам ёд кард.

Сулаймоншохро тасаллои хотир шуда, дар ишрат кӯшид. Баъд аз адои базм шохи Кирмон пурсид, ки ахволи гузаштаро такрир намой.

Сулаймоншоҳ забони балоғату фасоҳат бикшод, он чи аз аввал то ба охир расида буд, баёни дили шохи Кирмон кард. Шоҳ ғамнок шуд. Он рӯз гузашт, рӯзи дигар подшохи Кирмон бифармуд, лашкархо биёростанд. Сулаймоншохро бо лашкари бисьёр хамроҳ карда, ба чониби вилояташ фиристод. Сулаймоншоҳ ба вилояти худ омад. Сипахсолорро куввати ҷанг набуд, то се рӯз пойдорӣ кард, ночор рӯ ба гурез ниход. Сулаймоншоҳ ба шахр даромад. Ҷумлаи умарову райя ба хизмати ӯ омаданд ва замин бӯса доданд, амон талабиданд. Амон дод, бар тахт нишаст, доду адл пеш гирифт. Лашкари Кирмонро моли бисьёр дода ба тарафи Кирмон фиристод. Баъд аз он ба комронӣ умр ба сар бурданд, магар он ғами фарзанд, ки бар сари чашма монда буданд. Подшоҳ бо арӯс ҳар ду мегуфтанд, ки «даррандае ӯро хӯрда бошад. Тақдири илоҳӣ чунин будааст».

Қазоро, дар он биёбон дуздон буданд, роҳ мезаданд ва мехтари он кавмро Фаррухсавор ном буд. Дар он соат ки фарзанд-

ро дар лаби чашма гузошта буданд, он дуздонро гузор бар он чо афтод, писаре диданд, чун моҳи тобон дар либоси зарбафт печиданд. Ҳамрохони Фаррухсавор дар тааччуб монданд ва гуфтанд: «Қадами одамӣ ин чо нарасида, ин тифл подшохзода бошад, ба зарурат ин чо монда бошанд». Чун он дуздон диданд, ки дар гиребони ӯ бозубанд ва ёкут ба он писар буд, он замон бешак маълум шуд, ки подшохзода будааст.

Фаррухсавор, ки саромади дуздон буд, ӯро фарзанде набуд, аз ёрон дархост намуд, ки:

— Шумо медонед, ки маро фарзанде нест. Ин писарро ба фарзандӣ қабул кардам.

Алкисса, Фаррухсавор ин писарро Худойдод ном карда, ба ватани худ бурда, ба доя супорид, чунон ки калон шуд. Баъд аз чаҳор сол дар мактаб дод, то илму адаб биёмухт. Чун ба шонздаҳсолагӣ расид, дар тирандозиву шучоат ба дарачае расид, ки танҳо бо сад ҳазор кас дар ҷанг баробарӣ кардӣ.

Фаррухсавор ӯро бағоят дӯст медошт, чунон ки як соат бе ӯ ором надошт. Ба рох задан мерафт, ӯро хамрох бурдӣ. Корвонро задӣ, Худойдодро ин нохуш омадӣ, доимо дилаш ба корвонӣ месӯхт. Рӯзе гуфт:

— Эй падар, шумо ба корвон задану дуздӣ кардан мераведа, маро аз ин кор хуш намеояд ва ман ризо надорам. Маро дар чои худ бигузоред, то ман чойгохи шуморо нигоҳбонӣ кунам, то касе касди калъаи шумо накунад.

Фаррухсавор гуфт:

— Эй чони падар, ман бе ту чахони равшанро натавонам дид. Агар ту корвонро намезанӣ, аммо бо ман хамрох бош, дар гӯшае нишин ва тамошо кун, ки далер шавам. Бе дидори ту ман корвонеро наметавонам зад.

Худойдод ба фармудаи падар амал намуда, дар махалли корвон задан худро ба канорае гирифта ва баъзе корвонро шафеъ[1] мешуд ва чудо карда рохӣ месохт.

Қазоро, рӯзе Фаррухсавору хамрохони ӯ худро бар корвоне заданд. Дар миёни корвон мардони башучоат хамрох буданд, бо Фаррухсавор дар ҷанг шуданд, бо кавми дуздон дарафтоданд ва чангхои мардона карданд. Аз кавми Фаррухсавор баъзеро куштанд, Фаррухсаворро чанд захм заданд. Худойдод Фаррухсаворро бад-он хол бидид, тахаммул натавонист кардан, худро дар миёни чанггох андохт, то бошад ки Фаррух-

[1] *Шафеъ* — дастгир, пуштибон.

савор аз миёни онҳо берун орад. Бисьёр кӯшид ва каси бисьёрро халок кард.

Казоро, пои аспи Худойдод ба сӯрохии муш фурӯ рафт. Худойдод аз асп бияфтод. Корвонӣ чамъ шуда, Худойдоду Фаррухсавор ва ҳамроҳони ӯро гирифта дар банд карданд, ба шаҳри Сулаймоншоҳ оварданд, ба пеши подшоҳ бурданд, аҳволи гузаштаро арза доштанд.

Чашми подшоҳ ба Худойдод афтод, меҳри падарӣ дар дилаш чӯш зад. Ба рӯи Худойдод сахт-сахт нигоҳ кард, бо худ мегуфт: «Агар фарзанди ман зинда мешуд, ба ин дарача мерасид». Подшоҳ ҳар чанд чаҳд кард, ки чашм аз рӯи Худойдод баргирад, натавонист. Пас Худойдодро пеши худ хонд, пурсид, ки:

— Туро чӣ ном аст?

Ӯ гуфт:

— Худойдод.

Подшоҳ гуфт:

— Шарм надоштӣ, ки бо чунин хусну чамол дуздӣ мекунӣ?!

Худойдод гирьён шуд, ин абьёт меҳонд:

Байт:

Эй шоҳи карими бандапарвар,
Сирри дили ман худой донад.
Ҳаргиз набудам ризо дар ин кор,
Ҳукмест, ки кирдигор донад.

Казои осмониву ҳукми яздонӣ маро дар ин фитна андохт, пайваста аз ин тағофул мекардам ва ғамгин будам.

Подшоҳ гуфт:

— Аз атвори ту маълум аст, ки рост мегӯй. Туро ба чон амон додам, дар хизмати ман бош.

Худойдод замин бӯса дод ва шарти иззат ба чой овард, аз хушӣ ин назм хонд:

Толеам маймун[1], бахтам ёр шуд,
Давлатам бори дигар дар бор шуд.

Подшоҳ хуррам шуд, ӯро аз банд начот дод, ташрифи хос дод, гуфт:

— Туро Бахтиёр ном кардам. Баъд аз ин бахтат ёр хоҳад буд.

---

[1] *Маймун* — муборак, фархунда.

Замини хизмат бўсид, дар хизмати шоҳ буд.

Дуздони дигарро низ раҳо карданд, ки баъд аз ин дуздӣ накунанд.

Бахтиёр шабу рўз хизмати аспонро мекард. Подшоҳро рўз ба рўз меҳраш зиёда мешуд. Рўзе ба тамошои аспон омад, дид, аспонро фарбеҳ кардааст. Донист, ки аз муҳофизати Бахтиёр аст, бо худ гуфт: «Бахтиёр лоиқи хазинадорист». Фармуд, калиди хазинаро пеши Бахтиёр ниҳоданд. Таъзим кард. Подшоҳро хуш омад, бифармуд, хилъат оварда, ба Бахтиёр пўшониданд. Бахтиёр хазинадориро қабул кард.

Қамоянбаҳ мекўшид, тариқи амонат ба ҷой меовард ва рўз ба рўз курби ў зиёда мешуд, то ба ҷое расид, ки подшоҳ рою тадбир аз ў талаб мекард. Ҳар рўз то ў наёмадӣ, подшоҳ касеро бор надодӣ ва ҳар чи ў кардӣ, шоҳ қабул кардӣ. Кори Бахтиёр бад-он ҷо расид, ки муқарраби малик шуд. Шоҳро даҳ вазир буд, ҳама бар вай ҳасад бурданд ва қасди ў карданд, дар макру ҳила буданд, ки чӣ гуна кунанд.

Қазоро, рўзе Бахтиёр дар хазина даромада нишаста буд ва шароб меҳўрд, то намози шом шуд. Бехтиёр сар ба сандуқ ниҳода, дар хоб шуд. Дарбонон дарҳоро бастанд, ба мақоми худ қарор гирифтанд, ки Бахтиёр маст бархост, аз хазина берун омад, ки ба сўи хона равад. Аз ғояти мастӣ намедонист, ки кўҷо меравад, то гузараш ба хонаи хоси подшоҳ афтод. Дар ҳарам даромад, дид, ки тахте ниҳодааанд аз оҷ, болои тахт сар ниҳода дар хоб шуд, теғ дар пеш ниҳода.

Подшоҳ омада Бахтиёрро дар ҷои худ хуфта дид, бонг зад:

— Эй бадбахт, ин ҷо чи кор мекунӣ?!

Бахтиёр аз хоби мастӣ бедор шуд. Подшоҳ чунон муште зад, ки аз тахт бияфтод. Шоҳ ғуломонро фармуд, Бахтиёрро бастанд, то рўз шавад, ин маъниро ҷустуҷўй кунанд, ки Бахтиёр бе хабаре ин ҷо наомадааст. Баъд аз он шоҳ наздики малика рафт ва гуфт:

— Эй малика, дидӣ, ки чи шуд? Рост бигўй, ки Бахтиёр дар ин ҳарам чи кор дорад?!

Малика мутаҳайир шуд ва гуфт:

— Ман хабар надорам! Ва ин назм бархонд:

Байт:

Ман бегунаҳам, худой доност,
Дар чеҳраи ман чи нур пайдост.

Ва гуфт:

— Эй подшоҳ, имшаб маро амон деҳ, то рўз шавад, ин маъниро тафаҳҳус намой.

Шох таамммул кард, даст аз вай боздошт ва ин байтро мехонд:

Байт:

Оҳ аз ғами Бахтиёр моро,
В-аз мастии хушьёр моро.
Ӯ дар ҳарамам чи кор дорад?
З-ин ғам рухи ман ғубор дорад.
Афтод маро ачаб шикоят,
Чо нест, агар кунам хикоят.

Подшоҳ мутаҳайир шуд, аз пеши малика берун рафт, то рӯз дар ин андеша нишаст ва мутағайир буд. Вазирон даромаданд. Шоҳ бо касе сухан намекард. Вазире буд густохтар, ӯ аз ҳама пештар забон ба ҳамду санои ӯ баркушод ва пурсид, ки:

— Мучиби тағьир чист? Шохро андешаманд мебинам. Бигӯед, ки хотири бандагонро тасаллӣ ояд, он чи бошад, тадбире кунем ва аксар ба дуову зорӣ пеш равем.

Подшоҳ гуфт:

— Ачаб ҳоле пеш омада.

Байт:

Ин чархи сипехри ойинагун,
Бингар, ки чи кард бо ман акнун.
Ангехт ачаб ҳикоятам боз,
Бишнав нафасе шикоятам боз.
Ин шӯъла чаҳони беҳимоят
Бигзор таваккӯи иноят.
Гар гул талабӣ, ту хор ёбӣ
В-ар мой талабӣ, хумор ёбӣ.
З-он пеш, ки ӯ туро ғузорад,
Бигзор, ки ӯ вафо надорад.
Рӯзе ду-се з-ин сарочан[1] хок
Мекӯш, ки то бурун равӣ пок.
Субҳон[2], ачаб ба зери гардун
Кас нест, ки хӯрданаш нашуд хун.
Чун кард вазир ин сухан гӯш,
Гуфто, ки накӯ дар ин сухан кӯш.
Шох аз сари хашм гуфт: «Бархез,
Тадбири ночи ин барангез!»
Шуд шох, вазири хилаандеш
Бигрифт ҳадиси ӯ ба чон пеш.

Вазир бо худ гуфт: «Бахтиёр сад чон дошта бошад, якеро ба саломат набарад!»

---

[1] *Сароча* — ғулба, хилаатгох.
[2] *Субҳон* — ин чо ба маънии «худоё» омада.

Он гоҳ гуфт:
— Эй шоҳ, нашнидай.
Назм:

Окибат гургзода гург шавад,
Гарчи бо одамй бузург шавад.

Касе, ки дар миёни дуздон калон шавад ва хун ба нохак рехта бошад, ҳаргиз лоики подшоҳ набошад ва ман медонам, ки ӯ аз бадфеъли худ намонад, на шикебад. Аммо наметавонистам ба ҳазрати подшоҳ арза доштан. Акнун ба шоҳ равшан шуд, ин дуздбачаро ба зорй бикушанд, то оламиён ибрат гиранд.
Подшоҳ фармуд, ки:
— Биёред!
Бахтиёрро оварданд. Чашми подшоҳ бар вай афтод, гуфт:
— Эй Бахтиёри бадбахт, туро ба чон амон додам ва мукарраби худ кардам, чаро касди ман кардй ва хиёнат андешидй?!
Байт:

Охир, эй бешарми баддил, ин чаро кардй, бигӯ?!
Чун туро аз чону дил ман дӯсттар медоштам.
Кай гумон кардам, ки ту дар куштанам ой шабе,
З-он ки ман дар чор-зорй куштанат нагзоштам.
Гуфтам аз дуздиву таррорй куй тавба магар,
Ту ҳамон баддил будиву ман ғалат пиндоштам.

Тер кашида дар хобгохи ман омадй!
Бахтиёр гуфт:
— Маро аз ин корхо хеч хабаре нест. Дар мастй шояд тер гирифта бошам, то касе касди ман накунад, аз ғояти мастй он чо афтода бошам, аз шӯрбахтй дар он маком расида бошам.
Байт:

Тан казоро ниходаам, чи кунам?
Натавон хукмрон дигар кардан.
Захр бошад насиби халки яке,
Метавонад накӯ шакар хӯрдан?

ҲИКОЯТИ АВВАЛ ДАР ГУФТОРИ ВАЗИРИ АВВАЛ ДАР РӮЗИ АВВАЛ БА ПОДШОҲ

Ойинаи зарини офтоб аз ойинадони машрик сар берун кард, вазири аввал ба подшоҳ гуфт:
— Эй шоҳ, сабаби тафаккур чист, ки ҳанӯз ки ин сир ошкоро нашуда, мехохам, ки кори ин дуздбача ба итмом расонй?

Касе, ки кори ӯ доим дуздй бошад, аслу насаби ӯ маълум набошад, хун ба ноҳак рехта бошад, ба ӯ эътикод чй гуна тавон баст, аз вай чй гуна вафо биёд?! Доимо дар фикр будам, ки мабодо касди шоҳ кунад, ҳамчунон, ки дуздбача ба вазиру фарзандони ӯ карда буд.

Подшоҳ гуфт:

— Чй гуна буд?

Вазир гуфт:

— Вакте тонфаи дуздон бар сари кӯхе нишаста буданд, дар касди корвон буданд. Мудаббирони[1] мамолик дар дафъи ӯ машварат намуданд.

Байт:

Дарахте, ки акнун гирифтааст чой,
Ба нирӯи мардй барояд зи чой.
Сари чашма бояд гирифтан ба мил[2],
Чу пур шуд, нашояд гирифтан ба фил.

Алккисса, бар ин мукаррар шуд, ки яке ба тахсиси[3] онҳо гумоштанд, фурсат нигоҳ медошт, то вакте ки дар кавме ронда буданд. Чандин мардони корозмударо фармуданд дар пушти чабал[4] пинҳон шуданд. Шабонгоҳ ғорату ғанимат гирифта оварданд. Посе аз шаб гузашта буд, ки мардони диловар аз камин частанд, гирифта дасту пои эшонро як-як барбастанд. Чун бомдод шуд, ба боргоҳи подшоҳ ҳозир карданд. Хамаро ба куштан ишорат карданд. Дар миён чавоне буд, ки наврасида ва сабзаи гулситонаш нав дамида. Яке аз вазирон тахти маликро бӯса дода, гуфт:

— Ин писар хамчунон аз боги чавонй бар нахӯрда. Хуни ӯро бар банда бахшанд.

Малик аз ин сухан рӯй дар хам кашид, мувофики ройи ӯ ваяфтод.

Байт:

Партави некон нагирад он ки буньёдаш бад аст,
Тарбияти новхиро чун каркадан бар кандааст.
Абр агар обй зиндагй борад,
Харгиз аз шохи бед бар нахурй.
Бо фурӯмоя рӯзгор мабар,
К-аз найи бӯрьё шакар нахӯрй.

---

[1] *Мудаббир* — тадбиркунанда, чорачӯй.
[2] *Мил* — чизе, ки бо он сурма кашанд.
[3] *Тахсис* — мулоҳиза кардан, донистан.
[4] *Чабал* — кӯҳ.

Вазир бишнид, писандид ва гуфт:

— Он чи худованд фармуда, айни ҳакикат аст. Аммо дар силки[1] солехон[2] дарояд ва тарбият пазирад, хӯи хирадмандон гирад. Ҳанӯз тифл аст, сирати тоифа дар ниҳоди ӯ мутамаккин нашудааст. Чунончи гуфтаанд.

Байт:

Писари Нух бо бадон биншаст,
Хонадони нубуваташ гум шуд.
Саги асхоби кахф рӯзе чанд
Пайи мардум гирифт, мардум шуд.

Алкисса, вазирро шифоят бахшид. Вазир он писарро ба нозу неъмат парвариш мекард, ба тарбияти ӯ устоди адаб насб кард, сонри одоб низ таълим мекард. Дар назари хамгинон писанда шуд. Гохо вазир аз шамонли ӯ ба хизмати подшоҳ мегуфт, ки «чахли кадим аз ниходи ӯ баромадааст, окил шуда».

Маликро аз ин сухани ӯ табассум меомад ва мегуфт:

Мисраъ:

Окибат гургзода гург шавад.

Соле бэр ин бигзашт, тоифае аз авбош дар ӯ пайвастанд, то вакте вазиру хар ду фарзандашро бикуштанд, ғанимати бешумор бардоштанд, ба чои падар биншаст.

Малик дасти тахайюр ба дандони тафаккур газид ва гуфт.

Байт:

Шамшери нек з-охани бад кай кунад касе,
Нокас ба тарбият нашавад, эй хаким, кас.

Вазир чун сухан ин чо расонид, подшоҳ дар ғазаб даромад, аз вазир ичозат гирифт, ки:

— Дар харам даромада аз малика ин суол кунам, бубинам, ки чи пайдо мешавад.

Вазир гуфт:

—Ман даромада суол кунам.

Вазир дар назди малика даромада, сар дар пеш андохт. Малика аз шарм об аз дида меборид ва гуфт:

— Хеч намедонам, дар ин боб бегунохам.

Вазир гуфт:

— Инчунин ки дар хаки ту шунидам, агар сад кас гувохй

---

[1] *Силк* — саф, катор, рох.
[2] *Солеҳ* — пок.

дихад, бовар надорам. Подшоҳ озурдахотир аст. Якин аст, ки тӯҳмат аз ту бархезад.

Малика гуфт:

— Тадбир чист?

Вазир гуфт:

— Ҳар чи ман туро биёмӯзам, ҳамон гӯй. Подшоҳ туро бихонад ва суол кунад, эйнҳор, гӯй, ки «ин дуздбачаро оварди, Бахтиёр ном кардӣ, ӯ аз бадфеъли дар харами ту хиёнат андешид, маро чандон пайғом фиристод, ки «кабул кун, вагарна шаб биёям, подшоҳро бикушам ва туро худ гирам». Подшоҳ ин сухан аз ту бишнавад, ӯро сиёсат кунад, тӯҳмат аз ту бархезад ва, эйнҳор, чунин бигӯй.

Малика дар ин сухан ҳайрон шуд ва гуфт:

— Ҳаргиз дурӯғ нагӯям, хуни нохак нарезам! Аз худо наметарсӣ, ки маро чунин таълим мекунӣ?!

Вазир гуфт:

— Хуни ӯ рехтан мубоҳ[1] аст. Солҳо дуздӣ карда, хуни нохак рехтааст. Агар аз вай туро вубол бошад, ба гардани ман.

Малика дар ин кор ҳайрон шуд. Ба вазир гуфт:

— Ту медонӣ.

Вазир аз пеши малика берун омада, ин байтро меҳонд.

Байт:

Ефтам даст рӯзе бар душман,
Лиллоҳалҳамд, андар ин айём.
Бахтиёре, ки бахт бергашташ,
Инчунин корҳои нофарҷом,
Набарад чои эн дасти ман ҳаргиз,
Ҳамчу мурге, ки монда андар дом.

Алкисса, вазир дар назди шоҳ омад. Шоҳ пурсид, ки:

— Чӣ гуфт?

Вазир воқиаро гуфт. Подшоҳро оташи ғайрат шӯъла задан гирифт. Бифармуд, маликаро оварданд. Ҳамон суханон, ки вазир гуфта буд, аз сари тарс лоилоҷ гуфт. Сулаймоншоҳ гуфт, ки:

— Айби мост, ки ӯро оварда муқарраби худ гардондем.

Бифармуд:

— Бахтиёрро дар банд кунед! Шаҳру саҳроро мунодӣ кунед, ки халоиқ ҷамъ шаванд, Бахтиёрро бар дор кунанд, то аҳли ҷаҳон ибрат гиранд!

---

[1] *Мубоҳ* — савоб, ҷоиз, лоиқ.

Бахтиёрро ба зиндон бурданд. Вазирон шодмон шуданд ва берун омаданд. Машварат карданд, ки «чи созем, ки ин дуздбачаро зуд бикушанд?» Иттифоқ карданд, ки бомдод ба дор бикашем.

ҲИКОЯТИ ВАЗИРИ ДУВВУМ ДАР РӮЗИ ДУВВУМ

Чун хурӯси субҳ, ки муаззини масчиди бомдодон аст, ба аввали рушной бол бар ҳам зад, вазири дуввум пеши тахти подшоҳ расид, забон ба ҳамду санои ӯ баркушода гуфт:

Байт:

Давлатат бод то чаҳон бодо,
Ғам ба бадхоҳ, кӯрӣ ба аъдо[1].

Кори ин дуздбачаро бояд тамом кардан пеш аз он ки хабари ӯ дар олам машҳур шавад, бадномии шумо гардад.

Назм:

З-он пеш, ки ин сухан шавад фош,
Бо теғ сари аду бубардор.
То бозрахӣ зи бори нангаш,
Таъхир чарост андар ин кор?

Подшоҳ фармуд, Бахтиёрро оварданд. Назари подшоҳ бар Бахтиёр афтод, гуфт:

— Эй бадбахт, туро имрӯз чунон сиёсат кунам, ки чумлаи олам аз ту ибрат гиранд!

Бахтиёр гуфт:

— Зиндагонии подшоҳ дароз бод, як сухан дорам ба ҳазрати чаҳонпанох. Агарчи ин чой макоми сухан нест, бигӯям.

Подшоҳ гуфт:

— Бигӯй!

Гуфт:

—...Худованди олам аз ин маъной огоҳ аст ва бар ман гувоҳ аст.

Байт:

Бегуноҳам, худой медонад,
Рахм кун бар ман, сарам маяндоз.

Алккисса, гуфт:

— Ҳоли ман мисли он чавони бозаргон аст, ки бахт аз вай баргашт ва меҳнат бар вай рӯй дод, ҳарчанд мекӯшид, ба мурод намерасид.

---

[1] *Аъдо* — душман.

Подшоҳ пурсид, ки:

— Бозаргон кй будааст?

Бахтиёр забони фасоҳат бикшод ва чунончи шароити адаб бошад, ба ҷой овард ва ин байт бихонд:

Байт:

Гӯш дор, эй шаҳи сулаймонфар,
Киссаи достони хастачигар.
Буд марде чун Қорун,
Меҳнат омад, на ҷоҳ монд, на зар.

Дар шаҳри Басра марде буд бозаргон, молу неъмати бешумор дошт. Аз гардиши сипеҳри бадҳол бахт ӯро баргашт, ба ҳар навъ моли ӯ талаф мешуд, ҳар савдое, ки мекард, ҳама зиён мешуд.

Иттифоқо, соле ғалла гарон гашт. Бозаргон бо худ гуфт: «Маро бозаргонй намесозад. Имсол ғалла харам, баҳор шавад гаронбаҳо фурӯшам, ки маро натичае бирасад». Анборе бисохт, ғаллаи бисьёре харид, дар анбор рехт. Чун баҳор омад, чандон борон борид, ки ғалла арзон шуд. Бозаргон гуфт: «Имсол суд накунад, соли дигар гаронтар шавад». Аз казо, чандон борон борид, ки аксар иморатҳои олй хароб шуд. Об дар анбори бозаргон афтод, чунон ки ғаллаҳои ӯ хароб шуд ва бӯи бад аз анбори ӯ омад. Аҳли маҳалла бозаргонро ташнеъ[1] карданд, ки «моро беш аз ин тоқат намонд!»

Бозаргон дар ҳасби ҳоли худ мегуфт:

Байт:

Он чи бо ман кард даврони фалак,
Бо кй гӯям ҳоли зори хешро?
Давлат аз ман рафту меҳнат омада,
Ман надонам кору бори хешро.

Алқисса, бозаргон гуфт: «Ҷомае дорам киматй, ба диёре барам ва бифрӯшам, шояд ки ба ҳоли ман кушодй шавад». Чун ҷомаро бифрӯхт, қадре чиз харид, бар лаби дарьё овард. Казоро, аз дарьё мавҷе пайдо шуд, киштии ӯ ғарқ шуд. Бозаргон бар тахтапорае бимонд. Баъд аз дах рӯз боде ӯро бар лаби дарьё андохт. Бозаргон гуруснаву бараҳна мерафт. Аз дур деҳае дид, гуфт: «Ин ҷо мардумон бошанд». Бад-он ҷо рафт, деҳае маъмур дид. Дар гӯшае биншаст, ба ғоят монда шуда буд. Сохиби он деҳа марди каримсифати меҳмондӯст буд, бо-

---

[1] *Ташнеъ* — бад гуфтан, носазо гуфтан.

заргонро дид, донист, ки марди ғариб аст, пеши ӯ омад, суол кард ки:

— Аз кучо меой?

Бозаргон он чи аз шаҳр дида буд ба тамомӣ бигуфт. Он хочаи деҳқонро бар вай раҳм омад, ба хонаи худ бурд ва таом овард. Баъд аз таом ҷомае дар пеши ӯ ниҳод ва гуфт:

— Агар бо мо бошӣ, асбоби маишататро муҳайё созам, дар он кӯшам, ки туро мол ҳосил ояд.

Бозаргон ӯро дуо карда гуфт:

Байт:

Эй сипехри сахову баҳри карам,
Бод умрат дароз дар шодӣ.
Лутфҳо мекуӣ ту бо ҳама кас,
Эй маро сад ҳазор озодӣ.

Дар қадами шумо мебошам.

Хочаи деҳқон калидҳои анборҳоро ба вай дод ва гуфт:

— Чунон мехоҳам, ки бар рағбат чаҳд намоӣ ва ғалларо муҳофизат кунӣ ва ғамхоратии асбобу амлок чунон ки лоиқ бошад, ба ҷой орӣ, то манфиати мову ту бошад, он чи ҳаки ту бошад, зиёда аз он диҳам.

Бозаргон ба кор бо рағбат мекӯшид. Вакти идроки[1] ғалла шуд, ғаллаҳоро ҷамъ кард, дар анбор андохт. Бо вучуд ҳисобӣ кард, ки маблағи дах ёздах аз ӯ мешавад. Бо худ андеша кард, ки «хочаи деҳқон ин миқдор аз ғалла ба ман дихад, ё на. Қадре аз ғалла гирам, дар ғоре пинҳон кунам».

Ҳамчунон кард. Дарзамон дуздон бар он вукуф[2] ёфтанд, он ғаллаҳоро бурданд, бозаргон бехабар буд...

Ҷумлан хосилро дар нуска муфассал кард. Дар пеш хочаи деҳқонро дуо кард, гуфт:

— Ҳаргиз гумон набарам, ки дах ёздах чандин вочиб мешавад. Акнун дар ҳаки ман лутф кардед, зиёда додед. Ман аз сари нодонӣ, кадре ғалла бардошта бар ғоре ниходаам. Шумо, ки ин тарика илтифот намудед, он ғалларо биёрам, дар анбор андозам.

Хочаи деҳқон ин сухан бишнид, тунд шуд, чанд кас бо ӯ ҳамроҳ кард. Ба дари ғор расиданд, диданд, ки ғалларо бурдаанд. Бозаргон мутаҳайир бимонд. Ангушти надомат ба дандон газид, аз гуфтаи худ хиҷолатманд шуда, назди деҳқон омад. Гуфт:

---

[1] *Идрок* — расидагӣ, тайёр.
[2] *Вуқуф* — воқиф шудан, донистан.

— Ғаллаҳоро наёвардӣ?

Бозаргон бозгашт, мутаҳайир бимонд. Рӯ ба роҳ карда, аз ҳичолат мерафт, то ба канори дарьёе расид. Шаш нафар ғаввос[1] бар лаби дарьё буданд. Бозаргонро шиноҳтанд, аз ҳоли ӯ пурсиданд. Бозаргон киссаи ҳуд бигуфт. Ғаввосонро бар вай раҳм омад, иттифоқ карданд, ки ба дарьё фурӯ равем, он чи худо бидиҳад, ба бозаргон биҳем, то ӯро сармоя шавад. Оҳируламр ба дарьё фурӯ рафта, ҳар кадом марвориде бароварданд, дар ғоятӣ латофат, ки дар ҳазинаи подшоҳ набувад. Шаш дона марворид ба ҳочаи бозаргон доданд, шодмон шуда, рӯ ба роҳ нихода мерафт. Чанд дузде ба ӯ ҳамроҳ шуданд. Бозаргон аз эшон метарсид, бо ҳуд гуфт: «Се дона ба даҳон пинҳон ҳунам, агар чоман маро ковонд, набошад». Ҳамчунон кард. Дуздон гумон надоштанд, ки ӯ чиз дошта бошад, ба сабаби он, ки чоман кӯҳна дошт. Порае роҳ рафтанд, аз бозаргон сӯҳан пурсиданд. Ҳоча ҳост, ки сухан гӯяд, марворидро аз даҳони ӯ берун афтод. Дуздон ӯро бигирифтанд ва шиканча мекарданд, ки «он чи дар даҳон буд пайдо шуд, дигарашро бигӯй!» Бозаргон аз сахтии шиканча бехуш шуд. Дуздон бирафтанд. Баъд аз соате ба ҳуш омад дид, се дона марворид бо ҳуд ҳаст. Шодмон шуда, ҳудоро шукр гуфт, рӯ ба роҳ нихоҳ. Шабонгоҳ ба шаҳр даромад, ҳоб рафт. Рӯз ба бозори саррофон рафт, дар назди чавоҳирфурӯше ки амину мӯътамиди подшоҳ буд, он марворидҳоро арза кард. Ҳочаи сарроф дар рӯи бозаргон нигоҳ кард, эҳтиромӣ ӯро парешон дид, фарьёд баровард, ки:

— Эй дузд, ин моли маро кай дуздида будӣ?!

Бозаргон ҳайрон монд. Мардум ба назора буданд, ёрӣ ба он чавоҳирӣ мекарданд, ба сабаби он ки амину мӯътамиди подшоҳ буд.

Бозаргон фарьёд мекард. Баъд аз он ба назди подшоҳ рафтанд.

Подшоҳ савол кард, ки:

— Чи воқиа?

Ҳочаи чавҳарӣ ҷоз кард, ки:

— Зиндагонии подшоҳ дароз бод, пештар аз ин таъриҳ сандуқи чавоҳири маро дуздида бурда буданд. Акнун аз он марворидҳо се донаро аз ин мардака ёфтам, ӯ мункир аст.

Бозаргон фарьёд мекард, ки:

— Шоҳо, ба фарьёдам рас!

Байт:

---

[1] *Ғаввос* — ғӯтазан.

Шох гуфто: — Рост гӯй, эй амин,
Инчунин дузде, ки будат дар камин.
Гир марворидхои хешро!
Чавҳарӣ бигрифт марворидро.

Шоҳ ба бозаргон нигоҳ кард, ки: — Чӣ мегӯи?!

Бозаргон сурати ҳол такрир кард. Подшоҳ сухани бозаргонро гӯш накард ва бовар надошт. Ишорат кард, ки:

— Марворидхоро бидех!

Бозаргон мутаҳайир шуд, марворидхоро ба чавҳарӣ дод. Чавҳарӣ шодмон шуд. Бозаргонро ба зиндон бурданд.

Казоро, ғаввоссон бинобар маслаҳате ба шаҳр омаданд, бо якдигар гуфтанд: «Ба зиндон равем, садакае бидиҳем ва аз зиндониён панд гирем».

Чун бар сари зиндон омаданд, зиндонбон дастурӣ дод, дар зиндон даромаданд. Ногоҳ чашми эшон ба бозаргон афтод. Наздики ӯ омада аҳвол пурсиданд. Бозаргон чашм пуроб карда, киссаро гуфт. Ғаввосон дилтанг шуда, бозаргонро гуфтанд:

— Ғам маҳӯр, ба ҳазрати подшоҳ рафта, туро халос кунем.

Пеши подшоҳ рафтанд. Ғаввосон ба подшоҳ густох буданд, дар кӯдакӣ ҳаммактаб буданд, сурати ҳоли бозаргонро арз карданд, ки «шаш дона ӯро дода будем».

Подшоҳро ачаб омад ва фармуд, бозаргонро аз зиндон баровардаанд. Чавҳариро ҳозир карданд. Чашми ӯ ки бо бозаргон афтод, донист, ки ҳилаи ӯ зоҳир шудааст, ларза бар аъзои ӯ афтод. Подшоҳ гуфт:

— Эй амин, дар ҳаки ин бечора чаро зулм кардӣ?! Аз худо натарсидӣ?!

Чавҳарӣ хомӯш бимонд, ҷавоб дода натавонист. Шоҳ фармуд, чавҳариро бар дор кашиданд, молу ҳонумони ӯро ба бозаргон доданд ва бозаргонро гуфт:

— Дар хизмати мо бош.

Бозаргон замини хизмат бибӯсид ва гуфт:

— Фармон бардорам.

Подшоҳ ӯро хилъати хуб дод. Баъд аз он подшоҳ ҳазинадорӣ ба вай дод, гуфт:

— Шарти амонатдорӣ ба ҷой ор!

Бозаргон кабул кард, калиди ҳазинаро гирифт. Дар он хизмат мекӯшид дар ғояти ростӣ, чунон ки шоҳ аз вай розӣ буд. Шабу рӯз дар пеши подшоҳ буд. Соҳиби рой шуд. Хар рӯз кори ӯ баравнактар мешуд, меҳри подшоҳ бар вай зиёда мегардид. Подшоҳро вазире буд, аз вай ҳасад бурд. Пайваста бахона мечуст, то ӯро аз назари шоҳ бияндозад. Ногоҳ рӯзе бо-

заргон ба хазина даромад, сўрохе дид аз хонаи духтари подшох. Дарҳол он сўрохиро ба дасти худ гил кард. Дар он ҳол вазир ўро бидид, назди шоҳ рафт ва гуфт:

— Бозаргонро дидам, девори хонаи духтари шуморо сўрох карда бо ў сухан мекард, маро бидид, дарҳол сўрохро гил кард.

Подшохро ин сухан нохуш омада, дарҳол бархост, дар хазина даромад, дид, ки сўрохро гил кардаанд. Сухани вазирро рост пиндошт аз ғояти хашм дар чашми бозаргон мил кашида, аз сарой берун андохт. Бозаргони бечора хонанишин шуд. Подшоҳ аз он ҷо ки буд, ба таъчил ба хонаи духтар омад, ки гарде бар рўи фаршҳо нишастааст. Аз ходим пурсид, ки:

— Духтар кучост?

Ходим гуфт:

— Як мох шуд, ки ба тамошои чахорбоғ рафтааст.

Шоҳ донист, ки ин сўрохиро муш кардааст, аз кирдори худ пушаймон шуд, вазирро бикушт, бар бозаргон таассуф хўрд, аммо ҳеч суд надошт.

Бахтиёр гуфт:

— Агар подшоҳ дар кори бозаргон тахаммул мекардй, пушаймон нашудй. Агар имрўз подшоҳ дар куштани ман таъчил накунанд, зуд бегунохии ман маълум шавад.

Подшохро ин сухан хуш омад. Рўз бегоҳ буд, Бахтиёрро ба зиндон бурданд.

ҲИКОЯТИ ВАЗИРИ СЕЮМ

Рўзи сеюм субхи иқбол бидамид, афъол бар куббаи омол баркашид, вазири сеюм ба ҳазрати подшоҳ омада, ҳамду саной баргуфт. Баъд аз он гуфт:

— Метарсам ин хабар ба атрофу чониб машхур гардад ва сабаби бадномй бошад ва ба самъи шоҳон расад, ор бошад. Пеш аз он ки ба забони мардум афтад, дафъи ўро созем.

Шоҳ бифармуд, Бахтиёрро оварданд. Ҷаллод хозир шуд. Бахтиёр назди шоҳ омад, забон бар дуо баркушод, ки:

— Зиндагоний шоҳ дароз бод.

Байт:

Эй шох, дароз бод умрат,
Дар давлати иззу шодмонй.
Таъчил макун ба куштани ман,
Ерй ту ҳаёти ҷовидонй.

Маълум шавад зи ҳолати ман,
Гар куштанам ин замон бимонӣ.
Дар дасти туям асиру оҷиз,
Ҳар гаҳ ки кушӣ, дигар ту донӣ.

Бахтиёр гуфт:

— Эй шоҳи олам, хайр ба таъҷил ва шарро ба таксир гуфтаанд. Таъҷил кори дев аст. Дар куштани ман таъҷил макунед, ки пушаймон мешавед, чунон ки писари шоҳи Ҳалабро пеш омад...

Подшоҳ пурсид, ки:

— Писари шоҳи Ҳалабро чи расида буд? Баргӯй!

Бахтиёр рухсат ёфт ва гуфт:

— ...Асҳоби таъриҳ гӯянд, ки дар вилояти Ҳалаб подшоҳе буд, бо доду адл. Дар замони ӯ касе набуд, ки ба касе зулм раво доштӣ. Ӯро писаре буд, Беҳзод ном, дар корҳо бесабр, лекин ба анвои улум ороста. Рӯзе бо ҷамоате аз фузалову надимони худ нишаста буд, Беҳзод гуфт:

— Ҳар кас саргузашт бигӯяд.

Ҳар ки ҳикояте медонист, гуфт, то навбат ба яке надим расид, гуфт:

— Ман ҳам аҷоибе дидаам.

Беҳзод гуфт:

— Бигӯ!

Гуфт:

— Шабе, аз казо дуздон ба ман воҳӯрданд, он чӣ доштам, ҳамаро гирифтанд. Ман рӯ ба роҳ ниҳодам, ногоҳ овозе ба гӯши ман омад. Дар канора пинҳон шудам. Соате буд, ки овози мутрибон шунидам, рӯшной дидам, машъалҳо афрӯхта, кӯдакону ходимони моҳпайкар суруду шодӣ мекарданд ва мегузаштанд. Баъд аз он канизони моҳрӯй омаданд, биёбонро муаттар карданд. Аморие пайдо шуд, ба ғоят ороста, маликае нишаста, нури рухсораш шамъҳоро маглуба месохт.

Байт:

Нигоре, маҳваше, моҳе, зарифе,
Ки акл аз диданаш девона мешуд.

Алкисса, Беҳзод гуфт:

— Духтари кадом подшоҳ аст, чӣ ном дорад?

Надим гуфт:

— Духтари қайсари Рум аст, Нигорин ном дорад.

Беҳзод гуфт:

— Ин хикоятро пеши вазир арза дор, то ўро аз барои ман бихохад, ки ошики он духтар шудаам.

Вазирро хабар шуд, бандагй ба чой овард, наздики подшоҳ рафт ва гуфт:

— Ба хотири банда мерасад, ки хеч касро аз чуфт чора нест. Вакти он аст, ки кори шоҳзода ба давлати шумо сохта шавад.

Подшоҳ пурсид, ки:

—Духтари кй бошад, ки ба хотир дорад?.

Вазир гуфт:

— Духтари кайсари Рум, дар гояти хуси, Нигорин ном буда. Шоҳзодаро хавои он духтар дар сар аст.

Байт:

Бехзод ба доми ишк афтод,
Хар лахза кунад хазор фарьёд.
Дар сар хаваси Нигор дорад,
Чону дили бекарор дорад.

Алкисса, подшоҳ вазирро чавоб дод, ки:

— Фарзандамро касе лоик намеёфтам, бад-ин сабаб таваккуф мекардам. Акнун маълум шуд, дар он мекўшам.

Вазир аз хизмати подшоҳ шодмон баромада, ба назди Бехзод омад, гуфт:

— Падарат мегўяд, ки «чораи ин кор месозам, аммо чандин рўз таваккуф кунад».

Бехзод гуфт:

— Бирав ба падарам гўй расулон пазди кайсар фиристад, то чи чавоб медиҳад.

Вазир ба хизмати шоҳ омад, он чи Бехзод гуфта буд, баён кард.

Шоҳ чавоб дод, ки:

— Ман расул мефиристам, аммо медонам, ки кайсар ба мо духтар намедиҳад, ба сабаби он ки ў малики Рум аст ва ман малики Ҳалаб.

Вазир ин сухан шунид, ба назди Бехзод омад, такрир кард. Бехзод гуфт:

— Бирав, ба хазрати ў бигўй, ки агар расул нафиристй, ман аз ин шаҳр биравам.

Вазир омада баён кард.

Шоҳ донист, ки Бехзод бекарор аст, Бехзодро дўст медошт, гайр аз ў фарзанде надошт, ночор расулон ба чониби кайсар фиристод. Расулон ба Рум расиданд. Хабар ба кайсар расид,

расулон ба истиқбол баромаданд, бо эъзоз ба шаҳр дароварданд, ба ҷои некӯ фуруд оварданд. Рӯзи дигар шуд, қайсар расулонро талаб кард. Расулон пайғоми шоҳи Ҳалабро гузарониданд. Қайсарро нохуш омад, дар хашм гардида, гуфт:

— Духтари маро ҳазор уштур зари сурх мебояд, то ин кор шавад!

Расулон ин суханро аз қайсар шуниданд, бозгаштанд, ба шоҳи Ҳалаб баён карданд. Бехзод ин сухан бишнид, вазирро талаб карда, гуфт:

— Ба шоҳ гӯй, ки қабул кунад.

Вазир сухани Бехзодро гуфт. Шоҳ мутаҳайир бимонд. Чора надид, бифармуд, хазинаҳоро ҷамъ карданд, он миқдор нашуд.

Бехзод гуфт:

— Ҳамаи мулку асбобу ғуломону канизонро бифрӯш.

Ҳамчунон карданд, он миқдор нашуд.

Бехзод гуфт:

— Он чи боқӣ монда менамояд, ба вилоят қисмат кунӣ.

Шоҳ гуфт:

— Ҳаргиз чунон накунам, худро дар миёни подшоҳон бадном накунам! Дигар он ки шаҳр таомули он надорад!

Бехзод гуфт:

— Ин маблағро чунин бояд кард!

Шоҳ чора надид, ночор ба вилоят қисмат кард. Саҳл моле ҷамъ омад, он маблағ пур нашуд.

Бехзод гуфт:

— Ин маблаг молҳоро ҳадья бисоз, наздики ӯ фиристон.

Шоҳ молҳоро ба қайсар фиристод.

Баъдаҳу Бехзод падарро гуфт:

— Боқиро ҳосил кун, бифиристем.

Падар гуфт:

— Сабр кун, дар чанд рӯз сохта кунам.

Бехзод гуфт:

— Сабр намекунам!

Шоҳ гуфт:

— Аз кучо ёбам?!

Бехзод гуфт:

— Ба вилоят қисмат кун!

Подшоҳ гуфт:

— Аз он қисмат, ки кардаам, пушаймонам. Бехзод ғамгин шуд, аз пеши падар бархост, аз шаҳр берун рафта, тадбири гурехтан кард.

Казоро, шабе бо чанд нафар ғулом аспонро зин карданд, аз шахр берун рафтанд, рӯ ба ҷониби Рум ниҳоданд. Иттифоқ карданд, ки корвонро бизанем, бакиян молро ҳосил кунем.

Дар ин андеша буданд, ки корвони азим пайдо шуд, миқдори понсад шутур мол дар он корвон буд ва дар он мардони кордида бисьёр буданд.

Бехзод наъра кашида, худро дар корвон зад. Онҳо низ даст ба ҷанг ниҳоданд, Бехзодро бигирифтанд, ба наздики мехтари худҳо бурданд. Чашми корвонбошӣ бар Бехзод афтод, донист, ки бузургзодааст, гуфт:

— Рост гӯй, аз кучой ва писари кистӣ?!

Бехзод чора надид, гуфт:

— Писари подшоҳи Ҳалабам. Таври ҳоли худ бозгуфт.

Мехтари корвонро бар вай раҳм омад ва гуфт:

— Бокии молро ман дихам, туро ба максуд расонам, лекин ба мурод расӣ, моли маро боздиҳӣ.

Бехзод гуфт:

— Чунон кунам.

Баъд аз он корвонбошӣ хамрохи шохзода ба Рум рафтанд. Шохзодаро ба хаммом бурданд, ба кайсар омада бор хостанд. Донист, ки домод аст, ӯро иззат дошт ва гуфт:

— Чи орзу дорӣ?

Бехзод гуфт:

— Орзуи остонач шумо.

Кайсар гуфт:

— Хар ойина, муяссар гардад.

Фармуд, ки Бехзодро дар боғ фуруд оранд ва мутрибонро ҷамъ карданд, то ӯ дилтанг нашавад. Лекин Бехзод ишки Нигорин дар сар дошт, то ӯро бубинад. Бархост аз мачлис берун омад, ба наздики он хонае, ки Нигорин буд. Дар он ҷо сӯрох буд, чашм дар он сӯрох нихода назора мекард. Ногох чашми Нигорин дар он сӯрох афтод, дид, ки касе нигох мекунад, надонист, ки чи кас аст. Пиндошт, ки бегонааст. Канизакро фармуд, то душохаро бар харду чашми Бехзод зад, ки кӯр шуд. Бехзод наъра кашид, аҳли мачлис хозир шуданд, ҳоли Бехзодро мешохида карданд. Хама навмед шуданд, навхаву зорӣ оғоз карданд. Ин тӯй ба мотам мубаддал гашт, то бидонӣ, ки бесабрӣ юмне[1] надорад. Шоирро гӯяд:

Байт:

Ба сабр кӯш, ки аз сабр кор бех гардад,
Сабуро, дихадат беадад мурод худой.

---

[1] *Юмн* — вишонаи нек, фоли нек.

Алкисса, хабари чашмони Бехзодро ба кайсар расониданд, кайсар ғамгин шуд ва гуфт:

— Оре, калами такдир чунин рафта будааст. Аз бесабрӣ чашмони худро ба бод дод.

Бифармуд, Бехзодро ба шаҳри Ҳалаб ба наздики падараш бурданд. Шоҳи Ҳалаб писарро ба ин ҳол бидид, фарьёд баровард, лекин медонист, ки айб аз фарзанди ӯст, ки бесабр аст. Аз ғаму андешаи фарзанд аз дунёё бирафт. Аҳли шаҳр Бехзодро ба подшоҳӣ кабул накарданд, ки моро подшохи бесабр намебояд. Бехзод дар меҳнати айёми бевафо дармонда буд.

Он гоҳ Бахтиёр гуфт:

— Агар Бехзод сабр кардӣ ба мурод расидӣ,— ва ин ҳикъа бихонд:

Байт:

Агар сабр кардӣ, расидӣ ба ком,
Зи бесабрӣ афтод дар рохи хом...

Баъд аз он гуфт:

— Агар шоҳ сабр кунад, зуд бошад ,ки бегуноҳии ман маълум шавад.

Подшохро хуш омад, бифармуд, Бахтиёрро ба зиндон бурданд.

ҲИКОЯТИ ВАЗИРИ ЧАҲОРУМ РӮЗИ ЧАҲОРУМ

Чун рӯз шуд, вазири чаҳорум дар хизмати шоҳ даромад, забон ба ҳамду сано бикушод, ин байт бихонд.

Байт:

Зи ҳад бигзашт хукми шохи олам,
Чаро бояд ғами бехуда хӯрдан?

ва гуфт:

— Эй шохи олам, хукми шумо осоиши чони дӯстон аст ва коҳиши аъдост. Акнун дар кори Бахтиёр чанд навбат ҳукм фармуда Бахтиёрро хозир кунед, метарсам, ки баъдалявм бар ин нахҷ[1] сар бар назанад, ба ғайр аз хосу ом барояд.

Подшоҳ фармуд, Бахтиёрро хозир карданд. Чашми шоҳ бар Бахтиёр афтод, гуфт:

— Хеч бегуноҳии ту зоҳир нашуд. Имрӯз туро сиёсат кунам, олам аз ту ибрат гиранд!

Бахтиёр гуфт:

---

[1] *Нахҷ* — рох, равиш, тарз.

— Агар шоҳ бандаро ичозат дода, ин китъа ғӯш кунанд, мазиди[1] чоҳу неъмат бошад.

Подшоҳ гуфт:

— Бигӯй.

Бахтиёр рухсат ёфт, ин байт бихонд, ки:

Сабр осоиш аст дар хама кор,
Хоса дар кори мулк шоҳонро.
Дар хама кор босабрй бех,
Бишнав ин панди некхоҳонро.
Аз барои осоиши дуньё
Ту маёзор бегуноҳонро.

Алкисса, ин китъа бихонд, баъд аз он гуфт:

— Сабр мардро ба хама мурод расонад, аз мехнат бирахонад, аз ғам начот дихад, чунон ки Абӯсобирро.

Подшоҳ пурсид, ки:

— Абӯсобир, кй будааст?

Бахтиёр гуфт:

— Дар аёми мозй марде буд, Абӯсобир ном, дар хама умур[2] сабр мекард. Абӯсобирро чумла мардум ғӯш ба харф ниходи. Он чи ӯ ғӯяд, бар он амал мекарданд. Омиле дар он деха зулму ситам огоз кард. Ахли он деха аз зулми ӯ бигрехтанд. Чанде аввош дар он деха иттифок карда омилро бикуштанд ва бигрехтанд. Дарвешони он деха пеши Абӯсобир омаданд ва гуфтанд:

— Омилро аввош куштаанд .Ту медонй, ки моро гунохе нест. Аз ғазаби подшоҳ метарсем. Биё ба хазрати шоҳ рафта, ин вокиаро арза дорем.

Абӯсобир гуфт:

— Шумо медонед, ки шиори мо сабр аст ва ин байт мехонд.

Байт;

Сабру хирад аст кору борам,
Аз сабр хуш аст рӯзгорам.
Бо шоҳ маро чи кор бошад,
Сабрам чу хариф ёр бошад.
Ман сабр гузидаам ба олам,
К-ин аст силохи кори одам.

Алкисса, ахли ин деха наамед шуданд. Мухими катли омил ба самъи шоҳ расид, ахли он дехаро захмати бисьёр расонид. Аз кавм дар он деха шере пайдо шуд, ахлу аёли мардумро хӯрд.

---

[1] *Мазид* — зиёда, афзуний.

[2] *Умур* — корхо.

Касе аз хона наметавонист баромадан ва зироат наметавонист кардан. Наздики Абӯсобир омаданд ва гуфтанд:

— Бо мо ёр бош, мардуми вилоятро чамъ созем, шерро дафъ кунем. Моро токат намондааст.

Абӯсобир чавоб дод, ки:

— Шуморо маълум аст, ки пешаи ман сабр аст, мабодо ки касе ба чанги шер кушта шавад.

Ин сухан бишниданд, боз навмед гаштанд.

Казоро, подшоҳ ба тарики шикор сахро баромада буд, мардумони деха ба шоҳ арз карданд, ки:

— Мо факирон хироч медихем, дуотӯй хастем, агар мо чанд мазлумро аз шарри ин золим раҳонед, сабаби мазиди неъмати шоҳ хохад буд.

Подшоҳ гуфт:

— Чи расида?

Он мардум гуфтанд:

Байт:

Эй шоҳ, фалак ғулом бодат,
Даврони фалак ба ком бодат!
Мо чанд ғариби мустамандем,
Аз чаври замона дардмандем.
Мо чумла мутеи подшохем,
Мо узри гунохи хеш гӯем.
Эй шохи карими бандапарвар,
Дар ходисахои дахр бингар.

Алкисса, аҳволи кушта шудани омил ва захмати шер ва зоеъ шудани зану фарзандонро бозгуфтанд:

Шоҳро бар эшон рахм омад, гуфт:

— Шумо бо гуфтаи Абӯсобир даромадед, дар захмат мондед. Уро узр хохед, аз деха берун кунед.

Лашкар, бифармуд, шерро халок карданд ва мардумони он карияро моли бисьёр бидод. Шукр карданд. Ҳама ба зироат машғул шуданд. Абӯсобирро аз деха берун карданд. Абӯсобир хамрохи аҳлу аёли худ рӯй ба роҳ нихода мерафт, аз чаври фалак нолида ин назм мехонд:

Байт:

Охир, эй чархи кужпушта,
Бо мани хаста чафо кардй.
Хар чи хохй бикун, ки сабр кунам,
Ман нагӯям, ки ин чаро кардй.

— Алкисса, фарсанге чанд бирафтанд, ки гуруснагй бар эшон ғолиб омад. Фарзандон дар гирья шуданд. Ӯ гуфт:

— Эй фарзандон, ҳамин соат ба деҳае мерасем, ба шумо куте хосил мекунам.

Фарзандон ночор шуда сабр карданд. Ба деҳа расиданд. Зану бачахоро ба канорае нишонд, худ бирафт, то дарюза[1] кунад. Аз тарафи сахро шутурсаворе пайдо шуд. Наздики зани Абӯсобир омада дид, ки зани соҳибҷамоле, ҳамчунон, ки шоир гӯяд:

Байт:

Ҳамчун маҳи чордаҳрӯз
Дар хусну ҷамол он дилором.
Донист, ки ин ғарибаст,
Бигрифт варо ба кому ноком.

Алкисса, дузд теғ баркашид, ки «биё, бар шутур савор шав!» Зан аз бими теғ бар шутур савор шуд, бо ангушт бар хок навишт, ки «маро дуздон бурданд». Абӯсобир омад, занро надид. Он хатро бихонд, донист, ки вокиа чист, гирьён шуд. Бо фарзандон рӯ ба роҳ нихода, мерафт. Қазоро, дузде пеш омада, ду фарзандро чудо кард. Абӯсобир мерафт. Ба шахре расид, кӯшке азим дид, мардум кор мекарданд.

Байт:

Подшоҳ азим эолим буд,
Мардум аз зулми ӯ ачаб ҳайрон.
Ҳамчу Иблис дар бадӣ машҳур,
Мисли Ҳаҗҗоҷ зулми ӯ яксон.

Ногоҳ чашми шоҳ афтод, гуфт:

— Он мардро биёред, гил кашад!

Шахсе гирифта овард. Абӯсобир салом кард. Подшоҳ ҷавоби салом дода, гуфт:

— Бирав, чанд нова гил бар боми кушк барор.

Абӯсобир чора надид, новаи гил ба гардан гирифта, бар боми кушк баровард. Аз марде суол кард:

— Ин подшоҳ чанд рӯз аст кор мефармояд?

Ҷавоб дод, ки:

— Як моҳ шуда пайваста кор мекунем, аз хонаи худ хабар надорем.

Абӯсобир гуфт:

— Сабр кун, окибат некӯ шавад.

Ногоҳ дар мнёни ин сухан Абӯсобирро сар гашт, аз нардбон бияфтод, пояш дардманд шуд.

---

[1] *Дарюза* — гадой.

Подшоҳ гуфт:
— Ин ғариб таррорӣ мекунад.
Абӯсобир ин назм бихонд:
Байт:

Сабр кун, сабр неку бошад,
Кори душвор бар хама осон.
Бигзарад ин хама ба рӯзе чанд,
Хайри султон — захмати инсон.

Султон шунид, дар ғазаб шуд, фармуд Абӯсобирро ба зиндон бурданд, то дигаре ин густоҳӣ накунад.

Абӯсобир сабр мекард, то султонро дарди куланч[1] пайдо шуд ва бар он дард бимурд. Мардуми шахр иттифок карданд, ки «ба зиндон равем, аз аҳли зиндон мушкилот, ки дорем суол кунем, хар кас, ки чавоби босавоб гӯяд, ӯро подшоҳ созем».

Чумла бузургон ба зиндон рафтанд, суол карданд:

— Чанозаи равон чӣ гуна будааст?

Ахли зиндон очиз омаданд. Абӯсобир гуфт:

— Он мохӣ бувад, ки Юнуси пайғамбарро дар кашида буд.

Бузургонро хуш омад, ӯро аз зиндон бароварданд, хилъати подшоҳӣ пӯшониданд, бар тахт биншонданд, доду адл оғоз кард.

Шоир гӯяд, ки:

Байт:

Абӯсобир ба чон дар адл кӯшид,
Ки мурғ змин будӣ аз бозу шохин.
Зи захмат рост давлат ёфт аз сабр
Абӯсобир, ки собир буд чандин.

Алқисса, мардумон рӯ ба даргоҳӣ ӯ оварданд. Рӯзе ду мард ба даргохи ӯ омаданд, бор хостанд. Подшоҳ бор дод.

Бозаргон гуфт:

— Ман ду ғуломбача аз ин мард харида будам, ғуломбачагон мегӯянд, ки «моён озодем, падаре доштем Абӯсобир ном. Ин мард моро аз падар чудо кард».

Абӯсобирро маълум шуд, ки фарзандони ӯст, худро нигоҳ дошт, фармуд. ғуломбачаҳоро хозир карданд. Чашми Абӯсобир афтод, маълум шуд, ки фарзандони ӯянд. Худойро шукр кард, пурсид, ки:

— Эй ғуломбачахо, аз кучоед ва ба чи сабаб даъвои озодӣ мекунед?

Онхо гуфтанд:

---

[1] *Куланч* — дарди рӯда ё шикам.

— Моро падаре буд, Абӯсобир ном дошта.

Як ба як баён карданд. Шоҳ рӯй ба дузд карда, гуфт:

— Онҳо чӣ мегӯянд?

Дузд гуфт:

— Дурӯғ мегӯянд.

Подшоҳ бифармуд дуздро ба зиндон бурданд. Моли бозаргонро аз хазина доданд, фарзандонро ба ҳарам даровард, ба эшон гуфт:

— Шумоён фарзандони манед.

Фарзандон дар пои падар афтоданд, гирьяву нола карданд. Байт:

Падар чун дид рӯи ҳар ду фарзанд,
Забон бикшод дар мадҳи ҳудованд.

Баъд аз чанд рӯзе марде ҳамрохи зане ба дарбори Абӯсобир омаданд.

Мард гуфт:

— Зиндагонии подшоҳ дароз бод, ин аврат зани ман аст, аз тавъ[1] фармон сар мепечад.

Шоҳ гуфт:

— Эй аврат, ту чӣ мегӯй?

Он мазлума ин байт бихонд:

Байт:

Эй шоҳи карими бандапарвар,
Дар киссаи ин заиф бингар.
Шӯи мани хастадил касе буд,
К-аз сабру ҳунар варо басе буд.
Бӯсобири аҳд буд собир,
Сардафтари чумлаи акобир.
Ин дузд маро аз ӯ рабудаст,
Сад ранчу ғамам аз он фузудаст.
Шоҳо, ба карам аз ӯ рабоям,
Бахшой бад-ин ҳароб чонам.

Он чи воқиаи гузаштаро баён кард. Шоҳ донист, ки модари фарзандон аст, бифармуд, дуздро ба зиндон бурданд. Занро ба ҳарам даровард. Абӯсобир фарзандонро талаб кард, аҳволи гузашта баён карданд. Баъд аз он баромада бар тахт нишаст ва гуфт:

— Ин аврат зани ман аст, ҳамчунон аз ман чудо шуда буд, ҳудои азза ва чалл маа фарзандон боз ба ман расонид ва ма-

---

[1] *Таъ* — фармонбардорӣ, итоат.

ро подшоҳӣ дод. Ин ҳама давлату саодат ачрҳои сабри ман буд...

Акнун, эй бародарон, зинхор, сабр кунед... то ба муроду максуд комрон гардед. Абӯсобир сабр намекард, ба мурод намерасид, чунон ки подшоҳ дар куштани ман сабр намоянд, бегуноҳии ман маълум гардад.

Подшоҳро ин ҳикоят хуш омад, фармуд, Бахтиёрро ба зиндон бурданд. Рӯз бегоҳ шуд.

ҲИКОЯТИ ВАЗИРИ ПАНҶУМ РӮЗИ ПАНҶУМ

Вазири панҷум пеши подшоҳ даромад, дуову сано гуфт, шарти хизмат ба ҷой овард ва гуфт:

— Метарсам, ки муфсидон ва кутоуттариқон дар вилоят далер шаванд ва гӯянд: «Гуноҳ аз гуноҳи Бахтиёр бузургтар набувад. Подшоҳ ӯро ба теғи бараҳна ба ҷои хоби худ дид, он гуноҳро сахл донист. Акнун ҳар гуноҳ, ки моён кунем, бар мо ҳам сахл гузарад». Пеш аз он ки мардум далер шаванд, подшоҳ кори ин дуздбачаро созад.

Пас шоҳ бифармуд, Бахтиёрро ҳозир карданд.

Бахтиёр забон бикшод ва гуфт:

— Зиндагонии шоҳ дароз бод, агар шумо дар куштани ман таъҷил кунед, ин дурӯғро, ки дар ҳаки ман гуфтаанд, афв фармоед, аз карами олаҳӣ умедворам, ки аз афв кардан шуморо хурсандӣ бисьёр рӯй диҳад, чунончи подшоҳи Яманро аз афв кардани Абра рӯй намуд, то ба мулкати подшоҳӣ расид.

Подшоҳ гуфт:

— Эй Бахтиёр, шоҳи Яман кӣ будааст, гуноҳи Абра чӣ гуна буд? Баён кун.

Бахтиёр гуфт:

Байт:

Ҷаҳонат ба кому фалак ёр бод,
Ҷаҳонофаринат нигаҳдор бод!

Эй шоҳ, дар шаҳри Яман подшоҳе буд, бадхашм, бисьёр золим буд. Ба андак гуноҳ сиёсат кардӣ. Ва ӯро ғуломе буд, Абра ном. Ин писари шоҳи Ҳабаш буд, аз падар ғоиб шуда буд, дар бандагӣ афтода буд, сирри худро пинҳон мекард. Подшоҳи Яман низ намедонист. Шоҳ ӯро некӯ медид ва ӯро силоҳбардори худ гардонида буд.

Казоро, рӯзе ба шикор баромад, Абраро бо худ бурд ва шикор мекард. Ногоҳ аз пеш оҳуе баромад. Абра тире ба сӯи оҳу

андохт. Казоро, тири ӯ бар баногӯши подшоҳ расида як гӯши ӯро гирифта бар замин нишаст.

Подшоҳ фармуд, Абраро гирифтанд. Ҳукм кард, ки:

— Сар аз тани ӯ чудо кунед!

Абра забон ба дуои подшоҳ кушода, гуфт:

— Зиндагонии подшоҳ дароз бод, ба ройи анвар маълум аст, ки ин тирро ба сӯи оху анохта будам. Қасди ман он набуд, ки ин чунин гуноҳ аз ман ба вуқӯъ ояд. Ин гуноҳ аз сари ғафлату нодонӣ шудааст. Умеди афв дорам, то ки сабаби ҷондарозии шоҳ шавад.

Подшоҳ бо худ андеша кард, ки «афв кардан бехтар бошад чаро ки бад-ин миқдор хун рехтан воҷиб нест. Агар гуноҳи ӯро афв кунам, кафорати[1] гуноҳи ман шавад. Чанд хуни ноҳақ рехтаам, агар афв фармоям, шояд ки дастгирӣ кунад.

Байт:

Ҳамаро ба худой коре хаст,
Гар хама шоҳ, хама вазир бувад».

Малики Яман гуноҳи Абраро афв фармуд. Шодмон шуд.

Омадем бар сари сухани Абра. Он вакт, ки Абра аз чашми падар ғоиб шуда буд, ба талаби ӯ ба ҳар тараф кас фиристод. Хабар ёфтанд ки дар хизмати шоҳи Яман аст. Шоҳи Хабаш шодмон шуд, бо вазирон машварат кард. Гуфтанд:

— Агар аз ин воқиа шоҳи Яман хабардор гардад, кор бар моён душвор шавад.

Байт:

Гар аз ин кор шоҳ хабар ёбад,
Кори осони мо душвор шавад.
Бифиристем косиде оқил,
Ки кунад шоҳ Абраро озад.

Марди оқиле пайдо карданд, ба расми бозаргон он чо фиристоданд. Баъд аз чанд рӯз ба шахри Яман расид, ба ҷои некӯ фуруд омада Абраро талаб кард, ин байтро бихонд:

Байт:

Падар мушток, модар хамчунон аст,
Чу Яъқуби хазин дар ишки Юсуф.

— Абра чун хадиси падар шунид, чун абри навбахор дар гирья даромад, ба хочаи бозаргон гуфт:

— Аз кадом шахр омадай, чи муҳим дорӣ?

Ӯ гуфт:

---

[1] *Кафорат* — радд, маҳв.

— Аз шахри Ҳабаш омадаам.

Бозаргон рамл некӯ медонист, рамл андохт ва дар соати нек ҳар ду аз шаҳр баромаданд, рӯ ба ҷониби шаҳри Ҳабаш карда роҳӣ шуданд.

Ба малики Яман хабар шуд, кас ба ҳар тараф фиристод, Абраро наёфт. Шоҳи Яман ғамгин шуда буд.

Абра ба шаҳри падар расид. Падараш ба истиқбол баромада, бо эъзоз ба шаҳр даровардaнд.

Шоҳи Яман бифармуд, киштиҳо биёварданд. Дар киштӣ нишастанд, рӯ ба Ҳабаш ниҳоданд. Чанд шабонарӯз дар киштӣ буданд. Қазоро, боди мухолиф бархост, киштиҳо ҳама ғарқ шуд. Подшоҳи Яман дар тахтапорае бимонд. Чанд шабу рӯз бар рӯи об мерафт. Об тахтапораро бар канори дарьё партофт. Ғаввосон ба назди ӯ рафтанд, сухан пурсиданд, ҷавоб надод. Ҳалқи ӯро бод хушк карда буд. Қадре равған ба ҳалқи ӯ рехтанд, чашм боз кард, пурсид, ки:

— Ин кадом вилоят аст?

Ғаввосон гуфтанд:

— Вилояти Ҳабаш аст.

Гуфт:

— То шаҳр чи миқдор роҳ аст?

Гуфтанд:

— Чаҳор фарсанг аст.

Шоҳи Яман аз он ҷо равон шуд. Намози шом дохили шаҳр гардид. Ҷое наёфт, ки қарор гирад, дар зери сояи работе хоб кард.

Иттифоқо, дар болои он собот бозаргоне буд, ки дуздон қасди вай карда буданд. Дар ин шаб фурсатро ғанимат ёфта, бозаргонро кушта, молҳои ӯро бурда буданд. Аз он мавзеъ хун чакида, бар болои малики Яман афтода буд. Рӯз шуд, ғуломони бозаргон ба ҳар тараф давиданд, дуздро талаб карданд. Ногоҳ малики Яманро диданд, ғариб, дар ҷоман ӯ хуни тоза диданд, фарьёд бароварданд, ки:

— Дуздро ёфтем!

Дархол малики Яманро барбастанд, ба подшоҳи Ҳабаш бурданд.

Чашми шоҳ бар вай афтод, гуфт:

— Эй дузди бадбахт, чаро хун ба ноҳаق рехтӣ?! Ёрони ту кучоянд?!

Малик гуфт:

— Ман аз он хабар надорам. Марди ғарибам, намози шом дар ин шаҳр расидам, ҷои хоб наёфтам. Ошиое надоштам, ки ба

хонаи ӯ равам, дар зери соботи бозор хусбидам. Гуноҳи ман ҳамин аст.

Подшоҳ гуфт:

— Дурӯғ магӯй! Туро чунон сиёсат кунам, ки дуздони олам ибрат гиранд!

Малики Яман ин байт бихонд:

Байт:

Ки шоҳ зи сирри ман надонад,
Ҳак медонад, ки бегуноҳам.
Бар ман назари хато маяфган,
Ман низ ба асл фаррух шоҳам.

Алқисса, андеша кард, ки «ин мард ғарибу фозил менамояд, ба куштани ӯ таъҷил накунам. Некӯ тафаҳҳус кунам, ки окибат чӣ мешавад». Бифармуд, малики Яманро ба зиндон бурданд ва маҳбус карданд. Забон ба ҳамду сано яздон бикшода сабр мекард. Дар пахлуи зиндон ҷӯи обе буд ва саҳрои дилкушое. Ҳар рӯз ахли зиндонро мебароварданд ва низ расми шоҳи Ҳабаш он буд, ки моҳе як бор бар лаби он ҷӯй омадӣ, ҳар касро сухане будӣ ба шоҳ маъруз кардӣ. Дар пеши зиндон деворе буд, баланд, дар паси он сабзазори хуше буд. Шоир гӯяд:

Байт:

Бар сабзаи обу чашмасоре,
Бар ҳар тарафе чу лолазоре.
Овози навои булбули маст,
Лола кадахи шароб дар даст,
Дар ҳар тарафаш нишаста кумрӣ,
Овоз кашад ҳамчу мукрӣ [1].
Аз он ки ҳазор гашта шайдо,
Аз сабзаву об саҳни саҳро.
Аёми баҳор буду наврӯз,
Мардум ҳама дар нишот он рӯз.

Алқисса, Абра омада дар пои он девор истода буд, малик Абраро намешиноҳт, ба сабаби он ки бар хилофат маъҳуд гашта буд.

Аз казо, дар ин девор ду зоғ омада нишаст. Малики Яман гуфт: «Агар ин зоғро бизанам, аз зиндон халосӣ ёбам». Устухонро аз зиндон бияндохт, даргузашта бар саропарда расида, як гӯши ӯро бибурд.

Подшоҳ таҳкик кард, ки «ин феъли зишт аз кӣ сар барзадаст»?

Ин хабар ба гӯши зиндонбон расид, дар хотири ӯ гузашт:

---

[1] *Мукрӣ* — хонанда, таълимкунанда.

«Устухоне, ки он зиндонй паронда буд, ҳамон бошад»,— гуфта, ба назди подшоҳ рафт, он сирро арза намуд.

Фармуд, ки:

— Биёред!

Он зиндонбон рафта малики Яманро гирифта, назар кард, дид, ки як гӯши ӯ ҳам не. Ба хизмати подшоҳ оварданд.

Зиндонбон фарьёд кард, ки:

— Ин мардро як гӯши ӯ не, магар пайваста дуздй мекунад.

Малики Яман гуфт:

— Зиндагонии подшоҳ зиёд бод, аз банда суол мекунед, соате киссаи ман ба гӯш доред, сабаби ҷоҳу мазиди давлат бошад.

Гуфт:

— Ман дузд нестам, ман малики Яманам, аз гардиши фалак бад-ин маком афтодаам.

Подшоҳ фармуд:

— Сабаб чи бувад?

Малики Яман гуфт:

— Вакте маро ғуломбачае буд, Абра ном, ман ӯро дӯст медоштам ва силоҳбардори худ карда будам. Казоро, рӯзе ба шикор рафта будам, аз акиби охуе асп андохтам. Абра низ аз акиби ман асп андохт. Абра хост тире бар оҳу занад, ба гӯши ман омад, сари гӯши маро бурд. Ман ӯро снёсат фармудам, боз маро рахм омад, Ӯ бегунох буд. Баъд аз чанд рӯз Абра аз чашми ман ғоиб шуд. Ба ҳар тараф ба талаби ӯ кас фиристодам, наёфтанд. Аз ин сабаб дилтанг шудам, дар кишти нишастам, сайри дарьёбор кардам, то ғами ӯ аз дили ман зоил шавад. Ногоҳ боди мухолиф пайдо шуд, киштиҳоро бишкаст. Ман бар тахтапора бимондам, бар лаби дарьё афтодам ва рӯй бад-ин ҷониб ниходам. Намози шом бад-ин шаҳр расидам, ҷое наёфтам, ки биёсоям. Ночор дар зери соботе хоб рафтам. Пагоҳй рӯй бад-ин ҷониб ниходам, ин вокиа рӯй дод, ба тӯхмат маҳбуси зиндон гаштам. Имрӯз зоғ омада бар сари девор биншаст. Хостам, ки фол гирам: «Агар ин зоғро бизанам, халосй ёбам, вагарна махбус бимонам». Устухонеро бардоштам, ба зоғ андохтам, аз зоғ гузашта, сари гӯши шоҳро бибурд.

Шоҳ чун ин сухан бишнид, Абраро талаб кард ва гуфт:

— Ин мардро мешиносй? Мегӯяд, ки ман малики Яманам.

Абра нек мулоҳиза кард, бишнохт, дар пои ӯ афтод, фарьёд бароварда, узр хост.

Ӯро аз банд ҷудо карданд ва мачлис оростанд. Баъд аз чанд рӯз малики Яманро ба эъзози тамом ба ҷониби Яман фиристоданд. Шоҳ наздики вилояти худ расид, вазеъву шариф ба истик-

боли малик баромада, шохро ба шахр даровардaнд, бар тахти салтанат нишаст, доду адл ба чой овард.

Он гаҳ Бахтиёр гуфт:

— Агар он рӯз малики Яман гуноҳи Абраро афв намекардй, имрӯз ба мулки худ нарасидй, шоҳи Хабаш ба тӯҳмат бикуштй. Агар подшоҳи банданавоз ба куштани ман таъчил накунанд, зуд бошад, ки бегуноҳии ман зоҳир гардад.

Бахтиёр ин киссаро тамом кард, подшоҳро хуш омад. Бифармуд, ба зиндон бурданд. Рӯз бегоҳ шуда буд.

ҲИКОЯТИ ВАЗИРИ ШАШУМ РӮЗИ ШАШУМ

Чун ойинаи зарини офтоб аз ойнадони Машрик берун омад, чодари гулрез аз фарки Фаркадон[1] баргирифт, вазири шашум ба ҳазрати шоҳ даромада, гуфт:

— Эй олампанох, маҳлакае[2] дар харам вокеъ шуд, дуру дароз гузоштани ӯ аз маслаҳат нест, чаро ки аз атрофи олам ояндаву раванда бисьёр аст, мабодо дар гӯши подшоҳон расад, ҳамл[3] бар бехимматии шумо кунанд. Мехоҳам, ки имрӯз чунон сиёсат кунем, ки дуздони олам ибрат гиранд, ҳеч кас дар харами касе хиёнате накунад.

Шоҳ бифармуд, Бахтиёрро ҳозир карданд. Шоҳ гуфт:

— Эй Бахтиёри бадбахт, чанд рӯз аст бегуноҳии ту маълум нашуд, имрӯз туро сиёсат бикунам!

Бахтиёр гуфт:

— Эй шоҳ, ҳар чи фармой, кунанд, лекин ман бегунохам, чунон ки бегуноҳии духтари Комкори вазир маълуми шоҳ Додбин шуд.

Подшоҳ пурсид, ки:

— Чй гуна буд?

Бахтиёр гуфт:

— Эй шоҳ, дар замони мозй подшохе буд, Додбин ном, бисьёр золимтабиат буд, ду вазир дошт, якеро Комкор, дигареро Кордон мегуфтанд. Комкорро духтаре буд, дар ғояти чамол, рӯз соим[4], шаб коим[5] буд. Рӯзе Кордон ба хонаи Комкор мехмон шуд, ба тамошои боғ берун омад, ногоҳ чашми ӯ ба духтари Комкор

---

[1] *Фаркадон* — ду ситораи дурахшон дар галаситорахои Дуби Асгар.
[2] *Маҳлака* — хатар.
[3] *Ҳамл* — доиистан, шумурдан.
[4] *Соим* — рӯзадор.
[5] *Коим* — ибодаткунанда.

афтод, сурате мушохида кард, ки дидаи рӯзгор мисли он надида. Ба чон ошики ӯ гардид, бо худ гуфт: «Агар зикри мусохирати[1] ӯ созам, падари ӯ маро нахоҳад». Рӯзи дигар ба ҳазрати шох омад, чандон зикри он духтар кард, ки шоҳ ошики ӯ шуд. Ба Комкор пайгом фиристод, ки духтари худро ба ман деҳ. Комкор ин хабарро ба духтар расонид. Духтар гуфт:

— Эй падар, касе, ки лаззати тоат ёфта, ӯро лаззати нафсонӣ чи кор ояд. Эй падар, бар ман бубахшой, маро мисли ин корхо мафармой. Тавонӣ, ӯро аз сари ман дафъ намо.

Комкор ба хизмати шох рафт, он чи духтар гуфта буд, баёни подшоҳ кард. Эътиқоди подшоҳ сад шуд, Комкорро гуфт:

— Бирав, бигӯ, ки қабул кунад, ваилло ба ноком бадном гардад.

Комкор аз рагбати ваид[2] бар худ биларзид, дар пеши духтар рафт ва гуфт:

— Тадбири ин кор чист?

Духтар гуфт:

— Тадбири ин кор он аст, ки тарки мулку мол кунем, аз мамлакат беруи равем.

Чун шаб даромад, ҳамчунон карданд.

Подшоҳ таокиб кард, рӯзи дигар эшонро ёфт, гурзе бар фарқи Комкори вазир зад, ки магзи сараш пош-пош шуд. Духтарро ба каҳру чабр дар никохи худ даровард. Чун чанд рӯз бар ин бигзашт, шохро сафаре пеш омад. Маликаро ба Кордони вазир супурд ва худ ба муҳиме рӯй овард.

Шабе Кордон ба боми хона рафт, чашмаш ба духтар афтод, ишки кӯҳнаи ӯ нав шуд. Каболан[3] бандагӣ навишт, ки «умрест, ки дар дили ман хаёли туст ва дар сари ман ҳавои ту. Бар ман раҳм кун!»

Духтар ба Кордон гуфт, ки:

— Дар ҳарами подшоҳ ба чашми хиёнат набояд нигарист. Туро подшоҳ аз барои он гузоштааст, ки моро аз дигарон муҳофизат кунӣ, на ки худ тамаъ бар мо бандӣ.

Кордон гуфт:

— Агар бар дили мубтало бубахшой, то зиндаам, камари бандагӣ бар миён бандам, вагарна ба ҳилае туро аз назари подшоҳ бияндозам.

Духтар гуфт:

— Ман вақте ба ҳавои нафс коре накардаам, домани муқад-

---

[1] *Мусоҳират* — хешовандӣ ба воситаи никоҳ.
[2] *Ваид* — таҳдид.
[3] *Кабола* — номаи ӯҳдадорӣ, шартномаи дорой бар чизе.

даси худро ба исьён мулаввас[1] накардаам ва дар бешаи шерй чун ту сагеро нахоҳам.

Кордон ин сухан бишнид, камари кини духтар дар миён баст. Подшоҳ, ки аз муҳим бозомад, Кордон пеши ӯ рафт.

Подшоҳ аз ҷинси суханон мепурсид. Дар он сухан аз ҳарам пурсид. Кордон гуфт:

— Суханест, ки такрир натавонам кард.

Шоҳ аз ҳайбати он биларзид, гуфт:

— Ҳол чист?

Гуфт:

— Ба ҳукми фармон, шабе ба ҳарамсарой рафтам таҷассус кунам, маликаро дидам бо писари таббоҳ[2] чунон итобҳо[3] мекард, ки «дӯстии ту аз сари забон аст, ишқ ҳама дар замири ҷон». Ин калимот мегуфт, ногоҳ ҳар ду ба хобгоҳ рафта, ҳамбистар шуданд.

Подшоҳ ин сухан бишнид, дар ҳарам даромад, писари таббоҳро ду ним кард, маликаро гуфт:

— Эй ғаддор, бар бистари ман хафзеро[4] роҳ додй, ки ҳеч кас инчунин кор накунад. Даъвои покиву таҳорати ту чи шуд?!

Духтар гуфт:

— Сухани сохибғараэро дар ҳаки ман машнав. Дар ин кор тафаккуҳ фармой. Ман медонам, ки ин ғубор ангехтаи вазир аст. Сабр кун, то покии ман собит шавад ва нопокии вазир зоҳир гардад.

Подшоҳ фармуд, вазирро ҳозир карданд. Бонг бар вазир зад ва гуфт:

— Ба ҳилаву макр маро аз роҳ мебарй?!

Вазир аз тарс касам ёд кард. Сухани ӯ ба подшоҳ маъқул шуд. Фармуд, ки маликаро ҳалок кунанд.

Ҳочибе пеш истода буд, гуфт:

— Бузургон куштани заифро шум доранд. Агар ӯро куштанй, бар пушти шутуре бубанд, дар биёбон гузор, баъд аз гурусна гй ҳоҳад ҳалок шудан.

Баъдаҳу бар пушти уштур баста, дар биёбон раҳо карданд. Чанд рӯзе дар биёбон мегашт, ногоҳ бар сари чоҳе расид. Духтар дуо кард, бандҳои ӯ кушода шуд, бар сари он чоҳ бияфтод. Далву[5] расан бар лаби он чоҳ буд, об кашид ва таҳорат карда,

---

[1] *Мулаввас* — олуда.
[2] *Таббоҳ* — ошпаз.
[3] *Итоб* — ноз, гила.
[4] *Хафз* — ночиз, ношуд.
[5] *Далв* — зарфе, ки бо он аз чоҳ об гиранд.

дар намоз истод, аз хама навмед, аз лутфи оллохи таоло умедвор буд.

Рӯзе сорбоне уштури султонро гум карда, ба талаби шутур мегашт, ногоҳ бар пушта баромад, аз дур уштуре дид. Бар сари он чоҳ омад, юсуфрӯеро дид дар намоз истода, аз ҷамоли ӯ биёбон мунаввар гашта. Сорбон гуфт:

— Эй фарзанд, маро ба падарӣ кабул кун!

Духтар гуфт:

— Раво бошад.

Сорбон гуфт:

— Эй чони падар, чанд рӯз аст, ки катори уштури худ гум кардаам, дуо кун то уштурони ман пайдо шавад.

Духтар дуо кард, дархол уштурони ӯ пайдо шуданд. Сорбон шукр ба ҷой овард, таом баровард, пеши духтар нихад. Духтар аз таом хӯрдан фориғ шуд, сорбон гуфт:

— Эй чони падар, ин чои будани ту нест, ба шаҳр равем.

Духтар гуфт:

— Раво бошад.

Казоро, сорбон шабе ба хизмати подшоҳ истода буд, аз вӯй хикояте дархост карданд.

Сорбон гуфт:

— Зиндагонии подшоҳ дароз бод, пеш аз ин як моҳ катори уштурон гум карда будам, ба талаби ӯ ба биёбоне расидам, ба сари чашма духтаре намоз мекард, уштуре бар вай соя карда. Донистам соҳибхол аст. Дар хаки уштурони ман дуо кард, то пайдо шуд. Ӯро ба хона бурдам, ба фарзандӣ кабул кардам, савмаае[1] тартиб додам, холо ба ибодат машғул аст.

Подшохро пинхонӣ ба хонаи худ бурд, савмааро намуд. Шоҳ даромада дид, ки дар намоз истода. Баъд аз салом додан ӯро бишнохт, ки арӯси вай будааст, омада узр хост ва гирьён шуд ва гуфт:

— Мехоҳам, ки маро бихил[2] кунӣ, аз он чи ки гузашта аст, бар ман бубахшой.

Духтар гирьён шуд ва гуфт:

— Мегузарам ба шарте, ки соате ба хона пинхон бошӣ, то ман Кордони вазирро талаб кунам, то ба гӯши худ бишнавӣ, ки дар хаки ман чафо карда.

Ба сорбон гуфт:

— Бирав, Кордонро талаб, аммо надонад, ки шоҳ ин чост.

Сорбон рафта Кордонро гуфт:

---

[1] *Савмаа* — ибодатхона.

[2] *Бихил* — бахшидан, авф кардани гунох.

— Туро аврате дар чое металабад ва орзуи ту дорад, ба ман гуфт: «Рафта Кордонро хабар кун».

Кордон омада бишнохт ва гуфт:

— Эй ҷону ҷаҳон, ин ҷо чӣ мекунӣ ва чӣ гуна халосӣ ёфтӣ?! Он рӯз ки подшоҳ ғазаб карда, бар шутуре бастанд, чанд касро ба талаби ту фиристодам, туро наёфтанд. Дар аввал сухани ман нашнидӣ. Он рӯз ки туро дар боми айвон дидам, гуфтам: «Берун ой, аз ин вилоят биравем, ё подшоҳро захр бидихем, халок шавад», ту гуфтӣ, ки «ман чӣ гуна ба подшоҳ хиёнат кунам?!» Ман гуфтам: «Дил бар ин подшоҳ мабанд, ки туро рӯзе ба сабаби андак гуноҳ уқубат кунад ва туро бикушад, падари туро бегуноҳ кушт».

Ин суханҳоро гуфт, оҳе кашиданӣ буд, кашида шуд, боз оғоз кард, ки «ин ҳама меҳнату машаккат, ки кашидӣ, туро насиҳат кардам, ки тан дар ризои ман неҳ, ту гуфтӣ: «Ман тан бар ризои илоҳӣ ниходаам».

Кордон ин сухан бигуфт, духтар ҳеч нагуфт. Кордон гуфт:

— Эй нури дидаи ман, акнун меҳнат ба сар омад, бандаам.

Ба ҷонибе духтар даст дароз кард, духтар тапончае бар рӯи ӯ зад, ки аз пой дарафтод. Дар он вакт подшоҳ дар паси парда буд, сабр карда натавонист, берун омад, теғ бар халки Кордон ниҳода сар аз танааш ҷудо кард. Баъд аз он духтарро ба ҳарами худ бурда, ба куштани Комкори падари духтар ҳасрат меҳӯрд, дар шарму хиҷолати духтар бимонд.

Он гоҳ Бахтиёр гуфт:

— Агар он рӯз шоҳ Комкорро ба сухани Кордон накуштӣ ва духтарро инчунин накардӣ, дар охир дар хиҷолат намондӣ. Акнун шоҳ ба куштани ман шитоб накунад, дар надомат нашавад, айни маслиҳат бошад.

Подшоҳро ин сухан хуш омад, фармуд, Бахтиёрро ба зиндон бурданд.

ҲИКОЯТИ ВАЗИРИ ҲАФТУМ

Чун рӯзи ҳафтум вазири ҳафтум пеши подшоҳ омад, забон ба дуо бикшод ва гуфт:

— Эй шоҳ, моро беш аз ин токати сарзаниш мардону занон намондааст. Агар ба эшон сухан гӯем, меғӯянд, ки подшоҳи шумо ғайрат надорад. Дар миёни мардум сухани Бахтиёр аст.

Подшоҳ ин сухан бишнид, ранги рӯи шоҳ мутағайир шуд, Дар ҳарам даромад, маликаро бихонд ва гуфт:

— Дар ҳаки Бахтиёр чй гўй?

Малика гуфт:

— Куштан вочиб аст.

Шоҳ аз ҳарам баромад, фармуд, ки Бахтиёрро оваранд. Ҷаллодро ҳозир карданд.

Бахтиёр забони фасоҳат кушода, гуфт:

— Зиндагонии подшоҳ дароз бод, эй шоҳ, зиндаро кушта тавонй, куштаро зинда карда натавонй. Шоҳ дар куштани ман таъҷил накунад, сабр намояд, зуд бошад, ки бегуноҳии ман маълуми шумо шавад.

Подшоҳ гуфт:

— Чй гуна маълуми ман шавад, ки аҳли ҳарами ман амр ба куштани ту медиҳанд.

Бахтиёр гуфт:

— Занон ба макр чизи бисьёр мегўянд ва ҳилаҳо ангезанд, чунончи духтари подшоҳи Ироқ ба шоҳи Ҳабаш макр карда буд.

Байт:

Зан макру бадй ба кас намояд,
Бар гуфти занон раво нашояд.
Иблис зи макри зан гурезад,
Оби рухи мард зан бирезад.
Зинҳор, ба гуфти зан макун кор,
Гар мардиву окиливу хушьёр.
Эй шоҳи карими бандапарвард,
Аз фъли занон бавакт баргард.

Алкисса, шоҳ аз Бахтиёр ин сухан бишнид, ўро хуш омад. Бахтиёр дид, ки шоҳ сокин шуд, гуфт:

— Эй шоҳ, дар куштани ман сабр кун, зуд бегуноҳии ман маълум шавад, чунончи бегуноҳии духтари шоҳи Ироқ зоҳир шуда.

Подшоҳ гуфт:

— Чи навъ зоҳир шуда буд?

Бахтиёр гуфт:

— Чунин гўянд, ки дар мулки Ҳабаш подшоҳе буд болашкару ҳашам. Ўро дар ҷаҳон душмане набуд, касеро чизе намедод. Нўкарони ў гурусна бимонданд, вазиронро раҳм омад, гуфтанд: «Тадбир созем. Подшоҳи мо занро дўст медорад. Малики Ироқро духтарест ба ғоят хуб, пеши подшоҳ таъриф кунем, дили подшоҳ ба вай майл кунад, расулон ба хостгорй фиристонад. Малики Ироқ духтари худро дўст медорад, ба кас намедиҳад. Подшоҳ дар ғазаб мешавад, бо мо машварат мекунад. Мо гўем, ки лашкарро мол бояд дод. Ў лашкар сохта карда, рўй

ба Ирок нихад, малики Ирокро маглуб созем, очиз шуда духтарро бидихад».

Алкисса, бар ин карор доданд. Бегох ба хазрати подшох рафтанд, аз хар навъ хикоятхо карданд, ин китъаро хонданд:

Байт:

Дар шахри Ирок мохрўест,
Ки дархўри подшох бошад.
Дар лутф чу оби зиндагонй,
Дар хуси фузун зи мох бошад.

Подшох ин сухан бишинд, аз чону дил ба ў ошик шуд ва гуфт:

— Эй некроён, тадбири он чист?

Гуфтанд:

— Расулони кордида фиристода шавад, то хостгорй кунанд.

Шох чандеро ба асосу[1] дебо рохй кард. Онхо ба Ирок расиданд. Эшонро ба шахр даровардаид, хостанд. Он чи муддаоро арза карданд. Малики Ирок гуфт:

— Малики Хабашро гўед, ки ман духтари худро ба каси дур надихам, ин орро ба худ намеписандам.

Расулон бозгаштанд, он чи шунида буданд, омада бигуфтанд. Малики Хабаш касам ёд кард, ки «агар духтари ўро нагирам ва шахри онро вайрон накунам, чунину чунон бошам!» Бифармуд, хазинаро кушоданд, чандон мол ба лашкар доданд, ки хама тавонгар шуданд. Азимати Ирок карда расидаанд, чанг оғоз карданд. Малики Ирок очиз омад ва бо вазирон гуфт:

— Тадбир чист?

Гуфтанд:

— Аз чихати зайфа чандин фитна набояд кашид. Хар касеро чуфте бояд.

Подшохро хуш омад, расулонро фиристод, сулх карданд ва духтарро акд бастанд, гирифта ба Хабаш овард.

Аммо ин духтарро аз шавхари аввалаш писаре буд, бағоят дўст медошт. Агар як соат ўро надидй, девона шудй. Охир, аз ғами писари худ хилае сохт. Рўзе подшох силки[2] марворид ўро дод. Зан гуфт:

— Ба падари ман ғуломест ба маърифат, чавохирро бехтар медонад. Агар ин лахза ин чо мешуд, мегуфт кадоми инхо бад аст. Аз хар умур бисьёр донишманд аст ва кўдак аст, ба хамин кўдакй доност.

---

[1] *Асос* — буньёд, мол.
[2] *Силк* — хамоил.

Бисьёр бафаросат гуфта таъриф кард, ки дили подшоҳ моил шуд. Гуфт:

— Агар аз падарат талаб созам, бидиҳад?

Духтар гуфт:

— Намедиҳад, ӯро ба ҷои писари худ парварда.

Маликро надиме буд, доно ва зирак. Ӯро бихонд, ин маънӣ, дар миён ниҳод ва ваъда кард, ки «агар ғуломбачаро биёрӣ, туро дах ғуломбача бидиҳам».

Надим қабул кард, дарҳол асбоби рафтан муҳайё карда, ба шаҳри Ирок расид. Ба ҷое фуруд оварданд. Рӯзи дигар ҳадьяҳо бигирифт ва назди шоҳ рафт. Шоҳ ӯро азиз дошт. Баъд аз чанд рӯз бо ғуломбача оғози сухан кард, бад-ин моя расонид, ки «ин балоғату фасоҳат, ки турост, агар ба мулки Ҳабаш равӣ, чандон мол ба дасти ту афтад, ки сифат натавон кард. Вилояти хуб аст, ачоиби ӯ бисьёр аст».

Ғуломбача зирак буд, донист, ки ҳол чист, ҳилаи модари ӯст, гуфт:

— Меравам, вилояти Ҳабашро мебинам, ҳам духтари малики Ирок дар он ҷост.

Надим гуфт:

— Духтари подшоҳ он ҷост, туро тарбият мекунад.

Ғуломбача гуфт:

— Маро чунон барӣ, ки ҳеч кас набинад. Ба вилояти Ҳабаш барӣ, ҳар чи харҷ шавад, дах чанди он бидиҳам.

Бар ин карор доданд. Рӯзи дигар надим сандуқ дуруст сохт, ғуломбачаро дар сандуқ нишонд, рӯй ба ҷониби Ҳабаш карда, равон шуд. Малики Ирокро хабар шуд, ба ҳар ҷониб кас фиристод, бе максуд бознишастанд.

Надим ғуломбачаро ба Ҳабаш расонид, ба назди малик бурд. Малики Ҳабашро назар бар вай афтод, дид, ки ҷамоли ӯ зеботар аз он, ки гуфта буданд. Анвои адабу ҳунар дар вай мушоҳида кард, эъзоз кард, иньому эҳсон карда, силоҳдори худ гардонид ва ба фарзандӣ қабул кард. Модар аз дур ҷамоли писарро дида шукр кард. Номи ӯ Фаррухзод буд. Рӯзе ӯро ба наздики малика даровард ва гуфт:

— Ғуломбачаи падаратро овардам, хушдил бош.

Малика ӯро дида шукри олаҳӣ ба ҷой овард, лекин бо писар сухан карда наметавонист. Аз казо рӯзе малики Ҳабаш ба шикор ғафта буд, малика Фаррухзодро талаб кард, сабр натавонист кардан, писарро дар канор гирифта, сару рӯи ӯро мебӯсид ва мурооти модарӣ мекард. Ногоҳ чашми хочасарой бар эшон афтод, бонг бар эшон зад.

Чун шоҳ аз шикор омад, хочасарой гуфт:

— Ғуломбачаро дидам, ки бо малика даст дар гиребони ҳамдигар карда, бўса мекарданд.

Подшоҳ гуфт:

— Ҳар оина дар миёни эшон чизе буда. Сифати ўро ба ман бисьёр карда буд.

Дар ҳарам даромада, Фаррухзодро бихонд ва гуфт:

— Шарм надоштй, ки дар харами ман хиёнат андешидй?!

Фаррухзод гуфт:

— Ман хиёнат накардаам. Малика маро талабиданд ахволи он ҷоро пурсиданд.

Он гоҳ малика мехост, гўяд, ки фарзанди ман аст, изтироб кашида, хомўш шуд, об аз дида меборид.

Малик ҳочиберо гуфт:

— Ин ғуломбачаро сар аз тан ҷудо кун, шаб ба гўристон дафн кун!

Ҳочиб гуфт:

— Фармон бардорам!

Фаррухзодро гирифта аз пеши малик берун овард. Малика сомони дам задан надошт, зор-зор мегирист. ин байт мехонд:

Байт:

Эй дидан чону зиндагонй,
Барбод шудй ба ройгонй.
На захраи он ки рост гўям,
Ғамхои дили ту бо кй гўям?
Сарви кадат, эй санам, нагун шуд,
Эй мохи рухи ту сарнагун шуд.
Зулфи ту чи тобй хок дорад?
Кас мушк ба хок чун супорад?..

Ин гуфта, ба хой-хой бигирист.

Алқисса, чун ҳочиб рўи Фаррухзодро нигоҳ кард, дид хусне аз Юсуфи канъонй кам набуд. Гуфт:

— Эй кўдак, ин чи феъл аст, аз ту ба вучуд омада?!

Фаррухзод гуфт:

— Бидон, ки ман гулеям аз бўстони салтанати Ирок.

Ҳочиб гуфт: «Бахри зане хуни инчунин ғулом рехтан аз акл дур бошад». Гуфт:

— Эй фарзанд, чизе ба хотир рох мадех, туро ба хонае пинҳон кунам.

Фаррухзод гуфт:

— Он чи дар ҳаки ман мекунй, зоеъ нашавад. Рўзе шавад, бегуноҳии ман маълум гардад. Дар Ирок писари малики канй будам, ин гардун бо ман бадфеълй кард.

Хочиб гуфт:

— Дил хуш дор, ки кори ту некӯ хоҳад шуд.

Фаррухзодро дар хонае пинҳон кард, таом пеши ӯ овард. Пеши шоҳ рафт ва гуфт:

— Фаррухзодро куштам.

Подшоҳ гуфт:

— Некӯ кардӣ.

Бо малика сухан намекард. Малика низ рӯй гардонда буд. Подшоҳ модарҳонде дошт, ҳар чи ӯ мегуфт, он мекард. Рӯзе назди малика омада гуфт:

— Эй ҷони модар, чаро парешонхолӣ?

Малика об аз дида меборид. Пиразан қасам ёд кард, ки «ҳар чи дар дил дорӣ, бигӯ, ба кас изҳор накунам». Малика гуфт:

— Эй модар, маро муҳиме пеш омада, сомони баён нест. Савганд хӯрдӣ, акнун гӯям, то тадбири кори ман кунӣ.

Қиссаи худро гуфт. Пиразанро бар ӯ раҳм омад. Гуфт:

— Кош ки маликро дар дил ғуборе набудӣ. Ҳеҷ тадбир наметавонам кард, ки шоҳ аз ман хушнуд гардад.

Пиразан гуфт:

— Эй ҷони модар, туро чизе таълим кунам, ҳамчунон кун. Пеш аз он ки шоҳ дар ҷомаи хоб дарояд, ту худро дар хоб андоз. Чизе дар синаи ту ниҳад гӯяд, ки «ба баракати ин номҳо он чи дар дили ин хуфта аст, ба забони ӯ ошкоро кунӣ». Дархол бояд ки бетаваккуф забон кушой, ҳар чи ҳаст, аз аввал то охир бигӯй.

Духтар гуфт:

— Чунон кунам.

Пиразан аз он ҷо пеши шоҳ омад, салом кард, баъд аз он гуфт:

— Эй шоҳ, чаро ғамгин нишастай?

Шоҳ гуфт:

— Эй модар, аз дасти фалаки ғаддор.

Байт:

Гардиши ин сипехри нофарҷом,
Рӯзгори хушам дигаргун кард.
Ҳамчу зулфи бутони бадмехре,
Шами осудаам парешон кард.

Пиразан инро шунид, гуфт:

Мисраъ:

Бо казои худо чи битвон кард?!

Баъд аз он модарҳонди шоҳ гуфт:

— Хеҷ кас аз дунёе вафо надидааст... Эй подшоҳ, сабаби ғаму андӯҳ чӣ будааст?

Шоҳ гуфт:

— Эй модар, аз ту чӣ гуна пинҳон дорам, ки ман ба чи машаққат духтари малики Ирокро ба даст овардам, ғуломбачаи ирокӣ харидам, ба фарзандӣ қабул кардам. Аз вай чизе ба гӯши ман расониданд, ӯро сиёсат кардам, бе он ки ҳақиқати кор маълум шавад, мунозиат[1] дар миёни мову малика ҳаст.

Пиразан гуфт:

— Форигдил бош, ман чизе навишта дорам ба хати девон, аз они ҳазрати Сулаймони пайғамбар. Агар бихоҳӣ, ки аз сирри ӯ хабар ёбӣ, вакте ки ӯро хоб бурда бошад, бар синаи ӯ ин дуо нихӣ ва бигӯй: «Ба ҳаки ин дуо рози пинҳони ӯро ба забон орӣ, то бар ман равшан шавад, он чи дар дил дорад, баён кунад, бедор нашавад». Агар подшоҳ ичозат диҳад, биёрам.

Подшоҳ гуфт:

— Некӯст.

Пиразан батаъчил ба хона омад, бар коғазпорае бардурӯг чапу рост кашид, ки ҳеҷ кас он нақшро хонда наметавонад, ба хизмати шоҳ овард ва гуфт:

— Эй шоҳ, бархез бар рӯи ин дуо таъзим кун!

Шоҳ таъзим кард, он коғазпораро гирифт ва мунтазир буд, то вакти хоб шуд. Подшоҳ наздики малика омада дид, ки малика дар хоб аст. Чи навъе, ки модарҳонд таълим карда буд, ба синаи малика нихад ва гуфт:

— Худовандо, ба ҳурмати ин дуо он чи дар дил дорад, бигӯяд.

Он гоҳ маликаи Ирок беҳичоб забон бикшод, ҳар чи дар дили ӯ буд, аз аввал то охир баён кард ва хомӯш шуд.

Шоҳ гирьён шуда, духтарро бедор кард, сари ӯро дар канор гирифт. Малика гуфт:

— Чи будааст, ки дар лутф мекӯшӣ?

Шоҳ гуфт:

— Эй чону чаҳони ман, чаро пинҳон доштӣ, ки хуни чунин фарзанде ба ноҳак рехта шуд?!

Малика гуфт:

— Кадом писар?

Шоҳ гуфт:

— Дар хоб чунин гуфтӣ.

Малика гуфт:

---

[1] *Мунозиат* — ситез, нохушӣ, носозӣ.

— Кас ба хоб чй гуна сухан гўяд?

Шоҳи Ҳабаш такрир кард чиз ба синаи ў ниҳоданро, ҳамаро, баёни малика кард.

Малика гуфт:

— Агар чунин бошад, ҳол бар ин навъ бувад, ки шунидй. Ҳукамо гуфтаанд:

Байт:

Он чи рафтаст аз казову қадар,
Ҳеч тадбир нест, медонй?

Шоҳ аз хичоб суол кард, ки:

— Ғуломбачаро дар кучо гузоштй, то гўрхонаи хуб тартиб дихам, ки ў фарзанди мо будааст.

Ҳочиб гуфт:

— Маълуми ройи шарифи шумо бод, ки ман ўро накуштаам, дар хонаи ман аст.

Шоҳ фармуд:

— Фаррухзодро биёр!

Оварданд. Чашми шоҳ афтод, гирьён шуда, дасти ўро бигирифт дар ҳарам даровард. Чашми модар ба ҷамоли фарзанд афтод, хурўш бар авчи кайвон расонид, худойро шукр кард. Баъд аз он маликаву шоҳу Фаррухзод ба шодмонй умр гузаронданд.

Бахтиёр гуфт:

— Занон макру хила месозанд, аз баҳри маслиҳати кори худ. Агар ўро мекушт, имрўз кай авҳоли ў маълум мешуд, шоҳро пушаймонй суд надошт. Ҳоло ҳам шоҳ ба куштани ман таваккуф кунанд, бегуноҳии ман зоҳир гардад.

Ин сухан ўро хуш омад, фармуд, ки Бахтиёрро ба зиндон бурданд.

ҲИКОЯТИ ВАЗИРИ ҲАШТУМ РЎЗИ ҲАШТУМ

Вазири хаштум ба ҳазрати подшоҳ омада, баъд аз ҳамду сано гуфт:

— Подшоҳ ҳамчун дарахт аст, бехи вай сиёсату шохи вай марҳамат. Чун бехи дарахт хушк шавад, ҳеч сиёсат намонад. Чун Бахтиёр ба сиёсат намерасад, тарсам, ки бехи дарахти малик нуксон гирад.

Подшоҳ гуфт:

— Рост мегўй.

Фармуд, Бахтиёрро оварданд. Шоҳро дуо кард ва ин назмро бихонд:

Байт:

Худовандо, туро дар шодмонӣ
Ҳамеша бод иззу зиндагонӣ.

Подшоҳро фасоҳату балоғати ӯ хуш омад, хост, ки Бахтиёрро ба зиндон фиристад, вазирон фарьёд бароварданд:

— Моро беш аз ин токат намондааст. Сиёсат фармой!

Шоҳ гуфт:

— Эй Бахтиёр, ҳама ба куштани ту чашм доранд, саъй мекунанд.

Бахтиёр гуфт.

Байт:

Ҳар ки дар банди мардумон омад,
Кори ӯ сар ба сар зиён омад.
Он чи гуфтанд окилони чаҳон,
Сабр карданд, ончунон омад.

Шоҳ гуфт:

— Эй Бахтиёр, мехоҳам, ки туро озор нарасонам, мардумон ба куштани ту далолат доранд.

Бахтиёр гуфт:

— Эй шоҳ, гӯш бидор:

Байт:

Ҳар ки дар корҳо шитоб кунад,
Окибат во хӯрад пушаймонӣ.
Сабр кун, сабрро макун таксир,
То биёбӣ ризои раҳмонӣ.

Чунончи, хочаи ҷавоҳирфурӯш шитоб кард, дар ранҷу меҳнат бимонд.

Шоҳ гуфт:

— Баён кун.

Бахтиёр гуфт:

— Чунин овардаанд, ки марде будааст ҷавоҳирфурӯшу ҷавоҳиршинос, зане доштааст. Рӯзе подшоҳ ҷавоҳириро талаб кард, то марвориди некро аз бад ҷудо кунад, он чи лоиқи хазина бошад. Ҷавоҳирӣ наздики зани худ омад ва гуфт, ки:

— Подшоҳ маро талаб кардааст. Васият ин ки писар зой, Рӯзбеҳ ном кунӣ, агар духтар зой, ту медонӣ.

Васият карда, рӯ ба роҳ ниҳода, ба хизмати шоҳ омада, дуо кард.

Шоҳ гуфт:

— Эй усто, туро захмат додем ба чиҳати он ки марворидҳоро аз неку бад чудо кунӣ.

Чавоҳирӣ гуфт:

— Миннат дорам.

Шоҳ фармуд, марворидҳоро чудо кард. Шоҳ хушвакт шуд, донист, доност ва нарду шатранчро нек медонист. Шоҳ бо ӯ улфат гирифт, курби ӯ ҳар рӯз зиёда мешуд. Ӯро иҷозат намедод, ки ба вилояти худ равад.

Рӯзе зани чавоҳирӣ ин ҷо ду писар овард, якеро Рӯзбеҳ ном кард, дигареро Рӯзбад ном ниҳод. Нома ба ҷониби шавҳари худ навишт, ки «моро ду писар худои таъло ато кардааст. Чун нома расид, бетаваккуф бад-ин ҷониб рӯй орӣ, ки беш аз ин тоқати фироқ намондааст.

Байт:

Эй мӯниси ҷону ғамх(в)ари ман,
Эй рафта ба ғурбат аз бари ман,
Бархезу биё ба хонаи хеш
Эй дӯст, мадор дар ғамам беш».

Алқисса, чавоҳирӣ шодмон шуд, худойро шукр кард, дар замон аз подшоҳ иҷозат талаб кард.

Шоҳ гуфт:

— Як соли дигар таваккуф кун, ба мо чавоҳир бисьёр хоҳад омадан. Ба фарзандони ту кас фиристонам, биёянд.

Чавоҳирӣ гуфт:

— Раво бошад.

Дарҳол косиде чиҳати фарзандони ӯ фиристод. Зани чавоҳирӣ гуфт:

— Ҳоло як фарзанди ман бемор аст, беҳтар шавад, меравам.

Косид омад, хочаи чавоҳириро ин хабар расид. Ӯ дилтанг шуд.

Фарзандони хоча бузург шуданд, хату одобро омухтанд, ба хати худ ба падар нома навиштаанд. Хоча номаи фарзандонро бихонд, беором шуд, ба ҳазрати шоҳ арз кард ва ин байт бихонд:

Байт:

Беш аз инам мадор дар ғаму ранч,
Шаҳриёро, ки рӯзгор гузашт!

Подшоҳ косиде равона намуд, изҳори лутфу мархамат кард. Фарзандони чавоҳирӣ ба иштиёки падар шуданд. Чавоҳириро ҳам тоқат намонда, бе дастурии шоҳ равон шуд. Чун ду манзил рох монда буд, ки ба вилоят расид, вакти пешин буд, ки бар лаби обе расид, таҳорат кард, намоз гузорид ва равон шуд.

Кадре рох рафт, ба ёдаш омад, ки дасторчаи зари худро фаромӯш мондаст, бозгашт, харчанд талаб кард наёфт. Дид, ки ду кӯдак бар лаби об бозӣ мекарданд, ба назди онҳо рафт ва гуфт:

— Эй бачагон, ин ҷо дасторчаи зар монда будам, шумо гирифтед, боз диҳед!

Кӯдакон гуфтанд:

— Надидем.

Чавохирӣ хашмнок шуд ва гуфт:

— Ғайр аз шумо дигар кас ин ҷо набуд, бидиҳед!

Кӯдакон гуфтанд:

— Ин мард девона шудаст. Моро тӯҳмат мекунӣ, аз худо наметарсӣ?!

Чавохирӣ дар каҳр шуд, ҳар дуро дар об андохт. Ногоҳ аз пеши ӯ аврате баромад, кӯдаконро овоз дод. Чавохирӣ зани худро бишноҳт, донист, ки фарзандони худро дар об андохтаст. Наздики зан омад ва гуфт:

— Ин ҷо чи мекунӣ?

Гуфт:

— Назди шумо мерафтам.

Ҳоҷа гуфт:

— Киро металабӣ?

Зан гуфт:

— Худои таоло моро ду фарзанд дод, якеро Рӯзбеҳ, дигареро Рӯзбад ном кардам, ба лаби об бозӣ мекарданд, наёмаданд.

Чавохирӣ наъраае бизад ва беҳуш шуд. Зан омад ва гуфт:

— Чи шуд?

Ҳоҷа вокиаро баён намуд. Зан фарьёд баровард.

Байт:

Даврони сипеҳри оннагун,
То чанд кунад дилам зи ғам хун.
Эй шоҳи замонаи ситамгар,
Аз баҳри писар кашида ҳанҷар,
Нури чашмам дар об афканд,
Моро бо ғаму азоб афканд.
Бингар, ки гуҳарфурӯш дар об,
Афканд ду дона дурри хушоб...

Алкисса, ҳоҷаи чавохири бо ҳазор ҳасрат рӯй ба шаҳр ниҳод, ба хонаи худ фуруд омад, бо зан гуфт:

— Эй хотуни киёмат ва эй бонуи каромат, бе чамоли фарзандон дар умри мо лазате нест. Биё аз ин шаҳр биравем. Агар ин ҷо бошем, подшоҳ моро намонад.

Зан гуфт:

— Раво бошад.

Аз шахр баромада рӯ ба роҳ ниҳоданд, то чанд рӯз ба вилояте расиданд, ба чое фурӯд омаданд, шабу рӯз аз фироки фарзанд менолиданд.

Худои таоло чунончи ҳазрати Мӯсоро дар об нигоҳ дошта буд, фарзандони эшонро ба соҳили наҷот афканд. Қазоро подшоҳи он вилоят ба шикор баромада буд, гузораш ба он тараф афтод, дид, ки писари махрӯе. Гуфт:

— Ӯро биёред. Чӣ гуна бад-ин маком афтодааст?

Рӯзбеҳро оварданд. Подшоҳ пурсид, ки:

— Ин ҷо чӣ гуна расидӣ?

Рӯзбеҳ воқиаро баён крад. Шоҳро бар вай раҳм омад ва гуфт:

— Чӣ ном дорӣ?

Гуфт:

— Рӯзбеҳ ном аст.

Шоҳ гуфт:

— Туро ба фарзандӣ қабул кардам, маро фарзанд нест.

Ӯро бар асп савор карданд, ба шахр бурданд. Ҳамаи мардум мутеъву фармонбардори Рӯзбеҳ шуданд. Шоҳро бо ӯ хушӣ буд, чаро ки ба ҳама улум ороста бӯд. Баъд аз чанд гоҳ боди аҷал рӯҳи подшоҳро сайд кард, мулк ба Рӯзбеҳ карор гирифт. Бар тахт нишаст ва адл оғоз кард. Овозаи адли ӯ ба ҳар ҷо машҳур шуд.

Қазоро, Рӯзбадро об ба ҷониби дигар андохт. Дуздон ӯро гирифтанд, ба шахре ки чавоҳирӣ буд, бурда, хостанд, ки бифрӯшанд. Чавоҳирӣ ба бозор омада буд, то ғуломбачае бихарад. Бадрӯзро бидид, дилаш майл кард. Ӯро ба хона бурд. Занро назар ба фарзанд афтод, бишнохт, дар канор гирифт, худойро шукр кард, ба хоҷа гуфт:

— Ин фарзанди мост!

Хоҷа низ гирьён шуд, ин байт бихонд:

Байт:

То кай бувад, охир, оху нола,
Аз чаври фалак ба мо ҳавола.
Тира шаби ҳаҷри мо саҳар шуд,
Аёми фироқ то саҳар шуд.
Хонем худойро ба зорӣ,
Он хоҷати мо ту худ барорӣ.

Алкисса, хоҷаи чавоҳирӣ фарзандро ба чавоҳирфурӯшӣ тааллум кард, чунончи устоди комил шуд. Падар гуфт:

— Харидори чавоҳир подшоҳон бошанд. Дар фалон вилоят

подшохест, одилу карим, бархез кадре чавоҳир гирифта ба хизмати ӯ рав, то моле хосил ояд.

Писар кадре чавоҳири қиматӣ гирифт, рӯ ба роҳ наҳод ва ба вилоят расид, ки бародараш подшоҳ буд. Ба хизмати подшоҳ омад. Назари шоҳ ба Рӯзбад афтод, меҳри бародарӣ дар ҳаракат даромад, Рӯзбадро бинавохт, лекин яқдигарро намешинохтанд. Рӯзбад чавоҳирро гузаронид. Подшоҳро хуш омад, ба қимати тамом бихарид. Аз Рӯзбад пурсид, ки:

— Аз кучо омадӣ?

Рӯзбад гуфт:

— Аз фалон шаҳр омадам.

Подшоҳ гуфт:

— Мехоҳам, ки чанд рӯз ба назди ман бошӣ.

Рӯзбад гуфт:

— Фармон бардорам.

Баъдаҳу дар мулозимат мекӯшид. Меҳри шоҳ зиёда мешуд, ӯро азиз медошт. Ногоҳ подшоҳро душмане падид омад. Шоҳ лашкар равона кард. Баъд аз он мачлис оростанд, бо ҳамроҳии Рӯзбад шароб меҳӯрданд.

Назм:

Мутриб ба карашмаи ту оҳанг
Дарсохт навои чанг бо чанг.
Дар пардаи зер хар замоне,
Мегуфт тароиаи равоне.
Меҳӯрд шароб рӯзу шаб шоҳ,
Бо Рӯзбади надим як мох.

Алкисса, шабе азим маст шуд. Аз надимон хар кадом ба хонаҳои худ рафта будаид. Рӯзбад аз роҳи бандагиву шафкат бо теғ бар сари болини шоҳ биистод. Чанде расиданд ва наъра баровардаид, ки:

— Эй бадбахт, касди шоҳ карда будӣ!

Подшоҳ ин сухан бишнид ва гуфт:

— Рӯзбадро сиёсат кунед!

Касди Рӯзбад карданд. Баъзе гуфтанд: «Дар зиндон кунед, то ҳақиқати ӯ маълум шавад».

Рӯзбадро дар зиндон карданд. Подшоҳ ба кори лашкариён машғул шуд. Умаро хама гуфтанд, ки шоҳро душмани азим аст, аммо лашкари подшоҳи ӯ коре намеояд ва наметавонад кардан. Зафар бар сари шоҳи мо мебошад».

Подшоҳ ин сухан шунида толеи маймун ва замони хумоюн ихтиёр кард.

Алкусса, подшоҳ ба масофгоҳ[1] омад, лашкари душман бигрехт. Шоҳ музаффару мансур[2] бозгашт, ба мақоми худ карор гирифт, мачлис биёрост. Рӯзбадро фаромӯш карда буд.

Муддате бигзашт, падару модари Рӯзбад бо худ гуфтанд: «Номае ба саррофон навишта фиристонем, то хабар ба мо маълум гардад». Пас косид равона карданд.

Саррофон чавоб гуфтанд, ки «фарзанди шуморо подшоҳ нек медид, аммо захми чашми айём давлати ӯро ба мехнат мубаддал гардонид.

Байт:

Хар киро давлате диҳад гардун
Рӯзе чанд андар ин айём,
Дар акиб сад хазор мехнату ранч
Дихадаш, боз бингарад ноком».

Алкисса, сурати холи Рӯзбад, дар зиндон афтодани ӯро такрир карданд. Мактуб ба назди чавохирӣ расид, чарохати ӯ тоза шуд, нолаву фарьёди ӯ ба авчи кайвон баромад. Дарҳол хамрохи модараш баъд аз як мох ба вилояти фарзанд расиданд, назди шоҳ рафта сурати холро аз аввал то ба охир баён карданд. Дигар, фарзандонро дар об андохтан ва Рӯзбадро ёфтан, хамаро такир карданд.

Подшоҳ донист, ки инхо падару модари ӯ будаанд, Рӯзбад бародараш будааст, дарҳол фармуд, эшонро дар хона дароварданд. Чун назари подшоҳ бар эшон афтод, аз тахт фуруд омад, дар кадами эшон афтод. Хар ду тааччуб карданд. Назари модар ба рӯи шоҳ афтод, шир аз пистони ӯ равон шуд, гуфт:

— Эй хоча, ин фарзанди мост!

Хоча аз ин маънӣ шодмон шуд. Подшоҳ бародари худро дар канор гирифта, чандон гирья карданд, ки аркони давлат мутаҳайир шуданд. Баъд аз он ҳикоятҳои худҳоро гуфтанд, ба давлату шодмонӣ рӯз гузаронидaнд.

Бахтиёр гуфт:

— Агар маро ба куштан саъй макунед, зуд бегуноҳии ман маълум шавад.

Аз ин сухани ӯ подшохро хуш омад, фармуд, ки Бахтиёрро ба зиндон бурданд. Рӯз бегоҳ шуд.

---

[1] *Масофгоҳ* — майдони корзор, чангтоҳ.
[2] *Мансур* — пирӯз, ғолиб.

ҲИКОЯТИ ВАЗИРИ НӮҲУМ ДАР РӮЗИ НӮҲУМ

Алассабох, ки рӯз либоси нав дар бар кард, вазири нӯхум ба ҳазрати шоҳ даромад ва гуфт:

— Зиндагонии шоҳ дароз бод, дар олам фитнаҳо пайдо шуда, сабаби ҳукми подшоҳ, ки дар ҳаки ин дуздбача чи навъ мешуда бошад. Гуянд, ки «акнун бояд ҳикоят ёд гирем. Ҳикоят одамро аз куштан халос мекардааст».

Подшоҳ дар ғазаб шуд, фармуд, ки Бахтиёрро биёваранд, гуфт:

— Эй шоҳ, тонфае бар ман ҳасад мебаранд. Ҳасад оташ аст, ҳурматро бисӯзад. Чунон ки дар ҳар ки расад, асари ӯ тира кунад чунон ки Абӯтамомро асар кард, кушта шуд. Чун ҳосидон ӯро бикуштанд, баъд аз он бегуноҳии ӯ маълум шуд, суде надошт.

Шоҳ пурсид, ки:

— Чӣ гуна будааст?

Бахтиёр гуфт:

Марде буд, номи ӯ Абӯтамом, неъмату моли бисьёр дошт. Подшоҳе дар он шаҳр буд, ки, ҳар ки даҳ динор доштӣ, панҷ динори ӯро ба зулм бурдӣ. Мардум ва Абӯтамом аз ҷаврӣ ӯ ба ҷон омада, аз вилояти худҳо фирор намуда ба шаҳре, ки ба адл ороста буд рафтанд. Подшоҳи он шаҳр ба доду адлу раиятпарварӣ машҳур буд. Абӯтамом ҳаволие бихарид, ҷумлаи акобири шаҳрро зиёфат кард. Таомҳои хуб кашид, дар пеши ҳар кадом ҷомаҳои лонк бимонд. Мардум ба ҷавонмардии ӯ офарин карданд.

Баъд аз он ғарибонро бинавохт. Масҷиду работу пулҳо бино кард. Ин овоза ба самъи шоҳ расид. Шоҳ ду касро аз мулозимон фиристод, онҳо ба назди Абӯтамом омаданд, пайғоми шоҳ доданд. Абӯтамом замини адаб бӯса дода, гуфт:

— Фармон бардорам.

Ҳоҷибонро иззат дошт. Ҳоҷибон бозгаштанд.

Абӯтамом тӯҳфаҳое, ки лонки шоҳ буд, бардошт, ба хизмати шоҳ омад, тӯҳфаҳоро гузаронид. Подшоҳро хуш омад, фармуд:

— Ҳар рӯз ба хизмати мо ой, моро ба ту унсе шавад.

Абӯтамом замин бӯсид, ҳар рӯз ба хизмати шоҳ меомад, чунон ки муқаррраб шуд.

Подшоҳ ду вазир дошт, ба Абӯтамом ҳасад бурданд. Шабу рӯз дар андеша буданд, ки ӯро ба балое мубтало гардонанд. Бар ин мукаррар карданд, ки «подшоҳи Туркистонро духтарест, ҳар касе ки ба хостгорӣ меравад, ӯро мекушад. Пеши подшоҳ

равем, он духтарро таъриф созем, дили подшоҳ ба он духтар моил шавад, гӯяд, ки ҳосиде равон созем. Абӯтамомро дар он ҷо ҳосид карда фиристонем, дигар наояд». Фардо бегоҳ ба хизмати подшоҳ рафта, чандон зикри хайри ӯро карданд, ки подшоҳ ғоибона ошиқ шуд, гуфт:

— Ҳосиде равад.

Ҳама гуфтанд, ки:

— Аз Абӯтамом беҳтар касе нест.

Шоҳ ӯро талаб карда, гуфт:

— Меҳоҳам, ки падарӣ карда ин хизматро ба ҷой орӣ.

Абӯтамом гуфт:

— Он чи мумкин аст, бикӯшам.

Алғараз, асбоби сафар муҳайё карданд, рӯй ба ҷониби Туркистон карданд, равон шуданд. Чун хабари омадани Абӯтамом ба самъи подшоҳи Туркистон расид, ҷамъеро ба истиқбол берун фиристод, ӯро ба ҷои некӯ фуруд оварданд. Рӯзи дигар ба хизмати подшоҳ рафт ва шарти хизмат ба ҷой овард. Шоҳ сабаби рисолатро пурсид. Абӯтамом баён кард. Шоҳи Туркистон гуфт:

— Зиҳӣ саодати ман бувад, лекин метарсам, ки духтари ман лоиқи подшоҳ набошад. Овозаи ӯ беҳ аз дидан ӯрост.

Абӯтамом гуфт:

— Агар лоиқ набудӣ, маро аз барои ӯ ба хизмат намефиристодӣ.

Абӯтамом ин бигуфт, шоҳро хуш омад, фармуд, ки:

— Биҳил кунӣ, ки ҳасди куштани ту доштам, ҳар касе, ки ба хостгории духтари ман меояд, ақлу хиради ӯ маа подшоҳи ӯро таҷриба мекардам, ӯро мекуштам. Ту марди бодиёнату бохирад будай подшоҳи ту низ окил будааст.

Абутамомро хилъати шоҳона пӯшонид. Асбоби духтарро муҳайё карданд, ба канизону ҳодимону асоси подшоҳона фиристоданд. Он хабар ба подшоҳ расид, шодмон шуд. Вазирон шунида, наздик буданд, ки аз ғусса бимиранд. Шоҳ ва умарову фузало ҳама пешвоз баромада, бо эъзозу икром дар шаҳр даровардaнд. Баъди се рӯз духтарро ақд бастанд, айшу ишрат мекарданд. Меҳру шафқати подшоҳ ба Абӯтамом зиёда шуд.

Вазирон гуфтанд: «Ҳарчанд саъй кардем, ки барҳам хӯрад, нашуд». Шоҳро ду ғулом буд, ҳар шаб даллокӣ[1] мекард. Вазирон андеша карданд, ки «он ғуломонро зар дода бифиристонем, биёмӯзем, ки дар вакти хоби подшоҳ гӯянд, ки Абӯтамом ҳаки

---

[1] *Даллок* — молишгар, сартарош, ходими гармоба.

неъмати подшохро намешиносад, мегӯяд, ки агар духтари подшоҳи Туркистон бар ман ошик набудӣ, дар ин ҷо наёмадӣ». Мардумон мегӯянд, ки хуб амин буда, ки ба харами подшоҳ дастдарозӣ кунад». Чун эшон ҳамин суханро ба самъи шоҳ расонанд шак нест, ки субҳ кабул кунад».

Суханро бар ин карор доданд, ғуломонро понсаддинорӣ доданд, ин ҳарфҳоро биёмӯхтанд. Ғуломон кабул карда, шаб, ки шоҳ ба ҷоман хоб даромад, ин сухан гуфтанд. Шоҳ дар ғазаб гардида, бифармуд, Абӯтамомро ҳозир карданд. Абӯтамом дид, ки шоҳ танҳо нашастааст. Шоҳ гуфт:

— Аз ту суол дорам, ба рости ҷавоб гӯй.

Абӯтамом гуфт:

— Гӯй.

Шоҳ гуфт:

— Агар касе дар ҳаки хизматгораш зиёда аз хизмати ӯ ато кунад, ӯ ҳаки хизмат накарда хиёнат андешад, сазои ӯ чӣ бошад?

Абӯтамом гуфт:

— Агар чунин бошад, давои ӯ куштан аст.

Подшоҳ теғ баргирифт, ба фарки Абӯтамом зада, ду ним сохт фармуд, ӯро ба чоҳе партофтанд. Чанд рӯз касеро бор надод. Вазирон донистанд, Абӯтамомро намедиданд шодӣ мекарданд. Шохро хоб намебурд. Танҳо нишаста буд, аз куштани Абӯтамом дар андеша буд.

Аз казо, рӯзе подшоҳ аз дари хонаи он ғуломон мегузашт, шунид, ки бо якдигар муҷодала мекунанд. Подшоҳ гӯш ниҳод, то чӣ мегӯянд. Яке мегуфт: «Ман калонтарам» дигаре мегуфт: «Ман пештарам, Абутамомро ба сухани ман куштаанд!»

Подшоҳ ин сухан шунид, ларза бар аъзои ӯ афтод, ба хона омад, ғуломонро бихонд ва гуфт:

— Рост гӯед, ин киссаро ба шумо, кӣ омӯхт?!

Ғуломон гуфтанд:

— Вазирон омӯхтанд.

Бифармуд, ҳамаро ҳозир карда, ба дор кашиданд. Бар Абӯтамом дареғ мекарданд.

Он гоҳ Бахтиёр гуфт:

— Агар подшоҳ Абӯтамомро намекушт, сабр мекард, пушаймон намешуд. Ҳоло ҳам бошад шоҳ ба куштани ман сабр намояд, сабаби давлату мазиди неъмат бошад ва бегуноҳии ман бар подшоҳ маълум шавад.

Ин сухан шоҳро хуш омад, бифармуд то Бахтиёрро ба зиндон карданд. Рӯз бегоҳ шуда буд.

Вазири даҳум гуфт:

— Ин нангро кучо барем! Мардумон мегӯянд, ки «чаро ба подшоҳ намегӯй, ки ин дуздбачаро бикушад?!»

Шоҳ дар ғазаб гардида, ба ҳарам даромад. Малика низ пеши шоҳ омад ва гуфт:

— Чаро ӯро намекушӣ? Маро дигар тоқат намонд, сарзаниши мардум зиёд шудааст.

Подшоҳ аз ҳарам баромад, бифармуд, ки Бахтиёрро ҳозир карданд. Шоҳ гуфт:

— Мегӯй, ки бегуноҳии ман зуд ба ту маълум шавад. Алҳол бегуноҳии ту маълум нашуд. Имрӯз чунон туро сиёсат кунам, ки оламиён аз ту ибрат гиранд!

Бахтиёр гирьён шуда гуфт:

— Ҳарчанд кӯшидам нашуд, тан ба казо додам, чунон ки подшоҳи Ҳиҷоз тақдирро тағьир карда натавонист.

Подшоҳ гуфт:

— Чӣ гуна буд?

Бахтиёр гуфт:

— Овардаанд, ки дар вилояти Ҳиҷоз подшоҳе буд, ба ҳама чиз ороста, лекин фарзанд надошт. Аз худои таоло фарзанд хост. Ӯро канизаке буд, фарзанде ба олами вуҷуд овард. Шоҳ шодмон шуда, садака дод. Баъд аз он мунаҷҷимонро талаб кард, толеи ӯро дида, гуфтанд: «Шоҳзода ба давлат мерасад, лекин дар ҳафтсолагӣ ӯро шере захм занад. Агар аз вай халос шавад, шоҳ дар дасти вай ҳалокат дорад».

Подшоҳ гуфт:

— Ман казоро гардонам.

Вазир гуфт:

— Эй шоҳи олам, касе казоро рад накардааст.

Подшоҳ дар хашм шуд, фармуд, дар кӯҳ чоҳ кананд ва доя бигирифт. Он писарро ҳамроҳи доя дар он чоҳ бимонд, ҳар моҳе як бор мерафт. Писар дар ҳафтсолагӣ расид, бузург шуд, ба доя гуфт:

— Ин ҷо чӣ мекунем?

Доя гуфт:

— Маслиҳати падари ту дар ин аст.

Ӯ гуфт:

— Падари ман кист?

Доя гуфт:

— Падари ту подшоҳ аст.

Казоро, ногоҳ шере дар акиби рӯбоҳ медавид. Рӯбоҳ аз шер пештар он ҷо барчаст. Шер низ аз кафои ӯ барчаст, пояш лаҳжида дар чоҳ афтод. Аз хашм он писарро берун афканд, дояро бикушт. Он писар мачрӯҳ дар камари он кӯҳ афтода менолид. Ногоҳ сохибдевон ба шикор рафта буд, писарро дида, донист, ки захм дорад, ғуломонро фармуд, ӯро ба пеши асп савор карда, ба хонаи худ овард, тарбият мекард, то сихат шуд. Ӯро ба мактаб доданд, илм омӯхт, хушхат шуд. Ба сездаҳсолагӣ даромад, сохибдевон ӯро ба сарои шоҳ мебурд. Рӯзе чашми подшоҳ бар вай афтод, мехре дар дили ӯ пайдо шуд. Сохибдевонро гуфт:

— Ин писарро ба хизмати мо гузор.

Ӯ гуфт:

— Бандаи шумост.

Дарҳол шоҳ хилъат пӯшонид, силохдори худ кард. Баъд аз чанд рӯз подшохро душман пайдо шуд. Дарҳол лашкар кашид ба ҷанггоҳ омад. Муборизон ба майдон даромаданд, хар ду лашкар ҷанг карданд. Силохдор аз подшоҳ чудо афтода, бар хар ҳамла мардеро бар замин мезад. Ногоҳ подшоҳ ба дами шамшери ӯ афтод. Силохдор чунон теғе бар дасти подшоҳ зад, ки дасташ нокор шуд. Подшоҳ ӯро шинохт ва гуфт:

— Эй харомзода, касди ман кардӣ?!

Силохдор бигрехт ва ба ҷанг машғул шуд. Сипохи душман гурехт. Шоҳи Ҳиҷоз музаффару мансур бозгашт. Шохро мачрӯҳ диданд, пурсиданд, ки:

— Чӣ шуд?

Гуфт:

— Силохдорро бигиред ва банд кунед!

Ӯро гирифта банд карданд. Ба шаҳр даромада, фуруд омаданд, фармуд:

— Силохдорро биёред!

Оварданд.

Гуфт:

— Эй бадбахт, рост бигӯй, ки аз кучой?!

Гуфт:

— Ин кадар медонам, ки дар чохе будам, аврате буд, мухофизати ман мекард. Аз ӯ пурсидам, ки «ин ҷо чӣ мекунем?», ӯ гуфт: «Маслихати падари ту дар ин аст». Баъд аз чанд гохе шере дар чох афтод, маро берун афканд, он авратро бикушт.

Подшоҳ гуфт:

— Дигар, чи вокиаро дидӣ?

Ӯ гуфт:

— Ман мачрӯҳ дар он кӯҳ афтода будам, саворе бад-он ҷо расид, маро бигрифт, бад-ин шаҳр овард, дигар намедонам.

Подшоҳ соҳибдевонро талаб кард, гуфт:

— Рост, бигӯй, ки ин писарро аз кучо овардӣ?!

Ӯ он чи буд, баён кард. Подшоҳ донист, ки писари ӯ будааст, ба наздики худ хонд ва ӯро дар канор гирифт, аз рӯи ӯ бӯса кард, ки «алҳамдулиллоҳ вориси тахту тоҷи ман пайдо шуд».

Бахтиёр гуфт:

— Ҳеҷ кас аз казо натавонист гурехт. Шоҳ дар куштани ман таъҷил мекунанд, ки пушаймонӣ шавад, суд надорад.

Сухан тамом кард, чумла вазирон ба иттифоқ фарьёд бароварданд:

— Моро пеши шоҳ хурмате нест. Дастурӣ диханд, ки ҳар кадом ба гӯшае равем!

Подшоҳ он ҳол бидид, ба зарурат фармуд, ки Бахтиёрро сиёсат кунанд.

Пас муноди карданд: «Аҳли шаҳр ҷамъ шуда, ба назари ибрат бинанд, ки пой дар харами ҳеҷ мусулмон нанихаанд». Аҳли шаҳр ба назора омаданд. Бахтиёрро медиданд, ки умед аз ҷони худ катъ карда буд. Чун Бахтиёрро ба чаҳорсӯй оварданд, ҷамъи халоиқ аз барои Бахтиёр об аз дида мерехтанд, ба иттифоқ гуфтанд: «Сад ҳазор динор медиҳем, Бахтиёрро подшоҳ бахшад».

Шоҳ гуфт:

— Ӯро зинда мондан нашояд!

Казоро, ҳамон Фаррухсавори сардори дуздон, ки Бахтиёрро Худойдод ном карда, бузург карда буд, шунида буд, ки подшоҳ Бахтиёрро некӯ медорад, ногоҳ ба сари чаҳорсӯ расид, дид, ки мардуми бисьёр ҷамъ шудаанд. Дар миён даромад, дид, ки Бахтиёрро бастаанд, ҷаллод пеши ӯ истода бо теғи барахна. Фаррухсавор фарьёд баровард, ки:

— Ин писари ман аст, маро ба ҷои ӯ бикушанд!

Ин хабар ба подшоҳ расид, гуфт:

— Ӯро биёред!

Фаррухсаворро оварданд. Подшоҳ гуфт:

— Рост бигӯй, ин фарзанди туст ё не!

Фаррухсавор гуфт:

— Ин писарро ман парваридаам.

Подшоҳ гуфт:

— Ҳақиқат, ин писар аз они ту ҳаст ё не, бигӯ?!

Фаррухсавор гуфт:

— Не. Мо дар биёбон дуздй мекардем, ба сари чоҳе расидем, дидем, ки ин тифл афтодааст, дар ҷомаи зарбафт печида, донаи марворид овехта, дар гардани ӯ дури киматбаҳо, таачҷуб бимондем. Ҳаргиз дар он саҳро кадами одамй нарасида. Ман ӯро ба фарзандй гирифтам.

Шоҳ ин суханро шунид, аз ҷой барҷаст, Бахтиёрро талаб карда бандҳоро аз дасту пои ӯ дур кард, тоҷи худро бар сари ӯ нихода, кабои шоҳй пӯшонид, дасти ӯро гирифта пеши малика бурд ва гуфт:

— Ин он писар аст, ки дар лаби оби чоҳ монда будем!

Малика ин сухан бишнид, шир аз пистони ӯ равон шуд. Бахтиёрро дар канор гирифт. Худойро шукр карданд ва шодмонихои бисьёр карданд.

Падар мегуфт:

— Эй фарзанд, орзуи ду ҷахони мо туй, ки мо туро дар пеши худ нишаста мебинем.

Он гоҳ Бахтиёр гуфт:

— Эй модар, медонистй, ки ман бегуноҳам, чаро бар ман тӯҳмат кардй?

Малика гуфт:

— Вазирон омӯхтанд.

Подшоҳ фармуд, вазиронро сиёсати болиғ карданд, мамлакатро ба Бахтиёр супориданд ва бар тахти салтанат нишониданд. Ҷумлаи сипоху раият аз ӯ шодмон буданд.

Ин буд воқиаи Бахтиёр, ки тамом шуд. Ҳеҷ ҳаҷ ноҳаҷ нашавад.

ҲИКОЯТИ ҲАЗРАТИ СУЛАЙМОНУ СИМУРҒУ ҚАЗОВУ ҚАДАР

Ровӣ гӯяд, ки рӯзе ҳазрати Сулаймон нишаста буданд бар маснади рисолат ва чумла халоиқ аз одамиву париву деву чину вуҳушу туюр дар хизмат саф зада, аз бими ӯ ҳеҷ офаридаро захрае набуд, ки дам заннад. Дар он миён аз мурғе, ки онро сор хонанд, ҳаракате ба вуҷуд омад. Сулаймон ба яке фармуданд, ки ӯро адаб кунанд.

Мурғак гуфт:

— Е расулаллоҳ, аз ман набуд, казои худои таоло чунин буд, маро бад-ин гуноҳ муоҳиза[1] мафармой, ки ман беихтиёрам,

Симурғ ҳозир буд, гуфт:

— Е расулаллоҳ маро ба қазову кадр эътимоде нест... Мар-

---

[1] *Муоҳиза* — ҳакӯҳиш, сарзаниш.

дум аз бораи дилхушии худ мегӯянд, ки казо чунину қадар чунон аст, вагарна казову қадар ҳеҷ нест.

Ҳазрати Сулаймонро ин сухан бисьёр душвор омад. Дарҳол Ҷабраил фуруд омаданд ва гуфтанд, ки:

— Аз Симурғ дил форғ дор, зуд аст, ки ӯро ҳичил кунам. Бидон, ки имшаб подшоҳи Машрикро писаре шуда ва подшоҳи Мағрибро духтаре шуда. Худо тақдир карда, ки эшонон ба якдигар расанд ва фарзанде дар вуҷуд ояд бе никоҳ ва агар ҷумлаи олам гардонанд, ин казоро натавонад гардонидан. Ин маъниро ба Симурғ бозгӯй, то ҷавоб чӣ шунавӣ.

Сулаймон бифармуд, то Симурғро ҳозир карданд. Ҷумлаи носу[1] ҷину деву парандаву хазанда гирд омада буданд. Ҳазрати Сулаймон рӯй ба Симурғ карданд ва гуфтанд ки:

— Ба казову қадар чӣ мегӯӣ? Бидон, ки худои таоло хабар додааст, ки имшаб малики Машрикро писаре ва малики Мағрибро духтаре дода. Аммо казо чунон рафтааст, ки эшонон ба якдигар расанд ва писари беникоҳ пайдо шавад. Аммо эътиқоди ман чунон аст, ки агар ҳамаи оламро гардонанд ин казоро натавонанд гардонидан. Дар ин сухан чӣ мегӯӣ?

Симурғ гуфт:

— Ба аклу хираде рост намеояд, ки духтаре дар Мағриб бошад ва писаре дар Машриқ бошад ба якдигар расанд.

Ҳазрати Сулаймон гуфтанд:

— Эй Симурғ, туро бар сари мурғон гумоштаам, вагарна туро укубате мекардам, ки ибрат мар оламиёнро мегардид. Баё тавба кун, ки бар сари ин сухан наравӣ.

Симурғ гуфт:

— Туро пайғамбари барҳак медонам ва худойро ягона мешиносам, аммо ба казову қадар эътимоде надорам. Агар фармон диҳӣ биравам, харчанд ки Ҷабраил хабар додааст, дафъ кунам, то туро маълум шавад, ки ҳак ба ҷониби кист.

Мурғонро гувоҳ гирифтанд ва понздаҳ сол қавл карданд, Сулаймон фармуданд, то ӯро ба мушк навиштанд. Симурғ аз хизмати Сулаймон бурун рафт ва рӯй ба Мағриб ниҳод. Ва дар он шаҳр, ки духтар буд, боғчае дид чун бихишт ва дар он боғча ҳавзе дид, ба сари ҳавз тахте ва бар болои тахт гаҳворае, ки ҳамин духтарро ниҳодаанд. Канизону доягон ба гирди он гаҳвора нишаста буданд, ки ба ногоҳ Симурғ бар мисли кӯҳе аз ҳаво пайдо шуд, гаҳвораро бо духтар рабуда, дар ҳаво бурд. Ғавғоеву шӯре дар шаҳр афтод. Подшоҳу лашкар бурун ома-

---

[1] *Нос* — одамӣ.

данд, нигоҳ карданд, ки мурғе ба мисли кӯҳе гаҳвораро ба минкори худ гирифта мебарад. Тирҳо дар камонҳо нихода аз чапу рост меандохтанд. Симурғ дар як соат чандон бирафт, ки аз чашми мардум нопадид шуд. Подшоҳ ноумед гашт ва рӯй ба хона ниход. Аммо Симурғ аз ҳаво рӯй ба дарьё карда, аз хафт дарьё бигзашт ва дар канори дарьё кӯхе буд, ки харгиз мурге бар сари он кӯҳ натавонист барояд, бар сари он кӯҳ дарахте буд, гаҳвораро бар сари он дарахт бурд. Аз чӯбу хошок сад газ дар сад газ маҳоме сохт бар мисоли тахте. Шабу рӯз ба шарбату ширинӣ мепарварид ва бо худ гуфт: «То духтар поздахсола нашавад, бо касе нагӯям. Баъд аз поздаҳ сол ба хизмати хазрати Сулаймон орам, ки ӯро ва чумла оламиёнро маълум шавад, ки ҳазову ҳадар ҳеч набудааст». Симурғ бар парвариши духтар машғул шуд.

Ровӣ гӯяд, ки гумони духтар ин буд, ки ӯро Симурғ зондаст ва дар ҳама олам чуз он маҳом маҳоме нест ва худованди таоло Симурғро бар вай чунон мехрубон карда буд, ки агар як лаҳза ӯро намедид, девона мешуд. Муддати панч сол гузашт, духтар бағоят покизаву соҳибчамол шуда буд. Ӯро бад-ин ҳол гузоред, акнун аз писари подшоҳи Машриқ шунавед.

Чун писари подшоҳи Машриқ низ панчсола шуд, доимо падар ӯро ба шикор мебурд. Маликро чуз ӯ фарзанде набуд, аммо маликзода шикордӯст буд. Чун шашсола шуд, чунон зираку оқил ва соҳибчамолу чобуксавор шуд, ки назире надошт. Чун ба ҳафтсолагӣ расид, ҳаваси шикори дарьё кард. Рӯзе ичозат хост, падар фармуд, якмоҳа озуқа гирифтанд. Подшоҳро яке амир буд, ки бар вай эътимоде дошт. Писарро ба вай супурд ва чонварони шикорӣ бо ӯ ҳамроҳ кард ва по аз шаҳр бурун ниходанд то ба канори дарьё расиданд. Бифармуд, то киштиҳову завракҳо рост карданд ва дар киштӣ нишаста, дар ҳаваси он, ки дар чазираҳо шикор кунанд. Чун ду руз киштӣ давониданд, маллоҳон маликзодаро ба чазирае бурданд, ки чони шохзодаро аз чазира хуррамӣ рӯй дод, на хӯрданаш ёд меомад ва на оромиданаш ёд меомад. Панч рӯз гузашт, дар ҳамаи он чазира як мурғ намонда буд. Маликзода гуфт:

— Ба чазираи дигар равем.

Пас оҳанги чазираи дигар карданд ва дар киштиҳо нишастанд. Ногоҳ абру борон ва раъду барку бодҳои мухолиф бархост ва киштиҳоро бар ҳам зада, ҳамаро ғарқ кард ва подшохзода бар тахтапорае бимонд. То се шабонарӯз он тахтапораро

бод мебурд, то ба канори дарьё расида, бурун омад ва надонист, ки чи маком аст. Очизу фурӯмонда бар канори дарьё мерафт. Ногоҳ киштие пайдо шуд ва ҷамоаи бозаргон буданд. Шоҳзода пеш рафт ва салом кард. Он ҷамоа киштиҳо боздоштанд ва пурсиданд, ки:

— Ту кистӣ ва аз кучой?

Ӯ гуфт:

— Ман ғарибам ва касе надорам ва киштии ман табоҳ шуд ва бар тахтапорае бимондам ва дар ин ҷо афтодам. Акнун саргардону хайрон мегардам, намедонам, ки ба кучо биравам ва ҳаргиз сафар наёзмудаам. Агар касе аз шумоён маро нигоҳ дорад хизмат мекунам. Ҳамоно ки аз савоби ду ҷаҳон холӣ набошад.

Маликзода ин бигуфт, зор-зор бигрист. Ин ҷамоаро дил бар вай бисӯхт. Пас дар он киштӣ хоҷае буд, омили ҳазрати Сулаймон, маликзодаро пеши худ бурд, дилхушӣ дод, гуфт:

— Андӯҳ махӯр.

Шоҳзода дуои бисьёре кард ва ҳалқаи мулукона дар гӯш дошт ва камари зарин дар мнён дошт, ин ҳамаро бурун кард ва ҷомаи хизматгорӣ пӯшид ва дар хизмати омил биистод. Омил бар вай мехрубон гашт, он чи дошт, бо ӯ супорид. Баъди муддате ба шаҳри Миср расиданд. Омил гуфт:

— Эй писар, ду сол аст, ки бо ман ҳамроҳ ҳастӣ, ман бо ту ҳеҷ эҳсон накардаам. Орзуе дорӣ бихоҳ.

Маликзода гуфт:

— Ҳазор ҷони ман фидои ту бод. Ман ҳеҷ ҳаке надорам ва хукуке собит накарда, ки тамаъ кунам.

Омилро ин сухан хуш омад, ҳеҷ нагуфт. Маликзода бозор рафт, камари зарину як дур бифрӯхт ва баҳои ӯро харҷ мекард. Ва ҳар гоҳе бозор рафтӣ, чизи латифе ёфтӣ, бихаридӣ ва ба пеши омил бурдӣ. Омил аз маликзода хиҷил будӣ ва бо худ гуфтӣ, ки «ман ӯро чӣ диҳам ва узри ӯро чӣ гуна хоҳам?» то як рӯз маликзода омилро гуфт:

— Зиндагонии шумо дароз бод, маро дар сар ҳавое афтодааст, бубинам, ки асли руди Нил аз кучост ва мехоҳам, ки маро дастурӣ диҳӣ.

Омил гуфт:

— Ту тифлӣ ва чашмаи руди Нил ба канори Мағриб аст. Ту он ҷо чӣ гуна хохӣ расид?

Маликзода гуфт:

— Албатта меравам.

Омил донист, ки фонда надорад, гуфт:

— Фармон турост.

Хоча ба дарун рафт, боз баромад, доруи сафеде бо ӯ дод ва гуфт:

— Хохӣ ин доруро бубар, ки дар ин роҳ ба кор ояд.

Маликзода хизмат карда, бипурсид ки:

— Ин дору чист?

Омил гуфт:

— Ин дору аз хазинаи хазрати Сулаймон ба ман расида буд. Чун ту бар ман хаки бисьёр дорӣ, ин доруро ба ту додам. Хосияти ӯ он аст, ки хар ҷонваре, ки овоз диҳад, туро маълум шавад, ки чӣ мегӯяд.

Маликзода бигрифт, бихӯрд ва шарти бандагӣ ба ҷой оварда, рӯй ба сахро нихода хамерафт, то ба шахре расид. Ҷои хуше дид ва тамошо мекард ва мева мехӯрд. Ба ногоҳ мулохиза намуд, дид ки дарахти бисьёре истода, хама аз зари сурх ва бори он дарахтхо хама ҷавхар буд ба карбос дӯхтаанд. Маликзода хайрон бимонд. Хар чанд хост, ки пештар равад, дилаш ёрӣ надод. Пас бо худ гуфт, ки «як сол ин ҷоро тамошо кунам, то сирри ин ҳол маълуми ман нагардад аз ин ҷо нахохам рафт». Дар ин андеша буд, ки ногоҳ овози ғулғулае баромад, дид, ки подшоҳ омада, дар ин манзил фуруд омад. Акобиру мулукону надимон ба гирди ӯ фуруд омаданд.

Маликзода гуфт: «Аз дур нигоҳ кунам то чӣ гӯянд».

Подшоҳ ҳафт вазир дошт, хар ҳафт вазир пеши подшоҳ нишаста буданд, аз хар навъ суханон мегуфтанд. Подшоҳ рӯй ба вазирон карда, гуфт:

— Чандин сол аст, ки ман аз ахволи ин дарахтон, ки дар карбос дӯхтаанд, аз шумоён мепурсам, маро ҳеҷ маълум намекунед. Акнун хар хафти шумоёнро ҳалок кунам, то ҳакикати ниро маълум насозед.

Вазирон фурӯ монданд ва ҳеҷ ҷавоб намедоданд. Як вазир ба подшоҳ густох буд, гуфт:

— Чахон ба коми худованд бод, чандин сол аст, ки дар хизмати падарони шумо будам, ин дарахтонро хамчунон дидам, ки шумо мебинед. Ҳеҷ касро ҳоли ин дарахтон маълум нашудааст. Акнун худовандро ҳаваси ин дарахтон бар сар афтодааст. Моро ҷавоб деҳ, то биравем ва тараддуд кунем, шояд ки максади ту ҳосил гардад.

Подшоҳ аз сари хашм бархост ва касам ёд кард, ки:

— То як моҳ ин ҳолро маълум накунед, аз шумо якеро зинда нагузорам!

Ин бигуфт ва савор шуд. Вазирон бо якдигар машварат кар-

данд, хар хафт тан дар рох даромаданд. Маликзодаро диданд ва гуфтанд:

— Аз кучо меой ва ба кучо меравй?

Шохзода гуфт:

— Аз Машрик меоям, ба Магриб меравам.

Вазиронро ачиб омад, гуфтанд:

— Бад-ин хурдиву тифлй ба чи мухим меравй?

Шохзода гуфт:

— Маро хавасе бар сар афтодааст, ки асли руди Нил аз кучост.

Вазирон гуфтанд, ки:

— Ин хавасе, ки бар сари ин кўдак афтодааст, чун подшохи мост.

Шохзода гуфт:

— Чорае надорам.

Онхо гуфтанд:

— Ба мо хамрох бош.

Маликзода кабул карда, хамчунон ба канори руди Нил мерафт. Ногох мардеро диданд, ки киштхои расидаву норасида дарав мекард ва дар об меандохт. Чун рафтанд, мардеро диданд, ки бар сари чох истодааст, об мекашад, худаш нишаста буд, сабуи[1] дигарон пур мекард, аз они худро холй мегузошт ва намехўрд. Чун пештар рафтанд, мурғеро диданд, ки аз сўрохе бадар омада. Чун хост, ки боз дароя, натавонист даромадан. Чун аз он чо гузаштанд бузғолае диданд, фарбех буд, шири модарашро хўрда лоғар гашт. Чун пештар рафтанд мореро диданд бар сари рохе хуфта, хар кас бо ў расидй, бигазидй. Хеч кас аз вай эътироз накардй. Чун пештар рафтанд, ки ду марди кассоб баробари якдигар нишаста буданд, яке гўшти фарбех дошт ва дигаре лоғар. Мардум майл ба гўшти лоғар мекарданд, гўшти фарбехро намегирифтанд. Диданд, ки охуе мерафт чамъе дар пайи ў медавиданд, яке дасти ў гирифта буд, яке пои ўро, хар кас ба навъе даровехта буданд. Чун пештар рафтанд, диданд, ки марде хима чамъ карда, наметавонист бардоштан, боз химаи дигар бар болояш мениход. Чун пештар рафтанд, чамоате диданд, ки бар сари хоне нишаста, яке лукма бар дахони дигарон мениход, худ намехўрд. Чун пештар рафтанд, карбоси сафеде диданд даровехта ва гурўхе гирди он карбос даромада, пора-пора мекарданд. Чун пештар рафтанд, мардеро диданд, ки пушт аз бори ғам дуто карда. Бар вай суол доданд. Он пир пеши худ хонд ва гуфт:

---

[1] *Сабу* — чом.

— Ба чи мухим омадаед ва чи ҳоҷат доред?

Гуфтанд:

— Мо дар ин роҳ аҷоибҳо дидем, мехостем моро огоҳ куӣ.

Пир гуфт:

— Маро сад сол аст, ки умрам ба ин манзил гузаштааст, сирри ин аҷоибҳоро намедонам, аммо бародаре аз ман бузургтар аст ва шуморо маълум кунад.

Чун пештар рафтанд, марде диданд. Бар вай салом карданд, ин ҳикоят аз вай пурсиданд. Он мард ҷавоб дод, ки маро яксаду хафтод сол аст, ки умр гузашта, сирри инро надонистаам. Аммо бародаре аз ман бузургтар аст, пеши ӯ биравед, ӯ шуморо аз ин асрор маълум кунад.

Чун пештар рафтанд, мардеро диданд, ки сиёҳмӯй ва боқувват. Бар вай салом карданд. Он мард пеши худ хонд ва гуфт:

— Чи хизмат аст, ки ба тақдим расонам?

Эшонон гуфтанд:

— Чанд аҷоибҳо дар ин роҳ дидем, ҳақиқати инро маълум куӣ.

Он мард гуфт, ки:

— Бигӯед.

Гуфтанд.

— Аз он ҷумла, яке дарахти мевадор аст, ӯро дар карбос гирифтаанд, нур аз вай метобад.

Он мард гуфт:

— Аз падари худ шунидаам, ки ба рӯзгори қадим дар он шаҳр подшоҳе буда, ки адлаш ҷаҳонро фурӯ гирифта ва раиятпарвар буда. Рӯзе шахсе аз шахсе пораи замин ба иҷорат гирифта, ки зироат кунад. Ногоҳ ганҷе ёфт ва бирафт, худованди заминро хабар кард ва аҳвол бозгуфт. Худованди замин гуфт:

— Ман чи кунам, замин дар иҷораи туст. Ҳар чи дар ин замин пайдо шавад, аз они туст, маро ҳеҷ дахле намебошад.

Ва ҳар ду қабул намекарданд. Ин мочароро мардум ба самъи подшоҳ расониданд, эшононро талаб кард ва аҳвол пурсид. Эшонон воқиаро тасвир намудаанд. Дигаре гуфт, ки:

— Ин ҳаки подшоҳ аст.

Подшоҳ низ қабул накард. Пурсид, ки:

— Шумоёнро фарзанд ҳаст?

Он касе, ки ганҷро ёфта буд, духтаре дошт ва соҳиби заминро писаре буд. Подшоҳ бифармуд, то духтарро бо писар оварданд ва ганҷро аз миёна ба фарзандон доданд. Чун подшоҳ одилу раиятпарвар буд, аз ҷиҳати инсоф онҳо ҳар тухме, ки

дар он замин коштанд, дарахте баромадй ва ба чои мева гавхархо овардй. Пас хабар ба подшох расид, ки чунин зироат шудааст. Подшох биёмад, дид. Накибону хусуставъбон бар шох гуфтанд, ки:

— Хайф бошад чунин гавхарро ба дарахт гузоштан. Бифармой, то ин чумларо ба хазина баранд.

— Подшох гуфт:

— Маозиллох, бо ин гавхархо хеч хаки ман нест.

Худованди заминро хабар карданд, «замини ту гавхархо овардааст, сохибй кун».

Ў гуфт:

— Худованди замин он касро гўянд, ки тухм коштааст ва об додааст.

Алкисса музореъро талаб карданд, ки «тухм кошта ва ранч бурда худои таоло гавхар додааст, биё сохибй кун.» Музореъ гуфт:

— Ман гандум кошта будам на гавхар. Ин аз адли подшох аст, тааллук ба подшох дорад.

Чун подшох дид, ки эшонон тасарруф намекунанд, бифармуд, то он гавхархоро ба карбос дўхтанд ва бигзоштанд, то баъд аз ў мардуми олам адлу инсофи подшох ва некии ранятро ёд кунанд.

Дуюм, чавон кишти расидаву норасидаро дарав мекард ва дар об меандохт, вай маликулмавт аст, ки бо амри таоло ба доси ачал пиру чавонро медаравад ва ба кас рахм намекунад.

Сеюм, он ки нишаста бар сари чох буд, зарфи дигаронро пур мекард ва аз они худ холй медошт, он кас аст, ки дуньё ба даст ба ранч меорад, ба бегона медихад ва фарзандону хеши худро махрум мегузорад.

Чахорум, он ки он мурге ки аз сўрох берун омад боз натвонист рафт, сухан аст, ки чун гуфта шавад, бозпўшида натвон дошт.

Панчум, бузголаи фарбех, ки чун шири модар хўрдй, логар шудй, мисли подшох аст, ки хар чанд ранятро хароб кунад, худ логар мешавад.

Шашум, он море, ки бар сари рох хуфта буд, хама касро мегазид, аз ў эътироз намекарданд, ў дуньёест, ки хар касро мегазад боз аз ў эътироз надорад.

Хафтум, он ки ду кассоб дар баробар нишаста, яке гўшти фарбех мефурўхт ва яке гўшти логар, мардум майл ба гўшти логар доранд, он мардуманд, ки аз зани халоли худ маъзул шаванд ва дар паи харом бошанд.

Хаштум, он оҳуе, ки халқ дар пан ӯ медавид ва ҳар касе даст дар чои ӯ зада буданд, ҳирс ва орзуи дунёйст, ки дар вай ӯвехтаанд ва бад-он машғуланд.

Нӯҳум он марде, ки ҳима чамъ мекард ва куввати бардоштан надошт ва боз дар болои ӯ ҳима мениҳод, нишони он мардест, ки гуноҳ мекунад ва аз ӯҳдаи он наметавонад барояд, боз бештар мекунад.

Даҳум, он карбос, ки ҳар кас аз ӯ ҳиссае мебурд, он мазҳаби ҳанафия аст.

Ёздаҳум, он чамоате, ки бар сари хоне ҳозир буданд, як кас лукма бар даҳони дигарон меандохтанд ва худ намехӯрд, донишмандонанд, ки мардумро омӯзанд ва худ амал накунанд. Айнияти ҳол боз намуда шуд ва шуморо маълум кардам.

Боз пурсиданд, ки:

— Шумо бузургтар аз он бародарони дигаред. Чун аст, ки аз ҳама чавонтаред?

Гуфт:

— Он бародарони мо яке, ки пир аст, аз ҳама кучактараст. Аз он сабаб пир шудааст, ки ӯ зани бадхулқ ва беҳунар ва бадфеъл дорад ва ҳар чи он бечора ба даст орад он зан беҳуда сарф мекунад. Чун ба хона дарояд, нигоҳ кунад, вайрону чиркин мебинад, аз он ғусса пир шудааст. Ва он бародаре, ки думӯя аст зане дорад, ки гоҳе аз ӯ хуррам ва гоҳе ғамгин. Аз ин сабаб ӯ чавонтар аст. Ва ман ки чунин сияҳмӯю бокувватам, зане дорам ки мастураву порсо ва фармонбардори ман аст. Ман аз ӯ ғамгин нашудаам.

Чун вазирон ин аҳвол шуниданд, хуррам гардиданд ва дуо карданд ва бозгаштанд. Ва маликзода ҳамчунон мерафт, то ба шаҳре расид, дид, бар дарвозаи шаҳр чавоне истода. Ӯ пурсид:

— Аз кучой ва ба кучо меравӣ?

Маликзода гуфт:

— Аз Машриқ омадаам ба Магриб меравам, бубинам, ки асли руди Нил аз кучост.

Чавон бихандид, гуфт:

— Роҳ дур аст, имшаб меҳмони мо бош.

Он чавон маликзодаро ба хонаи худ бурд. Баъдаҳу маликзодаро ба гармоба равон кард. Маликзода дохили гармоба шуда, сару тани худро шуста, баъд аз он либоси тоза дар бар карда, аз гармоба берун омад ва ба хонаи он чавон омада карор гирифт. Он чавон ӯро як ҳафта меҳмондории ачибе кард. Рӯзе хизматгорони он чавон гов бароварданд ва дар пойгаҳи хона барбастанд, ки дар он чо маркабе ҳам баста буданд. Мар-

каб бо гов ба забон омад. Маликзода гӯш медод ва мешунид, ки то чӣ гӯянд, чаро ки маликзода забони ҷонваронро медонист. Ҳар бо гов гуфт, ки:

— Ҳолат чун аст?

Гов гуфт:

— Мапурс. Он чи ба ман меравад, дар ҳама олам бар ҳеҷ махлуке нарафтааст. Сахт фурӯ мондаам, на тоқати меҳнат дорам ва на рӯи халосӣ. Маро ҳар сабоҳ ба саҳро мебаранд ва ба дӯшам савор мешаванд, то намози шом замин шикофтан мефармоянд ва алафи серӣ намедиҳанд.

Ҳар гуфт:

— Бо ту чизе созам, ки ду-се рӯз осоиш созӣ.

Гов гуфт:

— Аз ҳалолзодагии ту ғариб набошад.

Ҳар гуфт:

— Имшаб асло алаф нахӯр, то бомдод, ки хоҷа биёяд бубинад, ки ту алаф нахӯрдай, пиндорад, ки туро заҳмат расидаст, ба кор набарад.

Гов хушвакт гардида, харро дуо кард.

Маликзода бихандид. Худованди хона ҳайрон шуд, гуфт:

— Магар ту бо ин ҳоли мо механдӣ?

Маликзода гуфт:

— Ба хотири худ хабаре роҳ мадиҳед, ки маро аз хонаи худ хабаре ёд омад.

Чун он шаб бигзашт, рӯз шуд, хизматгори хоҷа омад, ки гов алаф нахӯрдааст. Мардикор гуфт:

— Имрӯз говро ба кор натавон бурд.

Хоҷа гуфт:

— Говро мон , маркабро кор фармой.

Мардикор чунон кард. Ҳар донист, ки аз ҷонаш чи гузашт. Бегоҳ харро оврда барбаст. Маликзода гӯш медошт. Гов пурсид:

— Авҳоли ту чун гузашт?

Ҳар гуфт:

— Имрӯз кор бар ман нек гузашт. Ҳама рӯз дар марғзоре будам.

Гов гуфт:

— Эй бародар, аз хоҷа дар ҳаки ман чӣ шунидӣ?

Ҳар гуфт:

— Шунидам, хоҷа бо ғулом мегуфт, ки «агар имшаб гов алаф нахӯрад, биёред, бикушед, ки лоғар нашавад». Аз он вакт, ки ин сухан шунидаам, дилам дар фикри туст.

Гов гуфт:

— Акнун тадбир чист?

Хар гуфт:

— Имшаб алаф бихўр, то фардо ғулом ояд, донад, ки ту алаф хўрдй, туро ранче нест, то ба кор барад, аз ин хавф эмин гардй ва бозрахй.

Гов аз бими чон алаф бихўрд.

Маликзода дигар бор бихандид. Хочаву занаш нишаста буданд, дар хашм шуданд, гуфтанд:

— Эй чавон, аз бахри чй механдй?!

Маликзода дигар бор забон ба узр кушуд ва гуфт:

— Маозиллох, ки ман бар шумоён бихандам. Аммо холе хаст бар он ханда дорам, шумоён надонед.

Зан бо шавхар гуфт:

— Албата зуд аз ў бипурс, то туро маълум кунад, вагарна худро халок гардонам.

Хоча гуфт:

— Эй чавон, туро маълум бошад, ки занон нокисакланд ва бо андак чизе ту бихандидй, ранчидааст. Аз бахри дили ман ин авхол бозгўй, то ин холи фосид аз пеши чашми ў бархезад.

Маликзода гуфт:

Агар ман ахвол бозгўям ва ин зан бишнавад, дархол ман бимирам. Агар ту мехохй, ки ин хол бигўям, давоту калам биёр, то нависам.

Заиро барои давоту калам фиристод. Дар миёни сарой расид, саге хуфта буд, пораи ноне андохт. Хурўсе дар он чо мегашт, саг касди нон кард, хурўс дарчаст ва нонро даррабуд. Саг бо хурўс гуфт:

— Сахт бешарм будй! Магар ин аз худованди худ омўхтай?!

Хурўс гуфт:

— Худованди ман аз хама чахониён окилтар аст.

Саг гуфт:

— Ўро чи акл бошад! Тифли хамчун мохро ба чихати зане аз барои мурдан саъй мекунад. Чун сирри ин сухан бигўяд, бимирад, чаро ки ин соат занаш гуфт: «Эй чавон, бахри чй ханда мекунй?» хоча чўби адаб нагирифт ва сару рўй ўро нашикаст ва нагуфт, ки «туро ба хандаи мардон чи кор аст».

Чун маликзода ин сухан бишнид, боз бихандид.

Хоча гуфт:

— Эй чавон, аз бахри чй механдй?

Чавон гуфт:

— Чун нахандам, ки чон ханда аст. Агар ту савганд хўрй,

ки ба зан нагӯй, он чи шунидаам, бигӯям ва ҳоли худ огоҳ кунам.

Ҳоча савганд хӯрд, ки ба зан нагӯям.

Ҷавон гуфт:

— Ман доруе хӯрдаам, ки забони мурғону чонвароҳ ба ман маълум мегардад, лекин натавонӣ гуфт. Агар зане аз ин ҳол воқиф шавад, дарҳол бимирам. Бад-ин сабаб ба зани ту нагуфтам. Эй бародар бидон, ки хандаи аввалу хандаи сонӣ ва хандаи сеюми ман аз барои он буд, ки,— авҳоли хару гову хурӯсу саг бо вай гуфт.

Ҷавон ин сухан бишнид, дарҳол чӯбе баргирифт. Чун занаш биёмад, ӯро бизад ва гуфт:

— Туро ба хандаи мардон чи кор аст?!

Зан ба зорӣ даромад, гуфт:

— Тавба кардам, бад кардам.

Маликзода рӯзи дигар дастурӣ хост ва рӯй ба роҳ ниҳод, ҳамчунон бар канори рӯди Нил мерафт, то ба савмаае расид. Марде дар он ҷо буд, нуронӣ. Маликзода салом кард, пир ҷавоб дод, дар пеши худ хонд ва ҳол пурсид. Маликзода гуфт:

— Аз Машриқ меоям ва ба Мағриб меравам, бидонам, ки асли руди Нил аз кучост.

Пир гуфт:

— Ин чи савдост, ки дар сар гирифтаӣ ва донистани ӯ туро чи кор ояд?

Ҷавон гуфт:

— Эй пир, худоё таоло чӣ такдир карда бошад, ҳоҳам дидан.

Пир гуфт:

— Эй ҷавон, ду-се рӯзи дигар меравӣ, дарьёе пеш меояд. Дар он ҷо мурғи азиме нишинад. Ҷаҳд кун ба ҳар ду даст пои мурғро маҳкам бигир, дар ҳаво парвоз кунад, аз ҳама дарьёҳо бигзарад ва туро дар замини оҳанин фуруд орад. Он ҷо маҳом накун ва аз он ҷо бигзар. Баъд аз он замин аз зар пеш меояд ва кӯҳе аз зар ва кубба аз зар бар сари он кӯҳ ниҳодаанд ва кунгурахо аз зар сохтаанд, ёкуту забарҷад дар ӯ нишондаанд ва он кубба чаҳор дар дорад, об дар чаҳор кисм мешавад. Ту бад-он ҷо расидӣ, филҳол ҷомаи худ бурун кун, дасту рӯи худро дар он об бишуй ва ғусл кун ва намоз гузор ва ҳар ҳоҳат, ки дорӣ, бихоҳ ва маро ёд кун. Чун форағ шавӣ, бозгард. Бад-он замини оҳанин бирасӣ, ҳамон мурғро бинӣ, даст дар пои мурғ зан, то туро аз дарьёҳо бигзаронад. Чун бад-он маҳом ра-

сй, маро мурда бинй ва маро бишӯй ва дафн кун, дигар хар ҷо хоҳй, бирав.

Маликзода пирро видоъ карда, рӯ ба роҳ ниҳод. Ҳамчунон ки зоҳид гуфта буд, ногоҳ мурғи бузурге бидид, даст дар пои мурғ бизад, мурғ парвоз карда аз дарьёҳо бигзашт ва дар он замини оҳанин фуруд омад. Маликзода аз он маком рӯ ба роҳ овардa мерафт, то ба канори кӯҳ бирасид. Хост, то бар болои кӯҳи куббанок равад, ногоҳ овозе шунид, ки «ба он ҷо натавонй шуд, худро ранҷа мадор, ки ҳалок гардй. Ин кӯҳ куббаи биҳишт аст, чаро ки дар ин кубба чархи фалак мегардад. Он чи талаб мекардй, ёфтй, беш аз ин тамаъ мадор».

Маликзода ҷома бадар кард ва ғусл кард ва ду ракъат намоз бигзорид ва рӯй ба замин ниҳод, ҳоҷат бихост. Чун сар бардошт, як хӯша ангур дид, ки аз болои кубба фурӯ гузошта ва овоз баромад, ки «ин меваи биҳишт аст, чун бихӯрй, туро аз таоми дуньё бениёз гардонад».

Маликзода қасди бозгаштан кард ва гуфт:

— Он обе, ки аз боло фурӯ меояд, кадом аст?

Ҷавоб шунид, ки:

— Ин об дар биҳишт аст, ба чаҳор қисм мешавад. Яке рӯди Нил аст ва яке Фарот ва яке Даҷла ва яке Ҷайҳун.

Шоҳзода обидро дуо кард ва ҳар чи гуфта буд, рост будааст ва аз он ҷо бозгашт ва ба замини оҳанин омад, он мурғро дид, даст дар пои он мурғ зад ва он мурғ дар парвоз даромад, аз ҳафт дарьё бигзашт, бар замин нишаст. Маликзода рӯ ба роҳ ниҳода, ба савмаан обид расид, аммо обидро мурда дид, васяташро ба ҷой овард. Баъд аз он рӯ ба роҳ овард. Чун порае роҳ рафт, Иблис ба сурати марде пеш омад ва салом кард. Маликзода ҷавоб дод.

Иблис гуфт:

— Эй ҷавон, аз кучо меой, дар роҳ сафарат чун буд?

Гуфт:

— Ба тавфики худои таоло нек будам ва ба мурод расидам. Инак нишона овардаам.

Иблис нигоҳ кард, хӯшаи ангур дид, чаҳор ранг: яке ба мисли шир сафед, яке снёҳ, яке сабз ва яке сурх. Иблис даст дар остин кард, себи неке бадар овард, бо ӯ дод ва гуфт:

— Ин себро обид ба ман дода буд, ки бо ту бидиҳам.

Маликзода себро бар даҳон бурд, як нимаи ӯ ба ҳалқаш расида буд, ки он хӯшаи ангур аз дасташ бияфтид ва нопадид шуд.

Иблис ханда зада гуфт, ки:

— Манам Иблис, ки одамро аз бихишт баровардаам. Нахостам, ки ту меваи бихиштро бихўрй. Акнун хар чо, ки мехохй, бирав.

Маликзода сахт дилтанг шуд, аммо суде надошт. Маликзода маъюс шуда рох дар пеш гирифт ва мерафт, то ба канори дарьё расид. Талаби ободонй кард, наёфт. Саргардон мегашт ва мохии хушк мехўрд, то хафтае баромад. Як рўз аз миёни дарьё киштие пайдо шуд. Маликзода фарьёд баровард. Киштиро ба сўи маликзода биронданд ва маликзодаро дар киштй бурданд, чамоаи бозаргон бо асбоби бекиёс. Аз маликзода пурсиданд, ки:

— Аз кучо меой?

Гуфт:

— Падарам бозаргон буд ва моён дар киштй будем, киштия мо табох шуд, ман дар ин чо афтодам.

Эшонон гуфтанд, ки:

— Мо ба чазираи Он меравем, ба мо мувофикат кун.

Гуфт:

— Бисьёр хуб аст.

Хар як ўро чизе медоданд ва киштиро биронданд... Чун дусе рўзе гузашт, ногох боди мухолиф бархост ва киштиро бар кўх зада пора-пора кард. Ин хама мардум ғарк шуданд. Маликзода бо се асп дар канори дарьё афтод. Кўхе дид, пуралаф. Чанд рўз дар он кўх мегашт ва гиёх мехўрд. Рўзе аз он се асп яке афтод. Маликзода пеш аз он, ки асп бимирад, корд баркашид, аспро бикушт ва пўсташро бадар кард, гўшти аспро кок карда, рўзхо даруни беша мегашт, чун шаб мешуд, аз бими чонварон даруни пўст рафтй ва бихуфтй. Рўзе бо худ гуфт: «Чи чора созам? Чанд рўз аст, ки ин чо музтар мондаам. Бинё бархезам ва бар сари он кўх равам».

Бархост ва бо хазор хила бар сари кўх рафт. Кўхе дид, сар дар фалак кашида ва дар сари кўх дарахте дид, ки бар он бузургй дарахт надида буд. Таччуб бимонд. Хаставу монда шуда буд, замоне дар сояи дарахт бихуспид. Баякбор духтари подшохи Мағриб аз болои дарахт ба зер нигох кард, маликзодаро дид, ки харгиз бад-ин сурат надида буд. Оташи чавониву мархами чуфтй ба дилу чони ў шўъла зад, ошику нигарону мадхуши ў гашт ва бо худ гуфт ки «ин чи синф аст», ки харгиз одамиро надида буд. Гумонаш чунон буд, ки дар рўи замин чуз ин маком чое дигар нест ва худои таоло чуз он махлук махлуке наофаридааст. Чун маликзодаро бидид, бад-он сурату покизагй, бими он буд, ки худро аз дарахт ба зер андозад. Пас аз он ме-

ваҳое, ки симурғ оварда буд, якеро ба маликзода андохт. Маликзода бар боло нигоҳ кард, аз миёни шохҳо духтаре дид, чун моҳи шаби чаҳордаҳ. Хира бимонд, ба сад ҳазор дил бар вай ошик шуд, овоз дод, ки:

— Чи касӣ ва бад-ин дарахт чи кор мекунӣ?!

Духтар гуфт:

— Ман фарзанди Симурғам.

Маликзода гуфт:

— Ту одамӣ.

Ӯ гуфт:

— Одамӣ чи чиз аст?

Гуфт:

— Чунончи худи ту фарзанди одамӣ мебошӣ. Симурғ мурғест, ту ин кадар намедонӣ? Бубин ҳеч чои ту ба симурғ наменонад.

Духтар гуфт:

— Ман худро фарзанди Симурғ медонам ва ҳаргиз одамиро нашиносам.

Маликзода гуфт:

— Агар ту надонӣ, вақте, ки Симурғ омад, аз ӯ ойина талаб кун.

Духтар гуфт:

— Ойина чӣ бошад?

Маликзода гуфт:

— Биёрад, медонӣ.

Духтар гуфт:

— Ҳеҷ чорае натавонӣ кардан, ки пеши ман ой?

Маликзода гуфт:

— Ҳазор чун ман ба гирди он дарахт натавонанд омад.

Духтар гуфт:

— Эй ҷавон, вакти омадани Симурғ шудааст. Бирав бар канораи дарьё пинҳон шав, мабодо ки Симурғ аз ту огоҳ шавад ва туро ҳалок гардонад.

Ин бигуфт аз он меваҳо пеши маликзода андохт. Маликзода аз кӯҳ ба зер омад ва дар миёни пӯст пинҳон шуда, аз ишки ӯ шаб ҳама шаб бо худ мепечид ва хобаш намебурд. Чун Симурғ биёмад, духтар гуфт:

— Маро малол мегирад, аз барои ман ойина биёр.

Дарҳол Симурғ парвоз карда, рафта ойина биёвард. Он шаб духтар, то рӯз аз ишки маликзода зор-зор мегирист. Чун рӯз шуд, Симурғ парвоз карда, аз барои чаро рафт.

Акнун ӯро гузоред, фасле аз маликзода шунавед.

Ровӣ гӯяд, ки маликзода аз хаваси духтар рӯй дар он кӯҳ ниход. Аммо духтарро чашм дар рох буд. Чун чашмаш ба маликзода афтод, хуррам шуд ва он ойинаро бинмуд.

Маликзода гуфт:

— Акнун дар ӯ нигох кун.

Духтар нигоҳ кард, ки хеҷ ҷои ӯ ба Симурғ намемонад ва хама аъзо ба шохзода мемонад. Бо худ гуфт: «Ҳар чи ӯ мегӯяд, рост мегӯяд».

Маликзода гуфт:

— Эй бону, акнун мову ту ба хам бошем, чӣ мешавад? Чун Симурғ ояд, пеши ӯ бояд гирист, ки «маро дар ин боло малол мегирад. Бошад ки маро як соат ба канори дарьё барӣ, то тамошо кунам». Духтарро ин сухан хуш омад, бо маликзода то шабонгах гуфту шунид карданд. Бори дигар духтар мева ба ҷониби маликзода андохт. Маликзода гирифта ба канори дарьё бозомад бо сад ғаму андӯх. Чун Симурғ биёмад, духтар сар дар пои ӯ андохт, гуфт:

— Имрӯз дар ин ойина назар кардам, сурати худро дидам, дилам ба дард, омад озор дорам. Чун фардо хизмати Сулаймон равӣ, маро ба канори дарьё барӣ, то соате тамошо кунам ва дилам бикшояд.

Симурғ гуфт:

— Чунин кунам.

Алкисса, духтар хушвакт гардид, хама шаб хобаш намебурд. Фардо рӯз шуд, Симурғ гуфт:

— Бош, то ман биравам ва макоме аз барои ту пайдо кунам, он замон омада туро бибарам.

Симурғ ин бигуфт ва ба канори дарьё рафт, дид, ки замине, ки маликзода буд. Биёмад он ду аспро дид, ки маликзода хамроҳ оварда буд. Симурғ мутахайир бимонд бо худ гуфт, ки «магар ҷонвароии дарьёст». Пас биёмад, духтарро он ҷо бурд ва биншонд ва ресмон дар гардани аспон карда бубаст. Духтар бархост, пеши аспон омад ва даст дар гардани аспон мемолид. Аспон хомӯш истоданд. Духтарро хуш омад. Симурғ гуфт:

— Акнун дар ин ҷойгоҳ бош то омадани ман.

Ин бигуфт ва бирафт. Маликзода бурун баромад, дар пеши духтар рафт ва ӯро дар канор гирифт ва бо якдигар бӯсу канор карданд. Казо кори худ кард, маликзода бо духтар ҷамъ шуд. Духтар низ аз маликзода лаззат ёфт, то вакти омадани Симурғ ишрат карданд. Симурғ биёмад, духтарро гирифта бар сари ошьёни худ бурд ва гуфт:

— Имрӯз чун будӣ?

Духтар гуфт:

— Эй момо, то умри ман буд, ба хушвактии имрӯз лаззат наёфта будам. Фардо хам хамон ҷо бар.

Симурғ гуфт:

— Мебарам.

Аммо духтар он шаб ба фироқи маликзода чун мор бар худ мепечид. Чун рӯз шуд, Симурғ боз духтарро пеши аспон бурд, худ бирафт.

Маликзода аз макомаш баромада пеши духтар омад, то шаб айшу ишрат карданд. Вакти омадани Симурғ шуд, маликзода ба макомаш омад. Симурғ омада духтарро ба макомаш бурд. Аммо Симурғ фикр кард, ки «ваъдаи понздах сол наздик расид. Дар ин муддат саъйи бисьёр кардам ва парвардаам, ин ҷо бимонам, мабодо ки воқиае ба рӯи кор ояд ва ранҷи ман зоеъ шавад. Бар болои кӯху зери дарахт ҷои аспон рост мебояд кард, то духтар бо он дилхуш шавад, то ин ду-се рӯзе, ки мондааст, бигзарад». Симурғ бархост, духтар пиндошт, ки ӯро ба зер мебарад.

Симурғ гуфт:

— Эй фарзанд, маслиҳат намебинам, ки туро дар канори дарьё бигзорам.

Духтар ин суханро бишнид, дилтанг шуд ва аз хар мижа катра-катра ашк меборид. Симурғ ин бигуфт ва бирафт. Маликзода бар коидаи ҳаррӯза баромад, духтарро надид, монанди девонагон гирьёну нолон рӯй ба пои дарахт ниход. Духтар ӯро ба зери дарахт дид, ки гирьёну нолон. Маликзода гуфт:

— Эй мохрӯй, сабаб чист?

Духтар он чи ки Симурғ гуфта буд, гуфт. Маликзода дилтанг шуда, гуфт:

— Ҷони ман фидои ту бод, чун Симурғ биёяд, пеши ӯ гирья кун, гӯй, ки «агар дар канори дарьё маслиҳат намебинӣ, боре ба зери дарахт ҷое бисоз, ки дар он ҷо бинишинам, то омадани ту».

Чун шаб шуд, маликзода ба ҷои худ рафт. Симурғ биёмад, духтар бағоят дилтанг буд. Рӯяш бибӯсид. Духтар гуфт:

— Он рӯзе, ки маро ба зер бурдӣ, рохати олам ба ман расид. Чи бошад, ки маро боз ба канори дарьё барӣ?

Симурғ гуфт:

— Эй рӯшноии чашми ман, дар хама олам осоиши ту мехо-

хам. Фардо биравам, аспонро биёрам ва бар ин дарахт бандам, тамошо кунй ва низ хафтае як бор ба зери он дарахт бароям.

Духтар хеҷ нагуфт, то замоне, ки рӯз шуд. Симурғ ба канори дарьё рафт ва аспонро ба зери дарахт оварда баст ва худ бирафт.

Маликзода чун ба зери дарахт омад, аспонро баста дид, аммо духтар он чи ки Симурғ гуфт, ба маликзода гуфт. Маликзода гуфт:

— Хеҷ нагӯй, дар ин қарор як хафта бигзарад, то ман чорае созам.

Чун чанд рӯзе бигзашт. Симурғ духтарро ба зер овард, худ бирафт. Маликзода пеши духтар омад, бо ҳамдигар розҳо мегуфтанд, то вақти омадани Симурғ айш карданд. Маликзода ба чои худ рафт. Симурғ омад, боз духтарро дар канор гирифт ва дӯстдорихо мекард. Боз духтарро бар болои дарахт бурд. Бар ин муддат чихил рӯз гузашт, як рӯз духтар бо маликзода гуфт:

— Ин чи холат аст, токати дурии ту надорам. Чорае бикун, ки шабу рӯз бо хам бошем.

Маликзода гуфт:

— Чора он аст, ки ин хар ду аспро бикушам ва дар дарьё андозам ва худ дар миёни пӯсти хушк биравам. Симурғ биёяд, пеши ӯ гирья кун, ки ин сиёхӣ, ки он чо истодааст, аз бахри ман биёр. Ӯ тасаввур кунад, ки пӯст аст, маро баргирад ва ба пеши ту орад. Он замон шабу рӯз бо ҳам бошем.

Ровй гӯяд, ки маликзода хамчунон, ки гуфта буд, аспонро бикушт ва ба дарьё андохт ва худ дар миёни пӯст чой гирифт. Баъд аз он Симурғ омад, духтар гуфт:

— Аспон ба хам баромаданд ва ба дарьё рафтанд. Ин замон махрум мондаам.

Симурғ гуфт:

— Дил хуш дор, ки фардо биравам ва аз бахри ту чизе ба даст орам.

Чун Симурғ ба канори дарьё рафт ва аз чапу рост бигардид, хеҷ чонваре надид, ки пеши духтар орад. Ногох аз дур он пӯстро дид, бирафт ва он пӯстро бигрифт ва бар сари дарахт овард ва духтар пӯстро бидид, хуррам шуд ва гуфт:

— Эй модар, ин бо он аспон мемонад.

Баъдаху Симурғ ба хизмати хазрати Сулаймон бирафт. Маликзода аз пӯст баромада духтарро дар канор гирифта, хуш-

пурсиҳо карда, ба айшу комронӣ машғул шуд. Ногоҳ дарди зондан ба духтар мустаулӣ гардид. Дарҳол писаре ба рӯи қадам овард. Худои таоло Ҷабраилро ба ҳазрати Сулаймон фиристод, ки аз Симурғ бозпурс, ки «казову кадарро чӣ кардӣ? Акнун муддати ваъда тамом шудааст».

Ҳазрати Сулаймон рӯй ба Симурғ карда, гуфтанд:

— Ба казову кадар чӣ мегӯй?

Симурғ гуфт:

— Чунончи гуфта будам, қатъ[1] кардам.

Сулаймон фармуданд, ки:

— Бирав, хамон духтарро биёр.

Симурғ парвоз карда рафт, ки духтарро пеши ҳазрати Сулаймон биёрад ва эшон фармуданд, ки одамиву париву вуҳушу туюур дар он боргоҳ хозир шуданд, ҳама ҷамъ омаданд. Сулаймон бар болои тахт нишаста буданд. Симурғ ҳамон духтарро ба дарунӣ пӯст андохта ба хизмати ҳазрати Сулаймон овард. Сулаймон Симурғро пеши худ хонданд ва биншонданд. Симурғ пӯстро дар пеши худ ниҳод. Сулаймон аз Симурғ пурсиданд, ки:

— Казои духтари подшоҳи Мағрибу писари подшоҳи Машрикро гардонӣ?

Симурғ гуфт:

— Ё расулаллоҳ, ҳамон вақт кавл карда аз хизмати шумо баромада будам, ба ҷонибӣ Мағриб рафта будам ва духтари подшоҳи Мағрибро ба гаҳвора хамроҳ даррабуда, дар кӯҳи Коф оварда, дар сари кӯҳи баланде бурдам, ки аз вай азимтар набошад ва бар сари он кӯҳ дарахте буд понсад газ ва бар сари он дарахт бурдаам.

Ҳазрати Сулаймон гуфтаанд:

— Ин пӯстро бо ҷанголи худ боз кун, то чи бинӣ.

Алғараз, Симурғ он пӯстро аз хамдигар ҷудо гардонид, ҷавоне дид бо хамроҳи духтар нишаста, аз миёни пӯст берун омад ва тифле дар канори худ гирифта. Гуфтанд:

— Ассалом алайкум, ё расулаллоҳ.

Сулаймон ҷавоб доданд. Баъд аз он ҳазрати Сулаймон рӯ ба ҷонибӣ Симурғ карда, гуфтанд, ки:

— Эй Симурғ, ин казои олаҳист, ки ту гардонидай?! Ба изати рабъалоламин туро адабе кунам, ки мар оламиёнро ибрат шавад!

---

[1] *Қатъ* — боварӣ.

Ин ҳолатро дида, ларза бар андоми Симурғ афтод ва наъ-рае бизад ва дар ҳаво бирафт ва нопадид шуд. Ҳамон аст, ки дигарбора кас ӯро надидааст ва чумлаи ҳозирон тааччуб би-монданд ва ҳазрати Сулаймон духтарро ба занӣ ва никохи му-сулмонӣ ба маликзода акд баста доданд. Дархол номае аз ба-рои падари духтар навиштанд ва эшонро аз ҳоли фарзандаш огоҳ карданд ва ин ҳикоят аз онҳо дар рӯзгор ёдгорӣ бимонд, то шунавандаро ҳузуре ва суруре пайдо шавад.

МУНДАРИҶА

Достони Сайфулмулуку Бадеуччамол 3
Ҳикояти духтари подшоҳи вилояти Кашмир ва бозаргони Хуросон 121
Ҳикояти вазирони подшоҳи Ғазнин ва писару духтари малики Парьёбор 144
Ҳикояти шоҳ Салчуқ ва шоҳзода Дороб 163
Ҳикояти султон Санчари мозй 175
Ҳикояти шоҳзодаи Форс, ки охир ўро кали боғбон ном ниҳоданд 191
Ҳикояти Музаффаршоҳ ва Ганчамехри парй 235
Ҳикояти духтари подшоҳ ва як марди пиру се марди ҷавон 255
Ҳикояти шоҳзода Муслим ва малика Ҳазоргесў 270
Ҳикояти шоҳзодаи Эрон ва Шамъуни чуҳуд ва малика Ҷавоҳирй 298
Ҳикояти шоҳзода Сулаймони писари Доробшоҳ, ба сурати ачоибнигоре ошиқ шудани ў 349
Бахтиёрнома 368
Ҳикояти ҳазрати Сулаймону Симурғ ва қазову қадар . 427

ИЗБРАННЫЕ РАССКАЗЫ

Том II

(на таджикском языке)

Муҳаррир М. Сирочева
Ороиши китоб В. Пӯлотов, Р. Азимов
Муҳаррири ороиш Т. Королёва
Муҳаррири техникӣ Е. Цымн
Мусаҳҳех Ш. Гафуров

БИ № 546

Ба матбаа 20. 11. 80 супурда шуд. Ба чопаш 10. 04. 81 имзо шуд. КЛ 05030. Формати 60×84 1/16. Коғази типографии № 2. Гарнитураш адабӣ-бадеӣ. Чопаш барҷаста. Ҷузъи чопии шартӣ 26,04. Ҷузъи ранги шартӣ 663,65 ҳазор. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 26,67. Адади нашр 50000. Супориши № 1456. Нархаш 2 с. 30 тин.

Душанбе, нашриёти «Ирфон», кӯчаи Айнӣ, 125.

Комбинати полиграфии Комитети давлатии РСС Тоҷикистон оид ба корҳои нашриёт, полиграфия ва савдои китоб.

Дар матбааи № 1 матрица ва чоп карда шудааст. Супориши № 3779. Душанбе, хиёбони Ленин, 37.